Дар мақола таваҷҷуҳи хоса ба ташаккули кадрҳои муҳандисиву техникӣ, агрономҳо, зоотехникон ва механизаторон равона шудааст, зеро бидуни онҳо ичрои механизатсия, ҷорӣ кардани технологияҳои нав ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли кишоварзӣ ғайриимкон буд. Ҳамзамон мушкилоте, ки низоми омода сохтани кадрҳо дучор мешуд, аз қабили базаи моддиву техникии нокифоя, номувофиқӣ байни талабот ва пешниҳоди мутахассисон, сустии робитаи илм ва истеҳсолот бозтоб ёфтааст. Муаллифи мақола ба хулоса меояд, ки маҳз дар ҳамин давра асосҳои ташаккули иқтидори миллии кадрӣ дар соҳаи аграрӣ гузошта шуданд, ки нақши муҳим дар рушди минбаъдаи соҳаи аграрии Тоҷикистон бозиданд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, соҳаи аграрӣ, омода сохтани кадрҳо, кишоварзӣ, таҳсилот, механизатсия, агрономҳо, муҳандисон, зоотехникон, солҳои 1960–1980, омӯзиши касбӣ, колхозу совхозҳо

TRAINING OF SPECIALISTS FOR THE AGRICULTURAL SECTOR OF TAJIKISTAN IN THE 1960S–1980s OF THE 20th CENTURY

The article examines the process of training personnel for the agricultural sector of Tajikistan in the 1960s–1980s. This was the period when agriculture played a key role in the socio-economic development of the republic. Based on archival materials, statistical data, and scholarly literature, the article analyzes the directions of state policy in the field of vocational education, the role of higher and secondary specialized educational institutions, as well as the activities of the system for training and retraining specialists for the kolkhozes and sovkhozes of Tajikistan.

Special attention is paid to the formation of engineering and technical personnel, agronomists, zootechnicians, and mechanizers, without whom it was impossible to implement mechanization, introduce new technologies, and increase agricultural productivity. The article also highlights the challenges faced by the personnel training system, such as insufficient material and technical resources, imbalance between the demand and supply of specialists, and weak links between science and production. The author concludes that it was during this period that the foundations were laid for the formation of a national human resource potential in the agricultural sector, which played an important role in the further development of agriculture in Tajikistan.

Keywords: Tajikistan, agricultural sector, personnel training, agriculture, education, mechanization, agronomists, engineers, zootechnicians, 1960s–1980s, vocational training, kolkhozes and sovkhozes.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдурашитов Фозил Маматович - сарходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: (+992) 93-570-02-05, E-mail: fozil8204@gmail.com

Сведения об авторе: Абдурашитов Фозил Маматович - главный научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии им. А Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, города Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: (+992) 93-570-02-05. E-mail: fozil8204@gmail.com

Information about the author: Abdurashitov Fozil Mamatovich - Chief Researcher of the Institute of History, Archeology and Ethnography named after And Donisha National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki, 33, mobile phone (+992) 93-570-02-05, E-mail: fozil8204@gmail.com

ТДУ:321+37 (2-тоҷ)

ТКБ:66+74 (2-тоҷ)
А-14

МАСЪАЛАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдуллоев Н.С., н.и.с., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Аслиямои Р., ассистент
Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохили ва хориҷии ҷумҳурӣ» бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, инчунин ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон кард, ки қобили дастгирии аҳли ҷомеа гардид.

Маърифати ҳуқуқӣ системаи донишҳои таърихан ташаккулёфтаи одамон буда, муносибати байниҳамдигарии ҷомеаро фаро мегирад. Ва ифодагари муносибатҳои байни ҳамдигари аҳли ҷомеа оид ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад. Дар ин замина эътирофу эътироми шаъну шарафи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, мавриди амал ва ҳимоя қарор мегирад. Маърифати ҳуқуқӣ асоси ҷомеаи демократӣ мебошад. Ин омилест, ки ба танзими равандҳои гуногуни зиндагӣ таъсири мусбӣ дошта метавонад. Яке аз унсурҳои маърифати ҳуқуқӣ риояи бечуну чарои қонун ва сармашқи кори худ қарор додани меъёрҳои қонунгузори кишвар мебошад. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ инчунин инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ ҷонибдорӣ аз принсипҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ таъмини амният ва суботи кишвар нишоне аз унсурҳои маърифати ҳуқуқӣ аст. Маҳз сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боис мегардад, ки нисбат ба қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ва калидӣ эҳтиром гузошта шавад. Ва дар заминаи ин шаҳрвандон худро дар ҷомеа комилан озод эҳсос намоянд.

Ҳамчунин, маърифати ҳуқуқӣ ин омили муҳимми пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунию ҷиноятсодиркунӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷомеа нақши хело муҳим дорад. Донистан ва аз худ намудани донишҳои ҳуқуқӣ ин маънои онро дорад, ки одам на танҳо қонуну қонуниятҳои давлатию ҷамъиятиро медонад, балки ба дигарон низ мефаҳмонад. Маърифати ҳуқуқӣ сатҳи таърихан муайяншудаи инкишофи ҷомеа буда, қувваи эҷодӣ ва қобилияти инсон, муносибати байни ҳамдигарии аҳли ҷомеаро дар арзишҳои моддӣ ва маънавии эҷодшуда баён менамояд. Маърифати ҳуқуқии инсон қисми таркибии маданияти маънавӣ ба ҳисоб рафта, он аз низоми донишҳо, муайянии арзиш, ҳиссиёти равонӣ дар заминаи эътирофу эҳтироми шаъну шарафи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин соҳиби малака ва тавоноӣ мавриди амалисозӣ ва ҳимоя дар муносибатҳо роҳандозӣ мегардад. Маърифати ҳуқуқӣ дар сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқии инсон зоҳир мегардад. [1]

Инчунин бояд қайд кард, ки дар ин ҷода нақши худшиносӣ низ хеле муҳим ва назаррас аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар оид ба ин масъала андешаҳои хеле ҷолиб баён намудааст: «То даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ дар шуури ҳар яки мо падид наояд, зикр мекунад Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - то даме, ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем». [3]

Воқеан сарвари давлат баъди талошу заҳматҳои зиёд тавонистанд давлати комилан демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд. Ва ин ҳама натиҷаҳо нишонае аз мактаби сарварӣ ва худшиносии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, шинохтани ӯ ба сифати Пешвои миллат, Асосгузори давлати навини тоҷикон аз рӯи адолати иҷтимоӣ буда, аз чорчӯбаи суннатҳои давлатдории ҷаҳони муосир берун нест. Инчунин, ҳамаи рӯйдодҳои сарнавиштсозе, ки дар тули чаҳоряк аср дар Тоҷикистон рӯй додаанд бо номи сиёсатмадори барҷаста, абармарди сулҳофарин, Пешвои эътирофшудаи миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо ҳисси масъулият дар пеши имрӯзиён ва наслҳои ояндаи давлати мардумсолор эҷод намуда, ба ин васила халқи куҳанбунёди тоҷикро дар пеши ҷаҳониён соҳиби обурӯю эътибор намудааст, пайванди ногусастанӣ дорад.

Боиси қайд аст, ки имрӯзҳо маърифати ҳуқуқӣ самти мустақили сиёсати ҳуқуқии давлат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2024 ба ифтихори 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид. [2]

Инчунин, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 аз 30-юми декабри соли 2023, №668 ба тасвиб расид, ки ҷиҳати иҷрои он нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Бояд қайд кард, ки санадҳо ва ҳуҷҷатҳои қабулшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳифзи арзишҳои миллӣ аз он ҷумла соҳибихтиёрӣ ва хатарҳои ҷаҳонӣ боз ҳам мустаҳкам менамояд. Аз ин рӯ, болоравии маърифати ҳуқуқӣ дар таъмин ва ҳифзи соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ нақши муҳим дорад. Масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар, таълим ва тарбияи ҳуқуқии онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби ВАО амалӣ мегардад. Бо мақсади баланд бардоштани маърифат ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда, тарғибу ташвиқи арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсону шаҳрванд ва амсоли инҳо ҳанӯз 29-уми апрели соли 2009, таҳти №253 қарор дар бораи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» қабул гардида буд. Ҳамзамон, «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврал соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ карда шудааст, ки дар Консепсияи зикргардида боби махсус, яъне боби 5-ум ба масъалаи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи маърифати ҳуқуқӣ ва ёрии маърифати ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Хулоса, бо эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ки аз Паёми гузашта манша мегирад, масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, баланд бардоштани мақому манзалат ва шаъну шарафи инсон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс, тарбияи шаҳрвандон ҷиҳати эҳтироми қонун ва меъёрҳои он таъмини волоияти қонун ва бо ҳамин роҳ баланд бардоштани эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ҳуқуқбунёд дар мадди аввал қарор гирифтааст.

Адабиёт:

1. Мансурзода Баҳоваддин, Сафар Бахтовар, Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи нодир ва бебаҳо https://khadamoti aloqa.tj/marifati(санаи истифодабарӣ) 28.10.24.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 28.12.2023.

3. Шукри он, ки Пешво дорем. (Маҷмӯаи мақолаҳо).-Душанбе: “Эрграф”, 2016-172 саҳ.

4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон гардидани соли 2024,30.12.2023, №668.

5. Эмомалӣ Раҳмон «Бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон» Душанбе «Ирфон», 2012, 272 саҳ.

МАСЪАЛАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллифон дар мақола ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ҳуқуқҳои фитрии инсон бахусус ҷавонон, инчунин ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳли ҷомеа эътибори ҷиддӣ додаанд. Онҳо қайд намудаанд, ки бо ташаббуси бевоситаи сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2024, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» бисёр саривақтӣ мебошад.

Ҳамзамон қайд менамоянд, ки баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар масъалаи аввалиндараҷа аст ва он боиси баланд гардидани эътибори миллати тоҷик дар дохил ва ҳам дар хориҷӣ кишвар маҳсуб меёбад. Эълон гардидани соли 2024, ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» метавонад дар замири шаҳрвандон бахусус ҷавонони кишвар эҳсоси дӯст доштани марзу буми хеш, ҳисси баланди худшиносӣ ва ифтихор аз фарҳангу оини аҷдодиро бедор намояд.

Калидвожаҳо: меҳан, арзиш, худшиносӣ, маърифати ҳуқуқӣ, марзу бум, ҳувияти миллӣ, зиракии сиёсӣ, ҳуқуқу озодӣ, ҳуқуқҳои фитрӣ, истиқлолияти давлатӣ, демократия.

ПРОБЛЕМА ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОДЫ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Авторы статьи уделяют серьезное внимание проблеме защиты прав и свободы граждан, неотъемлемых прав человека, особенно молодежи, а также проблеме повышения правосознания общества. Они отметили, что объявление 2024 года «Годом правосознания» по непосредственной инициативе Главы государства, уважаемого Эмомали Рахмона является весьма своевременным.

При этом они отмечают, что повышение уровня правовых знаний и образования граждан страны является приоритетной задачей, и это призвано повысить престиж таджикской нации как внутри страны, так и за ее пределами. Объявление 2024 года «Годом правового образования» способно пробудить в сердцах граждан, особенно молодежи страны, чувство любви к своей Родине, высокое чувство самосознания, гордости за культуру и традиции своих предков.

Ключевые слова: родина, ценности, самосознание, правовое воспитание, границы и рубежи, национальная идентичность, политическая проницательность, права и свободы, естественные права, государственная независимость, демократия.

ISSUES OF PROTECTION OF HUMAN AND CIVIL RIGHTS AND FREEDOMS DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The authors of the article pay serious attention to the issue of protecting the rights and freedoms of citizens, the inalienable rights of man, especially of youth, as well as the issue of raising the legal awareness of society. They noted that the announcement of 2024 as the «Year of Legal Awareness» on the direct initiative of the Head of State His Excellency Emomali Rahmon is very timely.

At the same time, they note that raising the level of legal knowledge and education of citizens of the country is a priority issue, and this is intended to enhance the prestige of the Tajik nation both within the country and abroad. The announcement of 2024 as the «Year of Legal Education» is capable of awakening in the hearts of citizens, especially the youth of the country, a feeling of love for their borders and homeland, a high sense of self-awareness, pride in the culture and traditions of their ancestors.

Key words: homeland, values, self-awareness, legal education, borders and boundaries, national identity, political insight, rights and freedoms, innate rights, state independence, democracy.

Маълумот дар бораи муаллифон: Абдуллоев Насрулло Сайфуддинович - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734065, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Тел: (992) 900-10-37-74

Аслиямои Раҷабалӣ, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734065, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16.

Сведения об авторах: Абдуллоев Насрулло Сайфуддинович – кандидат политических наук, доцент кафедры философии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, 734065, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел: (992) 900-10-37-74

Аслиямои Раджабали, ассистент кафедры таджикского языка и литературы педагогического колледжа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, 734065, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16.

Information about the authors*:* Abdulloev Nasrullo Saifuddinovich – candidate of political sciences, associate professor of the philosophy department of the Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, 734065, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel .: (992) 900-10-37-74

Asliyamoi Rajabali, assistant of the language and literature department of the pedagogical college of the Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, 734065, Kulob city, Sangak Safarov street, 16.

ТДУ: 9+327 (575.3+470)

ҲАМКОРИИ НАВИСАНДАГОН ВА СИНАМОГАРОНИ ТОҶИКУ РУС ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Пирназарова П.А., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳамкориҳои нависандагон ва синамогарони тоҷик ва рус дар солҳои шуравӣ пурсамар ва қавӣ буданд, аммо пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ин ҳамкориҳо то андозае заиф шуданд. Аз ибтидои солҳои 2000-ум онҳо тадриҷан барқарор гашта, шаҳодати пешравии онҳо гузаронидани чорабиниҳо аз ҳамкории шоирону нависандагон, коргардону актерони ду кишвар шаҳодат медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки яке аз адибони маъруфи миллати тоҷик, Тимур Зулфиқоров барандаи яке аз ҷоизаҳои Россия таҳти унвони «Асари барҷастаи санъати адабиёти рус» дар Федератсияи Россия ҳаёт ва фаъолият менамояд. Тимур Зулфиқоров шахсест, ки ҷаҳониёнро бо насри муосири тоҷик муаррифӣ намудааст. Ин нависандаи барҷастаи тоҷикро на танҳо дар Россия, балки дар Тоҷикистон низ дӯст медоранд. Бояд гуфт, ки тирамоҳи соли 2005 дар Хонаи миллатҳои шаҳри Москва шаби эҷодии ин нависандаи машҳури тоҷик баргузор гардид ва соли 2009 маҷмуаи 7 ҷилдаи ӯ аз чоп баромад. [1]

Дар баробари ин нависандаи дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Пулотова дар соли 2007 аз рӯйи натиҷаҳои озмуни байналмиллалии адабии «Ҷоизаи Русӣ» барои маҷмуаи ҳикояҳои «Саргузашти граф Лойя» дар бахши насри кӯтоҳ сазовори ҷойи аввал гашт. [2]

Бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои Мустақил «Соли адабиёт ва китоб» эълон гардид. Ин нуқтаро президенти

онвақтаи Федератсияи Россия Дмитрий Медведев дар ҷараёни сафари худ ба шаҳри Душанбе санаи 28 августи соли 2009 таъкид намуд. [3, с. 4-10]

Бояд гуфт, ки дар баробари ин дар Тоҷикистон бо иштироки намояндагони диаспораҳои мухталиф чорабиниҳои зиёде баргузор шуданд. Эҷодиёти журналист таронанавис Л. Халлиулова, ки намояндаи диаспораи тоторҳои шаҳри Кӯлоб аст, бениҳоят пурмаънию зебо мебошад. Аз ин лиҳоз, асарҳои ӯ дар ҷумҳурӣ хеле маъруф мебошанд. [4, с. 12]

Нашриёти «Стилистика»-и ҷамъиятӣ байналхалқии иттифоқҳои нависандагони Россия дар шаҳри Москва як қатор асарҳои нависандагон ва шоирони тоҷикро аз чоп баровард. Масалан, соли 1998 маҷмуаи ҳикояҳои насрнависони ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон бо номи «Баҳои ҳаёт» ба табъ расид. Маҳз дар ҳамин нашрия достони «Аспи бобом»-и Абдулҳамид Самадов, «Дашти морон»-и Сорбон, «"Барфи аввал»-и Б.Абдураҳмонов ва «Баҳои ҳаёт»-и Баҳманёр нашр гардиданд. Дар баробари ин маҳз дар ҳамин сол, яъне соли 1998 дар шаҳри Москва асарҳои адибони тоҷик таҳти унвони «Майдони мор»-ҳо аз чоп баромад. [7, с. 12]

Дар Федератсияи Россия чунин асарҳои шоирони тоҷик Муҳтарам Ҳотам, Низом Қосим, Зиё Абдулло, Ш. Раҳимова, Нисо, Лоиқ Шералӣ, Саидалӣ Маъмур ва Озода Аминзода дар тарҷумаи В. Солоухин, С. Золотсев, Н. Волобуев, В. Полешук, В. Зуев ва А. Волос ба табъ расиданд. Дар баробари ин дар «Китобхонаи адабиёти муосири Иттиходи Давлатҳои Мустақил» асарҳои Урун Кӯҳзод, Саттор Турсун ва шеърҳои шоираи хуҷандӣ Дилором ба табъ расиданд. Қобили зикр аст, ки ӯ ғолиби озмуни «Истеъдодҳои ҷавон» дар шаҳри Москва мебошад. [5, с. 32]

Китоби шоири маъруфи тоҷик Аскар Ҳаким «Санги ман алмос аст» дар Москва аз чоп баромад ва аз ҷониби хонандагони рус хеле хуш пазируфта шуд. Ба забони русӣ пайдо шудани ин китоб ба хонандаи имрӯзаи рус дар бораи халқи тоҷик ва намояндагони боистеъдоди он маълумоти наве пешниҳод намуд.

Маҳз ҳамин комёбиҳои нависандагони тоҷикро хонандагони рус хеле гарму ҷӯшон пешвоз гирифтанд. Масалан, Шодон Ҳаниф барои китобҳои «Уқоби захмӣ» ва «Калиди ҷон» сазовори ҷоизаи ба номи Константин Симонов гардид. [6, с. 168]

Барои таҳкиму густариши равобити фарҳангӣ ва ошноии тамошобинони муосир бо осори нави адибону шоирони ду кишвар дар сатҳи вилоятҳо ва ҷумҳурӣ чорабиниҳои гуногун гузаронида мешаванд. Ҳамин тавр, барои таҳқиқоти бахшида ба шоири бузурги рус, асосгузори адабиёти классикии рус Александр Сергеевич Пушкин медали тиллоӣ бо номи ӯ ба Б.Хоҷибоева ва М.Мирзоюнус супорида шуд. [8, с. 10]

Рӯйдодҳои дигари муҳим дар рушди равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия тақлили 1150-солагии асосгузори адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шаҳри Маскав буд, ки дар доираи он 23-юми майи соли 2008 шоми хотираи Шоири халқии Тоҷикистон, Лауреати Ҷоизаи байналмилалии «Лотос» Лоиқ Шералӣ баргузор гардид. Ҳамчунин, намоишгоҳи аксҳои «Лоиқ ва Русия» ифтитоҳ шуда, озмуни «Лоиқхонӣ» барои беҳтарин қироати ашъори шоир баргузор гардид. Ҳунармандони маъруфи тоҷик Афзалшоҳ Шодиев, Ҳасан Ҳайдар ва Ноҳиди Зайналпур дар шаҳри Москва барои диаспораи тоҷикон ва сокинони шаҳри Москва барномаи консертӣ аз осори шоир бахшида ба хотираи ӯ намоиш доданд. [7, с. 4]

Соли 2010 дар Тоҷикистон китобҳои «Гулҳои насри муосири рус» ва «Боғи шукуфон. Маҷмуаи шеърҳо аз Русия» ба табъ расидаанд. Дар китоби якум «Гулҳои насри муосири рус» намунаҳои насрии нависандагон Михаил Алексеев «Аскарон ёд доранд», Сергей Баруздин «Дили зан», Тимур Зулфиқоров «Романҳо» ва дигар асарҳо гирд оварда шудаанд ва дар китоби дуюм «Боғи шукуфон. Маҷмуаи шеърҳо аз Русия» шеърҳои шоирони машҳури рус Анна Ахматова, Андрей Вознесенский, Расул Ғамзатов, Глеб Горбовский, Андрей Дементев, Николай Дмитриев, Михаил Дудин, Евгений Евтушенко, Анатолий Жигулин, Станислав Золотсев, Егор Исаев, Римма Казакова, Мустай Карим ва дигаронро

қайд кардан лозим аст, ки нашри асарҳои шоирони бузурги рус барои халқи тоҷик ҳамчун як ғизои маънавӣ хизмат мекунанд. [8]

Санаи 14 майи соли 2011 бахшида ба 100-солагии зодрӯзи шоири халқӣ ва Қаҳрамони Тоҷикистон, мунаққид ва публитсист Мирзо Турсунзода дар бинои Маркази русии шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон донишҷӯён ва омӯзгорон чорабинии муштаракро бахшида ба солгарди Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Русия ва намояндагии маркази фарҳангию гуманитарии Россия «Россотрудничество» баргузор намуданд. Духтари шоир Фирӯза Турсунзода дар назди ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шоири бузург, фиристодаи дӯстиву сулҳ Мирзо Турсунзода суҳбат кард. Донишҷӯён инчунин, шеърҳои шоир «Хонаи мо он қадар ҳам дур нест», «Ман бо духтаре вохӯрдам», «Ситораи ман» ва ғайраро қироат намуданд. [9]

25 феврали соли 2008 дар Москва духтари шоири маъруфи тоҷик Лоҳутӣ, доктори илмҳои филологӣ Лайлӣ Лоҳутӣ, бахшида ба мутолиаи асари «Шоҳнома»-и шоири классики тоҷику форс Фирдавсӣ, ки дар нимаи дуюми асри асри X ва ибтидои асри XI ба сар бурдааст, шаби эҷодӣ баргузор намуд. [7, с. 6]

Дар чаҳорчӯбаи намоишгоҳи байналмиллалии китоб дар шаҳри Москва ҳаштумин Озмуни байналмилалии кишварҳои узви ИДМ «Санъати китоб» аз рӯйи ҳафт номинатсия: «Иттиҳод», «Кишвари ман», «Китоб барои кӯдакон ва ҷавонон», «Фарҳанг, илм, маориф», «Китоби бадеӣ», «Нашри Иттиҳод» ва «Гран-при» баргузор гардид. Дар ин озмун бештар ғолибонро бо овоздиҳии пинҳонӣ муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, осори адибони тоҷик А.Ҳамдам ва А.Чигрин «Озар аз Уструшан, ё шамшери Спартак» дар номинатсияи «Китоб барои кӯдакону наврасон» ва дар номинатсияи «Нашри Иттиҳод» китоби Т.Ҷурдеков «Набера орзуҳои таҷассумшудаи бобоҳо амалӣ мекунад» сазовори ҷоиза гардиданд. [10]

Дар ибтидои даҳаи асри XXI робитаҳои адабии ду кишвар хеле ҷонноктар ва мустаҳкамтар шуданд, ки шаҳодати гуфтаҳои боло ин гузаронидани чорабиниҳо дар соҳаи адабиёт дар ин солҳо гувоҳӣ медиҳанд. Рӯзҳои 7-12 сентябри соли 2011 бори аввал дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бахшида ба 20-умин солгарди таъсиси ИДМ дар Намоишгоҳи байналмилалии китоби Москва (Иттиҳоди китобҳои Русия) намоишгоҳи «Мероси фарҳангии ИДМ» баргузор гардид. Махсусан таъкид кардан лозим аст, ки дар ин ҷо китобҳои ба забони русӣ ва ба забонҳои миллии давлатҳои иттиҳод нашршуда, ҳунарҳои мардумӣ, санъати ороишӣ ва амалӣ, нашрҳои бадеии тасвири ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва шоҳасарҳои адабиёти миллӣ ба маърази тамошо гузошта шуданд. Дар бахши адабӣ дар баробари нашрияҳои алоҳида маҷмуаи XXII ҷилдаи «Адабиёти классикии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» низ ба табъ расида буд, ки ба он осори адибони классикии халқи тоҷик низ дохил карда шудаанд. [11]

Ҳамин тариқ, 14 октябри соли 2011 бо мусоидати Маркази илм ва фарҳанги Русия дар шаҳри Душанбе шаби эҷодии шоири русзабони тоҷик Тимур Варқӣ (Тимур Аминович Кличев) баргузор гардид. Қобили зикр аст, ки шоири русзабон Темур Варқӣ зодаи Осиёи Марказӣ буда, соли 1992 ба Москва рафта, дар он ҷо ба ҳайси хабарнигори радио кор мекунад. У шоири лирикӣ ва халқӣ мебошад. Ба тамошобинон осори аввалини шоир, инчунин ашъори солҳои охир, ки ба китоби нави «Овози зинда» дохил карда шудаанд ва ашъоре, ки дар маҷаллаҳои русӣ ба табъ расидаанд, пешкаши ҳозирин карда шуд. Дар ин шаб шоир аз нақшаҳои эҷодии худ ба дӯстону шунавандагон нақл карда, ба ҳамаи иштирокчиён маҷмуаҳои ашъори навашро пешкаш намуд. Дар шаби эҷодӣ, ҳамчунин баромади дӯстони шоир, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, директори театри «Падида» Ҳ. Абдураззоқов, узви Иттифоқи синамогарони Ҷумҳурии Тоҷикистон Галина Элбаум ва драматурги маъруфи тоҷик Нур Табаров шунида шуд. Бояд гуфт, ки чунин рӯйдодҳо шаҳодат медиҳанд, ки халқҳои ҳар ду кишвар ба наздикшавии фарҳангӣ ва маънавии якдигар мусоидат менамоянд. [10]

Маркази илм ва фарҳанги Россия макони вохӯрии зиёиёни эҷодкор, омӯзгорон, донишҷӯён ва мактаббачагон мебошад. Ҳамин тариқ, 18 октябри соли 2010 дар толори адабию мусиқии Маркази илм ва фарҳанги Россия дар шаҳри Душанбе вохӯрӣ баргузор

гардид, ки дар он устоди каломи бадеӣ, ҳунарманди шоистаи Федератсияи Россия, солисти Филармонияи академии Москва Юрий Дубов дар назди зиёиёни эҷодкор, донишҷӯён, мактаббачагон ва омӯзгорон баромад кард. Дар ин шаби эҷодӣ бахшида ба эҷодиёти шоири маъруфи рус Иван Крилов, ки дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX умр ба сар бурдааст, композитсияи адабӣ намоиш дода шуд. [9]

Илова бар ин, дар охири соли 2011 дар нашриёти «ИКАР»-и Москва китоби «Барзунома», ки аз ҷониби А. Шохуморов ба чоп омода шуда буд, ба табъ расид. Боиси хушнудист, ки нашри ин гуна асарҳо аз далели ривоҷи ҳамкориҳо дар соҳаи адабиёт дарак медиҳанд. [13]

Дар баробари густариши ҳамкориҳо дар соҳаи адабиёт, як самти дигари муҳимми интиқоли афкори инсонпарварӣ байни мардум синамо мебошад. Дар замони шуравӣ синамогарони тоҷик бо ҳамкасбони руси худ иртиботи наздик доштанд, ки баъдан ҷанги шаҳрвандӣ идомаи ин муносибатҳоро халалдор намуд. Бисёре аз арбобони маъруфи синамо, аз қабили В. Аҳадов, Б. Содиқов, Б. Худоназаров, М. Юсупова, П. Аҳматов, Ҷ. Усмонов, С. Солиев, М. Қосимова, Ҷ. Мансуров, Ҳ. Ҳасанова, Ф. Абдуллоев, Р. Аҳадов ва дигарон бинобар ҷанги шаҳрвандӣ маҷбур шуданд, ки ҷумҳуриро тарк кунанд.

Студияи «Тоҷикфилм», ки монополист дар истеҳсоли филм аст, амалан истеҳсоли филмҳоро дар плёнкаҳои пешина қатъ намуд ва заминаи техникии он кӯҳнаю фарсуда шуда буд. Ин вазъ ба солҳои аввали нав истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад.

20 марти соли 2001 Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо зиёиёни кишвар дар бораи фаъолияти синамогарони ҷумҳурӣ ва вазъи душвори онҳо сухан ронда, таъкид карда буд, ки синамои тоҷик ҳоло давраи душворро паси сар мекунад. Маблағгузории маҳдуд, аз даст додани кадрҳои баландихтисос ва таҷҳизоти кӯҳнашудаи филмсозӣ боиси буҳрони киностудияи «Тоҷикфилм» гардид. Таҷрибаи пурсамари офаридани филмҳои бадеии телевизионӣ низ аз байн бурда шуд. Маҳз дар ҳамин лаҳза зарур буд, ки ҳукумати ҷумҳурӣ дар барқарорсозии синамо – як соҳаи дорои чунин аҳаммияти бузург, ки тамоми паҳлуҳои фарҳанги моро фаро гирифта, барои ғизои маънавии инсоният хизмат мекунад, иштирок намояд. [6, с. 4]

Бояд гуфт, ки воқеияти нави иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар соҳаи синамо низ падидаҳои навро ба вуҷуд овард. Дар баробари «Тоҷикфилм» студияҳои нави ғайридавлатӣ, ки дар охири асри XX пайдо гардиданд, фаъолият менамуданд. Маҳз дар ҳамин давра киностудияҳои ғайридавлатии Тоҷикистон ва Россия барои оммавигардонии синамои тоҷик кори зиёдеро анҷом доданд. Ин киностудияҳо кӯшиш мекарданд, ки усулҳои анъанавии таҷрибаи ҷаҳониро дар истеҳсоли филмҳо истифода намоянд. Ба онҳо чунин киностудияҳои ғайридавлатӣ ба монанди «Синамо» таҳти роҳбарии О. Ҳамидов, «Ввис» бо роҳбарии Бахтиёр Худойназаров ва Рашид Руштов, «Ракурс» бо сарварии Марям Юсупова фаъол гардиданд, ки дар баровардани филмҳо аз ин таҷҳизоти нав истифода карданд. [18, с. 65-66]

Дар соли 1996 студияи «Навигатор»-и шаҳри Москва якҷоя бо «Тоҷикфилм» видеофилми «Сафари корӣ»-и коргардон Мария Юсуповаро рӯйи экран бароварад. Бояд гуфт, ки ин филм сазовори бисьёр ҷоизаҳо гардидааст. Масалан, соли 1998 ҷоизаи махсуси ҳакамон дар ҷашнвораи байналмилалии синамои Авруосиё дар Алма-ато ва соли 1999 ҷоизаи беҳтарин коргардон дар ҷашнвораи байналмилаллии синамои Познан «Як ҷаҳон» ба даст овард. Воқеаи ҷолиби диққат дар соҳаи азхуд намудани технологияи видеоӣ он буд, ки «Тоҷикфилм» дар ҳамкорӣ бо киностудияҳои ғайридавлатии Россия дар ин солҳо ба муваффақиятҳои калон ноил гардид. Ҳамин тариқ, филмҳои Бахтиёр Худойназаров «Қош ба қош» (1993) ва «Моҳ падар» (1999), ки дар ҳамкорӣ бо «Тоҷикфилм» ва ширкати синамои «Ввис»-и (Россия) ба навор гирифта шуда буданд, дар солҳои 90-уми асри XX ба синамои тоҷику рус комёбӣ ва шуҳрати ҷаҳонӣ оварданд. [18, с. 45]

Дар Федератсияи Россия коргардонҳои Тоҷикистон Бахтиёр Худойназаров, Марям Юсупова, Валерий Аҳадов, Сайидо Қурбонов ва дигарон кор карда, филмҳои худро ба навор мегиранд. Бештарашон дар шаҳри Москва кору фаъолият мекунанд. Коргардони дигари

тоҷик Фарҳод Абдуллоев низ аз қабили онҳо мебошад. Яке аз наворбардорони машҳури тоҷик Толиб Ҳамидов низ дар Шабакаи марказии шаҳри Москва кору фаъолият менамояд. Кори муҳандиси овоз ва продюсер Рустам Аҳадов ва созмондиҳандаи истеҳсолот ва продюсер Рушт Руштов пайваста дар соҳаи синамои Россия дорои талабгори зиёд мебошад.

Қобили зикр аст, ки филмсозони тоҷик дар Россия, Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон талабгори зиёд доранд. Наворбардорон, ҳунармандони кино, рассомон, техникҳои рӯшноӣ ва ёвари коргардонҳо дорои касбияти баланд мебошанд. Ҳамин тавр, коргардон Бахтиёр Худойназаров ва продюссер Рустам Аҳадов пайваста аз Тоҷикистон мутахассисонро ба гурӯҳи наворбардорон даъват мекунанд. Ҳамин тариқ, ба ин гурӯҳҳо ҳунарманди кино М. Улҷабоева, рассом А. Тӯраев, наворбардор З. Исроилов, ҳунарманди кино ва коргардони дуюм Ф. Сабзалиев, ташкилкунандаи истеҳсолот А. Каримов, устои рӯшноӣ А. Камолов, актриса М. Ҳасанова, ороишгар Л. Сорокопуд ва дигарон ҷалб гаштанд. [15, с. 3]

Рӯзҳои 17-18 сентябри соли 2007 дар шаҳри Москва ва 19-20 сентябри соли 2007 дар шаҳри Оренбург Форуми дуюми байнипарлумонии «Россия-Тоҷикистон: потенсиали ҳамкории байниминтақавӣ» баргузор гардид, ки дар он намоиши аксҳои бадеӣ, асарҳои рассомони маъруфи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, асарҳои Раиси Иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои рассомони тоҷик, Г. Ратушенко сару либоси гулдӯзӣ, гилемҳои қадима, асарҳои гуногуни илмӣ ва ғайра ба тамошо гузошта шуданд.

Дар залҳои кинотеатрҳои Москва ва телевизиони Марказии Федератсияи Россия филмҳои истеҳсоли «Тоҷикфилм» намоиш дода шуданд. Чунин филмҳо аз қабили, «Рустам ва Сухроб», «Бачаҳои Помир», «Қош ба қош», «Масъалаи оилавии Ғаюровҳо» ва «Гаравгонҳо» намоиш дода шуданд. Устодони санъати Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар Форуми дуюми байнипарлумонии «Россия-Тоҷикистон-потенсиалӣ ҳамкории байниминтақавӣ» дар шаҳрҳои Москва ва Оренбург консертҳои калонро нишон доданд. Ҳамин тариқ, ҳамоиш далели ҳамкориҳои башардӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, бахусус дар соҳаи синамо ва намоиши филмҳои тоҷикӣ ва муаррифии онҳо дар қаламрави ин мамлакат гардида, ҳамчун воситаи ба ҳам наздикшавии маънавии халқҳои ду кишвар хидмат мекунад. [15, с. 145-146]

Дар баробари ин 20 сол боз синамогарони тоҷик дар ҷашнвораҳои мухталифи байналмилалӣ дар Русия ва кишварҳои дигар ширкат мекунанд. Дар Тоҷикистон ҳамчунин Рӯзҳои синамои Русия, Ҳафтаҳои филмҳои ҳуқуқи башар ва Рӯзҳои синамои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор мешаванд, ки ин аз ҳамкории зичи синамогарони ду давлат шаҳодат медиҳад.

Солҳои 2001-2004 дар шаҳри Душанбе таҳти сарпарастии Фестивали байналмилалии филмҳои ҳуқуқи башари Россия таҳти унвони «Сталкер» як чорабинии хайрия бо номи «Ҳафтаи филмҳои ҳуқуқи башар» баргузор гардид. Дар кинофестивал нахустнамоиши филмҳои мустанад ва бадеӣ нишон дода шуда, маҳсули корӣ сенаристҳо ва коргардонҳои машҳур ва ҷавон нишон дода шуд. [14]

Дар солҳои истиқлолият, сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта, бахусус дар ибтидои ҳазораи нав, пас аз рукудҳои тулонӣ, синамогарони тоҷик тавонистанд, мисли солҳои пешин, ба тамошобинони дохиливу хориҷӣ филмҳои аъло пешкаш кунанд. Имрӯзҳо филмсозони ҷавони кишвар талош доранд, ки синамои тоҷикро на танҳо дар ҳудуди кишварҳои ИДМ, балки дар як қатор кишварҳои хориҷӣ машҳур карда, ин анъанаро дубора эҳё намоянд. Ҳамин тариқ, се видеофилми коргардонҳо Г. Дзалаев «Киштии Нӯҳ» (Душанбе, 2000), У. Мирзоширинов «Муҷассамаи ишқ» (Душанбе, 2003) ва Г. Муҳаббатова ва Д. Раҳматов «Овора» (Душанбе, 2005) на танҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ, балки берун аз он машҳур гаштанд. Филмҳои дар боло зикршуда, дар фестивалҳои байналхалқии ИДМ, аз ҷумла дар Федератсияи Россия соҳиби бисьёр мукофотҳои бонуфуз мебошанд. Масалан, чунин ҷоизаҳоро ба монанди «Гран-при» дар «Фестивали байналхалқии кино бахшида ба проблемаҳои муҳофизати табиат дар Россия», «Гран-при» Фестивали III-юми Байналмилалии Телефоруми Авруосиё (Маскав, 2000), Ҷоизаи Ҷашнвораи якуми

байналмилалии синамои мусулмонӣ (Қазон) – ҷоизаи махсуси Президенти Тоҷикистон «Барои инсонпарварӣ дар кинематография», XII-умин Фестивали синамои байналхалқии «Шарқ — Ғарб» дар шаҳри Боку, ҷоизаи «Барои паёми инсондӯстона ба инсоният», «Синамои нави асри XXI» (Смоленск) – мукофоти махсуси барномаи «Дебют» ва фестивали дебютии «Аннаи авлиё» дар шаҳри Москва соҳиби мукофотҳои бонуфуз гардиданд. [15, с. 27-29]

Моҳи марти соли 2004 дар Хонаи миллатҳои шаҳри Москва бахшида ба 1000-солагии мутафаккир, файласуф, диншинос, сайёҳ ва шоири бузурги тоҷик Носири Хусрав шаби идона баргузор гардид. Намоишгоҳ таҳти унвони «Дар роҳи Абрешим» ва ҳамоиши «Синамои нави кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Балтика» ташкил карда шуда, дар он филмҳои коргардонҳои тоҷик Умед Мирзоширинов «Муҷассамаи ишқ», Бахтиёр Қаҳҳоров «Хар» ва Алловудин Абдуллоев «Ҷугӣ» намоиш дода шуданд. [4, с. 15]

Аз соли 2004 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашнвораи байналмилалии филмҳои дунигоҳа (бинарӣ) «Дидор – Душанбе» баргузор мешавад. Ҳадаф аз баргузории Ҷашнвораи байналмилалии синамои «Дидор» омӯзиши дастовардҳо, тарғиби синамогарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва фароҳам овардани як майдони дигар барои ошноии онҳо бо тамоми ҷаҳон аст. Дар кори ин ҷашнвора намояндагони бисёре аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Россия ва Муғулистон ширкат доранд. Афғонистон, Эрон ва дигарон ҳам ба сифати аъзои ҳакамони бонуфузи байналхалқӣ ва ҳамчунин иштирокчиёни барномаи конкурсӣ буданд. Барномаи ҷашнвораи байналмилалии синамои «Дидор» аз зерозмунҳо иборат аст:

а) озмун барои намоиши филмҳои пурраметраж, кӯтоҳмуддат ва ҳуҷҷатӣ;

б) барномаи ғайриозмунии «Синамои кишварҳои форсизабон» (Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон);

в) «Саҳм дар синамои ҷаҳон» - Барномаи санаҳои фаромӯшнашаванда, намоиши ретроспективии ходимони барҷастаи соҳаи синаморо дар бар мегирад;

г) муаррифӣ ва нашрия оид ба синамои Осиёи Марказӣ;

д) ташкили мизи мудаввар дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии синамои Осиёи Марказӣ дар заминаи раванди синамои ҷаҳонӣ»;

д) гузаронидани дарсҳои маҳорат аз ҷониби иштирокчиён ва меҳмонони Фестивали байналмиллалии синамо;

Филмҳои бисёре аз коргардонҳои рус дар ҷашнвораи байналмилалии синамои «Дидор» дар солҳои 2004, 2006 ва 2008 ширкат карда, аз тарафи тамошобинони тоҷик хуш пазируфта шуданд. Ҳамин тариқ, дар барномаҳои озмун, филмҳои «Пиразан»-и коргардон Г. Сидоров, «Самарқанд»-и С. Елчанин ва «Писар»-и Л. Садилова ҷоиза гирифтанд, коргардонҳои рус М. Юсупова ва А. Ҳамроев барои саҳмгузорӣ дар синамои ҷаҳонӣ сазовори ҷоизаҳои махсус гардиданд. Ҳунарпешаи рус Владимир Сухоруков барои иҷрои нақши падар дар филми «Писар» дар ҷашнвораи байналмилалии синамои «Дидор» бо «Диплом»-и фестивал сарфароз шуд. Соли 2010 дар ҷашнвора чунин филмҳои коргардонҳои рус ба монанди «Писар»-и Л. Садилова, «Гастарбайтер»-и Ю. Розиқов, «Девона»-и Ю. Солодов ва Х. Юсупов пешбарӣ шуда буданд ва пешкаши тамошобинони шаҳри Душанбе гардиданд. [14, с. 32]

Қобили зикр, аст ки соли 2010 ҷашнвораи «Дидор» аз 12 то 16 октябр дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, ки дар он филмсозон аз Федератсияи Россия низ ширкат доштанд. Ба ҳайати доварони байналмилалии ҷашнвора Людмила Свикова (Ҳолланд), Лутфия Айнӣ (Тоҷикистон), Алӣ Ҳамроев (Россия), Шамсулҳақ Ориёнфар (Афғонистон), Гулбара Толомушова аъзои созмони Netpak (шабакаи таблиғи синамои Осиё) (Қирғизистон) ва Робия Атоева (Тоҷикистон) шомил буданд. Дар озмун филмҳои кӯтоҳ ва пурраметражи коргардонҳо аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Афғонистон, Эрон, Гурҷистон ва Латвия ширкат намуданд. Аз Тоҷикистон филмҳои коргардонҳои тоҷик Носир Саидов «Нимарӯзи ҳақиқӣ» (дорандаи як қатор ҷоизаҳои байналхалқӣ дар Аврупо, Ҷопон ва Эрон), Д. Раҳматов ва Г. Муҳаббатова «Бигзор ҳама чиз як хоб бошад» ва филми Ш. Арабова

«Парвози баланд» нишон дода шуда, аз тарафи тамошобинон баҳои баланд гирифтанд. [14, с. 46]

Дар фестивал инчунин, филмҳои коргардон М. Юсупова «Сафари корӣ», «Мардикор», «Русҳои дигар» ва «Охирсухан» ба маърази тамошо гузошта шуданд. Филми «Мардикор» зиндагии муҳоҷирон дар Россия ва заҳмати онҳоро нишон медиҳад. Нимаи аввали филм дар шаҳри Москва, нисфи дигараш дар дигар шаҳрҳои Федератсияи Россия ба навор гирифта шудааст. Баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ ҷавонони тоҷик ба хотири дарёфти пул ва барои таъмини хонаводаи худ ба хориҷи кишвар ва махсусан Федератсия Россия мераванд, ва ин раванди ҷомеа дар филми ин коргардон бо маҳорати баланд нишон дода шудааст. Қобили зикр аст, ки М. Юсупова ҳангоми наворбардории филмҳояш бо синамогарони тоҷик фаъолона ҳамкорӣ намудааст, ки ин аз ҳамкории зичи синамогарони тоҷику рус дарак медиҳад.

Бо мақсади инкишоф ва идома додани робитаҳои дӯстона ва фарҳангии халқҳои ду давлат аз санаи 6 то 11 майи соли 2007 дар Тоҷикистон «Рӯзҳои синамои Федератсияи Россия» бо ташаббуси Сафоратхонаи Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон баргузор гардид. Дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд маҷлисҳо ва намоишҳо баргузор гардида, дар онҳо ҳунармандони синамои рус В. Баринов, Р. Рязанова, Н. Аринбасарова, А. Гребеншикова, коргардон Е. Суни ва продюсер Р. Аҳадов иштирок доштанд. [17, с. 15-18]

Аз 27 август то 3 сентябри соли 2009 дар шаҳри Москва Анҷумани XIII синамогарони миллии кишварҳои ИДМ ва давлатҳои Балтика баргузор шуд, ки дар он коргардонҳои тоҷику рус низ ширкат доштанд. Ҳамаи иштирокунандагони конкурс дар маҷлиси машваратии «Мизи мудаввар», «Проблемаҳои истеҳсоли якҷояи филмҳо дар мамлакатҳои ИДМ ва Балтика» иштирок намуданд. Намояндагони анҷуман якдилона қайд карданд, ки ҳама омодаанд дар соҳаи истеҳсоли филмҳо, сарфи назар аз як қатор мушкилоте, ки дар ин соҳа вуҷуд дорад ба таври васеътар ҳамкорӣ кунанд. [18, с. 86]

Моҳи ноябри соли 2009 дар доираи чорабиниҳое, ки аз ҷониби Мактаби байналмилалии синамо гузаронида шуд, Мактаби дуюми байналмилалии синамо барои филмсозони ҷавони кишварҳои ИДМ ва Балтика баргузор гардид. Зиёда аз 40 нафар коргардонҳо, наворбардорон ва сенариянависони ҷавон аз 13 мамлакат дар курсҳои экспресси коргардонӣ, дарсҳои амалии устодони санъати синамои Аврупо, драматургияи филмҳои бадеӣ ва хуҷҷатӣ иштирок намуданд. Дар он аз Тоҷикистон коргардони филми бадеӣ А. Примқулов, драматург Р. Майлов ва наворбардор С. Макиевский ширкат намуданд. Моҳи августи соли 2010 дар Москва Форуми навбатии кинематографияи миллии кишварҳои ИДМ ва Балтика баргузор гардид, ки дар он филми «Ҳаёт» - и коргардони тоҷик Раҷабалӣ Пиров намоиш дода шуд. [18, с. 27-28]

Бояд гуфт, ки ҳамкории эҷодкорони кино низ дар сатҳи робитаҳои дӯстонаи шахсӣ сурат мегирад. Ҳамин тавр, ҳунарманди машхури кинои рус Юрий Назаров, коргардони синамо ва сенариянависи рус дар филми «Нимарӯзи ҳақиқӣ»-и коргардон Н. Саидов нақш бозидааст. Л. Садилова чун анъана ҳунарпешаҳои тоҷикро барои нақш дар филмҳояш даъват мекунад. Бисёр коргардонҳои рус, ба монанди С. Қурбонов, М. Маҳмадов, В. Аҳадов, П. Аҳмадов ва бисёр дигарон бо ҳамкорони тоҷики худ муносибатҳояшонро мустаҳкам менамоянд. [19, с. 106-110]

Ба рушди синамои кишварҳои ИДМ бештар ҷашнвораи солонаи «Киношок» мусоидат мекунад, ки ба яке аз муҳимтарин, намояндагӣ ва асоситарин форумҳои синамо дар фазои пасошуравӣ табдил ёфтааст. Дар тули 20 сол ин ҷашнвора анъанаҳои қавӣ пайдо карда, мақоми як форуми бонуфузи байналмилалии синаморо касб кард, ки ба афзоиши таваҷҷуҳ ба фарҳангҳои миллӣ ва ошноии фаъол бо мактабҳои гуногуни синамо мусоидат мекунад. [19, с. 130]

Ҳамин тариқ, соли 2010 филми нави тоҷикию русии коргардон Ю. Юнусов бо номи «Одами барфӣ», ки дар бораи ишқи як духтари рус ва як тоҷикписар ба намоиш гузошта шуд. Филм дар Русия ва Тоҷикистон ба навор гирифта шудааст. [19, с. 128-139]

Аз 1 то 20 сентябри соли 2011 бо дастгирии Фестивали байналмилалии синамо фестивали 20-умин ҷашнвораи филмҳои кишварҳои ИДМ, Эстония, Литва ва Латвия баргузор гардид. Дар озмуни асосии ҷашнвора 14 филм, аз ҷумла филми коргардони тоҷик Фарҳот Абдуллоев «Фарзи ризоият» шомил буд. [19, с. 146]

Тамошобинони тоҷик дар солҳои истиқлол низ тавонистанд филмҳои барориши Эрон, Туркия, Афғонистон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон, Чин ва ғайраҳоро тамошо кунанд, ки имрӯз дар миёни тамошобинони тоҷик ва тамошобинони рус бештар маҳбубият доранд. Сабабаш асосан дар он аст, ки коргардонҳо ва продюссерҳои Россия бояд дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбони тоҷики худ фаъолтар бошанд. Дар акси ҳол, ҷойи онҳоро натанҳо дар бозори синамои Тоҷикистон балки дар бозори синамои Осиёи Марказӣ, кишварҳо ба монанди Эрон, Туркия, Кореяи ҷанубӣ ва дигарон ишғол менамоянд.

Тарҷумаи асарҳои нависандагон ва шоирони тоҷик ба забони русӣ ва асарҳои шоирону нависандагони рус ба забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ҳоло дар байни аъзои Иттифоқи нависандагони ҳар ду мамлакат ҳамкории хеле зич ба роҳ монда шудааст. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи гуманитарӣ, сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда дар солҳои истиқлолият, ҳарчанд ба қадри кофӣ фаъол набошанд ҳам, идома доранд.

Муаллиф ҳамкории адабиётшиносон ва синамогарони ҳар ду мамлакатро дар солҳои аввали истиқлолият омӯхта, сарфи назар аз мушкилию камбудиҳои ҷойдошта, қайд менамояд, ки дар он пешравӣ низ дида мешавад. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи гуманитарӣ дар солҳои истиқлолият бомуваффақият ва пурсамар инкишоф ёфта, барои густариши минбаъдаи дӯстӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманди халқҳои Тоҷикистон ва Россия барои ояндаи неки халқҳои ду мамлакат хизмат мекунанд.

Адабиёт:

1. Годовой отчет за 2010 г. Текущий архив Союза писателей Таджикистана. л. 10-15.
2. Годовой отчет за 2001 г. Текущий архив Союза писателей Таджикистана. л. 16-20.
3. Годовой отчет за 1998 г. Текущий архив Союза писателей Таджикистана. л. 4-10.
4. Годовой отчет за 2008 г. Текущий архив Союза писателей Таджикистана. л. 15.
5. Годовой отчет за 2010 г. Текущий архив Союза писателей Таджикистана. л. 32.
6. История таджикского народа / Под общей редакцией академика Р. Масова. T.VI.- Душанбе, 2014 г. - 585 с.
7. Годовой отчет за 2008 г. Текущий архив Союза писателей Таджикистана. л. 21-26.
8. Гулҳои насри муосири рус / Зери таҳрири умумии Иттифоқи нависандагон. – Душанбе, 2010 с. 357 с.
9. Боғи шукуфон. Маҷмӯаи шеърҳо аз Русия / Зери таҳрири умумии Иттифоқи нависандагони ҶТ.- Душанбе, 2010 с.- 488 с.
10. Гулҳои насри муосири рус / Зери таҳрири умумии Иттифоқи нависандагон. – Душанбе, 2011 с. 357 с.
11. Боғи шукуфон. Маҷмӯаи шеърҳо аз Русия / Зери таҳрири умумии Иттифоқи нависандагони ҶТ.- Душанбе, 2011 с.- 488 с.
12. Пирназарова П.А., Развитие культурных связей РТ и РФ в 1993 – 2002 годы. // Известия АН РТ (научный журнал). Душанбе, - 2011. - С. 30-36.
13. Текущий архив Союза кинематографистов РТ. Годовой отчет за 2010 г. л. 32, 36.
14. Текущий архив Союза кинематографистов РТ. Годовой отчет за 2010 г. л. 32, 36, 38, 39, 40;
15. Текущий архив Союза кинематографистов РТ. Годовой отчет за 2004 г. л. 18;
16. Текущий архив Союза кинематографистов РТ. Годовой отчет за 2005 г. л. 27-29;
17. Текущий архив Союза кинематографистов РТ. Годовой отчет за 2007 г. л. 15-18;
18. Текущий архив Союза кинематографистов РТ. Годовой отчет за 2009 г. л.26-29;
19. Энциклопедия кино Таджикистана. - Душанбе. 2012. с. 106-110; 128-139; 145-146.

ҲАМКОРИИ НАВИСАНДАГОНУ СИНАМОГАРОНИ ТОҶИКУ РУС ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Шоиру нависандагони тоҷику рус дар ибтидои асри XXI як қатор ҳамкориҳои самарабахшро доро буданд. Дар бораи равнақи муносибатҳо дар байни шоирону нависандагони тоҷику рус фаъолияти якҷояи онҳо дарак медиҳад.

Дар даҳсолаи аввали асри XXI ҳамкориҳо дар соҳаи адабиёт рушд намуда, исботи ин гуфтаҳо гузаронидани як қатор чорабиниҳо дар ин солҳо мебошад. Масалан, шоми эҷодии шоири тоҷиктабори Федератсияи Россия Тимур Варқӣ қайд карда шуд. Ғайр аз ин гузаронидани вохӯриҳо бо зиёиён, донишҷӯён, талабаҳо ва омӯзгорон дар ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роиҷ буд.

Дар пешрафти муносибатҳои байнидавлатӣ ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг нақши калон мебозад. Дар зиёда аз 200 шартнома ҳамаи соҳаҳои ҳамкории ду давлат, махсусан ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг дарҷ гардидаанд.

Синамо - яке аз соҳаҳои муҳим дар ҳамкории фарҳангии байни ду кишвар Тоҷикистону Россия ба ҳисоб рафта дар солҳои охир бениҳоят рушд намуд.

Дар солҳои 90-уми асри XX дар баробари киностудияи «Тоҷикфилм» киностудияҳои ғайридавлатии Тоҷикистону Россия, ба монанди «Синамо», «Навигатор» ва «Ввис» кор мекарданд. Ҳамин тавр, соли 1996 филми «Командировка», соли 1993 филми бадеии Б. Худойназаров «Қош ба қош», «Кори оилаи Ғаюровҳо» ва «Асир» рӯйи навор омад. Дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2001- 2004 зери роҳбарии кинофестивали байналмиллалии Федератсияи Россия «Сталкер», намоиши хайриявӣ зери унвони «Ҳафтаи кино дар бораи ҳуқуқҳои инсон» баргузор гардид.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Россия, адабиёт, тарҷума, дӯстӣ, нависандагон, шоирон, ҳамкорӣ, асарҳо, филармония, синамо

СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКСКИХ И РОССИЙСКИХ ПИСАТЕЛЕЙ И КИНЕМАТОГРАФИСТОВ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Между таджикскими и российскими писателями и поэтами в начале XXI века сложились весьма плодотворные и тесные связи.

Об этом свидетельствует развитие тесных связей таджикских и российских поэтов и писателей. В начале первого десятилетия XXI века отношения в сфере литературы развивались, доказательством тому служат проведение мероприятий в эти годы. Например, проведение творческого вечера таджикского поэта живущего в Российской Федерации Тимура Варки. Наряду с этим частые проведение встреч с интеллигенцией, студентами, школьниками и учителями в этот период на территории Республики Таджикистан.

В развитии межгосударственных отношений сотрудничество в сфере культуры занимает, важную роль. В более чем в 200 соглашений во всех сферах сотрудничества двух государств, особенно выражается сотрудничество в сфере культуры.

Кинематография является одним из важных сфер сотрудничества в сфере культуры между Таджикистаном и Россией и в последние годы очень развивается.

В 90-ые годы XX века наряду с киностудией «Таджикфильм» стали функционировать негосударственные киностудии Таджикистана и России, такие как «Синамо», «Навигатор» и «Ввысь». Так начиная с 1993 года вышли на экран фильмы Б.Худойназарова «Кош ба кош», «Дела семьи Гаюровых» и «Заложник». В 1996 году вышло в свет фильм «Командировка» М.Юсуповой.В городе Душанбе в 2001-2004 гг. под руководством Российского международного кинофестиваля «Сталкер», были показаны «Неделя кино о правах человека».

Ключевые слова: Таджикистан, Россия, литература, перевод, дружба, писатели, поэты, сотрудничество, произведения, филармония. кинематография.

INTERACTIONAL TAJIK AND RUSSIA LITERARY AND CINEMATOGRAPHY IN INDEPENDENCE YEAR

Literary connection of Tajik and Russians whitens dining independence year improved in spite of essential barrier and negative moment. The measure of spending for unity this attitude support above mention ell facts. For instance translation the works of Tajiks winters and poet in Russia poet and writings into Tajik speaks about. That in present time in spite of the all essential barriers between members of writers union bots of country there are the bonds of cooperation and friendship about which may be to joule for feet's.

In the first decade of the 2-st century, cooperation in the field of literature developed as widened as evidenced by the number of wends held during these years. For example, an evening of creativity of the famous poet Timur Varki was celebrated. In addition, in the regions of Tajikistan during this period, meetings with intellactuals, students and teachers were common.

Tajikistan and Russia: horizons of historical cooperation in the humanitarian field. It plays an an important role in the development of relations between partner states in the field of culture. More than 200 agreements cover all areas of cooperation between the two countries, especially cooperation in the field of culture.

Cinematography is one of the most important areas in the cultural cooperation between the two countries Tajikistan and Russia, which has been extremely important in recent year's development. In the 90s of the XX-th century, Non –state film studios of Tajikistan and Russia, such as "Cinema", "Navigator" and "Vvis" worked together with the "Tojikfilm" studio. Thus, in 1996, the film "Commander", in 1993 B. Khudoinazarov's feature film "Kosh ba kosh", "The work of the Gayurov family" and "Captive" were released. In Dushanbe, in 2001-2004, under the leadership of the Russian international film festival "Stalker", a charity screening under the title "Cinema week about human rights" was held.

Key words; Tajikistan, Russian, literary, translation, friendship, independence, winters, poet, writers, union, cinematografy.

Маълумот дар бораи муаллиф: Пирназарова П.А., омӯзгори кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент:тел:979-06-62-06:

Сведения об авторе: Пирназарова П.А., преподаватель кафедры всеобщей истории и международных отношений Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, кандидат исторических наук, доцент: тел: 979-06-62-06:

Information about the author: Pirnazarova P.A., teacher of the Department of General History and International Relations, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, candidate of historical sciences, associate professor: tel: 979-06-62-06:

ТДУ –32 (2 тоҷ)
ТКБ – 66 (2 тоҷ)
К – 65

ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ МУОСИРИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МИНТАҚА ВА ҶАҲОН

Комилзода Н.И., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муносибатҳои байналхалқӣ системаи мукаммали алоқаҳо ва ба ҳам таъсиррасонии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, дипломатӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ ва фарҳангие мебошад, ки дар байни субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амал меояд. На ҳамаи алоқаю робитаҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ хосияти сиёсӣ доранд. Яъне вобаста ба мазмун

ва хусусиятҳо муносибатҳои байналхалқӣ самтҳо ва тамоюлоти гуногуни инкишофи оламро ифода менамояд. [10, с. 24]

Муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ бошад яке аз зерсистемаҳои муносибатҳои байналхалқӣ буда, алоқаҳо ва муносибатҳои байни халқҳо, давлатҳо, иттиҳоди давлатҳо, байни ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ва институтҳои дигари сиёсии ҷомеаро, ки дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолият менамоянд, фаро мегирад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои байналхалқӣ, ки он низоми мураккаби муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи субъектҳои ҷаҳонӣ мебошад, асосан аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ дар чаҳор шакли алоҳида зоҳир мегардад: навъи классикӣ, сиёсати хориҷӣ аз мавқеи қувваҳо (ҷанги сард), ҳамзистии осоишта ва сиёсати ҳамроҳнашавӣ. [3, с. 451]

Навъи классикӣ. Навъи мазкур ба принсипи «тавозуни қувваҳо» такя менамояд. Он дар зарфи се садсолаи охири таърихи Аврупо бартарӣ дошт. Шумораи зиёди давлатҳои мустақили ба ҳам алоқаманд мавҷуд буданд. Аммо мақомоти олии байналхалқӣ амал намекард. Давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳо ва амалӣ гардонидани мақсадҳо, асосан ба қувва ва истифодаи зӯрӣ такя менамуданд. Дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ баробарии қувваҳои давлатҳои мустақил бартарӣ дошт.

Навъи сиёсат аз «мавқеи қувваҳо» ё ҷанги сард. Ин навъи муносибатҳои байналхалқӣ дорои хосиятҳои зерин мебошад: муносибатҳои дорои хосияти умумӣ, ки сохтори ҷамъиятии ду гурӯҳи мамлакатҳоро фаро мегирад; муттаҳид гаштани қувваҳои ҳарбӣ дар атрофи ду давлати бузург; ҷараёни муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ба воситаи муносибатҳо бо ИҶШС бо ИМА (айни замон Руссия ва ИМА); назорат аз рӯйи муносибатҳои байни давлатҳо аз тарафи давлатҳои бузург; паст ва ночиз гаштани нақши давлатҳои бетараф ва миёна дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ.

Навъи фаъоли «ҳамзистии осоишта». Он дорои як қатор хосиятҳо мебошад. Аз ҷумла, давлатҳои сохти иҷтимоиашон гуногун аз ҷанг ҳамчун воситаи сиёсати хориҷӣ даст мекашанд; ҳамаи давлатҳо баробаранд ва чунин ҳолатро эътироф ва риоя мекунанд; давлатҳо ба корҳои дохилии якдигар дахолат намекунанд; истиқлолият ва дахлнопазирии ҳудудии якдигарро эҳтиром менамоянд ва байни онҳо ҳамкориҳои иқтисодию сиёсӣ инкишоф меёбад.

Навъи «сиёсати ҳамроҳнашавӣ», ки дорои хосиятҳои зерин мебошад: ҳангоми рӯвариҳои сиёсӣ ба ягон мақсадҳои идеологӣ тобеъ нагаштан; вобаста ба манфиатҳои хеш озодии интихоби ҳаракат ва фаъолияти давлатиро муайян намудан; мубориза баҳри инкишофи озодии иқтисодӣ ва демократӣ намудан.

Бояд ёдовар шуд, ки дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ сиёсати байналхалқӣ мақоми махсусро касб намудааст. Сиёсати байналхалқӣ, пеш аз ҳама, дар шакли ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳои алоҳида баромад менамояд. Ҳамчунин, ҳамкориҳои гуногуни давлат бо субъектҳои мухталифи арсаи ҷаҳонӣ моҳияти сиёсати байналхалқиро ифода менамояд. Гузашта аз ин, сиёсати байналхалқӣ ҷавҳари асосии муносибатҳои байналхалқист. Сиёсати байналхалқӣ фаъолияти сиёсии субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ, аз қабили давлат, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, иттифоқҳои гуногуни байналхалқӣ, созмонҳои гуногуни умумиҷаҳонию минтақавӣ ва ғ. мебошад, ки ба масъалаҳои мураккабтарини инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста аст. Низоми мураккаби ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлат ҷузъи таркибии сиёсати байналхалқӣ мебошад. Зеро дар сиёсати байналхалқӣ ҳалли низоъҳои сиёсӣ, масъалаҳои ҷангу сулҳ, ҳифзи муҳити атроф, бартараф намудани қашшоқӣ, ақибмондагӣ, гуруснагӣ ва раҳоӣ аз ҳар гуна бемориҳои гузаранда аҳаммияти муҳим пайдо менамояд. Яъне, сиёсати байналхалқӣ барои ҳалли чунин масъалаҳо, ба монанди ҳифзи сулҳу субот, таъмини пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ, мутобиқатнамоии манфиатҳо ва талаботи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ, бунёди низоми нави ҷаҳонӣ бояд заминаи муосид фароҳам оварад.

Сиёсати байналхалқӣ қисми таркибии сиёсати хориҷии давлатҳои алоҳида мебошад. Он дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташаккул меёбад. Ба омилҳои объективӣ сохти ҷамъиятию сиёсӣ, сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, омилҳои демографӣ, таърихӣ, илм ва техника, иқтидори ҳарбии давлат, шароитҳои географии, миллӣ

ва ғ. дохиланд. Ба омилҳои субъективӣ фаъолияти бошууронаи неруҳои сиёсӣ ва давлатҳои алоҳида дохил мегарданд.

Бояд гуфт, ки яке аз хосиятҳои асосии фаъолияти берунии давлатро эътироф ва риояи принсипи бартарияти арзишҳои умумибашарӣ нисбат ба арзишҳои махсус ташкил менамояд. Таҷрибаи рушду инкишофи таърих нишон медиҳад, ки пеш гирифтани воқеигардонии мақсадҳои шовинистӣ ва миллатгароии канора дар сиёсати берунии давлат манфиатҳои умумибашариро хароб намуда, зиддиятҳои минтақавӣ ва умумиҷаҳониро тезутанд менамояд, низоми муносибатҳо ва ҳамкориҳоро ба ҳолати буҳронӣ рӯ ба рӯ менамояд, ки дар маҷмуъ онҳо проблемаҳои умумиҷаҳонии муосирро ташкил медиҳанд. Муносибатҳои байналхалқии ҷаҳони муосир ба ҳамаи давлатҳо ва факторҳои дигари сиёсати байналхалқӣ имконият медиҳанд, ки масъалаҳои умумиҷаҳониро мавриди муҳокима қарор диҳанд ва дар ҳалли онҳо саҳми бештар дошта бошанд. [8, с. 112]

Дар амал татбиқ намудани чунин амал ба воситаи сиёсати хориҷии давлат таъмин карда мешавад. Сиёсати хориҷии давлат мақсади муайян дошта, вазифаҳои аниқро иҷро менамояд. Давлат дар фаъолияти хориҷии худ аз воситаҳои гуногун истифода менамояд. Сиёсати хориҷии давлат шароити муосиди байналхалқиро барои инкишофи давлат муҳайё месозад. Манфиатҳои давлатро дар арсаи байналхалқӣ ҳифз менамояд ва барои афзудани мақом ва нақши он кӯшиш ба харҷ дода мешавад. Сиёсати хориҷии давлат дар ду шакл зоҳир мегардад: дар шакли ҳамкорӣ ва дар шакли рақобат ва душманӣ. Аммо ҳамкорӣ ҳамчун шакли махсуси сиёсати берунии давлат дар шароити муосир афзалияти бештар дорад ва бо ин роҳ мавқеи байналхалқиии давлат хубтару беҳтар мустаҳкам карда мешавад. Давлатҳои алоҳида метавонанд танҳо бо як давлат ва ё бо шарикони стратегии худ ҳамкориҳои дуҷониба ба роҳ монанд. Инчунин, ҳамкориҳои бисёрҷониба низ дар доираи фаъолияти давлатҳои гуногун дида мешаванд. Дар шароити муосир ҳар як давлат дар сиёсати хориҷии худ ҳар ду шакли ҳамкориҳои байнидавлатиро ҳамаҷониба ташаккул медиҳад.

Аммо фаромӯш набояд кард, ки сиёсати хориҷии давлат ҷузъи таркибии сиёсати байналхалқӣ ба шумор меравад ва онҳо механизмҳои хосаи худро доро мебошанд. Яке аз рукнҳои асосии сиёсати байналхалқиро ривоҷ додани муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо ҳамаи мамлакатҳои пешқадам, умумиятҳои калони иҷтимоӣ ва воҳидҳои иҷтимоию маъмурӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари уҳдадориҳои байналмиллалӣ бояд салоҳиятҳои дохилии давлат дар пайвастагӣ бо вазифаҳои хориҷии он таҳким ёбанд. Аз ин лиҳоз, вазифаҳои муҳимтарини давлатро таъмини амнияти миллӣ ташкил медиҳад. Давлат бояд иқтидори мудофиавии заруриро дошта бошад, то ки ҷомеаро аз ҳар гуна таҷовузҳои беруна ҳимоя намояд.

Сиёсати байналхалқӣ бо воситаҳои гуногун, аз қабили: воситаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғ. ба амал бароварда мешавад. Сиёсати байналхалқӣ, ки ба сифати зерсистемаи муносибатҳои байналхалқӣ амал менамояд, табиист, ки тамоми ҳодисаҳо, равандҳои байни давлатҳо ва байни умумиятҳои иҷтимоӣ, миллию этникиро фаро гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, дар самти ҳифзи сулҳ ва таъмини амнияти байналхалқӣ дар баробари давлатҳои алоҳида, инчунин мақом ва нақши Шурои Амнияти СММ, созмонҳои дигари ҷаҳонӣ ва минтақавӣ хеле барҷаста мебошанд. [7, с. 134]

Сиёсати байналхалқии давлатҳои мустақил воситаи муҳимми пешгирии ҷанг, таҷовуз ва ҳар гуна низоъҳои сиёсӣ мебошад. Он муносибатҳои давлатҳоро дар асоси принсипҳо, методҳо ва низоми муайян танзим менамояд. Яке аз омилҳои санҷидашуда ва боэътимод дар сиёсати байналхалқӣ дипломатия мебошад. Дипломатия дар муносибати байни давлатҳо ва миллатҳо яке аз падидаҳои қадимтарини таърихи инсоният ба шумор меравад. Миссияҳои дипломатӣ ҳанӯз аз охири асри XV оғоз ёфта буд. Дар сиёсати байналхалқӣ дар давраи баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ масъалаи ҳимояи ҳуқуқи инсон аҳаммияти муҳим пайдо намудааст. Бинобар ин, аз ҳамин давра сар карда ҳуқуқҳои мухталифи одамон дар ҳуҷҷатҳои гуногуни байналхалқӣ мустаҳкам гардида, риояи онҳо дар сиёсати берунии давлатҳо ба таври қатъӣ талаб карда мешавад.

Сиёсати хориҷӣ бошад, нисбат ба сиёсати байналхалқӣ каме маҳдудтар мебошад. Муносибати як давлат бо давлати дигар ва ё бо давлатҳои дигар, амалу рафтори он нисбати дигар давлатҳо бо сиёсати хориҷӣ ифода меёбад. Махсус бояд таъкид намуд, ки фаъолияти сиёсии давлат ҳам дар системаи муносибатҳои дохилии ҷомеа ва ҳам берун аз сарҳадоти он - дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷии давлатро аз ҳам фарқ менамоянд. Аммо фаромӯш набояд сохт, ки сиёсати хориҷии давлат идомаи мантиқии сиёсати дохилии он мебошад. Онҳо то андозае ба ҳам монанданд, лекин аз рӯйи моҳияти худ аз якдигар фарқ мекунанд. Сиёсати беруна нисбат ба сиёсати дохилӣ дуюмдараҷа буда, баъдтар ташаккул меёбад ва дар шароити дигари ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Лекин ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷӣ ба ҳалли як вазифаи асосӣ - нигоҳдорӣ ва танзимнамоии системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешаванд. Сиёсати беруна муносибати давлатро бо кишварҳои дигар ба танзим медарорад, ҳимояи талабот ва манфиатҳои давлатро дар арсаи байналхалқӣ таъмин менамояд. [5, с. 32]

Маҳз аз рӯйи сиёсати хориҷӣ давлат дар арсаи байналхалқӣ барои худ нақш ва мавқеи хосаро касб менамояд. Тули солҳои охир самти сиёсати хориҷии давлатҳои абарқудрат асосан ба паҳннамоиву ташаккули арзишҳои онҳо равона карда шудааст. Нисбат ба чунин падида қайд кардан зарур аст, ки ташаккули сиёсати хориҷии давлат, пеш аз ҳама, аз сатҳи инкишофи сиёсати дохилӣ вобаста аст. Ҳар чи қадаре, ки давлат сиёсати дохилии худро дар сатҳи баланд ба роҳ монад, вазифаҳои дохилии худро низ дар сатҳи баланд иҷро намояд, ҳамон қадар самаранокию маҳсулнокии сиёсати хориҷии он боло меравад. Инчунин, таҳкиму устувории сиёсати дохилии давлат то андозае аз сиёсати хориҷии он низ вобаста мебошад. Масалан, ҳамкориву имзои созишномаҳои ҳаётан муҳим барои инкишофи сиёсати дохилӣ хеле муҳим ба шумор меравад.

Сиёсати хориҷӣ ин самти умумии фаъолияти давлат дар корҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Он муносибати давлатро бо дигар давлатҳо ва миллатҳо мувофиқи принсип ва мақсадҳои давлат танзим менамояд. Сиёсати хориҷии ҳар як давлат ва хусусиятҳои муҳимми он аз сиёсати дохилиаш, сохтори давлатию ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Масалан, баъзан як гурӯҳ давлатҳо танҳо бо давлатҳое ҳамкорӣ менамоянд, ки агар сохтори сиёсии онҳо демократӣ бошад. Асосан давлатҳои демократии Аврупоӣ Ғарбӣ чунин мавқеъро ишғол намуда, танҳо бо давлатҳои демократӣ ва ё дар ҳоли рушди демократӣ қарордошта амалӣ менамоянд. Дар чунин ҳолат сиёсати хориҷӣ манфиат ва арзишҳои миллиро бо манфиат ва арзишҳои умумибашарӣ, махсусан дар масъалаҳои бехатарӣ, ҳамкорӣ ва бунёди сулҳ, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, ки дар раванди пешрафти иҷтимоӣ пайдо мешаванд, алоқаманд менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳама ҳолат ҳамкорӣ шакли махсуси муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналхалқӣ доимо дар раванди ташаккули системаи муносибатҳои байналхалқӣ афзалияти муҳим дорад. Дар илмҳои сиёсӣ ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мақсад ва вазифаҳои он муайян карда шудааст. Мақсади асосии давлатҳои алоҳида пеш аз ҳама ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин мақсадҳои асосии ҳамкориҳои байнидавлатиро ба тариқи зайл муайян намудан мумкин аст:

– таъмини бехатарии давлат;

– кӯшиши мустаҳкамнамоии қобилиятҳои моддӣ, сиёсӣ, интеллектуалӣ ва ҳарбии кишвар;

– баланд бардоштани обрӯю эътибори давлат дар арсаи байналхалқӣ. [2, с. 5-8]

Яъне, дар шароити муосир ҳар як давлат барои таъмини рушду инкишофи худ ва амалӣ намудани мақсадҳои дар боло овардашуда бо давлатҳои гуногун ва созмонҳои мухталиф ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба амалӣ менамояд. Аммо дар амал татбиқ намудани мақсадҳои мазкур ба воситаи иҷроиши як қатор вазифаҳои муҳим таъмин карда мешавад. Бинобар ин, давлатҳои алоҳида дар асоси ташаккули ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба як қатор вазифаҳои хориҷиро иҷро менамоянд. Пеш аз ҳама, давлат чи дар дохили мамлакат ва чи дар берун аз он вазифаи муҳофизатиро иҷро менамояд. Бинобар ин,

бо мақсади таъмини амният ва сулҳу субот давлатҳо дастаҷамъона бар зидди таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ мубориза бурда, дар самти таъмини амнияти минтақавӣ ва ё байналхалқӣ саҳмгузорӣ менамоянд.

Вазифаи дигари хориҷии давлат мустаҳкамнамоии иқтидори иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Рушди иқтисодии кишвар ва устувории сиёсии мамлакат аз сиёсати хориҷии он ва сатҳу сифати ҳамкориҳои вай вобаста мебошад. Давлат ба воситаи ташаккули системаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ фаъолияти самараноки иқтисодиёт ва болоравии вазъияти иҷтимоии ҷомеаро бояд таъмин намояд. Аз ин рӯ, давлатҳо дар раванди тақсимоти меҳнати байналхалқӣ, пайдонамоии сарчашмаҳои арзон ва босифат, таъмини шароити мусоид барои фурӯши маҳсулот, нигоҳдории сарчашмаҳои стратегии мамлакат иштирок намуда, бо роҳи амалӣ намудани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мақсадҳои худро дар амал татбиқ месозанд. [12, с. 3-4]

Вазифахои иттилоотиву намояндагии сиёсати хориҷии давлат инъикоси худро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ пайдо менамояд ва ба воситаи онҳо имиҷи муайяни давлат дар арсаи байналхалқӣ таъмин карда мешавад. Мақомотҳои махсуси давлатӣ ҳукуматҳои худро оид ба нияту мақсадҳои мамлакатҳои дигар иттилоот медиҳанд. Вазифаи намояндагӣ тариқи таъсиррасонӣ ба афкори умум ва доираҳои сиёсии ин ё он мамлакат амалӣ карда мешавад. Вазифаҳои иттилоотию намояндагӣ дар чаҳорчӯбаи фаъолиятҳои фарҳангӣ ва илмӣ, гузаронидани гуфтушунидҳо ва имзои созишномаҳои мухталиф ба иҷро мерасанд. Давлатҳо бо иҷроиши ин вазифаҳо доираҳои мухталифи одамонро бо фарҳанг, таърих ва арзишҳои маънавии худ шинос менамоянд. Аз тарафи дигар, вазифаҳои мазкур барои имзои созишномаҳои байналхалқӣ, байниҳукуматӣ ва байнидавлатӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд. [6, с. 45]

Инчунин, давлатҳо ба воситаи амалӣ намудани ҳамкориҳои байнидавлатӣ системаи алоқаҳои сиёсии худро ба танзим медароранд. Дар чунин шароит ҳамкориҳои байнидавлатӣ вазифаҳои танзимнамоиро иҷро менамояд. Иҷроиши ин вазифа имкон медиҳад, ки фаъолияти хориҷии давлат дар арсаи байналхалқӣ ба танзим дароварда шавад. Бинобар ин, батанзимдарорӣ ва таҳлилу ташхиси самтҳои муайяни инкишофи сиёсати хориҷии давлат аз ин вазифа вобаста мебошад. Нақши муҳимро дар амалисозии ин вазифа мақомотҳои марказии сиёсати хориҷӣ - Вазорати корҳои хориҷӣ, сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои давлатӣ иҷро менамоянд.

Ҳамин тариқ, мақсад ва вазифаҳои хориҷии давлат бо дарназардошти воситаҳои асосии он амалӣ карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки ҳар як давлат воситаҳои амалинамоии сиёсати хориҷии худро дар асоси имкониятҳои мавҷуда интихоб менамояд. Аз ин рӯ, фаъолияти хориҷии давлат асосан тавассути чунин воситаҳо, аз қабили воситаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғ. амалӣ мегардонад. [4, с. 435]

Махсус бояд таъкид намуд, ки таҳдиду хатарҳои замони муосир иқтидореро соҳибанд, ки давлатҳои алоҳида дар танҳоӣ аз ҳудаи бартараф намудани онҳо намебароянд. Бинобар ин, ҳамкориҳои байнидавлатӣ баҳри таъмини амнияти дастаҷамъӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳо ташаккул дода мешаванд. Яке аз чунин равандҳо глобализатсия мебошад. Глобализатсия то андозае истиқлолияти давлатӣ ва мустақилияти давлатро зери шубҳа қарор медиҳад ва аз ин рӯ онро як навъ таҳдид ба истиқлолияти сиёсию давлатӣ низ унвон намудан лозим аст. Ин аст, ки давлатҳо дар сиёсати хориҷии худ то андозае дар муқобили ин раванд истодагарӣ намуда, бо он мубориза мебаранд. Масалан, глобализатсияи сиёсӣ дар шакли институтсионализатсияи сохтори муносибатҳои байналхалқӣ зоҳир мегардад.[1, с. 8-9]

Ҳамин тариқ, дар раванди ташаккулёбии глобализатсияи сиёсӣ системаи аврупоӣ ҳамчун системаи мукаммали байнидавлатӣ ва арзишҳои он ҳамаҷониба паҳн карда мешавад. Дар аксар маврид, қабули баъзе аз арзишҳои аврупоӣ бо ҷомеаҳои ғайриаврупоӣ носозгор мебошанд, ки дар натиҷа ҳолати ногувореро ба миён меоваранд. Ҷомеаро харачу марач фаро мегирад ва одамон мустақилона нақш ва мавқеи худро муайян карда наметавонанд.

Умуман дар давраи глобализатсиякунонӣ рӯ овардан ба сиёсати хориҷӣ тавассути ташкили хадамот ва намояндагиҳои дипломатӣ, дипломатияи дуҷонибаи байни кишварҳо ва дипломатияи бисёрҷониба дар сатҳи созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ хусусиятҳои навро ба худ касб намуд. Айни замон бошад, давлатҳо дар заминаи ташаккули капитализми пешрафта барои ба даст овардани фоидаи бештар ба методҳои нави муносибатҳои ҷаҳонӣ рӯ оварда истодаанд ва бо роҳу воситаҳои мувофиқ ба замона ҳадафҳои стратегии худро амалӣ намуда истодаанд. Яке аз чунин шаклҳои муборизаҳои стратегӣ ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Давлатҳо хеле зиёд кӯшиш менамоянд, ки ба воситаи амалӣ намудани ҳамкориҳои байнидавлатӣ соҳаи савдо ва сарчашмаҳои иқтисодии давлатҳои дигарро дар зери назорати худ қарор диҳанд. Дар чунин шароит глобализатсияи бозори ҷаҳонӣ ташаккул меёбад. Глобализатсияи бозори ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, васеъшавии миқдори субъектҳои иқтисодиро ифода менамояд, ки ба талаботи он ҳам давлатҳои миллӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ бояд ҷавобгӯ бошанд.

Адабиёт:

1. Алмонд Г., Верба С. Гражданская культура и стабильность // Г.Алмонд, С.Верба
2. Андрей Б. Внешняя политика и экономические процессы // Мировая политика и международные отношения//Андрей Б. Москва, 2014. –С.5-8.
3. Зокиров Г.Н. Давлат. Қисми 1// Г.Н. Зокиров Душанбе, 2012. – С.451.
4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ //Г.Н. Зокиров Душанбе, 2007. – С.425.
5. Лебедева М.М. История внешней политики// Лебедева М.М. Москва, 1991. – С.32.
6. Лебедова М.М. История внешней политики// Лебедова М.М. Москва, 1991. – С.45.
7. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в период ее становления как суверенного независимого государства// Саидов З.Ш. Душанбе, 2010. –С.134.
8. Парсонс Т. Система современных обществ//Т.Парсонс Москва, 1997. –С.112.
9. Сатторзода, А. Некоторые теоретические аспекты многовекторности во внешней политике государств Центральной Азии [Электронный ресурс] / А. Сатторзода. – Режим доступа: easttime.ru/analitic/1/206.html (дата обращения: 25.04.2024).
10. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://mfa.tj/tj/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston.html (санаи мурочиат: 15.12.2023).
11. Усмонзода, Х.У. Укрепление внешней политики Таджикистана в эпоху меняющегося миропорядка [Электронный ресурс] / Х.У. Усмонзода. – Режим доступа: https://mts.tj/ru/3785/news/ (дата обращения: 22.08.2022).
12. Фергюсон И. Глобальное общество в конце двадцатого столетия // Международные отношения: социологические подходы//Фергюсон И. Под ред. проф. П.А.Цыганкова. – Москва, 1998. – С.8-9.
13. Цыганков П.А. Международные отношения// П.А. Цыганков. Москва, 1996. – С.24.

ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ МУОСИРИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МИНТАҚА ВА ҶАҲОН

Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои бисёр муҳим ташаккули дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба дар шароити тағйирёбии муносибатҳои муосири байналхалқии минтақа ва ҷаҳон бахшида шудааст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои байнахалқӣ, ки он низоми мураккаби муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи субъектҳои ҷаҳонӣ мебошад, асосан аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ дар чаҳор шакли алоҳида зоҳир мегардад: навъи классикӣ, сиёсати хориҷӣ аз мавқеи қувваҳо (ҷанги сард), ҳамзистии осоишта ва сиёсати ҳамроҳнашавӣ.

Ҳадафи асосии навъҳои дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба баҳогузорӣ гардида мушаххас гардидааст, ки ҳар ду навъи дмпломатия дар ташшаккули сиёсати хориҷии кишварҳо ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаи амалишавии муносибатҳои дипломатӣ ба манфиати кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ҳисобида шуда, рушди доимии он замина барои боз ҳам инкишофи робитаҳои дипломатӣ мегардад. Барои ташаккули дипломатияи дуҷониба ташкили сафоратхона ва консулгарӣ ва барои дипломатияи бисёрҷониба намояндагӣ дар назди созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ лозим мебошад, ки воситаи асосии рушди навъҳои дипломатия мебошад.

Калидвожаҳо: сиёсати байналхалқӣ, дипломатия, дипломатияи дуҷониба, дипломатияи бисёрҷониба, давлат, ҷомеаи ҷаҳонӣ, сиёсати хориҷӣ, демократӣ, ҳамкорӣ, низом, глобализатсия.

ФОРМИРОВАНИЕ ДВУСТОРОННЕЙ И МНОГОСТОРОННЕЙ ДИПЛОМАТИИ В ИЗМЕНЯЮЩИХСЯ УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РЕГИОНЕ И МИРЕ

Статья посвящена одной из важнейших тем становления двусторонней и многосторонней дипломатии в контексте изменения современных международных отношений в регионе и мире. Анализ научной литературы показывает, что международные отношения, представляющие собой сложную систему двусторонних и многосторонних отношений глобальных субъектов, по своему содержанию и сущности в основном проявляются в четырех отдельных формах: классический тип, внешняя политика с позиции силы (холодная война), мирное сосуществование и политика неприсоединения.

Оценивается основная цель двусторонней и многосторонней дипломатии и выясняется, что оба вида дипломатии способствуют формированию внешней политики стран и защите национальных и иностранных интересов.

Результатом осуществления дипломатических отношений считается отвечающий интересам стран региона и мира, а его постоянное развитие становится основой для дальнейшего развития дипломатических отношений. Для развития двусторонней дипломатии необходимо создание посольств и консульств, а для многосторонней дипломатии необходимы представительства при региональных и всемирных организациях, которые являются основными средствами развития различных видов дипломатии.

Ключевые слова: международная политика, дипломатия, двусторонняя дипломатия, многосторонняя дипломатия, государство, международное сообщество, внешняя политика, демократия, сотрудничество, система, глобализация.

FORMATION OF BILATERAL AND MULTILATERAL DIPLOMACY IN THE CHANGING CONDITIONS OF MODERN INTERNATIONAL RELATIONS IN THE REGION AND THE WORLD

The article is devoted to one of the most important topics of the formation of bilateral and multilateral diplomacy in the context of changes in modern international relations of the region and the world. Analysis of scientific literature shows that international relations, which are a complex system of bilateral and multilateral relations of global entities, in their content and essence are mainly manifested in four separate forms: the classical type, foreign policy from a position of strength (cold war), peaceful coexistence and non-alignment policy.

The main purpose of bilateral and multilateral diplomacy is assessed and it is found that both types of diplomacy contribute to the formation of foreign policy of countries and the protection of national and foreign interests.

The result of the implementation of diplomatic relations is considered to meet the interests of the countries of the region and the world, and its constant development becomes the basis for the further development of diplomatic relations. For the development of bilateral diplomacy, it is necessary to create embassies and consulates, and for multilateral diplomacy, representations are

needed at regional and global organizations, which are the main means of developing various types of diplomacy.

Key words: international politics, diplomacy, bilateral diplomacy, multilateral diplomacy, state, international community, foreign policy, democracy, cooperation, system, globalization.

Маълумот дар бораи муаллиф: Комилзода Насим Иброҳим, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Тел: (992)985-41-51-93. **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru

Сведения об авторе: Комилзода Насим Иброхим, старший преподаватель кафедры международных отношений Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Тел: (992)985-41-51-93. **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru

Information about the author: Komilzoda Nasim Ibrohim, senior lecturer, department of international relations, Kulob State University named by A.Rudaki. Tel: (992) 985-41-51-93, **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru

ТДУ 063 (6)

ПРОБЛЕМАҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪАИ ВМКБ, СОЛҲОИ 1991-1996)

Худобердиев Р.Б., ассистент
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 Эъломияи Истиқлолияти миллӣ қабул намуда, мустақилият ва соҳибихтиёрии худро дар арсаи байналмилалӣ ба ҳукми қонун даровард. Аз он замон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат падидаҳои нави кор ва фаъолият ба амал омад. Маҳз аз ҳамин давра рушди озодона, вале душвори ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Новобаста аз мураккабии вазъи сиёсӣ ҳукумати ҷумҳурӣ, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи маорифро соҳаи муҳимтарину афзалиятноки давлат эълон намуд ва дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин иброз намуданд: «...тарбияи кадрҳо хусусан барои соҳаи маориф, таъмини сифат ва сатҳи дониши кадрҳои омӯзгорӣ, дуруст ҷобаҷо кардани мутахассисони ҷавон ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои онҳо, пеш аз ҳама дар деҳот аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарине мебошад, ки бояд ҳамеша дар маркази диққати Вазорати маориф ва ҳукуматҳои маҳаллӣ карор дошта бошад» [8].

Бинобар ин яке аз ҳадафҳои асосии азнавсозии низоми соҳаи маориф аз он иборат буд, ки он бояд ба худ мазмуни соф миллӣ мегирифт. Вобаста ба ин мақсад, бо Қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми августи соли 1991 лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба табъ расид. Дар он ислоҳоти соҳаи маориф ворид шуда, баъзе тағйирот дар низоми таҳсилот пешниҳод карда шуд. Ниҳоят рӯзи 27-декабри соли 1993 пас аз муҳокимаронихо дар Иҷлосияи XVIII-уми Шурои Олӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» расман барои иҷро қабул шуд, ки гузаронидани ислоҳоти соҳаро то соли 1997 пешбинӣ менамуд [1, с. 224].

Вале амалигардонии ислоҳот дар солҳои аввали истиқлолият бар асари нооромиҳои сиёсӣ ва вазъи душвори иқтисодию иҷтимоӣ ба мушкилоти зиёде дучор гардид. Чунки дар он давра дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд омад.

Аз рӯи маълумоти Хазинаи асъори байналхалқӣ ва Бонки умумиҷаҳонӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қариб 20 фоизи мактабҳои ҷумҳурӣ харобу валангор гашта, беш аз 130 бинои мактабӣ ба таъмири ҷорӣ, душвории таъмини асбобу ашёи таълимӣ, дастуру китобҳои

дарсӣ, васоити моддӣ-техникии таълимӣ ниёз доштанд. Зарурияти сохтмони мактабҳои нав бо 20 ҳазор ҷойи нишаст бар ивази биноҳои харобу вайронгашта ба миён омад [4].

Ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд аз маркази ҷумҳурӣ ва аз кашмакашиҳои он давра дур бошад, ҳам вале таъсири ин ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ то ба ин минтақаи дурдаст ҳам он вақт расида буд. Аз ҷумла, мактабҳои ноҳия бар асари нарасидани маблағ бе таъмир монда, таъмин намудани талабагон бо асбобу ашёҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ тамоман душвор шуд. Баъзе мактабҳо он замон дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, зарурияти сохтани мактабҳои нав ба миён омад.

Илова бар ин бар асари ҷанги бародаркуш ба ноҳияи Роштқалъа гурезаҳои иҷборӣ омада, бисёр оилаҳо бар асари талафоти ҷонӣ он вақт тамоман бесаробон монданд. Омӯзгорони зиёди собиқадор ва пуртаҷриба бо сабабҳои гуногун тарки касби хеш намуда, ё ба кори дигар, ё ба муҳоҷират ва баъзеҳояшон бошанд, рӯ ба тиҷорат ниҳоданд. Аз ин сабаб он солҳо дар баъзе мактабҳои ноҳияи Роштқалъа муаллимон намерасиданд.

Дар ин бора сарвари давлат дар Паёми навбатии худ соли 2002 ин тавр гуфта буданд: «Дар бисёр мактабҳо на танҳо муаллимони физикаю математика, забонҳои русию англисӣ, балки муаллимони забону адабиёти тоҷик ҳам намерасанд. Ҳарчанд Ҳукумат барои барқарор кардани инфраструктураи мактабҳои миёна, сохтмони мактабҳо, ҷиҳозонидани синфхонаҳо бо ҷалби ёриҳои башардӯстона миллионҳо доллар харҷ карда бошад ҳам, вале ҳолати онҳо ҳанӯз ҳам дар сатҳи даркорӣ нест [9].”

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи дониш ва 70 солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли 2015 таъкид карданд, ки ҳатто дар солҳои вазнини ибтидои истиқлолият «Тамоми фикру андешаи ман ҳамчун Сарвари давлат дар баробари таъмин намудани сулҳу оромии кишвар, ба ҳалли масъалаҳои маориф ва дастгирии ин соҳаи барои ҷомеа ва давлат ниҳоят муҳим банд буд. Ва чуноне ки мушоҳида мекунед, ман ҳамаи имконияту василаҳоро ба хотири таҳким бахшидани пояҳои илму маориф равона карда, ба рушди ин соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ диққати махсус медиҳам ва ин масъаларо ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумат бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо дастгирӣ менамоям» [10].

Баъди ин душвориҳои зиёд, ки дар солҳои аввали Истиқлолияти давлат ба вуҷуд омаданд, бояд зикр сохт, ки талошҳои зиёди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эҳёи маорифи кишвар хеле зиёд аст. Маҳз ин талошҳои сарвари давлат имкон дод, ки соҳаи маориф рӯ ба беҳбудӣ ниҳад.

Дар соли 1992 бо мақсади пешравии минбаъдаи кор дар ҳамаи самтҳо ноҳияи Роштқалъа аз ноҳияи Шуғнон ҷудо карда шуда ба ноҳияи нави алоҳида аз сари нав табдил дода шуд. Нахуст ба соҳаи маорифи ноҳия диққати аввалиндараҷа дод, вале ноҳия худ зодаи Истиқлолият буд, дар аввал ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шуд. Кори маорифи ноҳияи Роштқалъа, ки то рӯзи аз нав таъсисёбиаш аз тарафи мудири маорифи ноҳияи Шуғнон пеш бурда мешуд, акнун бояд мустақилона идора карда мешуд. Ба вазифаи мудирии маорифи ноҳия дар соли 1992 омӯзгори асил Қарачаев Қарача, ки он замон яке аз кормандони пуртаҷриба дар соҳаи маориф ба шумор мерафт, таъйин гардид.

Қарачаев Қ. аз душвориҳои он давраи соҳаи маориф ёдовар шуда, ин тавр нақл намуданд: «Соли 1992 вақте, ки мудири маорифи Роштқалъа таъйин гардидам, маорифи ноҳия бар асари нооромиҳои сиёсӣ ва вазъи душвори иқтисодию иҷтимоӣ ба мушкилоти зиёде дучор гардида буд. Оддитарин чиз ҳатто ба кор рафтану омадан ҳам барои ҳамаи мо як мушкилии сахт буд. Зеро сӯзишворӣ барои автобусҳо ва дигар намуди нақлиёт он вақт намерасид ва аз ин сабаб мошинҳо дар хатсайрҳо ҳаракат намекарданд. Аз ин сабаб, ман маҷбур будам, ки аз деҳаи Тусён то маркази ноҳия барои ба бинои идораи маорифи ноҳия расидан, ҳар рӯз то 20 км роҳро пои пиёда тай намоям. Ин кори осон набуд, вале ҳисси масъулият ва хештандорӣ моро маҷбур месохт, ки то вазифаи хидматиамонро дар назди омӯзгорон иҷро намоем» [12].

Душвории дигари соҳаи маорифи ноҳия - хароб будани заминаи моддӣ-таълимии мактабҳо буд. Дар баъзе мактабҳо асбобҳои техникӣ ва дигар воситаҳои аёнӣ он тараф истанд, ҳатто курсиву миз ва партаҳои мактабҳо нотаъмир монда, фарши синфҳо ва роҳравҳо бошад, ранг нокарда монданд.

Илова бар ин омӯзгорон муддати зиёд баъзан то ҳатто як сол ҷиҳати набудани маблағ дар буҷети н.Роштқалъа маошашонро гирифтан наметавонистанд. Ногуфта намонад, ки дар солҳои 1992-1994 музди меҳнати омӯзгорон хеле кам буд ва бо он ҳатто як халта ордро низ онҳо харид кардан наметавонистанд. Аз ин сабаб муаллимон он солҳо аз тоҷирони навбаромад қарздор шуданд.

Оиди вазъи зиндагию таъмини омӯзгорон дар он солҳо Қ.Ширинбек дар саҳифаи газетаи «Бадахшон» чунин навишта буд: «Омӯзгорон имрӯзҳо барои кори заҳматталабашон музди ночизеро мегиранд, ки он барои пешбурди зиндагӣ камӣ мекунад. Муаллимон ҳам наметавонанд бо чунин нархҳои дандоншикан сару либос ва ё ашёҳои хонишро дастрас намоянд» [13].

Аз рӯи маълумоти ҳисоботи омории ба мо дастрасшуда, танҳо дар соли таҳсили 1992-1993 омӯзгорони ноҳияи Роштқалъа ба маблағи то 400-ҳазор рубл маошашонро нагирифта буданд. Корманди собиқи маорифи ноҳияи номбурда, собиқадори маориф Х.Давруқов дар ин бора чунин қайд кардааст: «Аз соли 1992 бо ташкил шудани ноҳияи Роштқалъа, маорифи ин ноҳия низ аз ноҳияи Шуғнон ҷудо шуда, акнун фаъолияти мустақилонаи хешро оғоз намуд. То соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пули давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва аз соли 1994 пули нақди Федератсияи Руссия дар муомилот ҷорӣ карда шуд. Маоши кормандони тамоми соҳаҳо бо ин пул пардохт карда мешуд. Илова бар ин пули русиро на ҳар кас имкони пайдо кардан дошт. Мо кормандони маориф он замон он чунон маоши ночизеро, мегирифтем, ки агар онро имрӯз бо пули миллии сомониамон ҳисоб кунем, пас аз соли 1991 то соли 1995 мо ҳамагӣ 1,75 ё 2 сомонӣ маоши як моҳа мегирифтему халос. Худатон қазоват кунед, ки мо муаллимони он давра чи ҳоли зоре доштем, вале мо муаллимони асил ягон бор дарсшиканӣ накардем. Зеро мо фарзандони ҳамдеҳаи худамонро дарс медодем ва медонистем, ки ин душвориҳо даргузаранд» [11].

Оиди шароити бади мактабу муаллимон дар воситаҳои ахбори оммаи соли 1993 мехонем: «...Аллакай фасли тирамоҳ расидааст ва рӯзҳои қаҳратуни зимистон ҳам ноаён наздик шуда истодаанд. То ба имрӯз масъалаи бо сӯхтусӯз таъмин намудани мактабҳо дуруст ҳаллу фасл нагардидааст» [13].

Илова бар ин муассисаҳои таълимӣ дигар бо ҳезуму ангиштсанг чун дар замони шуравӣ дар соли таҳсили 1992-1993 таъмин намегардиданд, тирезаҳои мактабҳо асосан бо фанер, тунука, селофан маҳкам карда мешуданд. Вале чун синфхонаҳо гарм карда намешуданд толибилмон дар моҳҳои январ феврал иҷборан ба таътил бароварда мешуданд.

Тадриҷан музди меҳнати омӯзгорон бо пайдо гардидани имкониятҳои иловагии буҷаи давлатӣ баланд шудан гирифт. Аз соли 1995 сар карда, пардохти маоши омӯзгорон ба низоми муайян даромадан гирифт ва танҳо соли 1997 қарздории буҷа оид ба пардохти музди меҳнати омӯзгорон пурра барҳам дода шуд. Агар музди меҳнати омӯзгорон дар соли 1993 3 сомониро ташкил дода бошад, соли 2000-ум 9 сомонӣ ва соли 2010 барои муаллими маълумоти олидор 168 сомонӣ, барои муаллими маълумоти олидор ва дараҷаи олӣ дошта, 201 сомониро ташкил медод [7]. Ин аллакай пешравии кор буд.

Дар яке аз сафарҳои хеш ба Бадахшон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбати худ иброз дошт, ки «Раҳмат ба омӯзгорони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дар солҳои вазнинтарин ва душвортарин ягон муаллим аз мактаб даст накашид ва дар шароити хеле вазнин хонандагони мактабҳоро таълим медоданд. Барои ҳамин савияи дониши ҷавонони Бадахшон аз дигар манотиқи кишвар хеле баланд аст, онҳо на танҳо дар донишкадаҳои ҷумҳурӣ, ҳатто берун аз он дохил шуда, саводи хеле баланд доранд» [6].

Ин заҳмати омӯзгорони ботаҷрибаи ноҳия дар чунин вазъияти ниҳоят мушкил буд, ки мактабҳо аз фаъолият боз намонданд. Собиқадори маориф Қарачаев Қ. оиди душвории дигари соҳаи маориф ба таври зайл ёдоварӣ намуданд: «Кормандони соҳаи маорифи ноҳия

дар вақтҳои муайян аз водии дурдасти Ҷавшангоз сар карда, то деҳаи Хабости ноҳияи Роштқалъаро пойи пиёда тай карда, кори мактабҳоро аз назар мегузаронданд. Чунин омӯзгорони содиқ чун Абдолбеков Гулаёз, Давруқов Хусрав, Боймамадов Гулмамад, Рустамбеков Карим, Норанҷов Зоҳир ва ғайраро метавон номбар кард, ки дар ин кор саҳми бориз доштанд» [12].

Ташаккул додани раванди таълиму тарбия ҳамеша дар маркази диққати маъмурияти муассиса меистод.

Сарфи назар аз мушкилоти рӯзгор кормандони маркази методии шуъбаи маорифи ноҳия сифати таълиму тарбияро дар ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба хусус дар ноҳияи Роштқалъа баланд мебардоштанд. «Кормандони мазкур ҳолати кори кабинети методии шуъбаи маориф ва коллективҳои педагогии мактабҳои ноҳияи Роштқалъа доир ба омӯхтан, ҷамъбасту тарғиб намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва самаранокии он»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, ба муаллимон ёрии методӣ мерасониданд» [3, с. 36-37].

Агар ба таърихи мактабу маорифи ноҳияи собиқ-Роштқалъа андаке пештар яъне дар солҳои 1944-1945-и замони Иттиҳоди Шуравӣ нигоҳ кунем, пас он вақт шумораи умумии тамоми мактабҳо ҳамагӣ 25 ададро ташкил дода, илова бар ин бар асари ҷанг онҳо на он қадар шароити хуби таҳсил доштанд [2, с. 96-101]. Он солҳо ҳам ба мактабҳои ноҳия ягон намуди ашёи таълимӣ воситаҳои лабораторӣ, техникӣ ворид нагардида, ҳатто мизу курсӣ намерасид.

Соли 1996 Ҳукумати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои рушди соҳаи маорифи вилоят 30-юми декабри соли 1996 қарор бо номи «Дар бораи Барномаи инкишофи маорифи вилоят» [5] қабул намуд, ки ин боиси рушди минбаъдаи маорифи вилоят ва ноҳияҳои он гардид.

Дар ин вазъияти хеле душвор идораи маорифи ВМКБ ба дастгирии ҳукумати ҷумҳурӣ, инчунин бо ёрии ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд чун кумитаи Ҳилоли Аҳмару Салиби Сурх, СММ ва Хазинаи Волоҳазрат Оғохони IV, барои мустаҳкам намудани базаи моддии мактабҳо, аз ҷумла таъмири муассисаҳои таълимӣ, ёрии моддӣ аз ҷумла расонидани маводи хӯрока ба талабагони мактабҳо кумаки худро расониданд.

Бар асари далоили болоӣ мавзуъро ҷамъбаст карда метавон гуфт, ки агарчи ноҳияи Роштқалъа аз минтақаҳои ҷангзадаи Тоҷикистон дур бошад ҳам, вале он ҳам ба бисёр мушкилиҳои моддӣ ва молиявӣ дар соҳаи маориф дучор шуда буд. Сабаби ҳамаи он мушкилоти солҳои аввали Истиқлолият дар соҳаи маориф, ки солҳои 1991-1996-ро дар бар гирифт, ҷанги шаҳрвандӣ ва муқовимати шадиди сиёсӣ дар кишвар буд. Бар асари он ҷанг дар соҳаи мактабу маориф танқисии молиявии муассисаҳои таълимӣ, кам гардидани маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф, кам гардидани маоши муаллимон, тарк намудани касби хеш, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан ё ба соҳаи дигар гузаштани баъзе муаллимон, фарсудаву хароб гаштани биноҳои таълимӣ ба амал омада буд.

Аммо бо мурури замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ин душвориҳои дар боло номбурдаро мардонавор бартараф намуда, ин амали ҳукумат боиси пешравии кори системаи маориф дар ноҳияи Роштқалъа гардид.

Адабиёт:

1. Эмомалӣ Раҳмон, Уфуқҳои истиқлол. Душанбе: «Ганҷ нашриёт» 2018, 224 с
2. Архиви давлатии ВМКБ, Ф. 130 ОП-1, д-15. 96-101 с.
3. Булбулов Ҷ., Омӯз ва омӯзон, Душанбе «Ирфон» 2014. 137 с.
4. Дадоҷонова М.**,** Истиқлолият ва рушди маорифи кишвар, Хабар /NEWS 30.09.2021 (Санаи истифодабарӣ: 05.01.2024, https://www.hgu.tj**)**
5. Масов Р., Пирумшоев Ҳ., Файзи истиқлол дар боми ҷаҳон, Душанбе «Дониш» 2011, 267 с.
6. Маводи электронӣ, сомонаи иҷтимоии YouTube//Ташрифи Ҷаноби Олӣ ба Бадахшон соли 1996 (Санаи истифодабарӣ: 25.03.2023).
7. Маҷмӯи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30.04.2004, ш.Душанбе (Санаи истифодабарӣ: 8-уми январи соли 2024, https://www.president.tj)

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.04.2002, ш.Душанбе. (Санаи истифодабарӣ: 24-уми декабри соли 2023, https://www.president.tj**,**)

10. Суханронии Президенти кишвар бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 01.09.2015, ш.Кӯлоб (Санаи истифодабарӣ: 10.01.2024, https://www.president.tj)

11. Суҳбат бо Давруқов Хусрав, 69 сола, муаллими собиқадор, аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сокини деҳаи Видоҷи ноҳияи Роштқалъа**,** сабти Худобердиев Р.Б., 10-уми декабри соли 2023.

12. Суҳбат бо Қарачаев Қарача, 77 сола муаллими собиқадор, аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сокини деҳаи Тусиён, сабти Худобердиев Р.Б., 25-уми ноябри соли 2018

13. Ширинбек Қ., Ғами омӯзгору шогирдро кӣ мехӯрад? //Рӯзномаи «Бадахшон» №-39 (9509), 24–уми сентябри соли 1993

ПРОБЛЕМАҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪАИ ВМКБ, с. 1991-1996)

Дар мақола нигоранда дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ, матбуоти даврӣ, душвориҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мисоли ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ дар солҳои 1991-1996 таҳлили илмӣ намуда, инчунин онро қисман бо замони душвори давраи ҶБВ (солҳои 1941-1945) муқоиса кардааст. Илова бар ин аз методи мусоҳиба бо кормандони собиқи идораи маорифи н.Роштқалъа фаровон истифода карда шудааст.

Агарчӣ ноҳияи Роштқалъа аз минтақаҳои ҷангзадаи Тоҷикистон дур бошад ҳам, вале он ҳам ба бисёр мушкилиҳои моддӣ ва молиявӣ дар соҳаи маориф дучор шуда буд. Сабаби ҳамаи он мушкилоти солҳои аввали истиқлолият дар соҳаи маориф, ки солҳои 1991-1996-ро дар бар гирифт, ҷанги шаҳрвандӣ ва муқовимати шадиди сиёсӣ дар кишвар буд. Бар асари он ҷанг дар соҳаи мактабу маориф танқисии молиявии муассисаҳои таълимӣ, кам гардидани маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф, кам гардидани маоши муаллимон, тарк намудани касби хеш, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан ё ба соҳаи дигар гузаштани баъзе муаллимон, фарсудаву хароб гаштани биноҳои таълимӣ ба амал омада буд. Аз ин сабаб он солҳо дар баъзе мактабҳои ноҳияи Роштқалъа муаллимон намерасиданд. Дар соли 1992 бо мақсади пешравии минбаъдаи кор дар ҳамаи самтҳо ноҳияи Роштқалъа аз ноҳияи Шуғнон ҷудо карда шуда, ба ноҳияи нави алоҳида аз сари нав табдил дода шуд.

Илова бар ин муассисаҳои таълимӣ дигар бо ҳезуму ангиштсанг чун дар замони шуравӣ дар соли таҳсили 1992-1993 таъмин намегардиданд, тирезаҳои мактабҳо асосан бо фанер, тунука, селофан маҳкам карда мешуданд. Вале чун синфхонаҳо гарм намешуданд толибилмон дар моҳҳои январ феврал иҷборан ба таътил бароварда мешуданд.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, н.Роштқалъа, вазъи душвори маорифи ноҳия дар солҳои 90-уми асри XX, кам гардидани маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф, кам шудани маоши муаллимон, тарк намудани касби муаллимӣ, ба муҳоҷирати меҳнати ё ба соҳаи дигар гузаштани баъзе муаллимон, фарсудаву хароб гаштани биноҳои таълимӣ, нарасидани муаллимон дар ноҳия, таътили иҷбории талабагон дар моҳҳои январ феврал.

ПРОБЛЕМЫ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ В ПЕРВЫЕ ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА ПРИМЕРЕ РОШТКАЛИНСКОГО РАЙОНА ГБАО 1991-1996 гг.)

В статье на основе архивных документов, научной литературы, периодической печати исследователь научно проанализировал трудности в сфере образования Республики

Таджикистан на примере Рошткалинского района ГБАО в 1991-1996 годах. А также частично сравнил его с тяжелыми временами Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). Кроме того, широко использовался метод интервью с бывшими сотрудниками управления образования Рошткалы.

Хотя Рошткалинский район находился далеко от охваченных войной регионов Таджикистана, он также столкнулся с множеством материальных и финансовых проблем в сфере образования. Причиной всех проблем в сфере образования в первые годы независимости, включавшие в себя 1991-1996 годы, стала гражданская война и острое политическое сопротивление в стране. В результате войны в сфере образования, финансового дефицита учебных заведений, сокращения государственного финансирования образования, сокращения зарплат учителей, оставления профессии, миграции части учителей или перехода в другую сферу, ветхости и разрушения учебных заведений. Из-за этого в некоторых школах Рошткалинского района в те годы ощущалась нехватка учителей. В 1992 году в целях дальнейшего продвижения работ по всем направлениям Рошткалинский район был выделен из Шугнанского района и преобразован в новый отдельный район.

Кроме того, учебные заведения перестали снабжаться дровами и углем, так как в советское время в 1992-1993 учебном году окна школ в основном закрывались фанерой, жестью и целлофаном. Однако, поскольку классы не отапливались, в январе и феврале школьники были вынуждены уйти на каникулы.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, ГБАО, р. Рошткала, тяжелое положение районного образования в 90-е годы XX века, сокращение государственного финансирования в сфере образования, сокращение заработной платы учителей, уход из педагогической профессии, миграция части учителей на работу или переход в другую сферу, ветхость учебных зданий, нехватка учителей в районе, обязательные каникулы студентов в январе и феврале.

PROBLEMS IN THE FIELD OF EDUCATION IN THE FIRST YEARS OF THE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (IN THE EXAMPLE OF THE ROSHTKALA DISTRICT OF THE GBAO 1991-1996 y.)

This article discusses the main issues of the problems in the field of education in the period of the independence of republic of Tajikistan. In the article, on the basis of archival documents, scientific literature, periodicals, the researcher has scientifically analyzed the difficulties in the field of education of the Republic of Tajikistan in the example of Roshtkala district of the GBAO for the period of 1991-1996, and also partially compared it with the difficult times of the Great Patriotic War (1941-1945). In addition, the method of interviews with former employees of the education department of Roshtkala was widely used.

Although Roshtkala district is far from the war-torn regions considered as a rural remote area of Tajikistan, it also faced many material and financial problems in the field of education. The cause of all the problems in the field of education during the first years of Independence, which included the years 1991-1996, was the civil war and intense political resistance in the country. As a result of the war in the field of education, the lack of financial support of educational institutions, reduction of state funding for education, reduction of teachers' salaries, leaving their profession, migration of some teachers or moving to another field, dilapidation and destruction of educational buildings took place.Due to this issue , there was a lack of teachers in some schools of Roshtkala district in those years.In 1992, in order to further advance work in all areas, Roshtkala district was separated from Shughnon district and transformed into a new separate district.

In addition to this, educational institutions were no longer supplied with wood and coal as during the Soviet time in the academic year 1992-1993, school windows were mostly closed with plywood, tin, and cellophane. However, since the classrooms were not heated, students were forced to go on vacation in January and February.

Keywords: The Republic of Tajikistan,GBAO, Roshtqala, the difficult situation of district education in the 90s of the XXth century:reduction of state funding in the field of education,

reduction of teachers' salaries, leaving the teaching profession, migration of some teachers to work or moving to another field, dilapidation of educational buildings, lack of teachers in the district,Compulsory vocations of students in January and February.

Маълумот дар бораи муаллиф: Худобердиев Розиқ Боронбекович - ассистенти кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев. Суроға: Тоҷикистон, 736000, ш.Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109. E-mail: roziqiboronbec1986@mail.ru Тел: (+992) 93 516 03 33

Сведения об авторе: Худобердиев Розик Боронбекович – ассистент кафедры истории и религиоведения Хорогского государственного университета имени М.Назаршоева. Адрес: Таджикистан, 736000, г.Хорог, улица Ш.Шохтемура 109. E-mail: roziqiboronbec1986@mail.ru Тел: (+992) 93 516 03 33

Information about author: **Khudoberdiev Roziq Boronbekovich**– assistant of the history and religious studies department of Khorog State University named after M.Nazarshoev. Address: 109, Sh. Shirinsho street, Khorog, 736000, Tajikistan. E-mail: roziqiboronbec1986@mail.ru Тел: (+992) 93 516 03 33

ТДУ: 930 (075.8)
М-65

УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДӢ: МАФҲУМ ВА МОҲИЯТ

Маҳмадсаид М.С., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Масъалаи усул яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳама гуна илм аст, зеро сухан дар бораи таълим додани чӣ гуна ба даст овардани дониши нав, чӣ гуна дар амал татбиқ кардани он меравад. Дар баробари ин, ин яке аз мушкилоти мураккабтарин аст, ки пеш аз омӯзиши илми объекти худ ва натиҷаи чунин омӯзиш аст. Он пеш аз омӯзиши объект аллакай аз он сабаб аст, ки муҳаққиқ бояд аз ибтидо миқдори муайяни усулҳо ва воситаҳои ба даст овардани дониши навро дошта бошад. Он натиҷаи омӯзиш аст, зеро дониши дар натиҷаи он бадастомада на танҳо ба худи объект, балки ба усулҳои омӯзиши он, инчунин ба татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар фаъолияти амалӣ дахл дорад. Гузашта аз ин, муҳаққиқ бо мушкилоти усул, аллакай ҳангоми таҳлили адабиёт ва зарурати тасниф ва арзёбии он рӯ ба рӯ мешавад [2, с. 46].

Истилоҳи «усул» дар ин маъно дар қисми аввали банди мазкур ҳам маҷмуи усулҳо, воситаҳо ва расмиёти таҳқиқи мафҳуми худро ва ҳам маҷмуи дониши мавҷударо ифода мекунад. Дар қисми дуюм истилоҳи «усул», аллакай ҳамчун маҷмуи амалҳое, ки ба татбиқи вазифаҳои дипломатияи иқтисодӣ равона шудаанд, шарҳ дода мешавад.

Дипломатияи иқтисодӣ усулҳои гуногуни омӯзиши падидаҳо ва равандҳои дахлдорро истифода мебарад. Одатан, онҳо дар илмҳои дигар: сиёсатшиносӣ, дипломатия, таърих, сотсиология ва ғайра таҳия карда шуданд. Дар асл, ин метавонад ҳама гуна усулҳое бошад, ки илм истифода мебарад: системавӣ, фаъолиятӣ, муқоисавӣ, таърихӣ, меъёрӣ-арзишӣ, функционалӣ, ки ба он таҳлили сохторӣ-функционалӣ, институтсионалӣ, таҳқиқотӣ, эмпирикӣ ва ғайра [6, с. 22-26]. Бисёре аз онҳо ҳамчун усулҳо гурӯҳбандӣ шудаанд: таҳлили ҳолатҳо, экспликативӣ, пешгӯӣ, таҳлили раванди қабули қарорҳо ва ғайра.

Мақсади асосии мо ин аст, ки ба таври мухтасар бо усулҳои васеъ истифодашавандаи омӯзиши муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, ки метавонанд дар дипломатияи иқтисодӣ низ истифода шаванд, шинос шавем. Дар ин ҷо вазифаи таълим додани истифодаи онҳо гузошта намешавад, зеро барои ин тавсифи муфассали ин ё он усулҳо талаб карда мешавад, ки бо намунаҳои истифодаи мушаххаси онҳо дар корҳои

Компьютерные технологии используются для совершенствования методов и форм взаимодействия преподавателя со студентами, что изменяет структуру образовательного процесса и повышает его эффективность.

Решение каждой задачи в этом контексте рассматривается как исследование информационной модели, отражающей свойства реальных объектов. В рамках информационного обучения такие модели выполняют ключевые дидактические функции.

В данной работе использован опыт исследований, проведённых в Кулябском государственном университете имени А. Рудаки, а также Республиканским центром новых информационных технологий в образовании при Научно-исследовательском педагогическом институте Таджикистана. В этом центре разработан учебный курс по информационному моделированию, который направлен на изучение основ информатики с акцентом на ключевые методы этой дисциплины.

Автор курса предлагает включить информационное моделирование в программу подготовки преподавателей как для специальностей естественно-научного и математического профиля, так и для гуманитарных направлений. [13, с. 34]

Ключевые направления развития информатизации высшего профессионального образования

Анализ процессов информатизации высшего образования позволяет выделить несколько основных направлений:

❖ **Расширение системы компьютерных коммуникаций** для обеспечения доступа к информационным ресурсам глобальных сетей и интеграции в мировое образовательное пространство.

❖ **Совершенствование информационной инфраструктуры университетов** с целью создания современной технической базы, необходимой для внедрения информационных технологий в учебный процесс.

❖ **Обновление содержания учебных программ** с широким использованием современных информационных технологий в подготовке специалистов разных направлений — от естественно-научных и технических до гуманитарных.

Требования к внедрению информационных технологий в учебный процесс

Наше исследование показало, что внедрение информационных технологий требует:

- обновления научно-методической базы образовательных учреждений;
- обеспечения университетов современными вычислительными и телекоммуникационными средствами;
- разработки и внедрения современных методов повышения эффективности обучения;
- научно-методической поддержки использования компьютерных систем обучения и контроля знаний.

Возможности информационных технологий в образовании

Использование новых информационных технологий в образовании открывает следующие возможности:

✓ улучшение качества отбора содержания учебных программ и обеспечение высокого уровня преподавания информатики;

✓ повышение эффективности обучения за счёт индивидуализации образовательного процесса и регулирования взаимодействия участников;

✓ развитие научного мышления;

✓ улучшение управления образовательным процессом, включая планирование, организацию и контроль;

✓ совершенствование образовательных технологий.

Цели современной дидактики в условиях информатизации

Современная дидактика в условиях информатизации ставит перед собой следующие задачи:

1. Определение структуры и объёма содержания образования, соответствующих уровню развития информационного общества и интеллектуальным возможностям студентов.
2. Выявление индивидуальных способностей студентов к познанию закономерностей окружающей среды.
3. Разработка методов и форм обучения, соответствующих возможностям студентов и современным стандартам подачи и получения знаний.

Преимущества использования информационных технологий

Эти цели наиболее эффективно достигаются с использованием информационных технологий как средства познания и самообучения. Новые образовательные средства значительно превосходят традиционные методы по своим возможностям и разнообразию. Они способствуют:

- улучшению качества усвоения знаний;
- развитию самостоятельного мышления;
- экономии времени на изучение учебных материалов.

Информационные технологии предоставляют доступ к обобщённым базам данных и позволяют отображать информацию различного типа в удобной форме на экране

компьютера. Для их эффективного применения необходим комплексный методический подход, направленный на развитие интеллектуального потенциала студентов.

Наш анализ использования информационных технологий показывает, что их основная ценность заключается не в поддержке традиционных методов обучения, а в формировании разнообразных методик, направленных на развитие интеллектуального потенциала студентов.

Тем не менее важно отметить, что многие преподаватели информатики до сих пор используют аксиоматический метод, предполагающий сначала изучение теории, а затем её применение на практике. Однако этот метод не всегда эффективен для базовых курсов, которые преподаются всем студентам.

Более предпочтительным считается логико-генетический метод, при котором новый материал постепенно вводится в процессе обучения, а компьютер используется для наглядной визуализации информации, что делает обучение более доступным для студентов. Исключение составляют темы, требующие глубокого теоретического изучения и обобщения, где традиционные методы всё ещё остаются актуальными.

Другим важным методическим принципом является обучение через решение задач. Именно в процессе решения задач по обработке информации студенты осваивают практические навыки работы с программами и функциональными возможностями компьютеров. Система задач с постепенно возрастающей сложностью позволяет преподавателю поэтапно знакомить студентов с новыми средствами и функциями информационных технологий.

В современных условиях, когда развитие информационных технологий происходит с высокой скоростью, использование инновационных методик в образовательном процессе становится приоритетным. Анализ методов обучения, особенно в дисциплине «Информатика», показывает, что внедрение разнообразных подходов, таких как метод проектов и обучение через решение задач, не только повышает уровень усвоения знаний, но и способствует развитию творческого мышления и практических навыков, включая работу с современными технологиями.

Использование логико-генетического метода, направленного на пошаговую подачу материала с помощью моделирования и визуализации, делает процесс обучения увлекательным и эффективным. В то же время традиционные подходы, основанные на глубоком теоретическом изучении, сохраняют свою актуальность в обучении сложным темам.

Таким образом, вовлечение студентов в качестве активных участников образовательного процесса с применением инновационных методов и информационных технологий способствует улучшению качества образования, развитию навыков сотрудничества, анализа, обсуждения и самообучения. Для образовательных учреждений важно обеспечить необходимую инфраструктурную базу и обновить учебные программы в соответствии с требованиями информационного общества.

Итак, правильный подход к использованию информационных технологий и современных педагогических методов формирует основу конкурентоспособности будущих специалистов, готовя их к профессиональной деятельности на рынке труда.

Литература:

1. Белоусова И.Д. Базовый инструментарий разработки основных образовательных программ в парадигме компетентностного подхода (на примере информационных систем) / И.Д. Белоусова // Международный журнал экспериментального образования. – 2013. – № 10-1. – С. 12-15.

2. Ефимова И.Ю. Использование информационных технологий для осуществления межпредметных связей / И.Ю. Ефимова, О.О. Веремеенко // Сборник научных трудов Sworld. – 2013. Т. 27. – № 4. – С. 53-56.

3. Каримова И.Х. Культура-источник гуманизма. - Душанбе, 1998. - 165с.

4. Кодиров К., Мирзоев А. Дидактические аспекты применения информационных технологий обучения в вузе. - Душанбе, 2006.- 136с.

5. Махмутова М.В. Сочетание традиционной и дистанционной технологий обучения в процессе подготовки ИТ-специалистов в вузе / Г.Р. Махмутов, М.В. Махмутова // Вестник компьютерных и информационных технологий. – 2010. – № 8. – С. 52-56.

6. Мовчан И.Н. О роли контроля в учебной деятельности студентов / И.Н. Мовчан // Сборник научных трудов Sworld. – 2007. Т. 15. – № 4. – С. 3-4.

7. Мовчан И.Н. Педагогический контроль информационной деятельности студента вуза в процессе профессиональной подготовки: автореф. дис. … канд. пед. наук / Мовчан Ирина Николаевна; Магнитогорский ГУ. – Магнитогорск, 2009, – 24 с.

8. Мовчан И.Н. Структура и содержание информационной деятельности студентов вуза / И.И. Мовчан // Информатика и образование. – 2009. – № 6. – С. 112-114.

9. Савельева Л.А. Мониторинг самостоятельной работы студентов по информатике / Л.А. Савельева // Сборник научных трудов Sworld. – 2010. Т. 26. – № 4. – С. 47-49.

10. Современный словарь по педагогике / Сост. Е.С. Рапацевич. – Мн.: Современное слово, – 2001. – 928 с.

11. Шарипов Ф. Интегрированное обучение: проблемы, поиски, размышления. В 2-х частях. Душанбе: изд. Маориф, 1999, 2000. - 120с. +135с.

12. Шарифов Дж. Повышение эффективности самостоятельной работы студентов. - Куляб, 1987. - 34с.

13. Шарифов Дж. Шарифов И. Самостоятельная работа студентов как средство специальной подготовки будущих учителей. - Душанбе: Маориф, 1997.-80с.

14. Шарифов И. Активизация познавательной деятельности студентов: Учеб. пособие для преподавателей вузов. /Под ред. Т.А. Шукурзод. - Курган-Тюбе, 2007. - 145с

15. Шарифов И. Активизация познавательной деятельности студентов: Учеб. пособие для преподавателей вузов. /Под ред. Т.А. Шукурзод. - Курган-Тюбе, 2007. - 145с.

16. Эль-Амин Мухаммед Абдалла Халафалла. Педагогические условия формирования готовности будущего учителя к компьютеризации учебно-воспитательного процесса. Автореф. дисс. канд. пед. наук. Ходжент, 2007. - 22с.

МЕТОДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАННИ ИНФОРМАТИКА ДАР МАКТАБҲОИ ОЛӢ: АЗ НАЗАРИЯ ТО АМАЛИЯИ ИТТИЛООТӢ

Дар мақола масъалаи истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар таълими информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ шудааст. Таъкид шудааст, ки ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва амалӣ дар донишҷӯён мусоидат менамояд.

Муаллифон усулҳои гуногуни таълимӣ, аз ҷумла усули лоиҳаҳо, усули ҳалли масъалаҳо ва усули логико-генетикиро барои баланд бардоштани самаранокии таълим тавсия медиҳанд.

Мақсад аз истифодаи чунин усулҳо омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат ва таъмини сифати баланди таълим бо истифодаи воситаҳои иттилоотӣ мебошад.

Калидвожаҳо: инноватсия, технологияҳои иттилоотӣ, информатика, таълим, таҳсилоти олӣ, усули лоиҳаҳо, усули логико-генетикӣ, малакаҳои иттилоотӣ, малакаҳои амалӣ, омӯзиши инфиродӣ, моделсозӣ, таҳлил, худомӯзӣ, малакаи коммуникатсия, раванди таълим, сифати таълим, донишҷӯён, омӯзгорон.

ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ В ПРЕПОДАВАНИИ ИНФОРМАТИКИ В ВУЗАХ: ОТ ТЕОРИИ К ПРАКТИКЕ ИНФОРМАТИЗАЦИИ

В статье рассматривается внедрение инновационных методов в преподавании информатики в высших учебных заведениях.

Авторы отмечают, что использование информационных технологий в образовательном процессе способствуют формированию у студентов аналитических, творческих и практических навыков. Особое внимание уделяется проектному методу и логико-генетическому подходу, которые способствуют улучшению интеллектуальных и практических умений студентов.

Цель статьи – повышение качества образования и подготовка конкурентоспособных специалистов в условиях развития информационного общества.

Ключевые слова: инновация, информационные технологии, информатика, обучение, высшее образование, метод проектов, логико-генетический метод, информационные навыки, практические навыки, индивидуальное обучение, моделирование, анализ, самообразование, коммуникативные навыки, образовательный процесс, качество образования, студенты, преподаватели.

INNOVATIVE METHODS IN TEACHING INFORMATICS AT UNIVERSITIES: FROM THEORY TO THE PRACTICE OF INFORMATION TECHNOLOGY

The article discusses the implementation of innovative methods in teaching informatics at higher educational institutions.

The authors emphasize that the use of information technologies in the educational process contributes to the development of analytical, creative, and practical skills in students. Special attention is given to the project method and the logical-genetic approach, which enhance students' intellectual and practical abilities.

The aim of the article is to improve the quality of education and prepare competitive specialists in the context of an evolving information society.

Keywords: innovation, information technology, informatics, education, higher education, project method, logical-genetic method, information skills, practical skills, individual learning, modeling, analysis, self-education, communication skills, educational process, quality of education, students, teachers, educational institution.

Сведения об авторах: Холиков Амонулло Юлдошевич – ассистент кафедры методики преподования информатики факультета физики и математики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ.735360, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. тел: (992) 988 83-34-48

Сафарзода Мунир Ватан – кандидат педагогических наук, доцент Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Маълумот дар бораи муаллифон: Холиқов Амонулло Юлдошевич – ассистенти кафедраи методикаи таълими информатикаи факултети физика ва математика Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ.735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. тел: (992) 988 83-34-48

Сафарзода Мунир Ватан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, к. С.Сафаров-16. Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Information about the authors: Kholiqov Amonullo Yuldoshevich – assistant of department of method of the teaching informatics the faculty mathematics and physics of Kulob State University name after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT. 735360, Kulob, S. Safarov Street 16. tel: (992) 988 83-34-48

Safarzoda Munir Vatan – candidate of pedagogical sciences, associate professor at Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov st.-16. Tel.: Tel.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

ТДУ: 371.811 (575.3)

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ БАЪЗЕ ШАРОИТҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН

Шарифхоҷаев М., н.и.п., муаллими калон, Давлатов М.А., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Асоси низоми таҳсилотро ҷаҳонбинии илмӣ ташкил медиҳад, ки пеш аз ҳама, аз ниҳоди аввалиндараҷаи иҷтимоии таълим ва тарбия бармеояд. Яке аз масъалаҳои муҳимми рушди ҷомеаи муосир таълим ва парвариши одами ҳамқадами замон буда, ҷаҳонбинӣ бошад, сиришти онро ташкил медиҳад. Хусусияти ҷаҳонбинии илмӣ бо мавқеи фаъоли майли гуманистии шахсият-инкишофи ташаббуси фаъолияти коллектив, гурӯҳи иҷтимоӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, дар маҷмуъ халқ вобастагии зич дорад.

Ҳаёти имрӯза насли наврасро водор менамояд, ки вазифаҳои пешомадаи ҷомеаро амиқ дарк кунанд, ҷаҳонбинии устувори илмӣ, принсипнокӣ, маданияти баланди маънавию ахлоқӣ ва ҳисси масъулиятшиносиро дар худ беш аз пеш ташаккул диҳанд. Дар ин маврид, зарур аст, ки дар мазмун ва технологияи муосири таълим баланд бардоштани неруи зеҳнӣ мавқеи асосиро ишғол намояд.

Дар раванди корҳои таълимӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадор аст, ки хонандагонро бо дониш ва фаҳмиши мантиқан диалектикӣ доир ба табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонӣ мусаллаҳ намояд. Дар хонандагон зимни фаҳмиши олами воқеӣ ва қонуниятҳои инкишофи он, ҳамчунин боварию эътиқод, дарки баланду оқилона истифода бурдани захираҳои табиат, тағйир додани ҳаёти ҷамъиятӣ, аз худ намудани арзишҳои ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, манфиатҳои миллӣ, дифои сиёсати дохилию берунии ҷумҳурӣ ва ғайра сарфаҳм раванд.

Аз ин рӯ, мо кӯшиш намудем, ки дар ҷараёни таълим шароитҳо, роҳҳо, шаклҳо ва имкониятҳои дидактикиеро тавсия намоем, ки ба сифат ва самаранокии раванди ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии мактаббачагон мусоидат кунанд. Вале омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи омӯзгории муаллимон нишон дод, ки онҳо дар ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ роҷеъ ба ҷаҳонбинӣ, аз сабаби пурра ҳал нагаштани масъалаи мазкур дар илми педагогика дар ин самт ба душвориҳои гуногуни амалию дастурӣ дучор меоянд. Қисме аз омӯзгорон ақида доранд, ки шароитҳои асосии бомуваффақият ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ аз он иборат аст, ки агар дар мазмуни таълим асосҳои илмии ҷаҳонбинӣ ва зарурати азбар кардани онҳо ҷойгир шуда бошад, ё ташаккули маҳорат, баҳо дода тавонистан ба ашёву ҳодисаҳо ва имкониятҳои татбиқиашон хулосаҳои зарурӣ муҳайё бошад [2, с. 35]. Чунин муносибат дуруст бошад ҳам, вале барои амалӣ намудани масъалаи мазкур кифоя нест. Зеро дар раванди таълим то кадом андоза нақши ақидаҳо, эътиқод ва идеалҳо дар ташаккули ҷаҳонбинӣ муассиранд, номаълум мемонанд. Аз таҳқиқ бармеояд, ки самаранокии корҳои дар ин ҷода суратгирифта ба доираи васеи омилҳо, яъне истифодаи дурусти имкониятҳои таҷрибавии мазмуни фанҳои таълимӣ, шакл ва методҳои таълим, дониши мукаммали муаллим доир ба хусусиятҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, муносибатҳои дохилии хонанда ба таълим, сифати донишҳо, маҳорати истифодаи онҳо бо ҷаҳонбинӣ ва дар зимни онҳо сайқал додани ақидаҳо, боварию эътиқод ва идеалҳои шахсӣ, ки муайянкунандаи мавқеи зиндагии инсон мебошанд, вобастагӣ дорад. Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ба воситаи таҳлили ҳодисаҳои олам аз нигоҳи талаботи майлҳои ҷамъиятӣ, инчунин дарк намудани хеш, имкониятҳо ва мавқеи шахсӣ дар ҷомеа сарчашма гирифта, пеш аз ҳама, ба характери тарбиявӣ доштани таълим иртибот дорад. Бо ёрии ин инъикоси олами воқеӣ дар шуури хонанда тавассути ақидаҳо, боварию эътиқод ва идеалҳои ӯ дар фаъолияти ҳаррӯза ташаккул меёбад.

Қабл аз он, ки ба ҳалли масъала шуруъ намоем, зарур донистем, ки ба адабиёти асосӣ, ки ба мавзуъ бахшида шудаанд, такя намоем.

Аз ин рӯ, шароити аввалини самаранок ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии хонанда дар ҷараёни таълим аз фаҳмиши васеи муаллим доир ба вазифаҳои асосии таълим, алоқамандии онҳо, мазмун ва маҷмуи донишҳое, ки ба характери тарбиявидоштаи таълим кумак мерасонанд, маншаъ мегирад. Шароити дигари ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии хонандагон гузаронидани чорабиниҳои мақсадноки тарбиявӣ доир ба ташаккули ақидаҳо, боварӣ ва идеалҳои хонандагон маҳсуб мешавад.

Тамоюлоти шахсият ва фаъолнокии ҷамъиятии шахс на танҳо тавассути донишҳо ва таъсири муҳити беруна, балки ба чораҳо ва роҳҳои дарки шароитҳои зиндагии он низ вобастагӣ дорад. Барои ҳалли ташаккули ақидаҳо, боварию эътиқод ва идеалҳо чунин тарзи ташкил намудани раванди таълим талаб мекунад, ки донишҳои воқеӣ «моҳияти шахсӣ» пайдо кунанд [4, с. 58]. Дар ҳалли ин масъалаи дидактикӣ нақши фаъолгардонии донишҳои характери ҷаҳонбинидошта, истифодаи таҷрибаи зиндагии хонандагон, рушди маҳорати таҳлилии хонандагон ва баҳо дода тавонистан ба ҳодисаҳои ҳаётӣ ва муайян намудани муносибати онҳо ба воқеият ниҳоят муҳим аст.

Натиҷаи таҳқиқи илмӣ нишон дод, ки чӣ қадаре хонанда донишҳои худро зиёдтар дар амалия истифода карда тавонад, ҳамон қадар ташаккули маҳорати мақоисакунӣ ва ҷудо намудани ғояҳои асосӣ тақвият меёбад. Баръакс хонандагоне, ки аз истифодаи амалии онҳо баҳра набардошта бошанд, ҳамон қадар маҳорати ҷамъбасткунӣ ва баҳо додан ба раванди донишандӯзии онҳо суст ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, мо бештар дар дарсҳо аз машқҳои махсус ва супоришҳои мантиқӣ барои ташаккули маҳорати хонандагон ба кор бурда тавонистани донишҳои характери ҷаҳонбинидошта дар лаҳзаҳои мухталифи зиндагии онҳо васеъ истифода намудем. Зеро ташаккули ақидаҳои илмӣ талаб мекунанд, ки мусаллаҳ намудани хонандагон бо донишҳо ва маҳоратҳои ҷанбаи ҷаҳонбинидоштае, ки мазмуни маводи таълимиро ғанӣ мегардонанд, роҳандозӣ карда мешаванд [3, с. 74].

Инчунин, ташаккули маҳорати ба таври илмӣ таҳлил намудани ҳодисаҳо ва ашёҳо тавассути донишҳои системанок таҳкими маҳоратҳое, ки барои баровардани хулосаҳои ҷанбаи ҷаҳонбинидошта, ҳимоя карда тавонистани нуқтаи назар ва идора карда тавонистани фаъолияти фардӣ заруранд, истифода мешаванд.

Азбаски фаъолияти маърифатии хонандагон воситаи муҳимми ташаккули ақидаҳо ва эътиқод ҳисоб мешавад, мо дар рафти гузаронидани дарсҳои таҷрибавӣ таваҷҷуҳи асосиро на танҳо ба азхудкунии донишҳо, балки ба он бештар равона кардем, ки хонандагон ба ҳодисаҳо баҳои дуруст диҳанд, дар робита бо ин муносибати эмотсионалии худро зоҳир карда метавонанд ва ниҳоят далелҳоро мустақилона таҳлил мекунанд. Ин дар навбати худ моро водор намуд, ки дар ҷараёни таълим сатҳ ва дараҷаи чунин инкишофи ақидаҳои хонандагонро муқаррар намоем ва онҳоро ба инобат гирем. Дараҷаи поёнро хонандагоне ташкил намуданд, ки дар баҳо додан ба ҳодисаҳои ҳаррӯза ба далелҳои илмии асоснокшуда такя намекунанд.

Дар зинаи дуюм-дараҷаи миёна хонандагон ба ҳодисаҳои зиндагӣ аз нигоҳи илмӣ баҳогузорӣ мекунанд, вале ба ҷиҳатҳои ҷузъиву кулл диққати зарурӣ намедиҳанд.

Дар зинаи сеюм-баланд, хонандагон ба ҳодисаҳо на танҳо дурусту асоснок баҳо медиҳанд, балки хулосаҳоро қайд ва равшан намуда, муносибати худро ба воқеияти ҳаррӯза муқаррар месозанд. Ба гурӯҳҳо ҷудо намудани ҳаводис имконият медиҳад, ки ба инкишофи ақидаҳои хонандагон мақсаднок таъсир расонида, бурду бохти дарсро дар ҳалли масъалаи мазкур муайяну мушаххас намоем.

Бояд тазаккур дод, ки ҷаҳонбинии илмӣ, пеш аз ҳама, бинишу нигаришест, ки ба принсипҳои асосии кашфиёти илмӣ мухолифат карда, ҳамеша ба ҳақиқати таҷрибаи чандинкарата санҷидашуда ва исботгашта такя мекунад. Зеро ҷаҳонбинии илмӣ мисли дигар ҷаҳонбиниҳо-асотирӣ, динӣ, фалсафӣ муродифи ҳақиқат набошад ҳам, майли наздикшавӣ ба вай дошта, нишон додани ҳар гуна руҳияи инсонӣ мебошад. Агар ҷаҳонбинии муқаррарӣ дар ҳадафмандии худ тахмин ё фарзияро пеша кунад, ҷаҳонбинии илмӣ мантиқан исбот шудааст. Он на танҳо сарчашмаи аз худ намудани донишҳо ба ҳисоб меравад, балки воситаест, ки

донишҳо санҷида мешаванд. Аз ин рӯ, мо кӯшиш мекунем, ки дар рафти таҳқиқ дурустӣ ва асосноккунии ақидаҳои хонандагонро санҷида бароем.

Таҳқиқ нишон дод, ки 55,5% хонандагони синфҳои болоӣ барои дарки ҳақиқати воқеӣ далелҳоро зарур мешуморанд, 34,7% хонандагон далелҳои умумии собиткунандаи ҳақиқатро зарурдошта меҳисобанд ва фақат 10,3% боқимонда, изҳор карданд, ки далелҳои махсус муҳим нестанд, ба шарте онҳо аз тарафи одамон маъмулан пешниҳод шуда бошанд ё далелҳо ба таври васеъ паҳн гашта бошанд.

Ҷараёни табдилёбии донишҳо ба эътиқоди шахсӣ на танҳо ба донишҳои илмӣ вобастагӣ доранд, балки раванди мазкур ба ташаккули зиндагии минбаъдаи шахсият ва муҳити атроф, талабот ва майлу рағбати ӯ низ алоқамандии зич дорад. Аз ин чунин хулосаи муҳимми амалӣ баровардан мумкин аст, ки ташаккули эътиқод таносуби тафриқавӣ ва фардиро тақозо мекунад. Бо вуҷуди нишон додани раванди мазкур дар ҷараёни ботинии шахсият пӯшида ва ноаён буда, танҳо амали шахс нишондиҳандаи он аст, ки барои назорати эътиқод дар даврaҳои мухталифи ташаккулёбии он бояд аз мадди назар дур намонад.

Ташаккули идеалҳо низ хусусиятҳои шахсии хешро дошта, асосан аз инҳо иборатанд:

-аз рӯи мазмуни маводи таълимӣ инкишоф додани ғояҳои ҷамъиятӣ дар роҳи бунёди давлати демократӣ ва эҳсос намудани зарурати мубориза баҳри устувории идеалҳои ҷомеаи мазкур;

-дар ташаккули равиянокии шахсият дарки таносуби татбиқи талабот, ормонҳои шахсӣ ва идеалҳои ҷамъиятӣ;

-дарки зарурат ва имкониятҳои мушаххаси одами имрӯза дар ба даст овардани мақсаду ормонҳои аҳаммияти ҷамъиятидоштае ифода мешавад, ки дар назди вай меистад [2].

Афзалияти ташаккули ақидаҳо, эътиқод ва идеалҳо ва пеш аз ҳама, бо идора ва роҳбарӣ намудани ҷараёни мазкур вобастагӣ дорад, дар сурате, ки бояд чунин лаҳзаҳои дидактикиро ба инобат гирем:

-то кадом андоза дар дарсҳо далелҳои воқеӣ, қонунҳо, принсипҳо, ки воситаи муҳимми ташаккули ақидаю боварӣ маҳсуб мешаванд, ба инобат гирифта шуданд;

-ҳангоми таҳлили зуҳуроту ҳодисаҳо дар баровардани хулосаҳо чӣ қадар истиқлоли андеша нишон дода метавонанд;

-чи гуна муҳокимаҳои худро дар амал татбиқ мекунанд ва онҳоро асоснок карда метавонанд ё не, дар бораи дурусту ҳаққонӣ буданашон тавассути бархурии нуқтаи назарҳо, ва консепсияҳо кӯшиш мекунанд ё не.

Шароити дигари баланд бардоштани сифати ташаккули ҷаҳонбинӣ дар мактаб ба инкишофи мотивҳои таълимӣ вобаста аст. Дар рафти таҳқиқ мо инҳоро дар робита бо вазифаҳои маърифатӣ бошад, шиносоӣ бо мотивҳои маърифатӣ-ҷамъиятӣ лозим шуда, барои вазифаҳои баҳодиҳӣ-идоракунӣ бошад, мақсадҳои коммуникативӣ муҳим гашт, чунки онҳо ба талаботи роҳбарӣ намудани фаъолияти онҳо алоқаманд буда, ба воситаи вазифаҳои мазкур худтакмилдиҳии хонандагон таъмин мегардид. Вазифаҳои амалии муассиркунанда бошад пеш аз ҳама, бо сабабҳои масъулиятшиносӣ дар кору рафтор ва кӯшишҳои минбаъда алоқаманд аст, ки онҳо зарурати махсус пайдо мекунанд.

Дар таҳқиқ доираи намудҳои мотиватсияи зерини хонандагон истифода карда шуд:

-муносибати фардӣ дар ҷараёни таълим ба мақсади омӯзиши талабот ва майлу рағбати мушаххаси хонандагон;

-муносибати тафриқавӣ бо мақсади такя намудан ба дараҷаи инкишофи талаботу майлҳои ба ин синну соли гурӯҳ алоқаманд;

-муносибати ҷамъиятӣ, яъне дар ҷараёни таълим талаботу майлҳое парвариш меёбанд, ки имкониятҳои талаботу майлҳои ҷамъиятиро таҷассум карда бошанд [2].

Дар ин маврид методҳои фаъоли таълим, дарс-суҳбатҳо, машғулиятҳои семинарӣ, дарс-вохӯриҳо, дарсҳои экскурсионӣ нақши муҳим бозиданд.

Азбаски ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ҳамчун ҷараёни педагогӣ дар хонандагон ба вуҷуд овардани ғояҳои методологиро тақозо мекунанд ва хусусияти интегративӣ дорад, алоқамандии байни фанҳои таълимӣ хеле зарур аст.

Бояд қайд кард, ки фанҳои таълимие, ки санъатро меомӯзанд дар ташаккули ҷаҳонбинӣ нақши бузург доранд. Кулли мафҳумҳои дар фанни адабиёт омӯхташаванда давоми мантиқии худро дар фанҳои таърих, мусиқӣ ва санъати тасвирӣ меёбад. Ба хотири дар амал татбиқ намудани таъйиноти мазкури фанҳои номбурда мафҳумҳои «муносибати этикетӣ», «алоқаи муносибатҳои этикетӣ бо ахлоқ ва меҳнат», «ақидаҳои этикетӣ», «ормонҳои этикетӣ», инчунин «алоқаи органикии санъат бо ҳаёти ҷамъиятӣ», «нақши санъат дар дигаргунсозии ҷомеаи демократӣ», «тасвири бадеӣ ҳамчун шакли махсуси инъикоси воқеият дар санъат», «ягонагии шакл ва мазмуни меъёри муҳимми бадеӣ», «намудҳои санъат», ва ғайраро ҷудо намуда, тавсия додем, ки муаллимон аз имкониятҳои фанҳои хеш бо такя ба дастовардҳои ин фанҳо моҳияти мафҳумҳоро дастраси хонандагон гардонанд.

Имкониятҳои зикршударо ба инобат гирифта, мо дар рафти таҳқиқ ба лаҳзаҳои зерини дидактикӣ таваҷҷуҳи омӯзгоронро равона намудем: ташкил намудани майли фаъолияти якҷояи омӯзгорон дар ташаккули мафҳумҳои марказии умумиэстетикӣ; ба барномаҳо ва китобҳои дарсӣ илова намудани мафҳумҳое, ки аҳаммияти муҳимми ҷаҳонбинӣ доранд, пеш аз ҳама, «идеали эстетикӣ», «табъи эстетикӣ» коркард ва роҳандозии принсипҳои ягонаи истифодаи санъат дар ҷараёни таълим.

Чунинанд баъзе натиҷаҳое, ки мо дар раванди таълим бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон истифода намудем.

Адабиёт

1. Иванов В.П. Мировоззренческая культура личности (философские проблемы формирования). Киев: Науково думка, 1986.-292с.
2. Клустер Д. Что такое критические мышление?// Перемена, 2001, №4.-с. 35-40.
3. Кукушкина Е.И., Логунова Е.Б. Мироззрение, понятие, практика.-М., 1989.-148с.
4. Лутфуллоев М. Андешаи миллӣ ва тарбияи он.- Душанбе: «Собириён». 2010-112с.
5. Леоньтев А.Н. Потребности, мотивы и эмоции.- М., 1981-346с.
6. Овчинников В.С.-Мировоззрение как явление духовной жизни общества.-Л., 1978.-237с.
7. Шинкарук В.И., Иванов В.П. Актуальные вопросы исследования мировоззренческой функции диалектического материализма. Вопросы философии, 1981, №2.-с.49-56.

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ БАЪЗЕ ШАРОИТҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола муаллифон асосан ба шароитҳои мусоиди дидактикии баланд бардоштани сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дахл намуда, роҳҳои татбиқи онҳоро дар раванди таълиму тарбия нишон доданд, аз қабили баланд бардоштани сатҳу сифати ташаккули ҷаҳонбинӣ тавассути рашди ангезаҳои таълимӣ; дарку фаҳми васеи омӯзгор ба вазифаҳои асосии таълим, алоқамандии онҳо, мазмун ва маҷмуи донишҳое, ки ба характери тарбиявии таълим кумак мерасонанд; гузаронидани чорабиниҳои мақсадноки тарбиявӣ доир ба ташаккули ақидаҳо, боварӣ ва идеалҳои хонандагон шомил мешаванд.

Калидвожаҳо: ташаккул, ҷаҳонбинӣ, илм, таълим, шароит, дидактика, рушд.

НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДИ О ФОРМИРОВАНИИ НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ

В статье авторы преимущественно затронули благоприятные дидактические условия для повышения уровня сформированности научного мировоззрения учащихся, а также показали пути их применения в образовательном процессе, такие как повышение уровня и качества формирования мировоззрения через развитие учебной мотивации; широкое

понимание учителем основных задач образования, их связи, содержания и совокупности знаний, обусловливающих образовательный характер образования; проведение целенаправленной образовательной деятельности, связанной с формированием у учащихся взглядов, убеждений и идеалов.

Ключевые слова: формирование, мировоззрение, наука, образование, условия, дидактика, развитие.

SOME VIEWS ON THE FORMATION OF SCHOOLCHILDREN'S SCIENTIFIC WORLDVIEW

In the article, the authors mainly touched upon favorable didactic conditions for increasing the level of formation of the scientific worldview of students, and also showed ways of their application in the educational process, such as increasing the level and quality of formation of worldview through the development of educational motivation; a broad understanding by the teacher of the main tasks of education, their connection, content and totality of knowledge that determine the educational nature of education; conducting targeted educational activities related to the formation of opinions, beliefs and ideals in students. In the article, the authors mainly touched upon favorable didactic conditions for increasing the level of formation of the scientific worldview of students, and also showed ways of their application in the educational process, such as increasing the level and quality of formation of worldview through the development of educational motivation; a broad understanding by the teacher of the main tasks of education, their connection, content and totality of knowledge that determine the educational nature of education; conducting targeted educational activities related to the formation of opinions, beliefs and ideals in students.

Keywords: formation, worldview, science, education, conditions, didactics, development.

Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифхоҷаев Мирзохуҷа, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷ.Т., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров – 16.

Давлатов Мирали Абдусамадович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷ.Т., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров – 16. Тел.:985249224, 980000054.

Сведение об авторах: Шарифходжаев Мирзохуджа, кандидат педагогических наук, старщий преподаватель кафедры гуманитарных наук и методы их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, г. Куляб, ул. С. Сафарова - 16.

Давлатов Мирали Абдусамадович, кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, г. Куляб, ул. С. Сафарова - 16. Тел.: 985249224, 980000054.

Information about the authors: Sharifkhodjaev Mirzokhuja, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the department of humanities and methods of teaching at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki**.** Address: 735360, Kulob, S. Safarova str. - 16.

Davlatov Mirali Abdusamadovich, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of psychology of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Kulob, S. Safarova str. - 16. Tel.:985249224, 980000054.

ТДУ:37+316 (075.8)
А-2

АЛОҚАИ БАЙНИФАННИ ҲАМЧУН ШАРТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Қудратзода А.М., ректори ДОТ ш. Панҷакент
Ансоров Н.Н., роҳбари шуъбаи ТНМУ-и ДОТ ш. Панҷакент
Шингисбаев Б.М., н.и.ф., дотсент, Донишгоҳи Чимкент, Ҷумҳурии Қазоқистон
Худойназаров М., декани шуъбаи ғоибонаи ДОТ ш. Панҷакент
Азимов Х.Ҳ., н.и.т., дотсент, муовини директори
Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ

Дар таърихи табиатшиносии илмӣ давраи тафриқаи илмҳо солҳои зиёд давом кард, ки дар ин давра субъектҳои таҳқиқоти илмӣ ҳудуд муайян карда мешуданд. Маҳдудияти объектҳои дониш ба ҳар як илм имкон дод, ки онҳоро каму беш муфассал, вале асосан аз берун, бидуни ворид шудан ба сохтори ботинӣ ва қонунҳои асосӣ, бидуни мушоҳидаи таъсири мутақобилаи ҷисмҳо, равандҳо ва падидаҳои табиии ҳамдигар, ки объективӣ дар байни ҷисмҳо ва ҳодисаҳои табиат вуҷуд дорад.

Ин парокандагӣ муддати тулонӣ давом карда, монеаҳои муайяне ба вуҷуд оварда, ки илмҳои табиатшиносиро аз ҳам ҷудо мекард, инкишофи прогрессивии онҳоро ба таъхир меандохт, вале дар айни замон барои ба ҳам наздик шудани донишҳои илмӣ дар бораи табиат, пайдоиши коғазҳои интегратсияи табиат заминаҳои объективӣ ба вуҷуд меоварда. Давраи ҳукмронии дифференсиалии донишҳои илмӣ бесамар набуд. Вай барои пешрафти минбаъдаи илмҳои табиатшиносӣ заминаи тавоно ба вуҷуд оварда, ҷамъ шудани миқдори зиёди маводи ҳақиқии илмиро таъмин намуд, ки ин барои чуқур омӯхтани он имконият ва зарурият пайдо кард. нимаи дуюми асри Х1Х маркази таҳқиқоти илмӣ оид ба табиат хеле тағйир ёфт. Объектҳои аз ҳам ҷудошудаи донишҳои илмӣ тадриҷан ба объектҳои умумии корҳои таҳқиқотии олимон – мутахассисони соҳаҳои гуногуни табиатшиносӣ табдил ёфта, кӯшиш мекунанд, ки ба қонуниятҳои дохилии ҷисмҳои табиӣ ворид шаванд, равандҳои тағйирёбӣ, инкишоф, инчунин зуҳури онҳоро равшан кунанд.

Муносибати нави олимон ба мавзуи дониши илмӣ ба он мусоидат кард, ки монеаҳое, ки илмҳоро аз ҳам ҷудо мекарданд, тадриҷан қувват ва бартарафнашавандагии худро гум карданд. Он нишон медод, ки дар баробари тамоюли дифференсиалӣ дар табиатшиносӣ ибтидои тамоюли нав — интегратсияи илмҳо ба вуҷуд меояд.

Баъдтар дар интегратсияи илмҳои табиатшиносӣ навъи дигари сифатан нав ва мураккабтар ба вуҷуд омад, ки боиси пайдоиши галактикаи илмҳо гардид. Сатҳ, ки илмҳои синтетикӣ номида мешуданд: биохимия, биофизика, биологияи молекулавӣ, кибернетика, информатика мазмуни онҳо мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳои се-чор илмҳои табиатшиносиро дар сатҳи олӣ ҷамъбаст мекарданд. Ин илмҳо маҷмуи амиқи донишҳоро дар бораи табиат ифода мекунанд, ки воридшавии назарраси олимонро ба қонунҳои ягонаи табиат таъмин мекунанд.

Агар ба вазъияти имрӯзаи табиатшиносии илмӣ назар афканед, он ҳамчун системаи мураккаби илмҳо пайдо мешавад, ки дар доираи он бисёр фанҳои илмӣ амал мекунанд. Аксарияти онхо объектҳои умумии донишҳои илмӣ дошта, пайваста бо ҳамдигар алоқа доранд.

Дар мактабҳои миёна асосҳои табиатшиносӣ таълим дода мешавад, зарур аст, ки ин фанҳои таълимиро ба системаи ягонаи донишҳои табиатшиносӣ на танҳо аз ҷиҳати усулҳои таълиму тарбия, балки аз ҷиҳати мазмун ва ҷойгиршавӣ дар барномаи таълимии мактаб ҳам мувофиқ созанд. Курсҳои мактабҳои физика, математика, биология ва химия бояд асосҳои нави табиатшиносии ҳозиразамонро нишон диҳанд. Бо дарназардошти чунин шароит, онҳо метавонанд дар дониши хонандагон дар бораи табиат ҳамчун як ягонагии ҷудонашаванда

саҳм гузоранд. Азхуд кардани мазмуни фанҳои табиатшиносии таълимӣ ба мактаббачагон таъсири мусбат мерасонад, агар ин вазифа ҳангоми татбиқи алоқаҳои байнисоҳавӣ хамчун шарти зарурии таълимию дидактикӣ иҷро карда шавад.

Аз робитаҳои байнисоҳавӣ мо инъикоси он муносибатҳои диалектикиро дар мазмуни фанҳои таълимӣ мефаҳмем, ки дар табиат объективӣ амал мекунанд ва ба илмҳои муосир маълуманд. Мо робитаҳои байнисоҳавиро бо робитаҳои байнифаннӣ баробар мешуморем.

Мафҳуми «пайванди байни фанҳо» ба маънои васеи калима абстрактист, аммо онро дар шакли диаграммаҳои умумӣ: графикҳо, харитаҳо ва дигар нишондиҳандаҳои моддикунонидашуда мушаххас кардан мумкин аст, ки онҳоро ҳамчун модели алоқаҳои байнисоҳаҳо ҳисоб кардан лозим аст. [2, с. 31]

Вобаста ба раванди таълим робитаҳои байнифанӣ ҳамчун шарти дидактикӣ амал мекунанд, ки ба баланд бардоштани моҳияти илмӣ ва дастрасии таълим, ба таври назаррас баланд бардоштани фаъолияти маърифати хонандагон, баланд бардоштани сифати дониши онҳо ва рушди босамари дониши хонандагон мусоидат мекунад.

Татбиқи онҳо имкон медиҳад, ки сохтори маводи таълимӣ ва умуман раванди таълим аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар муайян карда шавад, шавқу ҳаваси илмӣ ба амалӣ гардонидани алоқаҳои байнисоҳавӣ хеле фаъол мешавад. Муаллифони ин асарҳо бо равишҳои принсипан муҳим дар шарҳи ҳам худи проблема ва ҳам ҷузъҳои таркибии он фарқ мекунанд. Муаллифони баъзе нашрияҳо ва рисолаҳои номзадӣ чунин ақида баён мекунанд, ки робитаҳои байнифаннӣ шарти дидактикӣ набуда, балки принсипи дидактика мебошанд. Бояд гуфт, ки дар ин бора касе таҳқиқи махсус нагузарондааст. Аммо омӯзиши таҷрибавии таъсири робитаҳои байнифаннӣ дар курсҳои физика, химия, биология, математика нишон медиҳад, ки робитаҳои байнифанниро аз рӯйи моҳият ва вазифаҳои худ ба принсипҳои таълим нисбат додан мумкин нест, яъне эътироф кардан мумкин аст, ки онҳо яке аз фанҳои асосиро ифода мекунанд. Принсипҳои роҳбарикунандаи назарияи педагогӣ, ки ба тамоми раванди таълим дар маҷмуъ дахл доранд, ба ҳама фанҳои таълимӣ дахолат мекунанд.

Мо чунин мешуморем, ки бо вуҷуди гуногун будани вазифаҳояшон алоқаҳои байни фанҳо ба раванди педагогӣ таъсири умумибашарӣ намерасонанд. Ба андешаи мо, ИМС ҳамчун ҷузъи зарурӣ ба мазмуни принсипи дидактикии таълими системавӣ дохил карда шудааст. Тавсифи муфассали робитаҳои байнифаннӣ дар «Педагогика»-и олимони барҷаста - Н.И. Болдирев, Н. Бонгарев, Б.П. Есинов, Ф.Ф. Королев шарҳи худро ёфтааст. Шарҳи мухтасари робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун ҷузъи принсипи таълими системавӣ дар «Педагогика», таҳрири Г.И. Шукина ва дар «Педагогика», ки муаллифи он Т. Ильина мебошад баррасӣ гардидаанд. Дар ин асарҳо сарфи назар аз мухтасар будани тавсифи вазифаҳои алоқаҳои байни фанҳо комилан боварибахш гуфта мешавад, ки робитаҳои байнифанҳо принсипи дидактика нестанд.

Азбаски робитаҳои байнилоиҳавӣ дар вазифаҳои худ характери гуногун доранд, онҳо бояд гурӯҳбандӣ карда шаванд. Мо аз рӯйи меъёри замон таснифи пайвандҳои байни афзалиятнокро риоя мекунем, зеро онҳо пай дар пай вақтро инъикос мекунанд ва ба ин муносибат байни пайвандҳои ҳампайванд, пештара ва ояндадор фарқ мекунанд. Равшан аст, ки ин се намуди пайванди хронологӣ аз ҷиҳати эътиборнокӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Пайвастҳои вобаста ба муҳлати кӯтоҳ — 1—2 соли таҳсил, гузашта — 2—3 соли таҳсил, муҳлати дароз — 4—6 сол эътибор доранд.

Бояд гуфт, ки чунин омили мураккаби дидактикӣ, монанди робитаи байнифанҳоро танҳо бо мурури замон амалӣ кардан мумкин нест. Бисёре аз муаллифон робитаҳои байнисоҳавӣ низ вобаста ба меъёри иттилоотие, ки бо мундариҷаи фанҳои таълимӣ муайян карда мешаванд, фарқ мекунанд. Маълум аст, ки мундариҷаи фанҳои таълимӣ далелҳо, мафҳумҳо ва назарияҳои илмиро дар бар мегиранд. Онҳо мундариҷаи маводи таълимиро ташкил медиҳанд, ки онро хонандагон дар синф аз худ мекунанд. Далелҳо барои консепсияҳо дастгирии зарурӣ нестанд; мафҳумҳо асоси хулосаҳои назариявӣ ва умумикуниро муайян мекунанд.

Бинобар ин, се намуди робитаҳои байнифанӣ ҷудо карда мешаванд: фактӣ, консептуалӣ ва назариявӣ. Ин навъҳои алоқаҳо муайян мекунанд: а) дарки амиқ ва васеътари мафҳумҳои воқеиро аз ҷониби хонандагон; б) ташаккули самараноки мафҳумҳои илмӣ; в) азхудкунии бошууронаи назарияҳое, ки ба мазмуни ҳар як фанни табиатшиносии омӯхта мешавад.

Инчунин бояд гуфт, ки робитаҳои байнисоҳавӣ ҷанбаи сохторӣ низ доранд. Истифодаи онҳо имкон медиҳад, ки сохтори нақшаи таълимӣ ва барномаҳои китобҳои дарсӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар муайян карда шавад, ки ин табиист, ки ба ратсионализатсияи тамоми таълими табиатшиносӣ мусоидат мекунад.

Баъзе муаллифон бар ин назаранд, ки робитаи байнифаннӣ мутобиқати унсурҳои мундариҷаи маводи таълимӣ мебошад. Масалан, агар мазмуни программаи физика дар синфи 7 ва дар программаи химия дар синфи 8 мафҳуми сохти молекулавӣ ва атомии моддаро дар бар гирифта бошад, пас ин алоқаҳои байни фанҳо мебошанд. Ин фикр хато аст, зеро чунин тасодуфҳо эпизодӣ буда, ба рушди пайвастаи донишҳои дорои хусусияти назариявии консептуалӣ мувофиқат намекунанд.

Як қатор робитаҳои байнисоҳавӣ ва дар ҳолати ҳозираи курсҳои физика, химия ва биология ба ташаккули як қатор консепсияҳои асосии табиатшиносӣ мусоидат мекунанд. Масалан, мафҳуми сохт ва хосиятҳои моддаҳои гуногун пай дар пай ва пурра инкишоф меёбад, зеро он дар дарсҳои физика (синфи 7), химия (синфи 8), биология (синфи 9) ташаккул меёбад.

Дар айни замон, моделсозӣ ва муносибати системавӣ ба илмҳои фундаменталӣ аз ҷониби олимон ва омӯзгорон хеле васеъ истифода мешаванд. Онҳо бомуваффақият татбиқ карда мешаванд, агар объекти омӯхташаванда системаи мураккабе бошад, ки намудҳои гуногуни робитаҳоро дар бар мегирад, ки бо муҳити беруна ҳамкорӣ мекунанд ва муносибати интегралии байнисоҳавӣ ба дониши онро таъмин мекунанд. Дар воқеияти педагогӣ чунин объектҳо зиёданд ва баъзеи онҳо қисман омӯхта шудаанд.

Агар таҳсилоти миёнаи умумии муосирро дар маҷмуъ аз мавқеи муносибати системавӣ баррасӣ кунем, он гоҳ дар шакли даврaҳо пайдо мешаванд: таҳсилоти ибтидоӣ, гуманитарӣ, табиатшиносӣ, математика. Ҳоло мактабҳои маълумоти умумӣ пурра ба мазмуни нави таълими математика ва физика гузаштанд. Ба ин муносибат вазифа ба миён меояд, ки аз рӯйи программаҳои мавҷуда алоқаи байни фанҳои математика ва физика омӯхта шавад. Ин фанҳо бо ҳам алоқаманданд, зеро як қатор мафҳумҳои оддӣ ва мураккаби физикӣ ва саволҳои назариявӣ бидуни истифодаи далелҳои математикӣ асоснок карда намешаванд. Чунон ки А. Пинский қайд мекунад: «Яке аз шартхои такмил додани таълими табиӣ-математикӣ ба системаи ягона даровардани мазмуни фанҳои таълимӣ мебошад». [4, с. 6]

Ба ин муносибат вазифа ба миён меояд: дар мазмуни курсҳои математика ва физика маҷмуи идеяҳо ва мафҳумҳоеро, ки алоқаи байни фанҳои мазкурро таъмин мекунанд, муайян намуда, ин алоқаҳоро ҳамчун захираи баланд бардоштани самаранокии таълими математика ва физика истифода барем.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти оид ба барномаҳои физикаю математика, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълим, омӯхтани таҷрибаи мактабҳо, инчунин дигар адабиёти методӣ оид ба беҳтар намудани алоқаи байни фанҳои курсҳои мактабҳои физикаю математика таклифҳо муайян карда шуданд.

«Математика муносибатҳои миқдорӣ ва шаклҳои фазоӣ ҳам майдонҳои мавҷудаи предметҳо ва онҳоеро, ки сохтан мумкин аст, меомӯзад». [7, с. 23]

Физика ҳамчун илм ҳамчун мавзуи худ хосиятҳои бунёдии материяро дар ду шакл - дар шакли майдон ва материя дорад. Онҳо маҷмуи соҳаҳои мустақили донишро ифода мекунанд (механика, электродинамика, термодинамика, механикаи квантӣ ва ғайра), ки бо принсипҳои ибтидоӣ, назарияҳои фундаменталӣ ва усулҳои таҳқиқот муттаҳид шудаанд.

Кашфиёти физика боиси ба миён омадани проблемаҳои нави физикӣ мегардад, ки зарурати ҳалли онҳо барои ба вуҷуд овардани аппарати нави математикӣ, кашфи ақидаҳои

нави математикӣ ангезандаи махсус мебошад. Идеяҳои математикӣ мувофиқи қонунҳои дохилии худ минбаъд инкишоф ёфта, ба назария табдил меёбанд.

Аз ин рӯ, муносибати физика ва математика пеш аз ҳама бо мавҷудияти як соҳаи умумии фанни омӯзиши физика ва математика, ҳарчанд аз нуқтаи назари гуногун муайян карда мешавад. Муносибати физика ва математика дар таъсири мутақобилаи афкор ва усулҳои онҳо ифода меёбад.

Инкишофи баробарии физика ва математика ба тараққиёти хозираи илм: нисбияти умумӣ ва таҳлили тензорӣ, физикаи квантӣ ва ҳисобҳои матритсаҳо, физикаи ҳиссачаҳо ва назарияи гурӯҳҳо ва симметрияҳо характернок аст. Муносибати физика ва математика махсусан дар инкишофи машинаҳои ҳисоббарорӣ зич буд, ки дар он ҷо ҳамкории ҳар ду илм хеле самарабахш буд.

Дар асоси талаботи психологию педагогии дастрас будани маводи таълимӣ мазмуни таълими риёзӣ аз рӯйи барномаҳои мавҷуда шартан ба чор марҳила ва мазмуни таълим ба се зина тақсим мешавад. Мазмуни курси физикаю математика дар ҳар як давра аз рӯйи барномаҳо муайян карда мешавад. Донишҷӯёне, ки ба курси физика шуруъ мекунанд, бояд аллакай баъзе донишҳои математикӣ дошта бошанд. Алоқаи физика ва математика дар ду самт меравад: а) баъзе мафҳумҳои конкретии физика қонунҳои дар курси математика омӯхташаванда мебошанд; б) дар дарсҳои физика зарурати донишҳои математикӣ ба миён меояд. Ғайр аз ин, ҳангоми омӯзиши физика донишҳои математикӣ мустаҳкам карда, малакаҳои дар амал истифода бурдани он ташаккул меёбанд.

Барномаи таълимии ҷорӣ омӯзиши математикаро аз синф ва физикаро аз синф дар бар мегирад. Ин пайдарпаии ҷойгиркунии фанҳои таълимии физика ва математика, ки дар он ибтидои омӯзиши физика пеш аз математика аст, инъикоси робитаи физика ва математика дар барномаи таълимии мактаб мебошад.

Ҳеҷ кас шубҳа надорад, ки танҳо бо фаъолияти оптималии робитаҳои байнисоҳавӣ сифати дониши хонандагонро воқеан беҳтар кардан мумкин аст. Аммо дар ин роҳ душвориҳо ба амал меоянд, ки аввалан, дар як вақт ба мазмуни нав нагузаштани барномаҳои гуногуни таълим ба миён омадаанд, дуюм, барномаи физика ба сохтор ва мазмуни нави таълими математика нигаронида нашуда буд ва масъалахо оид ба ҳаҷми гузаштаи донишҳои математикӣ ба ҳамин асос ёфтааст.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи суст будани огаҳии методистҳо ва муаллимон аз моҳияти ислоҳот дар фанҳои ба ҳам алоқаманд душвориҳои калон ба амал меоянд. Махсусан (дар донишкадаҳо) дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимон тамоми диққат ба он нигаронида шудааст, ки муаллимон бо идеяҳое, ки программа ва китобҳои дарсии фанни таълимии онҳо дар асоси ик иктобҳо таҳия гардидаанд, шинос карда шаванд, вале мазмуни шаклҳои фанҳои ба ҳам алоқаманд кофӣ ба назар гирифта нашудааст. Дар натиҷа муаллимони математика баъзе фаслҳои курсро омӯхта, аз фанни физика мисолҳо меоваранд, аз истилоҳоти ба талабагон нофаҳмо истифода мебаранд, воҳиди ченакҳои ба талабагон номаълумро пешниҳод мекунанд ва ба маълумоте такя мекунанд, ки ҳоло дар мактаб умуман таълим дода намешавад.

Ин вазъиятро қаноатбахш ҳисоб кардан мумкин нест. Физика на танҳо истеъмолкунандаи математика аст, балки дар муҳити мактаби миёна амалан ягона истеъмолкунандаи он мебошад. Физика дар ташаккули тафаккури математикии хонандагон фаъолона иштирок мекунад. Фарқи мавҷудаи байни курсҳои мактабҳои физикаю математика бояд бартараф карда шавад. Аппарати калони идеявии курси математикаи ҳозираи мактаб бояд дар физика ба таври максималӣ истифода бурда шуда, маводҳои бо фактҳои курси физика ҳамчун яке аз фишангҳои ташаккули мафҳумҳои математикӣ хизмат кунанд.

Раванди барқарор намудани робитаҳои байнифаннӣ на танҳо аз он иборат аст, ки як фанни таълимӣ иттилооти дар фанни дигари таълимӣ омӯхташударо истифода мебарад, албатта, ин ҳам муҳим аст. Мо инчунин бояд дар бораи робитаи амиқтари байни фанҳои таълимӣ суҳбат кунем, вақте ки онҳо якҷоя барои эҷоди консепсияҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои умумӣ, синтезшуда дар донишҷӯён хидмат мекунанд. Муҳим он аст, ки як субъект эстафетаро ба даст

гирифта, баъзе мафҳумҳо ва ғояҳоро таҳия кунад ва дар шакли нав, ғанӣ ва табдилёфта ин маълумотро ба фанҳои аслӣ ва алоқаманд интиқол диҳад.

Барои пурратар фаҳмидани робитаҳои байнисоҳавии байни фанҳои таълимии физика ва математика ба таҳлил сохтор ва мундариҷаи ин фанҳои таълимӣ дода мешавад.

Программаҳои нав барои алоқаҳои байнисоҳа имкониятҳои муайян мекушоянд, вале аз онҳо пурра истифода намебаранд.

Биёед душвориҳои асосиеро, ки ҳангоми татбиқи робитаҳои байнисоҳавӣ ба миён меоянд, баррасӣ кунем. Дар асоси таҳлили барномаҳо ва адабиёти таълимию методӣ мо баъзе душвориҳоро муайян намудем, ки ҳангоми татбиқи алоқаҳои байнифаннии математика ва физика ба миён меоянд, ки инҳо мебошанд:

1. Ҳангоми таълими математика мафҳумҳои барои курси физика зарурӣ на ҳамеша сари вақт ташаккул меёбанд. Физика дар як қатор мавридҳо аз худ пеш мегузарад (ҳангоми омӯзиши ларзишҳои электромагнитӣ дониши ҳосилаҳо зарур аст, вале дар барномаи математика каме дертар омӯхтани онҳо пешбинӣ карда мешавад, ки ба мо чунин менамояд, ки набудани мунтазамӣ дар таълими математика ва физика аз он сабаб ба амал меояд, ки ба нақши физика дар ташаккули маҳорати талабагон на ҳамеша дуруст баҳо дода, малакаи истифодабарии аппаратҳои математикие, ки талабагон дар дарсҳои математика бо онҳо пештар шинос будаанд.

2. Ҳангоми таълими математика мафҳумҳое, ки ҳангоми омӯзиши физика ташаккул ёфтаанд, аксар вақт истифода намешаванд. Ҳамин тавр, масалан, мафҳумҳо дар бораи равандҳои тасодуфӣ ва арзишҳои миёнаи дар курси физика ташаккулёфта дар курси математикаи мактабӣ истифода намешаванд, ки дар он ҷо мафҳумҳои эҳтимолӣ вуҷуд надоранд. Аз тарафи дигар, ҳангоми таълими физика он мафҳумҳои физикие, ки талабагон дар дарсҳои математика инкишоф медиҳанд, истифода намешаванд. Масалан, ҳангоми омӯзиши математика аз синф сар карда, хонандагон мафҳумҳои ҷойивазкунӣ ва суръатро инкишоф медиҳанд. Аммо дар дарсхои физика аз онхо истифода намебаранд, балки аз тарафи хонандагон аз нав ташкил карда мешаванд.

3. Мутобиқ набудани истилоҳот, аломатгузорӣ, тафсири чунин мафҳумҳо ба монанди бузургии векторӣ, функсияи тағйирёбанда ва ғайра. То андозае, ин ба истифодаи системаҳои гуногуни воҳидҳо ва аломатҳои як миқдор дар фанҳои гуногуни таълимӣ низ дахл дорад.

Ба ин муносибат ҳангоми амалӣ гардонидани алоқаҳои байнисоҳа вазифаи бартараф намудани душвориҳои дар боло зикршуда ба миён меояд.

Имконияти татбиқи робитаҳои байнифанӣ ҳамчун шарти дидактикӣ, ки баланд бардоштани самаранокии ҷараёни таълими физикаю математикаро таъмин менамояд, асосан бо хусусиятҳои мазмуни фанҳои физикаю математика, инчунин мазмуни фанҳои дахлдори таълимӣ муайян карда мешавад.

Коркарди дидактикии муҳтавои маводи таълимӣ ва ба низом даровардани он дар шакли фанни таълимӣ бояд ба ҳадафҳои таълим, хусусиятҳои синну соли хонандагон, таҷҳизоти таълимӣ барои сатҳи муайяни таълим ва як қатор омилҳои дигари педагогӣ мувофиқ бошад. Вале бояд гуфт, ки дар ҳар шароит ҳар як курси мактаби миёна бояд пеш аз ҳама ба вазъияти ҳозираи илм мувофиқ бошад.

Предложенные рекомендации по организации учебного и воспитательного процесса, направленные на развитие коммуникативной толерантности, могут быть эффективно использованы в практике вузов для создания инклюзивной и поддерживающей образовательной среды, что, в свою очередь, способствует развитию будущих специалистов, способных работать в межкультурной и межсоциальной среде.

Таким образом, повышение коммуникативной толерантности у студентов является неотъемлемой частью современного образования и важным аспектом подготовки студентов к профессиональной жизни, что требует комплексного подхода и внедрения соответствующих педагогических технологий.

Литература:

1. Асмолов А. Г. Психология личности: принципы общего психологического подхода / А. Г. Асмолов. - М. : Смысл, 2001. - 367 с.

2. Богуславский В. М. Толерантность как педагогическая категория // Педагогика. - 2005.- № 7. - С. 28–34.

3. Бойко В. В. Энергия эмоций в общении: взгляд на себя и на других / В. В. Бойко. - СПб. : Питер, 2006. - 256 с.

4. Громова Е. А. Коммуникативная толерантность: сущность, структура, развитие // Психология и педагогика. - 2012. - № 4. - С. 83–86.

5. Зимняя И. А. Ключевые компетенции как результативно-целевой компонент компетентностного подхода в образовании // Высшее образование сегодня. - 2003.- № 5. - С. 34–42.

6. Каримова И.Х. На пути к культуре мира: формирование толерантного сознания/ Центральная Азия на пути к культуре мира: формирования толерантного сознания, воспитание культуры мира: материалы международной конференции/ Душанбе: Ирфон, 2011.С. 6-12

7. Козлова Е. В. Психологические аспекты толерантности в межличностной коммуникации / Е. В. Козлова. - М. : МГУ, 2008. - 124 с.

8. Мухина В. С. Возрастная психология / В. С. Мухина. - 9-е изд., испр. - М. : Академия, 2010. - 320 с.

9. Соловьёва Л. А. Диагностика и развитие толерантности личности / Л. А. Соловьёва. - СПб. : Речь, 2006. - 212 с.

10. Хабибова Н. Ш. Педагогические основы формирования толерантности школьников младших классов: на материале школ Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / Н. Ш. Хабибова. — Душанбе, 2015. — 24 с.

11. Хухлаев О. Е. Психология межкультурных различий: учеб. пособие / О. Е. Хухлаев, О. Ю. Зотова. - М. : МГУ, 2014. - 228 с.

12. Чистович А. И. Формирование толерантности в образовательной среде: теория и практика / А. И. Чистович. - СПб. : Речь, 2007. - 208 с.

13. Шипилов А. И. Диагностика толерантности: методики и интерпретация результатов / А. И. Шипилов. - М. : ИП РАН, 2010. - 178 с.

14. Юсупова С. С. Коммуникативная культура как фактор профессиональной подготовки студентов // Педагогическое образование. — 2017. - № 2. - С. 45–49.

ОСОБЕННОСТИ ПОВЫШЕНИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ ТОЛЕРАНТНОСТИ У СТУДЕНТОВ

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты повышения коммуникативной толерантности у студентов как одного из ключевых условий эффективного межличностного и профессионального взаимодействия в условиях современной образовательной среды. Раскрывается сущность понятия «коммуникативная толерантность», его структура и компоненты.

Проанализированы психологические особенности студенческого возраста, влияющие на восприимчивость к воспитательному воздействию и формирование толерантных установок в общении. Особое внимание уделяется педагогическим условиям, методам и формам работы, способствующим развитию коммуникативной толерантности, включая тренинговые технологии, групповую и проектную деятельность. Подчёркивается роль преподавателя и образовательной среды в формировании устойчивых моделей толерантного поведения. Представленные материалы могут быть использованы в практике высшего образования, в том числе при разработке воспитательных программ и проведении социально-психологических тренингов.

Ключевые слова: студенты; коммуникативная толерантность; межличностное взаимодействие; воспитательная работа; высшее образование; толерантность в общении; формирование личностных качеств; педагогические условия

ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ КОММУНИКАТСИОНИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии баланд бардоштани таҳаммулпазирии коммуникатсионии донишҷӯён ҳамчун яке аз шартҳои асосии ҳамкории самараноки байнишахсӣ ва касбӣ дар муҳити муосири таълимӣ баррасӣ карда шудааст. Моҳияти мафҳуми «Таҳаммулпазирии коммуникатсионӣ», сохтор ва ҷузъҳои он ошкор карда шудааст.

Хусусиятҳои психологии синни донишҷӯӣ, ки ба ҳассосият ба таъсири тарбиявӣ ва ташаккули муносибатҳои таҳаммулпазирӣ дар муошират таъсир мерасонанд, таҳлил карда шуда, ба шароити педагогӣ, усулҳо ва шаклҳои кор, ки ба рушди таҳаммулпазирии коммуникатсионӣ мусоидат мекунанд, аз ҷумла технологияҳои омӯзишӣ, фаъолияти гурӯҳӣ ва лоиҳавӣ диққати махсус дода шудааст. Ҳамзамон дар мақола муаллиф нақши омӯзгор ва муҳити таълимӣ дар ташаккули моделҳои устувори рафтори таҳаммулпазириро таъкид кардааст. Маводҳои пешниҳодшуда метавонанд дар амалияи таҳсилоти олӣ, аз ҷумла дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва гузаронидани тренингҳои иҷтимоӣ-психологӣ истифода шаванд.

Калидвожаҳои асосӣ: донишҷӯён; таҳаммулпазирии коммуникатсионӣ; ҳамкории байнишахсӣ; кори тарбиявӣ; таҳсилоти олӣ; таҳаммулпазирӣ дар муошират; ташаккули сифатҳои шахсӣ; шароити педагогӣ

FEATURES OF INCREASING STUDENTS' COMMUNICATIVE TOLERANCE

The article examines the theoretical and practical aspects of improving students' communicative tolerance as one of the key conditions for effective interpersonal and professional interaction in a modern educational environment. The essence of the concept of «communicative tolerance», its structure and components are revealed.

The psychological characteristics of the student's age, influencing the susceptibility to educational influence and the formation of tolerant attitudes in communication, are analyzed. Special attention is paid to pedagogical conditions, methods and forms of work that promote the development of communicative tolerance, including training technologies, group and project activities. The role of the teacher and the educational environment in the formation of sustainable models of tolerant behavior is emphasized. The presented materials can be used in the practice of higher education, including in the development of educational programs and conducting socio-psychological trainings.

Keywords: students; communicative tolerance; interpersonal interaction; educational work; higher education; tolerance in communication; formation of personal qualities; pedagogical conditions

Маълумот дар бораи муаллиф: Азимова Машҳурахон Хоҷиевна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1., Телефон: + 992 92 744 10 42.

Сведения об авторе: Азимова Машхурахон Ходжиевна, кандидат педагогических наук, доцент кафедры теории и методики дошкольного образования ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» Адрес: 735700, Республика Таджикистан, Согдийский область, город Худжанд, проезд Мавлонбекова 1., Телефон: + 992 92 744 10 42.

Information about the author: Azimova Mashurakhon Khodzhievna, candidate pedagogical sciences, associate professor Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand city, Mavlonbekova passage 1. Tel: + 992 92 744 10 42.

ТДУ:37.01+371 (075.8)
О-51

ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА РУШДИ ТАСАВВУРОТИ ОДДИТАРИНИ МАТЕМАТИКИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ-ДОНИСТАГИРӢ

Обидова М.И., н.и.п., дотсент, Бобиева С.К., ассистент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Математика миёни дигар илмҳо ҳамчун илми мураккаб ҳисобида мешавад ва дар омӯзиши он дар давоми таҳсили мактабӣ ба хонандагон душворӣ ба бор меорад, аз ин рӯ, ташаккул додани шавқу рағбат ба донишҳои математикӣ пеш аз ба мактаб рафтан муҳим дониста мешавад.

Синни томактабӣ ба шиносоии олами атроф ибтидо мегузорад, зеро дар ин синнусол заминаи мустаҳкам дар омӯзиши минбаъдаи донишҳо гузошта мешавад. Дар инкишофи фаъолияти маърифатӣ ва зеҳнии кӯдакон донишҳои математикӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар муҳити хонавода кӯдакро ашёҳое иҳота мекунанд, ки дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд, ки хоҳ нохоҳ таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб мекунанд. Дар нутқи калонсолон мунтазам калимаҳое истифода мешаванд, ки мафҳумҳои математикӣ: миқдор, шакл, вақт, фазоро ифода мекунанд ва онҳо шавқмандии ногаҳонии кӯдакро ба вуҷуд меоранд. Ба муҳити хонавода бо суръати кайҳонӣ технологияҳои навини замонавӣ ворид шуда истодааст: аксарияти оилаҳо дар таълим ва фароғати фарзандонашон компютер, планшет, ҳатто телефонҳои мобилиро истифода мебаранд. Аз ин рӯ, бояд фаъолияти маърифатӣ-донистагириро дуруст ба роҳ монда, ба инкишофи қобилияти зеҳнии кӯдак аҳаммият дод. Бо ин роҳ имконияти азхудкунии донишҳои нави кӯдакро таъмин карда метавонем.

Дар Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» инкишофи фаъолияти маърифатӣ дар муҳити 2-юм омадааст ва он ба ташаккули малакаҳои фаъолияти маърифатӣ-донистагирӣ, маҳорати дарки яклухту томи муҳити атроф ва истифодаи ахборот барои ҳалли масъалаи ҳаётан муҳим дар инкишофи умумии кӯдак равона шудааст. [3, с. 4] Муваффақияти ин фаъолият бештар аз қобилияти мураббия дар сохтори раванди таълим ва муошират бо кӯдакон вобаста аст.

Тасаввуроти оддитарини математикӣ дар инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакони синни томактабӣ мавқеи муҳим доранд, зеро аз синни ҳафтсолагӣ кӯдак ба мактаб меравад ва тасаввуроте, ки ӯ ба даст меорад васеъ мешаванд, дар муассисаҳои таҳсилотӣ таваҷҷуҳ ба компютеркунонии таълим зиёд мешавад.

Бояд қайд кард, ки масъалаи инкишофи қобилияти маърифатӣ –донистагирӣ аз тарафи муҳаққиқон зери таҳқиқ қарор дода шудааст, ва бештари онҳо (Т.Гризик, Ф.Савина, И.Морозова, Г.Шукина) қайд кардаанд, ки «инкишофи маърифатӣ-ҷараёни инкишофи шавқмандии кӯдакон буда, кунҷкобӣ ва донистагирии онҳо тавассути шароитҳои махсуси иҷтимоӣ ҳавасманд гардонида мешавад. [2, с. 3] Инчунин, муайян шудаст, ки «шавқу рағбати маърифатӣ ба инсон аз таваллуд хос нест, вай дар раванди фаъолияти ҳаёти инсон инкишоф ёфта, дар шароити иҷтимоии ҳастии ӯ ташаккул меёбад». [7, с. 4]

Аз ин рӯ, фаъолияти маърифатӣ-донистагирӣ ҳамчун фаъолияти фаъоли ба даст овардан ва истифода бурдани донишҳо фаҳмида мешавад.

Фаъолият шароите мебошад, ки инкишофи кӯдакро таъмин мекунад. Дар ҳамаи зинаҳои инкишофи инсон фаъолият барои ба даст овардани таҷрибаи ҳаётӣ, омӯзиши муҳити иҳотакардашуда, азхудкунии донишҳо, малака ва маҳорат мусоидат мекунад ва ҳамаи ин ба инкишофи худи фаъолият оварда мерасонад.

Таҳқиқоти психологҳо А. Леонтев, Л.Виготский ва дигарон муайян кардаанд, ки фаъолият ба инкишофи психика таъсир расонида, сифатҳои ақлӣ, эмотсионалӣ ва иродавӣ, қобилият ва хислатҳои инсонро ташаккул медиҳад.

Қисматҳои муҳимми ин фаъолиятро шавқи донистагирии маводҳои математикӣ ташкил медиҳанд. Ҳар қадаре, ки дониш ва таҷриба зиёд шавад, ҳамон қадар шавқмандии кӯдак зиёдтар мешавад. Фаъолияти маърифатӣ-донистагирии кӯдак талабот ва қобилияти фаъолона фикр карданро ташаккул дода, монеаҳои гуногунро ҳангоми ҳалли масъалаҳои фикрӣ бартараф месозад.

Майнаи сари инсон чунин сохта шудааст, ки мунтазам маълумоти гуногунро қабул ва онро коркард мекунад, муҳимашро нигоҳ медорад, нолозимашро не.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакони синни томактабӣ ҳамон вақт шавқу рағбати маърифатӣ ба математика зоҳир мекунанд, ки чизи номаълум таваҷҷуҳи онҳоро ба худ ҷалб намояд ва ба ҳайрат оварад. Дар ин ҳолат, маълумот дар назари онҳо ҷолиб, шавқманд менамояд [2, с. 4]. Хусусияҳои азхудкунии кӯдаконро ба эътибор гирифта мураббияҳо машғулиятҳоро оид ба ташаккули тасавввуроти оддитарини математикӣ шавқовар ва ғайриоддӣ мегузаронанд.

Кор оид ба ташаккули тасаввуротҳои оддитраини математикӣ бояд дар гурӯҳҳо ва берун аз машғулиятҳо ташкил карда шавад: пагоҳӣ, дар нимаи якуми рӯз ҳангоми сайру гашт, бегоҳӣ; дар як ҳафта 1-2 маротиба. Мураббия дар ҳамаи гурӯҳҳои синну соли, бояд тамоми намудҳои фаъолиятро барои мустаҳкам намудани донишҳои математикии кӯдакон истифода баранд. Масалан, дар бозиҳои гуногун, ки берун аз машғулият мегузаранд, дониши кӯдаконро дар бораи андозагирӣбо истифода бурдани ченакҳои шартии андозаи ашё мустаҳкам мекунанд.

Методикаи таълими ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ ба принсипҳои умумии дидактикӣ асос ёфтааст: таълим ва тарбия, аёният, мунтазам, пайдарпайӣ, аз содда ба мураккаб, фардӣ. Супоришҳое, ки ба кӯдакон дар рафти машғулиятҳо дода мешавад барои машғулияти оянда пайдарпай пешниҳод мегардад ва мураккабтар мешаванд, ин дастрасии омӯзишро таъмин мекунад. Ҳангоми гузаштан ба мавзуи нав такрори машғулияти гузашта бояд пешниҳод гардад. Такрори мавод дар раванди омӯзиши мафҳумҳои нав на танҳо дониши кӯдаконро амиқтар мекунад, балки диққати худро ба мафҳумҳои нав осон мекунад [5, с. 6].

Дар ташаккули тасаввуроти математикӣ ҳангоми машғулият мураббия аз усул ва роҳҳои гуногуни таълимӣ (ҳикоя, суҳбат, тавсиф, фаҳмондадиҳӣ ва шарҳдиҳӣ, саволу ҷавобҳои кӯдакон, намуна, нишон додани ашёи воқеӣ, тасвирҳо, бозиҳо ва машқҳои дидактикӣ) истифода мебарад.

Миёни ҳамаи усулҳои таълимӣ, инчунин усулҳои фаъоли инкишофёбанда мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ки ба низом даровардани донишҳои пешниҳодкарда, истифодаи воситаҳои аёнӣ (намунаҳо, тасвирҳои соддатарин нақшавӣ, объектҳои ивазкунанда) барои равшан кардани хосиятҳо ва муносибатҳои гуногун дар объектҳо ва ҳолатҳои воқеӣ, татбиқи усули умумии амал дар шароити навро дар бар мегирад.

Агар мураббия мустақилона маводи аёниро интихоб намояд, он бояд ба талаботе, ки ба вазифаҳои таълим ва хусусиятҳои синну соли ҷавобгӯ бошад. Дар шарҳи талаботи зерин пеш аз ҳама бояд: миқдори кофии ашёҳои дар машғулият истифодашуда; ашёи гуногуни андоза (калон ва хурд); бозӣ кардан бо аёниятҳои гуногуни воқеӣ, пеш аз машғулият таваҷҷуҳи кӯдаконро ба ашёҳое, ки на аз ҷиҳати бозӣ балки бо мафҳумҳои математикӣ ифода мешаванд ҷалб кардан, (ҳангоми бозӣ, бояд ба кӯдакон ҳадафи маводи истифодаи ашёҳо муайян карда шавад) ба эътибор гирифта шавад. Дар ҷараёни машғулият кӯдакон кӯшиш менамоянд, ки бо объектҳои ба онҳо пешниҳодшуда мувофиқи супоришҳои мураббия амал кунанд, аз ин рӯ объект бояд қавӣ, устувор бошад, то аз нав ба тартиб даровардан шавад, аз ҷой ба ҷойи дигар кӯчонида шавад, бардошта шавад. Маводи аёнӣ бояд аз ҷиҳати эстетикӣ диққати кӯдаконро ба худ ҷалб кунад. Маводҳои таълимии ба талабот ҷавобгӯ, кӯдаконро водор мекунанд, ки онро омӯзанд, инчунин маводҳо ба муташаккилона гузарондани машғулиятҳо ва азхудкунии он мусоидат мекунанд.

Вақте ки кӯдакон ба мактаб мераванд, бояд доираи нисбатан васеи донишҳои бо ҳам алоқамандро дар бораи миқдор ва шумора, шакл ва андоза ба даст оварда, самтҳоро дар фазо ва вақт омӯзанд ва комилан мустақил бошанд.

Мушоҳидаҳо нишон дод, ки мушкилиҳои хонандагони синфи якум одатан бо зарурати азхуд кардани донишҳои абстрактӣ, гузаштан аз амал бо ашёҳои мушаххас, тасвири онҳо амал бо рақамҳо ва дигар мафҳумҳои абстрактӣ алоқаманданд.

Чунин тасаввурот фаъолияти тафаккури мантиқии кӯдакро талаб мекунад. Кӯдакон роҳҳои муқаррар кардани навъҳои гуногуни робитаҳои математикӣ, муносибатҳо, масалан, усули муқаррар кардани мувофиқати байни элементҳои маҷмуиро азхуд мекунанд. ки дурусттарин роҳҳои муқаррар намудани муносибатҳои миқдорӣ, ҳисоб кардани объектҳо ва ченкунии миқдорҳо мебошанд. Маҳорати ҳисобкунӣ ва андозагирии онҳо хеле қавӣ ва бошуурона мегардад.

Қобилияти самтмуайнкунӣ дар муносибатҳои муҳимми математикӣ аз вобастагӣ ва азхудкунии амалҳои мувофиқ имкон медиҳад, ки тафаккури аёнӣ-амалии кӯдакони синни томактабӣ ба сатҳи нав бардошта, барои рушди фаъолияти психикии онҳо дар маҷмуъ замина фароҳам оранд. Кӯдакон ҳисоб карданро бо чашмон ёд гирифта, чашмро инкишоф медиҳанд, муайян кардани шакли ашёҳои атрофро ёд мегиранд.

Дар ин синну сол заминаи мустаҳкам ба инкишофи қобилиятҳои ақлӣ, мустақилияти тафаккур, амалиёти психологии таҳлил, синтез, муқоиса, қобилияти муайян кардани хосиятҳои ашё ва умумикунонӣ, тасаввуроти фазоӣ гузошта мешавад.

Кӯдакон бояд шавқи доимӣ ба донишҳои математикӣ дошта бошанд, қобилияти истифода бурдани он ва хоҳиши мустақилона аз худ кардан дар онҳо тарбия карда шавад. Коркарди мафҳумҳои математикӣ асосан дар машғулиятҳо гузаронида мешаванд, ки ба азхудкунии устувори дониш аз ҷониби кӯдакон равона шудаанд [7, с. 5].

Машғулиятҳои математикӣ тибқи барномаи «Рангинкамон» вобаста ба синнусол дар гурӯҳҳои хурд, миёна, калон ва гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб дар давоми ҳафта баргузор карда мешавад. Ба ташаккули тасаввуроти математикӣ дар гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб нисбат ба дигар гурӯҳҳо ҳафтае 2 машғулият, дар давоми сол 72 машғулият гузаронда мешавад. Давомнокии машғулиятҳо: якум 30-35 дақиқа, дуюм 20 -25 дақиқаро ташкил медиҳанд [4, с. 93].

Сохтори ҳар як машғулият аз рӯйи мазмуни он муайян карда мешавад: оё он ба омӯхтани чизи нав, такрор ва мустаҳкам намудани маводҳои гузашта, муайянкунии азхудкунии донишҳои кӯдаконро таъмин карда метавонад.

Машғулияти якуми мавзуи нав қариб пурра ба кор кардан аз рӯйи маводи нав бахшида мешавад. Шиносоӣ бо маводи нав вақте ташкил карда мешавад, ки кӯдакон омода бошанд, яъне дар 3-5 дақиқа аз аввали машғулият ва дар дақиқаи 15-18 ба охир мерасад. Такрори гузашта 3 - 4 дақиқа дода мешавад. Омӯзиши чизҳои нав кӯдаконро хаста мекунад ва дохил кардани маводи такрорӣ ба онҳо каме истироҳат медиҳад. Аз ин рӯ, дар он ҷое, ки имконпазир аст, такрор кардани маводи дар рафти кор аз рӯйи як чизи нав омӯхташуда муфид аст, зеро дар системаи донишҳои қаблан омӯхташуда ҷорӣ кардани донишҳои нав хеле муҳим аст.

Дар машғулияти дуюм ва сеюми ин мавзуъ ба кӯдакон тақрибан 50% вақт ҷудо карда мешавад ва дар қисми дуюми машғулият онҳо маводи бевоситаи қаблиро такрор мекунанд, ё омӯхтани онро идома медиҳанд, дар қисми сеюм он чизеро, ки кӯдакон аллакай ёд гирифтаанд, такрор мешавад.

Дар вакти гузарондани машғулият ҷузъҳои алоҳидаи онро пайвастан, дуруст тақсим кардани қобилияти фикрӣ, иваз кардани намудҳо ва шаклҳои ташкили фаъолияти тарбиявӣ бояд таъмин карда шаванд.

Вариантҳои сохти машғулиятҳо

Варианти 1.

1. Такрор барои шиносонидани кӯдакон бо мавзуи нав - 2 - 4дақиқа.

2. Баррасии маводи нав 15 -18 дақиқа.

3.Такрори маводи қаблан омӯхташуда – 4-7 дақиқа.

Машғулятеро, ки дар он кӯдакон бори аввал бо усулҳои ченкунии дарозии ашёҳо шинос мешаванд, метавон чунин сохт:

Қисми 1. Муқоисаи дарозӣ ва васеъгии ашёҳо. Бозии «Чӣ тағйир ёфт?» - 5дақиқа.

Қисми 2. Намоиши усулҳои ченкунии дарозӣ ва васеъгӣ бо ченаки шартӣ ҳангоми ҳалли масъалаи амали баробарсозии андозаҳои ашёҳо -10 дақ.

Қисми 3. (Мустаҳкамкунии дониш.) Истифодаи мустақилонаи усулҳои андозагирӣ аз ҷониби кӯдакон ҳангоми иҷрои вазифаи амалӣ - 10 дақ.

Қисми 4. Машқҳо оид ба муқоиса ва гурӯҳбандии шаклҳои геометрӣ ва муқоисаи ададҳои маҷмуи шаклҳои гуногун – 5 дақ.

Варианти 2.

1. Кор оид ба омӯхтани мавзуи нав13-15дақиқа.

2.Давоми омӯзиши маводи бевоситаи пештара ва ё мустаҳкам намудани он 8 -12 дакика.

3. Такрори кори қаблан гузаронидашуда - 4-5дақиқа.

Машғулиятро тавре сохтан мумкин аст, ки дар он кор оид ба таълими андозагирии дарозӣ идома дода шавад.

Қисми 1. Ёдоварӣ кардани усулҳои ченкунии шинос ва нишон додани усулҳои нав – 5 дақиқа. Иҷрои мустақилонаи вазифаҳои амалӣ аз ҷониби кӯдакон - 8-10 дақиқа. Ҳамагӣ - 13-15 дақиқа.

Қисми 2. Такрори иҷроиши амалҳои гузашта. Машқҳои ба 2 ва 4 қисмҳои баробар тақсим кардани ашё. Иҷрои мустақилонаи вазифаҳои амалӣ - 8 дақ.

Қисми 3. Машқҳои самтмуайянкунӣ дар ҳамворию варақ бо истифода аз 2 ҷадвал. Бозии «Дар куҷост?» - 3-4 дақ.

Варианти 3.

1.Тасдиқи мавод оид ба мавзуи нав 8 -10 дақиқа.

2.Муттаҳидкунии 3-4 супориши барномавии қаблан омӯхташуда - 12-15 дақиқа (аз он 3-5 дақиқа барои такрори мавод дода мешавад, ки донистани онҳо гузаштан ба омӯзиши мавзуи навбатиро таъмин мекунад).

Ин мисолҳоро танҳо ҳамчун вариантҳои имконпазири сохтори машғулият баррасӣ кардан мумкин аст.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки кӯдакони синни томактабиро на ёд, балки инкишоф диҳем. Инкишоф тавассути фаъолияти ба синнусоли онҳо дастрас, яъне бояд тавассути бозӣ ба роҳ монда шавад [1, с. 3].

Бозӣ ҳамчун фаъолияти пешбарандаи кӯдакони синни томактабӣ ба инкишофи маърифатӣ-донистагирӣ таъсир расонида, мутамарказияти диққат ва ба хотир гирифтанро инкишоф медиҳад.

Барои муайян таъсири бозиҳо ба дараҷаи ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ ва инкишофи фаъолияти маърифатӣ- донистагирии кӯдак, тавсия дода мешавад, ки бозиҳои инкишофдиҳандаро аз рӯйи таснифоти З.А. Михайлова ба роҳ монда, усулҳои ташкили онро зери назар қарор диҳем [6, с. 5].

Дар таснифоти Михайлова З.А. бозиҳои **мантиқӣ-математикӣ** ҷойи аввалро ишғол мекунанд, онро инчунин конструкторҳои геометрӣ меноманд. Ҳадафи чунин бозиҳои муаммоӣ аз рӯйи модел ва сохтани тарҳи ашё дар ҳамворӣ мебошад. Бозиҳои муаммоиро дидактикӣ низ меноманд ва онҳо имконият медиҳанд, ки дар кӯдакон тасаввуроти фазоӣ; қобилияти амалӣ намудани амалҳои пайдарпайи психологӣ: таҳлил, муқоиса, ҷамъбасткунӣ аз рӯйи хусусият, мақсаднок фикр кардан; тафаккури тартибдиҳии мантиқӣ; қобилиятҳои корчаллонӣ, зеҳнӣ; эҷодкорӣ ва тахаюлот инкишоф ёбанд.

Моҳияти истифодаи бозиҳои мантиқӣ-математикӣ аз он иборат аст, ки тарҳи ашёҳо дар ҳамворӣ мувофиқи модел ё тарҳ эҷод карда мешаванд. Таҳқиқоти муосири олимон муайян карданд, ки онҳо воситаи самараноки инкишофи психикӣ, фаъолияти донистагирӣ ва махсусан инкишофи мантиқии кӯдакон мебошанд.

Дар давраи калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб ба кӯдакон ёфтану ҷобаҷогузории расми ашёҳо аз рӯйи ҳаҷм, ранг, шакл, ҷойгиршавии фазоӣ, самти ҳаракат ва ғайраҳоро пешкаш намудан мумкин аст, ки ба воситаи онҳо тафаккури зеҳнӣ-математикӣ инкишоф меёбад, бозиҳои рӯйи мизӣ муддати зиёд дар як ҷо нишаста кор карданро дар кӯдак тарбия мекунанд [6, с. 9]. Дар муассисаҳои томактабӣ тибқи барномаи «Рангинкамон» як қатор бозиҳои мантиқӣ-математикӣ, ки иборат аз маҷмуи расмҳои ҷуфт ва бурида бо номи «Шаклҳои геомерӣ», «Домино», «Танграм» [2, с. 74], «Муаммои Пифагор» истифода мешаванд [3, с. 11].

Бозиҳои математикӣ барои тармими мағзи сар истифода мешаванд. Чунин бозиҳо кунҷкобӣ, тафаккур, фаъолияти донистагирӣ ва нутқи мантиқии кӯдакро инкишоф медиҳад, дар баробари ин функсияҳои маърифатии майнаи сар такмил меёбад.

Тафаккури математикӣ як равиши мантиқӣ, сохторӣ, бонизом ва таҳлилӣ барои ҳалли мушкилот дар ҳама соҳаҳои ҳаёт мебошад.

Бесабаб нест, ки математикаро маликаи илмҳо номидаанд, зеро бе он таҳқиқоти илмӣ, кашфиёт ва навоварӣ имконнопазир аст [1, с. 8].

Бозиҳои дидактикӣ ҳадафҳои зеринро пайгирӣ мекунанд: инкишофи қобилиятҳои ақлӣ ва маърифатӣ. Кӯдак донишҳои нав ба даст меорад, ки дар натиҷа ӯ умумӣ карданро ёд мегирад ва фаҳмиши худро дар бораи ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат васеъ мекунад [1, с. 12].

Барои мисол бозиҳоеро барои рушди омодагии ҳавасмандкунии кӯдак ба мактаб овардан мумкин аст, ки мақсади асосии он аз фароҳам овардани шароит барои ташаккули омодагии ҳавасмандкунӣ ба таҳсил дар мактаб равона шудааст. Бозиҳои дидактикӣ шавқи кӯдакро ба мактаб бедор мекунанд, мафҳуми зарурат ва аҳаммияти таҳсили мактаб ташаккул медиҳад, хотира, диққат, тафаккурро инкишоф медиҳад, нутқи диалогӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавии фаъол низ инкишоф меёбад.

Дар кӯдакистонҳо намудҳои гуногуни бозиҳои дидактикии чопии рӯйимизӣ лотои суратдор «Гулҳо», «Ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ», «Дар олами афсонаҳо», «Лотои зоологӣ», «Паррандаҳо», «Сабзавотҳо», «Меваҳо»; домино, бозии «Лабиринт», «Таҷҳизоти мактабӣ», «Дарс - танаффус» ва ғ. истифода мешаванд.

Аҳаммияти бозиҳои дидактикӣ аз инкишоф додани хотираи тасвирӣ ва диққат; тавассути бозӣ малакаҳои муошират кӯдакон такмил дода мешавад; дар давоми бозӣ ташаккул додани тафаккур ва тасаввуроти ғайристандартӣ; дар кӯдакон ташаккул додани қобилияти анҷом додани коре, ки оғоз мекунанд яъне суботкорӣ; хоҳиши дар мактаб хондани кӯдаконро ташвиқ медиҳад; муносибати ғамхорона нисбат ба лавозимоти мактабӣ иборат мебошад.

Бозиҳои инкишофдиҳанда ба кӯдак кумак мекунанд, ки боақл, чусту чолок ва дар ҷустуҷӯ бошад. Онҳо ба кӯдакон таълим медиҳанд, ки тамаркуз кунанд, реаксияҳоро идора кунанд, тасвирҳо ва ашёҳоро фарқ кунанд [6, с. 19]. Баъдан нутқ тадриҷан ташаккул меёбад, мантиқ инкишоф меёбад, майна ба камол мерасад. Инчунин, муносибатҳоро бо худ ва дигар кӯдакон инкишоф медиҳад; стрессро рафъ мекунад ва кӯдаконро хушбахт мекунад; ҳисси ҳамдардӣ, эҷодкорӣ ва ҳамкориро инкишоф медиҳад; афзоиши қувват ва устувории кӯдаконро ҳамчун шахсият дастгирӣ мекунад.

Дар ҷараёни бозиҳои инкишофдиҳанда кӯдакон гӯш кардан, иҷрои супориш, қобилияти тасвир кардани ашёҳои гирду атрофро ёд мегиранд.

Бо ёрии бозиҳои инкишофдиҳанда ҳавасмандии кӯдакро ба таълими мактабӣ бедор карда, дар ӯ бо ҳамдигар муносибат кардан, кори оғоз кардаро то ба охир ба анҷом расонидан, дар муддати 30-35 дақиқа дар як ҷо нишаста кор кардан, дар мусобиқаҳо иштирок карданро ташаккул дода, омодагии ҳамаҷонибаи кӯдакро ба мактаб таъмин кардан мумкин аст.

Адабиёт:

1. Артемова Л.В. Окружающий мир в дидактических играх дошкольников. М., 1992. – 96 с.

2. Гризик Т. И. Познавательное развитие детей 2-8 лет: мир природы и мир человека: метод.пособие для воспитателей. 3-е изд. М.: Просвещение, 2017. 206 с.

3. Обидова М. И., Бобиева С. К. Технологияи бозии "Танграм" ҳамчун як навъ бозии дидактикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.//Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ./ № 1 (19) Душанбе, 2024. Саҳ.11-16.

4. Рангинкамон. Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ. (гурӯҳи корӣ) Душанбе. 2012.-125 с.

5. Теория и методика формирования элементарных математических представлений у детей дошкольного возраста: методические рекомендации / сост. А.В. Иванова. – Витебск : ВГУ имени П.М. Машерова, 2023. – 35 с.

6. Теории и технологии математического развития детей дошкольного возраста / Сост. З.А. Михайлова, Р.Л. Непомнящая, М.Н. Полякова. - СПб, 2006. - 97 с.

7. Щукина Г. И. Педагогические проблемы формирования познавательного интереса воспитанников. М.: Педагогика, 1988. 205 с.

ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА РУШДИ ТАСАВВУРОТИ ОДДИТАРИНИ МАТЕМАТИКИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ-ДОНИСТАГИРӢ

Инкишофи қобилияти маърифатӣ-донистагирӣ ва шавқмандии маърифатӣ яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Муаллифони мақола дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқон муайян кардаанд, ки аз инкишофи шавқмандӣ ва қобилияти маърифатии кӯдак муваффақияти таҳсил дар мактаб вобаста аст. Инчунин, қайд карда шудааст, ки дар фаъолияти маърифатӣ-донистагирӣ тасаввуроти математикии кӯдакони синни томактабӣ ташаккул меёбад, он талабот ва қобилияти фаъолона фикр карданро ташаккул дода, монеаҳои гуногунро ҳангоми ҳалли масъалаҳои фикрӣ бартараф месозад.

Дар раванди машғулиятҳо ва бозиҳои инкишофдиҳандаи математикӣ кӯдакон доир ба муносибатҳои миқдорӣ, ҳисоб ва чен кардани объектҳо, хосиятҳои гуногуни ашёҳо, ҷойгиршавии онҳо дар фазо ва вақт тасаввурот пайдо мекунанд, ҳамзамон ба инкишофи маърифатӣ-донистагирӣ таъсир расонида, мутамарказияти диққат ва ба хотир гирифтанро ташаккул медиҳанд.

Дар мақола барои мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ тавсияҳо оид ба дуруст ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо ва бозиҳо дар ҷараёни машғулиятҳои математикӣ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: фаъолияти маърифатӣ-донистагирӣ, инкишофи қобилияти маърифатӣ-донистагирӣ, ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ, машғулият, бозиҳои дидактикӣ, инкишофдиҳанда, тасияҳои методӣ.

МЕТОДИЧЕСКИЕ РЕКОМЕНДАЦИИ ПО РАЗВИТИЮ ЭЛЕМЕНТАРНЫХ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА В ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Развитие познавательных способностей и познавательного интереса является одним из важных вопросов развития, воспитания и образования детей дошкольного возраста. Авторы статьи на основе работ исследователей определили, что успех обучения в школе зависит от развития интереса и познавательных способностей ребенка. Также отмечено, что у дошкольников в процессе познавательной деятельности формируется математическое представление, которое способствует требованиям и способностям активно мыслить, преодалевать препятствие при решении умственных задач.

В процессе математических занятий и развивающихся игр у детей формируется представления об количественных отношениях, счёт и измерение объектов, о разных свойствах предметов, об их пространственных и временных расположениях, что способствует познавательному развитию и формированию сосредоточенности внимания и запоминанию.

В статье даны рекомендации специалистам дошкольного образования по правильной организации и проведению занятий и игр по математике.

Ключевые слова: познавательная деятельность, развитие познавательной способности, формирование элементарных математических представлений, занятия, дидактические, развивающие игры, методические рекомендации.

METHODOLOGICAL RECOMMENDATIONS FOR THE DEVELOPMENT OF ELEMENTARY MATHEMATICAL CONCEPTS OF PRESCHOOL CHILDREN IN COGNITIVE ACTIVITY

Development of cognitive abilities and cognitive interest of preschool children is one of the important issues for their development, upbringing and education., Based on the research results of scientists, the authors determined that the success of learning at school depends on the development of interest and cognitive abilities of the child. It is also noted that in the process of cognitive activities in preschool children will form a mathematical concept that contributes to the requirements and abilities to think actively, overcome obstacles in solving mental problems.

In the process of mathematical activities and developing games, in the children form ideas about quantitative relationships, counting and measuring of objects, about different properties of objects, about their spatial and temporal locations. It contributes to the development of cognitive development and the formation of concentration and memorization.

In this article are provided recommendations to the specialists on the sphere of preschool education for correct organization and conduction of classes and games in mathematics.

Key words: cognitive activity, development of cognitive ability, formation of elementary mathematical concepts, lessons, didactic, educational games, methodological recommendations.

Маълумот дар бораи муаллифон: Обидова Мунира Ибрагимовна, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва муносибатҳои оилавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121 Тел.: (+992) 777 07 01 82, E-mail: munira64_64@mail.ru

Бобиева Сабрина Каташоевна, ассистенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121 Тел.: (+992) 987 14 61 66, E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

Сведения об авторах: Обидова Мунира Ибрагимовна, кандидат педагогических наук, доцент кафедры социальной психологии и семейных отношений Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни 734003, РТ, г. Душанбе, проспект Рудаки 121 Тел.: (+992) 777 07 01 82, E-mail: munira64_64@mail.ru

Бобиева Сабрина Каташоевна, ассистент кафедры педагогики, психологии и методики дошкольного воспитания Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни 734003, РТ, г. Душанбе, проспект Рудаки 121 Тел.: (+992) 987 14 61 66, E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

Information about the authors: Obidova Munira Ibragimovna, candidate of pedagogical sciences, docent of the Department of social psychological and family relations Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, 734003 RT city Dushanbe, Rudaki avenue, 121 Phone: (+992) 777 07 01 82, E-mail: munira64_64@mail.ru

Bobieva Sabrina Katashoevna, An assistant of the Department of pedagogy, psychology and methods of the pre-school education Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. 734003 RT city Dushanbe, Rudaki Avenue, 121 Phone: (+992) 987 14 61 66, E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

ТДУ:373:54
Д-68

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА ИМКОНИЯТИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ

Давлатмуродзода М.Д., н.и.п., муаллими калон, Бобозода Б.Ҷ., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Холназаров С., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Методҳои тарбия-тарзи алоқамандии фаъолияти тарбиядиҳандагон ва тарбиягирандагон буда, ба иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ равона шудааст. Методҳои тарбия аз системаи роҳ ва тарзи салоҳиятнокӣ, ташкили муносибатҳои ҷамъиятӣ таркиб ёфтааст. Баҳамтаъсиррасонӣ ва якҷоя амалкунии ҷамъиятӣ дар оянда навигарии педагогӣ буда, ба тарзи муносибатҳои тарбиявӣ ба ташаккули маърифатнокии шахсияти хонандагон ва донишҷӯён сабаб шуда, ба муваффақиятнокии раванди таълим таъсири мусбӣ мерасонад.

Таснифи педагогии методҳои тарбия аз мантиқи умумии равандҳои педагогӣ сарчашма гирифта, зарурати бевоситаи ташкили ҳама намудҳои фаъолияти кӯдакон, муносибати байни ҳамдигарӣ бо тарбиядиҳандагон ва тарбиягирандагон, ҳавасмандии худфаъолиятӣ иборат мебошад. Ҳангоми татбиқи методҳои тарбия умумияти раванди педагогӣ дар доираи ташкили коллективи тарбиявии хонандагон ҳамчун шакли асосии мазмун ва шароити муваффақиятноки ҳамаи кори таълиму тарбия амалӣ мешавад.

Муаллифони консепсияи ҳозираи барқароркунӣ ва рушди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва азнавсозии методикаи омӯзиши фанҳои таълимӣ, аз ҷумла, химия (У.Зубайдов, М. Нуъмонов, С. Холназаров, Ҷ. Шарифов, А.А. Макареня, Т.С. Назарова, М.С. Пак, Н.И. Селиванов, Н.Н. Суратаева, Г.М. Чернобелская ва дигарон) диққатро ба фаъолгардонии раванди тарбия равона месозанд.

Масъалаи баланд бардоштани ҷиҳатҳои тарбиявии раванди таълим хеле барвақт дар маркази дидактика буда, лекин шароити педагогии таҳқиқоти таъминкунандаи ба амалбарории ин вазифа ба таври лозимӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аз рӯи таҳқиқоти К.Я. Парменов чунин хулоса бароварда шуд «Аз ин рӯ, барои фаҳмидани баъзеҳо, далелҳо ва падидаҳо дар шароити муосири таълими химия дар мактаб, шумо бояд системаи таълими онҳоро пайгирӣ кунед ва решаҳои онро дарёбед, гузаштаро нисбатан дур таҳлил намоед». [10, с. 96]

Методҳои босалоҳият ташкил намудани раванди тарбиявие, ки дар мактабҳо истифода бурда мешаванд, барои ҳавасманд кардани хонандагон ва донишҷӯён оид ба муайян намудани нуқтаи назари маърифатии худ ва тайёр будан ба худмуайянкунии ҳаётӣ нокифоя мебошанд. Чӣ дидактика ва чӣ дар назарияи тарбия тасдиқ мекунанд, ки дар интихобу якҷояшавии методҳое, ки дар таълим ва тарбия истифода мешаванд, муносибати маҷмуи шарти зарурӣ мебошад.

Барои муайян намудани босалоҳиятии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия аз нуқтаи назари омӯзгорони фанни химияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод, Восеъ ва ғайраҳо анкета пешниҳод карда шуд, ки бо кадом дараҷа ҳар як методи пешниҳоднамуда дар кори онҳо анъанавӣ мебошад.

Фикру ақидаҳои омӯзгорони химия пурра дар адабиёти методӣ мувофиқат менамояд ва онҳоро мо метавонем, ҳангоми муайян кардани методи анъанавӣ барои иштирокчии мушаххас ба асос гирем. Дар кори тарбиявӣ ва дар дарсҳои химия мо методи анъанавиро вобаста ба қувваи методҳои боварҳосилкунӣ (эътиқод) ҳикоя, лексия, корҳои фаҳмондадиҳӣ, шарҳдиҳиро низ истифода мебарем. Аммо ин гурӯҳ методҳо ба таври доимӣ машқ карданро талаб менамоянд, ки ба он аслан, дохил мешаванд: мусобиқа, ҳавасманд кардан.

Дар байни методҳои тарбияи ғайрианъанавӣ дар ин ҳолат суҳбати ахлоқӣ, мунозира, баҳс ва вазъияти тарбиявиро ном бурданд. Дар қисмати методҳои ғайрианъанавӣ лозим меояд фикри ҷамъиятро ҷой диҳем, ки ин аз тағйироти на он қадар хурд нисбат ба муносибат ба ҷамъият гувоҳӣ медиҳад. Дар бораи истифодабарии методи боваркунонӣ бошад, саволҳои бисёр пайдо шуданд. Чунин муҳокимарониро дар дигар таҳқиқот низ вохӯрдан мумкин аст.

М. Лутфуллоев тарбияи шаҳрвандиро омӯхта, дар байни методҳои тарбия суҳбат, корҳои фаҳмондадиҳӣ, ҳавасмандкунӣ, бовариҳосилкунӣ, маҷбуркунӣ ва машқро ҷудо менамояд. Ба методҳои ғайрианъанавӣ ӯ вазъияти тарбиявӣ, бозӣ ва баҳсро низ дохил менамояд. [7, с. 74]

Пеш аз он ки имконияти таълимии методҳои тарбияро муайян, кунем, кӯшиш менамоем, ки диққатро ба худи мавзуи тарбия равона созем. Раванди таълими умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ раванди пурраи педагогие мебошад, ки таълим ва тарбияро дар бар мегирад. Раванди тарбия дар ҷараёни таълими химия нисбат ба дигар фанҳо камтар омӯхта шудааст. Он дорои хусусиятҳои хоси худ буда, нисбат ба таълим мураккабтар аст. Таҳқиқоти дар ин соҳа гузаронидашуда нишон дод, ки моҳияти равоншиносии раванди тарбияи кӯдак аз як ҳолат ба ҳолати дигар вобаста аст.

Дар зери мафҳуми тарбия рушди мақсаднокии ҳар як фард таъмини фаҳмиш, такмили қуввaҳои маърифатӣ, эҷодии он фаҳмида мешавад. Назарияи ҳозираи тарбия ҳисоб мекунад, ки тарбия аз таъсири бевосита иборат набуда, аз таъсиррасонии иҷтимоии педагог ва тарбиягиранда иборат аст. Раванд ба воситаи ташкили фаъолияти хонанда амалӣ карда мешавад, натиҷаи таъсири тарбиядиҳанда дар пешравии сифатӣ, дар шуур ва рафтори хонанда зоҳир мегардад. Консепсияи ҳозираи миллии тарбия (2006) дар барои таъсири ҳамдигарӣ, ҳамкорӣ, муносибати тарбиявӣ, вазъияти педагогӣ, вазъияти иҷтимоии рушд, ташкили фаъолияти мазмуннок ва рушдёбанда дар дарсҳои химия бо ёрии методҳои тарбия маълумот медиҳад.

Аз нуқтаи назари Гаркунов В.П. тарбия раванди гузаронидани зоҳир нисбат ба муносибат ба таҷрибаи шахсӣ, арзишҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ба нақши руҳии дохилии шахсият, ба боварӣ ва рафтор мебошад. [4, с. 21-23]

Шабнишинӣ, саёҳат, бозиҳои таълимӣ-маърифатӣ, суҳбат дар мавзуъҳои ахлоқӣ, конференсияҳои илмӣ, ташкил ва баргузорнамудаи мизи мудаввар, шабнишиниҳо ва ғайраҳо шаклҳои кори тарбиявӣ мебошанд. Дар баъзе сарчашмаҳо онҳо дар байни методҳо ва воситаҳои таълим номбар шудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то кадом дараҷа методҳо ба таври номуайян, ба воситаҳо ва шаклҳои тарбия ҷудо карда мешаванд.

Амалияи тарбия он роҳҳоро истифода мебарад, ки омӯзгорон хонандагони худро дар асоси тарбияи солҳои пешин роҳандозӣ менамоянд ва мо онҳоро аслан методҳои муосири анъанавии тарбия меномем. Дар бисёр мавридҳо методҳои анъанавӣ камсамаранд. Дар назди омӯзгор ҳама вақт бозёфтҳо, роҳҳои номаълуме, ки ба таври миёна ба шароити мушаххаси тарбия мувофиқ аст, имконият медиҳад, ки тезтар ва бе ҳаракати зиёд ба натиҷаи гузошташуда расад. Таҳқиқоти методӣ тамоман нав ба ягон омӯзгор муяссар намешавад.

Муваффақиятнокии ин ё он метод аз омилҳои гуногун вобаста аст, ки ҳангоми интихоби метод бояд онро ба инобат гирифт. Фақат дар назари аввал менамояд, ки омӯзгор дар интихоби метод озод аст, аслан, дар масъалаи интихоби метод озод нест, зеро масъалаи интихоби метод ба сабаб марбут аст. Барои баромадан аз уҳдаи интихоби метод системаи таснифи он ёрӣ мерасонад.

Аз таснифҳои дида баромада таснифи Ю.К. Бабанский бовариноктар аст ва он ба се гурӯҳи методҳои тарбия ҷудо карда мешавад:

1. Методҳои ташаккули шуурнокии шахсият;
2. Методҳои ташкили фаъолият ва ташаккули таҷрибаи рафтори ҷамъиятӣ;
3. Методҳои ҳавасмандии рафтор ва фаъолият.

Ба методҳои тарбия, таснифи онҳо, интихоби методҳо дар таҳқиқоти гуногун диққати зиёд дода шудааст. Назариячиён чунин ҳолатро асоснок намуданд, ки методҳои тарбия метавонад, на танҳо вазифаи тарбиявӣ, инчунин, дидактикиро иҷро намоянд. Лекин

амалан ҳамаи таҳқиқоти методҳои тарбиявиро фақат дар раванди тарбиявӣ дида мебароянд. Ба ақидаи мо зарурати нишон додани имконияти таълимии (дидактикии) методҳои тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, ки дар раванди таълими химия истифода намуданашон фоидабахш аст, пеш омадааст.

Чи хеле ки муайян намудем, ба методҳои тарбиявии анъанавӣ аз рӯйи назарсанҷӣ методҳои ҳикоя, лексия, шарҳдиҳӣ, талаботи педагогӣ ва ҷазодиҳӣ дохил карда шудаанд. Ин ақидаҳои моро баъзе натиҷаҳои таҳқиқоти пешин тасдиқ менамоянд.

Аз рӯйи таснифи Ю.К. Бабанский се методи аввал ба гурӯҳи методҳои ташаккул додани шуури шахсият дохиланд. [2, с. 118]

Номгӯи синонимии методи боварикунӣ. Онҳо ба таври ҷиддӣ ба шуури шахсият равона карда шудаанд. Вазифаи онҳо ташаккули дониш дар бораи ахлоқ, меҳнат дар шуури хонандагон, ташаккули тасаввурот, мафҳум, муносибат, арзишҳо, нуқтаи назар; ҷамъбаст, таҳлили таҷрибаи худи хонандагон; тағйирот дар арзишҳои ҷамъиятӣ, меъёр, нишондоди фарқ мебошад. Дастгоҳи асосӣ, сарчашмаи методҳои боварӣ, сухан, пешниҳод ва муҳокимаи ахборот мебошад. Ин на танҳо сухани калонсол, балки муҳокимаронии хонанда аст. Ба гурӯҳи методҳои тарбия суҳбат, баҳс, мисоловарӣ, боварикунонӣ дохил мешаванд.

Дар давраи аввали омӯзиши фанни химия дар мактаб (синфи 8) мисоли равшани истифодаи методи боварӣ ҳангоми таърифоти фанни химия, масъалаҳои химиявӣ, зарурати мустаҳкам азхудкунӣ ва донишҳои амалӣ дар соҳаи ин илм шуда метавонанд. Ҳангоми дида баромадани заминаҳои таърихии пайдошавии фанни химия ҳамчун илм, нуқтаи назари Аристотел ва Абӯалӣ ибни Сино чӣ аз ҷиҳати илмӣ, чӣ аз нуқтаи назари ахлоқӣ таҳлил карда мешаванд. Суҳбат дар бораи ҷустуҷӯи санги философӣ И.Эликсирӣ (дору, моддаи) ҷавоншавӣ ба омӯзиши вазифаҳои илмии химия мегузаранд. Дар ин давраи омӯзиши химия мо ташкили экскурсияро ба лабораторияи химиявӣ тавсия медиҳем.

Дар таҳқиқоти Г.М. Чернобелская диққати моро ба нақши система ҷалб мекунад. Муносибати сохторро ба омӯзиши курси методологӣ, дар асоси дидактика (тавассути функсияи таълимӣ), педагогика (назарияи таълим) - тавассути функсияи тарбия, психология (тавассути инкишоф) функсияҳо нишон медиҳанд. «Ҳамзамон, системаи мураккаби консепсияҳо вуҷуд дорад ва худи фанни химияро дар бар мегирад». Дар ҷараёни таълим, ҳамаи ин системаҳо ба ҳам меоянд. [12, с. 64]

Ҳангоми экскурсия ба хонандагон таъйиноти таҷҳизоти химиявӣ, зарурати эҳтиётонаи он, касбӣ, муносибат, намудҳо бо онҳо фаҳмонида дода мешавад. Дар рафти кор ба омӯзгор лаборанти касбӣ ёрӣ мерасонад. Асоси методеро, ки ҳангоми экскурсия истифода бурда мешавад - шарҳу эзоҳ, тасвиркунӣ ташкил медиҳад. Хонандагон ба таври аёнӣ бовар мекунанд, ки ҳамаи амал, малака, меҳнати пурмашаққат, яъне босалоҳиятиро талаб менамояд. Лаборант хонандагонро ба пайдарпай ва кори эҳтиёҷнок ҷалб менамояд. Мақсади тарбиявии экскурсия шиносшавӣ бо лабораторияи химиявӣ ва касби лаборанти химия мебошад ва ба чунин сифатҳо ба монанди фахр аз касби худ, эҳтиром ба маҳорат, интизомнокӣ, масъулият, диққати хонандагон равона карда мешавад. Баъди экскурсия чунин саволҳо медиҳем: чӣ аз ҳама зиёдтар диққати шуморо ҷалб намуд? Номи зарфҳои химиявӣ ва тарзи истифодаи онро дар ёд нигоҳ доштед? Кадом асбобҳоро дар лабораторияи химиявӣ дидед? «Хонандагон ба ин саволҳо ҷавоби пурра медиҳанд».

Маъруза, ҳикоя, фаҳмондан - ин шаклҳои мономантиқӣ мебошанд. Маъруза, ҳикоя ва фаҳмонданро чӣ барои ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ, чӣ барои таълим метавонем истифода барем. Дар бораи мавзуи баъзе маърузаҳое, ки дар амалияи мо истифода шуданд, мисол меорем: «Ҳаёт ва фаъолияти химикони бузург», масалан Абӯбакри Розӣ, Ҷобир ибни Ҳайён, «Сарчашмаҳои маънавии баъзе кашфиётҳо дар химия», «Мушкилоти соҳаи химия ва экология», «Аҳаммияти моддаҳои химиявӣ барои ҳаёти инсон ва ҷамъият», «Химия ва тиб», «Химия дасти худро, ба инсоният васеъ дароз менамояд». Омӯзиш нишон дод, ки агар ҳарчи зиёдтар маводҳои ватаниро истифода барем, аҳаммияти он бештар аст.

Тарбияи муносибати эстетикӣ ба меҳнат, ҳаёт, фаъолият хеле бомаврид бо омӯзиши ҷанбаҳои таърихии илми химия, роҳҳои ояндаи рушд ва ҳолати ҳозираи илми химия,

шиносоӣ бо истифодаи амалии хосияти химиявии бисёр моддаҳо вобаста кардан мувофиқи мақсад мебошад. Чунин методҳоро метавонем дар дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ васеъ истифода намоем. Омӯзгорони фанни химия диққати хонандагон ва донишҷӯёнро ба далели бисёр муҳим кашфи элементҳои химиявӣ ҳангоми омӯзиши мавзуи «Қонуни даврӣ ва системаи даврии элементҳои химиявии Д.И. Менделеев» хеле моҳирона ҷалб менамоянд. Берун аз маводи барномавӣ дар бораи сифатҳои маънавӣ, ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ, умумиинсонии Д.И. Менделеев, истода мегузаранд, ки ин барои дар дарси химия ҳал кардани бисёр вазифаҳои тарбиявии фанни химия ёрӣ мерасонад. Дарс - конференсия, дарс-намоишнома, викторина, кроссворд, дарс дар бораи «Мероси Абӯбакри Розӣ», Абӯалӣ ибни Сино, Ҷобир ибни Ҳайён ва дигар химикони ватанӣ дар сатҳи баланд гузаронида мешаванд. Ин яке аз усулҳоест, ки таъсиррасонии тарбиявӣ ва таълим дар қисмати мақсад барои расидан ба мақсади таълими умумӣ якҷоя мешаванд.

Истифодаи методҳои тарбиявӣ ҳангоми таълими фанни химия бояд ҳатман дар ҳар як дарси химия ба таври системавӣ ва пайдарпай гузаронида шаванд. Лекин дар ин ҷо набояд фаромӯш кард, ки интихоби методи тарбия бояд бо тайёрии пешакӣ ва шароити воқеӣ ба гузаронидани он мавҷуд бошад. Масалан, суҳбат бо он фарқ мекунад, ки дар ин ҷо тайёрии маънавӣ ва эҳсосотии худи хонандагон ҷой дорад. Суҳбати тарбиявӣ ҳамчун қоида аз баромади кӯтоҳи омӯзгор ва гузориши саволҳо барои муҳокима, ки бештар хусусияти мушкилотӣ проблемавӣ доранд, оғоз мешавад. Натиҷаи муҳокимаронӣ розигии хонандагон ва донишҷӯёнро талаб намекунад, лекин қабул ва дарки ахбор, мустақилона фикри онҳоро қабул мекунанд.

Ба ақидаи Пак М.С. суҳбати тарбиявӣ метавон барои баланд бардоштани вақҳҳо дар омӯзиши фанни химия, барои тағйир додани муносибат ба сифати донишҳои азхудкарда кумак расонад. Дар рафти суҳбати тарбиявӣ бо таври одӣ ва босалоҳият метавонем маълум намоем, ки рафтори нодуруст дар дарсҳо ба нафаҳмидани мавзуъ, ё ин ки ноаниқиҳо ва норавшаниҳо дар дониш аст, ки бо сабабҳои гуногун пайдо шудаанд. [9, с. 15-20]

Дигар методи тарбияи анъанавӣ талаботи педагогӣ мебошад, ки ба гурӯҳи методҳои ташкили фаъолият ва ташаккули таҷрибаи рафтор дохил мешавад. Дар дарсҳои химия омӯзгор ин методро дар вақти кори дукаса, кор дар гурӯҳҳои озод, иҷрои корҳои амалии химиявӣ истифода мебарад. Масалан, ҳангоми омӯзиши «Назарияи диссотсиатсияи электролитӣ» омӯзгорон технологияи дукаса истифода мебарад. Ҳангоми коркарди дидактикии мавод дар амалӣ намудани якчанд мақсадҳои тарбиявиро бо ёрии талаботи педагогӣ тавсия мекунад:

- Бо диққат матни пешниҳодкардашударо омӯз!
- Алгоритми тартиб додани ивазшавии ионҳоро дар шакли пурра ва нопурраи ионӣ омӯз!
- Бо рафиқат иҷрои корро муҳокима намо!
- Дар бораи иҷрои супориши худ ба рафиқон маслиҳат намо!
- Ба маслиҳати онҳо гӯш диҳед!
- Фаъолияти худро таҳлил намуда, ба воситаи нави таълим гузар!

Аз тавсияи омӯзгорон аломатҳои технология ва муошират табиӣ дохил карда шудааст ва талаботи бевоситаи педагогӣ истифода мешавад, ки якчанд хусусияти тавсиявӣ дошта, бо ҷиддияти худ, махсусан, дар давраи аввали тарбия фарқ менамоянд. Оҳиста - оҳиста талаботи бевосита ба бавосита иваз мешаванд. Талаботи бавосита дар намуди хоҳиш, маслиҳат иваз мешаванд, онҳо хонандаро ба андеша кардан пайдо шудани шавқ мебарад. Дар вақти кор дар гурӯҳ нуқтаи назари хонандагон ва донишҷӯён бояд фаъол бошад ва вазифаи онҳоро иҷро намоянд: ҳама нақши иҷрокунанда ва ташкилкунандаро иҷро менамоянд. Дуруст равона сохтани таъсироти педагогӣ барои ҳавасманд намудани фаъолияти маърифатӣ зарур аст.

Дар нақши ташкилкунандаи раванди таълим омӯзгорон меистанд, хонандагон ва донишҷӯён ба фаъолияти маърифатӣ талабот зоҳир менамоянд, ки бевосита талабот ва мақсади омӯзгор мебошад. Қисмати фаъолнокии хонанда ва донишҷӯ меафзояд. Ин тавр

истифода намудани методҳои тарбиявии анъанавӣ «талаботи педагогӣ» ва ғайрианъанавӣ на танҳо дар раванди омӯзиши фанни химия, балки дар раванди тарбиявӣ низ бисёр фоиданок мебошад.

Ба гурӯҳи методҳои ташкили фаъолият ва ташаккули таҷрибаи рафтор, методҳои анъанавии омӯзондан ва машқро дохил кардан мумкин аст. Омӯзондан ва машқ барои ташаккули воситаҳои мустаҳками рафтор, одат ёрӣ мерасонад. Шакл ба таври доимӣ омӯзонидан ва иҷро намудани ҳар гуна ҳаракатҳо (амалиёт) аз тарафи хонандагон бо мақсади табдилёбии рафтор ва ташаккули ҷаҳони маънавии онҳо мебошад. Омӯзондан дар ҳама давраҳои омӯзиши химия самаранок аст. Тарбияи покизакорӣ, боинтизомӣ, ташкилотчигӣ, масъулиятшиносӣ аз натиҷаи меҳнати худ, дар вақти гузаронидани кори амалии одӣ аз фанни химия дар байни таълимгирандагон як вақт ба омӯзиши малакаҳои кор бо таҷҳизоти химиявӣ мебошад. Бисёркарата такрор кардан дар вазъияти гуногун, омӯзондани покизакорӣ дар ҷойи кор, дар вақти иҷрои таҷрибаҳои лабораторӣ, кори хаттӣ, кор бо китоб натанҳо сифатҳои зарурӣ, балки ба ташкили раванди таълиму тарбия дар оянда таъсири мусбӣ мерасонад. Омӯзондан, санҷиши амалиёти иҷронамударо талаб дорад. Дар ин ҷо натиҷаҳои мусбии раванди тарбиявӣ ва аз худ кардани малакаҳо ва маҳоратро қайд кардан бисёр муҳим аст.

Адабиёт:

1. Анофрикова С. В. Практическая методика преподавания физики / С. В. Анофрикова, Г. П. Стефанова. – Астрахань: АГПИ, 1995.
2. Бабанского, Ю.К. Акад. пед. наук СССР- Педагогика: Москва- 1980. -118с.
3. Верховский В.Н. Техника и методика химического эксперимента в школе 1949
4. Гаркунов, В.П. Использование методов химической науки при обучении химии в средней школе. Повышение эффективности методов обучения химии в средней школе: - Москва, 1982.с -.21-23с.
5. Зубайдов. У.З, С Холназаров методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактаби олӣ. – 2011.
6. Кузнецовой Н. Е. Методика преподавания химии: учебное пособие длястудентов пед. ин-тов по хим. и биол. спец. – М.: Просвещение, 1984
7. Лутфулоев, М. Педагогикаи миллӣ халқи тоҷик. Осори педагогӣ: Душанбе -2015. - 74 с.
8. Новокшанова А. Л. Органическая, биологическая и физколлоидная химия. Практикум
9. Пак, М.С. Роль и место познавательных заданий в формировании мотивации учения: Химия в школе. - 1999. - 15-20.
10. Парменов К. Я. Химия как учебный предмет в дореволюци онной и советской школе. – М. : АПН РСФСР, 1963. – 96 с.
11. Титова И. М. Педагогическое общение как основа развивающего обучения. Химия в школе – 1996.
12. Чернобельская Г. М. Теория и методика обучения химии: учебник по специальности «Химия». – М. :Дрофа, 2010. – 64 с.

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА ИМКОНИЯТИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ

Дар педагогикаи муосир зери мафҳуми методҳои таълим ин усулҳои фаҳмондадиҳии маводи таълимӣ дар фаъолияти омӯзгор ва хонандагону донишҷӯён барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда фаҳмида мешавад. Аз ин хотир, методикаи таълими фанҳои гуногун бештар вазифаҳои бедоркунанда, омӯзанда, фаъолияткунанда ва тарбиякунандаро иҷро менамоянд. Вобаста ба ин муаллифони мақола кӯшиш намудаанд роҳҳои гуногуни фаҳмондадиҳӣ, муаррифӣ, омӯзонидан ва такмили маводи таълимиро ба хонандагон ва донишҷӯён дар раванди таълими фанни химия бо таҳлили андешаҳои педагогҳои машҳури

замони муосир баррасӣ намоянд. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи педагогҳои хориҷӣ М.С. Пак, Н.И. Селиванов, Н.Н. Суратаева, Г.М. Чернобелская ва олимони ватанӣ У.Зубайдов, М. Нуъмонов, С. Холназаров, Ҷ. Шарифов, А.А. Макареня, Т.С. Назарова, тавсия медиҳанд, ки муносибатҳои босалоҳият дар ибтидои омӯзиши химия истифода карда шавад. Дар ҳамин асос бедор намудани фаъолияти хонандагону донишҷӯёнро ба назар гирифта, се марҳилаи раванди таълим: нишондиҳанда, иҷроиш ва назоратро ба роҳ монданд. Чи хеле ки амалия нишон медиҳад, омӯзгорони химия бомуваффақият ин методро дар синфҳои болоӣ истифода мебаранд.

Тибқи гуфтаҳои боло муаллифони мақола нишон медиҳанд, ки то кадом дараҷа муносибатои босалоҳияии анологиро дар раванди таълим, тарбия, рушд ба таври чандирӣ истифода метавон истифода бурд, ки ин методҳо дар иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ аз манфиат холӣ нестанд.

Калидвожаҳо: методи таълими химия, фаъолгардонӣ, таълими анъанавӣ, фаъолнокии маърифатии хонандагон, функсияҳои тарбиявӣ, методҳои индуксия, механизми баҳамтаъсиркунӣ, анология, пешгӯӣ.

КОМПЕТЕНТНОСТНОЕ ОТНОШЕНИЕ И ВОЗМОЖНОСТЬ МЕТОДОВ ПРЕПОДАВАНИЯ И ОБУЧЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ХИМИИ

В современной педагогике под методами обучения понимаются способы объяснения учебного материала в деятельности учителя и учащихся по достижению поставленных целей. По этой причине методы преподавания различных предметов в основном выполняют функции пробуждения, обучения, деятельности и воспитания. Исходя из этого, авторы статьи попытались рассмотреть различные способы объяснения, подачи, преподавания и совершенствования учебных материалов учащимся и студентам в процессе обучения химии, анализируя мнения известных современных педагогов. В результате изучения опыта зарубежных педагогов М.С. Пак, Н.И. Селиванова, Н.Н. Суратаевой, Г.М. Чернобельской и отечественных ученых Ю. Зубайдова, М. Нуманова, С. Холназарова, Дж. Шарифова, А.А. Макареня, Т.С. Назаровой, авторы рекомендуют использовать компетентные отношения в начале изучения химии. Исходя из этого, для пробуждения активности учащихся и студентов следует учитывать три этапа образовательного процесса: указание, исполнение и контроль. Как показывает практика, учителя химии успешно используют этот метод в старших классах.

Согласно вышеизложенному, авторы статьи показывают, насколько можно гибко использовать аналогичные связи в процессе обучения, развития и что эти методы не лишены преимуществ при реализации образовательных задач.

Ключевые слова: метод обучения химии, активация, традиционное обучение, познавательная деятельность учащихся, образовательные функции, методы индукции, механизм взаимодействия, анология, прогнозирование.

COMPETENT RELATIONSHIP AND POSSIBILITY OF TEACHING AND LEARNING METHODS IN THE PROCESS OF TEACHING CHEMISTRY

In modern pedagogy, teaching methods are understood as ways of explaining educational material in the activities of the teacher and students to achieve their goals. For this reason, the teaching methods of various subjects mainly perform the functions of awakening, teaching, activity and education. Based on this, the authors of the article tried to consider various ways of explaining, presenting, teaching and improving educational materials for students in the process of teaching chemistry, analyzing the opinions of famous modern teachers. As a result of studying the experience of foreign teachers M.S. Pak, N.I. Selivanov, N.N. Surataeva, G.M. Chernobelskaya and domestic scientists Yu. Zubaidov, M. Numanov, S. Kholnazarov, Zh. Sharifov, A.A. Makarenya, T.S. Nazarov, recommend using competent relationships at the beginning of studying chemistry. Based on this, in order to awaken the activity of pupils and students, three stages of the educational process should be taken into account: direction, execution and control. As practice shows, chemistry teachers successfully use this method in high school.

According to the above, the authors of the article show how flexible it is to use similar connections in the process of teaching, learning, development and that these methods are not without advantages in the implementation of educational tasks.

Key words: method of teaching chemistry, activation, traditional teaching, cognitive activity of students, educational functions, induction methods, interaction mechanism, anology, forecasting.

Маълумот дар бораи муалифон: Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел:(+992) 987909008.

Бобозода Бахтиёр Ҷангӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел:(+992) 985078468

Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел(+992)917060208

Сведения об авторах: Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры химии и методики ее преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова, 16. Тел: (+992) 987909008.

Бобозода Бахтиёр Джанги, кандидат педагогических наук, доцент кафедры химии и методики ее преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Тел: (+992) 985078468

Холназаров Санг, доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания естественных наук Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Тел. (+992) 917060208

Information about the authors: Davlatmurodzoda Mirzomurod Davlatmurod, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the department of chemistry and teaching methods of Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street, 16. Tel: (+992) 987909008.

Bobozoda Bakhtiyor Jangi, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of chemistry and teaching methods of Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street, 16. Tel: (+992) 985078468

Kholnazarov Sang, doctor of pedagogical sciences, professor of the department of methods of teaching natural sciences, Nosiri Khusrav Bokhtar State University. Tel. (+992) 917060208

ТДУ:374+377 (035.3)

НАҚШИ БОСАЛОҲИЯТИИ ОМӮЗГОРОН ДАР МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Шарипов Б.Ф., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар ин қисмат мо кӯшиш мекунем, ки ҳадафу вазифаҳои такмили фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва коршиносони соҳаро дар ҷараёни мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогии кӯдакони имконияташон маҳдудро баррасӣ намоем. Ин фаҳмиш ба тасаввуроти бисёри назариявӣ оид ба табиат ва моҳияти мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогии кӯдакон, ҳамчун қисми таркибии ҳамгироии онҳо ба ҷомеа асос ёфтааст.

Ҳамгироӣ тавассути системаи чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, бо мақсади таъмини мустақилияти пурра ё нопурра дар муносибат бо дигар аъзои ҷомеа ва иштироки баробари онҳо дар рушди ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба даст меояд. Мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид сохтани арзишҳо ва фаҳмишҳои маънавиеро дар назар дорад, ки мақом, нақш ва таъйиноти кӯдакони имконияташон маҳдуд, дар фароҳам овардани шароитро барои таъмини фаъолиятҳои гуногуни эҷодии онҳо баррасӣ мекунад.

Ҳамчун қисми таркибии ҳамгироии фард ба ҷомеа, мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ ба сифати ҷараёни комёб шудан ба худмуайянкунӣ дар фарҳанги фазои арзишҳо, ташаккули шароитҳои инфиродии рушд, имкониятҳо барои худтатбиққунӣ ба қалам дода мешавад. Мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ дар ин ҷанба василаи ташаккул ва мувофиқсозии шароитҳо ҳамчун ҷараёни мутобиқшавӣ дар маҷмуъ ва ҳамчунин таъмини имкониятҳои баробари рушд ва иҷтимоишавии кӯдакон ба ҳисоб меравад. Зарурияти босалоҳиятии омӯзгорон дар мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ба таҳсилоти махсус аз инҳо бар меоянд [2, с. 56].

1. Асосноккунии педагогии таркибҳои иҷтимоии чорабиниҳои мутобиқшавӣ ба бартараф сохтани мушкилоти муқобилияти фарҳангии кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз нуқтаи назари иҷтимоӣ - психологӣ ба ҳадди ақал расонидани маҳрумият дар тафаккури шахси имконияташон маҳдуд, равона шудааст. Дар қаринаи иҷтимоӣ - педагогӣ ин чунин маъно дорад, ки ба муқаррар намудани дарки иҷтимоӣ, муносибати ҷомеа бо кӯдакони имконияташон маҳдуд ба сифати субъектҳои баробарҳуқуқӣ фаъолиятҳои байниҳамии ҷамъиятӣ ноил гардем. Дар муҳити иҷтимоӣ маҳдудият ҳамчун соҳаи махсуси иҷтимоишавӣ ва худтатбиққунии фард ба ҳисоб гирифта мешавад [4, с. 12].

Фаъолияти ҷамъиятӣ дар ин маврид воситаест барои мутобиқшавии кӯдакон дар ҷараёни рушди иҷтимоӣ.

2. Асосноккунӣ ва фаъолнокии иҷтимоӣ - педагогии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба сифати воситаи асосии мувофиқсозии муҳит ба ҳисоб гирифта мешавад. Он бунёди ҷомеаеро дар назар дорад, ки ба афзалиятҳои муосири истифодаи эҷодкоронаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун фаъолнокии иҷтимоӣ - педагогӣ асос ёфтааст ва ба тарзи қобили назар ба коҳиши захираҳои дигар намудҳои фаъолият (аз ҷумла, ҷараёни таълиму тарбия) мусоидат мекунад.

Тарҳрезии шароитҳои педагогии мутобиқшавӣ ва ҳамгироии кӯдакони имконияташон маҳдуд, дар ҷомеаи муосир, асосан, ба муҳити таҳсилотӣ ба даст овардани мақсадҳои зеринро дар назар дорад:

– ташаккули муносибати фарҳангӣ ба кӯдакони имконияташон маҳдуд, дар ҷомеа, бартараф сохтани боварҳо ва хурофоти боқимондаи ҷамъиятӣ дар муносибат бо кӯдакон;

– хизматрасонии иттилоотӣ ва баланд бардоштани неруи иҷтимоии маҳдудият дар байни кӯдакони имкониятҳои маҳдуди саломатӣ ва таъмини саҳмгузории мусбати онҳо ба ҷомеа;

– таҳияи технологияҳои нав бо назардошти хусусиятҳои маҳдудият, таъмини дастгирии инфиродии психологӣ - педагогии кӯдакони имконияташон маҳдуд, дар ҳамаи марҳилаҳои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии минбаъдаи онҳо ба ҷомеа;

– такмили тарзу усулҳо ва механизмҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои муосири фаъолнокии иҷтимоӣ.

3. Шароитҳои педагогии мутобиқшавии иҷтимоӣ, ки таъмини амалӣ ва методии мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдудро дар асоси таҳлили тамоюлҳои рушди иҷтимоӣ, таҷзия ва ҷорӣ намудани навгониҳои таҷрибаи педагогии муосир дар бар мегирад:

– бо мақсади тайёр кардани кадрҳои баландихтисос (аниматорҳо, менеҷерҳо, кормандони иҷтимоӣ, психологҳо ва дигарон) барои кор дар муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдудро татбиқ мекунанд;

– дастгирии хонаводаи кӯдаки имконияташон маҳдуд, дар ҷараёни худтатбиқкунии фаъолияти аз нуқтаи назари субъективӣ муҳим;

– муносиб сохтани иштироки иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба хотири беҳтар намудани сифати зиндагии онҳо аз ҳисоби рушд ва татбиқи технологияҳои иҷтимоии ҷубронбахши қобилиятҳои организми инсон ва зиндагии мустақилона;

– ташаккули ҳавасмандии таъсири мутақобилаи мусбат дар кӯдакони имконияташон маҳдуд ба хотири бартараф кардани монеаҳои иттилоотӣ-фарҳангии муҳит;

– татбиқи принсипҳои ҳамэҷодии педагогика дар ҷараёни муносибатҳои байниҳамии субъектҳои ҷараёни педагогӣ;

– таъмини сатҳи зарурии рушди маънавӣ ва ақлонии ҷомеа барои ҳамгироии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба ҷомеа, таҳкими саломатии онҳо тавассути истифодаи технологияҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ, аз ҷумла, табобати ҳунарӣ (арт-терапия), табобати рақсӣ, табобати мусиқавӣ, табобат бо растаниҳои шифобахш (фитотерапия), табобат бо бозиҳо ва ғайра, ки ба мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ба ҷомеа мусоидат мекунанд ва онҳоро барои ҷалби захираҳои муҳимми диққат, ба эҷодкорӣ равона кардани таваҷҷуҳ ва ба ин васила ба ҳадди ақал коҳиш додани нуқсонҳои беморӣ омода месозад.

4. Асосноккунии зарурати тағйир додани муносибатҳои анъанавии маъмурӣ ва робита. Амалияи идора ва робитаҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки нуктаҳои зеринро дар назар дорад:

– таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки аҳаммияти ҷамъиятидоштаи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, ки ба стратегияи принсипҳо ва рушди иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд бо мақсади фароҳам сохтани муҳити иҷтимоии дастрас ва қуллай асос ёфтааст;

– ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои асосии мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ ва ҳамгироӣ: ташкилотҳои ихтиёрӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳои падару модарони кӯдакони имконияташон маҳдуд, ташкилотҳои хайриявӣ, бадеӣ - эҷодӣ, динӣ;

– таҳия ва татбиқи чорабиниҳои муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин таҳияи барномаҳои мутобиқшавӣ ба муҳити фарҳангӣ - фароғатии махсус;

– дастгирии давлатии таҳияи барномаҳои махсуси телевизионӣ (агар имконият бошад – як шабакаи алоҳида) ва интернет - порталҳо, ки барои фароҳам сохтани фазои иттилоотӣ барои ҷомеаи кӯдакони имконияташон маҳдуд ва густариши имкониятҳои иртиботӣ (дастгирии вусъати матнҳои телевизионӣ, робитаҳои махсуси аудиоӣ ва ғайра).

5. Таъмини дастгоҳӣ (таҷҳизотӣ)-и фаъолнокии иҷтимоӣ барои фароҳам сохтани шароити фаъолияти функсионалӣ ва беҳтар намудани ҳолатҳои ҷубронкунӣ, фазои рушди инфиродӣ ва хонаводагӣ, муносиб гардонидани маҷмуи шароитҳо барои мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ ва иҷрои онҳо аз ҷониби кӯдакони имконияташон маҳдуд.

Маҷмуи таҷҳизоту маводи иҷтимоӣ - педагогӣ, психологӣ ва ташкилӣ - меъёрӣ аз инҳо иборат аст:

– барномаҳои рушди технологияе, ки ангезиши кӯдакони имконияташон маҳдудро ба шаклҳои фаъоли фароғат (истироҳат) баланд мебардорад ва вусъати доираи имкониятҳоро барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ фароҳам месозад;

– таъмини ҳуқуқӣ ва ташкилии кафолатҳои давлатии ҳифзи кӯдакон аз вайронкунии принсипҳои адолати иҷтимоӣ, ҳавасмандии озодии эҷодиёти кӯдакони имконияташон маҳдуд;

– такмили ҷузъии таҳсилоти иловагӣ дар соҳаи фарҳанг ва истироҳат, технологияҳои муосири ғанисозӣ ва рушд, беҳтар сохтани сифати онҳо тибқи талаботи рушди такомули фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва маънавии кӯдакони имконияташон маҳдуд. Ҳамзамон, тайёр кардани мутахассисони соҳаи фароғат бо тавъами донишҳои тиббӣ ва педагогӣ, таҷрибаи касбӣ ва малакаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ.

6. Амсилаи байналмилалии мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогии кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла, унсурҳои дар робита ва таъсироти мутақобила қарордошта: тиббӣ ва психологӣ, иҷтимоӣ -иқтисодӣ, иҷтимоӣ - фарҳангӣ. Ин самти педагогии мутобиқшавии кӯдакон бо афзалиятнокии соҳаи татбиқи принсипҳои меҳнат ва технологияи фаъолият муайян гардида, ҳамкориро тақозо мекунад, ки дар навбати худ он ба таъмини нуктаҳои зерин мусоидат мекунад:

– ҷорӣ намудани муносибати такмилёфта ва тафриқавӣ ба истифодаи категорияҳои гуногун (масалан, кӯдакони имкониятҳои маҳдуди биноӣ ва шунавоӣ) тавонбахшии иҷтимоиро бо андешидани чораҳои муайян аз рӯйи ҳар як намуди фаъолият дар назар дорад;

– ташаккули фалсафаи зиндагии мустақилона ва татбиқи он дар заминаи фаъолияти бунёдкоронаи фарҳангӣ ва рушди неруи иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

– муносиб сохтани шароитҳои ташкилӣ - педагогии иҷтимоишавии кӯдакони имкониятҳои маҳдуди саломатӣ дар ҷомеаи муосир;

7. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ барои собит сохтани он ки мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ аз маҷмуи чорабиниҳое иборат аст, ки ба татбиқи неруи кӯдакон, баланд бардоштани сатҳи рушди маънавӣ ва зеҳнӣ, мустаҳкам кардани саломатии кӯдакони имконияташон маҳдуд, равона гардидааст.

Истифодаи натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ - методии мутобиқшавии эҷодӣ ва дигар методҳоро ба омилҳое табдил медиҳанд, ки барои мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба ҷомеа, барои кор бурдани захираҳои иловагӣ ба хотири коҳиш додани оқибатҳои нуқсон, мутамарказ намудани фаъолияти эҷодии онҳо боздоштани рушди беморӣ мусоидат мекунанд [6, с. 35].

Ҳамин тариқ, зарурати ҳалли проблемаи муҳимми ин навъи муассисаҳо, яъне ҷустуҷӯйи роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот бо такя ба муносибати инфиродӣ нисбат ба кӯдакону наврасон, тайёрии касбӣ ва рушди шахсии онҳо ба миён гузошта мешавад. Барномаҳои ҷории миллии таълим ва ташкили ҷараёни таълим на ҳамеша ба қобилиятҳои ҷисмониву равонии кӯдакон мутобиқат мекунанд, зеро аксарияти онҳо дорои нуқсонҳо, аз ҷумла, норасоиҳои органикӣ ва функсионалии системаи марказии асаб мебошанд.

Дар байни муассисаҳои махсуси кӯдакона дар доираи низоми таҳсилот, пеш аз ҳама, муассисаҳои барқароркунӣ - тиббиро қайд кардан мумкин аст. Ба ин мактаб - интернатҳои реҷаи махсусдошта дохил мешаванд. Падару модарон низ бояд дар солҳои аввали ҳаёт ба нигоҳубини фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳанд. [1, с. 26] Педагоги иҷтимоӣ байни кӯдак, падару модари ӯ ва пизишкону кормандони иҷтимоӣ нақши миёнаравро мебозад. Ӯ барои ба роҳ мондани нигоҳубини мунтазами кӯдак, ҳалли проблемаҳои мушкили падару модари ӯ, ки ба ташхиси беморӣ вобаста аст, барқарорсозӣ ва табобат, тайёрии махсус ва таҳсилот, мутобиқшавӣ ва ҳамгироӣ кумак мерасонад. Ин фаъолият омӯзиши ҳолати кӯдак, шароити хонаводагӣ, муайян намудани рушди инфиродии кӯдак, ташкили машғулиятҳои ислоҳкунӣ (2 маротиба дар як ҳафта), омӯзиши падару модарон оид ба методҳои кор бо кӯдак, дастгирии психологӣ, ҳамчунин чораҳои беҳтар кардани шароити зиндагиро дар бар мегирад.

Машғулиятҳои ислоҳкунӣ ба ташхис ва омӯзиши қобилиятҳои инфиродии кӯдакон асос меёбанд, ки ба барқарор сохтани функсияҳои вайроншуда, ба даст овардани малакаҳои фарҳангӣ - гигиенӣ, бозиҳо ва муошират равона шудаанд. Ташкили масҳ, табобат бо олатҳои физикӣ (физиотерапия), машваратдиҳӣ ва таълими падару модарон оид ба амалан баланд бардоштани касбият ва иртибот, гузаронидани машғулиятҳо оид ба рушди нутқ, малакаҳои ҳаракат, қобилиятҳои дарккунӣ, малакаҳои муошират муносибат бо кӯдакони дигар ва калонсолон низ қисматҳои таркибии кор бо кӯдакони имконияташон маҳдудро ташкил медиҳанд [5, с. 11].

Ҳангоми шомил шудани кӯдакон ва наврасон ба муассисаи махсуси давлатӣ, давлат кафолати ҳамаи хароҷоти ӯро оид ба хӯрду хӯрок, таҳсил, табобат ва нигоҳубини ӯ ба уҳда мегирад, зеро кӯдаконе, ки дар мактаб-интернатҳо тарбия меёбанд, аз тарбияи хонаводагӣ

маҳруманд. Дар мактаб - интернатҳо муҳимтарин функсияҳоро дар ҷараёни иҷтимоишавии шахсияти кӯдак педагогҳо ба дӯш мегиранд. Зиндагии беғамона дар шароити “ҳама чиз тайёр”, берун аз ҳар гуна проблемаҳову мушкилоти рӯзмарра дар кӯдакон фарҳанги ночории иртиботӣ, бепарвоӣ, худбаҳодиҳии нодуруст, ноқобилиятии худташаккулдиҳӣ, ташкили зиндагии худ, истироҳати худ ва баъдтар ноқобилиятии бунёди зиндагии калонсолии худ, кор кардан ва пайдо кардани робитаро бо аҳли ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

Азбаски, қариб ҳамаи бачагоне, ки дар мактаб - интернатҳо тарбия мегиранд, на танҳо мушкилиҳои саломатии ҷисмонӣ доранд, балки дорои проблемаҳои рушди маърифатӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ низ мебошанд, бояд аз рӯи барномаҳои алоҳида таҳсил кунанд. Дар муҳити фарогирии ҳамаи ҷанбаҳои зиндагӣ дар мактаб - интернатҳо, мавҷуд набудани алоқа бо ҷаҳони беруна, ҷудо будани манзилгоҳҳо ба он оварда мерасонад, ки зиндагӣ барои чунин кӯдакон ба андозаи қобили назар пуршиддат мешавад, баъзан шакли бебозгаштро ба худ мегирад, кӯдакон гумроҳ мешаванд. Ин падида раҳоӣ аз ин ҳолати ногуворро тақозо мекунад ва беҳтар аст, агар коллективи ин муассисаҳо (мутахассисон, омӯзгорон, равоншиносон, мураббиён) кору фаъолияти худро барои пешгирӣ кардани чунин падидаҳо дуруст ба роҳ монанд.

Шаклҳои асосии чунин намудҳои кор бо муассисаҳо дар сурате беҳтар мешавад, ки агар дар баробари таълим ҷараёни мутобиқшавӣ низ ба роҳ монда шавад. Масалан, фаъолияти беҳдоштӣ - хизматрасониҳои тиббӣ, ташхисӣ, ислоҳкунӣ, муроқибати ҳолати саломатии хонандагонро ба назар гиранд.

Баъзе муассисаҳо раҳёфтҳои навро барои ҳалли мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ истифода мебаранд, ки дар тавъами фаъолияти таълимӣ бо мутобиқшавии меҳнатӣ зоҳир мегардад.

Таҳлили фаъолияти муассисаҳои характери беҳдоштидошта нишон медиҳад, ки таҷрибаи заминавии бартараф сохтани маҳдудиятҳои хонандагон аз ҳаёти ҷамъиятӣ ба даст омадааст. Вале, бо вуҷуди ин, мактаб - интернатҳо ҳанӯз аз амалӣ сохтани уҳдадориҳои худ дар мавриди мутобиқсозӣ фарсахҳо дур буда, бештар ба муассисаҳои тиббии сатҳи миёна шабоҳат доранд.

Акнун мо ба муайян намудани ҳадафҳои асосии ҳайати педагогӣ дар ҷараёни мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ ва беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳо, ки дар байни онҳо педагогҳои иҷтимоӣ мавқеи марказиро ишғол мекунанд, саъю кӯшиш мекунем. Хусусияти ин гуна муассисаҳо аз таъмини ҳимояти муваққатии кӯдакони ба ин навъи хизматрасониҳо эҳтиёҷдошта бо мақсади беҳтар кардани вазъи минбаъдаи онҳо, интиқоли онҳо ба дигар муассисаҳо ва сохторҳои мутобиқшавӣ ва тавонбахшӣ (бозгашт ба хонаводаи худ, роҳхат ба дигар хонаҳо ё муассисаҳои махсуси кӯдакон ва ғайра) иборат аст.

Нишондиҳандаҳои беҳдоштии онҳо ба сабабҳое вобаста аст (ҷисмонӣ, равонӣ ва ғайра), ки аз рӯи онҳо кӯдакон дар муассисаҳои тиббӣ ё таҳсилотӣ қарор доранд. Кӯдаконе, ки ба муассисаҳои махсус фаро гирифта мешаванд, ба категорияҳои зерин ҷудо мешаванд:

– «ятимони иҷтимоӣ»;

– кӯдаконе, ки бо хоҳиши падару модарон барои нигоҳдории муваққатӣ фиристода мешаванд (сабабҳо: мушкилоти манзилӣ, моддӣ, бемории падару модарон ва ғайра).

Хусусиятҳои равониву ҷисмонии бачагоне, ки дар мактаб - интернатҳо ё муассисаҳои дигари махсус бо таҳсил ва табобат фаро гирифта шудаанд, асосан, ба хусусиятҳои бачагоне, ки ба хонаҳои кӯдакон фиристода мешаванд, монанданд. Аммо барномаи мутобиқшавӣ дар ин муассисаҳо хусусиятҳои худро дорад. Самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳои махсус аз инҳо иборат аст:

1. Ёрии тиббӣ, ки назорати воридшавии кӯдакро ба муассиса, роҳхати заруриро ба машваратгоҳи психологӣ-тиббӣ-педагогӣ, муайян кардани навъи беморӣ (норасоӣ)-ро, ки табобати махсусро тақозо мекунад, дар бар мегирад.

2. Ислоҳкунии психологӣ - педагогӣ, аз ҷумла, муайян ва ташхис кардани сатҳи инкишоф, машғулиятҳо дар кӯдакистон ва ё барномаҳои мактабии сатҳи мувофиқ, ҳамаи

дигар навъҳои фаъолият (рассомӣ, гаҷкорӣ, суруду мусиқӣ ва ғайра) дар сатҳҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

3. Кор дар самти мутобиқшавии иҷтимоӣ ва дохилии кӯдак, рушди малакаҳои худёридиҳӣ.

4. Кор бо хонаводаҳои кӯдакон, расонидани кумаки зарурӣ ба хонаводаҳои осебпазир.

5. Реклама ва кори иттилоотӣ: баргузор кардани баъзе барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ, аз қабили "Чӣ ҳол дорӣ, мактаб - интернат?" ва ғайра.

6. Корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар самтҳои зерин:

– таҳқиқот дар заминаи ҷамъоварии омилҳои сотсиологӣ ва педагогии иттилоот, ки ба устувории хонаводаҳои кӯдакони имконияташон маҳдуддошта мусоидат мекунанд;

– ҷамъоварии маълумоти корҳои амалӣ оид ба таҳияи консепсияи муносиби муассисаҳои иҷтимоӣ ва тавонбахшии ҳамин соҳа.

Проблемаҳо ва объектҳои махсус, ки ҳалли худро интизоранд:

– қабули кӯдакон ба муассисаҳои махсус тавассути муоинаи тиббӣ. Ғайр аз ин, утоқи будубоши кӯдакон дар муассисаи махсус аз ҳисоби на камтар аз 4 нафар дар як утоқ ҷудо мегардад. Дар натиҷа, кӯдакон имконияти танҳо буданро, ки барои нигоҳдорӣ ва беҳбуди саломатии равонии шахс, махсусан, барои кӯдакони ҷароҳатбардошта хеле муҳим аст, надоранд;

– иштироки намояндагони мақомоти гуногуни идора (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) тақозо карда мешавад. Аммо, тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, фаъолияти ин мақомот на ҳамеша ба манфиати кӯдакон ҷавобгӯ аст. Аз як тараф, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, аз тарафи дигар, Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ наметавонанд ҷудогона ва дар танҳоӣ ҳамаи проблемаҳои марбут ба кӯдакони имконияташон маҳдудро ҳал намоянд.

Аз ин рӯ мо ба як мақоми байнисоҳавӣ ниёз дорем, ки манфиатҳои кӯдакро дар маҷмуъ ба назар гирифта тавонад:

– фароҳам сохтани шароит барои мутобиқшавии ноболиғон, ки дар шаҳру вилоятҳо таҳти назорати мақомоти муассисаҳои махсус қарор доранд;

– низоми хизматрасониҳои тавонбахшӣ ба иттилооти бештар ниёз дорад, ки захираи маълумотро барои таҳияи барномаҳои дарозмуддат фаъолона таъмин карда тавонад, на ба шакли амри воқеъ;

– муассисаи махсус ба идоракунӣ ва роҳбарии муассир ниёз дорад, вале он набояд аз амалияи мавҷуда дур бошад; зарур аст, ки таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда ҷамъбаст гардида, пешниҳодҳои мушаххаси методӣ таҳия шаванд;

– хусусияти муассисаи махсус ва ҳайати хонандагони он дар назди кормандони муассиса талаботи махсус мегузоранд. Масалан, аз онҳо ба таври ҳатмӣ доштани чунин хислатҳо, аз қабили некӣ, ғамхорӣ, сабру тоқат, маҳорати алоқа кардан бо кӯдакон ва ғайра талаб карда мешавад.

Шароитҳои маишӣ ва малакаҳои тарбияи кӯдакон низ аҳаммияти қобили назар доранд. Аз ин ҷо интихоби инфиродӣ ва тайёрии ҳадафмандонаи мутахассисон барои ин муассисаҳо лозим аст. Тайёрии ҳадафманди мутахассисон на танҳо донишҳои назариявӣ, балки омӯзиши таҷрибаи амалӣ ва проблемаҳои хизматрасониҳоро низ дар бар мегирад.

Адабиёт:

1. Амонашвили, Ш.А. Размышления о гуманной педагогике / Ш.А. Амонашвили [Текст]. – М.: Изд. Дом Шалвы Амонашвили, 1995. – 496 с.

2. Байзоев, А. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам / А. Байзоев [Матн]. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 150 с.

3. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Ахбори Вазорати маорифи ҶТ. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // www.maorif.tj / [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // www.maorif.tj / storage/Dokument's/Miyona umumi/….pdf.

4. Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015.– Душанбе, 2011.– С. 11-16 - [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.maorif.tj/ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.maorif.tj/ storage/Dokument's/Miyona umumi/…789.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” [Матн]. - Душанбе, 2013.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Дар таҳрири қонунҳои ҶТ аз 04.11.1995, №121, 28.02.2004, №8, 01.03.2005, №92, 05.01.2008, №358). – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.maorif.tj / storage/Dokument's/Miyona umumi/….pdf.

7. Маҷидова, Б. Тарбияи маънавӣ / Б.Маҷидова [Матн]. – Душанбе, 2011. – 177 с.

8. Маҷидова, Б., Иззатова, М. Педагогикаи томактабӣ / Б. Маҷидова, М. Иззатова. - Ҷ.2 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 314с.

9. Маҷидова, Б.А. Педагогикаи томактабӣ. - Ҷ.1 / Б.А. Маҷидова [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 222 с.

10.Мустафоқулов, Т., Назруллоева, М. Асосҳои психологияи педагогӣ ва синнусолӣ / Т. Мустафоқулов, М. Назруллоева [Матн]. – Кӯлоб, 1993. – 192 с.

11.Назарова, Н.И. Таърихи педагогикаи иҷтимоӣ [Матн] / Н.И. Назарова. - М.: Академия, 2007. – 352 с.

12.Раҳмон, Э. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон / Э. Раҳмон. – Душанбе, 01.09.2018.

13.Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020. – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.maorif.tj / [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.maorif.tj / storage/Dokument's/Miyona umumi/…3437.

14.Таҳсилоти фарогир (дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос // таҳти назари А. Байзоев [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 222 с.

НАҚШИ БОСАЛОҲИЯТИИ ОМӮЗГОРОН ДАР МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба моҳияту муҳтавои хусусиятҳои анатомӣ-физиологӣ ва инкишофи психологии бачагони синни томактабӣ баррасӣ гаштаанд.

Ба ақидаи муаллиф, дуруст аст, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ - педагогӣ дар ин ҷанба василаи ташаккул ва мувофиқсозии шароитҳо ҳамчун ҷараёни мутобиқшавӣ дар маҷмуъ ва ҳамчунин таъмини имкониятҳои баробари рушд ва иҷтимоишавии кӯдакон ба ҳисоб меравад. Зарурияти босалоҳиятии омӯзгорон дар мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ба таҳсилоти махсус аз инҳо бар меоянд.

Чуноне муаллиф меафзояд, дар байни муассисаҳои махсуси кӯдакона дар доираи низоми таҳсилот, пеш аз ҳама, муассисаҳои барқароркунӣ - тиббиро қайд кардан мумкин аст. Ба ин мактаб - интернатҳои реҷаи махсусдошта дохил мешаванд. Падару модарон низ бояд дар солҳои аввали ҳаёт ба нигоҳубини фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳанд. Педагоги иҷтимоӣ байни кӯдак, падару модари ӯ ва пизишкону кормандони иҷтимоӣ нақши миёнаравиро мебозад.

Фикрҳояшро хулоса карда, муаллиф таъкид мекунад, ки ҳангоми шомил шудани кӯдакон ва наврасон ба муассисаи махсуси давлатӣ, давлат кафолати ҳамаи харочоти ӯро оид ба хӯрду хӯрок, таҳсил, табобат ва нигоҳубини ӯ ба уҳда мегирад, зеро кӯдаконе, ки дар мактаб -интернатҳо тарбия меёбанд, аз тарбияи хонаводагӣ маҳруманд.

Калидвожаҳо: мушоҳида, мутобиқшавӣ, кӯдак, имконият, маҳдудият, вазифа, такмил, тасаввурот, педагог, психолог, мактаб, тарбия, худбаҳодиҳӣ, калонсолон, муҳит.

РОЛЬ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ В АДАПТАЦИИ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с сущностью и содержанием анатомо-физиологических особенностей и психологического развития детей дошкольного возраста.

По мнению автора, верно, что социально-педагогическая адаптация в этом аспекте рассматривается как средство формирования и корректировки условий, как процесса адаптации в целом, а также обеспечения равных возможностей развития и социализации детей. На этом основана необходимость компетентности педагогов в адаптации детей с ограниченными возможностями к специальному образованию.

Как добавляет автор, среди специальных детских учреждений системы образования в первую очередь можно отметить реабилитационные медицинские учреждения. В состав этой школы входят школы-интернаты с особым режимом. Родители также должны уделять серьезное внимание уходу за детьми первых лет жизни. Социальный педагог играет роль посредника между ребенком, его родителями, врачами и социальными работниками.

Обобщая свои мысли, автор подчеркивает, что при зачислении детей и подростков в специальное государственное учреждение государство гарантирует все их расходы на питание, образование, лечение и уход, поскольку дети, обучающиеся в школах-интернатах, лишены семейного воспитания.

Ключевые слова: наблюдение, адаптация, ребенок, возможность, ограничение, задача, совершенствование, воображение, педагог, психолог, школа, образование, самооценка, взрослые, среда.

THE IMPORTANT ROLE OF TEACHERS IN THE ADAPTATION OF CHILDREN WITH DISABILITIES

The article examines issues related to the essence and content of anatomical and physiological characteristics and psychological development of preschool children.

According to the author, it is true that social and pedagogical adaptation in this aspect is considered as a means of forming and adjusting conditions, as a process of adaptation in general, as well as ensuring equal opportunities for the development and socialization of children. This is the basis for the need for teachers' competence in adapting children with disabilities to special education.

As the author adds, among the special children's institutions of the education system, rehabilitation medical institutions can be noted first of all. This school includes boarding schools with a special regime. Parents should also pay serious attention to the care of children in the first years of life. The social teacher plays the role of an intermediary between the child, his parents, doctors and social workers.

Summarizing his thoughts, the author emphasizes that when children and adolescents are enrolled in a special state institution, the state guarantees all their expenses for food, education, treatment and care, since children studying in boarding schools are deprived of family education.

Key words: observation, adaptation, child, opportunity, limitation, task, improvement, imagination, teacher, psychologist, school, education, self-esteem, adults, environment.

Маълумот дар борам муаллиф: Шарипов Бахтовар Файзович – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 734065, ш Кӯлоб маҳаллаи С. Сафаров 16. тел: (992) 988-28-43-53

Сведения об авторе: Шарипов Бахтовар Файзович - кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры дошкольного образования и социальной работы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 734065, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. тел: (992) 988-28-43-53

Information about the author: Sharipov Bakhtovar Fayzovich - candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the department of preschool education and social work of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 734065, Kulob, S. Safarov street 16. Tel.: (992) 988-28-43-53

ТДУ:370+811.111(075,8)
Ҳ -35

ИСТИФОДАИ МЕТОДИ ТАЪЛИМИ БОЗӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Ҳасанов Ф.З., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи давлатии Данғара

Имрӯз барои ҳамаи мутахассисони соҳаҳои гуногун донистани забони хориҷӣ нишондиҳандаи касбияти баланд мебошад. Курси донишгоҳ бо барномаи таълимии омӯзиши забони хориҷӣ хусусияти коммуникативӣ ва ба самти касбият равона кардашударо доро мебошад. Омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ бо хусусияти маҳдуди вақти таълимӣ фарқ мекунад. Дар бораи босуръат гардонидани таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳо муҳаққиқ В.А. Трайнев изҳори ақида намуда, қайд мекунад, ки маҳз зарурияти омӯзиши забони хориҷӣ вобаста бо маҳдудият вақти таълимӣ боло бардоштани сифати омӯзишро тақозо менамояд [9, с. 20]. Аз ин ҷост, ки ҷузъиёти асосӣ дар самти омӯзиши босуръати забони хориҷӣ зарурияти истифодаи методҳои фаъолро ба миён меорад. Аз рӯйи ақидаи В.А. Трайнев фаъолгардонии таълим ин истифодаи шаклҳои мазмундор, муносибат ва усулҳои таълимие мебошанд, ки фаъолияти эҷодиро инкишоф дода, азхудкунии донишро босуръат менамоянд [9, с. 23].

Методҳои фаъол ба тақлидӣ ва ғайритақлидӣ ҷудо мешаванд. Ба методҳои тақлидӣ бозиҳо дохил мешаванд. Ба методҳои бозӣ нақшофарӣ, тиҷоратӣ ва таҳқиқотӣ дохил мешаванд, ҳамаи онҳо бомуваффақият дар омӯзиши забони хориҷӣ истифода мешаванд ва вазифаҳои дидактикиро иҷро менамоянд.

Аксари муҳаққиқон нақши бозиҳоро дар омӯзиши забони хориҷӣ қайд намудаанд [9; 10; 4; 3].

Технологияи бозӣ имконияти беҳудуди дидактикӣ ва тарбиявиро дорост, зеро он якчанд вазифаҳоро хеле хуб ҳал менамояд. Бозӣ вазифаи иҷтимоикунӣ (воридкунӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ), вазифаи коммуникативии байнимиллатҳо (азхудкунии арзишҳои иҷтимоий-фарҳангии умумибашарӣ), вазифаи худтарбиякунӣ (нишон додани сифатҳои шахсӣ, инкишофи малакаи интизомнокӣ), вазифаи коммуникативӣ (азхудкунии лаҳзаҳои муошират), вазифаи ислоҳкунӣ (худшиносӣ, ислоҳкунии вайрон кардани меъёрҳои забонӣ ва фарҳангӣ), вазифаи саломатӣ (бартараф кардани шармгинӣ, хастагии эмотсионалӣ ва душвориҳо), вазифаи зебоипарастӣ (ҳаловат, зебоипарастӣ аз бозӣ), хушҳолӣ, дараҷаи муҳайёсозии фазои мувофиқи озод)- ро ҳал менамояд [5, с. 143-144].

Бозии дидактикӣ ба чунин хусусиятҳо фарқ мекунад:

- натиҷабахшӣ (мақсади пеши донишҷӯён гузошташуда дар дараҷаи олӣ ҳал мешавад);
- сарфакорӣ (дар дарс ҳалли зиёди иттилоот дар вақти маҳдуд коркард шуда, кӯшиши кам сарф шуда, натиҷаи назаррас ба даст меояд);
- ҳаловатнокӣ (дарс дар фазои мувофиқ ва озод, бемаҷбуркунӣ гузаронида мешавад);
- ҳавасмандӣ (хонандагон шавқу ҳавас ба дониш нишон дода, имкониятҳои фаъоли худро нишон медиҳанд, муносибати худро ба фаъолият ва натиҷаи онҳо дигар мекунанд).

Бозии дидактикӣ муошират фарҳангӣ ва маҳорати дар коллектив кор карданро ташаккул медиҳад, истифодаи моҳиронаи ҷузъиёти бозӣ донишҷӯёнро ба бозӣ ва муошират омода сохта, таълимро дар ҳамкорӣ амалӣ месозад. Ҳалли якҷоя вазифаи коммуникативӣ ва мураккабро шавқовар ва дар як вақт муфид месозад. Дар бозӣ як ширкаткунанда ба натиҷаи он саҳми инфиродии худро мегузорад ва қадру манзалати худро ҳис менамояд.

Меҳнати якҷоя аҳлнокӣ ва муттаҳидкуниро муҳайё намуда, бартараф намудани низоъҳоро меомӯзонад.

Дар бозӣ кумак ба якдигар, маҳорати гӯш кардан, ақидаи худро дуруст ба шунаванда расонидан омӯзонида мешавад [2, с. 161].

Чуноне ки А. Панфилова қайд мекунад, барои ба даст овардани натиҷаи самарабахш дар таълим бо истифодаи бозӣ омӯзгор бояд як қатор меъёрҳои гурӯҳиро ба инобат гирад [7, с. 33]:

1. Меъёри фаъолнокӣ. Бояд ширкати фаъол ва доимии донишҷӯёнро ба кори коллективӣ таъмин намуд. Дар як бозӣ ҳар як кас меомӯзад ва дар як вақт меомӯзонад. Омӯзандагӣ дар ҳолате амалӣ мегардад, ки фаъолнокиро дар дарккунии ҳиссиёт, андеша, рафтори худ ва дигарон, аъзои гурӯҳ зиёд намуда, дар баёни андеша ҷасур будан лозим аст;

2. Меъёри эмотсионалӣ. Аз ширкаткунандагон талаб карда мешавад, ки дар ошкор намудани ҳиссиёт, намоиши рафтор ва баёни андеша росткор бошанд. Ин меъёр алоқаи дуҷонибаи донишҷӯён ва омӯзгоронро таъмин менамояд;

3. Меъёри шахсикунонӣ. Ин меъёр мушаххаскунии андешаро на ба муносибат ба макон ва замон, балки ба муносибати иштирокчиёни ҳодиса талаб мекунад. Мувофиқи ин меъёр аз иштирокчиён талаб карда мешавад, ки рӯйирост ба аъзои гурӯҳ муроҷиат намоянд. Ин меъёр аҳаммиятнокии баёни андешаи иштирокчиёнро афзун намуда, аз ҷиҳати эмотсионалӣ оро дода, донишро ба таҷрибаи шахсӣ табдил медиҳад [7, с. 133].

Дар адабиёти имрӯза то андозае таснифи бозиҳои дидактикӣ ҳалли худро ёфтааст. Бо такя ба адабиёти ҷойдошта аз рӯйи ширкаткунандагони бозӣ онҳоро инфиродӣ, гурӯҳӣ, даставӣ ва коллективӣ; аз рӯйи вақт давомдор, ва кӯтоҳмуддат; аз рӯйи тарзи ташкили компютерӣ ва бекомпютерӣ, аз рӯйи мақсади таълими забони хориҷӣ (фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ, синтаксисӣ, услубӣ, коммуникативӣ), аз рӯйи шакли гузаронидан лаҳзавӣ, нақшофарӣ, мусобиқа, зеҳнӣ ҷудо кардан мумкин аст [1].

Бо такя ба намудҳои фаъолияти бозиҳои дар боло ёдрасшуда пеш аз ҳама махсусияти синнусолӣ ва малакаи забонии иштирокчиён ба инобат гирифта мешавад. Чунончӣ дар марҳилаи ибтидоӣ бомақсад аст, бозиҳои донишӣ ва лексикӣ, дар марҳилаи миёна лексикӣ, грамматикӣ ва дар марҳилаи ниҳоӣ бозиҳои эҷодӣ ва тиҷоратӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Чӣ хеле маълум аст, технологияи бозӣ гуногун мешавад. Дар самти омӯзиши забони англисӣ, пеш аза ҳама, нақши бозиҳои лексикӣ ва грамматикӣ хеле калон мебошад.

Аз рӯйи ақидаи М.Ф. Стронина бозиҳои грамматикӣ ба ҳалли чунин мақсадҳо равонаанд. Пеш аз ҳама бозиҳои грамматикӣ ба хонандагон истифодаи намунаҳои нутқиро меомӯзанд, ки душвориҳои муайяни грамматикиро доранд. Ҳамчунон, бозиҳои грамматикӣ вазъияти воқеиро барои истифодабарии намунаҳои нутқӣ муҳайё намуда, фаъолияти эҷодии нутқии донишҷӯёнро инкишоф медиҳанд [8, с. 9].

Бозиҳои лексикӣ чунин мақсадҳоро ҳал менамоянд. Пеш аз ҳама ба хонандагон истифодаи лексикаро дар вазъияти ба воқеият наздик меомӯзонанд. Ҳамчунон фаъолияти нутқию фикрронии донишҷӯёнро инкишоф дода, суръати нутқро афзун намуда, донишҷӯёнро ба мувофиқати калимаҳо шинос менамоянд [8, с. 48].

Дар бозиҳои грамматикӣ ва лексикӣ асосан шароити махсус, ба монанди майдончаи бозӣ, варақаҳо, ашёҳои бозӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Имрӯз дар илми педагогика тадриҷан нақши бозиҳои дидактикиро дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ эътироф менамоянд ва дар таҷрибаи амалии таълимӣ бозиҳо барои омӯзгорон ҳамчун воситаи самарабахш гардида истодаанд.

Омӯзиши эмпирикии худро оид ба истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар байни донишҷӯёни курсҳои 1-2-и Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронидем. Бозиҳо дар факултети молия ва иқтисод, ихтисоси 1-250103 – иқтисодиёти ҷаҳон бо шумораи 25-нафар донишҷӯ, ихтисоси 1-25010403 – андоз ва андозбандӣ бо шумораи 28-нафар донишҷӯ; факултети филология ва рӯзноманигорӣ, ихтисоси 1-21050208 бо шумораи 34 нафар донишҷӯ, ихтисоси 1-020301–Забон ва адабиёти тоҷик бо шумораи 22-нафар донишҷӯ; факултети табиӣ-риёзӣ ихтисоси 1-02050401 – физика. Математика бо шумораи 26 нафар донишҷӯ; факултети идораи давлат ва ҳуқуқ 1-240101 – ҳуқуқи байналмиллалӣ бо шумораи 25 нафар донишҷӯён гузаронидем. Бо мақсади муайян намудани лаҳзаҳои бозӣ барои ҳавасмандкунӣ (алалхусус дар омӯзиши грамматика) дар байни 100 донишҷӯён назарпурсӣ гузаронида шуд. Шартан донишҷӯёнро дар дараҷаҳо Pre-Intermediate (37 нафар), Intermediate (63 нафар), Upper-Intermediate (9нафар) омӯхтем.

Пеш аз бозӣ назарпурсӣ тариқи саволнома барои муайян кардани муносибати донишҷӯён нисбати методҳои анъанавии омӯзиш дар мавриди азхудкунии маводи грамматикӣ гузаронида шуд. Чунин саволҳо дода шуд:

Аз рӯйи ақидаи Шумо омӯзиши грамматикӣ тавассути методҳои анъанавӣ -ин :

1. Зиқовар ва бефоида.
2. Зиқовар, вале муфид.
3. Шавқовар, вале бефоида.
4. Шавқовар ва муфид.

Дар мавриди дигар бозӣ гузаронида шуд ва чунин суол гузошта шуд:

I. Аз нуктаи назари шумо омӯзиш ва коркарди маводи грамматикӣ тавассути бозӣ-ин:

1. Зиқовар ва бефоида.
2. Шавқовар, вале бефоида.
3. Зиқовар, вале муфид.
4. Шавқовар ва муфид.

II. Оё Шумо мехоҳед дигар маводи грамматикиро тавассути бозӣ коркард намоед?

Се намунаи ҷавоб пешниҳод гардид:

Ҳа, не, эҳтимол.

Ба гурӯҳи дараҷаи забонии Pre-Intermediate варақаи бозӣ Happy Verb Families пешниҳод гардид [12]

Тасвири бозӣ: Ҳар як гурӯҳи 3-4 нафарӣ бо 5-6 варақаҳое, ки дар ҳар яки онҳо ҷумлаҳо бо феълҳои нодуруст навишта шудааст, таъмин гардиданд. Феълҳо дар замони Past Simple ва шакли Past Participle дода шуданд. Ба ҳар донишҷӯ 7 варақ дода мешавад. Мақсади бозӣ ҷамъ кардан ва аз варақчаҳо бо се шакли феълӣ феъли нодуруст ҷудо кардан аст. Донишҷӯи якум аз донишҷӯи дуюм мепурсад, ки оё ӯ варақаи бо шакли муайяни феълиро дорад. Агар донишҷӯи дуюм ин варақаро дошта бошад, онро ба донишҷӯи якум медиҳад. Донишҷӯи якум мепурсад: «Have you got the card that says worn?»

Агар донишҷӯи дуюм калимаҳои wear, wore, worn-ро дошта бошад, варақаро нишон медиҳад. Дар вақти бозӣ истифодаи ҷадвали феълҳои нодуруст иҷозат дода мешавад.

Натиҷае, ки дар расми 1 овардем, нишон медиҳад, ки тарзи бозӣ воқеан муносибати донишҷӯёнро дар омӯзиши грамматика ба самти мусбат иваз менамояд. 62% донишҷӯён шавқмандии худро нишон доданд.

ДИАГРАММАИ 1



Расми 1. Муносибати хонандагон ба усулҳои анъанавӣ ва бозии машқ ва таҳкими маводи грамматикӣ.

Гурӯҳи дорои сатҳи Pre-Intermediate донистани забони хориҷӣ (37 нафар) бартарии методи бозиро эътироф намуданд ва танҳо 24 % тарафдори методи анъанавӣ буданд. Хоҳишмандоне, ки боз дигар мавзуи грамматикиро тавассути бозӣ аз худ кардан мехостанд, 81 %ро ташкил намуданд. Гурӯҳ бо маълумоти Intermediate забони хориҷӣ (63 нафар).

Барои гурӯҳҳои дараҷаи забонии Intermediate бозии қадам ба қадами The best plast place in the world пешниҳод гардид [11].

Тасвири бозӣ. Донишҷӯ кубикро партофта, ба ҷадвали саволҳо мегузарад. Супориш ба савол ягон ҳодисаро дар муддати 30 сония нақл карда, чавоб бояд гуфт. Агар бозингар аз ӯҳдаи супориш набарояд, ба ҷойи худ бармегардад. Ғолиб касе, ки ба марҳилаи ниҳоӣ мерасад. Иштироккунандагони бозӣ 4 нафар, ашёҳо - 4 буҷул. 4- танга. Мавзуи мубрам: коркари малакаи грамматикии истифодабарии дараҷаи олии сифатҳо дар замони Present Perfect Active.

ДИАГРАММАИ 2.



Расми 2. Муносибати хонандагон ба усулҳои анъанавӣ ва бозии машқ ва мустаҳкамкунии маводи грамматикӣ.

Нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки афзоиши шавқу ҳавас барои мустаҳкамкунии дониш дар 78 % донишҷӯён дида мешавад. Ба ғайр аз ин 60 нафар донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ хоҳиши идомаи коркарди маводи грамматикиро тавассути бозӣ карданд.

Барои гурӯҳи дараҷаи забонии Upper Intermediate бозӣ-скрабл Passive Scrabble пешниҳод гардид [13].

Тасвири бозӣ. ба ҳар як гурӯҳи 3-4 нафарӣ 86 варақ тақсим карда мешавад. Дар ҳар як вараҷа гурӯҳи калимаҳо: исм, ҷонишин, исм дар шумораи танҳо ва ҷамъ, ҷонишин дар шумораи танҳо ва ҷамъ бо пешоянд ва бе пешоянд зарф, шакли феълии Past Participle, феъли to be дар ҳама шакл шумора ва замон дода мешавад.

ДИАГРАММАИ 3



Расми. 3. Муносибати хонандагон ба усулҳои анъанавӣ ва бозии машқ ва таҳкими маводи грамматикӣ. Гурӯҳе, ки дорои сатҳи Upper-intermediate донистани забони хориҷӣ (9 нафар).

Ба ҳар як донишҷӯ 12 варақа тақсим карда мешавад. Донишҷӯён бо навбат аз варақаҳо ҷумлаҳои дурустро дар сиғаи пассив тартиб медиҳад. Дар ҳар як варақа холҳо навишта шуданд, ки дар сурати истифодаи варақаҳо донишҷӯ соҳиби як хол мегардад.

Донишҷӯи якум ҷумларо тартиб дода, аз хазина 12 варақаро мегирад. Донишҷӯи дуюм бояд як варақаи донишҷӯи якумро дар тартиб додани ҷумлаи худ бояд истифода намояд. Бозӣ ҳамин тавр идома меёбад. Агар донишҷӯ аз рӯйи варақаи дар дасташ буда ҷумла тартиб дода натавонад боз аз хазина 3 варақа мегирад. Агар дар ин ҳолат ҳам донишҷӯ ҷумлае тартиб дода натавонад, аз бозӣ мебарояд ва донишҷӯи навбатӣ ба бозӣ ворид мешавад. Донишҷӯён бозиро то ҳамон лаҳзае давом медиҳанд, ки дигар варақа намонда бошад ё тартиб додани ҷумла имконнопазир гардад. Аз рӯйи холҳои гирифта ғолиб муайян карда мешавад.

Натиҷаҳо дар расми 3 нишон дода шуданд ва тибқи он мо нақшаи мусбати истифодаи бозиҳои дидактикиро дар боло бурдани ҳавасмандии донишҷӯён дар фаъолияти таълим мушоҳида менамоем. Чунин бетарафӣ ба сифр баробар шуданд ва 78 %-и донишҷӯён ба он ақидаанд, ки истифодаи бозиҳо ҳавасмандиро афзоиш дода, дар раванди омӯзиши муфид мебошад. Воқеият дар он зуҳур меёбад, ки ҳамаи 9 нафар (100%) хоҳиши идомаи омӯзиш ва коркарди грамматикиро тавассути технологияи бозӣ карданд.

Аз рӯйи нишондодҳои диаграммаҳо дар ҳамаи гурӯҳҳо дар омӯзиши грамматикаи забони англисӣ аз самти «зиқовар» ба самти «шавқовар» майл карда мешавад. Ба ғайр аз ин, аз рӯйи ақидаи донишҷӯён коркарди маводи грамматикии тавассути технологияи бозӣ муфид ва шавқовар мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи назарпурсӣ имкон дод, муайян намоем, ки оид ба тарафи мусбати имкониятҳои таълимӣ ва ҳавасмандкунӣ технологияи бозӣ назари ҷиддӣ дошта бошем. Дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ, ки имконияти маҳдуди омӯзишӣ вобаста ба маҳдуд будани вақти таълимӣ роҳи муфид ва натиҷабахш истифодаи методҳои фаъол дар мисоли технологияи бозӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Казимирова С.Н. Игровая форма в преподавании иностранного языка // Молодой ученый. 2017. № 1. С. 46–48. URL https://moluch.ru/archive/136/34674/ (дата обращения: 25.01.2019). Вестник ТвГУ. Серия "Педагогика и психология". 2019. № 4 (49)
2. Каминская Е.В. Разнообразие современных интерактивных методов обучения иностранному языку в вузе // Язык и мир изучаемого языка: сб. ст. Саратов, 2016. С. 159–165. URL https://elibrary.ru/item.asp?id=27264945 (дата обращения 25.01.2019).
3. Колесникова И.Е. Игры на уроке английского языка: пособие для учителя. Минск: Народная Асвета. 1990. 120 с.
4. Ливингстон К. Ролевые игры в обучении иностранным языкам=Livingstone C. Role Play in Language Learning М.: Высш.шк., 1988. 127 с.
5. Михайленко Т.М. Игровые технологии как вид педагогических технологий // Педагогика: традиции и инновации: материалы междунар. заоч. науч. конф. Челябинск, 2011. Т. I. С. 140–146. URL https://elibrary.ru/item.asp?id=25405058 (дата обращения 25.01.2019).
6. Николаева О.И., Мельниченко С.Г., Тепляковская А.Н. Настольные игры в обучении английскому языку // Актуальные задачи педагогики: материалы VIII Междунар. науч. конф. (г. Москва, ноябрь 2017 г.). М.: Буки-Веди, 2017. С. 157–161. URL https://moluch.ru/conf/ped/archive/272/13094/ (дата обращения: 24.12.2018).
7. Панфилова А.П. Игровое моделирование в деятельности педагога: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений. 2-е изд. М.: «Академия», 2007. 368 с.
8. Стронин М.Ф. Обучающие игры на уроке английского языка. М.: Просвещение, 1981. 112 с.
9. Трайнёв В.А. Интенсивные педагогические игровые технологии в гуманитарном образовании. М.: Дашков и Ко. 282 с.
10. Щукин А.Н. Обучение иностранным языкам: Теория и практика: учебное пособие для преподавателей и студентов. 2-е изд., испр. и доп. М.: Филоматис, 2006. 480 с.
11. S. Cunningham, P. Moore, J. Bygrave. Cutting Edge Intermediate, Teacher’s Resource Disk, 3rd edition, Pearson Education Limited, 2013.
12. Cunningham, P. Moore, J. Bygrave. Cutting Edge Pre-Intermediate, Teacher’s Resource Disk, 3rd edition, Pearson Education Limited, 2013.
13. Cunningham, P. Moore, J. Bygrave. Cutting Edge Upper Intermediate, Teacher’s Resource Disk, 3rd edition, Pearson Education Limited, 2013.

ИСТИФОДАИ УСУЛИ ТАЪЛИМИ БОЗӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Фаъолгардонии таълими грамматикаи англисӣ дар донишгоҳи ғайризабонӣ тавассути истифодаи усулҳои таълими бозӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф вазифаҳо ва хусусиятҳои асосии технологияҳои бозӣ ва меъёрҳои гурӯҳиро барои фаъолияти муштарак баррасӣ мекунад.

Дар мақола натиҷаҳои таҷрибае нишон дода шудааст, ки таъсири технологияи бозиро ба динамикаи ҳавасмандии донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ ба машғулият ва мустаҳкам намудани маводи грамматикӣ нишон медиҳад. Хулоса мешавад, ки усулҳои таълими бозӣ дар таълими забони англисӣ дорои потенсиали бузурги ҳавасмандкунӣ ва тарбиявӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: фаъолгардонии омӯзиш, омӯзиши пуршиддат, усулҳои таълими бозӣ, бозиҳои лексикӣ, бозиҳои грамматикӣ, бозиҳои мизи корӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИГРОВЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В ПРЕПОДАВАНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В НЕЯЗЫКОВОМ ВУЗЕ

Рассмотрена активизация преподавания грамматики английского языка в неязыковом вузе с помощью использования игровых методов обучения. Автор

рассматривает основные функции и характеристики игровых технологий и групповые нормы совместной деятельности.

Работа демонстрирует результаты эксперимента, выявляющего влияние игровых технологий на динамику мотивации студентов неязыковых факультетов к отработке и закреплению грамматического материала. Делается вывод о том, что игровые методы обучения в преподавании английского языка имеют большой мотивационный и образовательный потенциал.

Ключевые слова: активизация обучения, интенсивное обучение, игровые методы обучения, лексические игры, грамматические игры, настольные игры.

GAMES AND ACTIVITIES AS A WAY OF TEACHING ENGLISH IN A NON-LINGUISTIC UNIVERSITY

passing through the cultural landscape of the world, and for this reason they have acquired a special character for these people. Therefore, where a Tajik sees two colors - blue and green, an Englishman sees only one color - blue, although both look at the same part of the spectrum, that is, language imposes a certain vision of the world on the human head.

Summarizing his views, the author comes to the conclusion that the study of contextual language allows students to compare the «form of the left hemisphere» with the «content of the right hemisphere».

Key words: features, linguistic culture, students, grammatical rules, speech activity, students, mistakes, context, attention, cultural landscape, language, formal questions, elements.

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобозода Бахтовар Сулаймон - унвонҷӯи кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел.: 918109515

Сведения об авторе: Бобозода Бахтовар Сулаймон – соискатель кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360 Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Тел.: 918109515

Information about the author: Bobozoda Bakhtovar Sulaimon – applicant of the department of linguistics and history of language of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360 Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel.: 918109515

ТДУ:37.0+373/378(045)
З-20

РАВИШИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА РАВИШИ КАСБӢ-ФАЪОЛИЯТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Зайдулоев С.С., докторанти PhD,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Назариёти салоҳиятнокӣ дар муҳити рақамии таълимӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, тамоюли гузариш аз мафҳуми «ихтисос» ба мафҳуми «салоҳият» дар низоми таҳсилоти олӣ мушоҳида мегардад. Ин меъёри тайёрии донишҷӯйи муассисаи таҳсилоти олии педагогиро барои муҳити касбии ноустувор муайян мекунад.

Салоҳиятҳои ташаккулёфта бояд қобилияти интиқоли дониш ва малака ба фаъолияти амалӣ, инчунин тайёрӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои касбиро дар муҳити рақамии таълимӣ таъмин намоянд.

Дар таҳқиқоти муосири равоншиносӣ-педагогӣ, мафҳуми салоҳиятҳои касбӣ бо мазмунҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Ба муҳаққиқоне, ки ин мафҳумро таҳқиқ кардаанд, метавон шахсонеро дохил кард, ба монанди: Р.Д. Гаджиев, А.Б. Гатсаева, В.И. Звонников, Э.Ф. Зеер, И.А. Зимняя, Г.И. Ибрагимов, Е.О. Иванова, А.А. Орлова, Г.К. Селевко, А.В. Хуторской, Т.М. Чурекова, О.Н. Шахматова.

Дар байни таърифҳои мавҷуда, яке аз тафсирҳои дақиқтарини мафҳуми «салоҳият» шарҳи Э.Л. Бозаджиев мебошад:

Салоҳият - сифати ҳамгирошудаи шахсият буда, ҳамчун қобилияти умумӣ ва омодагии у барои фаъолияти мустақилона ва муваффақ дар шароити воқеии касбӣ зоҳир мешавад. Ин салоҳият ба дониш, малака ва таҷриба, инчунин арзишҳо ва тамоюлҳое асос ёфтааст, ки дар раванди таълим ба даст оварда мешаванд. [3, с. 40-44]

Новобаста аз тафовутҳо дар шарҳи мафҳуми «салоҳияти касбӣ», имкони расидан ба консенсус аз дидгоҳи амалии мафҳум вучуд дорад.

Назариёти салоҳиятнокӣ дар муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) ҳамчун идеологияи мақсаднок ва методологияи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ хидмат мекунад. Он барои ҳалли масъалаҳо дар сатҳи низомҳои иттилоотӣ (НИ) ва технологияҳои муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) истифода мешавад ва қобилият омодагӣ ба донишандӯзӣ ва муносибати заруриро ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ дар муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) фаро мегирад.

Ҳадафи асосии истифодаи назариёти салоҳиятнокӣ ҳангоми омодасозии омӯзгорони оянда ташаккули омӯзгори соҳибихтисос барои кор дар муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) мебошад.

Таҳлили равоншиносӣ-педагогии таърифҳои мафҳуми «салоҳияти касбӣ» дар муҳити рақамии таълимӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи тафсирҳои мавҷударо ба ду гурӯҳ ҷудо намоем:

1. Доштани қатори сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) аз ҷониби донишҷӯён дар лаҳзаи хатми муассисаи таҳсилоти олӣ.

2. Қобилияти қабули қарорҳои зарурӣ ҳангоми пайдоиши масъалаҳои касбӣ дар раванди фаъолият.

Дар чаҳорчӯби назариёти салоҳиятнокӣ, сатҳи омодагии донишҷӯёни муосир тибқи қобилият ва омодагии онҳо барои ҳалли масъалаҳои касбӣ бо дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ дар муҳити рақамии таълимӣ муайян карда мешавад.

Ин имкон медиҳад, ки мо СМК-и донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии педагогиро бо назардошти хусусиятҳои муҳити рақамии таълимӣ муайян намоем.

Дар натиҷа, ташаккули СМК-и омӯзгорони оянда тавассути муфассал сохтани салоҳиятҳои касбӣ бо назардошти хусусиятҳои муҳити рақамии таълимӣ анҷом дода мешавад.

Маълум аст, ки салоҳият ҳамчун қобилият ва омодагӣ ба амал дар раванди таълим талаб мекунад, ки СМК-и омӯзгорони оянда барои муҳити рақамии таълимӣ ташаккул дода шаванд.

Ҳамчунин, возеҳ аст, ки сифатҳои шахсиятии омӯзгорон ба тайёрии онҳо барои азхудкунӣ ва истифодаи усулҳои нави таълим, шаклҳо ва воситаҳои омӯзиш (аз ҷумла, қобилияти ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба раванди таълим) таъсири бевосита мерасонанд.

Муҷоисаи сифатҳои муҳимми касбии (СМК) омӯзгорони оянда барои фаъолияти касбӣ дар муҳити рақамии таҳсилот (МРТ) бо маҷмуи салоҳиятҳои муқаррарнамудаи Стандарти давлатии таълимоти олии касбӣ ба хулосае оварад, ки ташаккули салоҳият ва сифатҳои касбӣ робитаи зич дошта, ҳамчун қобилият ва омодагии истифодаи СМК дар фаъолияти касбӣ зуҳур меёбад. Ин раванд ба самаранокии натиҷаҳои бадастомада таъсир расонида, зарурати таҳияи шароити педагогиро барои ташаккули СМК-и омӯзгорони оянда дар муҳити рақамии таҳсилот ба миён меорад.

Мазмуни таълими амалгароёна ва самарабахши бакалаврҳои муассисаҳои олии педагогӣ бо талаботи СДТОК 3++ муайян карда мешавад. Ташаккули шахсияти донишҷӯ - омӯзгорӣ оянда - аз фаъолияти педагогии ӯ ҷудонашаванда аст. Имконияти ташаккули касбии бакалавр барои фаъолияти касбӣ дар муҳити рақамии таҳсилот тавассути амалияи омӯзишӣ ва татбиқи усули фаъолияти касбӣ амалӣ мегардад.

Усули фаъолияти касбӣ ташаккули СМК-и омӯзгорони ояндаро барои фаъолияти касбӣ дар муҳити рақамии таҳсилот тавассути фаъолияти таълимӣ-касбӣ ва ҷалби донишҷуён ба раванди педагогии муассисаҳои амалкунандаи таълимии маҳаллӣ таъмин менамояд. Ин раванд бо ташаккули саводи рақамӣ ва истифодаи унсурҳои он дар муҳити таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти таълимӣ-касбӣ — ин шакли махсуси фаъолиятест, ки ба азхудкунии донишҳо, маҳорат ва малакаҳо, ки заминаи фаъолияти касбии ояндаи педагогӣ мебошанд, равона гардидааст. Дар раванди ин фаъолият ташаккули сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) сурат мегирад.

Фаъолияти таълимӣ-касбии бакалаври муассисаи олии педагогиро метавон ҳамчун

омӯзиши фанҳои барномаи таълимӣ, гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маънидод кард.

Дар шароити рақамикунонии таҳсилот, фаъолияти таълимӣ - касбӣ хусусияти истифодаи технологияҳои электронии таълим ва омӯзиши фосилавиро касб мекунад. Яке аз омилҳои муҳимми самаранокии он ангезиши касбӣ мебошад.

Ангезиши касбӣ аз унсурҳое иборат аст, ки фаъолияти таълимӣ- касбиро таҳрик ва равона мекунанд, аз ҷумла: майлу рағбат, хоҳишҳо, ниёзҳо, манфиатҳо ва боварӣ. Тибқи таҳқиқоти А.Н. Леонтев, ҳар гуна фаъолият бидуни ангеза танҳо маҷмуи амалҳоро ташкил медиҳад. [6, с. 17]

Дар адабиёти психологӣ - педагогӣ алоқамандии равандҳои ташаккули СМК бо фаъолияти касбӣ асоснок карда шудааст. Ташаккули шахсияти донишҷӯ - омӯзгори оянда танҳо дар фаъолияти мундариҷавӣ, асоснок, субъективӣ ва объективӣ муҳим сурат мегирад. Маҳз тавассути чунин фаъолият, бакалавр ҳамчун мутахассиси соҳаи худ дар муҳити рақамии таҳсилот ташаккул меёбад. И.Г. Бессонова қайд мекунад, ки мутахассиси оянда танҳо дар ҳолате ҳамчун соҳибкасб ташаккул меёбад, ки агар ӯ дар раванди таҳсил ба иҷрои фаъолияти касбӣ қодир бошад. [2, с. 176-183]

Фаъолияти иҷтимоии омӯзгори оянда ҳангоми ҳалли масъалаҳои касбӣ ба ташаккули сифатҳои зарурӣ мусоидат менамояд. Дар доираи ин таҳқиқот мафҳуми «фаъолият» ду ҷанба дорад. Аз як тараф, он ҳамчун воситаи расидан ба ҳадаф - ташаккули сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) барои кор дар муҳити рақамии таҳсилот (МРТ) баррасӣ мешавад. Дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва берун аз он, бо истифода аз технологияҳои МРТ, донишҷӯ ташаккул ёфта, ба рақамикунонии таҳсилот омода мешавад.

Унсурҳои занҷир моҳият ва ҷузъиёти асосии равиши фаъолияти касбиро, ки барои ҳамгироӣ ба раванди таълимӣ-касбӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ заруранд, мушаххас менамоянд.

Муваффақияти омӯзиши касбии донишҷӯ дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият асос ёфтааст, ки ин раванд дар адабиёти илмӣ бо мафҳуми «худсозӣ» маъруф аст. Ташаккули шуури инсон дар давраи рақамикунонӣ танҳо фаъолияти оддӣ дар муҳити рақамии таҳсилот (МРТ) нест, балки ташаккули рафтори касбии мукаммалро фарогир буда, намудҳои гуногуни фаъолияти педагогиро дар бар мегирад.

Тибқи намудҳои фаъолияти касбӣ, стандартҳои таълимӣ ба омодасозии хатмкунандагон барои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва ҳамзамон, ташаккули сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) ва салоҳиятҳои зарурӣ дар доираи МРТ равона шудаанд.

Таъсири донишҷӯ бо омӯзгор ҳам дар доираи таълимӣ ва ҳам дар фаъолияти берун аз дарс амалӣ мегардад. Истифодаи самараноки захираҳои МРТ имкон медиҳад, ки раванди таълим ба сатҳи баландтар гузаронида шавад, ки дар он субъект ба унсури асосии гузариш аз ҳолати рушд ба ҳолати худрушдӣ табдил меёбад, ки тавассути як амали муайян ё низоми амалҳо амалӣ мегардад.

Омодасозии кадрҳои педагогӣ на танҳо омӯзиши махсуси соҳаи фаннӣ, балки дорои ҳаҷми зиёди кори мустақилона дар самти касбӣ- предметӣ мебошад. Ин раванд тавассути истифодаи технологияҳои интернетӣ, аз ҷумла омӯзиши онлайн, имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамии таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Самаранокии истифодаи равиши фаъолияти касбӣ дар асоси принсипҳои Д. Дюи, ки барои муҳити рақамии таҳсилот (МРТ) мутобиқ гардонида шудаанд, сурат мегирад:

- ✓ ба назар гирифтани манфиатҳои донишҷӯён (масалан, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти ҳаррӯза);
- ✓ омӯзиш тавассути рушди тафаккур ва амал (боло бурдани сатҳи ташаккули маҷмуи сифатҳои саводи рақамӣ);
- ✓ маърифат ва дониш ҳамчун натиҷаи бартарафсозии мушкилиҳо (рушди чандирии когнитивӣ дар шароити рақамикунонӣ);
- ✓ фаъолияти эҷодии озод ва ҳамкорӣ (равиши эҷодӣ ва инноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои касбӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК)). [5, с. 17]

Ба фаъолияти фаннии донишҷӯён шаклҳои дигари фаъолият зам мегарданд, аз ҷумла шаклҳои рефлексивӣ, ба монанди таҳқиқот, лоиҳакашӣ, сохтмон, идоракунӣ, моделсозӣ ва ғайра. Рефлексия, аз як тараф, механизми ташаккули худтанзимкунӣ дар фаъолияти касбиро таъмин мекунад, аз тарафи дигар, ҷузъи сохтории фаъолияти касбӣ буда, унсури низомсозандаи он маҳсуб мешавад. Ҳар гуна фаъолият ниёз ба тафсир, муқоиса, таҳлили ҳолатҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ, инчунин баҳодиҳии натиҷаҳо (аз ҷумла худбаҳодиҳӣ) дорад.

Мафҳуми «равиши фаъолияти касбӣ» на танҳо бо рушди зеҳнӣ, эҷодӣ ва шахсиятии донишҷӯён, балки бо ташаккули сифатҳои муҳимми касбии (СМК) омӯзгорони оянда барои кор дар МРТ алоқаманд аст. Истифодаи ин равиш дар омӯзиши бакалаврҳои ихтисосҳои педагогӣ бо назардошти азхудкунии технологияҳои мушаххаси таълимии рақамӣ ва намудҳои гуногуни фаъолият, ки дар меъёрҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд, амалӣ мегардад.

Фаъолияти амалии донишҷӯён ва пайдарҳамии иҷрои корҳои гуногун (семинарӣ, лабораторӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, инноватсионӣ, педагогӣ, касбӣ ва ғайра) мувофиқи мазмуни таълим муайян карда мешавад. Ин раванд дар асоси мураккабшавии пайдарпайи корҳо, баланд бардоштани сатҳи мустақилияти донишҷӯён дар иҷрои онҳо, бо назардошти малакаҳои ибтидоии донишҷӯён ва хусусиятҳои муҳити рақамии таълим сурат мегирад.

Самаранокии ташаккули СМК-и омӯзгорони оянда барои кор дар муҳити рақамии таҳсилот дар истифодаи равиши фаъолияти касбӣ бо вуҷуди низоми устувори кор ва мазмуни дақиқи таҳияшудаи таълим дар соҳаи иттилоотӣ ва рақамикунонии равандҳои омӯзишӣ зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, равиши фаъолияти касбӣ имкон медиҳад, ки ташкили фаъолияти мақсадноки таълимӣ-касбии бакалаври муассисаи олии педагогӣ дар доираи муҳити рақамии таҳсилот ҳамчун ҷузъи омодагии касбии донишҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шавад, ки ҳадафи он ташаккули СМК барои кор дар муҳити рақамии таҳсилот мебошад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, сифатҳои муҳимми касбии (СМК) омӯзгорони оянда барои кор дар муҳити рақамии таҳсилот (МРТ) ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои сохторӣ-мазмунӣ муайян карда мешаванд, ки барои фаъолияти педагогӣ дар шароити рақамикунонӣ хос мебошанд. Айни замон, сохтори ягонаи омодаи СМК-и донишҷӯёни муассисаҳои олии педагогӣ барои кор дар МРТ мавҷуд нест.

Тамомияти сохтории СМК омӯзгорони оянда тавассути маҷмуи гурӯҳҳои сифатҳо баён мегардад, ки иборатанд аз: сифатҳои иҷтимоӣ- педагогӣ, ангезишӣ-эмотсионалӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ, гностикӣ, лоиҳавӣ-конструкторӣ, илмӣ-методӣ ва маҷмуи сифатҳои саводи рақам. Тақсимоти ин гурӯҳҳои СМК бар асоси намудҳои фаъолияти касбӣ, талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (стандартҳо, лоиҳаҳои давлатӣ, фармонҳо ва дигар санадҳо) ва хусусиятҳои тахассусии омӯзгор сурат гирифтааст.

Хусусиятҳои асосии СМК ташаккулёфтаи омӯзгорони оянда барои кор дар МРТ иборатанд аз:

- ✓ омодагии донишҷӯён барои ҳамкорӣ бо таълимгирандагон тавассути технологияҳои рақамии таълимӣ;
- ✓ рушди касбияти онҳо дар соҳаи МРТ;
- ✓ ташаккули малакаи худрушдӣ ва такмили касбӣ дар соҳаи технологияҳои ракамӣ;
- ✓ ҷорӣ намудани захираҳои рақамии таълимӣ (платформаҳо, экосистемаҳо) ба раванди таълим.

Муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) ҳамчун як ҷузъи муҳимми таҳсилоти муосир на танҳо раванди таълимро рақамикунонӣ менамояд, балки ба ташаккули сифатҳои муҳимми касбии (СМК) омӯзгорони оянда низ мусоидат мекунад. Дар натиҷаи таҳлили назариявӣ ва методологии ин раванд, метавон хулоса кард, ки рақамикунонии соҳаи маориф на танҳо ба истифодаи технологияҳои рақамӣ, балки ба тағйири мазмунӣ ва сохтории омодагии касбии омӯзгорон дар муҳити рақамии таълимӣ низ таъсири амиқ мерасонад.

Ташаккули СМК омӯзгорони оянда дар муҳити рақамии таълимӣ тавассути як қатор равишҳо амалӣ мегардад, ки муҳимтарини онҳо равиши салоҳиятнокӣ ва равиши касбӣ-фаъолиятӣ мебошанд. Ин равишҳо имконият медиҳанд, ки омӯзгорони оянда барои кор дар

муҳити рақамии таҳсилот омода гарданд, малакаҳои рақамӣ, қобилияти истифодаи захираҳои рақамии таълимӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва методологияи таълимро ба таври васеъ аз худ намоянд.

Дар раванди омӯзиши муҳити рақамии таълимӣ муайян карда шуд, ки ин муҳит тавассути системаҳои иттилоотӣ, платформаҳои таълимии рақамӣ, омӯзиши онлайн ва фосилавӣ, инчунин методҳои интерактивии таълим таъсири назаррас ба сифати омодасозии омӯзгорони оянда мерасонад. Ҳамзамон, муайян гардид, ки ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар соҳаи маориф бояд бо рушди инфрасохтори ТИК, баланд бардоштани салоҳияти рақамии омӯзгорон ва омода сохтани донишҷӯён ба кор дар муҳити рақамии таълимӣ ҳамоҳанг бошад.

Бо такя ба таҳлилҳои анҷомшуда, метавон таъкид кард, ки таъсири муҳити рақамии таълимӣ ба ташаккули сифатҳои муҳимми касбии омӯзгорони оянда чандсамта буда, рушди салоҳияти рақамӣ, малакаи кор бо технологияҳои рақамӣ, қобилияти идоракунии захираҳои рақамии таълимӣ ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар таълимро фаро мегирад. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии низоми таҳсилоти рақамӣ таъмини мутобиқсозии омӯзгорони оянда ба воқеиятҳои нави рақамӣ ва рушди малакаҳои рақамии онҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, муҳити рақамии таълимӣ ва раванди рақамикунонии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот, рақобатпазирии омӯзгорон ва ҳамгироии низоми таълимии кишвар бо фазои ҷаҳонии рақамӣ хоҳад шуд.

Адабиёт:

1. Афанасьев, Г.А. Развитие образовательного процесса в новой цифровой среде [Текст] / Г.А. Афанасьев, А.А. Зяблов// Экология урбанизированных территорий. - 2018 - №2. - С.105-106

2. Бессонова, И.Г. Модель формирования профессиональной рефлексии будущего педагога [Текст]/ И.Г. Бессонова// Сибирский педагогический журнал. - 2007. - №1. - С. 176-183

3. Бозаджиев, В.Л. Профессиональные компетенции как интегрирование качества личности специалиста [Текст]/ В.А. Бозаджиев// Успехи современного естествознания. - 2007. - №5. - С.40-44]

4. Васильева, Е.В. Развитие цифровых компетенций государственных гражданских служащих Российской Федерации [Текст]/ Е.В. Васильева, В.Н. Пуляева, В.А. Юдина // Бизнес-информатика. -2018. -№4(46).-С 28-42.

5. Дьюи, Д. Психология и педагогика мышления [Текст] / перевод с англ. Н.М. Никольской. - М.: Совершенство, 1997. - 208 с.

6. Леонтьев, Д.А. Методика изучения ценностных ориентаций [Текст] / Д.А. Леонтьев. - М.: Смысл, 1992.- 17 с.

7. Молдованов, А.А. Профессиональные качества учителя трудового обучения [Текст] / А.А. Молдованов. - М.: Прометей, 1990. - 103 с.

8. Чекалева, Н.В. Инновационные подходы в подготовке будущих специалистов [Текст]/Н.В. Чекалева// Педагогика в правоохранительных органах. - 2012. - №2(49).- С. 105-110

РАВИШИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА РАВИШИ КАСБӢ-ФАЪОЛИЯТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Салоҳиятҳои ташаккулёфта бояд қобилияти интиқоли дониш ва малака ба фаъолияти амалӣ, инчунин тайёрӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои касбиро дар муҳити рақамии таълимӣ таъмин намоянд.

Муаллиф ҳадафи асосии истифодаи назариёти салоҳиятнокро ҳангоми омодасозии омӯзгорони оянда, ташаккули омӯзгори соҳибихтисос барои кор дар муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) меҳисобад.

Дар чаҳорчӯби назариёти салоҳиятнокӣ, сатҳи омодагии донишҷӯёни муосир тибқи қобилият ва омодагии онҳо барои ҳалли масъалаҳои касбӣ бо дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ дар муҳити рақамии таълимӣ муайян карда мешавад.

Муаллифи мақола таъкид менамояд, ки ташаккули шахсияти донишҷӯ - омӯзгорӣ оянда, аз фаъолияти педагогии ӯ ҷудонашаванда аст. Имконияти ташаккули касбии бакалавр барои фаъолияти касбӣ дар муҳити ракамии таҳсилот тавассути амалияи омӯзишӣ ва татбиқи усули фаъолияти касбӣ амалӣ мегардад.

Калидвожаҳо: омӯзгор, оянда, муҳити рақамии таълимӣ, салоҳият, муассиса, таҳсилоти олӣ, педагог, ташаккул, тафовутҳо, мақсад, мураккаб, метод, қобилият.

КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ И ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ДЕЯТЕЛЬНОСТНЫЙ ПОДХОД В ФОРМИРОВАНИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

Формируемые компетенции должны обеспечивать способность переносить знания и умения в практическую деятельность, а также подготовку и способность решать профессиональные задачи в цифровой образовательной среде.

Основной целью использования компетентностного подхода в подготовке будущих учителей автор считает формирование квалифицированных педагогов для работы в цифровой образовательной среде (ЦОС).

В рамках теории компетенций уровень подготовки современных студентов определяется их способностью и готовностью решать профессиональные задачи различной степени сложности в цифровой образовательной среде.

Автор статьи подчеркивает, что формирование личности студента – будущего учителя – неотделимо от его педагогической деятельности. Возможность профессионального развития бакалавра к профессиональной деятельности в цифровой образовательной среде реализуется через учебную практику и реализацию метода профессиональной деятельности.

Ключевые слова: учитель, будущее, цифровая образовательная среда, компетентность, учреждение, высшее образование, формирование, различия, цель, сложность, метод, способность.

COMPETENCY-BASED AND PROFESSIONAL-ACTIVITY-BASED APPROACH TO THE FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF FUTURE TEACHERS

The competencies being developed should ensure the ability to transfer knowledge and skills into practical activities, as well as training and the ability to solve professional problems in a digital educational environment.

The author believes that the main goal of using a competency-based approach in training future teachers is the formation of qualified teachers to work in the digital educational environment (DEE).

Within the framework of competency theory, the level of training of modern students is determined by their ability and readiness to solve professional problems of varying degrees of complexity in a digital educational environment.

The author of the article emphasizes that the formation of the personality of a student - a future teacher - is inseparable from his pedagogical activity. The possibility of professional development of a bachelor for professional activity in a digital educational environment is realized through educational practice and the implementation of the method of professional activity.

Keywords: teacher, future, digital educational environment, competence, institution, higher education, formation, differences, goal, complexity, method, ability.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зайдуллоев Саидҷамол Сайҷалолович – докторанти PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, к. С.Сафаров-16. Тел.: 988 31 74 96.

Сведения об авторе: Зайдуллоев Саидджамол Сайджалолович – доктор PhD Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С.Сафарова-16. Тел.: 988 31 74 96.

Information about the author: Zaydulloev Saidjamol Sayjalolovich doctor PhD at Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarova st.-16. Tel.: 988 31 74 96.

ТДУ:37.0+501(075.8)
З-61

МАҚОМИ ОМИЛҲОИ ИРСИЯТ, МУҲИТ ВА ТАРБИЯ ДАР ТАРАҚҚИЁТ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТ

Зардова Ш.С., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Иқтидори таълиму тарбия, ақлу заковати бепоёни инсон чунон пеш рафтааст, ки башарият дар таърихи ҳазорсолаи муққадам дар шигифт мондааст.

Раванди инкишофи ин дигаргунӣ миқдор ва сифати ҷисмии инсон аст. Натиҷаи инкишоф ин ташаккули одам ҳамчун намуди мавҷудоти зиндаи биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Инкишофи ҷисмонии одам ба хусусиятҳои биологӣ вобаста буда, дар худ тағйироти морфологӣ, биокимиёвӣ, физиологӣ мегирад. Аммо инкишофи иҷтимоӣ ба рушди психологӣ, руҳӣ, ақлонӣ хос аст [1, с. 15-17].

Тараққиёт мафҳуми фалсафӣ буда, гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ба вуҷуд омадани тағйироти миқдорию сифатӣ пешравиро мефаҳмонад.

Агар одам ба дараҷаи рушди иҷтимоӣ расад, онро шахсияти дорандаи ҳуш ва худогоҳ, қобили фаъолияти мустақилона, дигаргунсозанда меноманд. Одам ҳамчун шахсият таваллуд намеёбад, балки дар ҷараёни инкишоф ба он молик мегардад.

Мафҳуми «шахсият» аз «одам» бо хусусияти сифатҳои иҷтимоии худ фарқ мекунад, зеро ӯ бо таъсири муносибатҳои ҷамъиятӣ, робита бо одамон ташаккул меёбад. Одам ҳамчун шахсият дар низоми иҷтимоӣ бо роҳи мақсадгузорӣ ва тарбияи андешидашуда ташаккул меёбад. Шахсият ба андозаи аз худ кардани таҷрибаҳои иҷтимоӣ аз як тараф ва ба андозаи ба қадри ҳол ҳиссаи бозидиҳӣ ба ҷомеа, ба хазинаи моддӣ ва арзандагии маънавӣ гузаштан, аз тарафи дигар муайян карда мешавад. Барои шахсият шудан, одам бояд дар фаъолияти амалии худ зоҳир гардад, хусусиятҳои ботинии табиат, шакли ҳаётӣ ва тарбиявиашро ифшо диҳад.

Инкишофи одам ҷараёни басо мураккаб, давомдор ва боихтилоф аст. Дар ҷисми одам дигаргунӣ тамоми умр давом мекунад, вале хусусан сифатҳои ҷисмонӣ ва олами руҳии одам айёми кӯдакӣ ва ҷавонӣ бошиддат тағйир меёбад. Инкишоф на бо ҷамъшавии тағийроти миқдории оддию хати рост, балки аз паст ба боло ҳаракат мекунад. Ҳамин тавр, хусусият ва сифатҳои рушди биологии инсон ба мафҳуми «шахсият» шомил намешавад. Мавҷудияти хусусиятҳои шахсият ба сифатҳои ҷамъиятии ӯ алоқаманд нест. Алахусус, мафҳуми «шахсият» ин тавсифи моҳияти ҷамъиятии инсон, сифатҳои он – нутқ, шуур, захираи луғавӣ, одатҳои гуногуни рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ӯро мавҷудоти ҷамъиятӣ мегардонанд, дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, кӯдаки навзод ва одами ақлбохтаро шахсият намегӯянд [2, с. 45-47].

Хусусияти шахсиятро мафҳуми «фардият» пурра мегардонад. Фардият хусусиятҳои ба худ хоси номонандӣ ва фарқияти як одам аз одами дигарро ифода мекунад. Фардият ҳамчун қоида, бо аломатҳои махсус бо мизоҷ, фаъолияти эҷодии иҷтимоӣ ва рафтори оқилонаи худ комилан ба мафҳуми «шахсият» мутааллиқ аст.

Барои он ки нисбати инсон ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ маълумот диҳем, бояд оид ба мафҳуми «фард» ҳам маълумот диҳем. Истилоҳи «фард», аслан арабӣ буда, маънои якка,

танҳо, як касро ифода мекунад. Он ҳамчун мафҳуми вакили алоҳидаи насли одамиро мефаҳмонад. Яъне ҳар фарди солимфикр шахсият шуда метавонад - фард моҳиятан муродифи шахсият аст [3, с. 37-43].

Азбаски шахсият дар тули зиндагӣ инкишофу ташаккул меёбад, аз нигоҳи педагогӣ моҳияти мафҳумҳои «инкишоф» ва «ташаккул»-и шахсиятро ифшо кардан зарур аст.

Инкишоф пеш аз ҳама раванди дигаргунии миқдории хусусият ва сифатии шахсиятро нишон медиҳад. Инсон таваллуд ёфта, калон мешавад, узвҳо ва системаи организм вусъат меёбад, ба вай нутқ ва сипас захираи луғавӣ пайдо мешавад. Вай хусусиятҳои гуногуни иҷтимоию маишӣ ва маҳорати ахлоқӣ, малакаҳои меҳнатӣ пайдо мекунад [4, с. 75-79].

Ташаккул бошад, натиҷаи инкишофро ифода намуда, ташаккулёбӣ, маҷмуи хусусият ва сифатҳои устуворона ҳосилкардаи шахсиятро мефаҳмонад. Бар илова, ташаккул ин ба шахсият додани ягон шакл ва ё навъи устувору комили муайян, чунончӣ асосҳои фан, ахлоқи шоиста аз ҷониби ягон шахс ё коллективро низ ифода мекунад. Бахусус, барои педагогика ва улуми дигар, ки нисбати инкишофи шахсият баҳс мекунанд, ба назар гирифтани сарчашма ва омилҳои асосии инкишоф ва ташаккули шахсият масъалаҳои умда мебошанд. Нисбати ин масъалаҳо файласуфон, психологҳо, педагогон ақидаҳои мухталиф изҳор менамуданд.

Таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ собит мекунанд, ки омилҳои инкишоф ва ташаккулёбии шахсият – аломатҳои биологӣ (ирсият), муҳит (табиӣ ва иҷтимоӣ) ва тарбия (бо таълим), на фақат байни ҳамдигар алоқаманданд, ҳамчунин ҳар яке ба дараҷаи таъсирбахши худ низ моликанд [5, с. 81-84].

Ирсият хусусият ва аломатҳои ҷисми зинда, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл гузориш мекунанд, ирсият ном дорад. Ирсият хусусиятҳои генетикии дар инсон мавҷудбударо инъикос намуда, аз волидайн ба кӯдакон гузаштани хусусият ва аломатҳоро ифода мекунад. Илми муосир исбот кардааст, ки организм ба худ рамзи (код) генӣ гирифта, он хислати нигоҳдорӣ ва ба наслгузарониро дорад.

Инсон маҳз дар ҷараёни иҷтимоӣ, яъне равобити ҳамкорӣ бо дигар одамон шахсият мегардад. Бидуни ҷамъияти иҷтимоӣ дорои инкишофи маънавӣ, ҷамъиятӣ, психологӣ шудан мумкин нест.

Ҳаёти воқеӣ ки дар шароити он одам инкишоф меёбад, муҳит ном дорад. Ба ташаккулёбии шахсият шароити гуногуни берунӣ, аз он ҷумла муҳити ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, мактаб, ҳаёти оилавӣ таъсир мекунанд. Вақте ки гап дар бораи таъсири инкишофи муҳит меравад, пеш аз ҳама меҳнати иҷтимоӣ ва оила дар назар дошта мешавад. Дар фаҳмиши муҳити иҷтимоӣ сохти оммавӣ, муносибатҳои низоми истеҳсолот, раванди иҷтимоӣ ва дигарҳо дохил мешаванд. Муҳити наздик ин оила, хешовандон ва дӯстон ҳастанд [6, с. 43-49].

Ба инкишофи инсон хусусан дар айёми кӯдакӣ муҳити оила таъсири калон мерасонад. Дар хонадон, одатан инкишоф ва ташаккулёбии аввалин ҳаёти инсон ҳалли худро меёбад. Кӯдак одатан инъикоси дақиқи оиларо мегирад, ки дар он рушду камолот меёбад.

Оила аз бисёр ҷиҳат шавқмандӣ ва талабот, ақида ва ояндаи кӯдаконро муайян мекунад. Оила ин узви кӯчаки ҷомеа ба шумор меравад.

Инсон аз муҳити иҷтимоӣ таҳти робита бо дигарон таҷрибаҳои зиндагӣ, тарзи муомила, ҳарфзанӣ тафаккуру ақидаронӣ ва амсоли инҳоро ёд мегирад. Дар инкишофи инсон воситаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама оила, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, воситаҳои ахбори омма ва ғайраҳо нақши муҳим мебозанд.

Аммо муҳити иҷтимоӣ ҳам тавассути гурӯҳҳои носолим метавонад таъсири манфӣ низ расонад, чунончи, қиморбозӣ, майнӯшӣ, нашъамандӣ, ғоратгарӣ, бесаводӣ ва ғайраҳо.

Вале бояд дар хотир дошт, ки ҳамаро дар як қолаб донишманди мумтоз тарбия кардан мумкин нест. Ҳар кас бо ҳиссаи муайянкардаи ирсият ва муҳит худ инкишоф меёбад.

Тарбия таъсири ирсияту муҳитро саҳеҳу тасҳеҳ мегардонад. Баробари тараққиёти истеҳсолоти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ мунтазам нақши тарбия меафзояд. Дар шароити кунунӣ будани таълиму тарбияи бардавом ва махсус дар зиндагӣ

судманд иштирок намудани инсон мушкил аст. Махсусан тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад, тавассути он барномаи инкишофи иҷтимоии шахсият, рушди қобилият ва аломатҳои модарзодии ӯ болу пар мекушояд [7, с. 89-91].

Ҳамин тавр, инкишофу ташаккулёбии шахсият ва аломатҳои инфиродӣ бо таъсири омилҳои ирсият, муҳит ва хусусан тарбия рушд меёбад.

Таълим ва тарбия бо мурури замон мамониятҳои муҳити табиӣ, таъсири иҷтимоӣ ва ҳамчунин дар тарбияи фарзандон саҳву хатоҳои оилавиро низ рафъ ва ислоҳ мекунад.

Тарбия ба мақсади гузоштаи инсон итоат мекунад. Мақсаднок ва системанок таъсирбахшии тарбиятгарон қаблан ба ҳосил кардани иртиботи рефелексҳои шартӣ, ки бо ягон роҳи дигар пайдо намешавад, меоварад. Тарбия ин пур кардани камбудиҳои барномаи инкишофи инсон мебошад. Яке аз вазифаҳои басо муҳимми он – дуруст ташкил кардани раванди тарбия ин муайян кардани майл ва қобилияти фикрӣ, инкишоф додани одам мувофиқи хусусиятҳои инфиродӣ, қобилият ва имконияташ мебошад.

Таҳқиқоти махсус нишон доданд, ки тарбия метавонад фақат ба аломатҳои гузошташудаи табиат такя намуда, сифатҳои муайяни инкишофро таъмин кунад.

Таъсиррасонӣ ба инкишофи одам, худи тарбия аз инкишоф вобаста буда, он мунтазам ба сатҳи ноилшудаи инкишоф такя мекунад.

Мураккабии диалектикаи муносибатҳои тарафайн, инкишоф ва тарбия ҳамчун мақсад ва восита дар ҳамин дида мешавад.

Муфидии тарбия ба дараҷаи омодагии одам ба аз худ кардани таъсири ирсият ва муҳит муайян карда мешавад. Одамон ба тарбия як хел дода намешаванд, сатҳи диапазони «гапдаропӣ» хеле васеъ аз пурра қабулкунии талаботи тарбия то комилан ба итоатмандии идоравии тарбиятгирандагон давом мекунад. Мавҷудияти «Муқовимати тарбия» ҳамчун мухолифати қувваи зоҳирӣ, ки аз тарбиятгирандагон сар мезанад, натиҷаи охиринро муайян мекунад. Барои ҳамин нақши муайянкунии дақиқро вазъият ва муносибати тарафайни одамон ба раванди тарбия мебозад [8, с. 28-32].

Таъсири қувваи тарбиявӣ аз чанд шароит ва вазъият вобаста аст. Педагог ва психологи рус Л.С. Виготский қонуниятеро асоснок намуд, ки мувофиқи мақсад ва методҳои тарбия бояд на фақат сатҳи тарбия, ки кӯдак ҳосил намудааст, ҳамчунин «минтақаҳои инкишофи наздикашро» ҳам дарк кардааст. Вай ду сатҳи инкишофи ақлиро ҷудо мекунад.

Аз нуқтаи назари педагогӣ 3 масъалаи асосӣ мавҷуд аст:

1. Воситаи сифатҳои зеҳнӣ.

Кӯдакон қобилиятҳои тайёрро барои як намуди муайяни фаъолият мерос намегиранд, балки танҳо майлҳо - имкониятҳои захиравии инкишофи қобилиятҳо мебошанд. Дар айни замон, тафовутҳои мавҷудаи намудҳои фаъолияти олии асаб танҳо рафти протсессҳои фикрро тағйир медиҳанд, вале сифат ва дараҷаи худи фаъолияти зеҳниро пешакӣ муайян намекунанд. Майлу рағбатҳое, ки ба одам мерос мондааст, вобаста ба шароит (шароити зист, муҳити зист, эҳтиёҷоти ҷамъият, талабот ба маҳсули фаъолияти муайяни инсон) амалӣ мегардад ё ба амал намеояд. Генетики машҳур, академик Н.П. Дубинин ақидаи васеъро дар бораи он ки сатҳи зеҳн аз волидон ба кӯдакон мегузарад, иштибоҳ мешуморад. Дар баробари ин, омӯзгорони тамоми ҷаҳон эътироф мекунанд, ки ирсият вуҷуд дорад, ки барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ номусоид аст (ҳуҷайраҳои сусти пӯсти мағзи сар дар кӯдакони майзада, вайроншавии сохторҳои генетикӣ дар нашъамандон, бемориҳои ирсии равонӣ). Педагогикаи муосир на ба муайян кардани тафовут ва ба он мутобиқ кардани таълим, балки ба фароҳам овардани шароити баробар барои инкишофи рағбатҳое, ки ҳар як шахс ба инкишофи қуввaҳои равонии худ дорад, нигаронида шудааст [8, с. 56-59].

2. Мероси хислатҳои махсус.

Қобилияти махсусро ба майл кардани намуди муайяни фаъолият (майли мусиқӣ, бадеӣ, математикӣ, забоншиносӣ, варзишӣ ва ғ.) меноманд. Муқаррар карда шудааст, ки бачагони дорои рағбатҳои махсус ба натиҷаҳои хеле баланд ноил мегарданд ва дар соҳаи фаъолияти интихобкардаашон бо суръати тез пеш мераванд. Вақте ки ин гуна майлҳо

шадидан зоҳир мешаванд, онҳо дар синни барвақтӣ зоҳир мешаванд, агар ба шахс шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

3. Воситаи сифатҳои ахлоқӣ.

Дар муддати тулонӣ мавқеи пешбари педагогикаи рус ин буд, ки тамоми сифатҳои равонии шахс мерос нест, балки дар раванди таъсири мутақобилаи организм бо муҳити беруна ба даст оварда мешаванд. Гумон мерафт, ки кӯдак на бад ва на хуб таваллуд намешавад, яъне барномаҳои генетикии шахс дар бораи рафтори иҷтимоӣ маълумот надоранд (руҳи кӯдаки навзод «вараҳи холӣ» аст). Дар воқеъ, олимон ҳангоми дешифронии барномаҳои генетикӣ ягон гени некӣ ё бадӣ ва дигар генҳои марбут ба ахлоқро пайдо накарданд. Аз ин рӯ мо ба хулосае меоем, ки хусусиятҳои тараққиёт ва ташаккулёбии шахсият аз синни хурдсолӣ оғоз меёбад.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак».- Душанбе, соли 2024, №2049.
2. М.Лутфуллоев. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. / Лутфуллоев М. Душанбе, 2015, 707с.
3. Нуров А., Раҳимов Х. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / А.Нуров, Х. Раҳимов, Душанбе, 2005.
4. Нуров А. Кори якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол / А.Нуров, Душанбе «Маориф», 1989.
5. Маҷидова Б., Иззатова М.И. «Педгогикаи томктабӣ»/ Б. Маҷидова М.И. Иззатова, Душанбе, 2012.
6. Савин Н.В. Педагогика / Н.В. Савин, Душанбе, «Маориф»1975.
7. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. /Х. Раҳимов, А. Нуров, Душанбе 2010.
8. Ф. Шарифзода. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим. Душанбе, «Ирфон» 2020.

МАҚОМИ ОМИЛҲОИ ИРСИЯТ, МУҲИТ ВА ТАРБИЯ ДАР ТАРАҚҚИЁТ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТ

Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои педагогӣ – психологӣ буда, дар он хусусиятҳои тараққиёт ва ташаккулёбии шахсият ба таври мушаххас баён гардидааст. Муаллиф дар мақолаи худ кӯшиш намудааст, ки нақш, мақом ва омилҳои ирсиятро ба таври объективона нишон диҳад, ҳамчунин аз мутафаккир ва муҳаққиқи рус Л.С. Виготский қонуниятеро асоснок намудааст, ки мувофиқи мақсад ва методҳои тарбия мебошад.

Қувваи таъсири хусусиятҳои тараққиёт ва ташаккулёбии шахсият ба як қатор шароит вобаста аст. Дар ин бора психологи рус Л.С. Виготский намунаеро асоснок кардааст, ки тибқи он ҳадафҳо ва усулҳои таълим бояд на танҳо ба сатҳи инкишофи ба даст овардаи кӯдак (дараҷаи инкишофи воқеӣ), балки ба минтақаи инкишофи наздики ӯ, ки мувофиқи он бояд тарбия мувофиқ карда шуда бошад.

Калидвожаҳо: таълим, тарбия, инкишоф, шахсият, фардият, ирсият муҳит, педагогӣ, психологӣ.

МЕСТО ФАКТОРОВ НАСЛЕДСТВЕННОСТИ, СРЕДЫ И ВОСПИТАНИЯ В РАЗВИТИИ И ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ

В данной статье рассматриваются педагогические и психологические вопросы, в которых конкретно описываются особенности развития и формирования личности. В своей статье автор попытался объективно показать роль, статус и факторы наследственности, а также обосновал законы русского мыслителя и исследователя Л.С. Выготского, которые согласуются с целями и методами воспитания. Сила влияния особенностей развития и формирования личности зависит от ряда условий. В связи с этим русский психолог Л.С. Выготский обосновал модель, согласно которой цели и методы воспитания должны основываться не только на достигнутом ребенком уровне развития (уровне актуального

развития), но и на его зоне ближайшего развития, в соответствии с которой должно корректироваться воспитание.

Ключевые слова: образование, воспитание, развитие, личность, индивидуальность, наследственность, среда, педагогический, психологический

THE ROLE OF HEREDITY, ENVIRONMENT AND EDUCATION IN THE DEVELOPMENT AND FORMATION OF PERSONALITY

This article examines pedagogical and psychological issues that specifically describe the characteristics of personality development and formation. In his article, the author attempted to objectively show the role, status and factors of heredity, and also substantiated the laws of the Russian thinker and researcher L.S. Vygotsky, which are consistent with the goals and methods of education. The strength of the influence of the characteristics of personality development and formation depends on a number of conditions. In this regard, the Russian psychologist L.S. Vygotsky substantiated a model according to which the goals and methods of education should be based not only on the level of development achieved by the child (the level of actual development), but also on his zone of proximal development, in accordance with which education should be adjusted.

Keywords: education, upbringing, development, personality, individuality, heredity, environment, pedagogical, psychological.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зардова Шаҳноза Самадовна-докторанти PHD-и курси 3-юми кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, ҶТ., ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16, Тел.: 988528052

Сведения об авторе: Зардова Шахноза Самадовна, докторант PHD 3 курса кафедры гуманитарных наук и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ., г. Куляб, ул. С. Сафарова-16. Тел.: 988528052

Information about the author: Zardova Shakhnoza Samadovna, 3rd year PhD student of the department of humanities and methods of teaching them, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT., Kulob, S. Safarov St.-16. Tel.: 988528052

ТДУ:03+37
Н-52

ЛОИҲАКАШИИ ПЕДАГОГИИ ОМОДАСОЗИИ МУТАХАССИСОН БО ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ХУДТАТБИҚНАМОӢ ДАР РАВАНДИ РАҚАМИКУНОНИИ ТАҲСИЛОТ

Наботов Л.Н., унвонҷӯ
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб

Мубрамияти мавзуъ: Таърихи рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як давлат хусусиятҳои хоси худро дорад ва аз ин нуқтаи назар, нақши мутахассисоне, ки онҳо дар пешравии соҳаҳои гуногун метавонанд саҳмгузорӣ намоянд, агар ин мавзуъро дар мисоли рушди давлатҳои ба ном «Палангҳои Осиё» (Гонконг, Тайван, Сингапур ва Кореяи Ҷанубӣ) таҳлил намоем, хулосаи муҳим оид ба омодагии мутахассисон ба татбиқи навгониҳо ва худташаккулёбии доимии касбӣ ба ҳисоб меравад, ки дар маълумоти иттилоотӣ ва таҳқиқоти олимони зерин оварда шудаанд - [4], Р. Абдурахмонов [2], Т.Е. Степанова ва Н.В. Манохина [10, с. 137]. Яке аз мисолҳои возеҳи нақши мутахассисон, яъне ҳар як шаҳрванди кишвар дар рушду нумуи ҳар як давлат дар китоби Ли Куан Ю, ки дар бораи рушди Сингапур оварда шудааст, намунаи ибрат оид ба расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ аз нигоҳи рушди неруи

инсонӣ ва натиҷагирӣ аз он мебошад. Аз ин нуқтаи назар, Ли Куан Ю қайд менамояд, ки «Ҳар як дастоварди бузург, то замоне ки он ба воқеият табдил наёфтааст, танҳо як орзу маҳсуб меёбад. Аммо Ли Куан Ю орзуи давлате дошт, ки на танҳо мардум зиндагии шоиста дошта бошад, инчунин аз нигоҳи рушд, давлат аз дигар кишварҳо пешсаф бошад....яъне нишон дода тавонистани намунаи кору фаъолияти сатҳи олӣ бояд барои ҳама шарти зарурӣ бошад» [17, с. 11]. Аз ин мавқеи назар боиси зикр аст, ки Тоҷикистон низ пас аз ба даст овардани истиқлолият таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақиятҳои беназир соҳиб гардида истодааст, ки аз ҷониби созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилаллӣ ин дастовардҳо махсус қайд гардидаанд. Барои мисол дар китоби «Ҷаҳон бо ифодаи рақамҳо» Тоҷикистон дар қатори 53 давлатҳое, ки бо суръати баланди рушди иқтисодӣ шомил мебошанд, ҷойи 18-умро ишғол менамояд, ки «бо нишондоди 7,6% тайи 10 сол оварда шудааст». [7, с. 20]. Чӣ тавре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардидааст, нишондоди мазкур дар соли 2024 «ба 8,4% расидааст», [1] ки дар байни бисёре аз давлатҳои ҷаҳон мақоми шоиста дорад. Чунин нишондодҳо маънои онро дорад, ки бояд дар доираи омодасозии мутахассисон, махсусан иқтисодчиҳои оянда барномаҳои ҳамоҳангшудаи таълимӣ-тарбиявӣ бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ зимни ҳамкорӣ бо сохторҳои гуногун, ки рушди иқтисодиёти инноватсионии мамлакатро таъмин менамоянд, моделҳои мутобиқ ба талаботи замон амалӣ карда шаванд. Чӣ тавре, ки Пешвои миллат қайд менамояд, «Мақсади асосӣ дар сиёсати иқтисодӣ ба вуҷуд овардани иқтисодиёти пурсамаре мебошад, ки ба муносибатҳои бозорӣ асос ёфтааст. Мо баробари инкишофи шаклҳои гуногуни моликият, вусъат додани соҳибкории озод, тиҷорати хурду миёна ва ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ раванди ислоҳотро ривоҷ медиҳем» [16, с. 19]

Сатҳи омӯзиш ва иҷрои корҳои ба сомонрасонидашуда оид ба мавзуи мазкур: Чӣ тавре, ки таҳлилҳо бо истифода аз адабиёти соҳавӣ, аз он ҷумла, кори муаллифии Саидмуродов Л.Х. [8] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 [12], Ха Джун Чанг [14], Бодо Шеффер [5] ва дигар сарчашмаҳо бармеояд, яке аз заминаҳои асосии расидан ба ҳадафи рушд, ин пеш аз ҳама ҷалби сармояи инсонӣ ва донишу малакаи одам барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта ба ҳисоб меравад, ки ҳаммаъно ба гуфтаи Хилон аз Эфор (596-526 т. с. м) «Худатро бишнос» [13, с. 37] мебошад. Акнун дар асри XXI на танҳо худро шинохтан, инчунин дар амал татбиқ намудан ва саҳм гузоштан ба пешравии ҷомеа аз нигоҳи рушди муносибатҳои иқтисодӣ ба муҳимтарин масъалаҳои рушди давлатҳо маҳсуб меёбад он чӣ, ки Абрамова И. қайд менамояд. [3]

Муҳтавои асосии мавзуъ: Дар доираи таҳлилу хулосабарориҳои мавзуи пешниҳодгардида, аз ҷониби муаллиф дар якчанд самт таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуда, дар онҳо 12 саволи заминавӣ, яъне аз нигоҳи шумо (донишҷӯ) ба заминаҳои асосии рушди иқтисодии Тоҷикистон кадом омилҳо мансубанд? (саволи 1), аз нуқтаи назари шумо чӣ бояд кард, ки иқтисодиёти мамлакат доимо дар шукуфоӣ ва пешравӣ бошад? (саволи 2), таҷрибаи кадом давлатҳоро бояд омӯхт, то кӣ ҳар як соҳа ва минтақа пешравии назаррас дошта бошад? (саволи 3), мафҳуми сармоягузорӣ чист ва ба кадом мақсад онҳоро бояд истифода бурд? (саволи 4), нақши низоми бонкдорӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна? (саволи 5), аҳаммияти омӯхтани забонҳои хориҷӣ на танҳо барои муошират, балки таҳияи лоиҳаҳои ҷалби сармоягузорӣ? (саволи 6), мазмуну мундариҷаи сармоягузорӣ ба рушди неруи инсонӣ аз нигоҳи дастгирии падару модар дар расидан ба ҳадафҳои таҳсил? (саволи 7), назари шумо то чӣ андоза ёрии амалии падару модар ба шахсе, ки таҳсил менамояд ва натиҷаҳоеро, ки дар марҳилаҳои гуногуни таҳсил ба даст меоянд, дар тавозун мебошанд? (саволи 8), агар ба шумо имконият дода шавад, ки роҳбари ширкати бонуфуз бошед, корро аз чӣ оғоз менамоед, то кӣ пешравии иқтисодии соҳаро устувортар гардонед? (саволи 9), маънои модели рушди иқтисодии аграрӣ-саноатӣ чӣ маъно дорад? (саволи 10), айнан бо ҳамин мазмун модели индустриалӣ-аграрӣ? (саволи 11), агар аз нуқтаи назари дастовардҳои таълимӣ муаррифии ҳар як фанро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ба ҷо оред, дар доираи

на кам аз 5 фанни таълимӣ ба худ кадом баҳоро мегузоред (2, 3, 4, 5)? (саволи 12). Дар пурсиш ва ҳалли масъалаҳои мантиқӣ 35 нафар донишҷӯёни зинаи аввали таҳсил, 42 нафар зинаи дуюм, 55 нафар зинаи сеюм ва 18 нафар хатмкунандагони ихтисосҳои иқтисодии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ ширкат варзиданд. Мубрамияти мавзуъ аз он иборат аст, ки чӣ тавре, ки маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, омодасозии кадрҳои соҳаи иқтисодиёт дар ҷои 3-юм қарор доранд, ки дар соли 2021 миқдори максималӣ буда, тайи 2 соли охир рӯ ба таназзул қарор доранд (расми 1).

Иқтисодиёт

Расми 1. Маълумоти оморӣ оид ба тақсимоти хатмкунандагони соҳаи иқтисодиёт тайи солҳои 2015-2023

Бо истифода аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ, зимни муроҷиат ба саволи ***“боя̆д хатмкунандагони равияҳои иқтисодӣ кадом донишу малакаҳоро дошта бошанд?”*** чунин посух гирифта шудааст, ки ҳаммаъно ба он ҷавобҳоеро, ки дар доираи 12 савол ба донишҷӯён муроҷиат карда шуда буд, мебошад.

Барои ихтисосҳои болозикр талаботи заминавӣ барои 8 равия дар мисоли мутахассисони соҳаи иқтисод ба тарзи зайл пешниод карда шудаанд:

Салоҳиятнокии умумии хатмкунандагони ихтисосҳои соҳаи иқтисодӣ

Талаботи заминавӣ: Пеш аз ҳама дарк карда тавонистани масъулияти интихоби ихтисосеро, ки дар ин ё он зинаи таҳсил зимни азхуд намудани барномаҳои таълимӣ аз нигоҳи татбиқи онҳо дар амал ва дар ин раванд: донистани марҳилаҳои таърихии рушди Тоҷикистон давоми асрҳо то замони нав (1), имкониятҳо ва захираҳои иқтисодии рушд аз

сатҳи деҳаҳо то дигар самтҳо (2), таҳлилу муқоиса карда тавонистани роҳ ва усули интихоби рушд дар муқоиса бо дигар давлатҳо (3), донистани сабаб ва роҳҳои баромадан аз вартаи қафомонӣ ба пешрафт бо назардошти саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду нумуи Тоҷикистон (4), донистан ва шарҳ дода тавонистан аз ҷониби созмонҳои бонуфузи ҷаҳон, пеш аз ҳама – СММ 5 пешниҳоди сатҳи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои об ва иқлим (5), донистан ва зоҳир намудани донишу малака оид ба рушди иқтисодиёти рақамӣ (6), «сабз» (7), татбиқи ҳукумати электронӣ (8), солҳои 2025-2030 эълон намудани «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (9), донистани мафҳуми «сармоягузорӣ» ва сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёти мамлакат (10) ва дигар масъалаҳо. Вобаста ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида, чунин меъёрҳои расидан ба ҳадафи таҳияи модели ихтисосмандони соҳаи иқтисод ба тарзи зайл ва талаботи зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Донишҳои бунёдӣ дар соҳаи иқтисод: Донишҳои мукаммал дар самтҳои микроиқтисод (1.1), макроиқтисод (1.2), иқтисодиёти байналмилалӣ ва назарияи институтсионалӣ (1.3), фаҳмиши меъёрҳои қонунгузорӣ (1.4) ва механизмҳои фаъолияти иқтисоди бозорӣ ва давлатӣ (1.5). **2. Маҳоратҳои таҳлилӣ:** Огоҳӣ ва истифодаи усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва пешгӯии равандҳои иқтисодӣ (2.1), қобилияти коркарди маълумоти оморӣ (2.2) ва молиявӣ, инчунин таҳлил ва шарҳи онҳо (2.3), донишу маҳорат дар сохтани моделҳои иқтисодӣ (2.4) **3.Дониши заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии танзими иқтисодӣ:** Фаҳмиши умумӣ ва донишҳои амиқ дар соҳаҳои қонунгузории андоз (3.1), буҷет (3.2), меҳнат (3.3) ва қонунгузории корпоративӣ (3.4), донишу малака дар бораи танзими равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ (3.5) ва байналмилалӣ (3.6) **4. Салоҳиятҳо дар соҳаи молия ва муҳосибавӣ:** Донишу маҳорат дар таҳия ва таҳлили ҳисоботҳои муҳосибавӣ (4.1) ва молиявӣ (4.2), огоҳӣ аз принсипҳои идоракунии молиявӣ (4.3) ва таҳлили сармоягузорӣ (4.4) **5. Маҳоратҳои рақамӣ ва технологӣ:** Истифодаи пурсамар ва муассири барномаҳои компютерӣ (монанди «Excel», «1C», «C++», «Python» ё «Эр» – тавсияшаванда) (5.1), қобилияти истифодаи системаҳои иттилоотӣ барои таҳлили равандҳои иқтисодӣ (5.2) **6. Қобилияти таҳия ва асоснок кардани қарорҳои идоракунӣ:** Истифодаи донишҳои иқтисодӣ барои беҳсозии равандҳои тиҷоратӣ (6.1), маҳорат дар банақшагирии стратегӣ ва амалӣ (6.2) **7. Маҳоратҳои муошират:** Қобилияти равшан ва дақиқ баён кардани маълумоти иқтисодӣ – ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ (7.1), маҳоратҳои кори дастаҷамъона (7.2), мукотибаи касбӣ (7.3), таҳияи таҳлилномаҳо (7.4) ва ҳисоботҳо (7.5). **8. Донистани забонҳои хориҷӣ (тавсияшаванда):** Дар аксари ҳолатҳо донистани забони англисӣ дар сатҳи на камтар аз B1–B2 барои истифодабарандагони донишҳои касбӣ ва муошират зарур аст (8.1).

Бо истифода аз меъёрҳои пешниҳодшуда, чунин бозиҳои расмии касбӣ бо назардошти ҷалби донишҷӯён ба пешниҳоди моделҳои имконпазири рушд, ки дар як вақт метавонанд бо самтҳои гуногун дар доираи татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим, яъне модели ба шахсият равонакардашуда (1), модели якдигартаъсиррасонии зеҳнӣ (2), модели инноватсионӣ (3), кор дар ҳайати команда (4), модели ташаккули қобилиятҳои касбӣ (5), ҳамчун роҳ ва усули фаъолгардонии ҷараёни таълим пешниҳод гардидаанд, ки дар мисоли ташкили озмунҳо «Беҳтарин пешниҳодҳо бо сарфарозгардонии титулҳои фахрӣ ва пазируфтани истеъдодҳо» бо назардошти дар доираи рушди ҳар як ноҳия ва ё шаҳр аз рӯйи интихоб, ки донишҷӯ як ҳафта барои иштирок омодагӣ мебинад ва дар ҳолате, ки лоиҳа сазовори титули фахрӣ мегардад, донишҷӯ аз иҷрои кори ҳатмии мустақилона ва ё курсӣ озод карда мешавад ва соҳиби холи иловгӣ мегардад.

Ҳадафҳои педагогӣ-психологӣ ва тарбияи зеҳнӣ ⇨ дар доираи вақти ҷудогардидаи гузаронидани машғулиятҳои фаннӣ, маҳфилҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар шаклҳои фаъолгардонии ҷараёни таълим, бо фарогирии мавзуъҳои гуногун, татбиқи моделҳои рушди зеҳнӣ ва тарбиявӣ-ватандӯстӣ оид ба имкониятҳои иқтисодии Тоҷикистон ҳар як минтақа ва аҳаммияти идораи донишҳо барои рақобатпазирии соҳаҳо дар аср XXI.

Мақсади асосии фаъолгардонии ҷараёни таълим ⇨ зимни омӯзиши ҳар як фан татбиқи моделҳои муосири таълимӣ, алалхусус технологияи кредитӣ, ба он мусоидат

менамояд, ки донишҷӯён роҳҳои гуногуни моделҳои вариативӣ ва алтернативии ҳалли масъалаҳои тахассусиро таҳия ва муаррифӣ намуда, дар ин раванд эҳсоси ватандорӣ, дарки масъулият, руҷуъмандии тахассусӣ ва аз худ намудани донишҳои навро барои рақобатпазирии шахсият ва соҳаҳо зоҳир намоянд. Инчунин, дар назар дошта мешавад, ки донишҷӯён ҳамчун неруи зеҳнии кишвар бояд ба гирифтани таҷрибаи интихоби роҳҳои асосноккардашудаи рушд барои ҳар як самти тараққиёт дар раванди «аз рақобатпазирии иқтисодиёт ба рақобатпазирии давлат ва аз рақобатпазии давлат ба рақобатпазирии миллат» омода бошанд ва дар таҷрибаи касбӣ-тахассусӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият онҳоро татбиқ карда тавонанд. Пайдарҳамии бамақсадрасии фаъолгардонии ҷараёни таълим ➪мавзуи таҳқиқоти оиди, барои мисол: ташаккули хислати пешвои (лидер)-и донишҷӯён зимни таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва эҷодии алтернативӣ таҳти унвони «Зинда бош эй ватан, Тоҷикистони озоди ман» интихоб карда мешавад; ➪ мақсади асосии ташкили ҷараёни таълиму тарбия бо чунин мазмун ва мундариҷа аз он иборат аст, ки барои фаъол гардонидани ҷараёни таълим гурӯҳи донишҷӯён на кам аз 5 нафар, барои мисол, лоиҳаҳои алтернативии худро аз рӯйи мавзуъҳои «5 модели имконпазири тараққиёти инноватсионии ноҳияи Тоҷикобод», «5 минтақаи муҳимми ташкили корхонаҳои коркарди пӯст», «5 имконияти муҳимми тараққиёти соҳаи кишварзии ноҳияи Темурмалик» ва ғайра корҳои мустақилонаро иҷро намоянд; ➪ шарти гузаронидани озмун оид ба таҳия ва муаррифии лоиҳаҳои эҷодӣ ва инноватсионии донишҷӯён аз он иборат аст, ки ҳар як донишҷӯ дар алоҳидагӣ модел-варианти худро пешниҳод карда, онро асоснок менамояд ва омӯзгор бо ҷалби «экспертҳо» (бигузор донишҷӯёни дигар, аспирант ё ин ки магистрантҳои соҳавӣ барои иҷрои ин нақш ҷалб шаванд) ба лоиҳаҳои пешниҳодшуда холҳои рейтингӣ мегузорад; ➪ модели алтернативии истифодаи иқтидори иқтисодии минтақа (ноҳия, шаҳр) барои рушди инноватсионӣ аз чунин омилҳо иборат мебошад, барои мисол, 1 – истифодаи неруи зеҳнӣ, 1.2. – истифодаи имкониятҳо ва тараққиёти соҳаи кишоварӣ, 1.3. – истифодаи имкониятҳо ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ташкили корхонаҳои саноатӣ, 1.4. – истифодаи имкониятҳо ва ташаккул додани системаи хизматрасонӣ ва ғайра.

➪ ҳар як гурӯҳи донишҷӯён дар алоҳидагӣ модел (консепсия)-и рушди иқтисоди минтақаро муаррифӣ менамояд; ➪ ба донишҷӯёне, ки дар ҳайати даста (команда) мебошанд,



имконият дода мешавад, ки пешниҳод (модел)-и «рақиби худ»-ро зери танқид қарор диҳанд ва ё ҳамфикрӣ баён намоянд; ➪ дар марҳилаи ниҳоӣ ба ҳар як пешниҳод дар асоси меъёрҳои баҳогузории рейтингӣ холҳои муайян гузошта шуда, пас аз таҳлили муқоисавӣ ғолиби «озмун» муайян карда мешавад; ➪ вобаста аз шартҳои заминавӣ ва холҳои бадастомада, ба донишҷӯ титул ва сертификатҳои омӯзгор ба монанди «Титули пазируфтани истеъдод», «Титули интеллекти беҳтарин» ва ғайра дода шуда, дар имтиҳонҳои ниҳоӣ оиди ба даст овардани холҳои озмунӣ ҳавасманд гардонида мешавад.

Дар доираи модели пешниҳодгардида, ки бо ҳамин маъно зиёда аз 25 вариант барои гузаронидани озмоишҳои педагогӣ дида баромада шудааст, мазмуну мундариҷаи дидактикие, ки дар китоби А. Сенаторов оварда шудааст, яъне қурби савол бо номи «Андеша ва пешниҳод намо» ва муаррифӣ кардани худро биомуз [9], инчунин мафҳуму мундариҷаи «Лоиҳакашии педагогӣ-ин таҳияи пешакии ҷузъҳои асосии фаъолияти ояндаи донишҷӯён дар раванди

гузаронидани бозиҳои ифодакунандаи воқеии ҳолат мебошад, ки объекти он метавонад системаҳои педагогӣ, раванди педагогӣ ва вазъиятҳои педагогӣ бошад» [6. с. 6].

Хулоса, аз нуқтаи назари ҳалли масъалаҳои педагогӣ омодасозии мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисод метавонанд дар доираи ташаккули донишу малака ва маҳоратеро, ки бояд дар доираи ҳалли масъалаҳои касбӣ-тахассусӣ тавонанд ва ҳамчун сифати рақобатӣ маънидод карда шаванд, метавонанд ба роҳ монда шаванд. Чунин хулоса инчунин аз маҷмуи гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ва таҷрибаҳои педагогӣ, ки бо иштироки зиёда аз 160 нафар донишҷӯён ба роҳ монда шудаанд ва 12 нафар омӯзгорон ҳамчун экспертҳои дохилӣ ва 6 нафар ҳамчун экспертҳои берунӣ бо иштироки корфармояндагон аз сохторҳои идораи молиявӣ ва амволи давлатӣ ширкат варзиданд, бармеояд.

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2024. Душанбе: «Шарқи озод», 2025. – 40 с.
2. Абдрахманов Р. Как нации становятся брендами: Экономико-политические наблюдения / Рахимбек Абдрахманов. М.: Интеллектуальная литература, 2019. – 208 с.
3. Абрамова И. Развивающиеся страны в мировой экономике XXI века: формирование новой архитектуры международных экономических отношений // Проблемы современной экономики. 2011. №1
4. Азиатский вектор: [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https: // elib.bsu. by/bitstream, 29.05.2025
5. Бодо Шефер. Роҳ ба сӯи озодии молиявӣ. – силсилаи китобҳо дар торномаи www.Jahon. Tj, 2023. – 265 с.
6. Загрекова, Л. В. Теория и технология обучения. Учеб. пособие для студентов пед. вузов / Загрекова Л.В., Николина В.В. – М.: Высш. шк., 2004. – 157 с.
7. Мир в цифрах – 2015. Карманный справочник / [Пер. с англ. О. Лазуткиной]. – М.: Издательство «Олимп-Бизнес», 2015. – 272 с.
8. Саидмуродов Л.Х. (Саидмуродзода Лутфулло Хабибулло) Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики – Душанбе: Дониш, 2022. – 414 с.
9. Сенаторов А. Цена вопроса. Думай, делай и зарабатывай по-новому / Сенаторов Артем. – Москва: Издательство АСТ, 2023. – 192 с.
10. Степанова Т.Е. Манохина Н.В. Экономика, основанная на знаниях (теория и практика) // Учебное пособие / Т.Е. Степанова, Н.В. Манохина. - М.: «Гардарики», 2008. - 238 с.
11. Страны мира. Современный справочник // Составители Т.В. Горячкина, И.Г. Ярич. - М.: ООО «Интеллект-книга», 2023. - 640 с.
12. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2016. - 87 с.
13. Таранов П.С. Мудрость трех тысячилетий / Худож. Ю.Д. Федичкин. – М.: ООО «Фирма «Издательство АСТ»», 1997 – 736 с.
14. Ха Джун Чанг. Как устроена экономика. – М.: ООО «Манн, Иванов и Фербер», 2015.-512 с.
15. Шоҳиён Н.Н. Асосҳои илми назариявӣ ва принсипҳои таҳияи модели шахсияти иқтисодӣ аз нигоҳи ноил шудан ба ҳадафҳои рақобатпазирии ташкилот.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023, № 4/2(50). - С. 481-487.
16. Эмомалӣ Раҳмон. 30 соли саодату созандагӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2024. – 336 с.
17. Ю, Ли Куан. Из третьего мира – в первый. История Сингапура (1965-2000): пер. с англ. Александра Боня / Ли Куан Ю. – 6-е изд. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2018. – 576 с.

ЛОИҲАКАШИИ ПЕДАГОГИИ ОМОДАСОЗИИ МУТАХАССИСОН БО ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ХУДТАТБИҚНАМОӢ ДАР РАВАНДИ РАҚАМИКУНОНИИ ТАҲСИЛОТ

Дар қатори зиёда аз 960 ихтисосу равияҳое, ки тибқи маълумоти дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда, зиёда аз 13%-и онҳоро мутахассисони соҳаи иқтисод, ки онҳо бояд дар интихоб ва ба роҳ мондани рушди инноватсионии соҳаҳо саҳм гузоранд, ташкил медиҳад. Аз ин нуқтаи назар, масъалаҳои вобаста ба рушди неруи инсонӣ ва муҳайё намудани шароити созгор барои пешравии ҷомеа тафаккури нави эҷодӣ ва ояндабинии тахассусиро тақозо менамояд. Бинобар ин, таҳия ва татбиқи нави моделҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар раванди рақамикунонии таҳсилот метавонанд ҳадафмандона зимни омодасозии мутахассисоне, ки бояд таҳлилу хулосабарорӣ аз пешравии на танҳо соҳаи иқтисодиёт, инчунин аз дастовардҳои таълим ва лоиҳакашии онҳо аз нигоҳи татбиқи дастовардҳои таълимӣ дар амал низ бояд пайваста зери таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирад. Барои расидан ба ҳадафи мазкур, муаллиф маҷмуи зиёди озмоишҳои педагогӣ бо ҷалби ихтисосу равияҳои иқтисодӣ ва муқоисаи онҳо ба дигар ихтисосҳоро ба роҳ монда, модул ва моделҳои баҳогузорӣ ба сифати таҳсилотро пешниҳод намудааст, ки асоси онҳоро рақамикунонӣ ва аҳаммияти он аз лиҳози рақобатпазирии мутахассисон ташкил медиҳад.

Калидвожаҳо: Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми таҳсилот, рақамикунонии таҳсилот, сифати таҳсилот, модул, модел, омодасозии мутахассисони барои соҳаи иқтисодиёти мамлакат, муқоиса, рақобатпазирӣ, таълим, тарбия.

ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ПРОЕКТИРОВАНИЕ ПОДГОТОВКИ СПЕЦИАЛИСТОВ С АНАЛИТИКО-ЭКОНОМИЧЕСКИМ МЫШЛЕНИЕМ И САМОПРИМЕНЕНИЕМ В ПРОЦЕССЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ ОБРАЗОВАНИЯ

Согласно данным, представленным в Национальном центре тестирования при Президенте Республики Таджикистан, более 13% из более чем 960 существующих специальностей и направлений подготовки составляют специалисты в области экономики, которые должны играть ключевую роль в выборе и организации инновационного развития отраслей. В связи с этим, вопросы, касающиеся развития человеческого потенциала и создания условий для прогресса общества, требуют внедрения нового подхода, ориентированного на творческое и системное профессиональное мышление.

В этой связи, разработка и внедрение современных моделей образовательного и воспитательного процессов в контексте цифровизации образования представляют собой важный инструмент подготовки специалистов, чья деятельность требует не только анализа экономической ситуации, но и оценки достижений образования и применения полученных знаний на практике. Для достижения данной цели автором предложен комплекс педагогических экспериментов с вовлечением специалистов в области экономики, с последующим сравнением их с другими направлениями подготовки. Также предложены модули и модели оценки качества образования, которые основываются на цифровизации и подчеркивают важность данной технологии для повышения конкурентоспособности специалистов.

Ключевые слова: Национальный центр тестирования при Президенте Республики Таджикистан, образовательная система, цифровизация образования, качество образования, модули, модели, подготовка специалистов для экономической сферы, сравнительный анализ, конкурентоспособность, обучение, воспитание.

DESIGNING PEDAGOGY FOR THE TRAINING OF SPECIALISTS WITH ANALYTICAL-ECONOMIC THINKING AND SELF-APPLICATION IN THE PROCESS OF EDUCATION DIGITALIZATION

According to data provided by the National Testing Center under the President of the Republic of Tajikistan, over 13% of more than 960 existing specialties and fields of study are comprised of specialists in the field of economics, who must play a key role in the selection and

organization of innovative development in various sectors. In this context, issues related to human capital development and creating conditions for societal progress require the introduction of a new approach focused on creative and systemic professional thinking.

In this regard, the development and implementation of modern models of educational and developmental processes in the context of education digitalization represent a crucial tool in the preparation of specialists. Their professional activities demand not only analysis of the economic situation but also assessment of educational achievements and the practical application of the knowledge gained. To achieve this goal, the author has proposed a series of pedagogical experiments involving economics specialists, followed by comparisons with other fields of study. Additionally, modules and models for evaluating educational quality are suggested, which are based on digitalization and emphasize the importance of this technology for enhancing the competitiveness of specialists.

Keywords: National Testing Center under the President of the Republic of Tajikistan, educational system, education digitalization, education quality, modules, models, preparation of specialists for the economic sector, comparative analysis, competitiveness, teaching, development.

Маълумот дар бораи муаллиф: Наботов Лутфулло Насуллоевич - унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кулоб, кӯчаи Борбад 9/1. **E-mail:** nabotovlutfullo@gmail.com **Телефон:** (+992) 988-98-55-58

Сведения об авторе: Наботов Лутфулло Насуллоевич - соискатель кафедры гуманитарных наук и права Института технологий и инновационного менеджмента города Куляб. Адрес: Республика Таджикистан, город Куляб, улица Борбад 9/1. Электронная почта: nabotovlutfullo@gmail.com Телефон: (+992) 988-98-55-58

Information about the author: Nabotov Lutfullo Nasulloevich - applicant of the Department of Humanities and Law of the Institute of Technology and Innovation Management of the city of Kulob. Address: Republic of Tajikistan, the city of Kulob, Borbad street 9/1. E-mail: nabotovlutfullo@gmail.com Phone: (+992) 988-98-55-58

ТДУ:351/53 (2-тоҷ)
Н-53

ИНКИШОФ ВА ИСЛОҲИ НУТҚИ КӮДАКОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

Назарова М.Р., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Айни ҳол, дар муқобили тамоюлҳои вазъи ҷаҳонишавӣ ва рушди илму инноватсия, алалхусус дар низоми таҳсилоти томактабӣ густариши муҳити пуршиддати фазои иттилоотӣ дақиқ ба назар мерасад. Қайд кардан, дар ин маврид ба мақсад мувофиқ аст, ки масъалаи умумияти барномаи нави омодагии касбии мутахассисони соҳаи маориф, махсусан дар зинаи таҳсилоти томактабӣ, аҳаммияти рӯзафзунеро пайдо карда истодааст. Дар ин миён, ислоҳоти низоми муосири таҳсилоти томактабӣ рушду такомули шахсиятро яке аз вазифаҳои калидӣ ва афзалиятнок қарор додааст. Дар такя ба гуфтаҳои боло метавон собит намуд, ки рушди салоҳияти касбӣ-эҷодии насли оянда дар мадди аввал аз сатҳи касбӣ ва тафаккури он, инчунин омодагии мураббия ба фаъолияти эҷодии педагогӣ сахт вобастагӣ дорад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯзҳо роҳбари маорифпарвари мо, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зинаи тарбияи томактабии кӯдаконро ҳамчун зинаи муҳим ва асосии рушди шахсиятсози комил арзёбӣ намуда, дар Паёми навбатии худ доир ба масъалаҳои рушди таҳсилоти томактабӣ чунин ишора намуда буданд: «Дар баробари ин бояд гуфт, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати

мактабу маориф, саҳлангорӣ дар тарбияи кӯдак аз синни хурдӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад» [12].

Маҳз ҳамин омӯзиши марҳалаи таълимоти томактабӣ ҳамчун давраи асосӣ ва арзишманду ҳалкунанда ба ҳисоб меравад, ки он барои тарбия ва ташаккули шахсияти насли наврас зарурӣ дониста мешавад. Зеро кӯдакон ба хусус, дар ҳамин давра аз ҷиҳати ақлонӣ, равонӣ ва ҷисмонӣ дар раванди фаъолиятҳои рушддиҳанда зина ба зина ташаккул меёбанд. Арзишҳои мадании шахсиятсози кӯдакони синни томактабӣ дар суханронӣ, саволгузорӣ, посухдиҳӣ, фикрронӣ, фаъолиятҳои эҷодиву тасвирӣ, инчунин зебоипарастӣ зоҳир мегардад. Ин тавсифҳои болоиро бо забони илмӣ «пайдоши заминаҳои калидии нутқ» меноманд, ки гоҳо онро дар раванди ислоҳоти нутқ «ислоҳи нутқи кӯдакон» низ мегӯянд.

Нутқ ҳамчун шакли таърихии муошират маҳсуб ёфта, маҳз дар ҳамин давраи синни томактабӣ ба таври фаъол ё ин ки мукаммал инкишоф меёбад. Агар нутқ дар ин давраи муайян мукаммал инкишоф наёбад ҳам, он метавонад, ки то даврaҳои баъдӣ бо истифода аз инкишофи табиӣ ё ин ки машқи махсуси логофонетикӣ инкишоф ёбад. Марҳалаи якуми ҳаёти кӯдак аз ҷиҳати нутқ, як зинаи басо муҳимми рушд ба ҳисоб меравад. Кӯдак нутқро ҳамчун василаи баёни андеша ва эҳсосот истифода мебарад, ки он як умр ба чунин тарз ба ӯ хизмати иҷтимоӣ менамояд, вале ҳаминро бояд қайд намуд, ки маҳз дар ҳамин замина, дар баробари таъсироти инкишофии нутқ, инчунин таъсироти манфии он низ ба назар мерасад. Ин таъсироти манфиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Бетаваҷҷуҳӣ.
2. Таъсироти муошират ғайримеъёрии муҳит.

Кӯдакон дар ҳамин давраи синну сол дар гирдоби муоширатҳои калонсолон раҳгум мезананд. Инкишофи фонетикиашон бошад, дар муҳити гаҳвораи калавандагӣ тарбият мегирад, ки албатта таъсироти ҳамон қавли Соиби Табрезӣ ин ҷо зоҳир мегардад:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,
То сурайё меравад, девор кач.

Таъсироти муошират ғайримеъёрии муҳит. Кӯдакон дар ҳамин давра аз нутқи мураттаб ё номураттаби падару модар, бародару хоҳар ё ҳамсоягон ба доираи муколамаи гурӯҳӣ ворид мешаванд, ки ин зимоми тарбия ва таълими ин гурӯҳро як нафар ё ду нафар бар ӯҳда доран. Инҳоро ба забони терминологӣ мураббия меноманд. Ин мураббияҳо бояд, дорои нутқи бурро, меъёрӣ, инкишофёфта ва орӣ аз нуқсонҳои дискусиявӣ бошанд. Дар сурати ғайр аз ин, таъсироти нутқи дигарон, ки онро муҳити тарбиявӣ меноманд, метавонад, ки доираи нутқи кӯдаконро омезиш диҳад, ё равнақ бахшад ё суст кунад.

Бояд таъкид намуд, ки нутқи кӯдак таҳти таъсири муошират пайваста бо атроф ва калонсолон ташаккул меёбад. Ин ташаккулёбӣ дар шароити боғчаи кӯдакон ва машғулиятҳои махсуси инкишофи нутқ низ тақвият меёбад. Дар раванди муошират фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ ба мушоҳида мерасанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки танҳо ба воситаи нутқ равандҳои психикии кӯдак ташаккул меёбанд. Ин, барои ба таври бошуурона ва мустақилона дарк намудани падидаҳо, зуҳурот, пайхасгариҳои мунтазами фарқкунандагӣ имконият медиҳад.

Яке аз забоншиносони машҳури олмонитабор Август Шлейхер (1821 1868) гуфта буд, «Нутқ ва шуур ду шохаи ба ҳам печидаи фаъолияти системаи асаб мебошанд, ки онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан номумкин аст. Инҳо мисли ду саҳифаи сафеди пушту рӯйи дафтар мебошанд, ки дар як тараф нутқ маскан дорад ва дар тарафи дигар бошад, шуур ҷойгир аст. Барои инҳоро аз ҳамдигарӣ солим ҷудо кардан, бояд, ки варақро комилан надаронида, ду тақсим намуд, вале ин кор ғайриимкон аст» [9, с. 98].

Ба андешаи Б. Маҷидова-педагоги шинохтаи тоҷик: «Иҷро намудани амалҳои фикриро бе иштироки нутқ тасаввур кардан, комилан имконнопазир аст. Маҳз нутқ ва фаъолияти нутқронӣ имконият фароҳам меоранд, ки кӯдак ба воситаи он муҳити атрофро дарк кунад, андешаашро изҳор намояд ва талаботи маънавии худро қонеъ гардонад. Агар вазифаҳои инкишофи нутқи кӯдакон иҷро нагардад, яъне агар маданияти овозии нутқ, бой гардонидани захираи луғавӣ, ташаккули сохти грамматикӣ ва омӯзиши нутқи пайдарпайи

гуфтугӯӣ ва монологӣ таъмин нагардад, ин ҳолат ба ташаккули тафаккури кӯдак таъсири манфӣ мерасонад» [9, с. 111].

Бояд қайд кард, ки инкишофи нутқи кӯдак пеш аз ҳама, аз муносибати калонсолон вобастагӣ дорад. Чунончи дар боло гуфтем, муошират калонсолон метавонад, ки ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам таъсири манфӣ расонад. Тибқи нишондодҳои илмӣ, то яксолагии кӯдак нутқи ғайрифаъоли ӯ ташаккул меёбад, ки асосан, бо ишораҳо ва имоҳо зоҳир мешавад (масалан, кӯдак бо ишора ашёро нишон медиҳад, ки онро танҳо модар ва атрофиён мефаҳманд). Ин марҳила то 1 – 1,5-солагӣ идома ёфта, сипас бо пайдоиши нутқи автономӣ тағйир меёбад. Нутқи автономӣ, аз ибораҳо ва калимаҳое иборат аст, ки дар нутқи калонсолон мавҷуд нестанд, (масалан: ку-ку, то-то, бо-бо, ло-ло, паҳ, киха ва ғайра).

Сипас нутқи кӯдак бо калимаҳои фаҳмо, ки барои онҳо осонталаффуз ба ҳисоб мераванд, ғанӣ мегардад. Дар ин марҳила нутқ бо вазъият вобастагӣ доранд – кӯдак ашёро дида, бо ишора мегӯяд: «те», «гир» ва ғайра. Баъдан, давраи дукалимагӣ ба вуқуъ мепайвандад, ки он иборат аз ду калима мебошад. Мисли «на-на те», «оча омад» ва монанди инҳо. Дар синни сесолагӣ кӯдак қодир аст, ки ибораҳо ва ҷумлаҳои кӯтоҳро азхуд кунад. Асосҳои грамматикии нутқро ҳам маҳз дар ҳамин давра дарк мекунад ва бо забони модарӣ сухан меронад. Ҳамчунин, дар ин синну сол нутқи алоқаманд ташаккул меёбад.

Агар қаблан, кӯдак танҳо ашёро дида, дар бораи он сухан гӯяд, пас дар ин марҳила метавонад, ки дар бораи ашёи нодида низ ибрози андеша намояд. Ин раванд бо рушди тафаккури аёнӣ-амалӣ (яъне мушоҳидавӣ-амалӣ), аёнӣ-образӣ ва хотираи образӣ (нигоҳ доштани образи ашё ва гуфтан аз рӯи он) робитаи мустақим дорад. Масалан, кӯдак себро «Ба ман те» мегӯяд. Баъдан, образи онро дар хотир нигоҳ дошта, мегӯяд: «Ба ман себ те». Дар ин марҳила садоҳои фонематикӣ ва артикулятсионӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтаанд. Мутаассифона, нофаҳмии бисёр волидайн дар бораи моҳияти рушди нутқи кӯдак боиси инкишофи нодурусти нутқи ӯ мегардад. Муошират бо кӯдак, бо лафзи «ширин» ё кӯдакона метавонад, ки дар оянда сабаби нодуруст талаффуз кардани овозҳои мушкилифода гардад - р, к, г, д, т, ч, ш ва ғ.

Дар охири синни 3-сесолагӣ, нутқи кӯдак ба дараҷаи кофӣ инкишоф ёфта, захираи луғавии фаровонро дар бар мегирад, он ба сохтори грамматикӣ ё ба талаботи забони адабӣ мутобиқ мебошад. Дар синни 5-солагӣ нутқ вазифаи навро ба уҳда мегирад: аввал он воситаи муошират мебошад, баъдан, ба вазифаи банақшагирии нутқ табдил меёбад. Дар ин марҳала, кӯдак пешакӣ муайян мекунад, ки чӣ бояд бигӯяд.

Жан Пиаже дар ҷараёни таҷрибаҳои худ ба шакли ҷолиби нутқи кӯдакон аҳаммият додааст: гарчанде кӯдакон ҳангоми расмкашӣ дар бораи расмҳои худ суханронӣ мекарданд, аммо диққати онҳо ба якдигар равона набуд. Пиаже ин навъи нутқро «нутқи эгосентрикӣ» ном ниҳод, ки маънои нутқи ба худаш равонашударо дорад. Барои чунин нутқ ҳатман шунаванда ва ҳамсуҳбат лозим нест. (Ин шакли нутқ дар байни калонсолон низ ба мушоҳида мерасад) [8, с. 93].

Дар синни 5-солагӣ бошад, нутқ вазифаи банақшагириро оғоз мекунад. Дар ин марҳила, нутқи ботинӣ инкишоф меёбад, ки дорои хусусиятҳои хосси худ мебошад: кӯдак ҳангоми банақшагирӣ бо овози баланд сухан мегӯяд, гуфторашро гӯё ба шахси дигар равона месозад. Яке аз принсипҳои махсуси он гуфтугӯ намудан бо худ аст. Ин шакли нутқро «нутқи ботинӣ» меноманд, ки барои он ҳатман мавҷудияти шунаванда зарур нест. Тавассути чунин нутқ кӯдак, на танҳо иртибот барқарор мекунад, балки фаъолияти худро низ банақшагирӣ менамояд. Дар ҳар як зинаи синнусолӣ кӯдак ба навгониҳо рӯ ба рӯ мегардад ва тибқи хусусият тағйир меёбад. Ба ақидаи Л. С. Виготский, ҳар як зинаи нави синнусолӣ бо марҳалаи қаблӣ тафовут дошта, дорои хусусиятҳои нави рушдӣ мебошад [8, с. 48].

Рушди шахсияти кӯдак танҳо дар ҳолате таъмин мешавад, ки агар ӯ муносибатҳои фарҳангӣ ва маънавиро бархурд намояд. Ин амал, танҳо бо роҳи таъмини таълим амалӣ мегардад. Дар оғоз, калонсолон дар якҷоягӣ бо кӯдак амал мекунанд, баъдан, кӯдак барои иҷрои мустақили амалҳо қодир мегардад. Аз ин рӯ, таълим ҳамчун омили асосии рушди

инкишофи нутқи кӯдак арзёбӣ мешавад, ки кӯдак бо кумаки калонсол нутқро аз худ менамояд.

Дар синни сесолагӣ, вақте кӯдак нутқро ба таври мукаммал меомӯзад, дар рушд натиҷаи назаррас ба мушоҳида мерасад: шакли калимагии тафаккур ва хотира ташаккул меёбад. Дар ин марҳила таълим воситаи асосии азхуд кардани арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ ба ҳисоб меравад. Аммо на ҳама шаклҳои таълим метавонанд, ки ба рушди инкишофи нутқи кӯдакон мусоидат намоянд — танҳо он усули таълим муассир аст, ки кӯдак тавассути он маълумоти навро аз худ намуда, қобилияти тағйир додани рафтору фаъолиятҳои минбаъдаи худро пайдо мекунад. Масалан, калонсолон ҳикоя мехонанд, кӯдакон бошанд, онро бо фаҳмиши шахсии худ ва бо иловаҳои бофтаи тахаюлӣ ба таври дигар бозгӯӣ мекунанд.

Рушди равонии кӯдакони дорои вайроншавии нутқ, мутобиқ ба ҳамон қонуниятҳое мебошад, ки дар инкишофи кӯдакони дорои дигар намуди вайроншавиҳои равонӣ хос мебошанд.

Ҳамаи кӯдаконе, ки дар раванди рушд ба душвориҳо рӯ ба рӯ шудаанд, ҳангоми муошират бо муҳити атроф ба монеаҳо низ дучор мешаванд. Дар нутқи онҳо нишонаҳои махсуси рушд ва худшиносӣ ба назар мерасанд. Мафҳуми «нуқсон» барои тавсифи махсуси хусусиятҳои рушди равонии кӯдакони дорои вайроншавиҳои гуногун истифода мешавад. Онро Л.С. Виготский нисбат ба чунин кӯдакон ба таври муфассал шарҳ додааст [8, с. 69].

Нуқсони дуюмдараҷаи аз меъёр зиёд бошад, дорои хусусияти мунтазам буда, тамоми сохтори функсионалии муносибатҳои дутарафаро тағйир медиҳад. Агар нуқсони дуюмдараҷа, ба нуқсони аслӣ наздик бошад, он гоҳ раванди ислоҳи он низ мушкилтар мегардад. Масалан, нуқсонҳои талаффузи нутқи кӯдакони дорои мушкилии шунавоидошта, ба ҳам вобастагӣ доранд ва аз ин сабаб, ислоҳи онҳо хеле душвор аст. Аммо паҳлуҳои дигари нутқ, ки мустақиман, бо ҳисси шунавоӣ вобаста намебошанд (монанди захираи луғавӣ), метавонанд, ки тавассути хондан ва навиштан такмил ёбанд ва ё осонтар низ ислоҳ шаванд.

Меъёри аз ҳад зиёди нуқсони дуюмдараҷа асоси таҳияи барномаҳои ислоҳии равонӣ-педагогӣ мегардад, ки он ҳолатҳои вайроншавии нутқро ташкил медиҳад. Мавҷудияти чунин нуқсонҳо бошад, зарурати ислоҳи барвақтиро тақозо мекунад. Агар кӯдаки дорои нуқсони нутқ дар марҳилаи барвақтӣ ба таълим фаро гирифта нашавад, он вақт ислоҳи нуқсон мушкил гардида, ба чорабӯии махсус ниёз пайдо мекунад.

Агар сабаби пайдоиши лакнатзабонӣ омилҳои ирсӣ бошанд, он гоҳ ин ба боздории рушди нутқ оварда мерасонад. Агар лакнатзабонӣ аз омилҳои функсионалӣ сарчашма гирад, дар он сурат метавонад, боиси вайроншавиҳои ҷиддии равонӣ гардад. Мавҷудияти шаклҳои омехтаи нуқсонҳо вазъиятро боз ҳам мураккабтар намуда, ташхиси равонии иловагиро талаб мекунад.

Дар ҳама гуна шакли вайроншавӣ паст будани қобилияти қабул, коркард, нигоҳдории хотир ва истифодаи иттилоот ба мушоҳида мерасад. Ин пастшавӣ бештар ба марҳилаи муайяни онтогенез хос аст. Масалан, кӯдакони дорои мушкилоти нутқидошта, дар синни томактабӣ ва ибтидоии мактабӣ (аз 6 то 11-сола) ҳангоми дарки иттилооти биноӣ суръати пасти коркард, идроки ғайримустақим ва душвории нигоҳ доштани образҳои шинос ба назар мерасад. Аммо дар марҳилаҳои баъдии инкишоф, ин кӯдакон бо кӯдакони муқаррарӣ баробар мешаванд.

Дар ҳамаи кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ, раванди ташаккули фаҳмишҳо суст ба назар мерасад. Аммо дар кӯдакони дорои вайроншавии нутқ ин раванд муваққатӣ ва дорои хусусияти махсуси сохторӣ мебошад. Мутахассисони соҳаи мазкур муайян кардаанд, ки сабаби асосии пайдоиши вайроншавиҳои нутқ — таъсири омилҳои гуногун дар марҳилаҳои синнусолии ташаккули нутқ мебошад, зеро овозҳои фонематикӣ ва артикулятсионӣ ҳанӯз комилан ташаккул наёфтаанд.

Вайроншавиҳои нутқ дорои хусусияти физиологӣ ва равонӣ мебошанд. Онҳо дар рафтору фаъолияти кӯдак инъикоси худро доранд. Кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ, аз лаҳзае, ки мушкилии худро дарк мекунанд, бештар хомӯш, шармгин ва танҳогард мешаванд.

Аз ин рӯ, ба тозагӣ, дурустӣ ва саривақтии рушди нутқи кӯдак бояд, ки таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Нуқсонҳои нутқиро ҳамчун қафомонии рушд нисбат ба меъёр қабул мекунанд, ки боиси пайдоиши монеаҳо дар муошрати нутқӣ шуда, имконияти мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакро маҳдуд месозад. Вайроншавии нутқ ба талаботи синнусолӣ мутобиқ набуда, бо қафомонии равонии-физиологии сохтори нутқ иртибот дорад. Чунин нуқсонҳо худ ба худ аз байн намераванд ва метавонанд, ки ба рушди равонии кӯдак таъсири манфӣ расонанд.

Ба андешаи як гурӯҳи мутахассисон, фаъолияти нутқ бо марказҳои муайяни мағзи сар сахт алоқаманд аст, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар бар инанд, ки тамоми майнаи сар масъули функсияи нутқ мебошад. Дар натиҷаи омӯзиши механизми нутқии мағзи сар, олимон дар бораи навъҳои гуногуни вайроншавӣ ва нуқсонҳои нутқ маълумоти зарурӣ ба даст овардаанд. Забоншиносон низ оид ба мушкилоти нутқ таҳқиқот анҷом дода, исбот намудаанд, ки омӯзиш ва пажуҳиши нуқсонҳои нутқӣ имконият медиҳанд, ки дониш ва омӯзиш дар бораи сохт ва ташкили раванди нутқ дар инсон такмил дода шавад.

Дар миёни сабабҳое, ки асосан, боиси халалдоршавии нутқ мегарданд, ду гурӯҳи асосии омилҳо — биологӣ ва иҷтимоӣ — фарқ карда мешаванд. Омилҳои биологӣ, ки ба рушди вайроншавии нутқ мусоидат мекунанд, асосан, ба марҳилаи то таваллуд, вақти таваллуд (масалан, осеб дидани кӯдак ҳангоми таваллуд) ва моҳҳои аввали ҳаёт (сироятёбии системаи асаб, осеб дидан ва ғайра) мансубанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки вайроншавии потологӣ ва қафомонии нутқ, ки вобаста ба хусусиятҳои синнусолии ташаккули нутқ ва шароити муҳити иҷтимоӣ-психологӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҳам ҷудо карда шаванд. Омилҳои иҷтимоӣ ва психологӣ, масалан, омӯзонидани ду забон ба кӯдак дар як вақт, рушди босуръати бе назорат, набудани мушоҳидаи педагогӣ ва набудани муошрати самарабахш бо атрофиён, метавонанд, ки ба ин раванд таъсири манфӣ расонанд.

Дар кӯдакони дорои шаклҳои вазнини халалдоршавии нутқ бошад, аксар вақт ташаккули соҳаҳои эҳсосотӣ-иродавӣ нокифоя мебошад. Эҳсосоти шадиди паёпай, майли зуд ба ҳаяҷон омадан, қобилияти пасти корӣ ва ҳатто боздории ҳаракатҳо ба мушоҳида мерасанд.

Зери таъсири ин омилҳо, дар кӯдак халалдоршавии рушди ҷанбаҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд меояд. Мутахассисони соҳаҳои логопедия, психология, педагогика, нейропсихология, лингвистика ва психолингвистика ин масъалаҳоро дақиқ омӯхта, сабабҳои органикӣ ва функсионалии вайроншавиҳои нутқ ва нишонаҳои хоси онро муайян намудаанд.

Намудҳои гуногуни халалдоршавии нутқ ба фаъолияти нутқии инсон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ одатан, бо нутқи ноустувор ва бенизом шинохта мешаванд, ки ин натиҷаи осеб дидани тамоми паҳлуҳои нутқ аз он иборат мебошад: фонетикӣ-фонематикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ. Ин гуна осеб метавонад, ки ҳолати дар азхудкунии дониш, ташаккули малакаҳои хондан ва навиштан, душвориҳо ба вуҷуд оварад. Сабаби чунин зарар расидани қисматҳои нутқии қишри нимкураи калони майнаи сар дар марҳилаҳои гуногуни рушди онтогенезӣ мебошад. Нуқсони ҷиддии фаъолияти равонӣ, ки натиҷаи халалдоршавиҳои фикрӣ аст, бештар дар охири синни томактабӣ ба назар мерасад.

Таснифоти клиникӣ-педагогӣ дар асоси нишонаҳои диференсиалии ниҳоӣ муайян карда мешавад ва он ба мутахассисон имкон медиҳад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии кӯдакон, нуқсонҳои нутқиро дар шаклҳои ғайримуқаррарӣ таснифот намуда, ба онҳо таъсири логопедии муносиб расонанд.

Агар дар кӯдак қобилияти шунавоӣ ва сатҳи зеҳнӣ муътадил бошанд, аммо нишонаҳои сабуки халалдоршавии нутқ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба шуури ӯ таъсир мерасонанд. Дар ин сурат, чунин кӯдакро метавон ба гурӯҳи кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ шомил кард.

Нуқсонҳои нутқӣ аксар вақт бо зуҳуроти асабӣ ва равонӣ — психопатологӣ алоқаманданд, ки сабаби он норасоии ташаккули комили системаи марказии асаб ва ё осеби ноаёни баъзе қисматҳои майнаи сар мебошад. Ин ҳолат метавонад, бо паст шудани

қобилияти фаъолият, таъсири манфӣ ба муҳаррикҳо, номустақим будани эҳсосот, халалдоршавии диққат, хотира ва дигар ҷанбаҳои равонӣ зоҳир гардад. Дар кӯдакони дорои чунин нуқсонҳо, нишонаҳои зерин ба назар мерасанд: нокифоягии фаъолнокии равонӣ ва иртиботӣ, паст будани қобилияти сафарбаркунӣ, майл ба рафтори манфигароёна ва ғайра. Ин кӯдакон аксаран, супоришҳои фикрии мураккабтадбирро иҷро кардан намехоҳанд.

Онҳо аз дигар гурӯҳи кӯдакони дорои нуқсонҳо, ки қобилияти шунавоӣ ва биноии муътадил ё сатҳи рушди зеҳнии кофӣ доранд, бо хусусиятҳои зикршуда, фарқ мекунанд. Гурӯҳбандии чунин нишонаҳо барои муайян кардани ҳудуди нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони дорои ақлан ақибмонда, нобино ё заъфи биноӣ, инчунин кӯдакони гирифтори аутизми барвақтӣ зарур мебошад.

Дар рушди равонии кӯдакони дорои шакли вазнини халалдоршавии нутқ, нокифоягии ташаккули соҳаҳои эҳсосотӣ-иродавӣ ба мушоҳида мерасад. Барои кор бо чунин кӯдакон мураббия бояд, бештар ба машғулиятҳои инфиродӣ таваҷҷуҳ намояд.

Дар кӯдакони хурдсол захираи луғавӣ ва тасаввурот дар бораи муҳити атроф хеле маҳдуд аст. Дар нутқи онҳо бештар калимаҳое истифода мешаванд, ки ба фаъолияти рӯзмарраи маишӣ мансубанд. Аз назари равонӣ, дар ин синну сол тафаккури аёнӣ-амалӣ ва аёнӣ-образӣ бар тафаккури мантиқӣ бартарӣ доранд. Аз ин рӯ, ҳар қадар кӯдак хурдтар бошад, ҳамон қадар бештар фикрро тавассути тасаввурот баён мекунад ва нуқсонҳои фикрии ӯ зери нуқсонҳои нутқӣ пинҳон мемонанд.

Аз таҳлили гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса намуд, ки нуқсонҳои нутқ дорои хусусиятҳои гуногун буда, вобаста ба маҳалли осеб, вақти пайдоиш ва нишонаҳои дуюмдараҷа шакл мегиранд. Онҳо зери таъсири нуқсони асосӣ пайдо мешаванд.

Ҳамин тавр, нуқсонҳое, ки зери таъсири омилҳои сироятӣ ба вуҷуд меоянд, худ аз худ бартараф намешаванд. Ин омил бе андешидани тадбирҳои судманди махсуси логопедии ислоҳӣ метавонанд, ки ба рушди минбаъдаи кӯдак таъсири манфӣ расонанд.

Бо назардошти ҳама андешаҳои боло, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки пешгирӣ ва ислоҳи саривақтии нуқсонҳои нутқӣ бояд дар асоси ҳамкории самараноки мутахассисони соҳаҳои марбут ва иштироки фаъоли волидайн ба роҳ монда шавад. Танҳо дар ҳамин сурат, имкони расидан, ба натиҷаҳои назаррас ва мусоидат ба рушди ҳамаҷонибаи равонӣ, аз ҷумла инкишофи нутқи кӯдак, фароҳам меояд.

Адабиёт:

1. Выготский Л.С. Память и ее развитие в детском возрасте//Собр. соч.: В 6т.-М., 1981.-Т. 2.
2. Гриншпун Б.М. Классификация речевых нарушений// Логопедия: Учебник для студентов дефектол. фак. пед. ин-тов/Под ред. Л.С. Волковой: В 2 кн. - М., 1995. - Книга 1.
3. Горецкий В.Г. Методическое пособие по обучению грамоте и письму. – М.: Просвещение, 2001.
4. Детская психология: Учеб. пособие/Под ред. Л.Л.Коломинского, З.А.Пенько. - М., 1988.
5. Ефименкова Л. Н. Формирование речи у дошкольников. – М.: Просвещение, 1985.
6. Каше Г.А. Подготовка к школе детей с недостатками речи: Пособие для логопеда . – М.: Просвещение, 1985.
7. Калягин В.А. Внутренняя картина болезни при речевых расстройствах на примере заикания//Расстройства речи. Клинические проявления и методы коррекции. - СПб., 1994.
8. Логопсихология. Маҷмӯаи таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни ихтисоси логопеди мактабҳои олӣ. Дадобоева М.С., Душанбе, 2017 с.
9. Маҷидова Б.Педагогикаи томактабӣ. Китоби дарсӣ барои донишчӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ. Нашри дуюм. Бо таҳриру иловаҳо. Душанбе, 2015. С.284.Сах.111 мачидова
10. Монтессори М. «Помоги мне это сделать самому» // Составители М.В.Богуславский, Г.Б.Корнетов (сборник фрагментов из переведенных книг М. Монтессори и статей российских авторов о педагогике М. Монтессори). ИД «Карапуз». М. 2000.

11. Стребелева Е.А. Наглядно – действенное мышление у умственно отсталых детей дошкольного возраста // Дефектология. – 1993. – 1. – С. 77 – 82.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, 28.12.2024 12.26, шаҳри Душанбе

ИНКИШОФ ВА ИСЛОҲИ НУТҚИ КӮДАКОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

Тавре маълум аст, дар педагогика ва психология синни томактабӣ давраи фаъолона ва дар маҷмуъ азхуд кардан, ташаккул ва инкишофи нутқ - фонематикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ мебошад.

Одатан, дар синни томактабӣ пурра донистани забони модарӣ шарти зарурии ҳалли масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ, равонӣ ва эстетикии кӯдакони ин синну сол дар давраи ҳассоси рушд мебошад. Таълими забони модарӣ ҳар қадар барвақт оғоз шавад, кӯдак дар оянда аз он озодонатар истифода мебарад, зеро маҳз дар синни томактабӣ доираи муошират кӯдакон васеъ мегардад. Баъди мустақилият, кӯдак аз доираи робитаҳои оилавӣ берун меравад ва бо доираи васеи одамон, бештар бо ҳамсолон муошират мекунад.

Маҳз васеъшавии доираи иҷтимоӣ аз кӯдак талаб мекунад, ки воситаҳои муоширатро пурра азхуд кунад, ки миёни онҳо нутқ асосист. Тадриҷан инкишофи нутқ дар назди фаъолиятҳои мураккаби кӯдак талаботи бештар мегузорад.

Калидвожаҳо: муассисаи томактабӣ, инкишофи нутқ, рушди равонии кӯдак, кӯдаки синни томактабӣ, инкишофи синнусолӣ, роҳҳои ислоҳи нутқ.

РАЗВИТИЕ И КОРРЕКЦИЯ РЕЧИ ДЕТЕЙ В ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Известно, что в педагогике и психологии дошкольный возраст – это период активного усвоения ребенком разговорного языка, становления и развития речи всесторонна – фонематический, лексический и грамматический.

Обычно в дошкольном возрасте полное владение родным языком является необходимым условием решения задач нравственного, умственного и эстетического воспитания детей этого возраста в сенситивный период развития. Правильным считается, что чем раньше будет начато обучение родному языку, тем свободнее ребенок будет им пользоваться в дальнейшем, так как именно в дошкольном возрасте расширяется круг общения детей. Далее становясь самостоятельным, ребенок выходит из рамки семейных связей и начинает общаться с более широким кругом людей, больше со сверстниками.

Именно расширение круга общения требует от ребенка полноценного овладения средствами общения, в которых речь является основным. Постепенно большие требования к развитию речи предъявляет и усложняет деятельность ребенка в дальнейшем.

Ключевые слова: дошкольное учреждение, развитие речи, психологическое развитие ребенка, ребенок дошкольного возраста, возрастное развитие, пути коррекция речи.

DEVELOPMENT AND CORRECTION OF CHILDREN'S SPEECH IN PRESCHOOL INSTITUTIONS

It is known that in pedagogy and psychology, preschool age is a period of active acquisition of spoken language by a child, the formation and development of speech in a comprehensive manner - phonemic, lexical and grammatical.

Usually, in preschool age, full proficiency in the native language is a necessary condition for solving the problems of moral, mental and aesthetic education of children of this age during the sensitive period of development. It is considered correct that the earlier the teaching of the native language is started, the more freely the child will use it in the future, since it is precisely at preschool age that the circle of children’s communication expands.

It is the expansion of the social circle that requires the child to fully master the means of communication, of which speech is the main one. Gradually, the child's increasingly complex activities in the future also make greater demands on the development of speech.

Keywords: preschool institution, speech development, psychological development of a child, preschool child, age development, speech correction methods.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назарова Махфират Раҷабалиевна, унвонҷӯи кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, E-mail: mahfirat857@gmail.com

Сведения об авторе: Назарова Махфират Раджабалиевна, соискатель кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121 E-mail: mahfirat857@gmail.com

Information about the author: Nazarova Makhfirat Radzhabalievna, applicant for the Department of General and Educational Psychology Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121.E-mail: mahfirat857@gmail.com

ТДУ:373+374 (2-тоҷ)
ТКБ:73.23 (2- тоҷ)
Ҷ-38

МАСЪАЛАИ ТАҲҚИҚИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁНИ МУОСИР ҲАМЧУН ҲОМИЛОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ

Ҷиёнзода З., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар педагогикаи классикӣ мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» таҳия нашуда буд, аммо вақтҳои охир илм ва амалия ба он таваҷҷуҳи ҳарчи бештар зоҳир мекунанд. Дар айни замон, агар мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» ба таври возеҳ истифода нашуда бошад, пас ба таври ғайри возеҳ он дар чунин классикони педагогикаи рус ва шуравӣ ҳамчун К.Д. Ушинский, Н.И. Пирогов, Л.Н. Толстой, П.Ф. Каптерев, В.П. Вахтеров, К.Н. Вентсел, А.С. Макаренко, В.Л. Сухомлинский ҳузур дошт. Чунин изҳорот ба мо имкон медиҳад, ки ғояи онҳоро дар бораи рушди шахсият вазифаи асосии педагогика ва таълим номем. Ин он чизи умумиест, ки онҳоро ҳамчун педагогҳо – башардӯстон муттаҳид мекунад: «Шахс ҳамчун мавзуи тарбия» (К.Д. Ушинский); «Ҳар як ҷон роҳи худро дорад» (Л.Н. Толстой); «Аҳаммияти асосӣ барои педагог рушди шахсияти шогирд мебошад» (В.П. Вахтеров); «Парвариши решаи инсонӣ дар инсон» (В.А. Сухомлинский).

Гуфтаҳои боло имкон медиҳад чунин шуморида шавад, ки барои рушди фарҳанги инноватсионии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва субъектҳои таҳсилот ҳамчун ҳомилони он таҳияи минбаъдаи мафҳумҳои «фарҳанги педагогӣ», «фарҳанги педагогии ҷомеаи инноватсионӣ», «нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ва дар заминаи онҳо «шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ», «консепсияи фаилитатсияи педагогии донишҷӯён» ояндадор мебошад.

Тасдиқи инро дар таҳқиқоти муосири падидаи фарҳанги педагогӣ меёбем. Таваҷҷуҳи ҷиддиро ба ҷанбаҳои гуногуни он қайд кардан лозим аст: (В.Л. Бенин, В.А. Сластенин, Б.Э. Тамарин ва диг.), тарбиявӣ (Э.Б. Абдуллин, И.Ф. Исаев ва диг.), касбӣ – эҷодӣ (В.И. Загвязинский, В.А. Кан–Калик, Н.Д. Никандров ва диг.), дидактикӣ-технологӣ (З.А. Абросимова, В.В. Кузнетсов, Л.А. Терехина, М.М. Левина ва диг.), зебоишиносӣ (Э.Т. Ардаширова, М.А. Верб, Г.А. Петрова ва дигарон), ахлоқӣ (Э.А. Гришин. Н.Б. Крилова. Д.С.

Яковлева ва диг.).

Дар таҳқиқоти худ мо мавқеи В.Л. Бенинро, ки фарҳанги педагогиро ба унсурҳои низомташаккулдиҳандаи фаъолияти педагогӣ ҳамчун тамоми ҷомеа, ҳам гурӯҳҳои онро ташкилдиҳандаи иҷтимоӣ, касбӣ, мазҳабӣ ва демографии он, инчунин шахсони алоҳида» мансуб медонад, ҷонибдорӣ мекунем. [1, с. 515]

Дар асоси мақсад ва мавзуи таҳқиқи худ, мо диққатамонро ба блоки консепсияҳои дар боло зикршуда, ки дар соҳаи масъалавии инноватсияҳо ва фарҳанги инноватсионии ҷомеа ва шахсият, ба шумули донишҷӯён ва омӯзгорон дар заминаи моҳияти инноватсионии неруи фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қарор доранд, тамаркуз медиҳем. Ҳамзамон, мо дар назар дорем, ки рушди шахсияти донишҷӯён дар зери таъсири шахсияти омӯзгорон ба амал меояд, яъне рушди инноватсионии ҷомеа бо раванди ҳамбастагии онҳо, ки ба ташаккули фарҳанги инноватсионии мутахассисони оянда нигаронида шудааст, алоқаманд аст. Ақидаи Ю.А. Карповро ҷонибдорӣ карда, мо мафҳумҳои «фарҳанги инноватсионии ҷомеа» ва «фарҳанги инноватсионии шахс»-ро фарқгузорӣ мекунем. Дар ҳолати аввал, ин «самараи эҷоди инфрасохтори муайяни инноватсионӣ, ниҳоди фаъолияти инноватсионӣ» ва дар дуюм, – «қобилияти мутобиқ шудан ба ҷаҳони доимо тағйирёбанда, маҳорати эҷоди чизи нав, маҳорати арзёбии дуруст ва эътирои навоварӣ» мебошад.

К.А. Карпова бар он ақида аст, ки таҳияи барномаи таълими фаъолияти инноватсионӣ зарур аст ва ин ба фикри мо дар таҳсилоти олии касбӣ низ зарур ва воқеӣ мебошад. [6, с. 192]

Ҳамин тавр, мо ба мафҳуми ҷамъбастшудаи «ҷомеаи инноватсионӣ» меоем. Ба ақидаи Б. Саито: «Ин як ҷомеаи баландзеҳн дар миқёси ҷаҳонӣ аст, ин роҳи касонест, ки ба сифати ҳадаф ва шакли фаъолияти худ маърифати бетаваққуфи зеҳниро интихоб кардаанд, роҳи касоне, ки мавҷудияти онҳо бо фаъолияти баландшудаи зеҳнӣ ва хоҳиши амалисозии ғояҳои худ тавсиф меёбад». Қайд менамоем, ки таърифи дар боло зикршудаи мафҳуми мазкурро мо мукаммал намешуморем. Мо норасоии онро қайд мекунем, ки танҳо ба ақл – маърифати зеҳнӣ, фаъолияти зеҳнӣ ва тафаккур вобаста аст. Мафҳуми мазкурро ба мафҳумҳои бунёдӣ дар ҷомеаи муосир нисбат дода, мо боварӣ дорем, ки он инчунин тасаввуротродар бораи шахсияти ҳомилони фарҳанги инноватсионӣбо соҳаҳои талабот, ҳавасмандӣ, эҳсосотӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва таҷрибавии он низдар бар мегирад. Муносибати яклухти зеҳнӣ, эҳсосотӣ–ҳиссӣ ва аффективӣ–баҳогузорӣ ба ҷаҳон ва ба худдар ҷомеа дар муносибатҳои гуногуни ҳар як инсон зоҳир мешавад. Ҳамзамон, пуробурангии бойтарини эҳсосотӣ танҳо дар ҳолате дастрас аст, вақте ки эҳсосот рушд ёфта, таҷрибаи шахсииэҳсосотӣ ва ҳамдардӣ дар бораи зуҳуроти мухталифи ҷомеа ва фарҳанги он афзоиш ёбад.

Баҳси гузаронидашуда моро ба таърифи зерини фарҳанги инноватсионии шахсият оварда – сатҳи таърихан бадастомадаи кушода будани шахсият ба инноватсияҳо, қобилият ва омодагӣ барои қабул, истифода ва эҷоди онҳо. Азбаски мо шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ таҳқиқ мекунем, мо дар истилоҳи «ҳомил» таваққуф хоҳем кард. Мувофиқи таърифи луғатномавӣ, «ҳомил ҳамон касест, ки дорои чизе мебошад, метавонад ҳамчун ифодакунанда, намояндаи чизе хизмат кунад». [7, с. 383]

Дар мавриди «ҳомили фарҳанг» бошад, чунин таъриф вуҷуд дорад: «дорандаи фарҳанг (culture bearer) –фард, алалхусус муҳоҷирест, ки ҳомил аст ва аз ин рӯзарзшҳо ва хусусиятҳои фарҳангиро аз як ҷомеа ба ҷомеаи дигар паҳн мекунад. Нақши он махсусан дар фарҳангҳое, ки дар марҳилаи гузариш ё мавриди таҳдид қарор доранд, хелемуҳим аст».

Гуфтаҳои болоро таҳлил карда, мо ба таърифи чунин мафҳуми калидии таҳқиқоти худ «шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» омадем: субъектҳои ҷомеа ва фарҳанг бо дараҷаи ноилгардидаи кушодагӣ ба инноватсияҳо дар асоси мубрамсозии қувва ва қобилиятҳои ҳадди аксари худ, ки бошуурона дар мақсадҳо, тамоюлот, рафтори арзишӣ, ки худмубрамсозиро дар ҷаҳон ташвиқ мекунад.

Минбаъд, мувофиқи мавзуи таҳқиқоти худ, мафҳуми «мубрамсозӣ»-ро дақиқ мекунем, ки маънояш «тағйири худ, гузариши ҳастӣ аз ҳолати имконият ба ҳолати воқеият»

мебошад. Ин таъриф аз Луғатномаи фалсафӣ мебошад. Мо онро бо Луғатномаи Оксфорд муқоиса карда, ҳамхониии «actuality – ҳақиқат, воқеият»-ро ёфтем.

Чизи асосие, ки мо дар таҳқиқи худ дарёфтем, ин тағйиротест, ки бо гузариш аз имконпазир, эҳтимолӣ ба ҳолати воқеӣ алоқаманд аст. Ин моро дар муайян кардани мафҳумҳои асосӣ: мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ва консепсияи идоракунии педагогии донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ҳидоят кард.

Донишҷӯёни муосирро мавриди таҳқиқ қарор дода, мо оид ба он итминон пайдо кардем, ки, аз як тараф, онҳо дорои неруи бузург ва шаклҳои гуногун барои худмубрамсозӣ ва худтатбиққунӣ дар раванди шинохтани ҷаҳон, зуҳурёбии сазовор дар ҷомеа ва касби оянда мебошанд. Аз тарафи дигар, равандҳои инноватсионӣ омилҳои номутобиқатии одамро бо табиат, муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тақвият медиҳанд, ки дар он муносибатҳои инсонӣ ва ҳатто ҳаёт беарзиш шуда истодаанд. Ин хоҳиши донишҷӯи муосирро барои ба даст овардани муваффақият ҳам дар таҳсил, ҳам дар зиндагӣ; худмубрамшавӣ ва худтатбиққунӣ мувофиқи имкониятҳо, майлу хоҳишҳои инфиродии худро хеле мураккаб месозад. Ҳамзамон, то ба имрӯз фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифодаи технологияҳои кӯҳна, бесамар ва дур аз инноватсияҳои таълимиро идома дода, бо ин амал ба зиёд шудани манбаъҳои вайроншавии шахсиятии донишҷӯ ва бегона кардани онҳо аз раванди таҳсилот сабаб мешавад.

Дар ин замина масъалаи педагогии ҳассосияти инноватсионии донишҷӯён ва омӯзгорон ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ба вуҷуд меояд. Зуҳури ҳассосият дар шахс ба таври инфиродӣ, аз ҷумла, бо чунин хислатҳои шахсият ба монанди зудҳаракатӣ ва сахтгирӣ, сарфи имконияти худ ва рафтори содиқона ва боғайратона алоқаманд аст. Хислатҳои шахсиятӣ интихобро дар фарҳанг муайян мекунанд: «аз они ман/аз они ман не», «қабул мекунам қабул намекунам», дар ин зимн дар сатҳи ҳиссиёт ва ақл, дар мувофиқати ҳамоҳанг ё ғайриҳамоҳангии онҳо ҳамчун раванд ва натиҷаи даркшаванда ва даркнашаванда муайян мекунанд. Ба сифати меъёри интихобӣ, мо фикр мекунем, шарафи инсонӣ амал мекунад. Бо вуҷуди ин, мо метавонем дар бораи таваҷҷуҳи возеҳан нокифояи назарияпардозон ва амалияпардозон ба масъалаи педагогии шаъну шарафи инсон дар таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир, ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ҳарф занем. Ин масъала то ба имрӯз ҳатто аз ҷониби фарҳанги инноватсионии педагогӣ сарфи назар карда шудааст, чунин мешуморад М.Н. Дудин, ва онро аз дидгоҳи баҳси ахлоқӣ-педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. [5, с. 347-353]

Шаъну шараф ҳамчун категорияи ахлоқӣ баррасӣ мешавад, ки дар муносибати арзиши инсон ба ҷаҳон, ба худаш ва муносибати дигарон ба он асос ёфтааст. Меъёрҳои худбаҳодиҳии шаъну шарафи шахсият аз меъёрҳои ахлоқӣ, интихоби арзише, ки дар хусусияти хоси иртиботи мушаххас бартарӣ доранд, қабул ва амалӣ кардани онҳо аз ҷониби ҳар як шахс вобаста мебошанд. Дар айни замон, ин категория дар конститутсияҳои аксари кишварҳо, аз ҷумла дар таҳрири охирини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 инъикос ёфтааст:

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Баррасии ахлоқӣ-педагогии падидаи шаъну шарафи шахсият ба масъалаи муносибатҳои байни озодӣ ва арзиш, озодӣ ва некӣ меорад. Мавриди зикр аст, ки Н.А. Бердяев дар инсон ҳамчун дар махлуқи озод ҳамчун «на танҳо таҷассумгари қонунҳои некӣ, балки инчунин эҷодкунандаи арзишҳои навро медид». [2, с. 53]

Инчунин, изҳор медорем, ки аз таваҷҷуҳи хос барои таҳсилоти муосир фаҳмиши вазифаи донишҳои ахлоқӣ аз ҷониби С.И. Гессен бархӯрдор аст: «Он ба рушди озодӣ дар инсон нигаронида шудааст. Донишҳои ахлоқӣ бо ташаккули шахсият дар инсон, ё, ки худи ҳамон аст, бо рушди фардияти он ба итмом мерасад. Аммо азбаски озодӣ ва шахсият аз додаҳои омода иборат набуда, балки комилан супоришҳои ҳеҷ гоҳ татбиқнашаванда

иборатанд, пас донишҳои ахлоқӣ наметавонад дар як давраи муайяни ҳаёти инсон хотима ёбад, балки тамоми умр тул кашида, метавонад зӯракӣ бо марги ӯ канда шавад». [3, с. 85]

Ба ақидаи С.И. Гессен инсоният низ аз се марҳилаи рушд мегузарад: ноустувории иҷтимоӣ ва талаботи ахлоқии бе чуну чаро, қонуниятҳои ин ё он ҳодисаи ба ӯ бегона ва мухторият, ки онҳоро ӯ бо табиат, ҳуқуқ ва ахлоқ муқоиса мекунад. Қонунҳои табиӣ дахлнопазир ва абадӣ буда, инсон ба онҳо итоат мекунад [3, с. 91], аммо табиат, баръакси инсон, лозим ва нолозимро намедонад. Аммо, меъёрҳои қонун ба таври якранг ва доимӣ амал мекунанд, аз ин ҷо «табиати бегонақонуни онҳо бармеояд: ҳатто барои қонунгузор, ки як замон онҳоро муқаррар кардааст, онҳо маънои чизи бегона барои иродаи шахсии ӯ доранд, чизе аз берун муқарраршуда, ки бояд дар ҳар ҳолат иҷро карда шавад, гарчанде агар иродаи шахсии ӯ, аллакай чизи дигарро мехост ва вазифаи дигаре дар назди ӯ қарор гирифт».

Дар мавриди ахлоқ бошад, ин «воқибиятии соф аст. Маҷбур кардани инсон ба соҳиби ахлоқ шудан ғайриимкон аст. Шахс метавонад танҳо бо хоҳиши худ ба қарзи дар назди ӯ пайдошуда тобеъ шуда, фармони ахлоқро иҷро кунад. Ба ин маъно, ахлоқ мустақил аст: ин тобеият ба қонунест, ки шахс бар дӯши худ гузоштааст».

Ин ё он кирдорҳоро содир карда, шахсияте, ки дорои шаъну шараф мебошад, интихоби озодро дар асоси тасаввурот дар бораи виҷдон ва шарм, шаъну шараф ва ифтихор амалӣ месозад. Мо боварӣ дорем, ки идеали ахлоқӣ – башардӯстона аз ҷониби шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ дар роҳҳои психологӣ ва педагогии идорашаванда (К. Роджерс) қобили дастгирӣ мебошад. Дар асоси он рафъи ихтилофи мақсад ва восита, вақте ки одам ҳадаф, як «имконияти кушода» аст, имконпазир аст (Э. Фромм), ва таълиму тарбияи ӯ ба ташаккул ва таҳкими шаъну шарафи инсонӣ мусоидат мекунанд. [8, с. 91]

Ҳамин тавр, масъалаи таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ва роҳҳои пешниҳодшудаи ҳалли он, ки аз ҷониби мо гузошта шудааст, умедворем, ба хоҳиши усулан такмил додани низоми маорифи ватанӣ мусоидат намуда, бо заминаи илмӣ худи мафҳуми «муосиркунонии таҳсилот»-ро ғанӣ мегардонанд, ки ба афзоиши «сармояи инсонӣ» дар «андозагирии инсонӣ»-и шахсияти ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ, илова бар ҳар чизе, ки гуфта шудааст, дар рафтори боварибахш зоҳир мешавад, нигаронида шудааст.

Адабиёт:

1. Бенин В.Л. Педагогическая культурология: курс лекций. - Уфа: Изд-во БГПУ, 2004. - 515 с.
2. Бердяев Н.А. О назначении человека. Опыт парадоксальной этики. - М.: Республика, 1993. -384 с.
3. Гессен С.И. Основы педагогики. Введение в прикладную философию /Отв. ред. и сосг. П.В. Алексеев. - М.: Школа-Пресс, 1995. - 448 с.
4. Гессен С.И. Основы педагогики. Введение в прикладную философию /Отв. ред. и сосг. П.В. Алексеев. - М.: Школа-Пресс, 1995. - 91 с.
5. Дудина М.Н. Ассертивное поведение в этико-педагогическом дискурсе // Известия Уральского федерального университета. Серия Проблемы образования, науки и культуры. - 2014. - № 4 (132). - С.163 -172.
6. Карпова 10. А. Введение в социологию инновации. - СПб.: Питер, 2004. - 192 с.
7. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. — СПб.: Питер, 1999.-720 с.
8. Фромм Э. Анатомия человеческой деструктивности. - Минск: Попурри, 1999. - 624 с.

МАСЪАЛАИ ТАҲҚИҚИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁНИ МУОСИР ҲАМЧУН ҲОМИЛОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами замони имрӯз таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ бахшида шудааст.

Дар асоси мақсад ва мавзуи таҳқиқи худ, муҳаққиқ бештар ба блоки консепсияҳои самти педагогӣ, ки дар соҳаи масъалавии инноватсияҳо ва фарҳанги инноватсионии ҷомеа ва шахсият, такя намудааст. Ҳамзамон, ба ақидаи муаллифи мақола рушди шахсияти донишҷӯён дар зери таъсири шахсияти омӯзгорон ба амал меояд, яъне рушди инноватсионии ҷомеа бо раванди ҳамбастагии онҳо, ки ба ташаккули фарҳанги инноватсионии мутахассисони оянда нигаронида шудааст, алоқаманд аст.

Тавре муаллиф иброз медорад, дар ин замина масъалаи педагогии ҳассосияти инноватсионии донишҷӯён ва омӯзгорон ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ба вуҷуд меояд. Зуҳури ҳассосият дар шахс ба таври инфиродӣ, аз ҷумла, бо чунин хислатҳои шахсият ба монанди зудҳаракатӣ ва сахтгирӣ, сарфи имконияти худ ва рафтори содиқона ва боғайратона алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ масъалаи таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ ва роҳҳои пешниҳодшудаи ҳалли он аз ҷониби муаллиф дар мақолаи мазкур ба таври зарурӣ ҳалли худро пайдо намудааст.

Калидвожаҳо: масъала, замон, имрӯз, таҳқиқ, фарҳанг, ҳамбастагӣ, донишҷӯ, таъсир, шахсият, ташаккул, зуҳур, зарур, муосир

ПРОБЛЕМА ИССЛЕДОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ СОВРЕМЕННЫХ СТУДЕНТОВ КАК НОСИТЕЛЕЙ ИННОВАЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ

Данная статья посвящена одному из актуальных вопросов современности – изучению личности современных студентов как носителей инновационной культуры.

Исходя из цели и предмета своего исследования, исследователь опирался в основном на блок концепций педагогического направления, находящегося в проблемной области инноваций и инновационной культуры общества и личности. При этом, по мнению автора статьи, развитие личности студентов происходит под влиянием личности преподавателей, то есть инновационное развитие общества связано с процессом их взаимодействия, которое направлено на формирование инновационной культуры будущих специалистов.

Как отмечает автор, в этом контексте возникает педагогическая проблема инновационной сензитивности обучающихся и педагогов как носителей инновационной культуры. Проявление сензитивности у человека индивидуально связано, в частности, с такими чертами личности, как ловкость и строгость, самостоятельность, лояльное и старательное поведение.

Таким образом, проблема изучения идентичности современных студентов как носителей инновационной культуры и предлагаемые автором в данной статье пути ее решения рассмотрены достаточно полно.

Ключевые слова: проблема, время, сегодня, исследование, культура, солидарность, студент, влияние, личность, формирование, возникновение, необходимость, современность

THE PROBLEM OF STUDYING THE PERSONALITY OF MODERN STUDENTS AS BEARERS OF INNOVATIVE CULTURE

This article is devoted to one of the current issues of our time – the study of the personality of modern students as bearers of innovative culture.

Based on the purpose and subject of his research, the researcher relied mainly on a block of concepts of the pedagogical direction, which is in the problematic area of innovations and innovative culture of society and personality. At the same time, according to the author of the article, the development of the personality of students occurs under the influence of the personality of teachers, that is, the innovative development of society is associated with the process of their interaction, which is aimed at forming an innovative culture of future specialists.

As the author notes, in this context, the pedagogical problem of innovative sensitivity of students and teachers as bearers of innovative culture arises. The manifestation of sensitivity in a person is individually associated, in particular, with such personality traits as dexterity and strictness, independence, loyal and diligent behavior.

Thus, the problem of studying the identity of modern students as bearers of innovative culture and the ways of solving it proposed by the author in this article are considered quite fully.

Key words: problem, time, today, research, culture, solidarity, student, influence, personality, formation, emergence, necessity, modernity

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷиёнзода Зулфия, унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. тел: (992) 918 28 51 55

Сведения об авторе: Джиёнзода Зулфия, соискатель кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, 735360, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел: (992) 918 28 51 55

Information about the author: Jiyonzoda Zulfiya, applicant of the department of pedagogy of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, 735360, Kulob city, Sangak Safarov street 16. Tel: (992) 918 28 51 55

ТДУ: 370+377(075.8)
ТКБ: 74.212(2-тоҷ)
Ҳ- 31

ШАРОИТ ВА ВОСИТАҲОИ ТАРБИЯИ МАСЪУЛИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Ҳалимова Ф.А., докторант аз рӯйи ихтисоси (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ташаккули масъулият ҳамчун сифати муҳимми касбӣ дар байни донишҷӯёни донишгоҳ раванди мураккаб ва бисёрмарҳила аст, ки ба шароит ва воситаҳои педагогии фароҳам овардашуда вобаста аст. Шароит ҳамчун муҳите, ки дар он чизе рӯй медиҳад ё рух медиҳад ё вазъияте, ки чизе ба он вобаста аст, фаҳмида мешавад. Шароитҳои берунӣ ё иҷтимоию педагогӣ барои ташаккули масъулият дар байни донишҷӯён аз ҷониби макромуҳит (ҷомеа) ва микромуҳит (донишгоҳ, факултет, кафедра, гурӯҳи донишҷӯён) ва шароити дохилӣ ё психологӣ ба худи шахс хос мебошанд.

Дар асарҳои муаллим-тақиқотчиён А. Макаренко, В. Сухомлинский, Ш. Амонашвили, Ю.К. Бабанский, Е.Л. Васильева, З.Ф. Есарева, Н.В. Кузмина, Н. Скорбилина, В. Сластенина, В. Шаталова, Г.И. Шукина ва дигарон, ки ба проблемаи масъулияти субъектҳои системаҳои гуногуни педагогӣ дахл доранд, чи дар дарки масъулияти шахс ва чи дар муҳайё намудани шароити педагогии мусоид барои ташаккули он мавқеъҳои гуногун ба назар мерасанд. Дар бораи ҳиссае, ки ба фаҳмидани масъулияти шахс ва тарбияи он аз мавқеъҳои гуногун муносибат мекард ва ҳалли масъалаи масъулияти омӯзгорони барҷаста А. Макаренко ва В. Сухомлинский ақидаҳои худро ҳангоми гузаронидани пажуҳиш баён намудаанд [1, с. 139].

Пас, А. Макаренко масъулиятро сифати иҷтимоии шахс медонист, ки шарти зарурии ташаккули он, ба андешаи ӯ, ташкили коллективи муносибатҳои вобастагии масъулиятнок мебошад. Вай аз он бармеояд, ки худи ташаккули одам ба қобилияти дарк кардани алоқаи худ бо одамони дигар, тобеъ кардани ҳаёти худ ба вазифаҳои муайян вобаста аст: «...ҳар як фард бояд орзую умеди шахсии худро бо ормонҳои дигарон мутобиқ намояд (коллектив, гурӯҳ)». Ба муносибати вобастагии масъулиятнок дохил шудани шахсро А. Макаренко бо ҳалли чунин масъалаи педагогӣ, монанди ба вуҷуд овардани муносибатҳои тобеият дар коллектив алоқаманд кард. Вай қобилияти фармонфармоӣ ва қобилияти итоаткориро бо ба вуҷуд овардани тобеият ва фармонфармоӣ дар коллектив пайваст.

А. Макаренко нишон дод, ки тарбияи шахсияти масъули ҷамъиятӣ бо иҷрои маҷмуи шартҳо алоқаманд аст: аввалан, ба муносибатҳои вобастагии масъулиятнок, ки дар доираи коллективи муайян ба амал бароварда мешаванд, дохил намудани шахс; дуюм, бо ташаккули

одаме, ки бошуурона, озодона ва аз ин рӯ, бомасъул амал мекунад; сеюм, бо назорат аз болои рафтор ва фаъолияти фард. Макаренко ҳангоми кор карда баромадани проблемаи масъулият менависад: «Ин се ҷиҳатро дар сатҳи муосири инкишофи масъала бо истифода аз мафҳумҳои дар адабиёт истифодашаванда ба таври зайл муайян кардан мумкин аст: а) ба вуҷуд овардани вазъияти масъулияти иҷтимоӣ; б) ташаккули амали масъулиятнокии субъект, масъулияти маърифатӣ ва ихтиёрии ӯ: в) назорати иҷтимоӣ, таъмини рафтор ва фаъолияти иҷтимоӣ» [2, с. 109].

В.А. Сухомлинский низ ба ташаккули масъулият аҳаммияти калон дода, онро ҳамчун сифатҳои шахсие мефаҳмид, ки қудрати олие, ки бояд ба он итоат кунад, - виҷдонро муқаррар мекунад. Масъулиятро ба дӯши худ гирифтан маънои онро дорад, ки вай пеш аз ҳама дар назди виҷдон ҷавобгар аст. Аз ин рӯ, шахси масъул бояд мустақилона аз худ иҷрои вазифаҳои ахлоқиро талаб намояд, нафс ва худтаъминкуниро амалӣ намояд. В.А. Сухомлинский ҳамчун усулҳои ҳавасмандгардонӣ ва инкишоф додани масъулият дар кӯдакон ва азхудкунии онҳо намудҳои меъёрҳоеро пешниҳод кард, ки сатҳи ҳавасмандии масъулияти шахсро барои некӯаҳволии одамони дигар афзоиш медиҳанд.

Саҳми классикони педагогикаи муосир дар ҳалли масъалаи масъулият барои фароҳам овардани шароити педагогӣ ва таҳияи воситаҳои педагогии ташаккули масъулияти донишҷӯ ҳамчун мутахассиси оянда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Муносибатҳои объективии байни шахс, коллектив ва ҷамъият, ки дар вазифаҳои байниҳамдигарии онҳо, дар системаи педагогии донишгоҳ ифода ёфтаанд, масъулияти байниҳамдигарии омӯзгорон, донишҷӯён ва коллективҳои гурӯҳиро дар назар доранд.

Муносибатҳои вобастагии масъулиятнок, ки донишҷӯён ва омӯзгорон бояд ба он ворид шаванд, прототипи (системаи печидаи муносибатҳо) муносибатҳои шабеҳ дар фаъолияти ояндаи касбӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар раванди педагогӣ эҷод кардани вазъиятҳое, ки дар он донишҷӯён ва омӯзгорон ба муносибатҳои вобастагии масъулиятнок ворид шудан заруранд ва системаи назорат ва худтанзимкунӣ метавонад яке аз шартҳое бошад, ки бояд дар раванди ташаккули масъулияти мутахассиси оянда ба вуҷуд оварда шавад,.

Дар адабиёти муосири равоншиносӣ ва педагогӣ роҳу шароит ва воситаҳои гуногуни ташаккули масъулият дар байни мактаббачагон ва донишҷӯёни донишгоҳҳо пешниҳод шудаанд. Масалан, шароит ва воситаҳои педагогии ташаккули масъулияти донишҷӯёни донишгоҳ аз инҳо иборатанд: ҳамкории фаъолияти мустақилонаи таълимии донишҷӯён ва системаи рейтингии баҳогузории дониш, фароҳам овардани фазои мусоиди иҷтимоию психологӣ дар коллективи таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии талабот ба мутахассиси ин ё он касб, омӯзиши масъалаҳои одоби касбӣ, робитаи дониш бо касб, таълими эҷодиёти илмию техникӣ ба талабагон, робитаи байнисоҳаҳое, ки масъалаҳои ҳамкории рушди технология ва ҷомеаро ошкор менамоянд; ва гайра (Л..А. Барановская, К.С. Пахомова, А.Г. Ростунов, Н.И. Чернова).

Мо таҳлили то андозае ғайримуқаррарии шартҳои назариявии ташаккули масъулиятро пешниход кардем. Мутобиқи ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот кӯшиш карда шуд, ки натиҷаҳои бадастомада ба низом дароварда шаванд ва шартҳои пешбаранда, асосиро мувофиқи тавсифи назариявӣ ва асосноккунии назариявии таъсири онҳо ба ташаккули масъулият дар донишҷӯ муайян намояд.

Дар натиҷаи дарки раванди ташаккули шахсият мо ба хулосае омадем, ки ташаккули сифатҳои зарурӣ дар шахси калонсол - донишҷӯ аз ташаккули он дар мактаббачагон фарқ мекунад, зеро он ба шуур, ҳавасмандии инкишофёфта ва тафаккури баркамол асос меёбад. Бинобар ин, дар вазифаи педагогии минбаъд инкишоф додани (мустаҳкам намудани) моликияти масъулиятшиносии донишҷӯ (собиқ хонандаи мактаб ва ҳоло мутахассиси оянда), ташаккули он дар шароити донишгоҳ бо параметрҳои сифатан нав, дар навбати аввал зарур аст. Ба амал баровардани шартҳои ба сифати касбии мутахассиси оянда гузаштани масъулият дар навбати аввал гузошта шавад. Шароит бояд пеш аз ҳама дар раванди таълим фароҳам оварда шавад, зеро фаъолияти тарбиявӣ барои мутахассиси оянда вазифаи асосист ва маҳз дар он хислатҳои шахсияти ӯ ҳамчун мутахассиси оянда ташаккул ёфта, зуҳур меёбанд.

Таҳлили назариявии тадқиқоти психологию педагогӣ оид ба масъалахои инкишоф ва ташаккули масъулияти шахс, хусусиятҳои инкишофи донишҷӯён дар давраи мутобиқати таҳсил дар донишгоҳ ва таҷрибаи чандинсола дар донишгоҳ имкон дод, ки шароити ташаккули масъулият дар байни донишҷӯён дар давраи мутобиқшавӣ дар донишгоҳ ба таври зайл муайян карда шаванд. Шартҳои фарзиявии ташаккули масъулияти мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ аз инҳо иборатанд: 1) ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти мақсаднок барои ташаккули масъулият, 2) моделсозии фаъолияти касбии оянда дар фаъолияти таълимии донишҷӯён.

Ба фаъолияти мақсадгузорӣ фаро гирифтани донишҷӯён барои ташаккули масъулият, ба назари мо, шарти муҳимми ташаккули масъулияти мутахассиси оянда мебошад. Якчанд сабабҳо вуҷуд доранд, ки муҳиммияти масоили болоро муайян менамоянд. Аввалан, гузоштани ҳадафи донишҷӯ ҳамчун субъекти раванди мақсадноки педагогӣ қисми таркибии он мебошад. Дар ин бора муҳаққиқон Г. Воеводская, Н.А Проскурина, Я.Е. Сараскина таҳқиқот гузаронидаанд. Аз ин рӯ, дар раванди таълими педагогӣ мақсад гузоштани талаба, ки дар фаъолияти муштарак бо омӯзгор сурат мегирад, аз ҷониби омӯзгор таҳти назорати қатъӣ қарор намегирад, бояд дар хонанда сифатҳои заруриро ҳамчун субъекти ин раванд ташаккул диҳад. Сониян, як қатор корҳо нишон додаанд, ки мақсад гузоштан метавонад нақши усули ташкили фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯро барои ноил шудан ба мақсади муштараки муқарраршуда бозад (С.Б. Борисов, В.Г. Гладких, Н.А. Евдокимова, И.А. Каралаш, О.Е. Лебедев, Н.А. Проскурина ва дигарон). [6, с. 110].

Мақом ва нақши асосӣ ва нақши ҳадафгузориро дар фаъолияти инсон ҳамеша файласуфон, равоншиносон ва омӯзгорон дарк намуда, нақш ва аҳаммияти мақсадгузориро дар ташаккули сифатҳои пешбарандаи шахсият таъкид кардаанд. Ҷанбаи фалсафии проблемаи гузоштани ҳадаф дар асарҳои Б.Г. Ананева, П.К. Анохина, А.Б. Борзенко, Г. Батищева, Г. Воеводской, Б. Воронович, А. Гендина, Ҷим. Головина, А.Н. Леонтева, Х.А. Проскурина, М.П. Салаш, Л. Чунаева, А.И. Ясенко ва дигарон гузоштани мақсад қисми таркибии ҳар гуна фаъолият мебошад; ин фаъолияти инсон аст, ки аз ҷониби ташаккул ва татбиқи мақсадҳо гирифта шудааст [7, с. 159].

Дар баробари ин мафҳуми «мақсад гузоштан» барои тавсифи раванде истифода мешавад, ки бо мурури замон ба вуҷуд омада, ташаккули ҳадафро дар бар мегирад (инкишофи ҳадаф ҳамчун натиҷаи дилхоҳи ояндаи амали инсон тавассути истифодаи равонии воситаҳо ва усулҳои ноил шудан ба он) ва амалӣ гардонидани мақсад (муқаррар кардан, амалисозии амалии мақсад ва тасҳеҳи он). Чунин фаҳмиши гузоштани ҳадафро асос гирифта, мо кӯшиш кардем, ки диаграммаи умумии раванди гузоштани ҳадафро (расми 1.8) созем, то онро бо мазмуни педагогӣ мувофиқи мақсади кори тадқиқотии худ пур кунем. [4, с. 79]

Дар асарҳои равоншиносони хориҷӣ Б.Г. Ананева, А.Н. Леонтева, С.Л. Рубинштейн, Б. Теплова мафҳуми ҳадафро, ки яке аз ҷузъҳои пешбари фаъолият ба ҳисоб меравад, таҳқиқ кардааст. Мақсад, ки пеш аз ба даст овардани ягон натиҷаи фаъолият аст, онро мақсаднок мегардонад (А.Н. Леонтьев). Як нуқтаи муҳимро қайд мекунем, ки вектори фаъолият «ангезаи ҳадаф» хоси ҳадафгузории омӯзгоре мебошад, ки дар асоси тартиботи иҷтимоӣ («мақсади глобалӣ аз берун») бошуурона инкишоф меёбад («мотив») ҳадафи мушаххаси педагогӣ. Вектори фаъолият бошад, «мақсади ҳавасмандӣ» самти фаъолиятро барои рушди сифатҳои ахлоқӣ ва ихтиёрӣ, самти касбии шахс инъикос мекунад. [5, с. 124]

Дар таҳқиқоти педагогӣ ҳадаф гузоштан ҳамчун раванд (З.И. Василева, Г.К. Воеводская, А.И. Ясенко), усули таълим (Г.Н. Прозументова), усули тарбия (С.А. Ращетина) баррасӣ мешавад. Барои таҳқиқоти мо муҳим аст, ки гузоштани мақсад метавонад роҳи ташкили (ва худташкили) фаъолияти донишҷӯён бо мақсадҳои муайяни педагогӣ бошад (Н.А. Проскурина).

Барои фаҳмидани он ки дар кадом марҳалаҳои гузоштани ҳадафҳои педагогӣ, чӣ гуна донишҷӯён ба фаъолияти мақсадгузори барои ташаккули масъулият шомил карда мешаванд, мо бояд моҳияти раванди гузоштани ҳадафҳои педагогиро фаҳмем, марҳилаҳои онро таҳлил намуда, дарк кунем, ки мувофиқи схемаи умумии раванди муайян кардани мақсад, мазмуни амалиёти муаллим ва шогирд.

Дар марҳилаи ташаккули ҳадаф фаъолияти омӯзгор ду ҷониби мавҷуд аст. Ҷониби идеалӣ ташаккули ҳадафи омӯзгор мебошад, ки натиҷаи он ҳадафи идеалии педагогӣ дар зеҳн гузошта шудааст, масалан, «дар донишҷӯёни донишгоҳ ташаккул додани сифати масъулияти касбӣ муҳим». Ҷанбаи моддии ташаккули ҳадаф ин идоракунии ташаккули ҳадафҳои ҳар як донишҷӯ мебошад ва натиҷаи он бояд ҳадафи донишҷӯ бошад, ки аз ҷониби ӯ шахсан муҳим қабул карда мешавад.

Муаллими донишгоҳ ҳадафҳои мушаххаси педагогиро дар асоси сохти иҷтимоии ҷомеа (ташаккули мутахассиси маълумоти нав, дорои маҷмӯи сифатҳои зарурӣ дар шароити ҷомеаи муосир), мувофиқи шароитҳои объективӣ, субъективӣ ва имкониятҳои раванди ҳақиқии педагогӣ. Вай дар фаъолияти мақсадноки худ ду натиҷаро пешгӯӣ мекунад - натиҷаи тарбияи шахс ва натиҷаи инкишофи ӯ. Натиҷаи омӯзиши донишҷӯ одатан ҳамчун афзоиши дониш ва натиҷаи рушд - ҳамчун саҳми мушаххас дар тағйир додани сифатҳои муайяни шахсияти донишҷӯ, масалан, ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи масъулияти мутахассиси оянда ифода карда мешавад. .

Вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар донишҷӯ ҳадаф гузоштан барои инкишоф ва таҳкими масъулияти зарурӣ дар таҳсил, фаъолияти ояндаи касбиро бедор созад. Барои он ки ҳадафи педагогӣ (ташаккул додани масъулияти мутахассиси оянда) аз ҷониби донишҷӯ қабул карда шавад, он бояд бо ангезаи мусбат ҳамчун ангезаи дохилии амал дастгирӣ карда шавад (З.И. Василева, В.М. Коротов, О.Е. Лебедев, С.А. Ращетина, Е.И. Тихомирова, М.И. Шилова ва ғайра). Он гоҳ мақсади педагогие, ки ба талаба ҳамчун «мақсади беруна» (мақсади потенсиалӣ) пешниҳод карда мешавад, аз ҷониби талаба ҳамчун мақсаде дарк карда мешавад, ки ба талаботи худи ӯ барои худ ҷавоб медиҳад («мақсади воқеӣ», шуури фард). Ҳамин тариқ, табдили ҳадафи «аз берун» ба ҳадафи «барои худ» марҳилаи ибтидоии ташаккули ҳадаф дар фаъолияти донишҷӯ (самти «мотив ҳадаф») мебошад. В.Д. Шадриков қайд кардааст, ки «маҳорати муаллим аз он иборат аст, ки чизи аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнокро ба чизи аз ҷихати шахсӣ аҳаммиятнок табдил диҳад. Вазифаҳое, ки дар назди талаба гузошта мешаванд, бояд на танҳо аз ҷониби ӯ фаҳмида шаванд, балки ҳамчун аҳаммияти шахсии шахс низ қабул карда шаванд» [6, с. 153].

Ҳавасмандии мутахассиси оянда тавассути «ташаккули мотивҳои маъносоз» ба вуҷуд меояд. Ин ба талаба расондани маънои ҳадаф, пешгӯии натиҷаҳои имконпазир, якҷоя муайян кардани роҳу воситаҳои расидан ба ҳадаф, ошкор намудани аҳамияти онҳо барои ноил шудан ба ҳадаф – пурзӯр намудани масъулият, ташаккул додани он ҳамчун сифати муҳими касбӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи ташаккули мақсад фаъолияти муштараки омӯзгор ва шогирд дар ибтидо барои эҷоди ҳавасмандии донишҷӯ ва ташаккули «ҳадаф барои худ» зарур аст, яъне. ташаккул додани ҷузъи ҳавасмандгардонии масъулият.

Ҳамчун шартҳои педагогие, ки барои қабули ҳадаф аз ҷониби субъект мусоидат мекунанд, психологҳо чунин меноманд: иштироки фаъолонаи субъект дар муайян кардани ҳадаф, ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳои ноил шудан ба он, дарки маънои объективӣ, маънои иҷтимоӣ ва шахсӣ бо назардошти шахсият ва синну сол. хусусиятҳои донишҷӯён (донишҷӯён) ҳангоми интихоби роҳҳои пешбурди ҳадаф (В.М. Коротов, О.Е. Лебедев, Г.К. Нургалиева, С.А. Ращетина) [10, с. 153].

Мо шабоҳати механизмҳои гузоштани ҳадаф ва ташаккули масъулиятро дар марҳилаҳои ибтидоии онҳо мушоҳида кардем. Ҳангоми гузоштани мақсад дар марҳилаи ибтидоӣ (ташаккули мақсад) мақсад аз берун дар асоси огоҳӣ ва дарки мазмуни он барои донишҷӯ ба ҳадаф мубаддал (тағйир меёбад). Дар ташаккули масъулият, ба монанди ин, ба талаба нахуст талаботи беруна нисбат ба фаъолияташ пешниҳод карда мешавад ва дар натиҷаи фаҳмидан аз ҷониби донишҷӯ ҳамчун шахси муҳим қабул карда мешавад.

Дар марҳалаи навбатии раванди педагогии ташаккули масъулият – амалисозии мақсад барои он ки мақсади муаллим аз ҷониби талаба пазируфта шавад ва худи талаба дар ноил шудан ба он шарик гардад, фаъолияти хонандагонро низ ба роҳ мондан зарур аст. ба таври махсус, аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқ кунондани он (С.А. Ращетина ва дигарон), талабагонро ба ноил шудан ба мақсад пайваст намояд. Фаъолияти тарҳрезии (назариявии) донишҷӯён ба ҷустуҷӯи

мустақилонаи роҳҳои расидан ба ҳар як ҳадафи мушаххас дар як давраи маҳдуди вақт, муҳокимаи онҳо бо ҳамдигар, бо омӯзгор ва тасҳеҳи онҳо бармеояд. Минбаъд, фаъолияти муттасили якҷояи муаллим ва шогирд барои ба даст овардани натиҷаи пешбинишуда - инкишоф додани дараҷаи баланди инкишофи масъулияти мутахассиси оянда. Донишҷӯ, ки дар бунёди барномаи амали худ шахсан иштирок мекунад, қарорҳои муҳим қабул мекунад, пеш аз ҳама барои иҷрои (ё иҷро нашудани) барномаи таҳияшуда дар назди худ масъул аст, зеро ӯ бояд худаш онро иҷро кунад. Ин маънои онро дорад, ки дар марҳилаи амалӣ гардидани мақсад дар фаъолияти муштараки омӯзгор ва шогирд имкони пурзӯр намудани масъулияти шогирд ба вуҷуд меояд.

Ба даст овардани натиҷаи муайян бояд ҳамеша бо назорат ва ислоҳ ҳамроҳ шавад (А.И. Ясенко). Муаллим ва шогирд натиҷаи расидан ба мақсади мушаххас (дараҷаи баланди инкишофи масъулият)-ро бо тасвири идеалии он (пешгӯйи) муқоиса намуда, дар ҳолати зарурӣ мақсади навбатии мушаххас ва усулҳои расидан ба онро тасҳеҳ мекунанд. Барои муаллим ва пеш аз ҳама барои талаба сабабҳои «нокомӣ»-ро дар ташаккули масъулият (дар кадом марҳилаи пешинаи гузоштани мақсад, дар кадом қисми масъулият) муайян кардан ва чораҳои муайян андешидан муҳим аст. Барои ин якҷоя таҳлил кардан лозим аст, ки марҳалаҳои пештараи раванди мақсадҳо чӣ тавр гузаштанд, оё ҳамаи шароитҳо ба назар гирифта шудаанд, оё роҳу воситаҳои расидан ба мақсад дуруст интихоб карда шудаанд. Дар заминаи таҳқиқи мо, дар марҳилаи тасҳеҳ, муҳокимаи натиҷаҳои бахшҳои педагогӣ барои муайян намудани тағйирот дар сатҳи инкишофи масъулият, аллакай ин сифат дар хонандагон ташаккул ёфтааст.

Адабиёт:

1. Сухомлинский, В.А. Суҳбат бо директори ҷавони мактаб В. - М., 1982. - 202 с. 139.
2. Макаренко, Асарҳои педагогӣ А.: дар 8 ҷилди Т. IV
3. А.С. Макаренко. М., 1983. - 404 с.
4. Рубинштейн, С.Л. Асосҳои психологияи умумӣ. С.Л. Рубинштейн. - М.: Учпедгиз, 1946. - 704 с.
5. Рубинштейн, С.Л. Проблемаҳои психологияи умумӣ. С.Л. Рубинштейн. М.: Педагогика, 1976. - 416 с.
6. Методологияи илми педагогика: китоби дарсӣ. Зери таҳр. Лебедева О.В. - Киров: Нашриёти Вятггу, 2009. - 152 с.
7. Кекеева З.О. Асосҳои назариявию методологии такмили ихтисоси муаллими оянда дар маданияти ҷаҳони фазоӣ сайёҳӣ-таълимӣ
8. З.О. Кекеева Асосҳои назариявӣ ва методии омодасозии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ: монографияи коллективӣ Л.Б. Абдуллина - Стерлитамак: Филиали Стерлитамаки Донишгоҳи давлатии Бошкирдистон, 2017. - с. 60.
9. Коган, М.С. Саломатии равонӣ ҳамчун тарзи будан M.S. Kagan Психология бо чеҳраи инсон. - М.: Смысл, 1997. - с.231
10. Методология педагогической науки: учеб. пособие под ред. О.В. Лебедевой. - Киров: Издво Вятггу, 2009. – с.152.

ШАРОИТ ВА ВОСИТАҲОИ ТАРБИЯИ МАСЪУЛИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Фаъолияти тарҳрезии (назариявии) донишҷӯён ба ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳои расидан ба ҳар як ҳадафи мушаххас дар як давраи маҳдуди вақт, аз муҳокимаи онҳо бо ҳамдигар, бо омӯзгор ва тасҳеҳи онҳо бармеояд.

Минбаъд, фаъолияти муттасили якҷояи муаллим ва шогирд барои ба даст овардани натиҷаи пешбинишуда - инкишоф додани дараҷаи баланди инкишофи масъулияти мутахассиси оянда. Донишҷӯ, ки дар бунёди барномаи амали худ шахсан иштирок мекунад, қарорҳои муҳим қабул мекунад, пеш аз ҳама барои иҷрои (ё иҷро нашудани) барномаи таҳияшуда дар назди худ масъул аст, зеро ӯ бояд онро худаш иҷро кунад.

Ин маънои онро дорад, ки дар марҳилаи амалӣ гардидани мақсад дар фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯ имкони пурзӯр намудани масъулияти донишҷӯ ба вуҷуд меояд.

Калидвожаҳо: минбаъд, таҳияшуда, мақсад, муштарак, механизм, ҳадаф, пурзӯр, имконпазир, аҳаммиятнок, ҳавасманди, биёрмарҳила

УСЛОВИЯ И СРЕДСТВА ВОСПИТАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

Проектная (теоретическая) деятельность студентов возникает в результате самостоятельного поиска способов достижения каждой конкретной цели в ограниченный промежуток времени, обсуждения их друг с другом, с преподавателем, их корректировки.

Далее, непрерывная совместная деятельность преподавателя и студента для достижения намеченного результата – развития высокого уровня ответственности будущего специалиста. Студент, лично участвуя в создании собственного плана действий, принимает важные решения, несёт ответственность за реализацию (или нереализацию) разработанного плана прежде всего перед самим собой, поскольку должен сам его реализовать.

Это значит, что на этапе реализации цели появляется возможность усилить ответственность студента в совместной деятельности педагога и студента.

Ключевые слова: дальнейший, развитый, цель, совместный, механизм, объективный, сильный, возможный, важный, мотивирующий, двухступенчатый

CONDITIONS AND MEANS OF EDUCATION OF PROFESSIONAL RESPONSIBILITY OF FUTURE TEACHERS

Project (theoretical) activities of students arise as a result of an independent search for ways to achieve each specific goal in a limited period of time, discussing them with each other, with the teacher, and adjusting them.

Further, continuous joint activity of the teacher and the student to achieve the intended result - development of a high level of responsibility of the future specialist. The student, personally participating in the creation of his own action plan, makes important decisions, is responsible for the implementation (or non-implementation) of the developed plan, first of all, to himself, since he must implement it himself.

This means that at the stage of goal implementation, it becomes possible to strengthen the student’s responsibility in the joint activities of the teacher and the student.

Key words: further, developed, goal, joint, mechanism, objective, strong, possible, important, motivating, two-stage

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳалимова Фариштамо Абдуҷабборовна, докторант аз рӯи ихтисоси (PhD)- и кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб кӯчаи Сангак Сафаров 16.

Сведения об авторе: Халимова Фариштамо Абдуджабборовна, докторант по специальности (PhD) кафедры гуманитарных наук и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, 734065, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16.

Information about the author: Khalimova Farishtamo Abdujabborovna, PhD student in the Department of Humanities and Teaching Methods of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, 734065, Kulob city, Sangak Safarov street, 16.

ТДК 371.015
ТДУ – 74.00
Ш – 30

ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДҲОИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ТАВАССУТИ УСУЛҲОИ ПЕДАГОГИИ ИННОВАТСИОНӢ

Шарифиён М.Х., н.и.п., дотсент
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»

Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир, ки ҷараёни босуръати пешрафти илму техника бомаром идома дорад, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба як қатор муаммоҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки мушкилоти асосиашон зарурати мутобиқ шудан ба олами зудтағйирёбанда, таъмини дастрасии кӯдакон ба таҳсилоти босифат ва ташаккули садоқат ба омӯзиш аз синни хурдсолӣ маҳсуб меёбад. Нақши боризро дар ин вазъият техникаву технологияҳои инноватсионӣ мебозанд. Онҳо на танҳо ба ҳалли масъалаҳои амалӣ ёрӣ мерасонанд, балки барои инкишоф ва тарбияи хонандагони хурдсол имкониятҳои навро ба вуҷуд меоваранд.

Мавриди ба зикр аст, ки баландбардории сифати таҳсилот дар сиёсати маорифпарварона ва ояндасози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи меҳвариро касб менамояд. Ин нукта, ҳамасола дар Рӯзи дониш мушоҳида мегардад, ки сарвари давлат бо исрор рушдёбии сатҳи таҳсилотро дар низоми маорифи кишвар таъкид месозанд. Аз ҷумла, санаи 1 - уми сентябри соли 2024 қайд намудаанд: “Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таври ҷиддӣ баланд бардоштани сифати таҳсилот яке аз масъалаҳои асосӣ дар самти таълиму тарбия маҳсуб мешавад”. [12]

Дар шароити ҷаҳонишавии маърифат ва густариши илму техника, зарурати рушди қобилиятҳои маърифатии кӯдакон ва ба фаъолият водор сохтани онҳо дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ қарор дорад. Хонандагони хурдсол, ки дар зинаи ибтидоии таҳсилот қарор доранд, бояд на танҳо дониш гиранд, балки ҳамчун шахсияти мустақил, соҳибфикр ва ҷӯяндаи дониш тарбия ёбанд. Барои расидан ба ин ҳадаф, истифодаи усулҳои педагогии инноватсионӣ дар таълим ногузир буда, дар истифода ва рушди равандҳои маърифатии хонандагон нақши босазое гузошта метавонанд.

Равандҳои маърифатӣ - ин маҷмуи фаъолияти зеҳнӣ ва фикрие мебошанд, ки шахс тавассути омӯзиш, мушоҳида, таҷриба ва муошират тадриҷан дар худ инкишоф медиҳад. Ин равандҳо ба монанди идрок, диққат, хотира, тафаккур ва тасаввурот буда, заминаи асосии рушди маънавӣ ва зеҳнии шахсро ташкил медиҳанд. Маҳз дар ҷараёни синнусоли гуногун хонандагони хурдсол ҷаҳони атрофро тавассути бозӣ, мушоҳида, омӯзиши таҷрибавӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ дарк мекунад, ки ин ба таҳкими қобилиятҳои зеҳнӣ ва афзоиши фаъолияти маърифатии ӯ мусоидат менамояд.

Муҳити таълимӣ ва тарбиявии мувофиқ, муносибати ҳавасмандкунанда аз ҷониби калонсолон ва истифодаи усулҳои педагогии инноватсионӣ метавонанд, раванди ташаккули қобилиятҳои маърифатиро суръат бахшида, замина барои ташаккули фикри мустақил, эҷодӣ ва интиқодӣ дар кӯдакон фароҳам оваранд. Самараи ташаккули равандҳои маърифатӣ дар шахсияти кӯдакон чунин аст:



Педагогикаи муосир вазифадор аст, ки ин қобилиятҳоро тавассути равишҳои дуруст фаъол намояд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар азхудкунии барномаи таълимӣ дар раванди таълим тафаккури кӯдакон инкишоф ёфта, барои омӯхтани маводҳо мусоидат менамоянд. Зеро мазмун ва моҳияти омӯзиши фанҳои таълимӣ дар мактаб тағйир меёбад. Он аз хонандагон фаъолӣ, мустақилии фикр, муҳокимаронӣ, муқоиса, хулосабарорӣ ва ҷамъбасткуниро талаб мекунад.

Сайқалёбии маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ ба муаллим имконият медиҳад, ки ӯ шахсияти ҳар як хонандаро дар ҷараёни таълим фаъол гардонад, ки дар он сурат қобилияти ақлӣ ва сатҳи худомӯзии ӯро баланд бардоштан мумкин аст.

Муаллим ба ҳеҷ ваҷҳ набояд танҳо барои хонандагонро соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ гардонидан маҳдуд шавад, балки қобилияти аз рӯи фаъолияти фикрии онҳо роҳбарӣ кардан ҳам дошта бошад. Дар чунин маврид муаллим саҳми худро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ - психологии хонандагон мегузорад. Зеро саҳми муаллим дар пурсамаркунонии фаъолияти фикрии хонандагон ва тадриҷан ба онҳо расонидани ахборотҳо (мазмуни дониш, ахборотҳое, ки ба хонандагон расонида мешавад) ва инкишоф додани роҳу равиши фаъолияти фикрии онҳо калон аст.

Гузариш аз омӯзиши анъанавӣ ба омӯзиши фаъол ва эҷодӣ яке аз вазифаҳои муҳими педагогикаи муосир ба шумор меравад. Дар ин замина, зарур аст, ки шароит барои ташаккули муносибати бошуурона ва мақсадноки хонандагон ба донишомӯзӣ фароҳам оварда шавад. Инро метавон тавассути омилҳои зерин амалӣ сохт:

Ташаккули муносибати бошуурона ба омӯзиш ва рушди малакаҳои иттилоотӣ дар муҳити таълимии муосирро метавон чунин шарҳ дод:

1. Ташаккули муносибати бошуурона ба омӯзиш, яке аз омилҳои муҳими рушди шахсият дар равандҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Дар ин раванд, донишомӯз на танҳо

қабулкунандаи маълумот, балки иштирокчии фаъол ва арзёбандаи шахсии муҳтавои таълим мегардад. Вақте, ки дар хонанда дарки арзишмандии дониш, эҳсоси масъулият ва ҳавасмандии дохилӣ ташаккул меёбад, ӯ ба муҳтавои таълим на бо маҷбурият, балки бо шавқу ҳавас ва дарки аҳамияти он муносибат мекунад. Ин ба рушди тафаккури интиқодӣ ва худшиносии илмии ӯ мусоидат менамояд.

2. Истифодаи равиши мақсаднок дар таълим. Муаллим бояд муҳити омӯзиширо ба таври стратегӣ ва мақсаднок созмон диҳад. Яъне, шароите фароҳам оварад, ки хонандагон дар он имкони рушди шахсӣ ва иҷтимоии худро пайдо кунанд. Равиши мақсаднок, ки ба худидоракунӣ ва худтарбиякунӣ такя мекунад, ҷанбаи муҳими таълиму тарбияи муосир ба шумор меравад. Ин равиш кӯдаконро водор мекунад, ки мақсадгузорӣ намуда, барои ноил шудан ба он қадамҳои мустақил ва созандаро пайгирӣ намоянд.

3. Рушди малакаҳои кор бо ахбор (маълумот). Дар шароити ҷомеаи иттилоотии имрӯза, яке аз вазифаҳои асосии низоми таълим - ин рушди малакаҳои кор бо иттилоъ мебошад. Хонандагон бояд тавонанд маълумотро мустақилона дарёфт, таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ намоянд. Ин малакаҳо заминаи зарурӣ барои омӯзиши босифат ва қабули қарорҳои дуруст дар зиндагии ҳаррӯза мебошанд. Онҳо на танҳо дар муассисаҳои таълимӣ, балки дар муҳити касбӣ ва иҷтимоӣ низ аҳаммияти калон доранд.

Муассисаҳои таълимӣ, ки ба рушди чунин малакаҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, на танҳо дониш, балки қобилиятҳои ҳаётӣ ва иҷтимоии хонандагонро низ таҳким мебахшанд.

Дар амалишавии ин омилҳо нақши боризро омӯзгор мебозад, ки на танҳо донишро меомӯзонад, балки муҳити омӯзиширо тавре шакл медиҳад, ки хонандагон ҳамчун субъектҳои фаъол ва эҷодкори маърифатӣ ташаккул ёбанд. Танҳо дар чунин муҳит муносибати созандаи шахс ба дониш ташаккул меёбад, ки дар ниҳоят ба рушди шахсияти мустақил ва иҷтимоии хонандагон мусоидат мекунад.

Синни наврасӣ бошад, давраи мураккаби ташаккули шахсият ва болоравии қобилиятҳои зеҳнӣ маҳсуб ёфта, дар ин марҳила хонандагон тадриҷан аз омӯзиши пассив ба омӯзиши фаъол ва мустақилона мегузаранд. Дар ин раванд, муҳим аст, ки муносибати бошуурона ва эҷодӣ ба донишомӯзӣ ташаккул ёбад, зеро маҳз ин муносибат ҷавҳари рушди маърифатии наврасро ташкил медиҳад.

Гуфтаҳои болоиро дар асарҳои Л.С. Виготский мушоҳида намудан мумкин аст, ки муҳити иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ бо дигаронро нақши калидӣ дар инкишофи маърифатӣ дониста аст. Олим мафҳуми “Минтақаи рушди наздик” пешниҳод кардааст, ки он ба рушди шахсият ва фаъолияти зеҳнӣ танҳо дар доираи ҳамкории роҳнамоёфта амалӣ мегардад. [2] Яъне, омӯзгор ё дигар калонсолон вазифадоранд муҳити фаъолу дастрасро ташкил диҳанд, ки дар он хонанда тавонад малакаи худомӯзӣ ва худтаҳлилро инкишоф диҳад.

Дар асарҳои аксар олимони соҳаи дидактика ба монанди С.Л. Рубинштейн[11], Н.А. Менчинская [10], В.А. Сухомлинский [14], Занков [4] масъалаҳои ҷамъбасткунии донишҳоро мавриди назар қарор гирифтаанд, ки яке аз хусусиятҳои ҷамъбаст дар хонандагон ташаккул додани донишҳои зеҳнӣ аст.

Масъалаи ҷамъбасткунӣ ба ташаккули донишҳои зеҳнӣ ва ҷаҳоннигории илмии хонандагон алоқаманд буда, дар асарҳои олимони шинохтаи тоҷики соҳаи педагогика М.Лутфуллозода [8,9], Ф.Шарифзода [14, 15], И.Каримова [5] ва дигарон низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Академик Ф.Шарифзода таъкид медоранд: “Дониш, ки сирф бо ёрии фикр ба даст меояд, поягузори рушди зеҳн мебошад ва миёнаи онҳо равобити диалектикӣ ҳамчун натиҷа ё маҳсули раванди фикр вуҷуд дорад” [14]. Ба андешаи олим равобити байни дониш ва фикрро ҳамчун як равобити диалектикӣ арзёбӣ менамояд, ки дар он фикр ҳамчун муҳаррики асосии дарки ҳақиқат ва дониш ҳамчун натиҷаи он ба вуҷуд меояд. Ин андеша таъкид мекунад, ки рушди зеҳнии шахсият аз муколама ва ҳамкории доимии фикру дониш вобаста аст ва бе фаъолияти бошууронаи зеҳнӣ, дониш ба маънои воқеӣ ташаккул намеёбад.

Рушди зеҳнии шахсият аз муҳити хонаводагӣ оғоз меёбад ва дар синни хурди мактабӣ бо суръати бештар ва ҷиддитар идома меёбад. Дар ин раванд, нақши тафаккур

ҳамчун нерӯи пешбаранда ниҳоят муҳим мебошад. Тафаккур ба кӯдак имкон медиҳад, ки воқеаҳо ва падидаҳои муҳити атрофро на танҳо дарк, балки амиқ фаҳмида, сабабу пайомадҳои онҳоро таҳлил кунад ва ба як навъ "кашфиёт" дар сатҳи шахсӣ ноил гардад. Ин марҳилаи рушди зеҳн бо таълимгирӣ ва захираи дониш маҳдуд намешавад, балки бо инкишофи қобилияти таҳлилӣ, интиқодӣ ва ҷустуҷӯгарона тавъам аст. Тафаккур ҳамчун муҳаррики асосии шинохт, кӯдакро ба дарки амиқи моҳияти масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо ҳидоят менамояд.[16] Дар ҳамин замина, муҳим аст, ки муҳити таълимӣ ва хонаводагӣ барои инкишофи чунин қобилиятҳо шароити мусоиду ҳавасмандкунанда фароҳам оваранд.

Дар шароити таҳсилоти муосир омӯзгор наметавонад танҳо нақши интиқолдиҳандаи донишро иҷро намояд. Мақоми ӯ ба як муназзим, ҳидоятгар ва ҳавасмандсозандаи равандҳои фикрии хонандагон табдил ёфтааст. Таълимоти педагогони маъруф В.А.Сухомлинский[13], Л.С. Виготский[2], Ш.А. Амонашвили[1] нишон медиҳад, ки муносибати эҷодӣ ва фардии омӯзгор ба раванди таълимӣ барои рушди зеҳнӣ ва маърифатии кӯдак аҳамияти калидӣ дорад.

Омӯзгори муосир вазифадор аст, ки на танҳо донишро пешниҳод кунад, балки муҳит ва шароитеро фароҳам созад, ки дар он хонанда:

- дар худ эҳсоси худфаъолиятӣ ва ташаббусро пайдо намояд;
- фикри мустақил баён карда тавонад;
- масъулияти шахсиро барои омӯзиш эҳсос намояд;
- дар муҳити боварибахш ва дастгиркунанда қобилиятҳои худро рушд диҳад.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо, омӯзгор бояд чунин корҳоро ба сомон расонад:

1. Фароҳам овардани шароит барои худфаъолиятии хонандагон. Дарс бояд ҳамчун муҳити озоди ҷустуҷӯ, саволу ҷавоб ва фикрронӣ ташкил шавад. Омӯзгор вазифадор аст, ки фаъолиятро на бо роҳи амру супориш, балки тавассути барангехтани кунҷковӣ ва ташаббуси шахсии кӯдак роҳандозӣ намояд.

2. Ҳидоят кардани равандҳои ташаккули фикри мустақил ва масъулиятшиносӣ. Инкишофи тафаккури танқидӣ ва қобилияти худназоратӣ дар наврасон танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки онҳо бо интихоб ва қарор қабул кардан машғул бошанд. Омӯзгор бояд саволҳое пешниҳод кунад, ки хонандаро ба фикр кардан, таҳлил ва баён намудани хулоса маҷбур созад.

3. Дарки хусусиятҳои зеҳнии хонандагон тавассути мушоҳида ва таҳлил. Барои фароҳам овардани муҳити мувофиқ, омӯзгор бояд қобилияти таҳлил ва дарки хусусиятҳои инфиродии ҳар хонандаро дошта бошад. Ин дарбаргирандаи сатҳи рушди фикрӣ, суръати дарк, намудҳои ҳавасмандӣ ва манфиатҳо мебошад.

4. Таъмини муҳити равонӣ ва интеллектуалии солим. Ҳар дарс бояд ҷанбаи тарбиявӣ ва рушди шахсиятро низ дар бар гирад. Омӯзгор бо забони ҳавасмандкунанда, муносибати эҳтиромомез ва муҳити бехатар кӯмак мекунад, то хонанда худро озод, фаъол ва қобили баён эҳсос кунад. Маҳз чунин муҳит боиси рушду нумӯи қобилиятҳои эҷодӣ ва фикрии кӯдакон мегардад.

Ба андешаи В.А. Сухомлинский: "Муҳимтарин хислати омӯзгори ҳақиқӣ - дидани чеҳраи инсонии ҳар як шогирд ва фаҳмидани роҳи шахсии ташаккули ӯст."[13] Аз ин рӯ, муаллим бояд дидгоҳи фардиро дар асоси таҳлили равандҳои зеҳнӣ ва эмотсионалии ҳар як хонанда рушд диҳад. Танҳо дар ин сурат равандҳои таълимӣ ба амалии ҳақиқии таълиму тарбия табдил меёбанд.

Инноватсия дар таълим маънои татбиқи равишҳои нав, шаклҳои ғайрисанъатии омӯзиш ва истифодаи технологияҳои муосирро дорад. Ин усулҳо имконият медиҳанд, ки: кӯдак худро ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди таълим эҳсос кунад; зеҳн ва қобилияти таҳлил фаъол гардад; омӯзиш тавассути амал ва таҷриба сурат гирад; ҳавасмандии кӯдак афзоиш ёбад.

Тавассути усулҳои проблемагузорӣ дар дарс инкишоф додани зеҳн, инкишофи фаъолияти идрок ва эҷодии хонандагон ба роҳ монда мешавад. Бо роҳи проблемагузорӣ дараҷаи идроки хонандагон баланд ва инкишофи мустақилият фаъолтар гашта, ба ташаккули

ҷаҳонбинии илмии донишомӯзон низ замина гузошта мешавад. Ба вуҷуд овардани вазъи проблемавӣ дар дарс бошад, яке аз муҳимтарин омилҳоест, ки ба ҷамъбасти муваффақиятноки донишҳо мусоидат мекунад.

Бо мақсади инкишофи донишҳои зеҳнӣ дар шароити таълими проблемавӣ мавриди баррасӣ қарор додани лаҳзаҳои дарс фаъолияти таълимиро сифатнок менамояд. Проблемагузорӣ дар дарс ва ба василаи он ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо ҷараёни фикрроониро тақвият мебахшад. Донишҳое, ки дар ҳар як қадам пайдо мешаванд, донишҳои пештараро пурра ва мукаммалтар карда, ҳалли мавзӯъро осонтар мегардонанд.

Дар шароити муосири таълим, донистан ва мавриди амал қарор додани технологияи педагогӣ яке аз салоҳиятҳои муҳим ва зарурии омӯзгор ба ҳисоб меравад. Ин дониш ба омӯзгор имкон медиҳад, ки хонандагонро ба равандҳои таълимӣ омода сохта, ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб ба онҳо мусоидат намояд.

Ҳар як амале, ки хонанда дар асоси фаҳмиш, қобилияти зеҳнӣ ва таҷрибаи шахсии худ иҷро мекунад, дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, қобилияти фикрронӣ ва тафаккури эҷодии ӯ нақши муассир мебозад. Аммо бояд дар назар дошт, ки ташаккули малакаҳои нав бештар самаранок хоҳад буд, агар онҳо бар пояи малакаҳои пешин ва таҷрибаи қаблӣ ташаккул ёбанд.

Истифодаи воситаҳои муосири таълимӣ, аз ҷумла технологияҳои аудио-визуалӣ, компютерҳо, наворҳои видеоӣ, слайдҳо ва тахтаҳои электронӣ дар равандҳои таълимӣ барои бедор сохтани қобилияти эҷодии хонандагон аҳамияти калон дошта, дар баланд бардоштани самаранокии таълим мусоидат менамоянд.

Дар ин раванд омӯзгори эҷодкорро мебояд аз усулҳои гуногуне, ки барои ангезиши фикр ва рушди зеҳнии хонандагонро аз ребусҳо самаранок истифода намояд ва қобилияти фикрии онҳоро такмил бидиҳад.

+ рӯя = , + ак = , + хон = ,

+ на = , + сор = , + истон =

+ ҷаҳон= , +  = , + зор=.

+ + а=, + =

Яке аз омилҳои муҳим дар суръатбахшии ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон - такмил ва тавсеаи шаклҳо ва усулҳои таълим мебошад. Зарурат пеш меояд, ки қобилиятҳои равонӣ ва зеҳнии хонандагон ҳамаҷониба инкишоф дода шаванд ва донишу маҳорату малакаҳои онҳо пайгирона ташаккул ёбанд. Дар ин замина, мақсад ва вазифаҳои дарси «Имкониятҳои шахсӣ ва фарҳанги зеҳнӣ» бо ҳадафҳои таълими миллӣ ва афкори олими маъруфи тоҷик М.Лутфуллозода ҳамоҳангии комил доранд. Устод таъкид менамоянд, ки… «Мактабе, ки ҳамчун офтоб ё шамъи фурӯзон роҳи мактаббачаро мунаввар намесозад, дар дили хурдакаки ӯ майл ва завқи маърифатҷӯиро бедор намекунад, мактабе ки аз насли норасида ва ношӯридаи мо насли расида ва шӯрида ба бор намеоварад, ба кӣ ва барои чӣ лозим аст?» [7]

Дар асоси чунин заминаҳои психологӣ ва педагогӣ муайян кардани мазмун ва мақсадҳои дарси болозикр аксаран тобиши амалӣ пайдо намуда, шогирдонро бовар мекунонад, ки донишҳои забони модарӣ соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва шахсро фаро хоҳад гирифт. Маҳз ба шарофати донистани забони модарӣ ин монеаҳои мушкилгузарро ба осонӣ паси сар карда, мавқеи муайяни ҷамъиятӣ ишғол кардан мумкин аст. Дар ин намуди дарс шогирдон ба таври возеҳ ва мӯътамад мебинанд, ки забон силоҳи тавонои ҳар шахс буда,

барои ба даст овардани мақсадҳои гуногуни рӯзмарра ба кор меояд, баробари ин инсонро ба фатҳи қуллаҳои илмию ҷамъиятӣ омода месозад.

Бо дарназардошти мазмун ва ҳадафҳои умумидидактикӣ, дарси «Имкониятҳои шахсӣ ва фарҳанги ақлӣ»[15] метавонад ба таҳкими малакаҳои иҷтимоӣ, тафаккури мантиқӣ ва қобилияти муошират маърифатӣ равона гардад. Ин дарсро метавон ба таври амалӣ дар самтҳои зерин татбиқ намуд:

1. **Забон ва истифодаи иҷтимоии он** – омӯзиши нақши забон дар муошират иҷтимоӣ, фарҳанги гуфтор ва робитаи самаранок дар муҳити иҷтимоӣ

Мақсад: Дарк кардани нақши забон дар муҳити иҷтимоӣ ва рушди фарҳанги муошират.

Дар ин самти кор омӯзгори эҷодкор метавонад аз чунин машқҳо ва усулҳо самаранок истифода намояд, то ки хонанда дар муошират ва фарҳанги гуфтор озод бошад.

- Машқи гуруҳӣ: Нақши шахс дар муҳити иҷтимоӣ (дарсро бо саҳначаҳо ё мубоҳисаи озод ғанӣ кардан);
- Муколамаи намунавӣ байни хонандагон (дар мавзӯи "Чӣ гуна боэҳтиром ва фаҳмову равону салил сухан гуфтан");
- Муҳокимаи лексикаи иҷтимоӣ: калимаҳо ва ибораҳое, ки муносибати нек ва ҳамдигарфаҳмиро нишон медиҳанд.
- Аз калимаҳои додашуда калимаҳои навро тартиб додан, ки дар ташаккули фикр ва ангезиши он кӯмак менамояд. Барои намунаи ин раванд, мо калимаи “донишмандро” рӯи кор овардем:



2. **Забон ва тарзи хондани китоб** – рушди малакаи саводи функсионалӣ, дарки мазмун, таҳлил ва фаҳмиши мураттаби матни хаттӣ.

Мақсади асосии ин банд- такмили малакаҳои саводи маърифатӣ, дарки мазмун ва таҳлили андешаҳо мебошад.

Дар ин радиф омӯзгор метавонад, аз чунин машқу усулҳо истифода намояд, ки намунаи камтарини онҳоро дар зер ҷой додем:

- Хондани порча аз китобҳои ахлоқӣ ва омӯзгорона (масалан, аз «Гулистон»-и Саъдӣ);
- Саволу ҷавоб пас аз хондани матн ба тариқи «Муаллиф чӣ гуфтан мехост?», «Фикри шахсии Шумо дар ин бобат чи аст?»;
- Таҳлили порчаи матн: муайянкунии калимаҳои калидӣ ва ибораҳои таъсирбахш.

3. Забон ва ифодаи нутқ - такмили қобилияти баён, тарзи мураттаби андешаронӣ ва истифодаи дурусти забон барои ифодаи фикр дар шакли гуфторӣ ва хаттӣ.

Мақсади ин самт дар рушди қобилияти баёни равону салис, мантиқан дуруст ва хирадмандонаи фикр маҳсуб меёбад.

Машқу усулҳое, ки дар такмилу таҷдиди самти мазкур ба роҳ монда мешаванд:

- Машқи “Ду ҷониби як масъала”: хонандагон мавзӯи баҳсталабро аз ду нуқтаи назар баррасӣ мекунанд (масалан, “озодӣ ва масъулият”).

➢ Машқи андешаангезӣ “Агар ман... мебудам”: ин ҷо хонанда баён кардани фикри озоди худро аз мавқеи шахси дигар ба роҳ мемонад (мисли муаллиф, қаҳрамон ё шахсияти таърихӣ).

➢ Ҳикоягӯӣ аз таҷрибаи шахсӣ: (Вақте ки ман худам қарор гирифтам ва он чӣ аз он омӯхтам).

Ҳамин тавр, гузориши дарси зикргардида метавонад, на танҳо дониши забониро таҳким бахшад, балки замина барои рушди шахси мустақил, соҳибахлоқ ва хирадпеша фароҳам оварад. Татбиқи амалии чунин мазмун бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим имконият медиҳад, ки хонандагон на танҳо шунаванда, балки иштирокчии фаъол ва соҳибандешаи раванд гарданд.

Хулоса, дар раванди таълими муосир омӯзгор дигар танҳо манбаи дониш нест, балки созандаи муҳити маърифатӣ, ҳавасмандкунанда ва раҳнамои рушди шахсият ба ҳисоб меравад. Вай вазифадор аст, ки шароити равонӣ, иҷтимоӣ ва зеҳниеро фароҳам созад, ки дар он хонандагон тавонанд фикри мустақил, масъулиятшиносӣ, ташаббус, ва эҷодкориро инкишоф диҳанд.

Муҳити дастгиркунанда, муносибати инфиродӣ ва равиши педагогии ҳадафманд ба ташаккули худфаъолиятии хонандагон мусоидат намуда, тафаккури танқидӣ ва қобилияти худомӯзиро тақвият мебахшад. Омӯзгор, ки ба хусусиятҳои равонӣ ва зеҳнии ҳар як хонанда таваҷуҳ зоҳир мекунад, метавонад ба тарбияи шахсиятҳои мустақил ва иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Бо назардошти ин, зарур аст, ки дар фаъолияти омӯзгорон на танҳо омӯзиш, балки дастгирии фикрӣ ва рушди маънавии шогирд мавқеи марказӣ пайдо кунад. Танҳо дар чунин шароит таълим метавонад ба воситаи самарабахши рушд ва тарбияи шахсияти комил мубаддал гардад.

Адабиёт:

1. Амонашвили Ш. А., Основы гуманной педагогики: собрание сочинений Ш. А. Амонашвили: в 20 кн. / [ред.-сост.: М. В. Богуславский]; Междунар. центр гуманной педагогики. - Москва: Амрита-Русь, 2012-. 21 см.

2. Выготский, Л.С. Мышление и речь: сборник / Л.С. Выготский: АСТ: Астрель; Москва; 2011. ISBN 978-5-17-074544-9.

3. Давыдов В. В. Виды обобщения в обучении: Логико-психологические проблемы построения учебных предметов/ В.В.Давыдов. - М.: Педагогическое общество России, 2000. — 480 с.

4. Занков, Л. В. Избранные педагогические труды / Л. В. Занков. – М. : Педагогика, 1990. – 424 с.

5. Каримова И.Х. Учитель- творец добра и прогресса/ И.Х. Каримова Монография. — Душанбе, 2008.- 180 с.

6. Леонтьев А.Н. Развитие психики (фрагменты докторской диссертации) // Философия психологии: из научного наследия / Под ред. А.А.Леонтьева, Д.А.Леонтьева. М.: Изд-во Моск. ун-та, 1994. С. 67-162.

7. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ / М.Лутфуллоев. – Душанбе: Собириён.- 2007.

8. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М.Лутфуллоев.- Душанбе: Маориф.- 1997.

9. Менчинская Н.А. Проблемы учения и умственного развития школьника/ Н.А.Менчинская. М., 1989.

10. Рубинштейн С. Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн - СПб: Издательство «Питер», 2000 - 712 с.: ил

11. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. – Душанбе: Маориф, 2017. - 116 с.

12. Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш, 01.09.2024, шаҳри Душанбе. https://www.president.tj/event/news/47089

13. Сухомлинский, В. А. Сердце отдаю детям / В. А. Сухомлинский. — Киев: Радянська школа, 1969. — 247 с.

14. Шарифов Ф. Муаллими кори эҷодист./Ф.Шарифов Душанбе, 1984.

15. Шарифзода Ф. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2./ Ф.Шарифзода, М. Лутфуллоев, Б.Ғаниева, С.Куйбекова.- Душанбе: Ирфон.-2014.-356с.

16. Шарифиён, М. Х. Ташаккули тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди иҷрои кори мустақилона / М. Х. Шарифиён // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – No. 4(45). – P. 41-48. – EDN IPNZME.

17. Шарифиен, М.Х. Самтҳои самараноки ташаккул ва такомули нутқи шифоҳии кӯдакон / М.Х. Шарифиен, Н.М. Алибоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. – С. 414-419. – EDN WTKQGO.

ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДҲОИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ТАВАССУТИ УСУЛҲОИ ПЕДАГОГИИ ИННОВАТСИОНӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи фаъолгардонии равандҳои маърифатии хонандагони хурдсол тавассути усулҳои педагогии инноватсионӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибаҳои таълимӣ аҳаммияти муҳити ҳавасмандкунандаи таълимӣ, нақши омӯзгори эҷодкор ва зарурати гузариш ба усулҳои фаъолу фардӣ дар таълимро таъкид мекунад. Тафаккури интиқодӣ, худидоракунӣ ва муносибати бошуурона ба омӯзиш ҳамчун зерсохторҳои калидии маърифат дар маркази таҳқиқ қарор гирифта, пешниҳод мегардад, ки истифодаи усулҳои инноватсионӣ, аз ҷумла технологияҳои муосир ва проблемагузорӣ, ба ташаккули шахсияти мустақили зеҳнӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: инноватсия дар таълим, равандҳои маърифатӣ, усулҳои фаъол, омӯзгори эҷодкор, тафаккури интиқодӣ, муҳити омӯзишӣ, хонандагони хурдсол

Усмонов Муҳаммадали Масталиевич, докторанти курси 3-юми кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. e-mail: usmoniyon.1997@mail.ru Тел: (992) 988501050

Сведания об авторах: Каримов Шухрат Бозорович, доктор филологических наук, профессор. Тел: (+992) 985112475, e-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru

Усмонов Мухаммадали Масталиевич, докторант 3-го курса кафедры языкознания и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. e-mail: usmoniyon.1997@mail.ru Тел: (992) 988501050

Information about the authors: Karimov Shuhrat Bozorovich, Doctor of Philology, Professor. Phone: (+992) 985112475, e-mail; shuhrat-karimov2@mail.ru

Usmonov Muhammadali Mastalievich, Doctoral student (D.Ph.) of the third year of the Department of linguistic and comparative typology of Tajik state pedagogical University named after S. Aini. e-mail: usmoniyon.1997@mail.ru Phone: (992) 988501050

ТДУ: 07 (575.3)

МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИВУ ҲУҚУҚИИ ЖУРНАЛИСТИКА ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

Гулов С.Н., н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ
Хушдил Раҳимҷон, н.и.ф., докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷомеаи иттилоотӣ аз мафҳумҳои навине дар замони муосир мебошад, ки тавассути бо суръат боло рафтани нақш ва мақоми иттилоот дар ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, чун истилоҳи мушаххас мавриди эътироф ва истифодаи васеъ қарор гирифта, ба аксар соҳаҳои ҳаёт алоқаманд аст ва дар ҳама самтҳо фаҳмиши умумӣ ва мушаххаси худро дорад.

Яке аз асосгузорони мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» Д.Белл менависад: «Дар садсолаи мо барои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, барои тарзи фикрронӣ, инчунин барои хусусияти фаъолияти меҳнатии инсон ба вуҷуд омадани низоми нави иҷтимоӣ, ки ба телекоммуникатсия асос меёбад, аҳаммияти ҷиддӣ пайдо мекунад. Табаддулот дар ташкил ва коркарди иттилоот ва дониш, ки дар он нақши марказиро компютер мебозад, маҳз дар ҷомеаи пасосаноатӣ оғоз меёбад. Барои фаҳмидани инқилоби телекоммуникатсионӣ ба инобат гирифтани се ҷанбаи ҷомеаи пасосаноатӣ муҳим аст: гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи хизматрасонӣ; аҳаммияти ҳалкунанда пайдо кардани дониши назариявии рамзишуда барои татбиқи инноватсияҳои технологӣ; ба муҳимтарин омили таҳлили бонизом ва назарияи қабули қарорҳо табдил ёфтани «технологияи зеҳнӣ» [1].

Ба вуҷуд омадани мафҳуми «технологияи зеҳнӣ» дар замони муосир ин тақвият бахшидани мафҳумҳои дигари умумибашарие ба монанди «ҷаҳонишавӣ» мебошад, ки ба тамоми инсоният дар мисоли маҳалли сукунати онҳо, яъне давлату кишварҳои алоҳидаи мавҷуда дахл дорад ва аз ин ҷост, ки бунёдгузорони мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» Э.Тоффлер ва Д.Белл ҳам ба ин ақидаанд, ҳомиёну намояндагони давлатҳои миллӣ бояд донанд, ки замони онҳо бо фарорасии «мавҷи дуюми тамаддун», яъне давраи саноатӣ ба охир мерасад, зеро ки баъди давраи саноатӣ замони пасосаноатӣ оғоз меёбад. Ба ибораи Э. Тоффлер, давраи пасосаноатӣ ё ин ки иттилоотӣ арзишҳои куҳнаи ниҳодиро ба арзишҳои наве иваз мекунад, ки ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир мебошанд. Ба ақидаи ӯ, баробари тағйирёбии мавҷҳои тамаддун шаклҳои назорати иҷтимоӣ низ дигар мешаванд. Агар дар «мавҷи якуми тамаддун», яъне ҷомеаҳои тосаноатӣ (кишоварзӣ) назорати иҷтимоӣ дар шакли зӯрӣ (қувва) ба амал бароварда шавад, он гоҳ дар «мавҷи дуюми тамаддун», яъне ҷомеаҳои саноатӣ ин назоратро сарват, дорої иваз мекунад. Танҳо дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳокимият зӯрию сарватро ба шакли сифатан нав – дониш ва иттилоот иваз мекунад. Дар натиҷа дониш ҳамчун арзиши олӣ ва моли асосӣ ба заминаи бунёди сохтори инноватсионии ҷомеа табдил меёбад [4].

«Ҷомеаи иттилоотӣ» ҳарчанд ҳамчун мафҳуми мушаххас аз ҷониби пешниҳодкунандагонаш шарҳу тавзеҳ ёфтааст, аммо он дар илми ҷомеашиносии кишварҳои алоҳида ба таври гуногун фаҳмида мешавад. Дар Тоҷикистон ҳам доир ба пайдоиш ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ назарҳои мухталиф вуҷуд доранд. Ҷомеашиноси тоҷик, профессор С.Ҷононов дар ин бобат менависад: «боиси қаноатмандист, ки солҳои охир олимони тоҷик масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷумҳуриро дар партави раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор додаанд. Вале боиси афсӯс аст, ки дар аксари ин корҳои илмӣ назари асосгузорони назарияи ҷомеаи иттиллотӣ Э. Тоффлер ва Д. Белл нодида гирифта шуда, муаллифон ба он ақидаанд, ки гӯё дар Тоҷикистон ҷомеаи иттилоотӣ кайҳо боз ташаккул ёфта, фаъолият менамояд. Ҳоло он ки ҷомеаи Тоҷикистон дар марҳилаи омодагӣ барои гузариш аз ҷомеаи кишоварзию саноатӣ ба ҷомеаи саноатию кишоварзӣ қарор дорад. Ғайр аз ин, дар бархе аз асарҳои таҳқиқотӣ ба хонанда андешаҳое пешкаш мегарданд, ки аз воқеият хеле дуранд. Масалан, муҳаққиқ Нодирхонов Г.Г. дар

рисолаи номзадии худ навиштааст, ки «... ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон бо тамоми зуҳуроташ як раванди ногузири объективӣ барои ташаккули шахсият мебошад». Дар ҳамин саҳифаи кори худ дар такя ба ақидаи С.Р. Ишанова таъкид менамояд, ки «... ҷомеаи Тоҷикистони муосир дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои нисбатан инкишофёфта, ба монанди Чин, Ҷопон, Сингапур ва ғайра, ки тавонистанд, бидуни сохтори агросаноатӣ ба марҳилаи ҷомеаи иттилоотӣ гузаранд, метавонад бар асоси ҳувияти худ пурра аз марҳилаи агросаноатӣ ба ҷомеаи муосири иттилоотӣ, ки мувофиқи стандарти ҷаҳонӣ аст, гузарад» [6].

Профессор С. Ҷононов менависад, «вобаста ба ин як нуктаро таъкид кардан зарур аст, ки асоси ҷомеаи иттилоотиро ду сарват – дониш ва иттилоот ташкил медиҳад. Онҳо ҳамчунин қувваи асосии истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва идоракунии ҷомеа мебошанд. Ҷомеаҳое, ки дар ҳоли рушд қарор доранд, онҳо сараввал бояд ба марҳилаи саноатӣ ва баъдан ба давраи иттилоотӣ гузаранд». Дар идомаи андешаҳояш вақте афкори муҳаққиқ Нодирхоновро дур аз воқеият мешуморад, аз таҳлилҳои академик Р.К. Раҳимов мисол меорад, ки ӯ нишондодҳои асосии рушди инсониро дар ҷумҳурӣ таҳлил намуда, навишта аст: «Бо сабаби ҷузъи асосии андӯхтани сармояи инсонӣ будани таҳсилот баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ҳамчун самти муҳимтарини маблағгузории рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад... Ба хулосае омадан мумкин аст, ки Тоҷикистон имрӯз ба гирдоби ҷомеаи иттилоотӣ кашида шудааст ва барои гузариш ба он бояд пеш аз ҳама заминаи хуби техникию технологӣ, дастгоҳҳои пешқадами иттилоотию коммуникативӣ ва мутахассисони варзидаи соҳаро фароҳам оварад. Сатҳи имрӯзаи иқтидори таҳсилотӣ ва иттилоотӣ барои гузаштан ба ҷомеаи иттилоотӣ имкон намедиҳад» [6].

Имрӯз баланд бардоштани нақши сармояи инсонӣ, алалхусус, иқтидори таҳсилотии инсон ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат қарор дода шудааст. Ба назари профессор С. Ҷононов, ҳарчанд ҳувият ва нангу номуси миллӣ яке аз муҳимтарин омилҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеаҳои мухталиф ба ҳисоб меравад, аммо ин ақида, ки кишварҳои минтақаи ҷанубу шарқӣ ба туфайли ҳувияти миллӣ марҳилаи аграриро пушти сар карда, ба давраи иттилоотӣ гузаштаанд, асоси илмӣ надорад, зеро таҷрибаи ба сатҳи ҷомеаи иттилоотӣ расидани онҳо нишон медиҳад, кишварҳои мазкур дар баробари ҳувияти баланди миллӣ доштан, ба ҳама мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва молиявию техникӣ нигоҳ накарда, техникаю технологияҳои пешқадами мамолики ғарбро харидорӣ карда, фаъолияти онҳоро дар пояи арзишҳои ахлоқию фарҳангии миллати худ ба роҳ монданд ва сабаби асосии ба чунин сатҳи баланди рушд расидани онҳо низ дар ҳамин аст.

Ҳамин тариқ, - менависад ӯ, - агар андешаи Э. Тоффлер ва Д. Беллро ба инобат гирем, пас метавон гуфт, ки имрӯз Тоҷикистон дар байни сатҳи якум ва дуюм, яъне аграрию саноатӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, бо вуҷуди ба фазои миллӣ роҳ ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои фаромиллӣ сабаби ҷой доштани баъзе аломатҳою унсурҳои ҷомеаи иттилоотӣ шуда бошад ҳам, дар бораи ҷомеаи иттилоотӣ будани Тоҷикистон сухан гуфтан хилофи воқеияти ҳол аст. Кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати аз пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои авомӣ ҳифз намудани фазои фарҳангии кишвар яке аз иқдомҳои ҷиддиест, ки элитаи сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ барои ба даст овардани ин ҳадаф ҷаҳд карда истодааст [6].

Ба назари фарҳангшинос Н. Назариён, тараққиёти ҷомеаи иттилоотӣ як падидаи мусбат мебошад, аммо дар баробари ин агар механизми рушди фарҳанг ба инобат гирифта нашавад, метавонад паёмадҳои фоҷеаборро барои як миллат дар пай дошта бошад. Аниқтараш унсурҳои фарҳанг бояд тавассути технология такмил ва ба талаботи ҷомеаи мудерн мутобиқ сохта шавад. Дар ин замина таъмин намудани рушди мунтазами фарҳанг дар ҷомеаи итттилотӣ хеле муҳим мебошад. Имрӯз зери таъсири ҷаҳонишавӣ ҷомеаи иттилоотӣ шакл мегирад ва ҷомеаи инсониро ба марҳилаи нави рушд ворид месозад. Ҷомеаи иттилоотӣ бо ташаккули худ ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ миёни миллату давлатҳоро ривоҷ дода, ба паҳн гаштани мавҷи ҷаҳонишавӣ боис мегардад. Ин ду падида ба ҳам таъсири амиқи мусбат доранд. Дар замони муосир истифода аз технологияи иттилоотии комуникатсионӣ шарти

зарурӣ баҳри беҳтару осон амалӣ намудани фаъолиятҳои махсуси давлатӣ ва ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад [5].

Моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ низ дар раванди рушди технология ва корбурди онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ҷиҳати мубодилаи донишу иттилоот ва ба роҳ мондани як қатор кору хизматрасонӣ тавассути он зоҳир мегардад.

Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба рушди технология дар соҳаи саноату истеҳсолот вобаста буда, дар навбати худ фарҳангу тамаддуни инсониро аз як марҳилаи рушд ба марҳилаи дигар раҳнамун месозад. Тавре зикр шуд, дар ҷомеаи иттилоотӣ асоси пешравӣ илму дониш ва иттилоот маҳсуб мегардад, ки моҳияти он ҳам дар ҳамин мафҳумҳо ифода меёбад.

Воқеан ҳам, дар ин марҳилаҳо на танҳо тамаддуни инсонӣ рушд намуд, балки дар ҳаёти инсоният таҳаввулоти ҷиддиро ба вуҷуд овард ва ин таҳаввулот боиси аз байн рафтани баъзе арзишҳо ва пайдоиши арзишҳои нав гардид.

Ин ҷараён боз ҳам идома дорад, зеро ҷомеаи иттилоотӣ дар раванди рушди бомароми худ аст ва ҳамин тавр, фаъолияти рӯзноманигорӣ дар ин ҷомеа дар меҳвар қарор мегирад, зеро минбари пешниҳоди иттилоот ва муаррифии донишу истеъдоду тавонмандиҳост, аз ин рӯ, ҷомеа ба ин навъи фаъолият таъсири бевосита мерасонад ва интизориҳо ҳам аз воситаҳои ахбори омма бештар мегардад. Чунин шароит масъулияти журналистонро боз ҳам бештар мегардонад ва муҳимтар будани муносибати ҷиддӣ бо принсипҳои касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиву ахлоқи касбӣ таъкид месозад.

Дар воқеъ, воситаҳои ахбори омма дар баробари принсипҳои аслие, ки бар пояи онҳо асос ёфтаанд, ҳангоми фаъолият ба нишондоди дигаре ҳам ниёзманданд, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Ин меъёрҳо аз як ҷониб агар чун тафсири принсипҳои касбӣ шинохта шаванд, ҳамзамон, аз тарафи дигар, ба устувории онҳо мусоидат мекунанд.

Ин андеша ҳам ҳаққи мавҷудият дорад, ки вақте принсипҳои касбӣ моҳияти фаъолияти журналистиро ошкор сохта, дақиқ муайян кардаанд, ки журналист кист ва чӣ корҳоро бояд анҷом диҳад, ҳоҷати дар шакли дигар такрор намудани онҳо дар мисоли меъёрҳои ахлоқӣ нест. Мухолифони мавҷудияти меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика зиёдтар рафта, ҳатто ин андешаро ҳам иброз медоранд, ки онҳо (меъёрҳои ахлоқӣ) ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои журналист равона шудаанд.

Аммо таҷрибаи муносибат бо ин зуҳурот – тавоҷҷуҳи хос ба меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика дар мисоли журналистикаи тоҷик – қабули санаде бо номи меъёрҳои ахлоқӣ ва раванди он дар таҷрибаи наздик ба 15 солаи худ ҳолатҳоеро ҳам шоҳид аст, ки нуктаи назари баъзе мухолифон дар ҷараёни баррасии меъёрҳо ва ташкили созмони алоҳидаи нозири сатҳи риояи одоби касбӣ дар расонаҳо тағйир ёфт. Яъне, зарурати ногузири ҷомеаи муосир будани онҳо дарк гардида, дар ҷомеаи журналистӣ муҳим будани мавҷудияти меъёрҳои ахлоқӣ ва зарурати рӯзмарраи риояи онҳо чун рукни фаъолият қабул гардидааст.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ бо хислати қонуние, ки доранд, бо ҳадафи танзими фаъолият муайян карда мешаванд. Хотиррасон шудан ба маврид аст, ки шеваи пазироии меъёрҳои ҳуқуқӣ – дар ин ё он шакл инъикос ёфтани онҳо дар муқаррароти қонунҳо боиси баҳс шуда метавонанд, ки ин ҳол ҳам як падидаи хоси ҷомеаи демократӣ буда, раванди табиӣ аст ва аслан, ба моҳияти аслии мавҷуд будани меъёрҳои ҳуқуқӣ мухолиф нест, яъне, ин айният аст, ки дар ҷомеаи журналистӣ мавҷуд будани муқаррароти қонунии танзимкунандаи фаъолият ҳамаҷониба эътироф мешавад.

Тавре зикраш рафт, дар ҷомеаи иттилоотӣ рушди технология аз унсурҳои муҳимтарин ба шумор меравад, ки маҳсули донишу тафаккури инсонӣ аст. Аз ин рӯ, чунин рушд барои ба вуҷуд омадани воситаҳои дастраскунандаи донишу афкору иттилоот мусоидат кардааст, ки интернет намунаи возеҳтарин аст.

Вобаста ба фаъолияти журналистӣ, ба вуҷуд омадани шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва арзи ҳастӣ кардани мафҳуме бо номи интернет-журналистика барои бознигарии фаъолияти журналистӣ ва таваҷҷуҳ барои ба чунин шароит мувофиқ гардонидани он замина фароҳам сохт, ки журналистикаи тоҷик ҳам ба ин раванд ворид гардидааст. «Дар замони

муосир, дар ҷомеаҳои демократӣ яке аз рукнҳои аслии фаъолияти журналистӣ кафолати озодии сухан ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои фитрии инсон ба шумор меравад, зеро мавқеи бузурги матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ҳамчун омилҳои амаликунандаи ҳадафҳои ҷомеаи демократӣ эътироф карда мешавад» [3, с. 124].

Аз нигоҳи аввал, чунин ба назар мерасад, ки ба вуҷуд омадани шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ ба он мусоидат кардааст, ки дилхоҳ нафар метавонад пешниҳодкунандаи иттилоъ бошад ва бештари маврид ҳамин тавр ҳам ҳаст. Яъне, як андоза мафҳуми хоси «журналист» - ро ба дилхоҳ нафар нисбат додан мумкин аст, зеро вазифаи аслии журналистика – пешниҳоди иттилоъро иҷро карда истодааст.

Вале муносибати касбӣ бо ин шароит ҳолати баръаксро нишон медиҳад: ба вуҷуд омадани чунин имкон мафҳуми «журналист» - ро хостар гардонидааст, зеро иттилооти шабакаҳои иҷтимоӣ ба муҳимтарин талаботи касбӣ – иттилои саҳеҳу дуруст посух гуфта наметавонанд, зеро сарчашма ва пешниҳодкунандаи мушаххас надоранд, ки ин омил дурустии иттилоъро комилан зери шубҳа мебарад.

Ин ҷо мафҳуми калидии журналистика – эътимод ба миён меояд, ки дар чунин иттилоот касе ба мавҷуд будани он кафолат дода наметавонад, аз ин рӯ, чунин тасаввурот, ки журналистика ҳамчун касб моҳиятан дуюмдараҷа гардид, нодуруст буда, баръакс махсусияти онро бештар гардонидааст, зеро касби (ба даст овардани) эътимоди аудитория асоси кори журналистон буду ҳаст, ки шароити муосир аҳаммиятнокии онро дучанд гардонидааст.

Ба назари мо, чунин шароит аҳаммиятнокии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро таъкид менамояд, зеро маҳз тавассути риояи меъёрҳои ахлоқӣ метавон муваффақ буд, зеро имрӯз фаврият дар пешниҳоди иттилоъ чандон муҳим нест, балки эътимод ба он муҳимтар аст. Таҷрибаи чандинсолаи журналистика инро собит намудааст, ки аудитория акнун ба иттилои дурусту саҳеҳ ниёз дорад, он иттилое, ки фавран паҳн мешавад, вале касе дурустии онро кафолат дода наметавонад, дархӯри аудитория нест, аз ин рӯ, ин ҳолат ба майдон омадани журналистикаи боэътимодро тақозо дорад ва ин вазъият эътибори журналистика ва журналистро боло мебарад. Барои болотар рафтани ин эътибор ва нигоҳ дошта тавонистани он риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва ҳуқуқии соҳавӣ хеле муҳим аст.

Дар робита ба ин, як нуктаи дигар ҳам шоистаи зикр аст, ки имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ фаъолнокии аудиторияро ба вуҷуд овардааст, ки ин ҳам масъулияти журналистонро афзунтар мегардонад. Яъне, вокуниши аудитория ба матолиби журналистон, махсусан, аз нигоҳи ахлоқӣ зиёд ба назар мерасад, ки ин ҳолат муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷомеа ва ҳамчунин, зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбиро аз ҷониби журналистон таъкид менамояд. Ду намунаи охир аз матолиби радиои «Озодӣ» дар робита ба сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ гардидани ҳунарманди маҳбуб Далер Назаров ва баргузории маҳфили Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор дар маркази фарҳангии Бохтар гувоҳи он аст, ки аудиторияи фаъол ба риоя нагардидани ҷанбаҳои нозуки ахлоқӣ ҳассос аст ва ба он фавран вокуниш карда, ба ҳамин васила мавқеи худро нишон медиҳад ва журналистонро водор месозад, ки ба масъалаҳои принсипҳо ва ахлоқи касбии худ муносибати хосса зоҳир намуда, ҳангоми таҳияи гузориш ва матолиб онҳоро дақиқан риоя намоянд.

Адабиёт:

1. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. — Москва: Академия, 1999
2. Воронина Т. П. Информационное общество: сущность, черты, проблемы. - М., 1995
3. Гулов С. Н., Хушдил Р. Зарурат ва аҳамияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ “Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи воситаҳои ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир”. – Кӯлоб, 2025. – 193 с.
4. Тоффлер, Э. Третья волна = The Third Wave, 1980. - М.: АСТ, 2010

5. Назариён Н. Ҷомеаи иттилоотӣ ва буҳрони фарҳангӣ. Манбаи электронӣ: https://farazh.tj/sahifai-asosy/farhang/omeai-ittilooty-va-buhrony-farhangy/

6. Ҷононов С. Ҷомеаи иттилоотӣ ва масоили ҳифзи худшиносии миллӣ. Манбаи электронӣ: https://amit.tj/tj/chomeai-ittilooti-va-masoili-khifzi-khudshinosii-milli

МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИВУ ҲУҚУҚИИ ЖУРНАЛИСТИКА ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

Дар ин мақола муаллифон вобаста ба яке аз мафҳумҳои нави замони муосир – ҷомеаи иттилоотӣ, мафҳум, моҳият ва вуҷуди он изҳори назар карда, асосан андешаҳои муҳаққиқонро ба таври муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор дода, аввалан, дар маҷмуъ, доир ба моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ маълумот медиҳанд ва баъдан, махсусиятҳои ин навъи ҷомеаро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намудаанд.

Ба назари онҳо, ҷомеаи иттилоотӣ дар журналистика низ талаботи хоси худро дорад ва дар чунин шароит аҳаммиятнокии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро бештар маълум мегардад, зеро маҳз тавассути риояи меъёрҳои ахлоқӣ метавон муваффақ буд, зеро имрӯз фаврият дар пешниҳоди иттилоъ чандон муҳим нест, балки эътимод ба он муҳимтар аст.

Муаллифон менависанд, таҷрибаи чандинсолаи журналистика инро собит намудааст, ки аудитория акнун ба иттилои дурусту саҳеҳ ниёз дорад, он иттилое, ки фавран паҳн мешавад, вале касе дурустии онро кафолат дода наметавонад, дархӯри аудитория нест, аз ин рӯ, ин ҳолат ба майдон омадани журналистикаи боэътимодро тақозо дорад ва ин вазъият эътибори журналистика ва журналистро боло мебарад. Онҳо таъкид менамоянд, ки дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ барои болотар рафтани эътибори касбии журналистон ва нигоҳ дошта тавонистани он риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва ҳуқуқии соҳавӣ хеле муҳим мебошанд.

Калидвожаҳо: ҷомеаи иттилоотӣ, этикаи касбӣ, ахлоқ, иттилоъ, интернет, меъёрҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти касбӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ

ЭТИЧЕСКИЕ И ПРАВОВЫЕ СТАНДАРТЫ ЖУРНАЛИСТИКИ В ИНФОРМАЦИОННОМ ОБЩЕСТВЕ

В данной статье авторы высказывают свои взгляды на одно из новых понятий современности - информационное общество, его понятие, сущность и существование, в основном рассматривая мнения исследователей в сравнительном порядке, сначала в общем, предоставляя информацию о сущности информационного общества, а затем, исследуя специфику этого типа общества в условиях Республики Таджикистан. По их мнению, информационное общество также имеет свои специфические требования в журналистике, и в таких условиях становится более очевидной важность этических и правовых норм, ведь именно через соблюдение этических норм можно добиться успеха, ведь сегодня не так важна скорость предоставления информации, а важнее доверие к ней.

Авторы пишут, что многолетний опыт работы в журналистике доказал, что аудитория сейчас нуждается в точной и достоверной информации, та информация, которая распространяется немедленно, но никто не может гарантировать ее точность, не удовлетворяет аудиторию, поэтому такая ситуация требует появления надежной журналистики, и такая ситуация повышает престиж журналистики и журналистов. Они подчеркивают, что в контексте информационного общества соблюдение профессиональных этических и правовых стандартов имеет решающее значение для журналистов в целях укрепления и поддержания их профессиональной репутации.

Ключевые слова: информационное общество, профессиональная этика, этика, информация, интернет, правовые нормы, профессиональная деятельность, социальные сети

ETHICAL AND LEGAL STANDARDS OF JOURNALISM IN THE INFORMATION SOCIETY

In this article, the authors express their views on one of the new concepts of our time - the information society, its concept, essence and existence, mainly considering the opinions of researchers in a comparative order, first in general, providing information on the essence of the information society, and then exploring the specifics of this type of society in the conditions of the Republic of Tajikistan. In their opinion, the information society also has its own specific requirements in journalism, and in such conditions the importance of ethical and legal standards becomes more obvious, because it is through compliance with ethical standards that one can achieve success, because today the speed of providing information is not so important, but trust in it is more important.

The authors write that many years of experience in journalism have proven that the audience now needs accurate and reliable information, the information that is distributed immediately, but no one can guarantee its accuracy, does not satisfy the audience, so this situation requires the emergence of reliable journalism, and this situation increases the prestige of journalism and journalists. They stress that, in the context of the information society, compliance with professional ethical and legal standards is of crucial importance for journalists in order to strengthen and maintain their professional reputation.

Keywords: information society, professional ethics, ethics, information, Internet, legal norms, professional activity, social network

Маълумот дар бораи муаллифон: Гулов Сангин Нурович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгохи миллии Точикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: gulsang@mail.ru Телефон: (+992) 93-567-60-35.

Хушдил Раҳимҷон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Тел.: **(+992) 93-489-26-56**

Сведения об авторах: Гулов Сангин Нурович, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: gulsang@mail.ru Телефон: (+992) 93-567-60-35.

Хушдил Рахимджон, кандидат филологических наук, докторант кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: khushdil_09@list.ru. Тел.: (+992) 93-489-26-56

Information about the authors: **Gulov Sangin Nurovich,** Candidate of Phylology, Associate professor, Head of TV and Radio broadcasting Department of Tajikistan National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave, Postal Code: 17. Contacts: E-mail: gulsang@mail.ru Tel.: (+992) 93-567-60 -35.

Khushdil Rahimjon, candidate of philological sciences doctoral in the TV and Radio departament of the faculty of journalism Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. Tel.: (+992) 93-489-26-56. E-mail: khushdil_09@list.ru

ТДУ: 629(075.8)
ТКБ: 39.311(2-тоҷ)
К-98

ФИДОИИ ОБУ ХОКИ ВАТАН
(тақриз ба китоби Ш. Мӯсо. Ҷонам фидои Роғун. – Душанбе, 2023. – 112с.)

Кучарова Н.А., н.и.ф., докторанти кафедраи матбуот
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,
То бад-он базми касон афрӯзӣ.

Имрӯзҳо дар кишварамон Тоҷикистони азиз сохтани сохтмонҳои азим бештар ба назар мерасад. Ва ин сохтмонҳо адибон, публитсистон, нависандагон ва умуман, аҳли зиёи мамлакатро низ бетараф монда наметавонанд. Чанд соли охир бунёди сохтмонҳои азим дар осори як қатор адибони публитсист аз ҷумла, асарҳои Бахтиёри Муртазо, Шералӣ Мӯсо, Раҷабалӣ Аҳмад, Нозир Ёдгорӣ аз мавзуъҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Шералӣ Мӯсо аз нависандагон ва публитсистони маъруфи тоҷик ба шумор меравад. Фаъолияти адабӣ ва публитсистии адиб тавассути маҷмуаҳои зиёде аз қабили «Боғи падар» (1986), «Қадр ва ҷазо» (1990), «Нек ва бад» (1995), «Дурбин» (1998), «Осоиш» (2003), «Ошёни уқобон» (2010), «Қиссаи баҳорӣ» (2011), «Чеҳраи модар» (2012), «Мардистон» (2013), «Ситам» (2013), «Президенти мо» (2014) «Саодати рӯ ба гардун» (2015), «Достони Роғун» (2015), «Ҷасорат» (2016), «Маҷмааи ифтихор» (2017), «Вақти гусели себ» (2022), мунтазам дастраси хонанда гардида, ин адиби пуркор заҳматкаш барои китоби «Ошёни уқобон» ба ҷоизаи ба номи Садриддин Айнӣ сазовор шудааст.

Оид ба фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар китоби «Адибони Тоҷикистон» омадааст: «Ба адабиёт аз роҳи хос – аз истеҳсолот ворид гардида, дар ин ҷода қалами нависандагӣ ва сабку салиқаи эҷодиро ҳамвора сайқал додаст ва ба табъу нашри силсилақиссаҳои ҳуҷҷатию бадеӣ, мақолаҳои рӯзмарраи публитсистӣ ва ҳикояву танзиёти ҳадафрас худро ба алоқамандони сухани бадеӣ муаррифӣ карда тавонистааст». [5, с. 147-148]

Осори публитсистии Шералӣ Мӯсо таваҷҷуҳи олимони соҳаи публитсистикаро ба худ ҷалб кардааст. Дар тақризи муфассали профессор Мурод Муродӣ – «Илҳом аз бунёдкориҳо» китоби «Мардистон»-и Шералӣ Мӯсо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Мунаққид оид ба услуби хоси нигорандагии адиб мефармояд: «Дар баёни мавзуъ ва тасвири матлаб нигоранда (Шералӣ Мӯсо – Н.К.) асосан аз усули нақл андар нақл кор мегирад. Дар ин ҷода ӯ нисбатан озод аст, аз ҷузъиёти гуногун, нақл, ривоят, панд, ҳикмат, тасвир, ҳуҷҷат, факт, рақам ва ғайра истифода мебарад. Ин усул ба ӯ имкон додаст, ки аз як тараф, рангорангии тасвирро таъмин намояд, аз сӯи дигар, қаҳрамонро ба таври табиӣ ба хонанда муаррифӣ созад, хислатҳои ҳамидаи онҳоро нишон диҳад». [4, с.13]

Чунин усули баёни марғубу дилкаши ҳодисаву воқеаҳо, табиати зебои диёр ва зиндагии иҷтимоии қишрҳои гуногуни ҷомеа дар асари «Ҷонам фидои Роғун» (2023) басо равшан ба назар мерасад. Китоб ба қисматҳо ҷудо намешавад, вале баёни фикру андешаи муаллиф бандубасти асарро ба танзим медарорад. Ин ҳолат эътибори хонандаро ба мундариҷаи асар афзун мегардонад.

Қаҳрамони марказии асар Укуматшо Ширинбеков собиқ сармуҳандиси НБО-и Роғун мебошад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки симои Укуматшо Ширинбековро чун мутахассиси чашмикордон ва хирадманду дурандеш равшану возеҳ таҷассум намояд. Барои ифодаи фикру андеша Шералӣ Мӯсо аз усули суҳбат истифода карда, аз ҷузъиёти зиндагӣ ва кору пайкори қаҳрамон хонандаро огоҳ намудааст. Бояд гуфт, ки дар тарбия ва ҳамчун шахси баруманд ба воя расидани Укуматшо нақши падару модар зиёд ба чашм мерасад. Дар солҳои сангини зиндагӣ волидайн барои босавод кардани писари худ шароит фароҳам оварда,

пайваста таъкид мекарданд, ки: «Бихон, писарам!» Укуматшо баъди хатми мактаб аз деҳаи дурдасти Шуҷанд, ки дар ВМКБ ҷойгир аст ба шаҳри Душанбе барои хондан меояд ва Донишкадаи кишоварзиро хатм карда, чун мутахассиси варзида то охири умр кору фаъолият мекунад.

Муаллифи очерк ба қаҳрамони худ таваҷҷуҳи зиёд дорад ва дар асар ӯ ҳанӯз аз айёми кӯдакӣ чун шахси соҳиби иродаи қавӣ ва дорои мустақилият ва завқу салиқаи фардӣ ба қалам дода шудааст. Укуматшо Ширинбеков дар деҳа ба муҳандиси русе, ки Портянка ном дошта, дар ҳамсоягиашон зиндагӣ мекард, шинос шуда, ба касби ӯ дил мебандад ва ба Душанбе омада, ба шуъбаи гидромелиоратсияи омӯзишгоҳи политехникӣ дохил мешавад. Баъди хатм пешниҳоди роҳбарияти муассисаро оид ба пазируфтани пешаи устоди омӯзишгоҳ қабул накарда мегӯяд: «Мехоҳам ба пешаи дӯстдоштаам дар истеҳсолот заҳмат кашида, дар ободу зебо гардондани кишварам саҳм гузорам». Ӯ мувофиқи ҳикмати падар, ки «Аз қадимулайём падару модарон фарзандони худро дар руҳияи муқаддас нигоҳ доштани об тарбия менамуданд. Бо об туф андохтан ва партофтани ахлоту дигар нопокиҳо қатъиян мамнуъ буд, обро муқаддас меҳисобанд» [8, с. 29] мегуфт, фаъолияти худро оғоз намудааст.

Чунин ба мушоҳида мерасад, ки Ш. Мӯсо барои пурқувват ва ҷаззоб баромадани асарҳои худ аксаран ба инсонҳои самимӣ, қавиирода ва дӯстдори истеҳсолот муроҷиат мекунад. Ин гуна инсони қавиирода ва душворписандро дар очерки «Қатра най, дарёӣ» аз китоби «Президенти мо» низ мушоҳида карданд мумкин аст.

Қаҳрамони асосии очерки мазкур директори Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Чанок, Қодир Саидов мебошанд.

Шералӣ Мӯсо дар бораи Қодир Саидов маълумот дода, хонандаро аз меҳри беандозаи ӯ ба касби сохтмончигӣ огоҳ мекунад. Нависанда чунин менигорад: «Боре онҳоро (Саидов Қодир ва ҳамсинфонашро – К. Н.) аз деҳ ба шаҳри Душанбе тамошо оварданд. Ӯ бо тамоми қувва мекӯшид иморатҳоро тамошо кунад. Махсусан, ба ӯ бинои Комитети Марказӣ маъқул шуда буд.

-Дар ин ҷо кӣ кор мекунад?

-Дар ин ҷо роҳбарони аз ҳама калони мо кор мекунанд.

-Ин биноро онҳо сохтанд?...

-Аз рӯи шунидам, немисҳо сохтанд.

-Немисҳо? Барои чӣ немисҳо?

-Мегӯянд, ки онҳо мутахассиси хубе ҳастанд.

-Чӣ, мо мутахассис надорем?

-Дорем, вале ба онҳо намерасанд». [7, с. 67]

Ана аз ҳамон рӯз меҳри сохтмончигӣ дар дили қаҳрамони очерк ҷо мегирад ва берун аз Тоҷикистон таҳсил карда, дар гапаш устувор меистад. Мехоҳад, ки иморатҳоро дар Ватанаш дигар халқҳо не, балки тоҷикон созанд.

Дар бораи жанри такриз профессор М. Муродӣ дар китоби «Асосҳои эҷоди журналистӣ» чунин мегӯяд: «Дар такриз одатан як ва ё ду асар, ки ба ҳамдигар алоқамандӣ доранд, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор мегиранд. Такризи публитсистӣ як навъ тавсифи асари баррасишаванда аст. Муқарриз дар бораи мазмуну мундариҷа, мавзуву ғоя, масъалаву муаммоҳои тасвир, таҳқиқ, муҳокима, муносибат, забон, сабку услуб воситаҳои тасвир ва дигар паҳлуву ҷанбаҳои асар маълумот дода, тариқи таҳлилу тадқиқ ҳусну қубҳи онҳоро муайян мекунад… муайян намудани мавқеи асари такризшаванда дар низоми эҷодии муаллиф ё муқоисаи он бо дигар асарҳои дар ҳамин мавзуъ интишоршуда». [2, с. 137-138]

Агар аз ҳамин назар ба китоби «Ҷонам фидои Роғун» наздик шавем, мебинем, ки муаллиф дар тасвири зиндагиномаи қаҳрамони асосии асар маҳорати баланд дорад ва ӯро дар замону макони муайян зина ба зина тасвир намуда, хонандаро ба нофаҳмӣ ва душворӣ намебарад. То ба НБО-и Роғун омадан Укуматшо Ширинбеков дар чанд ҷойи дигар - дар неругоҳҳои барқии обии Шуҷанд, Ванҷ, Хоруғ, Ишкошим, Помир – 1, нақби Данғара фаъолият намуда, таҷрибаи зиёди корӣ андӯхтааст. Аз соли 1979 ба НБО-и Роғун омада, чун муҳандис фаъолият мекунад ва то охири умр дилбастаи ин неругоҳи аср мемонад. Дар ин

давра ба бисёр душвориҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ мешавад ва дар ҳама ҳолат дар қавлу азми худ содиқ, қавӣ боқӣ мемонад, ҳамеша нисбати неругоҳи Роғун бо муҳаббат сухан меронад.

Ва ин меҳру муҳаббат дар тасвири нависанда бо тамоми возеҳӣ ифода ёфтааст, ба дараҷае ки қудсият ва маҳбубияти Ватан дар ниҳоди хонанда ҳувайдо мегардад. Укуматшо Ширинбеков онҷунон меҳр нисбати неругоҳи Роғун дорад, ки дар ҳама лаҳзаи зиндагӣ "Ҷонам фидои Роғун" гуфта, гӯё ташнагӣ мешиканад ва орзуи итмоми ин сохтмонро дорад ва ҳаёти худро пурра ба ин неругоҳ бахшидааст. Дар хобу бедориаш танҳо ба ёди Роғун аст. Душвории кор дар он буд, ки Укуматшоҳ Ширинбеков якбора дар неругоҳи Роғун ба роҳбарии раёсати манзили граждани ва комплекси № 2, ки пештар ба зиммаи мутахассисони варзидае чун Мушенко Юрий Иванович, Ашӯров Зиёратшо Исматович ва Кириленко Александр Петрович гузошта шуда буд, сафарбар гардид. Дар асар ҳолати равонии қаҳрамон дар ин вазифаи масъулиятнок ва муносибату муомилаи ӯ ба мутахассисону сохтмончиён боварибахшу воқеъбинона ифода ёфтааст. Таваҷҷуҳи роҳбари навро, пеш аз ҳама, шароити иҷтимоии коргарон ба худ ҷалб мекунад: «Ҳақгузории саривақтӣ ва ҳавасмандгардонии онҳоро (сохтмончиёнро – К. Н.) гарави пешравии кор меҳисобид. Дар натиҷа чандин бинокорон сазовори ордену медал, ифтихорнома ва инъомҳои пуливу молӣ шуданд». [8, с. 34]

Тайёр кардани мутахассисони ҷавон, хусусан ҷавонони маҳаллӣ обрӯ ва эътибори Укуматшоҳ Ширинбековро дар байни ҳайати бонуфузи сохтмончиён меафзояд, дар айни ҳол шахсияти ин марди наҷиб дар сохтмони Роғун ба дараҷот такмил меёбад.

Асар «Ҷонам фидои Роғун» ном гирифтааст. Ин сухани Укуматшо Ширинбеков мебошад, ки ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ ҷонашро дар хатар нагузошта, аз Роғун рафтанашро тақозо мекунанд, ӯ «Ҷонам фидои Роғун» гӯён истодагарӣ мекунад. Вале силоҳбадастон кори худро карданд ва Укуматшо маҷбур буд, ки Роғунро тарк кунад: «Мошин сӯи Бадахшон мерафту «дуди оҳ ба фалак мепечид». Укуматшо гиря мекард. Ашки талх аз чашмонаш мешорид». [8, с. 49]

Тасвири фироқи Роғун басо ҷонгудоз аст. Укуматшо Ширинбеков бо он неруи қавӣ ва иродаи матин бори фироқи Роғунро таҳаммул карда натавониста, бемори фишорбаландӣ мешавад ва баъди чанд соли дар зодгоҳ ба боғдорӣ ва подабонӣ машғул шудан ба Роғун – ба манбаи зиндагии худ бармегардад ва соли 2002 дар байни сохтмончиён ва лоиҳакашон сармуҳандиси барқ таъйин мегардад.

Бояд гуфт, ки адибон ва публитсистон, аз Ҷумла Шералӣ Мӯсо дар мавриди чеҳраофарии иҷтимоӣ ва тасвири қаҳрамонони ибратбахш таҷрибаи бою ғанӣ доранд. Чунин асарҳо дар публитсистика ва адабиёти тоҷик зиёд ба мушоҳида мерасанд ва вазифаи публитсистика муаррифии кору пайкори чунин қаҳрамонон аст. Ба ин маънӣ публитсист М. Муродӣ мегӯяд: «Публитсистикаи тоҷик бо тасвири лаҳзаҳои гуногун аз ҳаёти қаҳрамонони алоҳида, ки бо меҳнати софдилона байни хосу ом машҳур гардиданд, бисёр паҳлуҳои мураккаби инсони кору пайкорро баррасӣ намуда, тариқи мунозираву музокираҳо ва фикру андешаҳои шунавои худ ҳолатҳои равонӣ ва ҷаҳони ботинии онҳоро ошкор намуданд. Образҳои офаридаи онҳо тимсоли ҳақиқат буда, ба рушди камоли хислати инсони кор: деҳқон, хокпош, заминсоз, хирманкӯб ва дар умум инсони истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ, ки замона тақозо дошт, мусоидат кардааст». [1, с. 167]

Бояд гуфт, ки дар асари "Ҷонам фидои Роғун" чун муҳандиси гидромелиоратсия Портянка, ҳамсари Укуматшо – Ғайлон, шогирди қаҳрамони асосии асар Аламшо, Ҷӯрабек Нурмуҳаммад барин образҳои воқеӣ амал мекунанд, ки онҳо ба такмили образи асосӣ нигаронида шуда, боиси пурра гардидани мундариҷа ва муҳтавои асар гардидаанд. Ғайлон, чун бонуи вафодори хона, аз тарбияи фарзандон сар карда, тамоми ташвишҳои хонадонро ба зимма мегирад ва барои фаъолияти бунёдкоронаи шавҳар дар неругоҳҳои барқии обии мамлакат шароит муҳайё мекунад. Ҳангоми фишорбаландӣ «Ҷони ширин» гӯён ба табобати шавҳар машғул шуда, ӯро дилдорӣ ва руҳбаланд менамояд ва ғайра. Фазилатҳои Ғайлонро нависанда чунин ҷамъбаст менамояд: «Оре, Укуматшо азизтарин шахс аст ӯ (Ғайлон – К. Н.). ӯро бештар аз ҷонаш дӯст медорад. Хоре ба пояш халад, банди дилаш меларзад». [8, с. 64]

Агар хонанда ба Ғайлон бо муҳаббат таваҷҷуҳ намояд, пас ба Аламшо, ки қадри устодаш Укуматшоро надониста, ҳангоми ниёзмандӣ ӯро ба кӯчаи нокомӣ меандозад, бо нафрат менигарад ва аз ин тазодҳои зиндагӣ ибрат мегирад.

Шералӣ Мӯсо дар асар ба масъалаҳои дуюмдараҷаи зиндагӣ аҳаммият надода, бештар ба кушодани характер, хислат ва ҷаҳонбинию масъулиятшиносии қаҳрамони асосӣ таваҷҷуҳ менамояд ва ба ин восита нависанда доир ба фаъолияти онҳое, ки шабу рӯз дар пайи ободии Ватан, барои рушноӣ овардан ба ҳар як хонаи тоҷик заҳмат мекашанд, маълумот дода, ба хонанда таъкид мекунад, ки ба қадри ин мардони ҷонфидои Ватан расидан даркор аст. Асари мазкур хонандаро ба ҷӯши сохтмони Роғун бурда, водор мекунад, ки ба меҳнати офарандагони неъматҳои модӣ арҷ гузорад.

Дар мавриди очерк ва навъҳои он сухан ронда, профессори соҳаи журналистика И. Усмонов чунин андеша меронад: «Дар маркази очерки портретӣ образи шахс меистад. Муаллиф зимни шарҳи ҳол дар хусуси проблемаҳое ҳам сухан меронад, ки ба ҳаёти қаҳрамон дахл дорад…дар очерки портретӣ симои маънавии қаҳрамон ҳадафи муаллиф буда, масоили дигар вобаста ба он тасвир меёбад». [12, с. 360-361] Ин сифатҳои болозикрро дар симои қаҳрамони марказии асари «Ҷонам фидои Роғун» равшан дидан мумкин аст ва ҳамаи воқеаҳои тасвиршуда ба ҳаёти Укуматшо Ширинбеков дахл доранд. Қаҳрамони очерк дар ҳама ҳолат дар фикри сохтмони Роғун аст, ҳатто гуфтан мумкин аст, ки ин сохтмонро ба монанди фарзандаш дӯст медорад.

Адабиётшиноси зиндаёд Соҳиб Табаров мегӯяд: «Дар очерк ҳодисаҳои зиёди зиндагӣ ба таври муфассал ва мукаммал тасвир наёфта, балки ягон соҳаи муайяни он, ки нависанда бештар шоҳиду иштироккунандаи онҳост, бо хусусиятҳои гуногуни бадеӣ инъикос меёбад. Дар ин ҳолат воқеа бо хаёлоти бадеии нависанда пурра ва мукаммал кунонида мешавад». [10, с. 220]

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи асарҳои Шералӣ Мӯсо аз дигар адибони публитсист дар он аст, ки суханвар дар аксар маврид андешаҳои худ ё қаҳрамонҳояшро бо забони образнок ва порчаҳои шеърӣ пурратару таъсирбахштар мегардонад. Дар «Ҷонам фидои Роғун» ин амали нависанда тақвият ёфтааст. Масалан, Укуматшо бисёр мехоҳад, ки дар НБО-и Роғун фаъолият дошта бошад ва ин орзуро нависанда бо байти зерин тақвият бахшидааст:

Орзуро орзу мастур нест,
Орзуро ҷуз амал дастур нест.

Ё худ вазъияти нохуби Укуматшо Ширинбековро, ки дар ӯ аз пеш кардани шогирдаш аз НБО-и Помин-1 ба вуқуъ омада буд, нависанда чунин ба қалам додаст: «Комилан риштаи умедаш канда шуду бо руҳияи шикаста ва ҷигархун сӯйи зодгоҳаш роҳ гирифт. Қадам мезаду зери лабаш ин байт буд:

Диди оҳам ба фалак шуъла барафрӯхта буд,
Абр агар об намерехт, фалак сӯхта буд. [8, с. 62]

Ва ҳамаи ин порчаҳои шеърӣ ва суханҳои ҳикматнок дар ифодаи ғояи асосии асар саҳм гирифта, симои образҳо, аз ҷумла, Укуматшо Ширинбековро муҷассамтар месозанд.

Укуматшо шоҳиди ду маротиба баста шудани маҷроҳи дарёи Вахш барои сохтмони неругоҳи Роғун мебошад. Бори аввал 28 декабри соли 1987 ин кор ба вуқуъ пайваста буд. «Расо соати дувоздаҳ ба ҳаво мушак париду даҳҳо булдозер ва мошинҳои вазнинбор дар як вақт ба Вахш ҳуҷум карданд. Онҳо паиҳам ба маҷрои дарё сангу хоку шағал ва хораҳои бетонии вазнин мерехтанд. Ниҳоят оби саркаши Вахш мутеъ шуду ба нақб равон гардид. Ва ҳамин тавр 49 метри дарғот сохта шуд», - нақл мекунад Укуматшо. [8, с. 99]

Вале бар асари 8-9 май соли 1993 боридани борони сахту ба вуҷуд омадани туфони шадид сатҳи об якбора боло рафта дарғотро мешӯяд. Ҷанги шаҳрвандӣ таъсири бади худро ба сохтмони неругоҳи барқии обии Роғун ҳам расонида буд.

Бори дигар бастани дарёи Вахши саркаш 29 октябри соли 2016 бо ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуқуъ пайваст: «Пешвои миллат худ сари фармони булдозери зард

нишаста, пеши роҳи дарёи Вахшро бастанд ва маҷрои рӯд ба нақби муваққатӣ гардонда шуду сохтмони сарбанди 335-метра оғоз гардид». [8, с. 102]

Он рӯз хурсандии қаҳрамони асари «Ҷонам фидои Роғун» - Укуматшо Ширинбековро, чун тамоми сокинони Тоҷикистон, ҳадду канор набуд ва бо қувваи дучанд баҳри ба кор андохтани чархи аввали неругоҳ, ки соли 2018 ба нақша гирифта шуда буд, фаъолият менамуд. Вале марги нобаҳангом барои амалӣ гаштани охирин орзуи қаҳрамони асар имкон надод. Қалби ҳассоси ӯ як сол пеш аз ба кор андохтани чархи аввали неругоҳ – 30 январи соли 2017 аз тапидан боз монд. Ба қавли муаллиф «Оре, Укуматшо Ширинбеков ҷонашро барои Роғун фидо кард».

Умуман, асари публитсистии «Ҷонам фидои Роғун» ҷанбаи амиқи таърихӣ - иҷтимоӣ ва воқеӣ дорад, зеро дар он бунёдкориҳое, ки дар зарфи чанд сол дар НБО-и Роғун ба вуҷуд омадаанд, дар симои қаҳрамони асар ва фаъолияти бунёдкоронаи ӯ чун дар ойина акс ёфтаанд. Ин китоб дар тарбияи насли наврас таъсири амиқ дорад ва он дар руҳияи баланди ватандӯстию миллатдӯстӣ навишта шуда, хонандаро ба меҳнати софдилона ва муҳаббат доштан ба пешаи худ раҳнамоӣ мекунад.

Адабиёт:

1. Муродӣ М. Аз се шохаи як илм / М. Муродӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 232с.
2. Муродӣ М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродӣ. – Душанбе, 2014. – 255с.
3. Муродӣ М. “Мардистон”-и мардсито // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 2 сентябр.
4. Муродӣ М. Илҳом аз бунёдкориҳо //Адабиёт ва санъат. – 2014. – 6 ноябр
5. Мусо Ш. // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе: Адиб, 2014. – С. 147-148.
6. Мусо Ш. Мардистон / Ш. Мусо. – Душанбе: ЭР-Граф, 2021. – 368 с.
7. Мусо Ш. Президенти мо / Ш. Мусо. – Душанбе, 2014.
8. Мӯсо Ш. Ҷонам фидои Роғун / Ш. Мӯсо. –Душанбе, 2023. – 112с.
9. Муртазо Б. Нақби Истиқлол / Б. Муртазо. – Душанбе: Нашри Файз, 2020. – 400 с.
10. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 324с.
11. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2009.
12. Усмонов И. Журналистика (қисми 1) / И. Усмонов. – Душанбе: Империал-Групп, 2005. – 480с.

ФИДОИИ ОБУ ХОКИ ВАТАН

(тақриз ба китоби Ш. Мӯсо. Ҷонам фидои Роғун. – Душанбе, 2023. – 112с.)

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон Ҳукумати ҷумҳурӣ, махсусан Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба бунёди иншоотҳои бузург аҳаммияти хосса медиҳанд ва дар муддати зиёда аз сӣ соли истиқлол якчанд иншоотҳои бузург, аз қабили неругоҳҳои барқӣ-обӣ, сохта ба истифода дода шудаанд.

Ва ин бунёдкориҳо адибон, публитсистон, нависандагон ва умуман, аҳли зиёи мамлакатро бетараф монда наметавонад. Тайи чанд соли охир бунёди сохтмонҳои азим дар осори як қатор адибони публитсист аз ҷумла, Бахтиёри Муртазо, Раҷабалӣ Аҳмад, Нозир Ёдгорӣ ва дигарон аз мавзуъҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Шералӣ Мӯсо ба ин масъала диққати махсус дода, солҳои охир чандин асарҳои хурду калон ба табъ расондааст, ки китоби тозаэҷоди «Ҷонам фидои Роғун» намунаи он аст.

Қаҳрамони марказии асар Укуматшо Ширинбеков собиқ сармуҳандиси НБО-и Роғун мебошад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки симои Укуматшо Ширинбековро чун мутахассиси коргару кордон, хирадманду дурандеш равшану возеҳ таҷассум намояд. Барои ифодаи фикру андеша Шералӣ Мӯсо аз усули суҳбат истифода карда, аз ҷузъиёти зиндагӣ ва кору пайкори қаҳрамон хонандаро огоҳ намудааст.

Асари публитсистии «Ҷонам фидои Роғун» ҷанбаи амиқи таърихӣ, иҷтимоӣ ва воқеӣ дорад ва он бунёдкориҳое, ки дар зарфи чанд сол дар НБО-и Роғун ба вуҷуд омадаанд, дар

симои қаҳрамони асар ва чун дар ойина акс ёфтаанд. Ин китоб дар руҳияи баланди ватандӯстию миллатдӯстӣ навишта шуда, хонандаро ба меҳнати софдилона ва муҳаббат доштан ба пешаи худ раҳнамоӣ мекунад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Истиқлол, Роғун, неругоҳи барқӣ-обӣ, сохтмон, қаҳрамон, нависанда, асар, публитсистика, муҳандис, меҳнат, нақб, маҷро, Вахш.

ПРЕДАННЫЙ РОДНОЙ ЗЕМЛЕ

(рецензия на книгу Ш. Муса. «Ҷонам фидои Рогун». – Душанбе, 2023. – 112с.)

После обретения независимости Таджикистан, Правительство республики, особенно Лидер нации, Основатель мира и национального единства, Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон, уделяет особое внимание строительству крупных объектов, и за более чем тридцать лет независимости было построено и введено в эксплуатацию несколько крупных объектов, таких как гидроэлектростанции.

Эти строительные проекты не могут оставить равнодушными писателей, публицистов, авторов и вообще интеллектуалов страны. В последние годы создание крупных объектов стало одной из основных тем произведений ряда писателей и публицистов, включая Бахтиёра Муртазо, Раджабали Ахмада, Нозира Ёдгори и других.

Шерали Мусо уделил особое внимание этому вопросу и в последние годы выпустил несколько произведений, как больших, так и малых, среди которых примером является книга «Ҷонам фидои Роғун».

Центральный герой произведения Укуматшо Ширинбеков, бывший главный инженер Рогунской ГЭС. Автор постарался изобразить образ Укуматшо Ширинбекова как специалиста, трудолюбивого и мудрого человека. Для выражения мыслей Шерали Мусо использовал метод беседы, информируя читателя о деталях жизни и деятельности героя.

Публицистическое произведение «Ҷонам фидои Роғун» имеет глубокий исторический, социальный и реальный аспект, и те строительные достижения, которые были достигнуты на Рогунской ГЭС за несколько лет, как в зеркале отражаются в образе героя произведения,. Эта книга написана в духе высокой любви к родине и национальной дружбы, она направляет читателя к искреннему труду и любви к своему делу.

Ключевые слова: Таджикистан, независимость, Рогун, постройки, герой, писатель, произведение, публицистика, труд, инженер.

DEVOTED TO HIS NATIVE LAND

(review of the book by Sh. Musa. Yonam fidoi Rogun. – Dushanbe, 2023. – 112 p.)

After Tajikistan gained independence, the Government, especially the Leader of the Republic, the Founder of Peace and National Unity, the President of the country, the respected Emamali Rahmon, pays special attention to the construction of large objects, and for more than thirty years, independence has been built and put into management of several large objects, such as hydroelectric power station.

These construction projects cannot remain indifferent writers, publicists, authors and generally intellectuals of the country. In recent years, the creation of large objects has become one of the main topics, a number of writers and publicists have emerged, including Bakhtiyor Murtazo, Rajabali Akhmad, Nozir Yodgoriev and others.

Sherali Muso paid close attention to this issue and in recent years has come forward with the appearance of several, both large and small, among which the book "Chonam fidoi Rogun" is being created.

The central character of the work Ukumatsho Shirinbekov, former chief engineer of the Rogun hydroelectric power station. The author tried to portray the image of Ukumatsho Shirinbekov as a specialist, a hardworking and wise man with brilliance and a clear image. To express thoughts, Sherali Muso used the method of conversation, informing readers about the details of the life and work of the king.

The publicistic work "Jonam fidoi Rogun" has deep historical, social and real aspects, and the achievements that were achieved at the Rogun hydroelectric power station over several years are reflected in the image of the heroes of the works, as in a mirror. This book is written in the spirit of high love for the homeland and national friendship, it directs readers to sincere work and love for his business.

Key words: Tajikistan, independence, buildings, tunnels, roads, writer, work, journalism, work, century.

Маълумот дар бораи муаллиф: Кучарова Насиба Аламхоновна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи матбуоти факултети журналистика. Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рӯдакӣ 17,E-mail: **kucharova_nasiba@mail.ru.** Тел.: **(+992)988-49-80-80.**

Сведения обавторе:Кучарова Насиба Аламхоновна–Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры печати факультета журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, E-mail: **kucharova_nasiba@mail.ru**. Тел.: **(+992) 988-49-80-80.**

Information about the author:Kucharova Nasiba Alamhonovna –Tajik National University, candidate of philology, docent, department of print, faculty of journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, E-mail: **kucharova_nasiba@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-49-80-80.**

УДК: 050+084 (075.8)
Б-24

ИНТЕРПРЕТАЦИЯ АРХЕТИПИЧЕСКИХ ОБРАЗОВ В СОВРЕМЕННОЙ МАСС-МЕДИА КУЛЬТУРЕ КАК ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ СОЦИАЛЬНЫХ ДЕВИАЦИЙ

Муллоев Ш.Б., д.ф.н., профессор,
Российско – Таджикский (Славянский) Университет
Панков В.В., к.п.н., доцент
Кыргызско-Российский Славянский Университет
Балашова И.Г., ст. преп.
Кыргызско-Российский Славянский Университет

В академическом сообществе существует несколько подходов к пониманию медиатизации. Так, например, датский исследователь медиапространства С. Хъярвард [1] полагает, что медиатизация — это двусторонний социальный процесс, с помощью которого социум насыщается средствами массовой информации. При этом погружение человека в информационный поток дает толчок для воздействия на общественное сознание, формируя при этом социокультурные реалии.

Переход СМИ в интернет, стремительное развитие социальных сетей, развитие технологий связи порождает медиатизацию в сферах экономики, политики, культуры. Переход экономики в сферу интернет-пространства вынуждает современного человека к все более включенного участия в медиатизации реальности. Еще одним существенным фактором медиатизации стала пандемия коронавируса, когда большинство сфер жизни вынужденно перевели в сферу медийных технологий. Пребывание в карантине вынудило социум в сферу медиакоммуникации – обучение, совещания, выполнение коллективных видов работ перешло в онлайн сферу.

Религия не стала исключением. Как было уже здесь отмечено большую популярность обрела ритуальная часть, перешедшая в онлайн. Однако, это лишь часть айсберга общего процесса медиатизации религии. При изучении контента социальных медиа, обращает на себя внимание формирование нового семиозиса религиозных мифологем.

Рассматривая миф как часть культуры, Р. Барт выдвигал идею о культуре как совокупности знаковых систем, выступающих продуктом мифологической деятельности [2, с. 192]. К сожалению, формат статьи не позволяет охватить полностью этот феномен, поэтому в рамках данной статьи мы рассмотрим лишь одну его части – процесса семиозиса – архетипов Смерти и Трикстера, служащих знаковым кодом множества политеистических мифов.

Процесс эволюции религии проходит постоянно, однако на сегодняшний день мы являемся свидетелями уникальных темпов этой эволюции. В социальных сетях сегодня можно найти огромное количество сюжетов на тему религиозной политеистической мифологии. Большой популярностью в русскоязычном сегменте пользуются сюжеты японской, египетской, славянской, греческой мифологии. Такие сюжеты имеют яркую особенность мифа, которую отмечал еще Р. Барт – интерпретация мифа [2, с. 193]. Мифологические сюжеты используются блогерами в области истории, собственно, мифологии как науки, паранауки, психологии и парапсихологии.

На наш взгляд, процесс такой интерпретации наиболее близко можно описать термином «Ризома», предложенным Делезом и Гваттари [3]. Ризома это некое противопоставление структурному линейному мышлению – так называемая, сеть без ствола, без основного корня.

К. Леви-Стросс в своей книге «Мифологики» полагал, что элементы религиозного мифа в результате инверсии меняются структурные связи между этими элементами [4, с. 71, 91, 92]. Однако, процессы медиатизации существенно повлияли как на элементы, так и на структуру мифа, таким образом, значительно ускоряя семиозис мифологичских сюжетов в поликультурном характере медийного пространства

На сегодняшний день понятие ризоморфной структуры наиболее близкое описание структуры виртуального пространства – являющимся по сути своей поликультурным, в том числе, в сфере процессов медиатизации религии. Смешение огромного количества различных культур порождает бесконечное количество интерпретаций, порождая ризоматические свойства у мифологических сюжетов. Эта ризоматическая структура позволяет политеистическим мифам обретать множество толкований. Таким образом, в медийном пространстве семиозис обретает множественность, порождая при этом новые субкультурные направления – медийная парапсихология, кибершаманизм. Наиболее популярные сюжеты мифов становятся благодаря медийным технологиям частью современной культуры – корейские дорамы и японское аниме, миры фэнтези - являются одним из источников таких явлений как косплей и движение ролевых игр, уже выходящее за рамки медийного пространства и становящиеся частью социальной, культурной и даже экономической сферы человеческой жизни. Этот процесс, в свою очередь, влияет на медиасферу – формируя все более разнообразные формы мифологического семиозиса. В медийном пространстве одновременно сосуществуют как первичные формы мифов, так и эволюционировавшие в нечто новое. Таким образом, благодаря медиатизации реальности в современном мире семиозис перестает быть линейным эволюционным процессом, а превращается в горизонтальную ризоморфную структуру, на которую влияет не только внешняя среда, но и сама разнородная корневая сеть. Принцип картографии как свойства ризомы, описанный Делезом и Гватари [3, с. 134] в полной мере может быть применим к процессу медиатизации религиозного мифа – поскольку описанные нами процессы точно также подвержены постоянному изменению и деконструкции, а это, в свою очередь, не позволяет семиозису в медийном пространстве стать чем-то статичным, это становится возможным только при его выводе в реальное пространство при создании условий к его четкой фиксации.

Ризоморфная структура медийного пространства во-первых, формирует условия для дальнейшей медиатизации религии, во-вторых, является как механизмом, так и инструментом дальнейшей эволюции религии, в-третьих, ризоморфный характер семиозиса в медиапространстве инициирует возникновение не только различных форм субкультур, но и

особой, формы бытовой религии, где синтезируются разнообразные элементы большого количества мифологических сюжетов.

Современные глобалистические тенденции изменяют сегодняшнюю картину мира, проникая не только в экономические и политические сферы, но и в глубокие, порой, архаические слои культуры, трансформируя мировоззренческие позиции. Такие трансформации приводят к возникновению глубокого психологического конфликта, выражаясь в дихотомии архетипических культурных образов и их современных масс-медийных интерпретаций. Процессы медиатизации глубоко затрагивают сферу религии, трансформируя ее секторально, преимущественно в областях, имеющих выход на популярную культуру.

Один из наиболее серьезных исследователей массовой культуры – Х. Ортега-и-Гассет полагал, что массовая культура имеет яркую отличительную черту – стремление нивелировать человеческую особенность, сделать человека «таким как все», превращая социум в «толпу», где присутствует гордость именно за то, что «я такой же как все»: «Человек-масса», иначе Ортега называет его «толпа», – это «всякий и каждый, кто ни в доброй интенции, ни в злой не меряет себя духовной мерой, а ощущает себя таким же, “как и все”, и совсем не удручен этим, а весьма доволен своей неотличимостью» [5, с. 33].

Массовая культура в стремлении к популярности породила в современном мире огромное количество внутренних направлений, а некоторые из них являются и откровенно контркультурными. Поскольку доминирующая культура не имеет возможности охватить все существующее пространство, эти лакуны начинают заполняться различными контркультурами и субкультурами. *«Контркультура — это многоплановый феномен, характеризующий процесс противостояния традиционных культурных аспектов и новых социально-общественных взглядов»* [6, с. 80]. Массовая же культура, в свою очередь, снабжает их разнообразными паттернами, вокруг которых и выстраивается контр и субкультура. Примерами такого симбиоза можно считать популярность разнообразных криминальных драм, боевиков, детективов, романтизировавших криминальную культуру, и структуры, связанные с ними. Таким образом, массовая культура, с одной стороны, как бы подчеркивая «обычность» большинства, противопоставляла ее криминальной контркультуре, но при этом, популяризуя ее – одновременно создавала некий ореол романтизма, тиражируя данное явление.

В современных исследованиях становится все более актуальной теория А. Поссамаи о гиперреальной религии, являющейся симулякром религии, созданной во взаимодействии с массовой культурой [7, p. 6]. Автор теории полагает, что такие религии не имеют собственную реальность, и подкрепляются идеями различных популярных произведений, таких как Дж. Толкиен, Лавкрафт и пр. Ж. Бодрийяр описывая процесс симуляции и формирования симулякра в современном обществе, пишет, что «Реальное производится, начиная с миниатюрнейших клеточек, матриц и запоминающих устройств, с моделей управления – и может быть воспроизведено несметное количество раз. Оно не обязано больше быть рациональным, поскольку оно больше не соизмеряется некоей, идеальной или негативной, инстанцией. Оно только операционально. Фактически это уже больше и не реальное, поскольку его не обволакивает никакое воображаемое. Это гиперреальное, синтетический продукт, излучаемый комбинаторными моделями в безвоздушное гиперпространство» [8, с. 34].

Аналогичная ситуация происходит и с архетипическими мифологическими образами, создающими основу социального взаимодействия, и лежащими в основе морально-нравственных норм и ценностей, которые, в свою очередь, были выверены сотнями человеческих поколений и представителями разных культур. Такие архетипические образы лежат в основе так называемого, коллективного бессознательного (названного так К. Юнгом именно в силу своей социальной основы). Стоит отметить, что К. Юнг не был «первооткрывателем» понятия архетип, поскольку этот термин встречается еще в трудах философов античности, в дальнейшем, проблему архетипов рассматривали Августин

Блаженный «В трудах Августина прослеживается разворот к личности и ее внутреннему миру. Архетипы здесь выступают как модели и идеи, т.е. коллективные представления, таящиеся в глубинах внутреннего мира» [9, с. 224], Фома Аквинский, Эриугена: «Традиция представлений об архетипе как о первообразе или идее, пребывающей в уме Бога, находит претворение у Иоанна Скота (Эриугена)» [9, с.224]. Таким образом, К. Юнг только подвел к некоему общему знаменателю теории архетипов, тем не менее, сводящиеся к одному – некоей общей коллективной идее, свойственной всему человечеству, и имеющие интегрирующие и социализирующие черты, они также являются структурными элементами человеческой психики. Исследователи религии полагают, что: «…в религии архетип проявляет себя как базисный элемент, что позволяет говорить о его формообразующей функции» [10, с. 3].

Речь идет о таких распространенных символических образах как архетипы Персоны, Смерти, Тени, Матери, Девы в интерпретации К. Юнга. На сегодняшний день исследователи выделяют довольно большое количество архетипов, да и сам К. Юнг полагал, что точное количество архетипов выделить невозможно, и описывал наиболее распространенные. В рамках данной статьи мы рассмотрим несколько.

Одним из наиболее ярких мифологических образов, связанных с глубинными страхами, является страх перед смертью, и всем, что связано с нею, таковым является, например, образ ожившего мертвеца. Этот образ появляется буквально во всех мифологемах в разных культурах под разными названиями – ламии в древней Греции, мары древнего Рима, славянские упыри, европейские вампиры – все эти мифологические образы связаны с общечеловеческим страхом перед смертью и осознанием конечности бытия. Традиционно, образ ожившего мертвеца негативен, несет в себе опасность, а выступление против высшего порядка – круговорота Жизни-Смерти – есть зло. Однако, современные интерпретации в массовой культуре существенно изменяют этот образ, взламывают глубинные человеческие страхи, формируя положительный образ этого архетипа. Стоит только вспомнить популярный фильм «Сумерки», телесериал «Дневники вампира», или российский сериал 2020 г «Вампиры средней полосы», в которых формируется образ ожившего мертвеца не как зло, противоречащее социальным установкам, но как некое бессмертное существо, имеющее эмпатическое начало. Так формируется позиции массовой культуры, где бессмертие связано уже не с духовным бессмертием, но с физиологическим процессом, в котором причинение зла (убийство) это обычное явление. Стирается и нивелируется страх смерти, который на протяжении веков заставлял человечество задумываться о нормах морали, ценностях духовного развития, а смерть перестает восприниматься как нечто конечное и неизменное. Таким образом, человек, оказывается в личностном конфликте между глубинным подсознательным, и поверхностным давлением массовой культуры. Этот конфликт, вкупе с истончившимися границами понимания конечности жизни приводит к ощущению потерянности, отсутствием воздаяния, провоцируя возможные девиантные модели поведения – от преступности до самоубийства.

Не менее значимым архетипом, успешно используемым в массовой культуре, является архетип Шута (Трикстера). В трактовке К. Юнга – Трикстер это глубинная, скрытая часть сознания, безрассудство, хитрость, нелогичность, возможность «сломать систему» когда это необходимо, но при этом несущее угрозу социальному строю. Поэтому, в мифологиях народов мира образ Трикстера всегда выражался в образе непредсказуемого хитреца, который может не только помочь, но и принести непоправимый вред, он не выглядит неким позитивным героем, но действующим спонтанно и по настроению. Доктор исторических наук Горбатов А.В. выделили основные признаки Трикстера в культурно-историческом контексте: «игровой характер действий, непредсказуемость, гиперсексуальность, трансформация (изменчивость), трансляция идей, юмор», [11]. Таковы образы Гермеса, Локи.

Однако, если до недавнего времени образ воспринимается как «поставленный на службу сакральному», но при этом обладающий собственной волей и свободой выбора, а в

случае нанесения вреда – наказание для него следует незамедлительно. Таким образом, формируется культурно-историческое понимание свободы и ответственности за свой выбор. Однако, в современных образах массовой культуры Трикстер романтизируется, приобретает черты обоснованности и оправдания своего поведения, как это случилось, например, в серии комиксов и фильмов Марвел о супергероях, где Локи предстает антагонистом не в силу своей изначальной сущности, а в силу довлеющих над ним обстоятельств.

Таким образом, в современных экранизациях образов Трикстера, у зрителя (особенно в русле формирования гиперреальной религии, возникающей вокруг популяризации мифологических сюжетов) появляется симпатия, романтизация лжи и обмана и прочие эмпатические явления. Однако, на практике, формируется образ оправдания зла, возможности хитрости, обмана, преступления и отсутствие наказания за это, порождая такие девиантные формы поведения как маргинальность, отсутствие ответственности (через оправдание спонтанностью). Игровая деятельность характерная для детского возраста, в современных медийных образах Локи, Гермеса – становится ведущей позитивной деятельностью, формируя некий симулякр положительного образа теневой стороны человека, который сталкивается в реальной жизни либо с противодействием, в некоторых случаях, социальным давлением, провоцируя тем самым, возможный внутри / межличностные конфликты, в свою очередь, оказывая существенное влияние на формы культурного взаимодействия.

Таким образом, интерпретация архетипических образов в массовой культуре, их ризоформное существование в медиатизирующемся пространстве провоцирует трансформацию культурных тем, спорадично порождая развитие девиантных форм поведения, романтизируя их и оправдывая, стирая, тем самым стремление человека к идентичности и самоопределению. В условиях существенно влияющего на социальные установки культуры консьюмеризма – такая ризоформность распространения гиперреальных религий влечет за собой достаточно хаотичное и бесструктурное изменение социальных установок.

Наиболее успешным выходом из подобной аномии видится акцентуация общества на понятиях гражданства, гражданского долга и ответственности, формирование понимания духовности (как в рамках светского общества через философские аксеологические установки, так и в рамках религиозных сообществ через вероучительные принципы). Кроме того, существенным здесь является формирование аналитических навыков общества, и умение отличать историзм от современных популяризованных установок массовой культуры и их трансляцию через масс-медиа пространство. В этом случае, духовный выбор становится уже не индивидуальным приоритетом, проблемой государственного масштаба и одним из наиболее ярких вызовов современного общества.

Литература:

1. Hjarvard S. (2008) The Mediatization of Religion: A Theory of the Media as Agents of Religious Change. In Northern Li ghts 2008. Yearbook of Film & Media Studies. Bristol: Intellect Press.

2. Понизовкина Ирина Федоровна Семиолог Р. Барт и социальный миф: современное прочтение // Вестник РЭА им. Г. В. Плеханова. 2017. №5 (95). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/semiolog-r-bart-i-sotsialnyy-mif-sovremennoe-prochtenie (дата обращения: 19.09.2024).

3. Deleuze, G., Guattari, F. (1987) Rhizome. A Thousand Plateaus. Capitalism and Schizophrenia. Mineapolis, London: University of Minnesota Press.

4. Леви-Строс К. Мифологики: человек голый. М.: ИД «Флюид», 2007

5. Гарсия-Каселес Кончита «Восстание масс» Х. Ортеги-и-Гассета как лингвокультурологический феномен современности // Вестник культурологии. 2022. №3 (102). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vosstanie-mass-h-ortegi-i-gasseta-kak-lingvokulturologicheskiy-fenomen-sovremennosti (дата обращения: 14.12.2022).

6. Бондарева Н., Василенко О.В. Возникновение контркультуры // Территория науки. 2014. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vozniknovenie-kontrkultury (дата обращения: 14.12.2022).

7. Adam Possamai. Handbook of Hyper-real Religions (англ.). – Leiden: Brill, 2012. – (Brill Handbooks on Contemporary Religion).

8. Бодрийяр Ж. Симулякры и симуляция // Философия эпохи постмодерна. – Минск, 1996.

9. Галсанова Ольга Эдуардовна Интерпретация понятия «Архетип»: от античной культуры до культурологических мыслей начала XX в // Вестник БГУ. 2011. №6. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/interpretatsiya-ponyatiya-arhetip-ot-antichnoy-kultury-do-kulturologicheskih-mysley-nachala-xx-v (дата обращения: 14.12.2022).

10. Джабраилова Асият Шамильевна Архетипы в религии: функции и Методы исследования // Научный журнал КубГАУ. 2017. №127. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/arhetipy-v-religii-funktsii-i-metody-issledovaniya (дата обращения: 14.12.2022).

11. Ахметшин А.Р., Горбатов А.В. Атрибутивные признаки архетипа Трикстера // Вестник Кемеровского государственного университета культуры и искусств. 2015. №32. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/atributivnye-priznaki-arhetipa-trikstera (дата обращения: 03.10.2024).

ИНТЕРПРЕТАЦИЯ АРХЕТИПИЧЕСКИХ ОБРАЗОВ В СОВРЕМЕННОЙ МАСС-МЕДИА КУЛЬТУРЕ КАК ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ СОЦИАЛЬНЫХ ДЕВИАЦИЙ

Современные технологии сформировали сегодня отдельную нишу в сфере организации и распространения разнообразной информации. Медиапространство, как и любые другие сферы общественной деятельности неизбежно осваивает новые ступени как технологических достижений, так и освоение нового культурного пространства. Специфика медийного пространства формирует новую культурную нишу, в которой происходит непрерывный синтез и трансформация существующих культурных кодов. Особенностью современного медиапространства является фактор всеобщего распространения и отсутствия плотной привязки к географической территории, цивилизационной платформе, этнических культурных и религиозных особенностей. В свете современных процессов, тесно связанных с развитием виртуального пространства и информационных технологий, все более актуальным становятся вопросы медиатизации реальности.

Авторы полагают, что сам процесс медиатизации является достаточно острой социальной полемикой, однако он становится еще более актуальным для академического изучения, когда в междисциплинарных дискурса определяются более узкие сферы медиатизации. Одной из таких сфер в последние годы становится религия. Развитие медийных технологий инициирует как добровольное, так и вынужденное погружение в медийное пространство. Одним из популярных элементов религии, подвергающимся процессам популяризации – являются наиболее распространенные архетипические образы мифов народов мира.

В статье рассматриваются архетипы Смерти и Трикстера – как наиболее популярные объекты интерпретации для продуктов массовой культуры. Рассматривается результат влияния интерпретируемого смысла в современных продуктах массовой культуры (фильмы, сериалы и т.д.) на человеческую психику, а также предлагаются пути преодоления негативных последствий подобных интерпретаций.

Ключевые слова: Х. Ортега-и-Гассет, массовая культура, контркультура, архетип, религия, дискурс, медитация, интерпретация, духовность.

ТАФСИРИ ОБРАЗҲОИ АРХЕТИПАЛӢ ДАР ФАРҲАНГИ МУОСИРИ ВАО ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ ИНҲИРОФОТИ ИҶТИМОӢ

Технологияҳои Муосир имрӯз дар соҳаи ташкил ва паҳнкунии иттилооти гуногун ҷойгоҳи вижаро ташкил кардаанд. Фазои ВАО ба монанди дигар соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, ногузир зинаҳои нави ҳам дастовардҳои технологӣ ва ҳам азхудкунии фазои нави фарҳангиро аз худ мекунад. Хусусияти фазои медиавӣ нишеи нави фарҳангиро ташкил медиҳад, ки дар он синтези доимӣ ва тағиребии рамзҳои фарҳангии мавҷуда ба амал меояд. Хусусияти фазои муосири ВАО омили паҳншавии умумӣ ва набудани алоқамандии зич ба қаламрави ҷуғрофӣ, платформаи тамаддунӣ, хусусиятҳои этникӣ - фарҳангӣ ва динӣ мебошад. Дар партави равандҳои муосир, ки бо рушди фазои виртуалӣ ва технологияҳои иттилоотӣ зич алоқаманданд, масъалаҳои миёнаравии воқеият торафт муҳимтар мешаванд. Муаллифон чунин мешуморанд, ки худи раванди медиатизатсия баҳси шадиди иҷтимоӣ аст, аммо он барои омӯзиши академикӣ боз ҳам муҳимтар мешавад, вақте ки дар гуфтугӯҳои байнисоҳавӣ соҳаҳои тангтари медиатизатсия муайян карда мешаванд. Яке аз чунин соҳаҳо дар солҳои охир дин аст. Рушди технологияҳои ВАО ҳам ғарқшавии ихтиерӣ ва ҳам маҷбуриро ба фазои ВАО оғоз мекунад. Яке аз унсурҳои маъмули дин, ки ба равандҳои маъмулгардонӣ дучор мешавад, тасвирҳои маъмултарини архетипии афсонаҳои халқҳои ҷаҳон мебошанд. Дар мақола архетипҳои Марг ва Трикстер ҳамчун объектҳои маъмултарини тафсир барои маҳсулоти фарҳанги оммавӣ баррасӣ карда мешаванд. Натиҷаи таъсири маънои тафсиршаванда дар маҳсулоти муосири фарҳанги оммавӣ (филмҳо, сериалҳо ва ғайра) ба рӯҳияи инсон баррасӣ карда мешавад ва инчунин роҳҳои бартараф кардани оқибатҳои манфии чунин тафсирҳо пешниҳод карда мешаванд.

Калидвожаҳо: Ҷ. Ортега и Гассет, фарҳанги маъмулӣ, зиддифарҳангӣ, архетип, дин, дискурс, мулоҳиза, тафсир, руҳонӣ.

INTERPRETATION OF ARCHETYPAL IMAGES IN MODERN MASS MEDIA CULTURE AS ONE OF THE FACTORS OF SOCIAL DEVIATIONS

Modern technologies have formed a separate niche in the field of organization and dissemination of diverse information. The media space, like any other spheres of public activity, inevitably masters new stages of both technological achievements and the development of a new cultural space. The specificity of the media space forms a new cultural niche, in which there is a continuous synthesis and transformation of existing cultural codes. The peculiarity of the modern media space is the factor of universal distribution and the lack of a tight link to the geographical territory, civilizational platform, ethnic cultural and religious characteristics. In the light of modern processes closely related to the development of virtual space and information technology, the issues of mediatization of reality are becoming increasingly relevant.

The authors believes that the process of mediatization itself is a rather acute social polemic, but it becomes even more relevant for academic study when narrower spheres of mediatization are defined in interdisciplinary discourses. Religion has become one of these areas in recent years. The development of media technologies initiates both voluntary and forced immersion in the media space. One of the popular elements of religion undergoing popularization processes is the most common archetypal images of myths of the peoples of the world.

The article examines the archetypes of Death and the Trickster as the most popular objects of interpretation for products of mass culture. The result of the influence of the interpreted meaning in modern products of mass culture (films, TV series, etc.) on the human psyche is considered, and ways to overcome the negative consequences of such interpretations are proposed.

Key words: J. Ortega y Gasset, popular culture, counterculture, archetype, religion, discourse, meditation, interpretation, spirituality.

Сведения об авторах: Муллоев Шариф Бокиевич, доктор филологических наук, профессор, руководитель пресс-службы Российско – Таджикского (Славянского)

университета. 734025, Душанбе, Республика Таджикистан *ул.* М. Турсунзаде, 30 Тел: (+992 44) 620 42 33. E-mail: mulloev_sharif @mail.ru

Панков Виталий Вячеславович, кандидат педагогических наук, доцент. Кыргызско-Российский Славянский Университет г. Бишкек, Кыргызская Республика. Ул. Абая 2а, кв.8, Первомайский район. E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru Тел: +996 550 712 783 ORCID: 0000-0002-6993-293

Балашова Ирина Геннадьевна, ст. преп. кафедры Международной журналистики Кыргызско-Российского славянского университета. Тел. 0556 058 085 e-mail: rnbalashova@gmail.com

Маълумот дар бораи муаллифон: Муллоев Шариф Боқиевич, доктори илмҳои филология, профессор, роҳбари Хадамоти матбуоти Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (славянӣ) 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. М.Турсунзода, 30 Тел: (+992 44) 620 42 33. E-mail: mulloev_sharif @mail.ru

Панков Виталий Вячеславович, номзади илмхои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи славянии Қирғизистону Русия, Бишкек, Ҷумҳурии Қирғизистон. кӯчаи Абая 2а, квартира. 8, ноҳияи Якуми май. E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru Тел: +996 550 712 783 ORCID: 0000-0002-6993-293

Балашова Ирина Геннадевна, муаллими калони кафедраи журналистикаи байналмилалии Донишгоҳи славянии Қирғизистону Русия. Тел. 0556 058 085 почтаи электронӣ: rnbalashova@gmail.com

Information about the authors: Mulloev Sharif Bokievich, Doctor of Philology, Professor, Head of the Press Service of the Russian-Tajik (Slavic) University. 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan st. M. Tursunzade, 30 Tel: (+992 44) 620 42 33. E-mail: mulloev_sharif @mail.ru

Pankov Vitaly Vyacheslavovich, candidate of pedagogical sciences, associate professor. Kyrgyz-Russian Slavic University, Bishkek, Kyrgyz Republic. St. Abaya 2a, apt. 8, Pervomaisky district. E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru Tel: +996 550 712 783 ORCID: 0000-0002-6993-293

Balashova Irina Gennadyevna, senior lecturer of the department of international journalism, Kyrgyz-Russian Slavic University. Tel. 0556 058 085 e-mail: rnbalashova@gmail.com

ТДУ:050+070+082.1(075.8)
Т-90

ВИЖАГИҲОИ SMM ДАР ЖУРНАЛИСТИКА ВА НАҚШИ ОН ДАР ҶАЛБИ АУДИТОРИЯ

Тӯхтаева М.М., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
Ҳамидиён И.И., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Интернет, ки ҳамчун як қувваи муҳаррики рушди ҷомеаи муосир ба шумор меравад, дар як муддати кӯтоҳ ба ҷузъи бевоситаи ҳаёти одамон табдил ёфтааст. Бо ворид шудани интернет ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, он пайваста афзоиш меёбад ва таъсири амиқи худро дар ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти инсон мегузорад. Имрӯз интернет на танҳо манбаи сарчашмаи иттилоот, балки як василаи муҳимми робита, муошират ва мубодилаи афкор аст. Он ба ҳар як шахс имконият медиҳад, ки бидуни тарк кардани хона, аз паси мизи корӣ бо истифода аз компютер ё дастгоҳҳои мобилӣ ба иттилооти зарурӣ дастрасӣ пайдо кунад ва бо дигарон озодона муошират намояд.

Дар ин замина, маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ё SMM (аз англисии Social Media Marketing), ҳамчун равандест, ки пешбурди бренд, хидматрасонӣ ва тиҷоратро дар интернет тавассути истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои расонаӣ ва платформаҳои муошират таъмин менамояд. Муҳаққиқ Ш. Кабани бар он ақида аст, ки фишанги асосии SMM дар эҷоди

муҳтавои баландсифат ба ҳисоб меравад, ки метавонад таваҷҷуҳи аудиторияро ҷалб намуда, таъсири васеъ дошта бошад [10].

Дар солҳои охир, бо пайдоиши Интернет ва васоити ахбори иҷтимоӣ, аломатҳо ва нозукиҳои SMM (Social Media Marketing) тадриҷан маълум гардиданд, аммо танҳо баъдан ин мафҳум васеъ паҳн шуд. В.В. Тулупов бар он назар аст, ки дар журналистика, SMM мавқеи махсус касб намуда, пайванди ногусастание бо ин соҳа пайдо кардааст ва ҳатто, мувофиқи андешаи баъзе муҳаққиқон яке аз зерсохторҳои журналистика ҳисобидан мумкин аст [23]. Дар Тоҷикистон, расонаҳои анъанавӣ ва онлайнӣ, новобаста аз шакли фаъолият, эҳтиёҷи зиёд ба мутахассисони SMM доранд. Вижагиҳои SMM дар журналистика ва ҷалби аудиторияи мақсаднок равшан ба назар мерасанд, ки зарурати таҳқиқи амиқи паҳлуҳои гуногуни ин равандро пеш меорад. Инчунин, баъзе паҳлуҳои SMM дар журналистика аз ҷониби муҳаққиқон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, аммо афзалият ва ҷалби аудитория, фарқи журналист аз мутахассиси SMM, таъсири SMM ба бренд омӯхта нашудааст.

Дар бораи махсусиятҳои интерактивии “расонаҳои нав” ва махсусияти афзоиши сафи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ К.И. Комилов [12], [13] дар бораи блогинг А. Муминзод [19], нақш ва ҷойгоҳи агентҳои иттилоотӣ дар низоми ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.С. Мансурова ва М.А. Абдуллозода [1], [16] журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон, журналистикаи конвергентӣ ва иртиботи он бо онлайн-журналистика И. Ҳамидиён ва Ф. Низом [28], [2], имиҷсозӣ ва бренд дар журналистика М.А Сафарзода [22], таъсири ВАО ба ташаккули афкори ҷомеа дар ҶТ Р. Ҳайдаров, М. Махсумова [27], вусъати бозори ВАО дар Тоҷикистон А. Раҷабов [21], ВАО-и Тоҷикистон дар заминаи иттилооти ҷаҳонӣ С. Мирзоалӣ [18] ва дигарон пажуҳиш анҷом дода шудааст. Дар муҳити илмии кишварҳои хориҷа бошад, дар бораи ин мавзуъ таҳқиқоти фарогир анҷом дода шудааст. Дар бораи ҷалби аудитория, вижагиҳои SMM дар журналистика, талбиғи бренди расона дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва майлонҳои журналистикаи муосир муҳаққиқоне ба мисли А.К. Генералова [6], Ю.Д. Дербенёва [8], В.В. Устинов [25], А.С. Бородина [5], Г.Д. Азнаева [3], M. Rudyk [33], A. Whiting, A. Deshpande [34], ва дигарон пажуҳиши муҳим анҷом додаанд.

Рушди SMM дар соҳаи журналистика ба тағйироти куллӣ дар усулҳои муошират ва интишори иттилоот гардид. Ҳарчанд идеяи SMM дар аввали солҳои 2000-ум рушд карда, ба як василаи муҳимми таъсиррасонӣ табдил ёфт, аммо таърихи он ба марҳилаҳои пешина бармегардад, ки ба ташаккул ёфтани платформаҳои аввалини шабакаҳои иҷтимоӣ рабт дорад. Марҳилаи аввалини рушди SMM ба пайдоиши шабакаҳои иҷтимоие, ки имкони муошират ва мубодилаи иттилоотро ба корбарон фароҳам меоварданд, вобаста аст.

Платформаҳои зиёд дар шабакаҳои иҷтимоӣ солҳои 1990-ум таъсис ёфтаанд, ки **SixDegrees, BlackPlanet, Asian Avenue** ва **MoveOn** аз мисоли онҳост. Инҳо шабакаҳои иҷтимоии махсусгардонидашуда буданд, ки ба корбарон имкон медод профилҳо созанд ва бо ҳамдигар муошират намоянд [29]. Ин аввалин қадамҳо дар ташаккули SMM ҳамчун воситаи ҷалби аудитория буд ва барои пешбурди сиёсати давлатӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ба модели шабакаи алоқаҳо асос ёфтаанд, истифода мешуданд. Илова бар ин, платформаҳои блогнависӣ, ба монанди **Blogger ва Epinions** [32] таъсис дода шуданд, ки аудитория имконияти баррасиҳои маҳсулотро пайдо карданд. **ThirdVoice** ва **Napster** ду барномаи нармафзоре буданд, ки дар солҳои 90-ум эҷод шудаанд ва айни ҳол фаъолияти онҳо қатъ гардидааст [30]**.** ThirdVoice плагини ройгоне буд, ки ба корбарон имкон медод, дар саҳифаҳои интернетӣ шарҳ гузоранд, вале дере нагузашта фаъолияташ қатъ гардид, зеро мухолифонаш изҳор доштанд, ки шарҳҳо аксар вақт қабеҳ ё тӯҳматӣ буданд. Барномаи Napster бошад, ба корбарон имкон медод, ки файлҳои мусиқиро бе назардошти ҳуқуқи муаллифӣ мубодила кунанд, ки дар натиҷа ҳамчун вайронкунии ҳуқуқи муаллиф эътироф гардида, боиси аз майдони интернет хориҷ гардидан платформа гардид.

Ҳамин тавр, шабакаҳои иҷтимоие, ки то соли 2000 – ум ба майдони ҷаҳонии Интернет ворид шуд, пешрафти бузургро таҷриба карданд, ки бо зуҳури як қатор сомонаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ мушоҳида гардид. Ин пешрафт ба таври назаррас ҳамкориҳои байни одамон ва

ташкилотҳоро, ки манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои мусиқӣ, таҳсилот, кино ва дӯстӣ доранд, таҳким бахшид ва тағйир дод.

Бо инкишофи платформаҳо ба монанди **MySpace** ва **LinkedIn** дар солҳои аввали 2003-ум, журналистон фаҳмиданд, ки ин шабакаҳо метавонанд ҳамчун василаи нав барои расонидани хабар ва иттилоот истифода шаванд. Шабакаи иҷтимоии LinkedIn, ки аз ҷониби Рид Гарретт Хоффман дар моҳи декабри соли 2002 таъсис ёфтааст, вале дар моҳи майи соли 2003 фаъол гардид, ки барои ҷустуҷӯ ва барқарор намудани алоқаҳои касбӣ тарҳрезӣ шуда буд [9]. Сипас LinkedIn ҳамчун платформаи касбӣ байни корбарон маъруфият пайдо кард ва аксарият барои пеш бурдани тиҷораташон истифода бурданд.

Баъди, соли 2004 аз ҷониби Марк Сукерберг ва ҳамҳуҷраҳояш ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи Ҳарвард, ки ба таъсиси **Facebook** замина гузоштанд, журналистика ба тағйироти назаррас рӯ ба рӯ шуд [24]**.** Ба зудӣ Facebook ба платформаи пешқадам табдил ёфт, ки дар он на танҳо корбарон, балки расонаҳои хабарӣ низ ҳузур доштанд.

Журналистон баъдтар истифодаи **X (Twitter***)* -ро барои паҳн кардани иттилоот ва ҷалби аудитория оғоз карданд. Таърихи рушди ин хидматрасонӣ ба соли 2006 рост меояд, ки як гурӯҳ ҷавонон аз Сан-Франсиско, таҳти роҳбарии барномасоз Ҷек Дорси, ба ташаккули платформаи интернетӣ барои муошират тавассути паёмҳои кӯтоҳ иқдом намуданд [7]. Ин иқдом заминаи пайдоиши платформаи X - ро гузошт, ки баъдан ба як абзори муҳимми иртиботӣ табдил ёфт. Соли 2007 бошад X ба марҳилаи нав ворид гардид, ки онро метавон оғози равандҳои “сиёсӣ” шудани ин платформа ҳисобид. Сабти номи Барак Обама дар X бо мақсади фарогирии ҳамаҷонибаи аудитория дар ҷараёни маъракаи аввали интихоботи президентии ӯ, ин равандро дар сатҳи баландтар бароварда. То соли 2018, X ба як платформаи глобалӣ табдил ёфт, ки дар он намояндагиҳои 193 кишвари узви СММ фаъолият мекарданд, ки Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост. Ин дастовардҳои платформа бозгӯйи нақши калидии он дар арсаи байналмилалӣ ва сиёсатҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ин марҳила, журналистика ба таври равшан ба истифодаи SMM мутобиқ шуд ва воситаҳои дигари интернетӣ, ба монанди **YouTube**, ки соли 2005 таъсис ёфтааст, ба як василаи асосии расонидани иттилоот табдил ёфт.

Видеохостинги YouTube аз ҷониби се корманди маъруфи ширкати PayPal (ороишгар Чад Хёрдли ва ду барномасоз — Стивен Чен ва Ҷовид Карим) таъсис дода шуд [17]**,** ки яке аз муҳимтарин инноватсияҳои интернетӣ гардид. Ҳадафи аввалини ин платформа эҷоди як сомонаи шиносоӣ буд, ки дар он корбарон метавонистанд видеороликҳояшонро дар бораи худ ҷойгир намоянд, ки ин ба шиносоии тезтар ва муфассалтар бо ҳамсуҳбат мусоидат мекард. YouTube ҳамчун китобхонаи фарогири видеороликҳои мухталиф, ки бо истифода аз технологияи Macromedia Flash амал мекард, корбаронро аз зарурати насби нармафзори иловагӣ ва интизории тулонӣ барои пахши видеоҳо раҳо кард. Ин равиш, ки ба корбарон дастрасии осонро ба муҳтавои видеоӣ таъмин намуд, ба зудӣ YouTube-ро ба як платформаи пешсаф табдил дод, зеро дар он замон алтернативаҳо камшумор ва маҳдуд буданд.

Аввалин видео, ки дар YouTube пайдо шуд, ин сабти саломии Ҷовид Карим буд, ки онро дар боғи ҳайвоноти Сан-Диего 23 апрели соли 2005 ба навор гирифта, бо номи «Me at the zoo» («Ман дар боғи ҳайвонот») дар платформа ҷойгир кард. Видеои мазкур ба ҳолати 24.08.2024 зиёда аз 331 миллион бор аз тарафи корбарон тамошо гардидааст [35]**,** ки ин нишондиҳандаи рушду инкишофи динамикӣ ва ҷолибияти платформа мебошад. Бар хилофи интизориҳои ибтидоии таҳиягарон, корбарон на ба худ, балки бештар ба сабти воқеаҳо ва рӯйдодҳои атроф пардохтанд. Ин майлон ба таҳиягарон имкон дод, ки пас аз ребрендинг, стратегияҳои нави рушдро пешниҳод кунанд ва YouTube-ро ҳамчун платформаи эҷодӣ, ки ифодаи шахсӣ ва эҷодкориро тарғиб мекунад, рушд диҳанд.

26 марти соли 2006 лоиҳаи “Одноклассники” ба таври расмӣ ба фаъолият шуруъ кард, ки дар ибтидо лоиҳаи мазкур ҳамчун як шавқ ё ҳоббии хусусӣ таъсис ёфта буд, ки тамоми хароҷотҳои онро шахсан таҳиягар, Алберт Попков, ба уҳда дошт [26] ва танҳо дар чанд моҳ, шумораи корбарони “Одноклассники” ба таври назаррас афзоиш ёфт, ва дар моҳи октябри ҳамон сол, ин лоиҳа расман ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуд.

Дар ҳамон сол, яъне соли 2006, шабакаи иҷтимоии “Вконтакте” низ ба майдон баромад, ки ибтидо худро ҳамчун барномаи пӯшида барои форуми донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург муаррифӣ менамуд, аммо дар моҳи ноябри ҳамон сол, шабака барои ҳамаи истифодабарандагон дастрас гардид. Муассиси платформаи мазкур Павел Дуров мебошад [26].

Соли 2007 бошад, шабакаи иҷтимоии «Мой мир» ба фаъолият шуруъ намуд, ки таъсисдиҳандааш Дмитрий Гришин буда, принсипи асосии хидматрасонӣ дар аввали солҳои фаъолияташ аз «илова намудан ба дӯстӣ» асос ёфта буд [31]**.** «Мой мир» имкониятҳои хадамоти блогнависӣ, нигоҳдории аксҳо ва сабтҳои видеоиро муттаҳид мекунад ва нақши хадамоти паёмрасонии фаврӣ дар «Моём мире» веб-версияи Агенти Mail.ru-ро иҷро мекунад.

6 октябри соли 2010 **Instagram** аз ҷониби Кевин Систром ва Майк Кригер, хатмкардагони Донишгоҳи Стэнфорд таъсис ёфтааст, ки ҳадафи асосиаш эҷоди фазои визуалӣ мебошад, ки ба корбарон имконият медиҳад, аксҳо ва видеоҳои худро мубодила намоянд, инчунин контенти корбарони дигарро дида, ба дигарон равон намоянд [24]. Ин платформа дар муддати кӯтоҳ ба як абзори муҳим барои таблиғот ва паҳн кардани иттилоот тавассути ВАО табдил ёфт.

Дар раванди рушди худ, Instagram на танҳо ҳамчун як платформаи иҷтимоӣ барои мубодилаи контентҳои визуалӣ шинохта шуд, балки ба ВАО ва расонаҳо имконият фароҳам оварда, то бо нашри гузоришҳои аксиву видеоии худ дар шакли Reels, карусел ва Stories тавассути инъикоси иттилоот аудиторияи мақсаднокро ҷалб намоянд.

Таърихи таъсиси **TikTok** аз соли 2014 оғоз шуда, дар соли 2018 ин барнома дорои боргирӣ ва насби зиёдтарин дар ҷаҳон дар App Store (Apple) табдил меёбад [15].

TikTok дар аввал ҳамчун Douyin моҳи сентябри соли 2016 дар Чин ба фаъолият оғоз намуд. Барномаи мазкур дар соли 2017 бо номи TikTok барои бозори байналмилалӣ муаррифӣ шуд. Дар ибтидои фаъолияти худ, TikTok ба корбарон имкон медод, ки видеои кӯтоҳи мусиқӣ, ки аз 3 то 15 сония давом мекард, эҷод намоянд. Бо мурури замон, ин платформа такмил ёфта, имкониятҳои васеътаре барои эҷоди муҳтавои видеоӣ фароҳам оварда [11]. Дар TikTok инъикоси иттилоот дар бораи майлонҳо, тиктокерҳо, блогерҳо, зиндагии шахсӣ ва ҷамъиятии ситораҳои шоу-бизнес, инчунин муаллифони мавзуъҳои сиёсӣ, экологӣ ва варзиширо ба таври интерактивӣ пешниҳоди аудитория мекунанд. Ҳузури расонаҳои Тоҷикистонро ба ҳолати 24.08.2024 мавриди таҳқиқ қарор додем, ки аз ҷумла **asiaplustj_** (зиёда аз 48000 корбар), **your_tj** (зиёда аз 15000 корбар), **pressa.tj** (8 корбар), **tvvarzish** (зиёда аз 14000 корбар), телевизиони **tojikistontajikistan** (зиёда аз 12000 корбар) ва **halva.tj** (658 корбар) дар ин платформа иттилоот инъикос мекунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки расонаҳо мисли **asiaplustj_** ва **tvvarzish** аллакай аудиторияи васеъро дар ин шабакаи иҷтимоӣ пайдо намудаанд, дар ҳоле ки дигар расонаҳо, ба монанди **pressa.tj** ва **halva.tj** дар он кам фаъоланд. Маълум мешавад, ки ба ҷалби аудиторияи худ душворӣ мекашанд. Сабабҳои асосии ин метавонанд дар номувофиқатии муҳтаво бо талаботи аудиторияи ҷавон ё истифодаи нодурусти стратегияи иҷтимоии онҳо бошанд. Барои зиёд намудани корбарон, расонаҳо бояд ба майлонҳои ҷории TikTok пайравӣ кунанд, ки ба натиҷаҳои мусбат оварда мерасонад. Масалан, истифодаи “Челленҷҳо”, танзим ва истифодаи ҳаштагҳои машҳур ва қабули трендҳои мушаххас метавонад онҳоро ба аудиторияи васеътар расонад. Ин тарзи пешниҳоди иттилоот барои рӯзноманигорон ва менеҷерони SMM на танҳо имкони васеъ кардани доираи таъсири худро медиҳад, балки ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки бо аудиторияи худ робитаи наздиктар ва интерактивӣ барқарор намоянд, ки ин яке аз ҷанбаҳои муҳимми муваффақияти расонаҳои муосир мебошад.

Соли 2023 асосгузори ширкати амрикоии Meta-и Марк Сукерберг платформаи нави иҷтимоии Threads-ро, ки шабеҳи X (Twitter) мебошад, ба истифода дод. Барои истифодаи шабакаи иҷтимоии нави Threads, доштани аккаунти Instagram зарур аст. Истифодабарандагони Threads метавонанд номҳои истифодбарии худ дар Instagram-ро дар ин шабака истифода бурда, инчунин корбаронро аз Instagram ворид намоянд. Саҳифа дар Threads имконияти мутобиқсозӣ дорад ва нашрияҳо метавонанд дар қисмати Stories-и Instagram ё тавассути пайвандҳо дар манбаъҳои дигари онлайнӣ мубодила намоянд. Ба ҳолати 24.08.2024 расонаҳои онлайнии Тоҷикистонро мавриди пажуҳиш қарор додем, ки **asiaplustj** бо 15260 корбар, **your_tj** бо 309

корбар, **rasonanigor** бо 94 корбар, **jumhuriyat.tj** бо 5 корбар, **niat_khovar** бо 17 корбар ва **varzishtv.tj_** бо 622 корбар фазои платформаи Threads – ро бо иттилоот пур мекунанд.

Гарчанде ки платформаи **Threads** ба таври фаъол дар ҳамгирой бо Instagram истифода мешавад ва имконияти мубодилаи муҳтаво тавассути Stories ё пайвандҳо дар манбаъҳои дигари онлайнӣ вуҷуд дорад, мушоҳида мешавад, ки бисёр расонаҳои онлайнӣ ҳанӯз наметавонанд аудиторияи зиёд ба даст оранд. Дар ҳоле ки **asiaplustj** (бо 15,260 корбар) нишон медиҳад, ки ҳузури қавӣ дар Threads дорад, дигар расонаҳо, ба монанди **your_tj** (309 корбар), **rasonanigor** (94 корбар), ва **jumhuriyat.tj** (5 корбар), ҳанӯз бо мушкилоти ҷалби аудитория рӯ ба рӯянд. Мо бар он назарем, ки расонаҳо метавонанд аз ин платформа истифода кунанд, вале худи **Threads** ҳанӯз қобилияти ҷалби корбаронро пурра надорад ва рақобат бо дигар шабакаҳои иҷтимоии бузургтар душвор боқӣ мемонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи ками расонаҳои ватанӣ дар платформаҳои навбунёд фаъолият мебаранд, гарчанде тибқи таҳқиқоти «Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» бо такя ба Вазорати фарҳанги ҶТ, дар моҳи марти соли 2024 дар ҷумҳурӣ аз қайду фаъолияти 186 рӯзнома (123 давлатӣ ва 63 ғайридавлатӣ), 138 маҷалла (115 давлатӣ ва 23 ғайридавлатӣ), 6 оҷонсии иттилоотӣ (1 давлатӣ ва 5 ғайридавлатӣ) маълумот медиҳад. Аз ин рӯ, зарурати фаъолтар гардидани ВАО дар платформаҳои рақамӣ ба таври возеҳ эҳсос мешавад. Дар шароити рақобати шадид ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, ВАО бояд стратегияи мутобиқшавии худро таҳким бахшанд ва ба платформаҳои нав низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Ояндаи ВАО дар платформаҳои рақамӣ аз як тараф бо технологияҳои пешрафта ва аз тарафи дигар бо қобилияти онҳо дар ҳамгирой бо аудитория ва рушди таъсири мутақобила муқаррар мешавад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва татбиқи роҳҳои нав барои ҷалби аудитория дар платформаҳои гуногун аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

Пешрафтҳои назаррас дар таърихи таъсис ва рушди шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо нишондиҳандаи эътироф ва қабули васеи онҳо аз ҷониби аудитория мебошанд, балки бозгӯи саҳми онҳо дар тағйироти муҳимме, ки дар фазои интернетӣ ба вуҷуд омадааст, низ ҳастанд. Ин платформаҳо боиси ташаккули равишҳои нави иртиботӣ ва таблиғотӣ гардиданд, ки ба журналистика ва SMM таъсири амиқ расониданд. Журналистон ва мутахассисони SMM бо истифода аз имкониятҳои фароҳамовардаи шабакаҳои иҷтимоӣ тавонистанд аудиторияи васеътарро ҷалб намуда, мазмуну муҳтавои эҷодкардаи худро самаранок паҳн намоянд. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки инноватсия дар шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо воситаи муошират, балки абзори муҳим барои рушди журналистикаи муосир ва пешбурди самараноки брендҳо гардиданд.

Сол то сол мафҳуми SMM дар журналистикаи муосир аҳаммияти бузург пайдо карда истодааст, зеро он ҳамчун як воситаи тавоно барои ҷалби диққат ва нигоҳдории аудитория хидмат мекунад. Рушди SMM натиҷаи бевоситаи тараққиёти технологияҳои рақамӣ ва васеъшавии истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. SMM дар журналистика дорои вижагиҳои хоси худ мебошад, ки онҳоро аз дигар усулҳои анъанавии иттилоотрасонӣ фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, SMM бо хусусиятҳои иҷтимоӣ, интерактивӣ ва мобилии худ шинохта шудааст. Ҷаҳиши технология ва рушди васоити ахбори иҷтимоӣ талаботи навро дар пешорӯи журналистон гузоштааст, ки дар натиҷа, истифодаи дурусти стратегияҳои SMM (Social Media Marketing) дар журналистика аҳаммияти зиёд пайдо кардааст. Интегратсияи ин ду соҳаи фаъолиятҳои иттилоотӣ бо суръати фавқулода ва ба таври ҳамоҳанг сурат гирифта истодааст, ки ин раванд ба ҳадде ҳамвор ва табиӣ аст, ки гӯё аз ибтидо як ҷузъи ягонаи системаи иттилоотрасонӣ буданд. Сабаби асосии чунин пайвасти муваффақ ин аст, ки миёни журналистика ва SMM шабоҳатҳои зиёде мавҷуданд. Масалан, агар мо ба таҳлили амиқи малакаҳои зарурии як журналист ва як мутахассиси SMM пардозем, равшан мебинем, ки ҳарду аз малакаҳои мушобеҳе, ба монанди санъати таҳлил, қобилияти интиқоли иттилоот ва эҷоди муҳтавои ҷолиб ва таъсирбахш, истифода мебаранд. Агар мо малакаҳои зарурии журналист ва менеҷери SMM-ро муқоиса намоем, ба таври возеҳ мебинем, ки то чӣ андоза онҳо ба ҳам монанданд.

Журналист:

✓ ***Қобилияти кор бо иттилоот (ҷустуҷӯ, омӯзиш, интихоб, таҳлил, муқоиса ва арзёбии далелҳо).*** Журналист бояд иттилоотро самаранок ҷамъоварӣ ва коркард карда тавонад. Ин маънои ҷустуҷӯ, омӯзиш, интихоб, таҳлил, муқоиса ва арзёбии фактҳоро дар бар мегирад. Мисол: журналист ҳангоми таҳияи мақола оид ба ислоҳоти маориф маълумоти зиёди расонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро ҷустуҷӯ намуда, маводи муҳимро таҳлил мекунад ва иттилооти дақиқро пешниҳод менамояд.

✓ ***Қобилияти ҷудо кардани мавзуи асосӣ дар байни миқдори зиёди иттилоот.*** Журналист бояд дар байни ҳаҷми бузурги иттилоот мавзуи асосӣ ва муҳимро ҷудо карда тавонад. Ин малака ба ӯ имкон медиҳад, ки дар шароити пур аз иттилоот диққати худро ба паҳлуҳои муҳимми ҳодиса ё масъала равона созад ва барои аудитория маълумоти муҳимро пешниҳод намояд. Мисол: ҳангоми баррасии қонунҳои нави муҳоҷират, журналист бояд масъалаҳои муҳимтарини ислоҳотро ҷудо намояд, масалан, тағйирот дар иҷозатномаи кор ва ҳуқуқҳои муҳоҷирон.

✓ ***Гузоштани лиди ҷолиб.*** Лиди мувофиқ боиси ҷалби аудиторияи мақсаднок мегардад, ки ин ҳам аз маҳорати журналист дарак медиҳад. Мисол: барои маводе дар бораи тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон, журналист метавонад лиде гузорад: “Тоҷикистон дар марзи обшавии пиряхҳо: оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим чӣ гуна хоҳад буд?”

✓ ***Қобилияти суханронӣ ё навиштани матни оперативӣ.*** Журналист бояд маводи худро зуд ва дуруст таҳия намуда, ба таври оперативӣ пешниҳод намояд, то иттилоот аҳаммияташро аз даст надиҳад. Мисол: журналист дар шароити вазъияти фавқулода, масалан, заминларза дар шаҳри Хуҷанд, дар муддати кӯтоҳ ахбори таъҷилиро омода мекунад ва ба расонаҳо ирсол менамояд.

✓ ***Қобилияти кор бо таҷҳизоти касбӣ ва техникӣ (диктофон, дастгоҳи аксу наворбардорӣ ва ғайра).*** Журналист бояд дар истифодаи таҷҳизоти касбӣ ва техникӣ, ки дар кори ӯ заруранд моҳир бошад. Ин малака ба ӯ имкон медиҳад, ки маълумот ва далелҳоро ба таври визуалӣ ва аудиоӣ ҷамъоварӣ ва сабт кунад, ки барои таҳияи маводҳои босифат муҳим мебошад. Мисол: ҳангоми гузаронидани мусоҳиба дар ҷои ҳодиса, журналист бо дастгоҳи сабти овоз ва дастгоҳи наворбардорӣ мусоҳиба мегирад ва баъдан онро барои мақола ё барномаи телевизионӣ омода месозад.

✓ ***Донистани қонунҳои ВАО ва қобилияти истифодаи он.*** Журналист бояд Қонуни васоити ахбори оммаро (ВАО) хуб донад ва онро дар фаъолияти худ истифода кунад. Донистани қонунҳо ва қоидаҳои вобаста ба журналистика ба ӯ имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои худро дуруст ва бе вайрон кардани ҳуқуқи шаҳрвандон ва қонунгузорӣ иҷро намояд. Мисол: журналист ҳангоми баррасии қазияҳои коррупсия бояд ҳуқуқи шахсиятҳо ва меъёрҳои қонунии ҳифзи маълумотро ба назар гирифта, аз доираи қонунҳои ВАО берун наравад.

✓ ***Қобилияти додани саволҳои номусоид ва расидан ба умқи масъала***. Журналист бояд дар муҳокима ва мусоҳибаҳо ба асли масъала наздик шавад ва ҷавобҳои дақиқ ва фаҳморо аз мусоҳибон ба даст орад. Ин малака барои ошкор кардани ҳақиқат ва таҳлили амиқи масъалаҳо муҳим аст. Мисол: дар мусоҳибаи сиёсӣ, журналист метавонад ба шахсиятҳои масъул саволҳои ногувор дар бораи истифодаи маблағҳои давлатӣ пешниҳод намояд, то ҷавобҳои дақиқ ва пурра ба даст оварад.

✓ ***Этикаи касбӣ ва эҳтиром ба дигарон.*** Журналист бояд этикаи касбиро риоя кунад ва дар фаъолияти худ эҳтиром ба дигаронро нишон диҳад. Ин маънои эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон, риояи қоидаҳои ахлоқӣ ва нигоҳ доштани шаъну шарафи мусоҳибон ва шахсони дигарро дорад. Мисол: ҳангоми баррасии мавзуъҳои ҳассос, масалан, ҳодисаҳои фоҷиавӣ, журналист бояд эҳтиром ва инсондӯстиро риоя намуда, иттилоотро ба таври оқилона ва эҳтиёткорона пешниҳод кунад.

✓ ***Санҷиши фактҳо (Fact-checking):*** Як ҷанбаи калидии фаъолияти журналист санҷиши фактҳо мебошад. Журналист бояд ҳамаи маълумот ва далелҳои ҷамъовардаашро санҷад ва дурустии онҳоро таъйид кунад. Дар ин роҳ метавонад аз абзорҳои муосири иттилоотӣ васеъ истифода барад. Ин қадам барои таъмини сифат ва эътимоднокии иттилоот зарур аст ва боварии аудиторияро нигоҳ медорад. Мисол: пеш аз нашри мақола оид ба вазъи иқтисодии

кишвар, журналист маълумотро бо чанд манбаи эътимоднок, аз ҷумла гузоришҳои расмӣ ва таҳлилҳои мустақил, месанҷад.

Менеҷери SMM:

✓ ***Қобилияти муошират бо аудитория дар фазои виртуалӣ ва бо гурӯҳҳои мушаххаси одамон:*** Мутахассиси SMM бояд ба таври самаранок бо аудиторияи мақаднок дар шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳо ва дигар платформаҳои онлайнӣ муошират кунад. Ин муошират бояд ҳам бевосита ва ҳам тавассути паёмҳо ё шарҳҳо сурат гирад, ки ба таври дақиқ ва таъсирбахш таҳия шудаанд. Мисол: SMM-менеҷер барои таҳияи стратегияҳои пешбурди бренд дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз таҳлили омории шабакаҳои иҷтимоӣ (Instagram ва Facebook) истифода мекунад, то рафтори аудиторияро аниқтар фаҳмад.

✓ ***Фаҳмиши вазифаҳои ширкат ва манфиатҳои ҷомеа:*** Мутахассиси SMM бояд на танҳо вазифа ва ҳадафҳои брендро дарк кунад, балки манфиатҳо ва ниёзҳои ҷомеаеро, ки бо он кор мекунад, низ дар назар дошта бошад. Мисол: ҳангоми таҳияи муҳтаво барои як ширкате, ки бо экология сарукор дорад, менеҷер бояд маълумоти нав дар бораи масоили муҳими экологиро бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои худ мутобиқ созад ва ба аудитория пешниҳод кунад.

✓ ***Онлайн будан ва дастрасии пайваста:*** Мутахассиси SMM бояд ҳамеша дар ҷараёни ҳодисаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ бошад. Ин маънои онро дорад, ки ӯ бояд доиман онлайн бошад, то ки дар вақташ ба рӯйдодҳои муҳим, паёмҳо ва саволҳои аудитория вокуниш нишон диҳад. Онлайн будан ҳамчунин ба мутахассис имкон медиҳад, ки пайваста трендҳои навро пайгирӣ кунад, муҳтаворо навсозӣ намояд ва дар муҳокимаҳо фаъолона иштирок кунад. Мисол: ҳангоми навиштани шарҳҳои таҳқиромез аз ҷониби корбарон бояд ба таври фаврӣ вокуниш нишон диҳад.

✓ ***Қобилияти сухан гуфтан бо аудитория:*** Мутахассиси SMM бояд забони аудиторияи худро хуб дарк кунад ва тавонад бо онҳо бо забони мувофиқу фаҳмо гуфтугӯ кунад. Доштани ҳисси ҳаҷвнигорӣ низ дар ин маврид нақши муҳим мебозад, зеро он метавонад иртиботро зинда ва гуворо гардонад. Мисол: менеҷери SMM барои брендҳои навтаъсис ва хоси ҷавонон метавонад истифодаи забони лаҳҷавӣ ва бо лаҳни ҳаҷвию ҷолиб истифода барад, то муносибати наздиктар бо корбаронро таъмин кунад.

✓ ***Тартиб додани нақшаи контент:*** Мутахассиси SMM бояд қобилияти тартиб додани нақшаи стратегӣ барои муҳтавои интишоршавандаро дошта бошад. Ин нақша бояд равиши муназзам барои эҷод, нашр ва паҳн кардани муҳтаворо дарбар гирад, ки ба ҳадафҳои умумии бренд ва талаботи аудитория ҷавобгӯ бошад. Мутахассис бояд пешакӣ тақвими контентро таҳия кунад, ки дар он ҳама мавзуъҳо, форматҳо ва вақтҳои нашр муайян карда шаванд. Мисол: менеҷери SMM метавонад тақвими муҳтавои ҳармоҳаро дар шакли ҷадвали Excel таҳия кунад, ки дар он санаҳо барои нашри муҳтаво, мисли маъракаҳои таблиғотӣ ё сторителлингҳо, муайян карда мешаванд.

✓ ***Тарҳрезии стратегияҳои SMM:*** Мутахассиси SMM бояд тавонад стратегияҳои умумии SMM-ро таҳия ва амалӣ кунад, ки ба афзоиши ҳамгироӣ ва фаъолият дар шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин ба ҷалби аудиторияи нав ва нигоҳдории аудиторияи мавҷуда мусоидат кунанд. Стратегияҳо бояд ба тарҳрезии равишҳои инноватсионӣ ва самаранок равона шаванд, ки метавонанд таъсири иҷтимоии маҳсулот ё хидматрасониро дар бозор беҳтар кунанд. Мисол: менеҷери SMM барои як ширкати мӯд метавонад ҳамкорӣ бо блогерҳои маъруфро барои густариши бренд бо аудиторияи нав пешниҳод кунад.

Ин монандии амиқ дар малакаҳо ва ҳадафҳо боиси он шудааст, ки ҳамкорӣ ва ҳамоиши онҳо на танҳо осон, балки барои ҳар ду соҳа манфиатовар бошад. Ин ду ҷанба якҷоя як муҳити иттилоотии муосир ва ҳамоҳангро ташкил медиҳанд, ки дар он иттилоот на танҳо интишор ёфта, балки ба таври стратегӣ ва мақсаднок ба аудитория мерасад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки: “маҳсулоти асосии журналистика – хабар аст, вале SMM пешбурди маҳсулот ё хидматрасонӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад” [4].

Баъзе расонаҳо аз журналистони худ хоҳиш мекунанд, ки корбаронро тариқи саҳифаҳои шахсии худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷалб кунанд ва бо онҳо муошират намоянд. Дар соли 2017 муҳаққиқон қайд карданд, ки дар «Новая газета» самти «форвард-блогер» пайдо шуд, ки дар он

журналистон-экспертҳо дар соҳаи худ маводро, бо пайванди гузариш мегузоштанд, то аудитория тавассути пайванд гузашта, бо маводи аслӣ шинос гардад. Ба ин тарз форвард-блогерҳо ба сомонаҳои ВАО аудиторияро таъмин мекунанд. Аммо дар аксари расонаҳо пешбурди контентро SMM-менеҷерон ё муҳаррирони сомона иҷро мекунанд [32]**.** Аз ин рӯ, журналистон низ бо пеш бурдани контент бренди шахсиашонро меофаранд ва унвони "Блогер" - ро соҳиб мегарданд.

Яке аз бунёдгузорони платформаҳои Blogger ва Twitter Эвам Вилямс калимаҳои "Блог", "Блогер" ва "Блогинг" – ро маъмул гардонид. Истилоҳҳои блог ва блогинг бори аввал дар луғати англисии Оксфорд дар соли 2003 ворид шуданд ва блог дар соли 2004 аз ҷониби ширкати амрикоии интишоргари луғату фарҳангҳо Merriam – Webster "Вожаи сол" эълон шуд [19]**.**

Муҳаққиқ Д.С. Аврамов бар он назар аст, ки довари асосии журналист аудитория мебошад. Журналист бояд дониши амиқ ва фаҳмиши дақиқ аз равандҳои иҷтимоӣ дошта бошад, то тавонад онҳоро дуруст ва ҳамаҷониба ба хонандагон пешниҳод намояд. Блогҳо ин вазифаро ба таври комил иҷро намекунанд, зеро онҳо танҳо нуқтаи назари якҷониба ва дидгоҳи субъективиро бе таҳлил ва баррасии назарияҳои мухталифи муаллиф ифода мекунанд [20]**.**

Дар Тоҷикистон, рушди контентсозӣ аз ҷониби журналистон рӯ ба афзоиш аст. Саҳифаҳои шахсие, ки бо муваффақият бренди худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ташаккул додаанд, ҳар рӯз бештар маъруф мешаванд. Дар доираи таҳқиқот, мо ба фаъолияти чандин журналистони муваффақ, ки дар шабакаҳои иҷтимоии Инстаграм ва Фейсбук бо шумораи зиёди корбарон фаъоланд, ба ҳолати 27.08.2024 таваҷҷуҳ намудем. Ин журналистон, ҳамзамон бо кор дар расонаҳои гуногун, саҳифаҳои шахсии худро пеш мебаранд ва бо аудиторияи мақсадноки худ дар робита ҳастанд. Наргис Қосимова дар Фейсбук бо бештар аз 10000 корбар ва дар Инстаграм наздики 18000 корбар, Субҳон Ҷалилов дар Фейсбук бо 20000 корбар ва Инстаграм наздики 8000 корбар, Орзу Исоев дар Фейсбук зиёда аз 17000 корбар ва дар Инстаграм зиёда аз 199000 корбар, Беҳрӯз Насриддинов дар Фейсбук бо 2000 корбар, дар Инстаграм бошад, наздики 60000 корбар, Осими Орифпур дар Фейсбук наздики 8000 корбар, дар Инстаграм бошад, зиёда аз 11000 корбар, Шералӣ Давлатов дар Фейсбук зиёда аз 4000 ва Инстаграм наздики 20000 корбар ва дигарон саҳифаашонро пеш мебаранд.

Ин нишон медиҳад, ки дар шароити муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ВАО, нақш ва вазифаҳои журналистон, блогерон ва SMM-менеҷерон дар ҷомеа ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Журналистон на танҳо ба таҳия ва пешниҳоди маводи ахборӣ машғуланд, балки бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо, тартиб додани стратегия барои ҷалби аудитория ва таҳкими бренди шахсии худ низ фаъолона кор мекунанд. Дар ин раванд, унвони "блогер" ва "SMM" на танҳо ба афроде, ки танҳо бо блогнависию нақшаи контент тартибдиҳӣ машғуланд, балки ба журналистоне низ дода мешавад, ки маводи худро дар формати блог бо таҳияи нақшаи контент пешниҳод мекунанд ва барои шинос кардани аудитория бо муҳтавои худ, пайвандҳои интерактивиро истифода мебаранд. Таҳқиқотҳо ва таҷрибаи амалӣ нишон медиҳанд, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин дар ҷалби аудитория ва таъсиррасонӣ ба афкори омма, ҳамкории наздик миёни ин гурӯҳҳо зарур аст.

SMM дар ҷалби аудитория нақши муҳим мебозад. Дар шароити рақобати шадид миёни ВАО, ҷалби диққати аудитория яке аз вазифаҳои асосии ҳар як расонаҳо мебошад. SMM бо роҳи эҷоди муҳтавои ҷолиб ва пайваста, инчунин истифодаи воситаҳои муосири таҳлили аудитория, имкон медиҳад, ки ҳамеша бо аудиторияи худ робитаи наздикро нигоҳ доранд. Бо ин роҳ, SMM на танҳо барои ҷалби корбарони нав, балки барои нигоҳдории аудиторияи мавҷуда низ нақши калидӣ мебозад. Яке аз вазифаҳои асосие, ки SMM анҷом дода, дар фаъолияташ натиҷаи назаррасро ноил мегардад, тартиби стратегияи муайян мебошад, ки дар фазои рақамӣ аҳаммияти муҳим доранд ва метавонанд таъсири онҳо дар ҷомеа баланд бошад. Стратегияҳои асосии SMM – ро дар журналистика метавон якчанд самт муайян намуд:

- ***Таҳияи нақшаи муҳтаво:*** Ин стратегия эҷоди маводи ҷолиб, маълумотнок ва интерактивӣ, ки қобилияти ҷалби аудиторияро дорад, дар бар мегирад. Журналистон бояд маводеро таҳия намоянд, ки на танҳо хабарҳо ва мақолаҳо, балки форматҳои видеоӣ, инфографикаҳо ва мундариҷаи интерактивиро низ дар бар гирад.

• ***Истифодаи платформаҳои иҷтимоӣ***: Журналистон бояд аз платформаҳои иҷтимоӣ, ба мисли Facebook, Instagram, X (Twitter), Telegram ва ғайра, барои паҳн намудани маводҳои худ истифода баранд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки ба аудиторияи васеътар дастрасӣ пайдо кунанд ва таъсири худро дар ҷомеа афзоиш диҳанд.

• ***Мутобиқсозии муҳтаво ба талаботи аудитория:*** Ин стратегия талаб мекунад, ки журналистон таҳлили мунтазами маълумоти аудиторияро анҷом диҳанд, то фаҳманд, ки кадом мавзуъҳо ва форматҳои контент барои онҳо ҷолибанд. Бо ин роҳ, муҳтаво ба талаботи корбарон мувофиқ карда мешавад, ки ин ба баланд шудани сатҳи иштироки онҳо мусоидат мекунад.

• ***Фаъолияти мунтазам ва ҳамоҳангшуда дар шабакаҳои иҷтимоӣ:*** Интихоби вақт ва реҷаи нашри муҳтаво дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле муҳим аст. Журналистон бояд фаъолияти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мунтазам ва дар вақтҳои мувофиқ барои аудиторияи худ ба роҳ монанд.

• ***Иртиботи мунтазам бо аудитория:*** Ин стратегия ҷавоб додан ба шарҳҳо, ташкил намудани суҳбатҳои онлайнӣ ва иштироки фаъоли журналистон дар муҳокимаҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад. Ин раванд эътимод ва пайвастагии амиқ бо аудиторияро таъмин мекунад.

• ***Таҳлил ва оптимизатсия:*** Журналистон бояд мунтазам натиҷаҳои фаъолияти SMM-ро таҳлил намуда, бо истифода аз маълумоти гирифташуда стратегияҳои худро оптимизатсия кунанд. Ин имкон медиҳад, ки самаранокии истифодаи SMM дар фаъолияти журналистӣ баланд бардошта шавад.

Дар Тоҷикистон якчанд расонаҳо ва журналистон ҳастанд, ки фаъолона аз стратегияҳои SMM истифода мебаранд ва муҳтавои худро ба талаботи замонавӣ мутобиқ мекунанд. Яке аз маъруфтарин оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон **Asia-Plus** мебошад, ки стратегияи тавонои SMM дорад. Онҳо на танҳо хабарҳо ва мақолаҳои мухталифро пешниҳод мекунанд, балки аз форматҳои гуногуни муҳтаво, ба монанди **инфографика**, **видео** ва **муҳтавои интерактивӣ** истифода мебаранд. Инчунин, дар платформаҳои иҷтимоӣ, хеле фаъоланд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, аудиторияи васеътарро фаро гиранд. **Your.tj** низ аз портали хабарие ба ҳисоб меравад, ки як намунаи хуби истифодабарандаи стратегияҳои SMM аст. Ин расона аксар вақт муҳтаворо бо талаботи аудитория мутобиқ мекунад, форматҳои **видеоӣ**, **суратҳои ҷолиб**, **сторителлингҳо** ва **видеои кӯтоҳро** дар шабакаҳои иҷтимоӣ, барои ҷалби бештари аудитория истифода мебарад. Нақшаи муҳтаво ва нақшаи мунтазами нашр бо дарназардошти вақти дастрасии аудитория ба онҳо кумак мерасонад, ки пайваста бо аудитория дар робита бошад. Мутаассифона, аксари расонаҳои дигари Тоҷикистон ҳанӯз дар татбиқи стратегияи мукаммали SMM дар фаъолияти худ ба мушкилиҳо дучор мегарданд ва ба такмил ва таҷдид эҳтиёҷ доранд. Набудани нақшаҳои дақиқ ва системаи муназзами кор бо аудитория дар шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин истифодаи таҳлилҳои пешрафта барои муайян кардани афзалиятҳои аудитория, онҳоро аз расидан ба сатҳи баландтар дар ҷалби истифодабарандагон бозмедорад.

Бо назардошти ҳамаи ин вижагиҳо, метавон гуфт, ки SMM дар журналистикаи муосир на танҳо як воситаи иттилоотрасонӣ, балки як абзори асосии ҷалби аудитория ва пешбурди фаъолияти журналистика мебошад. Барои муваффақ шудан дар ин соҳа, журналистон бояд қобилияти истифодаи самараноки SMM-ро дошта бошанд ва ба тағйироти пайвастаи технологияҳои рақамӣ мутобиқ шаванд.

Ҷомеаи муосир бо афзоиши шумораи корбарони интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки ин боиси ба вуҷуд омадани зарурати истифодаи самараноки SMM дар журналистика мегардад. Журналистон ва расонаҳои онлайнӣ бояд аз ин имконот истифода бурда, стратегияҳои SMM-ро барои расонидани паёмҳои худ ва ҷалби аудиторияи мақсаднок васеътар дар шабакаҳои иҷтимоӣ қабул кунанд.

Бо рушди шабакаҳои иҷтимоӣ, журналистика дар Тоҷикистон ба тағйироти амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо воситаи муошират, балки як воситаи муҳимми паҳн кардани иттилоот ва тарғиби брендҳои шахсӣ барои журналистон гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки инноватсия дар шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо воситаи муошират, балки абзори муҳим барои рушди журналистикаи муосир ва пешбурди самараноки брендҳо гардиданд.

Малакаҳои зарурии журналист ва SMM бисёр ҷанбаҳои муштарак доранд. Ҳарду бояд дар ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳод кардани иттилоот моҳир бошанд, тавонанд стратегияи муҳтаворо таҳия ва амалӣ кунанд ва бо аудиторияи худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ робитаи мустаҳкам барқарор намоянд.

Адабиёт:

1. Абдуллозода, М. А. Нақш ва ҷойгоҳи агентҳои иттилоотӣ дар низоми ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. А. Абдуллозода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2020. – № 1. – С. 304-310.

2. Абдуҷалилов Ф. Н. Журналистикаи конвергентӣ ва иртиботи он бо онлайн-журналистика // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2015. – №3 (44) – С.140-143.

3. Азнаева Г. Д. SMM как неотъемлемая часть современной журналистики //Средства массовой коммуникации в многополярном мире: проблемы и перспективы. – 2017. – С. 263-266.

4. Аксенова А. С. Использование SMM-технологий СМИ в социальных сетях //Социально-гуманитарные проблемы образования и профессиональной самореализации (Социальный инженер-2020). – 2020. – С. 157-162.

5. Бородина А. С. Инструментарий бренд-журналистики //Сборник трудов молодых ученых и студентов XII международной научно-практической конференции «Россия и мир. – 2022. – С. 393.

6. Генералова А. К. Критерии определения эффективности применения средств и методов Smm в журналистике //XXIV Всероссийская студенческая научно-практическая конференция Нижневартовского государственного университета. – 2022. – С. 40.

7. Головань Б. А., Багликова М. С. ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОТИВОСТОЯНИЕ РФ СО СТРАНАМИ ЗАПАДА В TWITTER //Редакционная коллегия. – 2019. – 123 стр.

8. Дербенёва Ю. Д. Способы продвижения медиабренда в социальных сетях как тенденция современной журналистики //Молодой исследователь: от идеи к проекту. – 2021. – С. 414-416.

9. Ирина Михайловна Панченко Социальные сети как новая форма коммуникации: польза или опасность для общества? // Социология науки и технологий. 2018. – №2. – С. 86-94.

10. Кабани Ш. SMM в стиле дзен. «Стань гуру продвижения в социальных сетях и новых медиа». Санкт-Петербург: Питер. 2012.

11. Комилов К. И, Азизова М. Ғ. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ҷойгоҳи шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо дар домени TJ // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2023. – №1 (74). – С. 232-234.

12. Комилов К. И. Интерактивные особенности “новых медиа” // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2019. – №3 (60). – С. 125 – 128.

13. Комилов К.И. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои иттилоотӣ: Махсусияти раванди афзоиши сафи корбарони онҳо // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2020. – №3 (64). – С. 141-143.

14. Корнадут, К. Д. SMM-технологии в системе профессиональных компетенций журналиста / К. Д. Корнадут // Коммуникации. Медиа. Дизайн. – 2022. – Т. 7, № 2. – С. 34-45.

15. Красавина, А. В. «TikTok-журналистика» как новый медиаформат / А. В. Красавина, Д. О. Золина // MEDIAОбразование: медиа как тотальная повседневность : Материалы V Международной научной конференции, Челябинск, 24–25 ноября 2020 года / Под редакцией А.А. Морозовой. Том Часть 2. – Челябинск: Челябинский государственный университет, 2020. – С. 90-95.

16. Мансурова, Б. С. Информационные агентства в системе средств массовой информации Республики Таджикистан: диссертация ... кандидата филологических наук: 10.01.10 / Мансурова Б. С; [Место защиты: Рос.-Тадж. (славянский) ун-т]. — Душанбе, 2018. — 179 с.

17. Маркевич, В. А. История создания видеохостинга youtube / В. А. Маркевич // Гуманитарные науки в современном вузе: вчера, сегодня, завтра : материалы IV международной научной конференции, Санкт-Петербург, 10 декабря 2021 года. Том 3. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский государственный университет промышленных технологий и дизайна, 2021. – С. 115-119.

18. Мирзоали С. СМИ Таджикистана в условиях глобальной информации //Медиа. Информация. Коммуникация. – 2014. – №. 11. – С. 22-29.

19. Мӯминзод А. Блогинг, қадам ба қадам. (Китоби раҳнамо барои пешбурди блогерӣ), Душанбе, “Ирфон”, 2024. – 176 саҳ.

20. Муха, А. В. Блоги и СМИ: сходства и различия / А. В. Муха, В. В. Кихтан // Международный студенческий научный вестник. – 2014. – № 1. – С. 39.

21. Раджабов А. Расширение массмедийного рынка в Таджикистане // Журналістыка-2015: стан, проблемы и перспектывы : матерыалы 17-й Міжнар. навук.-практ. канф. – 2015. – с. 33-35.

22. Сафарзода М. А. Имичсозӣ ва бренд дар журналистика (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2023. – 76 с.

23. Тулупов В. В. Журналистика и журналистское образование в современных условиях //Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Филология. Журналистика. – 2019. – №. 1. – С. 155-160.

24. Тӯхтаева, М. М. Таҳқиқи раванди гузариши расонаҳои Тоҷикистон ва таъсиррасонӣ ба аудитория тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ / М. М. Тӯхтаева // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2024. – No. 1(78). – P. 284-294. – DOI 10.24412/2077-4990-2024-178-284-294.

25. Устинов В. В. SMM-копирайтинг в журналистской деятельности //Медиасреда. – 2017. – №. 12. – С. 276-281.

26. Хахина А. М., Неделько В. С. История возникновения и развития социальных сетей //ББК 72.4 Р 17. – 2022.

27. Ҳайдаров Р., Махсумова М. Таъсири ВАО ба ташаккули афкори ҷомеа дар ҶТ //Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – №. 2. – С. 152-158.

28. Ҳамидиён, И. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо / И. Ҳамидиён, Ф. Низом. – Душанбе, 2022. – 268 с.

29. Edosomwan S. et al. The history of social media and its impact on business //Journal of Applied Management and entrepreneurship. – 2011. – V. 16. – №. 3. – Pp. 79-91.

30. Giesler M., Pohlmann M. The social form of Napster: Cultivating the paradox of consumer emancipation //Advances in consumer research. – 2003. – V. 30. – Pp. 94-100.

31. Mail.Ru Group: update // Университетская книга. – 2012. – № 10. – С. 64-67.

32. Rahim N. Z. A., Salim S. M., bin Abdul Lasi M. The Role of social media as an Important Platform for E-Commerce in Malaysia. // City University eJournal of Academic Research (CUeJAR). – 2021. – V. 3. – №. 2. – Pp. 76-87.

33. Rudyk M. SMM and journalism: methods of mutual influence //eastern european conference of management and economics. – 2020. – С. 203.

34. Whiting A., Deshpande A. Social media marketing: A myth or a necessity //Journal of Applied Business & Economics. – 2014. – Т. 16. – №. 5.

35. YouTube. – Me at the zoo. –https://www.youtube.com/watch?v=jNQXAC9IVRw. – ба ҳолати 24.08.2024.

ВИЖАГИҲОИ SMM ДАР ЖУРНАЛИСТИКА ВА НАҚШИ ОН ДАР ҶАЛБИ АУДИТОРИЯ

Дар ин мақола таҳқиқот, майлонҳо, таъсири мутақобила, воситаҳои ҷалби бештари корбарон ва самаранокии кори SMM дар журналистика мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин ҷанбаҳо метавонад ба такмил ва рушди соҳаҳо мусоидат

кунад ва барои расонаҳои Тоҷикистон заминаи хуберо барои фарогирии бештар ва нигоҳдории аудитория фароҳам орад. Дар асри рақамӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба яке аз абзорҳои муҳимми иттилоотрасонӣ ва муошират табдил ёфтаанд, ки дар ҷалби васеи аудитория нақши муҳим мебозанд.

Таҳияи муҳтаво дар SMM ва мутобиқ намудани он ба талаботи аудиторияи мақсаднок аҳаммияти бузург дорад. Журналистикаи муосир, ки бо SMM пайванди ногусастанӣ дорад, на танҳо барои пешниҳоди ахбор, балки барои таъсиргузории ҳадафманд ба аудитория истифода мешавад. Ҳамчунин, дар мақола масъалаи стратегияи тарҳрезии муҳтаворо барои баланд бардоштани сатҳи иштирок ва ҳамгироии аудитория дар расонаҳо баррасӣ мешавад. Бо истифода аз платформаҳои маъруф, ба монанди Instagram, Facebook ва TikTok, расонаҳо метавонанд фаъолияти худро ба таври назаррас густариш диҳанд.

Дар шароити рақобати шадид ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, васоити ахбори оммавӣ бояд стратегияҳои мутобиқшавии худро такмил дода, дар платформаҳои нави рақамӣ ҳузури қавитар пайдо намоянд. Таҳлил ва оптимизатсияи мунтазами фаъолиятҳои SMM яке аз шартҳои муҳимми муваффақият дар ҷалби аудиторияи муосир дониста мешавад.

Калидвожаҳо: SMM, ВАО, журналистика, платформа, шабакаҳои иҷтимоӣ, таҳияи муҳтаво, ҷалби аудитория, маркетинг, стратегияҳои пешбурд.

ОСОБЕННОСТИ SMM В ЖУРНАЛИСТИКЕ И ЕГО РОЛЬ В ПРИВЛЕЧЕНИИ АУДИТОРИИ

В данной статье рассматриваются исследования, тренды, взаимное влияние, средства привлечения большего количества пользователей и эффективность работы SMM в журналистике. Всестороннее изучение этих аспектов может способствовать улучшению и развитию отраслей, создавая для СМИ Таджикистана хорошую основу для более широкого охвата и удержания аудитории. В цифровую эпоху интернет и социальные сети стали одним из важнейших инструментов распространения информации и коммуникации, играя ключевую роль в привлечении широкой аудитории.

Создание контента в SMM и его адаптация к требованиям целевой аудитории имеют большое значение. Современная журналистика, тесно связанная с SMM, используется не только для предоставления новостей, но и для целенаправленного воздействия на аудиторию. В статье также рассматривается вопрос стратегического планирования контента для повышения уровня вовлеченности и интеграции аудитории в СМИ. Используя такие популярные платформы, как Instagram, Facebook и TikTok, СМИ могут значительно расширить свою деятельность.

В условиях жесткой конкуренции и быстрого развития информационных технологий средства массовой информации должны совершенствовать свои стратегии адаптации и укреплять свое присутствие на новых цифровых платформах. Регулярный анализ и оптимизация SMM-активностей считаются одним из ключевых условий успеха в привлечении современной аудитории.

Ключевые слова: SMM, СМИ, журналистика, платформа, социальные сети, создание контента, привлечение аудитории, маркетинг, стратегии продвижения.

THE FEATURES OF SMM IN JOURNALISM AND ITS ROLE IN AUDIENCE ENGAGEMENT

This article examines research, trends, mutual influence, tools for attracting more users, and the effectiveness of SMM in journalism. A comprehensive study of these aspects can contribute to the improvement and development of industries, creating a strong foundation for Tajik media to achieve broader coverage and audience retention. In the digital era, the internet and social networks have become one of the most important tools for information dissemination and communication, playing a key role in attracting a wide audience.

Content creation in SMM and its adaptation to the requirements of the target audience is of great importance. Modern journalism, closely linked with SMM, is used not only to deliver news but also to strategically impact the audience. The article also addresses the issue of strategic content

planning to increase engagement and audience integration in the media. By utilizing popular platforms such as Instagram, Facebook, and TikTok, media outlets can significantly expand their activities.

In the context of fierce competition and the rapid development of information technologies, mass media must refine their adaptation strategies and strengthen their presence on new digital platforms. Regular analysis and optimization of SMM activities are considered one of the key conditions for success in attracting a modern audience.

Keywords: SMM, media, journalism, platform, social networks, content creation, audience engagement, marketing, promotion strategies.

Маълумот дар бораи муаллифон: Тӯхтаева Маҳноза Маъруфовна – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти PhD кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков. Email: mahnoza1995@gmail.com. Тамос: +992 92601-63-64.

Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com. Тамос: +992 919708170.

Сведения об авторах: Тухтаева Махноза Маъруфовна – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, докторант PhD кафедры журналистики и теория перевода. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова. Email: mahnoza1995@gmail.com. Телефон : +992 92601-63-64.

Хамидиён Илхомджон Иномзода – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com. Телефон: +992 919708170.

Information about the authors: Tukhtaeva Mahnoza Marufovna – Khujand State University named after B. Gafurov, Ph.D. doctoral student of the department of journalism and translation theory. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive. Email: mahnoza1995@gmail.com. Phone: +992 92601-63-64.

Hamidiyon Ilhomjon Inomzoda – Tajik national University, candidate of philological Sciences, Associate Professor of the Department of Television and Radio Broadcasting of the Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 17. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com. Phone: +992 919708170.

ТДУ: 629(075.8)
У-52

ҶОЙИ ТАҲЛИЛ ДАР ПУБЛИТСИСТИКА

Усмонова Н.К., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар касби публитсистӣ масъалаи муҳимме, ки дар замони истиқлолият воситаҳои ахбори умум ба он рӯ ба рӯ гардидааст, ба таҳаввулот дучор шудани жанрҳои публитсистӣ мебошад. Ин дигаргуниҳоро дар шикастани қолаби жанрӣ ё омехта таҳия шудани чанд унсурҳои жанрҳо дар як жанр мебинем, ки ин ҷараёнро бо истилоҳ «конвергенсия» меноманд. Аз ҷумла, дар фазои илмӣ ва журналистикаи Россия муҳаққиқоне чун П. Прохоров [11], А.А. Тертичний [12], Д.Е. Фомичёва [18], Пак Е.М. [10] ва аз муҳаққиқони ватанӣ И.К. Усмонов [16], М. Муродӣ[4], Ҷ. Муқим [9], С.Гулов [1], А. Қудбиддинов [2], К. Мухторӣ [7], Н. Усмонова [17], И. Ҳамидиён, Ф.Низом [19] ин раванди таҳаввули жанрҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, дар доираи таҳқиқоти илмӣ мулоҳизаронӣ намудаанд. Дар таҷрибаи матбуот аз жанрҳои хабарии публитсистика ҳисобот хеле маҳдуд шуда, баръакс

мусоҳиба фаъолтарин ва серистеъмолтарин жанрҳои журналистика гардидааст. Бинобар ин дар сохтори он дигаргуниҳои бисёре ба миён омада, шаклҳои нав ба нави тарзи пешниҳоди он арзи вуҷуд карданд. Дар мусоҳибаҳои ин замон мавқеи гӯянда- респондент хеле равшан шудааст, зеро шояд бо сабаби масъулият бошад, журналистон ҷавобҳои ҳамагуна саволҳоро пурра меоранд. Ҳатто мусоҳибаҳои муаллиф бо худаш низ пайдо шуданд ва таҳқиқоти сотсиологӣ низ ҳамчун жанри мусоҳиба истифода мешавад.

Яке аз унсурҳои асосии жанрҳои гурӯҳи дуюм таҳлил ба шумор меравад. «Таҳлил (аз калимаи юнонии analisis-ҷудо кардан) – ҷараёни фикран аз ҳам ҷудо кардан ва ҷамъбаст намудани объект (мавзуъ), факт, рӯйдод ба мақсади омӯзиши он. Дар журналистика таҳлил барои нишон додани моҳияти воқеа, ошкор сохтани мазмуни иҷтимоии он, муайян намудани таззодҳои объективӣ ва амсоли ин равона мешавад» [3, с. 352], Имрӯзҳо дар ин гурӯҳи жанрҳо дигаргуниҳо зиёд ба назар мерасад, махсусан дар жанри тақриз. Ҳатто иддае аз эҷодкорон асари худро дар қолаби тақриз муаррифӣ мекунанд. Аммо ба ҳар ҳол имрӯз тақриз, аннотатсия, тақризи шабеҳ ба танқиди адабӣ хело зиёд шудаанд.

Дар мавриди жанрҳои гурӯҳи сеюм бошад, дар журналистикаи тоҷик солҳои охир очерк ва лавҳа хело камшумор шуданд ва дар баробари ин шеваи таҳияи очерк ҳам хело дигаргун гардидааст. Агар пештар тасвир ва бадеият унсурҳои ҳатмии очерк бошанд, дар очеркҳои имрӯза ин ду хусусият ҳаст, аммо на дар ҳамаи онҳо ва на ба сифати унсури ҳатмӣ. Акнун дар очеркҳо назаргӯй, нақл ва таҳлил зиёдтар гардидааст. Аз жанрҳои публитсистию бадеӣ фелйетон хело камнамо шуда монд. Ҷойи онро мақолаҳои танқидӣ ва муроҷиатҳо ба унвони мақомҳои олӣ ишғол намуданд. Дар ин хусус муҳаққиқ М. Муродӣ ишора менамоянд, «Воситаҳои ахбори оммаи муосир, бахусус матбуоти даврӣ матнҳоеро манзури аудитория (хонанда) мегардонанд, ки аз доираи низоми жанрҳои журналистӣ берунанд. Чунин матнҳо ба омӯзиши ҳаматарафа ва индентификатсия (баробар, ҳаммонанд кардан) ниёз доранд то хусусият ва ҷойгоҳашон дар низоми жанрҳо муайян шавад» [5, с. 237]. Дар ин таҳқиқ, ки ҳадафаш нишон додани мавқеи таҳлил дар публитсистикаи имрӯза аст, барои мисол ба публитсистикаи муҳаққиқ И. Усмонов таваҷҷуҳ намуда, ба чанде аз онҳо, ки хислати таҳлилӣ доранд, такя менамоем. Дар оғоз бояд зикр намуд, ки Усмонов маъмулан ҳамчун муҳаққиқ ва публитсист ба мавзуҳо даст мезанад ва мусаллам аст, ки дар ин ҳолат таҳлил василаи муҳимтарини баёни фикр мегардад. Масалан:

Мақолаи «Нигорандаи саҳнаҳои таърих» [15] дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (2021, 15 июл) нашр шуда, таҳлили як силсила асарҳои драматургии Н. Табаровро дар бар мегирад. Ин навишта аз нигоҳи хислати жанрӣ байни тақриз (ҳамчун жанри публитсистика) ва мақолаи танқиди адабӣ қарор дорад. Ин мақола ҳамчунон унсурҳои тасвирро, ки хоси очерк аст, дарбар мегирад. Муаллифи мақола онро аз муаррифии маънавӣ оғоз мекунад:

«Вай аслан сиёсатмадор ва давлатдор аст. Аммо дар сӣ соли охир ба ин корҳо шуғл наварзид, ё ман эҳсос накардам. Бештар ба кори эҷодӣ, он ҳам зиёдтар дар қолаби хусусӣ машғул аст: ором, беталош, бе баҳс. Ҳатто барои ҳуқуқи эҷодии худ бо ҳунарварони дигар талош намекунад. Чанд сол пеш дар яке аз театрҳо пйесаи ӯро таҳия мекарданд. Режиссёр ва яке аз актёрҳо ба сабаби он ки барои такмилу ба саҳна мувофиқ кардани асар маслиҳатҳое додаанд ва шояд ҳам як –ду ҷумлае навиштаанд, даъвои ҳаммуаллифӣ кардаанд. Ӯ ҳайрон, чи кор карданашро намедонад, чашмонаш об гирифтанд, хост оромона фаҳмонад, нафаҳмиданд, бархосту рафт. «Замин сахту осмон баланд» аз дил гузаронд ӯ» [15].

Таъкиди муаллиф аз ҳаёти иҷтимоӣ барои он аст, ки дар зиндагии хонадони Табаров дар замони гардишҳои сиёсӣ фоҷиаи мудҳише рух дода буд, писари ягонааш кушта шуд, вале духтаронаш Дилбару Санавбар «мард» тарбия ёфтанд, ки сӯзиши ин дардро ба таври тавон ором карданд.

Дар идомаи мақола публитсист муҳити камолёбии ӯро дар донишгоҳ бо зикри номҳое, ки ба муҳити эҷодӣ шиносанд, ёдовар мешавад ва аз адибоне чун Бозор Собир, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Анора Остонова, олимоне ба мисли Р. Мусулмониён, Н. Арабзода, С. Мухторов, А. Саъдуллоев, журналистоне монанди М. Давлатов, М. Муҳаббатшоев, Р. Мардонов, Ғ. Муродалиев, Р. Шарифов ёд карда, муаллиф таъкид менамояд, ки: «Дар солҳои

шастум ва баъд, то замони истиқлол ва сонӣ ҳам, ин номҳову эҷоди ин зиёён дар хони гуногуннеъмати адабиёту публисистика ва илми тоҷик саҳми барозандае доштанд» [15].

Дар мақола роҳи эҷоди Н.Табаров бо ин чанд қиёфа ифода меёбад дар ибтидо ба кори рӯзноманигорӣ ва дар заминаи он ба амали давлатдорӣ ва сиёсӣ пайваст. Дар солҳои шастум хабарнигори «Комсомоли Тоҷикистон», дар ибтидои солҳои ҳафтодум муҳаррири рӯзномаи «Комсомолец Таджикистана», сипас хабарнигори рӯзномаи «Комсомольская правда» дар Тоҷикистон шуд. Солҳои 1979-1984 муҳаррири рӯзномаи ҳизбию давлатии Тоҷикистон «Тоҷикистони советӣ» таъйин шуд. Бо истифода аз фурсат И. Усмонов як мафҳуми касбиро шарҳ медиҳад, ки барои рӯзноманигории имрӯза фаҳмо нест. «Истилоҳи муҳаррир дар он замон маънои роҳбари умумии коллективи эҷодиро дошт. Имрӯз ин мафҳумро бо калимаҳои сармуҳаррир, дабир ва мисли онҳо ифода мекунанд. Он вақт муҳаррironро дар идораҳои ҳизбии Москва-пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ таъйин мекарданд. Табаров ба сифати муҳаррир депутати Шурои Олии Тоҷикистон ва узви КМ ҲК Тоҷикистон ҳам буд» [15]. Дар мақола хислати ташкилотчигии Н. Табаров дар замони то истеҳсол бо зикри ин корҳо таҳлил ва таҳқиқ шуда, симои персонаж хеле равшан мегардад:

«Соли 1976 вай мактаби олии ҳизбиро дар Москва хатм кард, солҳои 1976-1979 мудири шуъбаи агитатсия ва пропагандаи кумитаи ҳизби коммунисти ш. Душанбе, дар нимаи дувуми солҳои ҳаштодум мудири шуъбаи фарҳанги КМ ҲК Тоҷикистон ва баъди он Вазири фарҳанги Тоҷикистон шуд. Роҳбарӣ ба нашрияе чун «Тоҷикистони советӣ» дар он замон масъулияти бузурги ҳизбӣ ба ҳисоб мерафт. Дар охири солҳои ҳаштодум вай имкон ёфт сарояндаи машҳури Эрон Шаҷараёнро, ки хонандаи мақомҳои эронӣ буд, барои шиносоӣ ба Тоҷикистон меҳмон кунад. Нависандаи шуравӣ Темур Зулфиқоровро, ки зодаи Тоҷикистон аст, ба Ватанаш унс дод. Дар солҳои кор дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» Нурмуҳаммад Табаров ба ҳунари эҷодии публитсист ва нависанда Мутеулло Наҷмиддинов зеҳн монд ва пайрав шуд. Баъди овардани ин мисолҳо публитсист Усмонов чунин андешаашро пинҳон намедорад: «Ман мепиндоштам, ки Н. Табаров ҳадди ақал роҳбари идеологии Тоҷикистон мешавад, аммо нашуд. Хайр дар бораи сиёсат бас» [15]. Тавре мушоҳида шуд, натиҷаи ин таҳлил барои муайян намудани имконияти ақлонии нависанда дар ҳаёти иҷтимоӣ мавод додааст. Аммо таҳлил бо ин тамом намешавад. Баъди ин муаллифи мақола сарнавишти қаҳрамони навиштаи худро чунин пайгирӣ мекунад:

«Дар фазои нави сиёсии Тоҷикистони солҳои навадум Табаров аввал дар худ печид, аз назарҳо ғоиб шуд, мисли касе, ки роҳи зиндагиро гум карда бошад. Баъд маълум гардид, ки пурра ба адабиёт дода шудааст. Эҷодкори ҳақиқиро ҳеҷ чиз аз навис-навис нигоҳ дошта наметавонад. Публитсистика ва адабиёт барои ӯ ҳеҷ вақт бегона набуд ва дар ҳар мақом ҳам ки бошад, бе эҷод рӯз намедид. Ба хусус эҷодкоре мисли Н.Табаров, ки дар ду забон-тоҷикӣ ва русӣ менавишт ва дар қаъри дигаргуниҳои зиндагӣ мавқеъ дошт, хомуш будан имкон намедод. Навиштани ӯ оддӣ не, бо каломи бадеъ, равон, фаҳмо, муассир ва дар ҳар ду забон ҳам гӯё буд» [15]. Усмонов барои исботи фикри худ аз маҷмуаҳои ҳикояҳои Нурмуҳаммад Табаров «Роҳҳои дур ва наздик» соли 1977, «Ин баҳор чӣ меорад?» соли 1983, маҷмуаи асарҳои публитсистӣ «Дарёи нур» 1985 ёд карда, онҳоро аз нигоҳи мавзуъ, ҳунари эҷодӣ, навоварӣ таҳлил намуда, ба ин васила моҳияти асарҳоро равшан ва ҷои адибро дар адабиёти муосир муайян менамояд: «Маҳз дар ҳамин замон аввалин асарҳои саҳнавии вай навишта шуданд. Аз ҷумла пйесаи ӯ «Дар чорсу» таълиф ёфт, ки онро Ҳ. Абдураззоқов дар саҳнаи театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ таҳия кард» [15]. Ба андешаи публитсист И. Усмонов «Ин асар дар саҳнаи тоҷик сухани нав буд, аҳли ҷомеаро бедор кард, фикрҳои гуногуне - хубу баде гуфта шуданд, чи хел мешудааст, ки корманди ҳизбӣ дар пиронсолии худ ба дин рӯй меовардааст?» [15]. Воқеан тавре таҳлилгар мегӯяд, дар пйесаи Табаров ҳамин мавзуъ ва ҳамин конфликт мавриди баҳс аст. Ва ин табиист, зеро натанҳо ба осори санъат балки ба худи зиндагӣ низ ҳар кас аз равзанаи худ дида медӯзад. Муаллифи мақола зикр мекунад, ки Котиби КМ ҲК Тоҷикистон он вақт ин асарро аз ҳалокат нигоҳ дошт. Ҳамон солҳои 80-ум Табаров асари драматурги гурҷӣ Чехаидзе «Вақте, ки шаҳр хуфта буд»-ро тарҷума кард. Ин асар ва мавзуи он - муносибат ва диди нав ба воқеаҳои рӯзгор, ифшои

ҳақиқате, ки то ин рӯзҳо камтар ба забон гирифта мешуд, дар арсаи шуравӣ валвала ангехта буд. Спектакле, ки Ҳ. Абдураззоқов дар ин замина дар театри ба номи Лоҳутӣ ба саҳна гузошт, шуҳрат ёфт. «Ин пйесаҳо-ҳам асари худӣ ва ҳам тарҷума эҷоди бадеии руҳия ва равиши публитсистӣ дошта мебошанд. Дар асарҳо камбудии ҳамин рӯз дар қолаби ҳунар тасвир ва маҳкум карда мешавад» [15].

Аз таҳлилҳои И. Усмонов ба натиҷае мерасем, ки «Н. Табаров нафақат публитсист ба маънои эҷодкори сиёсатнавис аст, балки адибе ҳам ҳаст, ки дар қолаби ҳунари бадеӣ руҳи замонро ҷой медиҳад, мисли Убайду Восифӣ, Саъдиву Мушфиқӣ, Донишу Айнӣ. Асарро танҳо барои ифодаи зебоӣ наменависад, балки дар он ғояи аҳлоқию миллии худро бартарӣ медиҳад» [15]. И. Усмонов дақиқан ба мавзуъ ва руҳи эҷодии Н. Табаров таваҷҷуҳ карда, дармеёбад, ки «равиши эҷодии Н.Табаров дар замони истиқлолият руҳия ва маҷрои дигар пайдо кард. Ӯ дар хусуси асри худ, муҳити худ, диёри хеш, ки майдони пуртуғёни муборизаҳо, вайрониҳо, бунёдкориҳо, хайру шарр шуда буд, чизе нанавишт, аниқтараш хеле кам навишт, гӯё намедид, намешунид, намешинохт. Дар байни навиштаҳояш пйесаҳо, очеркҳо, ҳикояҳое кам намудор мешаванд, ки мавзуи имрӯза дошта бошанд, мисли китоби «Марде дар шаҳре, шаҳре дар марде», ки аз ҳаёти эҷодии ҳунарвари номӣ ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҳабибулло Абдураззоқов ҳикояти ширин дорад. Ба ибораи дигар, адиб мақсаду маром, ҷавҳари баён, мағзи аслии эҷоди худро дигар накарда, мисолу далели онро тағйир дода ба таърих ба гузаштаи дур, шахсиятҳои фарҳангӣ ва сиёсии замони пешин, ҳатто маърифату маънавиёти дигар мекӯчонад. Дар бораи имрӯз бо забону мисоли таърих сухан мегӯяд, аз таърих сабақ меомӯзонад» [15].

И. Усмонов бо он таъкид, ки шояд роҳи муассиртари баёни фикр, роҳи нигоҳ доштани руҳу нияти худ бошад, ҳол он ки мақсади ниҳоӣ ҳамеша равшан ва омӯзанда аст, Табаровро мешиносанд, ба мисоле рӯ меорад. «Ёд дорам вақте «Паёми Зардушт» таҳия гардид, яке аз руҳониёни сиёсӣ аз ман бо киноя пурсид: «Тоҷикистон зардуштияро дини расмии худ мекарда бошад?» Гуфтам дар асари драматург Нурмуҳаммад Табаров ишорае ба дини худиву бегона нест, ин асар на дар бораи дин ва динҳо, балки дар хусуси тамаддунҳост. Мо ҳам ҳақ доштагистем, ки аз қадим будани тамаддунамон, аз он ки аз аввалин халқҳои соҳибкитоб мебошем, ифтихор кунем. Табаров ҳамин ифтихорро тарбия ва таблиғ мекунад» [15].

Муаллифи мақолаи мазкур И. Усмонов бо зикри андешааш «Масъалаи миллӣ, ифтихори миллӣ, асолати миллӣ, руҳу худшиносии миллӣ асоси эҷодиёти гуногунсоҳа ва гуногунжанри Н. Табаров» ба далелҳо рӯ оварда, аз очеркҳои таърихии ӯ «Фарзонафарзандони Ориён», ки ду маротиба дар солҳои 2007 ва 2011 нашр шудааст, ёд меорад.

Усмонов И. дар мақола таҳқиқ ва таҳлили онро мекунад, ки «Мавзуи таърихӣ мавзуи як силсила асарҳои драмавии Н. Табаровро низ ташкил медиҳанд. Аслан образҳо ва шахсиятҳои фарҳангӣ ва сиёсие, ки перомунашон дар очеркҳои таърихӣ ва дигар асарҳои Н.Табаров қисса мешавад, персонажҳои марказӣ ва воқеаҳо ва конфликтҳои пйесаҳоро месозанд. Масалан, пйесаҳо дар бораи Зардушт, Борбад, Куруши Кабир,Темурмалик» [15]. «Маздак ва амсоли ин. Натиҷаи таҳқиқи драматургияи публитсистии Н. Табаров муҳаққиқ Усмоновро ба хулосае овардааст, ки нависанда ба ҳар василаи ҳунари эҷодӣ талош мекунад, ки сарнавишту аҳволи бузургонамонро тасвир созад, то кадом яке аз ин навиштаҳо-ҳикоя, очерк, пйеса ба гирандагон дастрас шавад, шиносанд ва истифода кунанд» [15]. Муаллифи мақола мегӯяд: «Аммо аз ин хулоса кардан даркор нест, ки муҳтаво, воқеаҳо ва мавзуву конфликтҳои онҳо ҳамсонанд. Асло чунин нест, балки ҳар кадом бо мавзуъ ва муҳтавои худ ҳамдигарро такмил медиҳанд» [15]. Адиб зимни ному воқеаҳои таърихи халқи тоҷик аз Зардушт то Айнӣ, аз Муқаннаъ то бармакиён драма навишта, ин номҳоро зинда ва азиз нигоҳ дошт, аз тарафи дигар зимни асарҳои манзуму мансури классикӣ драма сохта, муҳтавои эҷоди классикиро ба бинандаи имрӯза равшан кард. Ин драмаҳо дарси таърихӣ ва миллианд» [15] менависад И. Усмонов. Табаров сабк ва мавзуяшро устодона интихоб мекунад. Дар ин ҷода Усмонов хусусиятҳои зеринро таъкид менамояд:

1. «Сабки эҷодӣ дар драматургияи Н.Табаров аз он ҷиҳат ҷолиб ва мувофиқ аст, ки вай бо забони адабии гуфтугӯии тоҷикии Осиёи Миёна таълиф мекунад. Дар ин ҳолат тамошобин ҳар сухан, ҳар калимаро баробари шунидан дарк ва қабул мекунад, ҳар реплика мақсадро мерасонад. Суханҳо худ маъно доранд ва адиб маҷбур намешавад, ки дар сурогаи маъное сухансозӣ кунад.

2. Пйесаҳои Табаров дар маъно ва мақсад-миллӣ будан ҷиҳати умумӣ доранд, аммо расидан ба мақсад дар ҳар кадом бо роҳҳо ва воқеаҳои гуногун, дар саҳна ва таззодҳои мухталиф сурат мегирад.

3. Ифтихори миллӣ дар драмаи дигар ватандориву ҳимояи Ватан аст, ки онро аз ҷумла дар талошҳои мардонавори шоҳ Томирис (дар «Шикасти ташнагӣ») мебинем. Муҳофизати Ватан, маҳкуми ҷанг ва нафрат ба ҷангҷӯӣ, сазои хунхур-ин ҳама чун нафрати халқу адиб баланд садо медиҳад.

4. Яке аз омилҳои ҷанг ин талоши мансабталабон мебошад, ки баробари пайдоиши давлат байни падару фарзандон, аҳли авлод, аҳли дарбор, аҳли сармоя ва силоҳдорон таборуз карда, боиси бадбахтии инсонҳои оддии бе ҷоҳу ҷалол гардидааст. Ин мавзуъ аз ҷумла маънои ривоятҳои таърихиеро ҳам ба миён меоварад, ки драматург дар «Чархи гардон» гирд оварда, ба таври хоно баён намудааст. Ногуфта намонад, ки асарҳои дар «Роҳи тулонӣ аз машриқ ба мағриб ва аз мағриб ба машриқ» гирд овардааш ҳам, ба мисли «Аржанги Рӯдакӣ», «Амир Исмоили Сомонӣ» ва дигарон ҳовии ҳамин мавзуъ, ҳамин ҳунар ва ҳамин санъатанд» [14]. Як махсусияти мақолаи мазкур он аст, ки вай ба ду жанри дигари публитсистика-очерк ва тақриз ҳам монанд аст, зеро портрет дорад. Таҳлили асарҳо низ ҳаст, аммо мақсади асосӣ дар мақола-таҳлил ва таҳқиқи ҳолат аст. Аз ин сабаб вай ба жанри мақола, баёни фикру андеша мувофиқ меояд ва дар ин чорчӯб мо муҳокимаронӣ кардем.

Як намунаи дигари бисёр ҳам муассир, омӯзанда ва мавзуи муҳимми муосири мақолаҳои публитсистии профессор И.К. Усмонов «Равшанфикри миллӣ ва давлати миллӣ» ном дошта, дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» 11 феврали соли 2021 чоп шудааст. Мақола аз масъалагузориву таҳлили зерин оғоз мешавад: «Дар мавриди он ки киро равшанфикр шинохтан мумкину киро не, андешаҳо ҳамсон нестанд. Дар матбуот хондам, ки аз як олими бузург савол карданд, «Шумо ҳамчун равшанфикр дар мавриди.. » Ӯ хабарнигорро аз сухан боздошту гуфт: «Миннатдорам, ки Шумо маро равшанфикр ҳисоб мекунед. Аммо ман ҳеҷ вақт худро равшанфикр нагуфтаам. Ин масъулияти бузургест». Ин маъноро онҳое ифода мекунанд, ки равшанфикр гуфта одамонеро мешиносанд, ки дар ҳар маврид сухану ақидаи худро доранд ва дар ҳар шароит аз баёни фикри хеш наметарсанд. Зеро суханашон ақидаӣ аст, вай роҳу мароми зиндагиашонро ифода мекунад» [14]. Ин навъ оғоз таваҷҷуҳи хонандагони мақоларо ба мавзуи муҳимми рӯз - шахсияти зиёӣ ҷалб мекунад. Публитсист медонад, ки талош дар партави зиёият асоси баҳсҳои фарҳангиро ба миён меорад. Публитсист медонад, ки бо гуфтани ҳақиқат на ҳар зиёӣ қудрат дорад. Аз ин рӯ, ҷараёни баҳсро ба фаҳмиши дигар мегузаронад: Шояд гӯяндагони масали «Сар медиҳаму намедиҳам сар» чунин ашхосро дар назар доранд. Одамони ақидавӣ, агар андешаашон созанда бошад, ба манфиати миллату давлат бошад, халқро аз нодорамиву сархамӣ наҷот мебахшида бошад, беҳтарин фарзандони ҳар кадом миллат ҳастанд.Онҳо қаҳрамонанд ва қаҳрамонвор зиндагӣ мекунанд» [14].

Дар ин мақола Усмонов ба таърихи бедории миллии тоҷикон назар афканда, публитсист инҳоро бо ифтихор номбар мекунад: «Дар таърихи саду панҷоҳ соли охир, аз замоне, ки миллати мо дар бораи хокдону ному нишони худ, забону имони худ ҷиддӣ андеша мекардагӣ шуд, даҳҳо нафар шахсиятҳое арзи вуҷуд карданд, ки онҳо ҷон ба каф гирифта, ба таънаву таҳдиду таҳқирҳои дӯсту душман аҳаммият надода, ё онҳоро таҳаммул карда, барои худшиносии миллати мо талош карданд. Ман дар пешрави чунин зиёиҳо Аҳмад махдуми Дониш, бузугтарин донишманди асри Х1Х тоҷик, ситорашинос, муаррих, адиб, публитсист, дипломат, арбоби давлатиро мебинам, ки умрашро фидои бедории миллат кардааст ва талош дошт, ки Бухороро аз ҷабру ситам ва ҷаҳолати амирони манғитӣ наҷот бахшад» [14]. Публитсист дар мақолааш дар бораи Аҳмади Дониш чизи дигаре намегӯяд. Зеро асар барои

оммаи васеи хонандагон не, пеш аз ҳама барои равшанфикрон таҳия шудааст. Онҳо метавонанд зимни таҳлили пешниҳодшуда ҳолати баъдии Донишро ба ёд орад, ӯ барои ҷуръати ҳақиқатро гуфтанаш чи рӯзҳо дар замони мустабидон ба сар бурд. Дар давоми таҳлили Усмонов номҳои наве пайдо мешаванд.

Дар пайравии шахсият ва мактаби Дониш шахсиятҳое чун Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзомуҳиддин Мансуров, Сайидризо Ализода, Садриддин Айнӣ, Ҳоҷӣ Муин Шукруллоев ба камол расиданд, ки ҳар кадоми онҳо дар шаклгирии афкори миллӣ, махсусияти миллӣ ва давлати миллии мо ҳисса гузоштаанд. Публитсист ҳамчунин аз рӯзнома ва маҷаллаҳои М.Сироҷи Ҳаким ва М.Мансуров -«Бухорои шариф», М. Беҳбудӣ- «Самарқанд» ва «Оина», С.Ализода- «Шуълаи инқилоб» низ ёд карда, сипас ба сифати намунаи он насли пуршараф ба устод Айнӣ диққат дода менависад: «Яке аз намояндагони бузурги ин насл устод Садриддин Айнӣ аст, ки баробари фароҳам омадани аввалин имконият байрақбардори халқу миллати тоҷик гардид. Ӯ дар солҳои 1920-1925 дар рӯзномаҳои «Шуълаи инқилоб», «Овози Тоҷик» ва дигарҳо бештар аз 100 мақолае нашр кард, ки мавзуъ ва мақсадаш бедор кардани худшиносии миллӣ ва садоқат ба Ватану давлати худ аст. Дар ҳамин давра се асари муҳимми сиёсиаш-«Ҷаллодони Бухоро», «Таърихи амирони манғития» ва «Материалҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро» навишта ва чоп шуданд, ки дар ҳамаи онҳо нависандаи бузурги мо бадбахтиву таҳқиру хориеро, ки давлатдории ғайримиллӣ ба сари халқи тоҷик овардааасту меовард, олимона ва устодона тасвир кардааст ва нақши муллоёни худобехабарро дар ин ҳама бедодиву ситам ошкор ва равшану бурро баён намудаааст» [14]. Публитсист ба он чиз махсусан таъкид дорад, ки: «Азбаски устод Айнӣ ин таърихи воқеиро дар гармияш дар замони ҳанӯз зинда будани гунаҳкорон ва шоҳидон гуфтан мехост, ба сабаи «гум» шудани дастхатҳои тоҷикиаш вай маҷбур шуд бадеҳатан бо забони расмии замон-туркӣ онҳоро аз нав навишта ба чоп супорад» [14]. Усмонов дар мақола таҳлили ҷиддии ҷой ва мақоми Айниро дар масъалаи мавриди назар бозгӯ карда ва маҳз дар ҳамин замина исбот мешавад, ки Айнӣ асосгузори ҳамин сохт дар вақташ ҳаст: «Устод Айнӣ аз бузургии забон ва адабиёти тоҷик ифтихор мекард ва мегуфт, ки ин забони оммаи мардуми Бухоро аст, бинобар ҳамин ҳам менависад, ки «Рӯзномаи «Қутулиш» маҳз бо шеърҳои инқилобии тоҷикиаш дар Бухоро тухми инқилобро кишт». Публитсист И.Усмонов таъкид мекунад, ки маҳз ташаббуси устод Айнӣ буд,ки аввалин нашрияи шуравии ҳукумати Тоҷикистон бо номи «Овози тоҷики камбағал» чоп шуд ва ин унвони асари ӯ буд, ки баъдтар ба номи «Одина» машҳур гардид. Муҳаққиқ дар идомаи ақидааш менависад, ки дар ҳамин солҳо устод С.Айнӣ ба навиштани асари безаволаш «Намунаи адабиёти тоҷик» сар карда, онро соли 1926 ба табъ расонд. Ин асар халқи хос ва мустақил будани тоҷикон, фарзандони Бухоро (дар ин ҷо ба маънои Осиёи Миёна ва Хуросон) будани ин халқ ва соҳиби таърихи бои адабиву илмиву фарҳангӣ будани он зикр мешавад. Ин асар паспорти халқи тоҷик гардид, ки аввалин давлати миллиашро, ба номи Ҷумҳурии мухтори Шуравӣ Сотсиалисти Тоҷикистон ба миён оварда буд» [14]. Таҳлилгар дар мақолааш барои нишон додани ҳаракати роҳи равшанфикрии тоҷикон дар солҳои 20 асри ХХ ба ин зуҳурот ишора мекунад: Дар нимаи дуюми солҳои бистум зиёиёни ақидавии тоҷик А. Муҳиддинов, Ч. Имомов, Ш. Шотемур, Н. Махсум, А. Ҳоҷибоев, бо ҳамкории устод Айнӣ барои такмили давлати миллии тоҷикон, барои хат ва номи забони миллӣ, барои бедории миллӣ мубориза намуда, муваффақ гардиданд, ки Ҷумҳурии мустақили Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ҷумҳурии миллии мо ба майдони ҳастӣ биёяд» [14]. Публитсист бедории миллати тоҷиконро дар солҳои 20-уми асри ХХ ҳамчун зуҳуроти такмилёфтаи ҳаракати маорифпарварӣ, ки ба он ватандӯстӣ, миллатпарастӣ, иштироки фаъолона дар дигаргуниҳо мебинад. Аммо таҳлили мақоми Айнӣ дар сарнавишти халқи мо бо ҳамин ба охир намерасад, зеро он воқеан намебуд И. Усмонов Айниро дар ин мақола чун донандаи нозукбини ҳар дарди тоҷик мешиносонад. Аз ҷумла, менависанд: «Андаке дертар устод Айнӣ дар мақолаи «Маънои калимаи тоҷик» таърихи халқ ва забони тоҷикиро равшан кард. Ин мақола барои миллати тоҷик баробари китоб аст. Аз ин китоб ман як лаҳзаашро ёд мекунам. Якум кӣ будани тоҷик, ё худ ватандӯсту қаҳрамон будани халқ. Нақл мекунанд, ки арабҳо барои қасос гирифтан аз Абумуслим ва тарс додани

пайравонаш зану писарамаки нобинои Сарв ном сарҳанги Абумуслимро асир мегиранд. Вале ин ду «аз ҷиҳати фикр ба онҳо таслим намешаванд». Занро бо шамшер ду пора мекунанд ва сари нобиноро мебурранд. «Ана ҳаминҳо ҳам тоҷик буданд»-бо ифтихор менависад С.Айнӣ. Исёнҳои Восеъ ва Усмон то кушта шуданашон давом карданд, яке тоҷики ҷувозрон, дигаре тоҷики коргар буд-таъкид мекунад устод. Ва боз менависад: калтакдорони сурх, ки босмачиёнро торумор карданд, тоҷик буданд. Устод бо ифтихор менависад, ки «тоҷикон дар замони пеш (масалан, дар замони Сомониён) маданитарин халқҳои шарқи ислом буданд» [14].

Барои олим ва публитсист Усмонов Айнӣ бузургтарин эҷодкори миллатгарои тоҷик аст. Таъкиди ҳамешагии устод Айнӣ ба таърихи халқи тоҷик, ки дар байн мақолаҳои аз ҷумла, дар «Маънои калимаи «тоҷик» ҳам омадааст, ин аст, ки: «Он халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон, ки онҳоро баъд аз исломият «тоҷик» ва забонашонро «форсӣ» ё ин ки «тоҷикӣ» номиданд,...ҳамин халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон буданд, ки чандин аср пеш аз исломият дар ин сарзаминҳо ба тариқи муқимӣ дар шаҳрҳо ва деҳаҳо ба хонаву ҷой зиндагӣ карда, ба зироат ва касбҳои дастӣ умргузаронӣ мекарданд, инҳо ҳамон суғдиён ва бохтариёну тахориён буданд» [14].

Дар мақолаи И. Усмонов нуқтае аст, ки онро василаи гузар аз ҷузъ ба кулл, яъне проблема ва мавзуи аслӣ донистан мумкин аст. Дар ин қисм, ки ҷамъбасти маъноӣ ва мулоҳизаҳои илмии публитсист И.Усмонов аст, мебинем, ки: «Барои ҳамин қаҳрамониҳо дар замони давлати миллии Тоҷикистон Президент Эмомалӣ Раҳмон ба гурӯҳе аз зиёиёни ақидавии тоҷик С. Айнӣ, Н. Махсум, Ш. Шотемур унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон дод». Ба ин унвон академик, собиқ роҳбари Тоҷикистон зиёии равшандилтарини тоҷик Бобоҷон Ғафуров низ сарфароз гардидааст, ки дар ин унвон ҳадди ақал чунин қаҳрамониҳои ӯ ифода меёбанд: дар идомаи кори устод Айнӣ вай китоби «Тоҷикон» навишт, ки таърихи воқеии миллати моро дар заминаи садҳо маъхази илмии ҷаҳонӣ нишон медиҳад ва бовар мекунонад; вай ба сарзамини мо-Тоҷикистон устод С.Айнӣ, донишмандони «Шашмақом», олимон С. Умаров, З. Раҷабов, А. Семенов ва як гурӯҳи дигари олимони русро кӯчонида оварда имкони кору фароғаташонро фароҳам сохт; дар мақола бузургтарин хизмати Б. Ғафуров «Роҳбарияти давлати шӯравӣ ва ба ин васила аҳли илми шӯравиро ба мавқеи тоҷикон дар Осиёи Миёна ва таъриху фарҳанги он муътақид сохт» [14] дониста мешавад. Зиёии воқеӣ ҳамеша бо давлату халқи худ аст.

Дар мақолаи мазкур ақида ва мавқеи иҷтимоию сиёсии публитсист И. Усмонов возеҳ ба мушоҳида мерасад, зеро он қатъӣ ва устувор аст, ба факту воқеаҳои боварибахш такя мекунад. То нақши он ки фаҳмиши садоқат ба халқу давлат низ ҳамсон нест, ӯ ёд мекунад, ки ду адиби бузурги рус, ду зиёии ақидавӣ-Достоевский ва Тургенев маҳз дар масъалаи муносибат ба дин, халқ ва давлат ба ҳам бегона ва душман будаанд, зеро илм исбот кардааст, ки дидҳо, шинохти зиндагӣ аз ақидадорӣ далолат медиҳад ва албатта нигоҳҳо ба воқеаҳо ва ҳодисаҳо ҳамсон нестанд. «Дар ҳамин аст талошҳои боҳамии равшанфикрон», мегӯяд Усмонов И.

Зиёиён адибон, олимон, рӯзноманигорон, кормандони ҳизбу давлат, муаллимон, аҳли ҳунар, духтурҳо, муҳандисон, хулоса бо ифодаи устод С.Айнӣ аҳли «қалам ва сайф» буданд. Муҳандисонро чун бунёдкор ҳама мешинохт, бинобар ин нақши зиёиёни дигар-нависандагонро бо онҳо қиёс мекарданд: «нависандагон муҳандисони руҳи одамизоданд» Яъне муҳандис технология ва иншоот месозад, нависанда бояд одами навро ба миён оварад. Ва ин сухани бепоя нест. Публитсист Усмонов дар ин мақола танҳо бо назария банд намонда, меафзояд, ки: «Агар эътироф кунем, ки дар замони Шӯравӣ дар Тоҷикистон одамони мафкураи нав ба камол расиданд, муносибати байниҳамии инсонҳо, муносибат ба кору зиндагӣ, тарзи ҳаёти оиладорӣ ва муносибат ба фарзанд, талоши илм, ҳунар ва касб ва амсоли ин ба куллӣ ба маънои мусбати ин калима дигаргун шуд, пас дар ин бобат дар баробари сиёсати ҳукумат равшанфикрон нақши ниҳоят муҳимме бозиданд. Образҳое, ки дар адабиёту санъати нави мо пайдо шуданд, дар ташаккули маънавияти насли нав нақши муҳимтарин доштанд. Матбуот бошад, бо тавсифи меҳнати ҳалол одамонро ба мафкураи

меҳнати ҷамъиятӣ, ба шарофатмандии ҳар гуна кору амали нек раҳнамоӣ мекард. Ин буд ки худи эҷодкорон ҳам ба асару образҳои офаридаашон ангуштнамо шуда буданд. Ҳукумат ҳам танҳо дар заминаи ҳамин меҳнат ва ҳамкорӣ аз эҷодкорон пуштибонӣ мекард» [14]. Давлат мехоҳад ба воситаи зиёӣ таъсири худро ба халқ зиёд кунад, зиёӣ мехоҳад бо тарбияи халқ таъсире ба давлат дошта бошад. Дар ин талошҳо барои баҳо додан ба ҳар ду як чиз муҳим аст: давлат миллӣ аст ё не. Дар ин мақола Усмонов тезисро дар мақолаи зерин ба миён гузоштааст. Пас аз ин андешаҳояшро дар савол ифода мекунад: «Зиёӣ зоҳиран ҳамеша миллӣ аст, аз ҳамин халқ ба камол расидааст, барои ҳамин халқ сухан мегӯяд, ба забони ҳамин халқ менависад. Аммо муҳим барои зиёии миллӣ шудан он аст, ки оё ин зиёӣ дар воқеият манфиати ҳамин халқро ифода мекунад ё не. Дар гармии воқеаҳо мавқеи дуруст ишғол карда метавонад, ё не. Суханаш созанда аст ё сӯзанда» [14]. Усмонов И. як воқеиятро дар мақолаи мазкур зикр мекунад, ки ба фикри мо сохта ва дурӯғин будани таърихфаҳмии иддае аз зиёиёни даъвогарро нишон медиҳад: «Барои шинохтани он ҳақиқате, ки дар гузаштаи дур зиёиёни мо адибон, олимон, донишмандони илми дин дар масъалаи худшиносии мо чи хидмате кардаанд, мафҳуми миллат ва халқро барои он давра - асри миёна ба маънои ватанпарастӣ истифода кардан, дар онҳо роҷеъ ба халқи тоҷик ва миллати тоҷик сухане суроғ кардан, дар бораи мафҳуми худшиносии миллӣ баҳс кардан худ шояд дуруст набошад. Мо халқи худро аз номи шаҳрҳо, вилоятҳо ва шояд баъзан аз истифодаи калимаи «тоҷик» шиносем. Дар он навиштаҳо, ҳам дар назму ҳам дар наср, халқҳои ғолиб, яъне хонадонҳои ҳокими араб, яманӣ, қабоили туркӣ (аз қабили салҷуқиву саффавиву темуриву муғулу инҷу ва ғайра) зиёдтар ёд мешаванд ва номи тоҷик камтар ва ифодаҳои деҳқон, озодагон ва дигарҳое ҳам, ки ба андешаи муҳаққиқон ишора ба тоҷикон аст, камтар вомехӯранд. Аммо номи шаҳру мулкҳое, ки ишора ба тоҷикон доранд-Бухоро, Самарқанд, Балх, Нишопур, Бадахшон, Хатлон, Хуҷанд зиёдтаранд» [14]. Маҳз ин хусусияти жанри мақоларо М.Муродӣ чунин ёдрас мешавад, ки: «Асоси ин жанр фикри иҷтимоӣ аст, ки исбот мехоҳад ва исботи чунин фикр бе таҳлил ҳосил намешавад» [5, с. 232].

Усмонов барои пуркувват ва эътимоднок кардани тезиси илмӣ ба мисоли бадеӣ рӯ меорад:

«Яке аз чунин навиштаҳо «Бӯи Ҷӯи мулиён ояд ҳаме»-и устод Рӯдакӣ аст. Дар ин шеър руҳи болидаи шоир аз ёди мулки Бухоро, аз шукуфоиҳои он, аз он ки ин Ватан аст (Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме) возеҳ эҳсос мешавад. Воқеан, руҳи миллии шоир - тоҷиконаи он дар ин шеър ба давлати миллӣ низ пайванд аст. Аз ин рӯ, адиби бузурги мо Сотим Улуғзода дар филмномае, ки барои Рӯдакӣ навиштаст, ҳамин эҳсоси ватанпарастиро на танҳо дар ин ғазали Рӯдакӣ, балки дар муносибати шоҳони сомонӣ нисбати адабиёту ватани худ низ нишон додааст. Шоҳ Наср бинни Аҳмади Сомонӣ аз Рӯдакӣ хоҳиш менамояд дар ҳузури адибони араб шеъре хонда исбот кунад, ки шеър ва шоири мулки Бухоро камтар аз араб нест». Хулосаи илмӣ, публитсистии Усмонов бо овардани он пора хело ҷолиб ва руҳан миллӣ аст.

«Шояд дар таърихи ду ҳазорсолаи мо, то соли 1920, замони Сомониён ягона даврае буду бошад, ки зиёӣ ва давлатдор ҳарду миллӣ будаанд ва ҳарду як мақсад ободии ҳамин мулкро доштаанд. Дар тамоми даврањои дигар давлатдорон қабоили бегона будаанду соҳибватанони зиёӣ дастнигари онҳо» [14]. Усмонов ҳамчунин андеша дорад, ки «Барои дигарҳо Ватану ҳамватан ёди диёр, ёди замони хубиҳо, хумор аст. Мавлонои Балх «Маснавии маънавиаш» - ро аз нолаи фироқи Ватан шуруъ мекунад: «Аз наистон чун маро бибридаанд, Аз нафирам марду зан нолидаанд» мегӯяд ӯ. Ва ҳар ҷо дар Маснавӣ аз Бухорову Самарқанд, Балху Бадахшон ёд мешавад, вобаста ба мавзуъ ду чиз падид меояд: ё эҳсоси болида аз Ватану одамону одоби вай, ё эҳсоси навмедӣ аз дуриву дастнорасиаш. Ҳамин руҳия-меҳру ёди Ватан достони диниро ба меҳрномаи Ватан ҳам табдил додааст». Ҳамин навъ эҳсосро дар ашъори Камол низ мебинем. Ӯ хитоб мекунад: «Бовар намекунанд, ки гӯям хуҷандиям». Вай ёди диёр мекунад ва садои гиряаш ба гӯш мерасад: «Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бе по ғариб». Мушфиқии Бухороӣ ҳам мисли Камол орзуи Ватанро

мепарварад. Муҳаққиқи мавзуи мазкур ба он андеша аст, ки «Зиёии беватан мисли мурғи беболу пар, афтодаву бегонаву зор аст ва аз Сайидо мисол мегирад:

Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,
Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд» [14].

Дар мақолаи Усмонов бо истифодаи воситаҳои публитсистӣ, илмӣ ва бадеӣ, манбаҳо ва назарҳо симои воқеӣ зиёии асримиёнагии тоҷикро таҳлил карда, ба ин ҷо мерасад: «Наслнасли зиёиёни тоҷик дар ҳамин муҳит тарбия ёфтанд, дар ҳамин муҳит эҷод карданд, дар ҳамин муҳит зистанду бе давлати худӣ зистанд. Дар ҳамин муҳит ақидаҳо дигар гардиданд. Аттору Саноиву Мавлонову Ҳофизҳо ва муаллифони садҳо рисолаҳои илмии динӣ ҳамон руҳро пазируфтанд ва суруданд ва беҳтару хубтар дар ситоиши оёти каломуллову аҳодиси паёмбар сухан гуфтанд, самимӣ гуфтанд ва навиштаҳои онҳо дар ҳар давра ва давлати сарзамини мо, то замоне, ки мулки тоифиён боқӣ буд, чун китоби аксарияти кулли аҳли ислом асарҳои мадрасавӣ буданд.Дар онҳо худову банда буд, одоби мусулмонӣ ва зимнан одоби умумиинсонӣ буд. Ин навиштаҳо дар дасти ҳокимони замон василаи идора кардани ҷомеа маҳсуб мешуданд. Аммо дар аксари ин навъ осор ватани хос, халқи хос намоён набуд, гӯё вуҷуд надошт.

И. Усмонов дар ин мақола ва умуман дар тамоми навиштаҳои публитсистияш аз порчаҳои шеърие ҳам истифода мекунад, ки барои бозгӯи мақсадаш муваффақанд. Мисли ин байти Низомӣ

Ин форсизодаи арабпарвард,
Кори мулки аҷам натвонад кард.

ва ин порчаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ

Чу бахти Араб бар Аҷам чира гашт,
Ҳама рӯзи ирониён, тира гашт.
Ҷаҳонро дигаргуна шуд, расму роҳ,
Ту гӯӣ натобад дигар мехру моҳ.
Зи май нашъаву нағма аз чанг рафт,
Зи гул атру маънӣ зи фарҳанг рафт.
Дареғ аст Ирон, ки вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад.

Хусусияти мақолаи публитсистӣ дар муқоиса ба мақолаи илмӣ дар он аст, ки вай ҳатман ба масъалаи имрӯз дахл мекунад, то ба иштирокчиёни воқеа таъсир расонад. Дар мақолаи таҳлилшудаи И.Усмонов ин зуҳурот ва хислат ҷиддӣ риоя шудааст. Гарчи дар мисолҳои он маводи таърихӣ зиёд ба кор рафтаанд, аммо онҳо мақсад не, балки василаи дастрасӣ ба мақсад мебошанд. Аз ҷумла, Усмонов бо зикри он ки ҳамеша зиёиёне буданду ҳастанд, ки хизмати бегонагонро мекунанд, ки тазаккур медиҳад: «Барои ин гурӯҳи равшанфикрон, мутаассифона хизмат барои бегонагон дар замони мо ҳам, ки давлати миллӣ дорем, орзуву ниятҳои олии миллӣ дорем, касбу одат шудааст. Ҳанӯз дар солҳои бистум устод Айнӣ ингуна зиёиёнро ба фарзандони нохалаф ташбеҳ дода навиштааст, ки дар сари болини падари бемори худ нишаста, гӯё ранҷ мекашад ва аммо дар таги дил аз Парвардигор умеди онро мекунад, ки ҳар чи зудтар ҷони падарашро гирад, то ӯ ба мероси падараш даст ёбад. Ман тоҷиконро, зодагони Тоҷикистонро мисли баъзе равшанфикрони имрӯзаамон, ба ин Ватан бегона ҳисоб намекунам, дар ҳар куҷо ва ҳар ақидае, ки бошанд. Бинобар ин аз ҳар ҳамдиёр умед дорам, ки дар муқобили арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик қарор нагирад. Арзишҳои миллии ҳар кавму ҳар халқ ба худ хосанд, Тоҷикон аз қадимулайём арзишҳои миллии худро дар эҳтироми падару модар, эҳтироми ҳар каси дигар, одоби ҳамида, эҳтироми адаб ва ҳунар, ривоҷи анъана ва суннатҳои миллӣ, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ, риоя ва эҳтироми тоҷикият дидаанд» [14]. Имрӯз ҳам агар ба қонуну фармону, қарору ташаббусҳои расмии ҳукумат нигоҳ кунем, ба ҷузъ ҳамин масъалаҳо хостори дигареро намебинем, яъне давлати миллӣ дар ҳимояи махсусияти миллии халқ қарор дорад. Пас аз ин суханро аз бобати нақши равшанфикрони миллӣ идома дода, публитсист зикр мекунад, ки:

«...мактабро фақат ҷои савод омӯхтан не, макони тарбия кардан ҳам шинохтан даркор аст» [14].

Дар мақола Усмонов гуфтаи худро дар бораи он ки «Муносибати давлат ва равшанфикрон, аз ҷумла адибон ва олимону омӯзгорон дар замони шуравӣ тибқи мақсадҳои ин давлат хислати омӯзандагӣ дорад» [14]. Бо зикри ному кори даҳҳо намояндагони равшанфикрон замони шуравии тоҷик асоснок карда, баъд тазаккур медиҳад, ки: «Соли 1991 давлати воқеан миллии тоҷик ба арсаи вуҷуд омад. Аммо дар замони ба истиқлолият ноил шудани мо, мутаассифона ба сабаби воқеаҳои маълуми сиёсӣ равшанфикрони мо камтар тафаккур ва талоши миллӣ доштанд. Барои дарки ин ҳақиқат чанд қадам ба таърих рафтан даркор аст. Ба назари ман менамояд, ки авҷи ҳамдилии комили зиёиёни миллӣ ва давлати тоҷик дар охири солҳои ҳафтодум ва шуруи ҳаштодум ба назар мерасид. Дар ин давра аҳли тафаккур бо роҳбарии Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, аҳли илму фарҳанг, адабиёту санъат, умуман аҳли зиёро барои татбиқи нақшаҳои барои ҳамон замон олии давлат ҳидоят ва роҳбарӣ карда тавонистанд. Аввалан онҳо ҳақиқати миллиро таблиғ мекарданд ва сониян ҳар касе мушкиле пеш ояд, ба дастгирии онҳо умед карда метавонист. Агар гӯем,ки пас аз устодон Айниву Лоҳутӣ дороии маънавии халқи тоҷик ин ҳар ду буданд, ғалат намешавад» [14].

Аз ин пас И. Усмонов дар равиши матни бадеӣ таҳлиле медиҳад, ки он аввалан оламро аз воқеият ифода мекунад, сониян дарди миллатро фош мекунад, севум тарсӯӣ ва бетарафиро маҳкум ва ниҳоят моҳияти шиори сиёсишавии дунёро мефаҳмонад. Ин мавқеи хос ва фаҳми зиндагии ин публитсист аст. «Дар ин давра мутаассифона равшанфикрии Тоҷикистон руҳи дигаре пайдо кард, ки камтар ба равшанфикри ҳақиқии тоҷик монандӣ дошт. Тарс ва бетарафӣ. Тарс агар аз худо буд, аз ин беҳтар амале дар инсон нест. Тарс аз худо одамро ба покизагии вуҷуд ва амал во медорад, ба накӯкорӣ ва ростӣ ҳидоят мекунад, ба сулҳу ваҳдат мебарад, ба ҳамкории ҳамаи неруҳои созанда мерасонад. Аммо дар он замон чунин тарс набуд. Ин тарс аз одамони ҷудогона, аз муддаиёни ҷалии ислом, аз силоҳдорони худсар буд. Иддае аз равшанфикрони мо ба онҳо пайваста, бо гуфтаву навиштаҳои худ ба ҳайбати он тӯфон меафзуданд .Шеърҳои баъзеи онҳо шиор мешуданд, барои бо ҳам муқобил истодани ду тоҷик, барои ба ҳам теғ задани ду ҳаммилат. Гуфтаву навиштаҳои онҳо дар дил тарс меафканд, мардумро каноргир, хомӯш ва гуреза мекард. Ватан борои бисёриҳо бегона мешуд. Ин зиёиён Ватану халқи худро не, диёру мардуми дигарро таблиғ ва намуна мегирифтанд» [14]. Усмонов равшанфикрии солҳои навадуми асри ХХ-ро аз нигоҳи диди иҷтимоӣ дастабандӣ карда, ҳамзамон ба такмили зикршуда гурӯҳҳои дигарро низ ёд мекунад.

«Дастаи дигари зиёиён хомӯшӣ пеша карда буданд, ё гапи гуфтанӣ надоштанд, ё ҷуръати гуфтани онро. Фурсатталаб буданд, худо мегуфтанд, ки ин гирдоб ба хонаи онҳо асар накунад, шуд. Иддаи дигар роҳи ватани бобои пеш гирифтанд. Хеле кам монданд, онҳое, ки овоз зидди ин худсариҳо бароранд. Баръакс, бисёриҳо кӯшиш мекарданд, мусулмон будани худро нишон диҳанд, ҳатто тоҷикиро хуб надонанд ҳам, масҷид мерафтагӣ шуданд, роҳи зиёрати каъбаро пеш гирифтанд, дар таи дилашон чист худо медонад. Ба иборае ин аҳли зиё барои даъвогарони ҳизби исломӣ ва давлати исломӣ имкон фаро гузоштанд, ки озод амал кунанд. Ва он нерӯ якатозӣ мекард, хостаашро амалӣ менамуд. Бо фатвои онҳо Прокурори генералии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев, муовини раиси вилояти Кӯлоб Сайфиддин Сангов, журналистон М. Шерализода ва Х. Ҳайдаршо, олимон М. Назаршоев, М. Осимӣ ва бисёр дигарон кушта шуданд. Имонам комил, ки ин шаҳидон на камтар аз он ҷаллодон мусулмон буданд» [14].

Сухани муаллифи мақола дар хусуси ҷойи зиёӣ дар ин замон бо ин ба охир намерасад, зеро мавзуи зиёии он рӯз дарднок ва таассуфвор буд. Муаллифи мақола дида ва мушоҳидаи худро аз майдонҳои солҳои навад, бо ҷаззоб ёд мекунад: «Дар он даврае, ки ин ҳомиёни имони инсонӣ пиразану мӯйсафедонро чун рама ронда, ба майдонҳо оварда, кӯдакони ноболиғро барои ба онҳо шеъру қасида хондан меоварданд, дар водиҳои Вахшу Қаротегину Ҳисор барои ба майдон ёрӣ расондан пулу маблағ меғундоштанд, ё банкҳоро

ғорат мекарданд, барои тоҷиккушӣ аз хориҷ ҷаллод мехариданд, ё дарвозаҳои маҳбасҳоро мекушоданд, мутаассифона садои равшанфикрони миллии мо камтар ба гӯш мерасид. Ё тарс буд ё бетарафӣ» [14]. Имрӯз ҳам навиштани ин чизҳо хело душвор ва аламовар аст, аммо дар он солҳо шоҳиди ин будан рост меомад. Яъне Усмонов чизеро менависад, ки дидааст ва иштирок доштааст.

Дар фароварди мақола публитсист Усмонов И. ҳамчун шоҳид ва иштирокчии воқеаҳо ба натиҷаи он аз рӯи виҷдон баҳо медиҳад: «Ҳукумати нави миллии мо, ки дар Иҷлосияи XVI Шурои олии Тоҷикистон сифатан нав шуда буд, аз ин тӯфони марг миллатро наҷот дод. Давлат аз байни онҳо (мухолифин У.Н.) он идда касоне, ки ба мазҳаби миллии мо-ҳанафӣ садоқат доранд, тоҷикиятро аз ҳар чизи дигар болотар мегузоранд, халқу миллати худро эҳтиром мекунанд ва розӣ намешаванд, ки Ватан ба харобазор табдил шавад, пайдо карда ба сулҳ розӣ карданд. Ин кори муҳимтарин ва инсонитарин, барои таърихи халқи тоҷик ва шояд башар бузургтарине буд, ки Президент Э. Раҳмон анҷом дод. Албатта дар ин давраи душвори таърихӣ ҳам иддае аз равшанфикрон бо тамоми имкони худ ба сардори давлат барои татбиқи андешаҳои созандааш кумак мекарданд» [14].

Қисмати хотимавии мақола ба масъалаи дин, давлат ва ҷомеа оид шуда, муаллиф динро як ҷузъи қавии фарҳанг меномад ва ба ин фикр аст, ки: «дар фарҳанги миллиамон мақоми халқ ва забонамонро аввал мегузорам, зеро истиқлолияти мо, роҳи зиндагии мо аз динамон не, аз халқу забонамон шинохта мешавад. Сад сол пеш мо ҳама мардуми Бухорову Туркистонро ба номи динамон мешинохтанд-миллати мусулмон мегуфтанд, аммо забону халқи мо рӯз ба рӯз ба ҳоли бегонагӣ дар ин мулк мерасид. Ва танҳо таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон моро аз ин нобудӣ наҷот дод» [14].

Хулосаи мақола хислати шиормонанд гирифтааст. Дар таблиғ ин унсур ҷоиз аст, зеро дар он мақсади ниҳоӣ ифода меёбад. Ин маромро Усмонов И. чунин овардааст:

«Ҳар зиёӣ, ки худро фарзанди тоҷику Тоҷикистон медонад, ба неку бади рӯзгори халқаш шарик меҳисобад, барои ҳамин миллат асар меофарад, бояд ҳамсангари воқеии давлати миллиаш бошад, идеалҳои онро, агар инро эҳсос накард, идеалҳои барои миллати тоҷик азизро таблиғ намояд, мардуму диёри худро аз таҳдиду бадгӯиҳо нигоҳбон бошад. Худро ба он масъул донад, ки насли нав барои Ватану халқ чун бегонагон бо воя нарасад» [14].

Дар натиҷа гуфтан мумкин аст, ки ҳангоми таҳлил муҳаққиқ И. Усмонов вобаста ба мавзуъ факту далелҳои зиёдеро оварда, онҳоро ба тартиби муайян ва бо услуби эҷодкоронаи ба худ хос муносибат менамоянд. Аксаран новобаста аз навъи жанр аз унсурҳои бадеӣ бо маҳорати баланди касбӣ истифода менамояд, ки фикрро равшан ва мавзуро ҳамаҷониба таҳлил менамояд.

Адабиёт:

1. Гулов С. Истиқлолият ва рушди журналистикаи тоҷик. // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. - №1. – С. 251-257
2. Қудбиддинов А. Ҳ. ВАО ва тафаккури нав дар замони истиқлол // Журналистикаи байналхалқӣ. – Душанбе, 2017. – С.16-19
3. Муродӣ М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 480 с.
4. Муродӣ М. Афзалияи ва маҳдудиятҳои матбуоти даврӣ дар шароити рушди технологияи замонавӣ // Журналистика ва замони муосир. – Душанбе, 2018. –С. 3-10
5. Муродӣ М. Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик. – Душанбе: Истеъдод, 2022. 304 с. С.237
6. Муродӣ М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2022. – 355 с.
7. Мухтори К. Социальная коммуникация и СМИ: формирование общественного мнения. – Душанбе, 2021. -140 с.
8. Муродов М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 480с.

9. Муқим Ҷ. Журналистикаи мултимедиявӣ – Душанбе, 2018
10. Пак Е.М. Жанрообразование в сетевых СМИ: технологические и творческие факторы. // дисс. Кан.ф.н.- Санкт-Петербург 2014. – 260 с.
11. Прохоров Е. П. Введение в теорию журналистики: Учебник для студентов вузов / Е. П. Прохоров — 8е изд., испр. — М.: Аспект Пресс, 2011. — 351 с.
12. Тертычный А.А. Интернет-публицистика: жанровый профиль// ученые записки казанского университета. – 2014. С. -7-16
13. Усмонов И. К. Жанрҳои публитсистика. – Душанбе, 2009. -149 с.
14. Усмонов И. К. Равшанфикри миллӣ ва давлати миллӣ. // Адабиёт ва санъат. – 2021, 11 феврал
15. Усмонов И. К. Нигорандаи саҳнаҳои таърих. // Адабиёт ва санъат, 2021, 15 июл
16. Усмонов И. К. Бобоҷониён Р. ВАОТ. – Душанбе, 2020.
17. Усмонова Н.К. Истиқлолият ва рушди ВАО-и кишвар. // Журналистика ва замони муосир. – 2021. 140 с. С. 15-21
18. Фомичёва Д. Е. Публицистика в эпоху интернета // вестн. Моск. Ун-та. Сер. 10. Журналистика. 2013. № 5, С. – 94 -111
19. Ҳамидиён И., Низом Ф. Журналистикаи интернетиӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо. – Душанбе, 2022 -268 с.

ҶОЙИ ТАҲЛИЛ ДАР ПУБЛИТСИСТИКА

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба таҳаввулоти жанрҳои таҳлилӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ин дигаргуниҳоро дар шикастани қолаби жанрӣ ё омехта таҳия шудани унсурҳои жанрҳоро дар як жанр мебинад, ки ин ҷараёнро бо истилоҳи «конвергенсия» маънидод менамояд. Аз нигоҳи назариявӣ муаллиф ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватание чун И.К. Усмонов, М.Муродӣ, Ҷ. Муқим, С.Гулов, А. Қудбиддинов, К. Мухторӣ, Н. Усмонова, И. Ҳамидиён, Ф.Низом ва Россия П. Прохоров, А.А. Тертичний, Д.Е. Фомичёва, Пак Е.М. такя намуда, раванди таҳаввули жанрҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, мулоҳизаронӣ намудааст.

Ҳадафи таҳқиқоти мазкур нишон додани мавқеи таҳлил дар публитсистикаи имрӯза буда, барои мисол ба публитсистикаи муҳаққиқ И. Усмонов таваҷҷуҳ гардидааст ва намунае аз онҳо таҳлил мегардад. Ба монанди мақолаҳои «Нигорандаи саҳнаҳои таърих» (ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»- 2021, 15 июл ва «Равшанфикри миллӣ ва давлати миллӣ» («Адабиёт ва санъат». – 2021, 11 феврал). Дар натиҷаи таҳлил муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки «ҳангоми таҳлил муҳаққиқ И. Усмонов дар мақолаҳояшон вобаста ба мавзуъ факту далелҳои зиёдеро оварда, онҳоро ба тартиби муайян ва бо услуби эҷодкоронаи ба худ хос муносибат менамоянд. Аксаран новобаста аз навъи жанр аз унсурҳои бадеӣ бо маҳорати баланди касбӣ истифода менамояд, ки фикрро равшан ва мавзуро ҳамаҷониба таҳлил менамояд».

Калидвожаҳо: Публитсистика, таҳлил, мақола, М. Воҳидов, Н. Табаров, И.К. Усмонов, конвергенсия, жанр, равшанфикри миллӣ.

МЕСТО АНАЛИЗА В ПУБЛИЦИСТИКЕ

В данной статье автор уделил внимание эволюции аналистических жанров. Эти изменения она видит и считает в смешении элементов жанров в одном жанре, что объясняет этот процесс термином «конвергенция». С теоретической точки зрения автор опирается на исследования отечественных исследователей, таких как И.К. Усмонов, М. Муроди, Дж. Муким, С. Гулов, А. Кудбиддинов, К. Мухтори, Н. Усмонова, И. Хамидиён, Ф. Низом и Россия - П. Прохоров, А.А. Тертычный, Д.Е. Фомичева, Пак Е.М. и рассматривает процесс развития жанров.

Цель данного исследования – показать позицию анализа в современной публицистике, на примере публицистики исследователя И. Усмонова привлек внимание, и некоторые из них будут проанализированы. Такие, статьи как «Наблюдатель исторических сцен» (еженедельник «Литература и искусство» – 2021, 15 июля) и «Национальное просвещение и национальное государство» («Литература и искусство» – 2021, 11 февраля).

Исследователь приходит к выводу, что в ходе анализа исследователь И. Усмонов привел множество фактов и доказательств, относящихся к теме, и расположил их в определенном порядке и они придерживаются уникального творческого стиля. В основном, независимо от жанра, используют художественные элементы с высоким профессиональным мастерством, что четко анализирует тему.

Ключевые слова: Публицистика, анализ, статья, М. Вахидов, Н. Табаров, И.К. Усмонов, конвергенция, жанр, национальный просветитель.

THE PLACE OF ANALYSIS IN PUBLICISM

In this article, the author paid attention to the evolution of analytical genres. She sees and considers these changes in the mixing of elements of genres in one genre, which explains this process with the term "convergence". From a theoretical point of view, the author refers to the studies of domestic researchers such as I.K. Usmonov, M. Murodi, J. Mukim, S. Gulov, A. Kudbiddinov, K. Mukhtori, N. Usmanova, I. Khamidiyan, F. Nizom and Russia - P. Prokhorov, A.A. Tertychny, D.E. Fomicheva, Pak E.M. on its basis the process of genre development was studied and reflected upon. The purpose of this study is to show the position of analysis in modern journalism, using the example of journalism of the researcher I. Usmonov attracted attention, and some of them will be analyzed. Such articles as "Observer of Historical Scenes" (weekly "Literature and Art" - 2021, July 15) and "National Education and the National State" (Literature and Art - 2021, February 11). The researcher concludes that "during the analysis, researcher I. Usmonov provided many facts and evidence related to the topic and arranged them in a certain order, and they adhere to a unique creative style. Basically, regardless of the genre, they use artistic elements with high professional skill, which clearly analyzes the topic."

Key words: Publicism, analysis, article, M. Vakhidov, N. Tabarov, I.K. Usmanov, convergence, genre, national educator.

Маълумот дар бораи муаллиф: Усмонова Наргис Кучаровна, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи матбуоти факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон**: (+992) 918-50-52-11. **E-mail**: narmin04@mail.ru

Сведения об авторе: Усмонова Наргис Кучаровна, Таджикский Национальный университет, доцент кафедры печати факультета журналистики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки, 17. **Телефон**: (+992) 918-50-52-11. **E-mail**: narmin04@mail.ru

Information about the auther: Usmonova Nargis Kucharovna, Tajik National University, Associate Professor of the Department of Printing, Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, 17 Rudaki Ave. **Tel.:** (+992) 918-50-52-11. **E-mail**: narmin04@mail.ru

ТДУ: 82-3 (2-тоҷ)
М- 34

МАВҚЕИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ-БАДЕӢ ДАР НАШРИЯҲОИ ДАВРИИ МАҲАЛЛӢ
(Таҳлили очеркҳои нашрияҳои «Дӯстлик» ва «Овози Самарқанд»)

Маъмурзода Н.М., н.и.ф., дотсент, Мусозода А.Б., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Публитсистика, ки яке аз шаклҳои муҳимми фаъолияти эҷодӣ мебошад, ҳамчун бозтобдиҳандаи воқеият, ойинаи эҳсосу андешаҳои ҷомеа ва василаи чеҳранигорӣ нақши муассир бозидааст. Хусусан жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ, бавижа очерк, бо тавони баланди

тасвириву таҳлилӣ ва таъсири равонӣ, дар намоиши симои рӯшанфикрон, шахсиятҳои барҷаста, қаҳрамонони миллӣ, корномаи аҳли заҳмат, инчунин дар тарбияи маънавии ҷомеа аҳаммияти хосса доранд. Ин жанрҳо бо омезиши муҳтавои амиқи иҷтимоӣ ва услуби бадеӣ метавонанд корнамоиҳои шахсиятҳои тобноки миллӣ, ҷаҳду талош ва рисолати инсонпарваронаи онҳоро дар қалби ҷомеа ҷовидон созанд. Маҳз тавассути чунин сабки эҷод афкори миллӣ таҳким ёфта, намунаҳои ибратомӯз ба наслҳои оянда муаррифӣ мешаванд.

Очерк аз рӯйи аломат ва хосиятҳои худ жанри публитсистии аз ҳама мураккабтарин ба ҳисоб меравад. Табиаташ аз он иборат аст, ки он ҳам дар публитсистика ва ҳам дар адабиёти бадеӣ ба кор меравад. Дар публитсистика, одатан, омӯзиши жанрҳое, ки аз рӯйи сохтор ва душвории функсияҳои худ тасниф мешаванд, бо очерк ба анҷом мерасад. Баръакс, дар адабиётшиносӣ, омӯзиши жанрҳои насрӣ аз очерк оғоз мешавад. Яъне, очеркро бояд ҳамчун жанри бадеӣ-публитсистӣ донист, ки дар он унсурҳои публитсистика ва бадеият ба таври органикӣ омезиш меёбанд.

Очерк як жанри бадеӣ-публитсистии фаврӣ мебошад, ки воқеаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва намояндагони гурӯҳҳои хоси иҷтимоии ҷомеаро дақиқ тасвир намуда, дар сохтори маънавӣ-бадеии худ хусусиятҳои адабиёти бадеӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фалсафиро (аксаран дар тафсири публитсистӣ) муттаҳид месозад. Табиати жанрии очеркро се унсур муайян мекунанд: сотсиологӣ, публитсистӣ ва тасвирӣ. Ду унсури аввал очеркро бо журналистика наздик месозанд, унсури сеюм бошад, онро ба адабиёти бадеӣ рабт медиҳад [16, с. 5-6].

Муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба очерку навъҳои он, унсуру вазифаҳои он андешаҳои зиёде гуфтаанд. Агар В. Ампилов очеркро «шоҳ»-и жанрҳои бадеию публитсистӣ ҳисобида бошад, М. Муродӣ ва А. Қутбиддинов онро «жанри инсоншиносӣ» ва «жанри симосоз» номидаанд.

Воқеан, ин жанр аз нигоҳи омодасозии он меҳнати зиёдро талаб мекунад. Рӯзноманигор очерки хубро танҳо дар сурате навишта метавонад, ки агар ӯ ба усулҳои гуногуни инъикоси воқеият, ки дар ҳунари ӯ мавҷуданд, балад бошад [1].

Очерки портретӣ яке аз жанрҳои муҳим ва ҷолиби публитсистика мебошад, ки барои тасвири шахсиятҳои барҷаста, хислатҳои онҳо ва фаъолияти касбӣ ё иҷтимоияшон истифода мешавад. Ин навъи очерк ҳадаф дорад, ки хонандаро бо шахсияти муайян аз наздик шинос намояд, образи ӯро ба таври муассир ва воқеӣ нишон диҳад.

Аз нигоҳи мо, очерки портретӣ аз хусусияти зерин иборат аст:

1. Шахсиятмеҳварӣ: маркази таваҷҷуҳи очерки портретӣ шахсияти муайян аст, ки муаллиф симои ӯро бо истифода аз далелҳо, ҳодисаҳо ва хислатҳои фарқкунандаи ӯ тасвир мекунад.

2. Тасвири воқеӣ: очерк аз рӯйи воқеият навишта мешавад ва унсурҳои тахайюл ё ихтироъ дар он набояд ҷой дошта бошанд.

3. Образнокӣ ва услуби бадеӣ: барои таъсирбахш гардондани матн муаллиф унсурҳои бадеӣ, метафораҳо, тавсифҳо ва муқоисаҳои ҳайратангезро истифода мебарад.

4. Омезиши факт ва таассурот: дар баробари пешниҳоди далелҳои дақиқ, муаллиф таассуроти шахсии худро низ дар бораи қаҳрамон баён мекунад.

5. Муносибати шахсӣ: муаллиф метавонад муносибати шахсии худро нисбат ба шахсияти тасвиршаванда баён намояд, вале бояд дар доираи объективият қарор дошта бошад.

Чеҳранигорӣ ҳамчун жанри муҳимми насри бадеӣ ва публитсистӣ дар ташаккули образи шахсиятҳои барҷаста нақши муассир дорад. Он дар баробари муаррифии зиндагӣ ва фаъолияти шахсони маъруф ба хонанда, ҳамзамон паҳлуҳои гуногуни шахсияти онҳоро низ ошкор месозад. Дар матбуоти тоҷик ва ӯзбек ин анъана таърихи тулонӣ дошта, тавассути очеркҳои портретӣ ва публитсистӣ чеҳраҳои дурахшони илму адаб, фарҳанг ва ҷомеаро ба таври рангин тасвир менамояд.

Нашрияҳои ӯзбекии «Дӯстлик»-и вилояти Хатлон ва тоҷикии «Овози Самарқанд»-и вилояти Самарқанд, ки ба тарғиби ҳамкориҳои фарҳангии байни ду халқи ҳамҷавор –

тоҷикон ва ӯзбекон – равона шудаанд, дар ин замина саҳми арзанда доранд. Дар саҳифаҳои ин нашрияҳо чеҳранигории адибон ва фарҳангсолорони тоҷик ва ӯзбек ба таври густурда инъикос ёфта, хонандагонро бо ҳаёт ва мероси эҷодии онҳо ошно месозад.

Дар ин мақола мо ба таҳлили чеҳранигории ходимони адабии тоҷик ва ӯзбек дар очеркҳои ин нашрияҳо пардохта, вижагиҳои услубӣ, ғоявӣ ва бадеии онҳо, инчунин нақши ин матолиб дар таҳкими дӯстии ду миллатро баррасӣ хоҳем кард.

Рӯзномаи «Дӯстлик» дар вилояти Хатлон мавқеи хоси худро дорад. «Дӯстлик» ном додани ин рӯзнома аз равобити дӯстонаи фарзандони тоҷику ӯзбек сарчашма мегирад, ки садсолаҳо паҳлӯ ба паҳлӯи ҳам истода, барои гулгулшукуфоии ин сарзамини бостонӣ - Тоҷикистони азиз ва рушду пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии он саъю талош меварзанд. Рӯзноманигорони нашрияи «Дӯстлик» дар радифи дигар васоити ахбори омма воқеияти зиндагии имрӯза, рушду тараққии иҷтимоию иқтисодии вилоят, дастоварду муваффақиятҳо, мушкилоти мавҷуда, роҳҳои ҳаллу бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, умуман таҳаввулоту дигаргуниҳоеро, ки дар ҳаёти рӯзмарраи вилоят ба амал меоянд, инъикос менамоянд. Аҳолиро ба корҳои ободонӣ, созандагию бунёдкорӣ ҳидоят ва сафарбар намуда, баҳри иҷрои вазифаҳо, дастуру ҳидоятҳои Роҳбари давлат, дастгирии сиёсати хирадмандона ва башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки аз таърихи таъсисёбии нашрияи «Дӯстлик», он ҳамчун минбари ифодагари дӯстии миёни халқҳои сокини кишварамон ва тарғибгари манфиатҳои давлату давлатдорӣ рисолати касбии худро то имрӯз сарбаландона иҷро намуда истодааст.

Арзи ҳастӣ намудани нашрияҳои бо забони ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва инчунин воситаҳои ахбори оммаи тоҷикӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон далели равшани устуворию пояндагии ришташаҳои дӯстӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва давлатии байни ду кишвар мебошад [5, с. 6].

Соли 2016-ум 25-солагии рӯзномаи «Дӯстлик» қайд карда шуд. Ба муносибати ин ҷашн маҷмуае бо номи «Дӯстлик гулдастаси» (Гулдастаи «Дӯстлик») ба табъ расид. Дар ин маҷмуа маҳсули эҷоди 51 нафар эҷодкорони вилояти Хатлон инъикос гардид. Инчунин, соли 2021 маҷмуа бо номи «Дӯстлик чамани» (Чамани дӯстӣ) намунаҳо аз офаридаҳои 53 нафари эҷодкорони вилоятро гирд оварда буд.

Нашрияи «Дӯстлик» дар муаррифии чеҳраҳои адабӣ ва эҷодкорони ӯзбекзабони Тоҷикистон таҷрибаи ғанӣ дорад. Нашрия кӯшиш мекунад, ки симои маънавии қаҳрамонро бо тамоми бузургӣ таҷассум намоянд. Очерки «Буюклар мангу яшайди» (Бузургон абадӣ зиндаанд) ба ин мисол шуда метавонад, ки дар он аз ҷумла оварда шудааст: «Ӯлмас Жамол ӯз умри давомида икки халқ, яъни тожик ва ӯзбек халқлари ўртасидаги кўприк тимсолида эди. Шунингдек, Тожикистон ӯзбек шеърияти дарғаларидан бири саналади...» (Ӯлмас Ҷамол дар давоми умри худ миёни ду халқ ба мисоли пул буд. Инчунин, яке аз сорбонҳои шеъри ӯзбекии Тоҷикистон ҳисобида мешавад) [7].

Очеркнавис метавонад ва бояд лаҳзаҳои ҳаёти қаҳрамонро такмил диҳад, пурқувват кунад, зеро очерк нусхабардории рӯякии ҳаёт нест, яъне очерк сурат не, расм аст. Барои он ки лаҳзаҳо сохта нанамоянд, ба ҷараёни ҳаёти қаҳрамон зич пайваст шаванд, нависанда бояд қаҳрамонашро нағз донад, омӯзад. Муаллифи очерки болозикр ба ин муваффақ шудааст.

Дар очерки «Давримизнинг қаҳрамони» (Қаҳрамони даври мо) фаъолияти меҳнатӣ, ҷаҳду талошҳои касбазхудкунӣ ва маърифату масъулияти инсонии марди аҷиб Хушмуҳаммад Шобердиев ба тасвир омадааст: «Хушмуҳаммад Шобердиев табиатида риёкорлик, сохтакорлик, мансаб ёки шахсий манфаат йўлида, нимадир ундириш илинжида «катта» ларга ялтоқланиш, хушомадгўйлик иллатлари учрамайди» (Ба табиати Хушмуҳаммад Шобердиев иллатҳои риёкорӣ, сохтакорӣ, дар роҳи мансаб ё манфиати шахсиятӣ, хушомадгўӣ бегона аст) [8].

Албатта, предмети очерки мазкур шахсияти инсон аст. Мазмун ва мақсади чунин очеркҳо ба хонанда тасаввуроти мусбат дар бораи қаҳрамони матлаб додан мебошад. Барои

ҳалли ин вазифа журналист, одатан, кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки ин қаҳрамон ба кадом арзишҳо хизмат мекунад, манзараи ҳаёти худро чӣ гуна мебинад [2].

Профессор М. Муродӣ дар натиҷаи омӯзишу таҳлили асарҳои мухталифи публитсистӣ ба чунин хулоса омадааст, ки мутаассифона, дар публитсистикаи муосир жанри очерк симои анъанавии худро аз даст дода, бештар хусусияти иттилоотӣ касб намудааст ва ба тарҷумаи ҳол монанд гардидааст. Ба ақидаи ӯ, инъикоси ҷараёни бунёдкорӣ, тасвири инсони заҳматкашу меҳнатдӯст, матинигородаву меҳандӯст ва дорои хулқу атвори ҳамида кори осон нест ва на ҳар кас ба ин қодир мебошад. Барои тасвири симои чунин қаҳрамон ва ноил шудан ба ҳадаф шахс бояд қобилияти эҷодкорӣ, малакаю маҳорати баланди нигорандагӣ, таҷрибаи ғанӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва истеъдоду лаёқат дошта бошад [11].

Очерки портретӣ дар натиҷаи таҳлили бадеии шахсияти қаҳрамон, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он (ахлоқӣ, фикрӣ, эҷодӣ ва ғайра), яъне дар натиҷаи ошкор намудани хислати қаҳрамон ба вуҷуд меояд. Дар саҳифаҳои матбуоти даврии муосири тоҷик пайдо кардани як очерки мукаммали портретӣ душвор аст. Ба ақидаи профессор Ҷовид Муқим, очерк ҳанӯз ҳам жанри таблиғотӣ боқӣ монда, нақши публитсистии худро дар ташаккули афкори ҷомеа нигоҳ медорад. «Дар очеркҳои муосир мубоҳисаи қаҳрамонон ва конфликт қариб ки аз байн рафтааст. Ҳамин аст, ки проблема дар онҳо баррасӣ намешавад. Дар очеркҳо проблема бо қаҳрамонони он вобастагии мустақим дорад. Ин проблема аз ҷониби қаҳрамонҳо бардошта мешавад ва инсонҳо онро ҳал мекунанд. Агар дар композитсияи очеркҳо ҳалли проблема бевосита бо қаҳрамонон сурат гирад, онҳо муассиру хонданбоб мешаванд. Ҳамчунин дар очеркҳо симои шахсӣ оддӣ хеле кам аст» *[10]*.

Портретҳои одамони машҳур – адибон, омӯзгорон, соҳибкорон, иқтисоддонҳо, кишоварзон, сиёсатмадорон ва шахсиятҳои дигар - аксар вақт аз рӯйи тарҷумаи ҳоли мухтасари онҳо ё тавсифи корномаю зинаҳои мансабии қаҳрамон ба вуҷуд меоянд. Маводи «Рӯзноманигори ботаҷриба ва адиби варзида», ки 28.05.2024 дар нашрияи «Овози Самарқанд» рӯйи чоп омадааст, кӯшиши чеҳракушоии Тошқул Азимзода, муовини сармуҳаррири ин рӯзнома мебошад: «Ҳар якеро баҳри коре сохтанд. Яке аз чунин инсонҳое, ки касби худро аз ҷон дӯст медорад ва аллакай дар соҳаи хеш ба комёбиҳои зиёд ноил гардидааст, рӯзноманигори ботаҷриба, нависандаи соҳибравия Тошқул Азимзода мебошад» [15]. Дар идома доир ба замону макони таваллуд, таҳсил ва ҷойи кору китобу мақолаҳои интишоршудаи қаҳрамони матлаб маълумот дода шудааст. Дар поёни мавод ба ҷуръату ҷасорати баланд, кордонӣ ва дилёбӣ, самимият ва садоқат, хоксорӣ ва ботамкинӣ дар пайроҳаи эҷод, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва худшиносии Т.Азимзода ишора шуда, қайд гардидааст, ки ин хислатҳои қаҳрамон илҳомбахши кору пайкори аҳли фарҳанг, бахусус, ҷавононе гаштааст, ки бевосита бо адабиёт кор мебаранд. «Имрӯз аҳли адаб ва фарҳанг дар баробари ифтихор, ба маслиҳату раҳнамоии Т.Азимзода барин нависандаҳои соҳибсалиқа, қавирафтору қавигуфтор, соҳибхираду ботаҷриба, рӯзноманигорони ҳақгӯю ҳақиқатҷӯй, адолатпарвари мардумписанд ниёз доранд» [15].

Очерки портретӣ бо тасвири образноки ҳаёти инсонҳое чун Т. Азимзода, бо хусусиятҳои умдаи худ ҳамеша диққати хонандаро ҷалб менамуд. Дар шинохти он бояд нигоҳи амиқе дошт. «Дар навбати аввал бояд эътироф намуд, ки очерк нақл нест, балки тасвир аст. Тавсифи болохонадор низ очерк набуда, тарбия ва ҳикмати муайяни ин тавсиф ҳадафи аслӣ аст. Очерке, ки иттилоъ ва моҳияти иҷтимоиро дар худ фаро намегирад, очерк нест. Тарҷумаи ҳоли як нафар ҳатто бо дарёфти даҳҳо факту асноди нав очерк буда наметавонад» [9].

Хонанда аз очеркҳои портретӣ нафақат бо чеҳраи шахсиятҳо шинос мешавад, ҳамзамон, бо зиндагии ибратомӯзи онҳо ошно гардида, худро бо онҳо муқоиса мекунад ва беҳтарин хислатҳоро аз онҳо меомӯзад. Дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» ин ҳолат дар очерки «Эътирофи меҳнати пуршараф» намоён мешавад: «Холида Аллаёрова яке аз раисонест, ки ин вазифаро бо камоли ғайрат иҷро мекунад» [13]. Дар очерки «Духтар бо роҳи

падар рафт»-и «Овози Самарқанд» низ хислати қаҳрамон чунин ифода ёфтааст: «Н. Қодирова бонуи дилёб, фурӯтан ва некӯрафтору хушгуфтор аст» [14].

Дар бораи корнамоии меҳнатӣ сухан рондан ва онро бо обуранги бадеию публитсистӣ тасвир кардан аз муҳимтарин вазифаҳои матбуот, аз ҷумла жанри очерк мебошад. Хислати тарбиявии очерк он аст, очеркҳоро мутолиа карда, садҳо нафар ба корнамоии қаҳрамон пайравӣ мекунанд.

Таҳлили мавзуъ нишон дод, ки очерки портретӣ барои тасвири симои шахсиятҳои адабӣ (шоирон, нависандагон, муҳаққиқон, рӯзноманигорон ва дигарон) имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Аз ҷумла:

- муайян кардани ҷойгоҳ дар адабиёт: очерк нишон медиҳад, ки шахсияти мазкур дар рушди адабиёт ва фарҳанг чӣ саҳм гузоштааст;
- тафсири шахсияти эҷодӣ: муаллиф метавонад на танҳо фаъолият, балки тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии шахси тасвиршавандаро таҳлил намояд;
- намоиш додани хислатҳои шахсӣ: дар баробари чеҳраи эҷодӣ, хислатҳои инсонии қаҳрамон, сабки зиндагиаш ва арзишҳои ӯ низ инъикос мегардад;
- баён кардани муҳити эҷодӣ: очерк метавонад муҳит ва замонеро, ки шахсият дар он фаъолият мекард, равшан созад;
- намунаи шахсият барои хонандагон: чунин очеркҳо метавонанд хонандаро бо шахсиятҳои бузурги адабӣ ошно сохта, онҳоро ҳамчун намунаи ибрат манзур намоянд.

Ҳамин тавр, очерки портретӣ яке аз жанрҳои таъсирбахши публитсистика буда, барои чеҳранигории шахсиятҳои адабӣ имкониятҳои фарохро фароҳам меорад. Он метавонад хонандаро бо зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии шахсиятҳои бузург ошно намуда, бо ҳикояти воқеӣ ва шеваи таъсирбахш хонандаро ба андеша водор созад.

Чеҳранигории ходимони адабии тоҷику ӯзбек дар очеркҳои нашрияҳои «Дӯстлик» ва «Овози Самарқанд» на танҳо як амали хабариву тарҷумаиҳолӣ, балки равиши фарҳангсоз ва инсоншинос мебошад. Ин очеркҳо бо баёни самимӣ, тасвири воқеӣ ва таҳлили амиқи шахсиятҳои адабӣ, дар баробари маълумотдиҳӣ, инчунин ба хонанда илҳом ва ифтихор низ мебахшанд.

Тавассути ин навиштаҳо насли имрӯз бо зиндагӣ ва мероси адабии чеҳраҳои барҷастаи фарҳанги тоҷик ва ӯзбек ошно мегардад, ки ин раванд ба таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамзистии фарҳангии ду миллат хизмат мекунад. Дар маҷмуъ, чунин чеҳранигориҳо намунаи равшани хидмат ба забон, фарҳанг ва ҳамгироии тамаддунҳо ба шумор мераванд.

Адабиёт:

1. Ампилов В.А. Современный газетный очерк. – Минск: Наука и техника, 1972. – 238 с.
2. Беневоленская Т.А. Портрет современника. М., 1983.
3. Бобков, А.К. Газетные жанры: учеб. пособие / А. К. Бобков. – Иркутск: Иркут. ун-т, 2005. – 64 с.
4. Дӯстлик гулдастаси. – Душанбе: Ирфон, 2016 - саҳ 13, 256 саҳ
5. Дӯстлик чамани. – Душанбе: Табъу нашр, 2021. - саҳ 4, 176 саҳ.
6. Дӯстлик, 2022. - 9 декабр. - №48 (7404).
7. Дӯстлик, 2021. 13 август. - №35 (7340).
8. Дӯстлик, 2024. – 21 июн. - №23 (7484).
9. Қутбиддинов А. Жанри симосоз / А, Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг, 2015. - №4 (32).
10. Муқим Ҷ. Нақши очерк ва публитсистика дар ташаккули афкори ҷомеа / Ҷ. Муқим // *jovidmuqim.wordpress.com, 2013. – 15 май.* - URL: https://jovidmuqim.wordpress.com/2013/05/15/%D0%BD%D0%B0%D2%9B%D1%88%D0%B8-%D0%BE%D1%87%D0%B5%D1%80%D0%BA-%D0%B2%D0%B0-%D0%BF%D1%83%D0%B1%D0%BB%D0%B8%D1%86%D1%81%D0%B8%D1%81%D1%82

%D0%B8%D0%BA%D0%B0-%D0%B4%D0%B0%D1%80-
%D1%82%D0%B0%D1%88%D0%B0/ (рӯзи мурочиат: 01.04.2025). – Матн: электронӣ.

11. Муродӣ М. «Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ» / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 223 с.

12. Овози Самарқанд, 2024. – 15 июн. - №48 (3381).

13. Овози Самарқанд, 2024. – 18 май. - №40 (3373).

14. Овози Самарқанд, 2024. - 12 июн. - №47 (3380).

15. Рӯзноманигори ботаҷриба ва адиби варзида // Овози Самарқанд, 2024. – 28 май. - URL: https://ovozi.uz/58879/ (рӯзи мурочиат: 04.04.2025). – Матн: электронӣ.

16. Художественно-публицистические жанры. Методическое пособие / сост. Л.И. Устюжанина. - Иркутск, 2019. - 10 с.

МАВҚЕИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ-БАДЕӢ ДАР НАШРИЯҲОИ ДАВРИИ МАҲАЛЛӢ

(Таҳлили очеркҳои нашрияҳои «Дӯстлик» ва «Овози Самарқанд»)

Мақолаи илмии мазкур ба таҳлили мавқеи жанри очерк дар матбуоти маҳаллии Тоҷикистону Ӯзбекистон бахшида шудааст. Муаллифон бо истинод ба нашрияҳои «Дӯстлик» ва «Овози Самарқанд» чеҳранигории шахсиятҳои маъруф ва нақши ин навъи матолибро дар таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва дӯстии байни ду халқи ҳамсоя – тоҷикону ӯзбекон – мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Дар мақола вижагиҳои услубӣ, мазмунӣ ва тасвирии очерк, махсусан очерки портретӣ, таҳлил гардида, унсурҳои сотсиологӣ, публитсистӣ ва бадеии он шарҳ дода мешаванд. Муаллифон бар онанд, ки тавассути чунин матолиб арзишҳои миллӣ тарғиб шуда, шахсиятҳои илмию фарҳангӣ ба ҷомеа муаррифӣ мегарданд.

Мақола ба хонанда дар шиносоӣ бо таҷрибаи нашрияҳои маҳаллӣ дар сохтани симои қаҳрамонон, боло бурдани маърифати иҷтимоӣ ва рушди публитсистикаи инсонмеҳвар кумак мерасонад.

Калидвожаҳо: очерк, матбуоти даврии маҳаллӣ, чеҳранигорӣ, «Дӯстлик», «Овози Самарқанд», маърифати иҷтимоӣ, образ, портрет, таҳлил.

МЕСТО ХУДОЖЕСТВЕННО-ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ЖАНРОВ В РЕГИОНАЛЬНОЙ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

(Анализ очерков изданий «Дустлик» и «Овози Самарканд»)

Данная научная статья посвящена анализу роли жанра очерка в региональной печати Таджикистана и Узбекистана. Авторы, ссылаясь на публикации в газетах «Дустлик» и «Овози Самарканд», рассматривают особенности портретных очерков, посвящённых известным личностям, а также их значение в укреплении культурных связей и дружбы между двумя соседними народами — таджиками и узбеками.

В статье проанализированы стилистические, содержательные и изобразительные особенности очерка, в особенности портретного очерка. Также рассматриваются его социологические, публицистические и художественные элементы. Авторы подчёркивают, что подобные материалы способствуют продвижению национальных ценностей и представлению научных и культурных деятелей обществу.

Статья помогает читателю ознакомиться с опытом региональных изданий в создании образа героев, повышении социального сознания и развитии человеко-ориентированной публицистики.

Ключевые слова: очерк, региональная периодическая печать, портрет, «Дустлик», «Овози Самарканд», социальное просвещение, образ, анализ.

THE ROLE OF LITERARY AND JOURNALISTIC GENRES IN REGIONAL PERIODICAL PRESS

(An Analysis of Essays in the Newspapers «Dustlik» and «Ovozi Samarkand»)

This scientific article is dedicated to analyzing the role of the essay genre in the regional press of Tajikistan and Uzbekistan. Referring to publications in the newspapers *Dustlik* and *Ovozi Samarkand*, the authors explore the features of portrait essays devoted to prominent figures, as well as their significance in strengthening cultural ties and friendship between the two neighboring peoples — the Tajiks and the Uzbeks.

The article examines the stylistic, substantive, and illustrative features of essays, with a particular focus on the portrait essay. It also explores their sociological, journalistic, and artistic elements. The authors emphasize that such materials contribute to promoting national values and introducing scientific and cultural figures to the public.

The article helps readers become familiar with the experience of regional publications in shaping the image of heroes, enhancing social awareness, and developing human-centered journalism.

Keywords: essay, regional periodical press, portrait, Dustlik, Ovozi Samarkand, social enlightenment, image, analysis.

Маълумот дар бораи муаллифон: Маъмурзода Носирҷони Маъмур, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон). Телефон: (+992) 918-69-64-66, имейл: nosirjon@mail.ru

Мусозода Абдурашид Бобоназар, унвонҷӯи кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон). Телефон: (+992) 903-05-55-74, имейл: abdurashid0508@mail.ru

Сведения об авторах: Маъмурзода Носирджони Маъмур, кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава (735140, Бохтар, Республика Таджикистан). Телефон: (+992) 918-69-64-66, электронная почта: nosirjon@mail.ru

Мусозода Абдурашид Бобоназар, соискатель кафедры журналистики Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава (735140, Бохтар, Республика Таджикистан). Телефон: (+992) 903-05-55-74, электронная почта: abdurashid0508@mail.ru

Information about the authors: Mamurzoda Nosirjoni Mamur, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Journalism, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav (735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan). Phone: (+992) 918-69-64-66, email: nosirjon@mail.ru

Musozoda Abdurashid Bobonazar, applicant of the Department of Journalism of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav (735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan). Phone: (+992) 903-05-55-74, e-mail: abdurashid0508@mail.ru

ТДУ: 82-1/-9 (075.8)
ТКБ: 83.3 (2-тоҷ)
С-35

МАХСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ ВА ЖАНРИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ТАЪРИХӢ ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Сафарзода Э., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи адабиётшиносии навини тоҷик оид ба публитсистикаи устод Айнӣ, замина ва махсусиятҳои он нахуст Абдуқодир Маниёзов бо номи «Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ» [13] таҳқиқоти бунёдие анҷом дода буд, ки то ба имрӯз аҳаммияти илмии худро гум накардааст. Мутаассифона, муҳаққиқони ҷавон аз он кам истифода мебаранд. Албатта, дар асари мазкур таъсири ғояҳои даврони шуравӣ мушоҳида мешавад, аммо дар кулл ба публитсистикаи устод Айнӣ бо овардани санаду далелҳо баҳои дуруст дода шудааст. Аз ҷумла, зикр мешавад, ки «мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ва А. Мунзим дар солҳои револютсия роли калони ташвиқотӣ ва тарғиботӣ бозида, дар айни замон барои пайдоиши насри реалистии адабиёти тоҷик заминаҳои мусоид фароҳам овардааст» [13, с. 11]. Хулосаҳои муҳаққиқ қобили қабуланд: 1) нақши калони ташвиқотӣ ва тарғиботии мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ; 2) заминаи мусоид фароҳам овардани онҳо барои пайдоиши насри реалистии адабиёти тоҷик.

Публитсистика ба маънои пурраш дар адабиёт ва журналистикаи тоҷик бори аввал дар осори устод Садриддин Айнӣ ба назар мерасад. Муҳаққиқон Садриддин Айниро «асосгузори публитсистикаи шуравии тоҷик» номидаанд [3, с. 15]. Дар ин бобат бори нахуст муҳаққиқи соҳаи журналистика И.Усмонов сухан ба миён гузоштааст: «Устод Айнӣ ҳамчун асосгузори публитсистикаи тоҷик медонист ва бо боварӣ таъкид менамуд, ки ташкилшавии матбуоти оммавӣ боиси пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию мадании халқ мегардад» [15]. Ин мулоҳизаро А. Азимов идома бахшида, дар мақолаи «Публитсистикаи устод Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» бори дигар таъкид кардааст: «Устод Айнӣ хизмати бебаҳое дар бунёд ва ташаккули матбуоти тоҷик кард. Сазовор аст, ки ӯро ҳамчун асосгузори публитсистикаи тоҷик ном барем» [3, с. 19]. Муаллиф бар он аст, ки фаъолияти публитсистии устод Айнӣ аз маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» шуруъ шуда, баъди ба қатъ расидани чопи он бо нашрияҳои «Зарафшон» ва «Меҳнаткашлар товуши» идома ёфтааст, дар ин нашрияҳо низ асарҳои публитсистии ӯ чоп шудаанд.

Дар бобати махсусиятҳои жанрӣ ва услубии мақолаҳои публитсистии маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» метавон гуфт, ки онҳо дар шакли мақолаҳои тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳӣ навишта шуда, забонашон сода ва барои мардум фаҳмо мебошад. Масалан, дар мақолаи «Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод?» омадааст: «Ҳукумати Шуроӣ… аввал ба мо дари давохонаи илму маърифатро бикушод. Дар ҳар кӯчаву маҳаллаи мо мактабҳо барпо шуд» [9]. Яъне, аз бартариҳо ва имкониятҳои нави фароҳамовардаи ҳукумати нав ба мардум хабар дода шудааст. Дар ҳақиқат, «Мақолаҳои сершумори устод С. Айнӣ, ки дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чоп кардааст, дар пойдорӣ ва барқароркунии Ҳокимияти Советӣ дар Бухоро саҳми муносиб гузоштааст» [1, с. 9].

Мавзуи муҳимми публитсистикаи устод Айнӣ дар «Шуълаи инқилоб» дар баробари тасвири ҳаёти сиёсӣ масъалаи маориф мебошад. Устод маорифро сабабгори муҳимтарини рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ медонист. Дар ҳақиқат, дар оғози асри XX (дурусттараш даҳсолаҳои аввал ва дувуми аср) мавзуи асосӣ, дарднок ва мураккаби ҷомеа мактабу маориф ба ҳисоб мерафт. Ва «публитсист ҳамеша ба мавзуъҳои ҳозиразамон рӯ меорад» [2, с. 110], – таъкид кардааст А. Азимов. Ҳамин тавр, муҳаққиқ хизмати С. Ализодаро низ баробари Айнӣ дар ин маврид калон шуморида, қайд мекунад, ки «ӯ бунёди ҷомеаи инсонпарварро танҳо пас аз ислоҳоти дақиқи соҳаи маорифи кишвар тасаввур мекардааст» [2, с. 35], яъне, тавсеаи кори

сиёсиро аз равнақи маориф вобаста донистааст. С. Айнӣ маорифро воҷибтарин масъалаи замон ҳисобида, рукни асосии онро муаллиму китоб медонист ва талаб менамуд, ки китобҳо бояд замонавӣ ва содаву фаҳмо бошанд. Дар яке аз мақолаҳояш устод Айнӣ бори аввал масъалаи ташкили нашриёти Тоҷикистонро ба миён гузоштааст.

Муҳаққиқ М.Муродӣ дар мавриди фаъолияти публитсистии устод Айнӣ таҳқиқоти бештар гузаронида, зикр кардааст, ки «Садриддин Айнӣ дар тамаддуни муосири тоҷик ҳамчун нависанда, олим ва публитсист маълуму машҳур аст» [6, с. 42]. Мулоҳизаашро дар ин маврид идома бахшида, дар мавриди сабаби ба ин кор майл кардани устод аз қавли А. Маниёзов овардааст, ки яке аз омилҳои ба публитсистика майл кардани С. Айнӣ дахолати фаъолонаи ӯ ба ҳаёт аст. Худи устод Айнӣ низ сабаби ба матбуот пайвастанашро дар миёнаҳои соли 1919 чунин ёдовар шудааст: «Дар охири соли таҳсил аз натиҷаи ин саъю ғайрати тоқатгудоз бемори асабӣ шудам ва муаллимиро тарк намуда, ба хидмати матбуот даромадам» [8].

Бояд гуфт, ки забон ва услуби асарҳои публитсистии устод Айнӣ бо дигар шудани вазъи сиёсӣ ба тағйирот мувоҷеҳ гаштааст. Чунончӣ, агар дар мақолаҳои солҳои бистум (аниқтараш моҳи декабри соли 1919 дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб») навиштаи устод аз оҳанги мубориза, тантана ва тавсифи инқилоб саршор бошад, дар насри солҳои баъдина, аз ҷумла, публитсистикаи сиёсӣ ва иҷтимоии ӯ (солҳои сиюм ва чилум) як навъ оромӣ, равонӣ мушоҳида мешавад ва забонаш ҳам содатар аст. Чӣ тавре ки М. Шакурӣ зикр кардааст: «Дар публитсистика низ забони Айнӣ тағйир ёфта, дар даҳаи сивуму чиҳилум нисбат ба мақолаҳои маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» содатар ва ба забони халқӣ наздиктар шуд» [18, с. 196].

Хуллас, дар публитсистикаи сиёсӣ таҷрибаи эҷодии устод Айнӣ ҳамеша дар равнақ ва инкишоф будааст.

Асарҳои бадеӣ дорои хусусиятҳои бадеият, оҳангнокӣ, эҳсосот мебошанд. Устод Айнӣ ҳамчун шоир ва нависандаи комил дар асарҳои публитсистии хеш низ аз ин хусусиятҳо самаранок истифода бурдааст. Чунончӣ, дар яке аз мақолаҳои публитсистӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чунин муроҷиати таъсирбахш ба гӯш мерасад: «Бародарон! Ҳар ҳафта як соат умратонро ба хондани ин рӯзнома сарф кунед, ба қадри иқтидоратон аз ҷарида, ки ба забони худатон нашр мешавад, истифода намоед, дар бадали як соат умре, ки аз рӯзнома мегиред, бо бародарони бесаводатон ба ҳам бинед» [20]. Чунин оҳангҳои даъватӣ, муроҷиатӣ дар мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ зиёд мушоҳида мешаванд. Дар мақолаи «Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод?» баъди пешниҳоди масъала ва вазъи баамаломада устод бо як шуру ғалаён бевосита ба хонанда муроҷиат мекунад: «Шумо як қадре фикр намоед! Дар дунё кадом ҳукумат аст, ки ба маорифи раия ҳамин қадар базли ҷаҳд намояд; кадом салтанат аст, ки дар роҳи илм ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт сарф кунад?!» [9]. Дар ин иқтибоси хурд ҳам чанд ифодаи такрор омадааст: «кадом ҳукумат аст… кадом салтанат аст», ки яке аз санъатҳои таъсирбахши забони классикии тоҷик мебошад. Дар иқтибоси зер низ ин усул устокорона истифода шудааст, ки аз шоир ва нависандаи боистеъдод будани муаллифи мақола гувоҳӣ медиҳад: «Имрӯз рӯзи муборак аст, имрӯз рӯзи фирӯз аст, имрӯз рӯзи сур аст, имрӯз рӯзи сурур аст, имрӯз рӯзи наврӯз аст, имрӯз рӯзи шодмонӣ ва хурсандист. Имрӯзро тамоми ранҷбарони дунё муборак шуморанд, сазост. Имрӯзро яксара аҳолии Шарқ фирӯз донанд, бақост». Дар ин порча ба ғайр аз такрори калимаҳо «имрӯз», «аст», санъати зебои сачъ истифода шудааст, ки аз ҳамқофиягии калимаҳои «сур», «сурур» ва ғайра иборат мебошад. Ё дар мақолаи муҳимми «Сайф ва қалам», ки ба даъвати мардум ба ҳифзи ватан бахшида шудааст, чунин санъати такрор устокорона истифода шудааст: «Оё мо ҳанӯз дар ин масъалаҳо, дар ин музокираҳо, дар ин иҷроот бетараф менишинем?» [7, с. 67].

Ногуфта намонад, ки устод Айнӣ дар забону услуб ва тарзи баёни мақолаҳои публитсистиаш гоҳо ба забони Аҳмади Дониш дар мавриди танқид ва ифшои камбудиҳои аморат такя намуда, аз он баҳра бардоштааст. Чунончӣ, дар мақолаи «Инқилоби Бухоро» воқеаҳои фалокатбори солҳои охири Бухороро тасвир намуда, бо ҳисси нафрат чунин навиштааст, ки ба оҳанги сухани Аҳмади Дониш монандӣ дорад: «Бухоро мамлакати

ниммаданӣ аст, ки аз тарафи як амири ҷоҳили шаҳватпараст идора меёбад. Дар атрофи амир як ҷумлаи залама ва сипоҳиёни бедодгари нодон ва муллонамоёни девсирати бевиҷдон ҷамъ шудаанд» [5, с. 1-2]. Ба қавли А. Маниёзов «ин гуфтаҳо беихтиёр ҳамон характеристикаи Аҳмади Донишро, ки дар «Наводирул-вақоеъ» ба намояндагони синфи ҳоким дода буд, ба ёд меоваранд» [13, с. 94].

Яке аз хусусиятҳои назарраси мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ дар забону услуб истифодаи мақолҳо, зарбулмасалҳои машҳури халқӣ мебошад, ки дар ҷои зарурӣ барои таъсирбахшии сухан ва маънӣ ба кор рафтаанд. Масалан: «Гар гадо коҳил бувад, тақсири соҳибхона чист?!» [19, с. 3-4]. Яъне, «дигар аз ҷиҳатҳои ҷолиби диққати услуби мақолаҳои публитсистии С.Айнӣ аз истифодаи фолклор, хусусан ба кор бурдани зарбулмасал, мақол ва ибораҳои ҳикматомези халқӣ (тоҷикӣ ва баъзан ӯзбекӣ) иборат аст» [13, с. 145].

Баробари ин, ба қавли муҳаққиқ А. Маниёзов «дар мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ баъзе санъатҳои бадеӣ ва усулҳои тасвирии насри классикиро дидан мумкин аст, ки ба тарзи наве ҷилвагар шудаанд. Ӯ ба мақсади фаҳмонидани моҳияти баъзе масъалаҳои мураккаб ва воқеаҳои умумии сиёсӣ чанд ҷои мақолаҳояшро ба таври бадеӣ нигошта, ташбеҳу муқобилаҳо меорад ва инчунин тарзи ҷумлапардозиҳои насрнависони гузаштаро, ки аксаран аз ҷумлаҳои қофиядор (насри мусаҷҷаъ) иборат буд, низ истифода менамояд» [13, с. 141].

Дар мақолаҳои публитсистии ин давраи устод Айнӣ байту порчаҳои шеърӣ, намудҳои руҷуъҳои лирикӣ чун нидо, муроҷиат, даъватнома ва ғайра зиёд истифода шудаанд, ки барои қувват бахшидани ғоя ва мақсади асар заруранд.

Аҳаммияти фаъолияти публитсистии С. Айнӣ ҳам дар инкишофи ҳунари эҷодии ӯ ва ҳам дар тавсеаи адабиёт ва журналистикаи тоҷик калон аст. Пеш аз ҳама, публитсистика заминаи асарҳои бадеии калонҳаҷми устодро гузошт. Чӣ тавре ки А. Маниёзов хулоса кардааст, «Фаъолияти публитсистӣ агар, аз як тараф, ба васеъ шудани арсаи ҳақиқатнигорӣ мусоидат карда бошад, аз тарафи дигар, барои ташаккули насри бадеии ӯ замина ҳозир намуд» [13, с. 150]. Ниҳоят, публитсистикаи устод Айнӣ аҳаммияти таърихӣ ҳам дорад, ки ин мавзуи дигар аст. Публитсистикаи устод Айнӣ оинаи шаффофи ҳаёти халқи тоҷик дар ду даҳсолаи аввали асри XX- ум аст.

Ҳамин тавр, аз нимаи дувуми соли 1919 устод Садриддин Айнӣ ҳамчун публитсист, сиёсатмадор ва нависанда ба майдони фаъолият баромад. Публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ сохтор, хусусиятҳои жанрӣ ва услубию забонии хоси худро дошта, бо мутантанӣ, содагӣ, истифодаи мақолу зарбулмасалҳо, бадеияти баланд, муқоиса, пешниҳодҳо ва нишон додани роҳи масъала фарқ мекунад.

Порчаҳои публитсистӣ дар асари бадеӣ (дар мисоли “Одина”) калон, муфассал ва аз чанд саҳифа иборат буда метавонанд ва аз ҷиҳати мавзуъ ҳам фарқ мекунанд, пурра ба сиёсат, таърих ё масъалаҳои иҷтимоӣ бахшида мешаванд. Баробари ин, ҳар яке махсусиятҳои сохторӣ ва жанрии худро доранд, ки аз мавзуи асар вобастаанд: сиёсат, иҷтимоиёт, таърих, ё тасвири табиат. Баъзеи ин порча ё руҷуъҳои публитсистӣ чунон мустақил ва аз рафти сюжет ҷудоанд, ки онҳоро метавон ба таври алоҳида ҳамчун мақола истифода бурд.

Воқеан, чунин таҷриба дар адабиёти ҷаҳон нав нест. Ҳатто дар романи «Ҷанг ва сулҳ»-и нависандаи маъруф Л. Толстой, ки асосан асари сюжетдор аст, низ чунин порчаҳои публитсистии дорои хусусияти сиёсӣ ба чашм мерасанд: «Лашкари сию панҷҳазораи рус, таҳти сарварии Кутузов аз тарафи лашкари садҳазораи фаронсавӣ таҳти сарварии Бонопарт таъқиб гардида, ба муносибати душманонаи сокинони маҳаллӣ рӯ ба рӯ гашта, ба умеди иттифоқчиёни худ дигар нашуда, норасоии хӯрокворирро эҳсос карда, аз рӯи шароити айнии ҷанг амал намуда, саросема ба поён, ҷониби Дунай ақибнишинӣ кард… 28-уми октябр лашкари Кутузов бори нахуст ба тарафи чапи Дунай гузашта, бори аввал байни худ ва қувваи асосии фаронсавиҳо Дунайро гузошт. Дар санаи 30-юм ба дивизияи дар тарафи чапи Дунай истодаи Морте ҳуҷум карда, ӯро шикаст дод. Дар ин муҳориба бори аввал ғанимат ба даст омад: парчам, тӯб ва ду генерали душман…» [17, с. 338-339]. Ин порчаи калон аз рафти сюжет берун аст.

Чунин ҳолат – мавҷуд будани порчаҳои алоҳидаи аз сюжет берун, баъзан боиси номуайянӣ дар масъалаи муайян кардани жанри асари бадеӣ мегардад. Масалан, оё «Борис Годунов»-и Пушкинро, ки дар вақташ вазъи тезутунди иҷтимоиву сиёсии русро фош мекард, асари публитсистӣ номидан мумкин аст ё не, фикрҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд.

Маълум аст, ки публитсистикаи матбуотӣ жанрҳои зиёд дорад, чун ахборӣ (қайд, хабар, мусоҳиба, ҳисобот, репортаж), таҳлилӣ (мақола, шарҳ, таҳқиқоти журналистӣ, номаи кушод, шарҳи матбуот, тақриз) ва ғайра. Дар публитсистикаи бадеӣ бошад, лавҳа, суҳбат, гуфтугӯ бо худ, очерк, фелетон, памфлет, пародия, эпиграмма, афсона ва ҳикояи публитсистӣ шаклҳои алоҳида мебошанд. Дар онҳо образнокӣ, эҳсос, санъатҳои бадеӣ, образофарӣ, портрет дар ҷойи аввал буда, ҳуҷҷатнигорӣ дар ҷойи дувум меистад. Бо вуҷуди ин, вақтҳои охир дар мавриди муайян кардани жанрҳои публитсистика, шаклҳои бадеии публитсистӣ, шаклҳои омехтаи онҳо баҳсҳо ба вуҷуд меоянд. Бояд дар назар дошт, ки агар асари бадеӣ асосан аз қаҳрамонҳои ғайривоқеӣ, ҳодисаҳои рӯйнадода нақл кунад, публитсистика ба далелҳои воқеӣ такя мекунад. Ин аст фарқияти онҳо. Дар ҳолати дар асари бадеӣ омезиш ёфтани ҳар ду ин услуб порчаҳои алоҳидаи хос бо сабку услуб ва мазмуни нав ба миён меояд, ки ҷузъи композитсияи асари бадеӣ маҳсуб меёбанд. Порчаҳо ва руҷуъҳои публитсистии «Одина» низ аз ҷумлаи онҳоянд. Шинохти онҳо назар ба намудҳои дигари сухани муаллиф осонтар аст. Он танҳо дар қолаби наср меғунҷад, аз ҷиҳати шакл мақолаи алоҳидаи публитсистӣ ё таърихиро мемонад. Онро бемалол аз матни асари бадеӣ ҷудо карда метавон ҳамчун мақолаи алоҳида истифода намуд. Масалан, устод Айнӣ дар фаслҳои алоҳидаи повести «Одина» дар бораи инқилобҳои соли 1917, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии замони тасвири воқеаҳо маълумоти публитсистӣ овардааст.

Порчаҳои публитсистӣ як навъ муроҷиат ба хонанда мебошанд. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ҳангоми «тасвири ҳирси аҳли бозор дар роҳи сарватғундорӣ» ду воқеаеро меорад, ки яке аз мушоҳидаҳои худаш буда, дувумӣ нақл аз «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аст. Сабаби ба тарзи муфассал баён кардани ин ду воқеаро худи устод баъди нақли онҳо дар қавсайн чунин меорад, ки як навъ муроҷиат ба хонанда мебошад: «Ду воқеаеро, ки дар як мавзуъ бошанд, дар як ҷо ба тарзи ҳикоя овардан, хусусан, ки дувумӣ аз нахустин аз ҷиҳати бадеият паст бошад, кори бисёр бад аст. Аммо ман дар ин ҷо ба нақли аҳволи «баққоли Аҳмади Дониш» ва «баққоли худ» ин кори бадро кардам, ки хонандагон бо андоза карда дидани тасвири аҳволи ин ду баққол қувваи қалами Аҳмади Донишро ба хубӣ равшан дарёбанд» [4, с. 558]. Устод Айнӣ ин рафтори худро хоксорона «кори бад» мегӯяд, аммо он усули беҳтарини ифодаи афкор дар порчаи публитсистӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадаф аз ин муроҷиат ба хонанда дар мавриди овардани ду воқеаи қариб ба ҳам монанд аз он иборат аст, ки устод Айнӣ мехоҳад диққати хонандаро ба ҳунари қалами Аҳмади Дониш, таъсирбахшии забони тасвири ӯ ҷалб созад. Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо» ва «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»-и устод Айнӣ порчаҳо ва ҷумлаҳои кӯтоҳи сухани муаллиф – муроҷиат ба хонанда, борҳо мушоҳида мешаванд, ки дар он муаллиф сабаби нақли ин ё он қисса ё дар кадом асараш ба ин мавзуъ руҷуъ карданаш ишора шудааст.

Дар яке аз чунин руҷуъҳо баъди нақл дар бораи намояндагони пешқадами замон чун Махдуми Гав ҷумлае овардааст: «Агар он фарзандони пуристеъдоди халқ дар замони советӣ мебуданд, ҳар кадом қаҳрамони халқ, қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, адиб ва адабиётшиноси гузаро, мутафаккир ва файласуфи ҷаҳонӣ, ходими пурманфиати ҷамоат, ихтироъгари рӯи дунё ва монанди инҳо мегардиданд» [4, с. 559]. Ин ҷо орзую омол ва ҳадафи сиёсию иҷтимоии муаллиф ифода шудааст.

Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, порчаҳои публитсистӣ асосан дар асарҳои бадеии хусусияти таърихию публитсистидошта бештар мушоҳида мешаванд. Зеро мавзую мундариҷаи онҳо чунин талаб мекунад. Чунончӣ, ҳарчанд повести «Одина» ва «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ асарҳои сирф бадеианд, аммо замони тасвири воқеаҳо, мавзуи асарҳо талаб мекунад, ки дар онҳо ҳамчун асарҳои таърихию ҳуҷҷатӣ порчаҳои публитсистӣ ҷой дода шаванд. Тавассути онҳо нависандагон назари худро ба мавзуи тасвиркардаашон инъикос кардаанд.

Аммо ин маънои онро надорад, ки порчаҳои публитсистӣ танҳо дар асарҳои адабии хусусияти таърихидошта вомехӯранд. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки порчаҳои публистсистӣ ва хусусияти сиёсидошта дар асарҳои бадеии эссемонанд низ кам бошад ҳам, мушоҳида мешаванд. Чунончӣ, «Этюдҳои лирикӣ»-и шоири литвонӣ Э. Межелайтис аз тарафи адабиётшиносон асари публитсистикаи лирикӣ ном гирифтааст. Ҳарчанд дар он лирика бештар мушоҳида мешавад, порчаҳои публитсистию сиёсӣ низ, махсусан, ҳангоми тасвири воқеаҳои инқилобӣ ва замони ҷанг ба чашм мерасанд: «Ҳамаи ин тӯдаи мардуми ҷафокаш аз канораҳои шаҳр, залил ва таҳқирдида, заҳматкашон (пролетариат) ба кӯча рехтанд, ба як рӯйи ҷиддӣ, мушти сахт табдил ёфтанд. Аз пагоҳ дарёчаҳои одамон ба маркази шаҳр рехтанд, ба дарёи бузург табдил ёфтанд. Акнун он ҷорист, меҷӯшад, фиғон мекунад, пурзӯр, пурталотум мешавад, тира мегардад, ҳақиқат, нон, озодӣ металабад. Бале, он аз харобаҳост, онҳо аз ғорҳо омадаанд, баромадашон партов, таҳтоб, аз зери пост. Бигзор нигоҳаш тира аст, аммо ӯ касест, ки дар суроғи офтоб аст, ба ҷониби офтоб алҳол бо дастони ларзон бархостааст…» [14, с. 97].

Чунин ручуъҳои лирикии публитсистӣ, ҳарчанд факту рақамҳо, замону макони аниқ, санаҳо, номи одамонро надоранд, аммо бо усули публитсистӣ эҷод шуда, дар он сухану шиорҳо, тарғибу ташвиқ, даъват зиёд ба назар расида, аз забони муаллифи асар баён шудаанд. Агар дар мақолаҳои публитсистии жанри журналистӣ дар асоси факту рақамҳои аниқ мавзуи баҳс ва мулоҳиза қарор гирад, дар порчаҳо лирикии асари бадеӣ хусусиятҳои бадеият, оҳанги шеърӣ, обуранги бадеӣ низ ҷой дорад, ки хонандаро ба вачд меорад, қаҳру ғазабашро бедор мекунад ё механдонад ё мегирёнад. Чунончӣ: «Дастони оҳанини металлургон, мустаҳкам чун булут ё чун хоросанг, тобутро баланд бардоштаанд. Рӯйҳо ба санг табдил ёфтаанд: ғамолуд, қаҳролуд, хомӯш, чун абрҳои сиёҳ. Агар ин абр ба абри ба ин монанд бархӯрад, оташ бармеафрӯзад, раъду барқ ба амал меояд, борони сахт ба замини сахт мерезад» [14, с. 99]. Шоирон ва нависандагони бомаҳорати аз сиёсат бохабар аз ин услуб хуб, бо истифодаи калимаву ибораҳои таъсирбахш, санъати сухан, шеърияти баланд кор мегиранд.

Достон (роман) - и «Кадевар»-и М. Давлатободӣ аслан як асари психологӣ аст, аммо дар он ҳам сабку услуби публитсистӣ ба назар мерасад. Ҳангоме, ки муаллиф ба тасвири воқеаҳо дар асри Темури Ланг ва оқибати ҳуҷуми вай ба Хуросони Эрон мепардозад, якбора ручӯе мекунад: «Чашмони Темур дар шаҳр мечархид. Чеҳраи Темур дар шаҳр метобид. Зиштӣ, зиштӣ! Истода бар баландие, Темур дар чашми сарони бурида қаҳқаҳа мезанад. Иблиси зишт, дида намешавад. Мебинад. Чеҳрае паҳн, паҳнтар аз як гунбад, паҳнтар аз як мурдоб, аз як кавир, бо ҳамаи зиштӣ механдад... Тозиёнае, аждаҳое ба даст бар баландӣ истодааст. Зиштхӯ, аз сари тафаннун бар пушти бевагон, модарони ман, модарони мо тозиёна мезанад… Аз сабилҳо, лабҳо, забон ва дандонҳояш хун мечакад…» [11, с. 431]. Темур қаҳрамони ин достон нест, дар ҷое ёдовар нашудааст, аммо бо ҳадафи ифодаи афкори сиёсӣ ва иҷтимоии хеш, муносибати худ ба бадӣ муаллиф ба ин роҳ рафтааст.

Сабку услуби хоси публитсистии устод Айнӣ дар офариниши асари «Ёддоштҳо» аз тарафи нависандагони баъдинаи тоҷик пайравӣ шуд. Яке аз асарҳои муҳимми дигар, ки дар он воқеаҳои таърихӣ ва сиёсӣ ба таври фарох тасвир ёфтаанд, романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод мебошад. Дар он воқеаҳои оғози асри бистум то солҳои навадум – оғози истиқлолияти мардуми Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, халқи тоҷик тасвир шудааст. Ба вуҷуд омадани чунин асар барои адабиёти навини тоҷик воқеаи муҳимми адабӣ ба ҳисоб меравад. Чун асарҳои дигари адабии аҳаммияти публитсистидошта «Ҳайҷо» низ дорои хатти ягонаи сюжетӣ буда, дар он ҳаёти чанд насли қаҳрамонон тасвир гаштааст. Аммо фарқияти ин асар аз асарҳои дигари бадеӣ аз он иборат аст, ки як ҳиссаи муҳимми он ба таври публитсистӣ офарида шуда, ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии давр шарҳу баён шудаанд.

Дар саҳифаҳои зиёди романи «Ҳайҷо» порчаҳои публитсистии ифодагари ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятиро метавон мушоҳида кард. Чунончи, барои ифодаи давраи мазкур чунин шарҳи публитсистӣ омадааст, ки аз мақсадҳои давлатҳои хориҷӣ дар оғози асри ХХ-ум қисса мекунад: «Ҷосусон ва мубаллиғони англис ҳашт сол зӯр заданд, ки ба муқобили таҷовузи

Россия як иттиҳоди ҳарбӣ аз аморати Бухоро ва хонигариҳои Хева ва Қӯқанд созмон бидиҳанд; ва Туркия ба ин мақсад ёри Англия шуд…» [12, с. 19].

Дар саҳифаҳои дигари роман низ руҷуъҳои зиёди сиёсӣ ва таърихӣ вомехӯранд, ки аз ҳадафҳо, сиёсатҳои пинҳонӣ ва рӯшоди давлатҳои Россия, Англия, аморати Бухоро ва ғайра нақл мекунанд. Дар бисёре аз ин порчаҳо далелҳои таърихӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин, афкори ҷамъиятшиносии нависанда ҷойи муҳимро ишғол кардаанд. Чунончӣ, дар мавриди шахсони ба ном «сипоҳ», ки ақидаашонро ошкор баён намекунанд, ба рафти об бел мезананд ва пайт мепоянд, гуфтааст: «Ин фирқаи мансабдорон, ки дар ҳама давру замонҳо буданду ҳастанд, ҳамеша ақидаашонро равшан намегӯянд, пинҳон медоранд» [12, с. 44]. Чунин фирқа мардум дар байни тоҷикон ҳамеша буданд ва ҳастанд, ҳадафи нависанда ҳам таъкиди он аст, дар он нависанда симои ҳақиқии одамонеро тасвир кардааст, ки «онҳо дар ҳар ҳолат аз об хушк мебароянд». Чӣ тавре ки мушоҳида мешавад, дар чунин порчаҳои публитсистӣ низ бадеият, обуранги адабӣ, санъатҳои бадеӣ («аз об хушк баромадан») истифода мешаванд, ки аз маҳорати нависанда вобаста аст. Усули мазкур асарро хонданбоб мекунад.

Яке аз махсусиятҳои услуби асари мазкур аз он иборат аст, ки дар он таҷрибаи устод Айнӣ дар истифодаи ҳодисоти таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ самаранок истифода шудааст. Бисёр саҳифаҳои асари мазкур, ки оҳанги публитсистӣ доранд, ҳам аз рӯйи сохт, ҳам забон ва ҳатто давраи тасвир ба асарҳои устод Айнӣ «Одина», «Ғуломон», «Ёддоштҳо» ва ғайра монандӣ доранд. Чунончӣ, ба оҳанги ҷумлаи зер таваҷҷуҳ намоед: «Ва коргарони роҳи оҳани Тошканд миёни корро шикастанд, ва шиор бардошта ба кӯча баромаданд, – эҳтироми моро нигоҳ надоред, хидмати шуморо намекунем! Ва коргарони почтаву телеграф ба онҳо ҳамроҳ шуданд» [12, с. 150]. Забон ва сабки баён ва ҳатто мазмуни порчаи мазкур порчаҳои публитсистии фаслҳои алоҳидаи повести «Одина»-ро ба хотир меоранд.

Метавон гуфт, «Ҳайҷо» танҳо асари бадеӣ нест, балки сиёсӣ ва иҷтимоист, дар он далелҳои бисёр муҳимми таърихӣ сабт гаштаанд: «Ва сад ҳазор марде, ки ҳукумати подшоҳии Рус. Дар соли як ҳазору нуҳсаду шонздаҳ аз Осиёи Миёна барои хизмати маҷбурӣ дар ақибгоҳи фронт бурда буд, баъди ғалабаи Инқилоб озод шуданду ба ватан баргаштанд» [12, с. 192]; «Бисту дувуми моҳи июни соли яку ҳазору нуҳсаду чилу якум Германияи фашистӣ аҳди дӯстие, ки ду сол пеш бо СССР баста буд, хоинона шикаст, ва ҳанӯз субҳ надамида буд, ки бо тамоми қувваи ҳарбӣ ва таблиғотияш, ғофил ба давлати шуравӣ аз замину аз осмон якбора ҳуҷум кард» [12, с. 232]; «Ва СССР дар ин ҷанг бисту ҳафт миллион одам талаф дод, ки бисту се ҳазор нафараш аз Тоҷикистон буд»… [12, с. 242]. Ба ин монанд дар асар порчаҳои зиёди публитсистие мушоҳида мешаванд, ки воқеаҳои муҳимми таърихи шуравӣ ва солҳои аввали пурошӯби Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро тасвир намудаанд. Аммо чӣ тавре ки изҳор шуд, фарқияти ин порчаҳо ё руҷуъҳои лирикии таърихии публитсистӣ аз асарҳои дигари жанри публитсистика аз он иборат мебошад, ки дар онҳо каломи бадеӣ, обу ранги бадеӣ мавқеи муҳим дорад ва ин ҷиҳат хонандаро шавқманд намудааст.

Аз ин муқоисаҳо бармеояд, ки нависанда ба публитсистика замоне рӯй меорад, ки ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайраро дар замони муайян тасвир карданӣ мешавад. Аҳаммияти муҳимтарини порчаҳои публитсистӣ дар асари бадеӣ тасвири ҳаёти сиёсӣ ва ҷомеа мебошад. Ба қавли А. Маниёзов «очерку публитсистика дар бобати инъикос намудани воқеаҳои таърихӣ ва дар бар гирифтани масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ воситаи муҳимме мебошанд» [13, с. 11].

Мавқеи сиёсӣ, иҷтимоии устод Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқон зиёд баррасӣ гаштааст. М. Шакурӣ бар он назар аст, ки устод Айнӣ муборизаи маорифпарварӣ, иҷтимоиро дар ҷойи аввал гузошта, аз осиёби сиёсатмаобон то андозае худро дур гирифтааст. Ӯ тамоми қувваи эҷодӣ ва фарҳангофаринии хешро баҳри ноил гаштан ба манфиатҳои миллӣ, ҳақиқати зиндагӣ равона сохт.

Дар ин маврид адабиётшинос Х. Асозода ба хулосае омадааст, ки ба осори мавсуф то даврони инқилоби Октябр падидаи дифоъгароӣ хос аст. Истилоҳи мазкурро муҳаққиқ ба аксар маорифпарварони ду даҳсолаи аввали асри XX хос донистааст. «Падидаи

дифоъгароиро ба маънии падидаҳои набард ва мубориза фаҳмидан нашояд. Падидаи дифоъ амалест, ки дар баробари даҳшатҳои ба сари кас омада қарор мегирад ва шахсро наҷот медиҳад» [10, с. 4]. Ҳарчанд устод Айнӣ узви ҳизби коммунист нашуд, аз ғояҳои он берун нарафт, «ҳар гуна қарору нишондоди ҳизбро барои беҳбудии ҳаёти халқ истифода намуд» [16, с. 39]. Симои эҷодии устод намунаи камёфти таърихӣ ва адабии ҷаҳон буда метавонад. Ӯ дар ҳама шароит ва ҳолат манфиатҳои халқро ҳимоя кард ва то тавонист барои амалисозии ормонҳои халқ мубориза бурд.

Адабиёт:

1. Азимов А. Устод Айнӣ ва маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» / А. Азимов // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. – Душанбе, 2018. – 112 саҳ. - С.6-12.
2. Азимов, А. Публитсистика ва воқеият / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2020. – 143 с.
3. Азимов, А. Публитсистикаи устод Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» / А. Азимов // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. – Душанбе, 2018. – С. 13-19.
4. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
5. Айнӣ, С. Инқилоби Бухоро / С. Айнӣ // «Шуълаи инқилоб». – 1920. – 13 сентябр.
6. Айнӣ, С. Ҷаллодони Бухоро / С.Айнӣ // Осори баргузида дар ду ҷилд. Акнун навбати қалам аст. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 5-79.
7. Айнӣ, С. Сайфу қалам // Куллиёт. Ҷилди 9. / С. Айнӣ – Душанбе: Ирфон, 1969. – С. 66-69.
8. Айнӣ, С. Тарҷимаи ҳоли худам // Куллиёт. Ҷилди 1 / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – С. 7-99.
9. Айнӣ, С. Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод? / С. Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1919. – 15 декабр.
10. Асозода, Х. Устод Айнӣ аз худ ва миллат дифоъ мекард / Х. Асозода // Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 3-22.
11. Давлатобод, М. Кадевар / М. Давлатобод. – ҷ.1-2. – Теҳрон: Фарҳанги муосир. – 1370. – 948 с.
12. Кӯҳзод, Ӯ. Ҳайҷо / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2015. – 416 с.
13. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод С.Айнӣ / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 152 с.
14. Межелайтис, Э. Лирические этюды / Э. Межелайтис. – Москва: Художественная литература, 1969. – 256 с.
15. Муродов, М. «Ҷаллодони Бухоро» - асари публитсистӣ / М. Муродов // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2011. – С. 24-29.
16. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
17. Толстой, Л. Н. Война и мир. Собр. соч. в 22 томах. – т.3. / Л. Н. Толстой. – Москва: Правда, 1986. – 430 с.
18. Шакурӣ, М. Равшангари бузург / М.Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
19. Шуълаи инқилоб. – 1919. – 15 декабр.
20. Шуълаи инқилоб. – 1919-1921.

МАХСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ ВА ЖАНРИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ТАЪРИХӢ ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Дар мақолаи илмии мазкур дар заминаи омӯзиши таҳлил ва таҳқиқ махсусиятҳои сохторӣ ва жанрии публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар асари бадеӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф оҳангҳои публитсистикаи сиёсиро дар заминаи омӯзиши асарҳои бадеии адибони тоҷик ва хориҷӣ муайян ва бо овардани порчаҳои публитсистӣ аз асарҳои бадеиро асоснок намудааст ва маълум аст, ки асарҳои бадеӣ дорои

хусусиятҳои бадеият, оҳангнокӣ, эҳсосот мебошанд. Дар ин миён, барои тақвияти андешаҳояш дар меҳвар асарҳои устод Садридин Айниро қарор дода, мушаххас кардааст, ки мавсуф ҳамчун шоир ва нависандаи комил дар асарҳои публитсистии хеш низ аз ин хусусиятҳо самаранок истифода бурдааст. Чунончи, ҳарчанд повести «Одина» ва «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ асарҳои сирф бадеианд, аммо замони тасвири воқеаҳо, мавзуи асарҳо талаб мекунад, ки дар онҳо ҳамчун асарҳои таърихию ҳуҷҷатӣ порчаҳои публитсистӣ ҷой дода шаванд. Тавассути онҳо нависандагон назари худро ба мавзуи тасвиркардаашон инъикос кардаанд. Аз ин муқоисаҳо бармеояд, ки нависанда ба публитсистика замоне рӯй меорад, ки ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайраро дар замони муайян тасвир карданӣ мешавад. Аҳаммияти муҳимтарини порчаҳои публитсистӣ дар асари бадеӣ тасвири ҳаёти сиёсӣ ва ҷомеа мебошад. Инчунин, аз адабиёти илмӣ бамаврид истифода намуда, зина ба зина вижагиҳои сохторӣ ва жанрии публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихиро дар асари бадеӣ мушаххас кардааст.

Калидвожаҳо: осори бадеӣ, ҷанбаи публитсистӣ, махсусиятҳои сохторӣ, публитсистикаи сиёсӣ, аҳаммияти таърихӣ, устод Айнӣ, омӯзиш, таҳқиқ, таҳлил, муқоиса.

СТРУКТУРНЫЕ И ЖАНРОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ, СОЦИАЛЬНОЙ И ИСТОРИЧЕСКОЙ ПУБЛИЦИСТИКИ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ

В данной научной статье рассматриваются структурные и жанровые особенности политической, социальной и исторической публицистики в художественном произведении на основе анализа и исследования. Автор выявляет черты политической публицистики через изучение художественных произведений таджикских и зарубежных писателей, обосновывая это публицистическими вставками, приведёнными из литературных текстов. Известно, что художественные произведения обладают особенностями образности, выразительности и эмоциональности.

В этом контексте автор сосредотачивает внимание на произведениях устода Садриддина Айни и показывает, что он, как талантливый поэт и писатель, умело использовал эти особенности и в своих публицистических текстах. Хотя такие произведения, как повесть «Одина» и «Воспоминания» устода Айни, являются преимущественно художественными, тем не менее, тематика и время событий требуют включения публицистических фрагментов, придающих им характер историко-документальных сочинений. Через эти фрагменты автор выражает своё отношение к изображаемым темам и событиям.

Из сравнения видно, что писатель обращается к публицистике тогда, когда стремится отразить общественную, политическую, экономическую и прочую жизнь конкретного периода. Основное значение публицистических вставок в художественном произведении заключается в отображении политической и общественной реальности. Автор также эффективно использует научную литературу и поэтапно определяет структурные и жанровые особенности политической, социальной и исторической публицистики в художественном произведении.

Ключевые слова: художественная литература, публицистический аспект, структурные особенности, политическая публицистика, историческая значимость, устод Айни, изучение, исследование, анализ, сравнение.

STRUCTURAL AND GENRE FEATURES OF POLITICAL, SOCIAL, AND HISTORICAL PUBLICISM IN FICTION

This scholarly article explores the structural and genre-specific features of political, social, and historical publicism within fictional literature, based on analytical and research approaches. The author identifies tones of political publicism through the study of fictional works by Tajik and foreign writers and substantiates the analysis by quoting publicistic passages embedded in these works. It is well known that fictional literature is characterized by artistic expression, musicality of language, and emotional depth.

In this regard, the author places a particular focus on the works of Ustod Sadriddin Ayni, demonstrating that he, as a skilled poet and writer, effectively employed these features in his publicistic writings as well. Although Ayni's "Odina" and "Memoirs" are primarily fictional works, the themes and the historical context demand the inclusion of publicistic elements, making them partly resemble historical and documentary narratives. Through such elements, the authors convey their attitudes and perspectives on the subjects they depict.

These comparisons reveal that writers turn to publicism when aiming to reflect the socio-political, economic, and broader societal life of a specific period. The primary significance of publicistic inserts in fiction lies in their capacity to depict political and social reality. The author also draws on scholarly literature and systematically identifies the structural and genre characteristics of political, social, and historical publicism within fictional texts.

Keywords: fiction, publicistic dimension, structural features, political publicism, historical significance, Ustod Ayni, study, research, analysis, comparison.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Эҳсон – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгор». **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон**: (+992) 946-40-40-40. **E-mail**: ehson.89@mail.ru

Сведения об авторе: Сафарзода Эхсон – кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета и главный редактор газеты «Омузгор». **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992) 946-40-40-40. **E-mail**: ehson.89@mail.ru

Information about the author: Safarzoda Ehson – candidate of philological sciences, associate professor of the department of television and radio broadcasting of the faculty of journalism of the Tajik National University and editor-in-chief of the newspaper "Omuzgor". **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe highway, Rudaki ave., 17. Tel.: (+992) 946-40-40-40. **E-mail:** ehson.89@mail.ru

УДК:659.152+049.5+028.78 (075.8)
Л-54

ПРОЦЕСС ГЛОБАЛИЗАЦИИ КУЛЬТУРЫ, ЯЗЫКОВОЙ И КУЛЬТУРНЫЙ ИМПЕРИАЛИЗМ

Муллоев Ш.Б., д.ф.н., профессор
Российско – Таджикский (Славянский) университет
Панков В.В., к.п.н., доцент
Кыргызско-Российский Славянский Университет
Ли Ю.В., к.п.н., доцент
Кырызско-Российский Славянский Университет,

В настоящее время существует множество определений глобализации, и количество их постоянно растет, при этом каждое новое определение, как правило, раскрывает какую либо новую ее грань, особенность, количество которых постоянно, по мере развития и ускорения данного процесса постоянно множится. В данной связи следует подчеркнуть, что одной из важной особенностей данного процесса является его чрезвычайная многогранность, противоречивость, непредсказуемость и изменчивость, во всяком случае в определенных своих проявлениях и последствиях.

Мы ограничимся тем, что приведем две дефиниции глобализации, интересующей нас в интересующем нас культурном ракурсе.

Итак, в соответствии с первым определением глобализация представляет собой «процесс универсализации, становления единых для всей планеты Земля структур, связей и отношений в различных сферах жизни общества» [1, с. 163].

Согласно второму определению, глобализация – это процесс «всемирной экономической, политической, культурной и религиозной интеграции и унификации» [2, с. 38].

Оба вышеприведенных определения объединяет то обстоятельство, что они подчеркивают унифицирующий характер глобализации, что на практике означает исчезновение множества этнических и национальных культур, что вполне закономерно, поскольку современные народы и государства неравноценны с точки зрения экономической и политической мощи, количества людей, которые являются носителями той или иной культуры. Так, совершенно очевидно, что в предполагаемой будущей универсальной культуре человечества шансы сохраниться, к примеру, у китайской культуры и языка значительно выше, чем у языка и культуры, например, малых северных народов, для которых процесс унификации не может означать ничего иного, как исчезновение.

История человечества такова, что несколько тысячелетий до появления первых цивилизаций и затем, когда они возникли, происходил постоянный процесс дробления, дифференциации, возникновения новых народов, языков и культур. Так, народы, принадлежавшие в настоящее время к славянской группе языков, в настоящее время говорят на русском, украинском, белорусском, польском, болгарском, сербском, чешском и других славянских языках и, соответственно, являются русскими, украинцами, белорусами, поляками и т.д. То же самое, в принципе, можно сказать о любой другой языковой группе, не говоря уже о языковых семьях. Так, самая распространенная в настоящее время индоевропейская языковая семья включает в себя более 400 языков и, соответственно, народов, говорящих на них [3].

Процесс глобализации в том виде, в котором мы его знаем, практически начался в эпоху так называемых Великих географических открытий, начавшийся в XV века и завершившийся в начале XVIII века, и практически с этого же времени начинается масштабный, глобальный процесс поглощения одних культур и языков другими языками и культурами, а вернее, процесс уничтожения, как это произошло древнеиндейскими культурами и языками. Начался процесс, который вполне можно определить, как глобальный культурный и лингвистический империализм. Справедливость ради следует сказать, что культурный и языковой империализм возник практически одновременно с возникновение первых цивилизаций. Однако он носил первоначально локальный, а на более позднем этапе региональный характер. Так, к примеру, один из италийских народов – латины – в течение нескольких веков захватил территорию всего полуострова и ближайшие к нему острова – Корсику, Сардинию и Сицилию – подчинил себе другие италийские народы, проживавшие на Апеннинском полуострове, фалисков, энотров, сикулов, умбров, сабинов, эквов, вольсков и др., лингвистически ассимилировал их, навязав им латинский язык, и образовал таким образом то, что в дальнейшем войдет в историю как римский народ. После того, как римляне захватили земли этрусков, этрусский язык в течение нескольких веков полностью исчез несмотря на то, что до покорения носителей данного языка ареал его распространения был более обширен, чем все италийские языки вместе взятые. Римляне, которые заимствовали у этрусков строительные технологии и многие другие элементы культуры, в том числе значительную часть погребальных обрядов, тем не менее приложили много усилий и потратили много времени, чтобы целиком устранить из обращения этрусский язык. В результате он исчез полностью. Можно утверждать, что римляне настойчиво и целенаправленно искореняли этрусский язык, во-первых, для того, чтобы этрусков превратить в латинов, и, во-вторых, чтобы раз и навсегда устранить своих основных конкурентов на Апеннинах. И обе эти задачи Рим успешно решил. Вместе с этрусским языком исчезли и сами этруски. Исчезла, однако, как известно, и латынь. Но, в отличие от этрусского языка, латинский оставил после себя множество языков, имеющих латинские корни и образующую в настоящее время многочисленную романскую группу языков.

История Римской империи, во всяком случае культурно и ментально, была продолжена романоязычными народами. Испания и Португалия, начиная с эпохи Великих географических

открытий, и несколько позже Франция благодаря политике колонизации распространили собственные языки по значительной части земного шара. И в настоящее время на испанском языке говорит свыше 450 миллионов, на португальском – около 220 миллионов человек [4], на сегодняшний день в более 60 государствах данная группа языков используются в качестве национального или официального языка, среди которых на французском – 30, на испанском – 20, на португальском – 7, на итальянском – 3 государства [5].

Само собой разумеется, латины или римляне не были далеко единственным народом, который в течение длительного времени успешно занимался языковой и культурной ассимиляцией.

Рим, как известно, возник в 753 году до н. э., а Македонская империя, которая образовалась экспансионистской политике, проводившейся македонским царем Александром Великим и его последователей, так называемых диадохов, в 334–301 до н. э., и площадь которой в период ее расцвета 5 миллионов 200 тысяч км². На захваченной территории греки осуществляли то, что в историческую науку попало под наименованием эллинизация и эллинистический мир, то есть внедрение греческой культуры и языка [6]. Данный период истории продлился до той поры, пока римляне не захватили в в 30 г. до н. э. последние остатки Македонской империи – эллинистический Египет.

Все вышеприведенные примеры говорят в пользу того, что империализм, то есть политика того или иного государства или народа, направленная на расширение территории, ареала обитания и прочного закрепления на этих территориях, тождественна, по сути, культурной и языковой экспансии.

Существует довольно уникальный и красноречивый пример того, как обретение новых территорий происходило как бы в обратном порядке, когда завоеватели входили на территорию государства и, освоив в течение жизни нескольких поколений язык и культуру покоренного им народа, в конечном счете превращались в этот народ. Мы имеем в виду Китай и китайскую цивилизацию, который поглотил в себе множество некитайских народов и продолжает делать это и в настоящее время.

В связи со всем вышесказанным возникает как минимум два правомерных вопроса. Во-первых, что побуждает людей, целые народы целенаправленно либо не вполне осознанно, но настойчиво заниматься культурной и языковой ассимиляцией? Во-вторых, поскольку выше речь шла о конкретной имперской практике, насколько или свойственен ли вообще культурный и языковой империализм не имперским народам, к примеру, таджикскому и кыргызскому народам?

Попытаемся дать ответ на оба вопроса, исходя из того, что рамки статьи не позволяют дать достаточно подробный и развернутый ответ.

Если обратиться к примеру колонизации европейцами Северной, Центральной и Южной Америки, то данный пример является образцом того, как с лице Земли исчезали целые народы, которые, значительно отставь в военном отношении от пришлых народов, были просто истреблены последними или доведены до состояния, когда не могли оказывать хоть сколько-нибудь заметного сопротивления им. Речь, следовательно, шла и идет о соотношении сил между захватывающей и захватываемой сторонами. Если разрыв в силе значительный, то высока вероятность тотального истребления слабой стороны. Если, напротив, разница в силе не столь существенна наиболее сильной стороной в ход в конечном счете пускались такие средства, как культурная и языковая ассимиляция, постепенное уподобление себе с целью окончательного превращения в себя.

Как показывает огромный исторический опыт, люди и народы в целом относятся к друг другу с большим недоверием, если не понимают друг к другу, если их культура и языки существенно разнятся между собой, не говоря уже о том, что народы практически в течение всей истории воевали за жизненно важные ресурсы и территории, на которых эти ресурсы располагались.

Если обратиться к наиболее глубоким, существенным побудительным мотивам, то, возможно, будет уместным обратиться к концепции, принадлежащей известному немецкому

философу XIX века Ф. Ницше, который оказал заметное влияние на философов XX и начала современного века, на такие современные философские направления, как экзистенциализм, постмодернизм и постструктурализм. Он писал, в частности: «Если глубочайшая сущность бытия есть воля к власти, если удовольствие сопутствует всякому росту власти, а неудовольствие всякому чувству невозможности сопротивления, чувству невозможности одержать верх, можем ли мы в таком случае принять удовольствие и неудовольствие за кардинальные факты? … Когда всякое существо само есть воля к власти, а следовательно, и чувство удовольствия и неудовольствия! И все-таки – оно ощущает нужду в противоположностях, в сопротивлении, т. е. относительно, в других единствах, стремящихся к расширению своих пределов». [7, с. 807–808]

Другими словами, стремление к доминированию, господству вкоренено не только в человека, но и в каждое живое существо и, соответственно, в каждого индивида, а через него или них на целый народ и народы. Воля к власти – это воля к выживанию, к жизни, когда доминирование, господство является наиболее благоприятным условием для выживания.

Поскольку человек является социальным существом, а культура и язык выступают средой и инструментами, которые формируют его как полноценную личность, то сохранение собственной культуры и языка фактически равноценно сохранению его как личности, и, соответственно, утрата культуры и языка тождественна утрате определенного типа личности и идентичности. Процесс обретения совершенно новой идентичности, связанный с переходом в иную культурную и языковую среду, для подавляющего большинства людей проходит, как показывает практика, крайне болезненно и по многим причинам является совершенно нежелательным. По этой причине народы в подавляющем своем большинстве стремились в прежние эпохи и стремятся в настоящее время во что бы то не стало сохранить свою культуру и в первую очередь свой исконный язык, утрата которого означает утрату, смерть прежней идентичности, на формирование которой уходили многие века. С другой стороны, поскольку взаимодействие и взаимоотношение между народами практически всегда происходило и происходит в виде конкуренции, соперничества, нередко перераставшего в открытые столкновения, войну, то столь же естественным и неизбежным, как стремление сохранить собственный язык и идентичность, следует признать стремление навязать свою культуру и язык другим народам, если это представляется возможным. Что касается целесообразности, то она определяется конкретными обстоятельствами и долговременными задачами. Как показывает имперская практика, направленная на прочное закрепление на новообретенных территориях, целесообразность становилась неизбежной и была обусловлена в первую очередь с целью именно закрепления тем или иным образом на новых территориях.

Попытаемся теперь дать ответ на второй вопрос: насколько или свойственен ли вообще культурный и языковой империализм не имперским народам?

Если исходить из того, что не имперским народам не удалось создать империи, то, естественно, напрашивается ответ, что не свойственен, во всяком случае как констатация факта или множества фактов. Однако если исходить из другой точки зрения, что таким народам в силу множества причин просто не удалось этого сделать, такой ответ едва ли можно признать удовлетворительным. В условиях практически непрерывного соперничества различных народов за территории и ресурсы, длившегося в течение многих веков, неизбежно такое положение вещей, когда одни народы преуспели в своей захватнической политике, а другие, напротив, не смогли добиться особых успехов в этом направлении. Вот, собственно, и все различие, как нам представляется, носящее больше формальный, чем сущностный характер, поскольку, как мы утверждали ранее, в каждом народе самой природой вкоренено стремление к господству. Не имперские народы воспроизводят, реализуют во взаимных отношениях те же принципы, что имперские по отношению к другим народам, с тем лишь отличием, что это происходит в локальных масштабах.

Обратимся теперь к проблеме языка, который не только напрямую связан с сознанием, но и, по сути, является необходимым средством, инструментом его формирования. Именно по

этой причине реальное сознание является этническим или национальным, во всяком случае для подавляющего большинства людей, и утрата языка является фактической утратой этничности.

Известный советский психолог Л.С. Выготский, исследуя процесс зарождения и развития сознания у ребенка, указывал на то, что сознание последнего формируется через взаимодействие речи и мышления, которое, по его мнению, «совершается в слове, а не выражается только в нем» [8, с. 162]. Известный немецкий философ и языковед XVIII –XIX веков В. Гумбольдт с надлежащей определенностью указывал на то, что «мы должны испытывать все меньше склонности трактовать языки как произвольные знаки и, проникая вглубь, в духовную жизнь, обнаружим в своеобразии их строения средство изучения и познания истины, а также форму становления сознания и характера» [9, с. 322].

Современные российские исследовательницы Л.С. Аристанова, Э.Р. Араньязова указывают на то, что сознание неразрывным образом связано с языком и оба они на деле возникают одновременно, при этом язык «выступает способом существования сознания», при этом возникновение и развитие любого «индивидуального сознания возможно в том случае, если человек включен в мир словесного языка. Вместе с речью индивид усваивает логику мышления, начинает рассуждать о существовании мира и себя» [10, с. 1001].

В кыргызском национальном эпосе «Манас» содержится эпизод, в котором Манас обращается представителям различных кыргызских племен со следующими словами:

«Среди собравшихся кыргызов есть
Племена катаган и теит,
Кыргызы, жившие в течение пяти поколений, в Афганистане...
Племена кыргызов, проживающие на границе Хорасана,
Все племена шыгаи, пришедшие с берегов реки Яркенд.
Кыргызы, жившие в Бухаре,
Утратили своего язык и стали таджиками» [11, с. 188].

Таким образом, можно утверждать, что уже у древних кыргызов, как это следует из приведенного текста, сложилось четкое представление об этнической принадлежности, которая определялась исключительно по языковому критерию. Кыргызы, утратившие язык, независимо от того, продолжали ли они идентифицировать себя как кыргызы или нет, в традиционной кыргызской среде переставали считаться кыргызами, и, напротив, те, кто продолжал на кыргызском языке, независимо от того, где они жили и чьи культурные признаки, и даже физические черты восприняли целиком.

Следует сказать, что и в настоящее время лингвистический критерий среди кыргызов является основным, что легко проследить на примере такой этнической группы, как памирские кыргызы. Они появились на Памире еще в XVI веке и в течение нескольких веков заметно перемешались с коренными народами, имеющими индоевропейское происхождение. Несмотря на данное обстоятельство, а также на то, что по Y-ДНК памирские кыргызы существенно отличаются от киргизов, проживающих в Кыргызской Республике, они продолжают сохранять коренной язык, представляющий собой южный диалект кыргызского языка, в котором много заимствований лексических и фонетических заимствований из таджикского языка, и идентифицируют себя как кыргызы [12].

В истории человечества с древних времен начался процесс утраты языков, который был обусловлен главным образом физическим исчезновением носителей языка. Однако параллельно происходил также процесс возникновения новых языков, общее количество которых в течение многих веков стабильно возрастало. Однако процесс глобализации привел к тому, что новые языки практически перестали появляться, а число исчезающих языков стало устойчиво увеличиваться. Данный процесс приобрел форму тенденции. Так, на сегодняшний день на планете официально зафиксировано около 6 700 разговорных языков, при этом в среднем через 14 дней перестает существовать по одному языку, что обусловлено главным образом тем, что уходят из жизни последние его носители. Однако происходит также процесс языковой ассимиляции, когда языки тех или иных более многочисленных народов поглощают или, вернее, вытесняют языки тех или иных немногочисленных народов, как это происходило, к примеру, в

Римской империи. Однако темпы исчезновения языков значительно возросли по сравнению с античной эпохой. По мнению специалистов, существует реальная опасность, что к концу XXI века около половины из ныне существующих языков исчезнет навсегда.

Утрата языков не является единственной угрозой, обусловленной процессом глобализации, который заметно ускоряется буквально с каждым десятилетием. Как указывает известный современный российский политолог, доктор исторических наук В.Г. Кувалдин в связи информационной революцией, которая произошла во второй половине XX века, пишет следующие: «Информационная революция (ИР), базирующаяся на соединении компьютера с телекоммуникационными сетями, коренным образом преобразует человеческое бытие. Она сжимает и пространство, открывает границы, позволяет устанавливать контакты в любой точке земного шара. … Мир без границ, где утрачивают былое значение территории и расстояния, начинает обретать реальные очертания. ... То, на что раньше уходили месяцы и годы, можно сделать за считанные дни. ... Пространство общественного бытия уплотняется и перемешивается, становясь более однородным» [13, с. 31].

Очевидно, что мысль, а вернее, утверждение, что пространство общественно бытия «уплотняется и перемешивается, становясь более однородным», подразумевает, что культуры современных народов, находящиеся во все более тесных и учащающихся контактах друг с другом, также образуют все более однородную массу, которую принято называть формирующейся глобальной культурой.

Известный итальянский ученый, основатель и первый президент Римского клуба, который был создан для того, чтобы прогнозировать возможные варианты развития человечества, А. Печчеи, еще в 1977 году издал научную монографию «Человеческие качества», в которой он с глубокой тревогой писал: «Защита и сохранение культурных особенностей народов и наций совершенно справедливо объявлены, в особенности в последние годы, ключевым моментом человеческого прогресса и самовыражения» [14, с. 776], при том, что «дальнейшее развитие технологической цивилизации, экономический рост, возрастающая мобильность людей… расширение средств массовой информации – все это сулит в будущем исполнение мрачных пророчеств окончательного и безжалостного исчезновения с лица земли львиной доли того, что еще осталось от свидетельств веры, любви, эмоций, гордости, чувства прекрасного и стремления к добру прошлых поколений» [14, с. 778]. С другой стороны, «не подлежит сомнению, что параллельно с этими процессами повышался культурный уровень человека, шло развитие интеллектуальных способностей, которые приводились в соответствие со сложным искусственным миром, сотворенным человеком» [14, с. 778].

В этом, собственно, заключается одно из основных противоречий современного процесса глобализации, заключающееся в том, что он, с одной стороны, ведет к глобальной культурной унификации, которая означает на деле фактическое исчезновение большинства современных культур, а с ними, естественно, существующего в настоящее время культурного разнообразия, к обеднению общечеловеческой культуры, а с другой стороны, благодаря тому, что данный процесс основывается на научно-техническом прогрессе, приводит в итоге к улучшению жизни фактически для миллиардов людей, не говоря уже о том, что человечество, раз вступив на путь прогресса, уже не может свернуть с него, к чему бы данный прогресс не привел в конечном счете.

Те народы, которые ассимилируют другие народы, мало интересует историческая и культурная судьба последних, а вернее, она их интересует только в связи с тем, насколько быстро, с какими издержками будет происходить данный процесс и каким конкретным последствиям он приведет в конечном счете. При этом целесообразность и естественное стремление к доминированию в конечном счете берут верх над другими соображениями, и в итоге ассимилятивные устремления и тенденции в культуре приобретают явно односторонний характер.

Современный таджикский философ И.З. Захруддинов, приводя суждение российской исследовательницы М.А. Коритиной о том, что к началу XXI века стала четко просматриваться тенденция к глобальному сближению, результатом которого является формирование единой

планетарной культурно-цивилизационной системы, совершенно справедливо, по нашему мнению, указывает на то, что с мнением, что процесс формирования глобальной культуры полезен для всего мира и что все выигрывают от данного процесса, трудно согласиться. «Целью культурной глобализации, – пишет он, – является только легкое управление миром и послушание другим, а не всеобщее благо. С другой стороны, игнорирование различий в культуре, нравственности и обычаях государств и регионов, народов и народностей из разных уголков мира является серьезной ошибкой, поскольку они считаются главным препятствием культурной глобализации. В одном государстве или регионе реализация единой культуры и ценностей приводит к одному результату, а во всем сложном мире-к совершенно другому» [15, с. 346].

Очевидно, что в силу своей относительной малочисленности таджикский и кыргызский народы относятся к категории народов, культуры которых в дальнейшем процессе глобализации будут подвергаться ассимиляции, и по этой причине на всех уровнях, и в первую очередь на уровне принятия государственных решений и мер, необходимо предусмотреть весь комплекс действий и мероприятий, направленных, с одной стороны, на сохранение собственного языка и культуры, а с другой – на продуманную интеграцию в формирующуюся в настоящее время мировую хозяйственную и культурную систему. Очевидно, что это взаимоисключающие задачи. Тем не менее проблема состоит в том, чтобы, если так можно выразиться, найти золотую середины, и для решения данной проблемы должны быть привлечены все имеющиеся интеллектуальные и материальные ресурсы, в том числе государственные.

Литература:

1. Глобалистика: Международный междисциплинарный энциклопедический словарь / Гл. ред. И.И. Мазур, А.Н. Чумаков. М.: ИЦ «Елима», 2006. – 1160 с.
2. Калужский М.Л. Система социальной глобализации // ЭКО: Всероссийский экономический журнал: журнал. – 2003. –№ 4. – С. 38–58.
3. Индоевропейские языки [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Индоевропейские_языки#:~:text=Индоевропейская%20семья%20включает%20в%20себя,нуристанскую%20и%20тохарскую%20языковые%20группы.
4. Романоязычные народы [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/Романоязычные_народы#:~:text=В%20современном%20мире%20к%20романской,народы%20(около%20220%20млн).
5. . Романские языки [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tapemark.narod.ru/les/421a.html
6. Македонская империя [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Македонская_империя
7. Ницше Ф. Воля к власти: опыт переоценки всех ценностей // Падение кумиров / Фридрих Ницше; пер. с нем. В. Вейнштока, Т. Гейликмана, Е. Герцыг и др. – СПб.: Азбука, Азбука-Аттикус, 2023. – 832 с.
8. Выготский Л.С. Вопросы теории и истории психологии // Собр. соч.: В 6 т. – Т. 1. – М.: Педагогика, 1982. – 488 с.
9. Гумбольдт В. О сравнительном изучении языков применительно к различным эпохам их развития // В. Гумбольдт. Избранные труды по языкознанию. – М.: Прогресс, 1984. – 397 с.
10. Аристанова Л.С., Араньязова Э.Р. Язык и сознание: диалектика их взаимосвязи // Бюллетень медицинских Интернет-конференций. – 2016. – Том 6. – №5. – С. 1001–1002.
11. Маанаев Э.Ж. Новое осмысление некоторых процессов древней и средневековой истории кыргызов // Проблемы политогенеза кыргызской государственности. – Б.: АРХИ, 2003. – С. 179–195.
12. Киргизы в Таджикистане [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Киргизы_в_Таджикистане#:~:text=Памикие%20киргизы%20появ

ились%20на%20территории,местных%20памирских%20групп%20индоевропейского%20происхождения

13. Кувалдин В.Б. Глобализация – светлое будущее человечества? // НГ-сценарии. – М., 2000. — № 9, 11 октября. – С. 30–36.

14. Печчеи А. Человеческие качества // Политология: хрестоматия / Сост. проф. М.А. Василик, доц. М.С. Вершинин. – М.: Гардарики, 2000. – С. 774–784.

15. Захруддинов И.З. Распространение культурной глобализации и ее влияние на традиционно-нравственные ценности и суверенитет нации-государства // International Scientific Discussion: Problems, Tasks and Prospects. – February 19–20, 2022. – №19(99). – P. 345–354.

ПРОЦЕСС ГЛОБАЛИЗАЦИИ КУЛЬТУРЫ, ЯЗЫКОВОЙ И КУЛЬТУРНЫЙ ИМПЕРИАЛИЗМ

По мнению многих специалистов, основным процессом современности является процесс глобализации, который оказывает существенное влияние практически на культуры всех современных народов. Данное воздействие носит как положительный, так отрицательный характер. Формирование глобальной культуры приводит к интеграции культур, которая сопровождается такими негативными последствиями, как унификация и упрощение множества этнических и национальных культур, вплоть до исчезновения некоторых из них, не говоря уже о тенденции исчезновения такой важной, основополагающей составляющей любой культуры и сознания, как язык. Очевидно, что со временем данный процесс будет только усиливаться, что не может не внушать определенные, вполне обоснованные опасения за дальнейшую судьбу многих национальных культур и языков, безвозвратной утраты существующего культурного разнообразия. В статье рассматриваются такие явления, как языковой и культурный империализм, который является, по сути, основным мотивом и тенденцией в процессе формирования глобальной культуры. В статье также объясняется, почему именно культурный империализм был с самого зарождения основной культурной тенденцией.

Ключевые слова: глобализация, глобальная культура, национальная культура, языковой империализм, культурный империализм, сознание.

РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВИИ МАДАНИЯТ, ИМПЕРИАЛИЗМИ ЗАБОНӢ ВА МАДАНӢ

Ба эътиқоди аксари коршиносон, раванди асосии замони муосир раванди ҷаҳонишавӣ аст, ки тақрибан ба тамоми фарҳангҳои мардуми муосир таъсири назаррас дорад. Ин таъсир ҳам мусбат ва ҳам манфӣ аст. Ташаккули фарҳанги ҷаҳонӣ боиси ҳамгироии фарҳангҳо мегардад, ки бо чунин натиҷаҳои номатлуб, аз қабили муттаҳидшавӣ ва сода шудани фарҳангҳои зиёди этникӣ ва миллӣ, то аз байн рафтани баъзеи онҳо, ба ғайр аз тамоюли аз байн рафтани чунин як ҷузъи муҳимми бунёдии ҳар фарҳангу шуур, мисли забон. Мусаллам аст, ки ин раванд бо мурури замон танҳо шиддат мегирад, ки наметавонад тарсу ҳаросҳои муайяни асоснокро дар бораи сарнавишти минбаъдаи бисёре аз фарҳангҳо ва забонҳои миллӣ ва аз даст додани бебозгашти гуногунии муҳимми фарҳангӣ бедор созад. Дар мақола чунин падидаҳо, аз қабили империализми забонӣ ва фарҳангӣ, ки воқеан ангеза ва тамоюли асосии ташаккули фарҳанги ҷаҳонӣ мебошад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақола инчунин шарҳ дода мешавад, ки чаро импе-риализми маданӣаз рӯзи пайдоиши худ тамоюли асосии маданият буд.

Калидвожаҳо: ҷаҳонишавӣ, фарҳанги ҷаҳонӣ, фарҳанги миллӣ, империализми забонӣ, империализми фарҳангӣ, шуур.

THE PROCESS OF GLOBALIZATION OF CULTURE, LINGUISTIC AND CULTURAL IMPERIALISM

According to many experts, the main process of modernity is the process of globalization, which has a significant impact on almost all cultures of modern peoples. This effect is both positive and negative. The formation of global culture leads to the integration of cultures, which is accompanied by such negative consequences as the unification and simplification of many ethnic and national cultures, up to the disappearance of some of them, not to mention the tendency of disappearance of such an important, fundamental component of any culture and consciousness as language. It is obvious that this process will only intensify over time, which cannot but inspire certain, well-founded fears for the further fate of many national cultures and languages, and the irretrievable loss of essential cultural diversity. The article examines such phenomena as linguistic and cultural imperialism, which is, in fact, the main motive and trend in the formation of global culture. The article also explains why cultural imperialism has been the main cultural trend since its inception.

Keywords: globalization, global culture, national culture, linguistic imperialism, cultural imperialism, consciousness.

Сведения об авторах: Муллоев Шариф Бокиевич, доктор филологических наук, профессор, руководитель пресс-службы Российско – Таджикского (Славянского) университета. 734025, Душанбе, Республика Таджикистан *ул.* М. Турсунзаде, 30 Тел: (+992 44) 620 42 33, E-mail: mulloev_sharif @mail.ru

Панков Виталий Вячеславович, кандидат педагогических наук, доцент. Кыргызско-Российский Славянский Университет г. Бишкек, Кыргызская Республика. Ул. Абая 2а, кв.8, Первомайский район. E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru Тел: +996 550 712 783 ORCID: 0000-0002-6993-2936

Ли Юрий Владимирович – канд. политических наук, доцент кафедры международной журналистики Кыргызско-Российского славянского университета, Кыргызская Республика, ул. Киевская 44. Тел. (996) 312 6624 27, E-mail: yurylee@inbox.ru

Маълумот дар бораи муаллифон: Муллоев Шариф Боқиевич, доктори илмҳои филология, профессор, роҳбари Хадамоти матбуоти Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. М.Турсунзода, 30 Тел.: (+992 44) 620 42 33 Почтаи электронӣ: mulloev_sharif @mail.ru

Панков Виталий Вячеславович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. Донишгоҳи славянии Қирғизистон-Русия шаҳри Бишкек, Ҷумҳурии Қирғизистон. Кӯчаи Абай 2а, кв. 8, ноҳияи Первомайский. Почтаи электронӣ: pankov-vitaliy72@yandex.ru Тел: +996 550 712 783 ORCID: 0000-0002-6993-2936

Ли Ю.В. – номзади илм илмҳои сиёсӣ, дотсент кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи славянии Қирғизистон ва Россия, Ҷумҳурии Қирғизистон, ст. Киев 44. Тел. (996) 312 6624 27 Почтаи электронӣ: yurylee@inbox.ru

Information about the authors: Mulloev Sharif Bokievich, Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Print Media and PR, Russian–Tajik (Slavic) University. St. M. Tursunzade 30, 734025, Dushanbe Republic of Tajikistan, Tel: (+992 44) 620 42 33. E-mail: mulloev_sharif @mail.ru

Pankov Vitaly Vyacheslavovich, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. Kyrgyz-Russian Slavic University Bishkek, Kyrgyz Republic. 2a Abaya str., 8 block, Pervomaisky district. E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru Тел: +996 550 712 783 ORCID: 0000-0002-6993-2936

Li Yu.V. – Candidate of political science, associate professor, Department of International Journalism Kyrgyz-Russian Slavic University, Kyrgyz Republic, Kyiv st. 44. Tel. (996) 312 6624 27, E-mail: yurylee@inbox.ru

ТДУ: 323.1(075.8)
С-36

НАҚШИ АГЕНТИҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАРРИФИИ ТОҶИКИСТОН

Сафарзода М.А., н.и.ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар замони муосир агентиҳои иттилоотӣ дар баробари таъмини воситаҳои ахбори омма бо иттилои саривақтиву саҳеҳ ҳамчунин, тавассути сомонаҳои расмӣ фаъолият пеш мебаранду бо аудиторияи васеъ пайваста дар иртиботанд. Сомонаҳои иттилоотӣ бо истифода аз имконоти нав – шабакаҳои иҷтимоӣ аудиторияи худро ҷӯё мешаванду барои нигоҳдории онҳо пайваста усулҳои нав пайдо мекунанд. Ҳамаи ин падидаҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ ва муаррифии давлат имконоти бемисл ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар як муддати кӯтоҳ тамоми кишварҳо ба таъмини босуръати интернет ва фаъолияти босамари журналистон дар ин самт кӯшишу талош мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ин зумра истисно нест, чун нақши интернет дар шаклдиҳии имиҷи Тоҷикистон баръало намудор мегардад. Ҳар қадар дар сарчашмаҳои интернетӣ дар бораи кишвар маълумот бештар бошад, ҳамон қадар имконоти муаррифӣ зиёдтар мешавад, зеро имрӯз интернет равзанаи асосӣ ба ҷаҳон буда, воситаи муҳимми имиҷсозии кишварҳо гардидааст. Барои нишон додани нақши интернет дар муаррифии Тоҷикистон ба сомонаҳои расмии ду агентии иттилоотии асосии кишвар – АМИТ «Ховар» (www.khovar.tj) ва «Азия-Плюс» https://www.asiaplustj.info рӯ овардем.

Сомонаи АМИТ «Ховар» дар домени тоҷикӣ бо суроғаи www.khovar.tj (Ховар.тч) ҷойгир аст. Ин сомона тобеи Агентии миллии иттилоотии «Ховар» буда, таърихи қариб 100-сола дорад. Дар тули фаъолияти худ тавонистааст, мақоми марказии давлатии иттилоотиро касб кунад. Вазифаи асосии он ҷамъоварӣ, паҳн намудани иттилоот доир ба масоили муҳимми дохилӣ ва сиёсати хориҷии кишвар ва ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он дар ҷумҳурӣ ва хориҷи он мебошад. Ахборномаи махсуси «Набзи Ховар» («Пульс Востока») ҳамарӯза (ба истиснои рӯзҳои истироҳат) барои мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, сафоратхонаҳои хориҷӣ ва сохторҳои байналмилалӣ омода мешавад. Ҳамчунин, АМИТ «Ховар» дорои радио мебошад, ки тавассути сомона ба мавҷи он – 101,5 FM пайваст шудан мумкин аст.

Имрӯз АМИТ «Ховар» дар тамоми вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар Федератсияи Русия (ш. Маскав), Туркия (ш. Анқара), Олмон (ш. Берлин) ва ИМА (ш. Ню-Йорк) шабакаи мухбиронро дорад. [16]

Фаъолияти сомонаи ***khovar.tj*** аз соли 2002 оғоз гардида, бойгонии маводҳои худро аз соли 2008-ум фаъол намуд. Бартарии асосии сомонаи АМИТ «Ховар» дар он аст, ки маводҳои ҷамъоварда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ ва ҳуруфи форсӣ нашр мегарданд. Дар сомонаҳои дигар одатан фаъолияти сезабона-тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ба роҳ монда мешавад. Робита ва ҳамкории ***khovar.tj.*** бо агентиҳои миллии давлатҳои хориҷа баръало намудор аст. Аз ҷумла, дар саҳифаи асосии сомона чанд агентии иттилоотӣ ба сифати шарикон ишора гардидааст:

1. Агентии иттилоотии «Синхуа» — Агентии иттилоотии расмии ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Чин ва бузургтарин маркази иттилоотию нишастҳои матбуотӣ дар Чин, нишонии электронӣ https://russian.news.cn/index.htm, фаъолият бо 12 забон;
2. «Агентии иттилоотии байналмилалии «КАЗИНФОРМ» — Агентии иттилоотии давлатии Қазоқистон, нишонии электронӣ https://www.inform.kz/, фаъолият бо 7 забон;
3. Агентии иттилоотии давлатии Туркманистон (TDH) –«Туркменистан сегодня», нишонии электронӣ https://tdh.gov.tm/tk#, фаъолият бо 3 забон;
4. ТАСС – агентии пешбари давлатии Русия, нишонии электронӣ https://tass.ru/, фаъолият бо 2 забон;

5. АРМЕНПРЕСС – Агентии иттилоотии Арманистон, нишонии электронӣ Armenpress.am, фаъолият бо 10 забон;

6. АЗЕРТАДЖ – Агентии иттилоотии давлатии Озарбойҷон, нишонии электронӣ azertag.az, фаъолият бо 8 забон;

7. БелТА- бузургтарин Агентии иттилоотии Беларус, нишонии электронӣ, belta.by, фаъолият бо 7 забон;

8. Anadolu Ajansı -Агентии «Анадолу»-и Туркиё, нишонии электронӣ https://www.aa.com.tr/ , фаъолият бо 12 забон;

9. Агентии миллии иттилоотии Узбекистон- УзА (uza.uz), фаъолият бо 11 забон;

10. Агентии итттилоотии Покистон https://www.app.com.pk/, фаъолият бо 7 забон.

Инчунин, АМИТ «Ховар» аъзои Шурои роҳбарони агентиҳои иттилоотии кишварҳои узви ИДМ (Информсовет СНГ) (e-cis.info) ва Ассотсиатсияи агентиҳои миллии иттилоотии давлатҳои аъзои ИДМ -АНИА (ania-news.info) мебошад.

Маълум мегардад, ки Сомонаи агентии иттилоотии «Ховар» барои густариши ҳамкориҳо ва паҳн намудани иттилоъ дар бораи Тоҷикистон дар ВАО-и ҷаҳонӣ амалҳои намоён ва шоён анҷом дода истодааст, ки ин қадами устуворе дар роҳи имиҷсозии кишвар ҳисобида мешавад.

Сомонаҳои номбурда низ дар саҳифаи худ аз ҳамкорӣ бо агентии «Ховар» ишора карда, ҳангоми пахши иттилоъ дар бораи Тоҷикистон бештар ба АМИТ «Ховар» чун сарчашмаи асосии иттилоотӣ мурочиат мекунанд. Аз ин сабаб, сомонаи «Ховар» маводҳои худро бо дарназардошти муносибати дипломатии давлатҳо интихоб ва пешниҳод мекунад.

Бо ворид шудан ба сомонаи АМИТ «Ховар» дар назари аввал чунин менамояд, ки мавзуъҳои асосии инъикосшаванда дар ин сомона танҳо сиёсианд, чун дар саҳифаи асосӣ ба ин мавзуъ бартарӣ дода мешавад, аммо дар асл, сомона фарогири тамоми самтҳо мебошад. Дар зери рубрикаҳои «Президент», «Парламент», «Пойтахт», «Сиёсати хориҷӣ», «Амният», «Иқтисодӣ» (иборат аз бахшҳои «Саноат», «Бонкдорӣ», «Баҳогузории лоиҳаи НБО «Роғун»»), «Иҷтимоӣ» (иборат аз бахшҳои «Маориф», «Фарҳанг», «Варзиш», «Танзим», «ТҲС»), «Сайёҳӣ», «Минтақа ва ҷаҳон» аз паҳлуҳои гуногуни ҳаёти кишвар маълумот пайдо намудан мумкин аст. Ҳамчунин, аз ҷониби рости сомона бахшҳои алоҳида вобаста ба санаҳои муҳим, ташаббус ва ибтикори Ҳукумат, Шахсияти Президенти Тоҷикистон, иншооти бузурги кишвар мавҷуданд, ки ҳар кадоме вобаста ба самт дорои бойгонии иттилоотӣ мебошад.

Масалан, дар бахши «35-соли Истиқлоли Тоҷикистон» 128 саҳифа мавод ҷой дода шудааст, ки ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ бахшида шудаанд. Ин бахш бо логотипи хосса, ки аз расми муҷассамаи Асосгузори давлати тоҷикон шоҳ Исмоили Сомонӣ ва манораи рамзи 30-солагии Истиқлолият иборат мебошад, ишора гардидааст. Истифодаи пайвастаи рамзи давлатдории тоҷикон муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ва манораи «30-солагии Истиқлолият» - иншооти муҳташам ва сайёҳии шаҳри Душанбе, ки дили сокинону меҳмонони пойтахтро тасхир кардааст [9] метавонад мисли манораи «Эйфел»-и Париж ва манораи «Озодӣ»-и Ню-Йорк дар зеҳни омма чун рамзи давлати тоҷикон нақш бандад. Рамзҳои миллӣ дар шаклдиҳии имиҷ, махсусан, брендсозӣ унсури муҳим ба ҳисоб мераванд. Чанд бахши дигар, ки махсус барои брендсозии Тоҷикистон ва муаррифии бренди миллӣ мусоидат мекунанд, аз ҷониби рости сомона ҷойгиранд. Махсусан, бахши сайёҳӣ бо рубрикаи «Тоҷикистон – сарзамини сайёҳӣ», ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон ташкил шудааст, дар сохтани бренди «Тоҷикистон – кишвари сайёҳӣ» мусоидат мекунад. Дар ин бахш тамоми иттилооте, ки дар самти сайёҳӣ аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, пешниҳод мегардад.

Блок ё бахши дигар, ки дар баробари хислати рекламавӣ доштан (рекламаи обҳои ташнашиканӣ «Сиёма»), ҳамчунин муаррифгари молу маҳсулоти миллӣ ва тарғибгари Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, бо расми обҳои ташнашикани ширкати ватании «Сиёма», кӯҳҳои барфпӯши ватан ва расми гӯсфанди Марко-поло оро ёфтааст. Бояд гуфт, ки гӯсфанди кӯҳии Марко Поло ҳамчун

бренди Тоҷикистон маҳсуб шуда, дар қатори дигар дастовардҳои ҷумҳурӣ диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Сайёҳон аз Амрикою Аврупо на танҳо барои шикор, балки бо мақсади дидани он ба Тоҷикистон сафар мекунанд [23] Ҷой додани рамз ва брендҳои миллӣ дар саҳифаи асосии сомонаи агентии иттилоотии «Ховар» ҳадафмандона буда, он дар муаррифии давлат хуб мусоидат мекунад. Чунки «Бренди муваффақонаи давлат имкон медиҳад, ки на танҳо обрӯи сиёсию хориҷӣ ва дохилии кишвар беҳтар гардад, балки сатҳу нуфузи сиёсии кишвар дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошта шавад, ҳаҷми содироти молу хизматрасониҳои брендӣ афзоиш ёбад, робитаҳои байналмилалӣ, шарикӣ, ҳавасмандӣ, ҳувияти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии умумии кишвар таҳким бахшида шавад». [7]

Мавзуи дигари ин бахши «Роғун – сохтмони аср» аст, ки расми асосии он инъикосгари Пешвои миллат дар муҳити сохтмончиёни НБО-и «Роғун» аст. Роғун ҳамчун ормони миллӣ сохтмонест, ки Тоҷикистонро чун ҷонибдори асосии иқтисодиёти сабз муаррифӣ намуда, ҳамчунин барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, он аз ирода ва устувориву сарҷамъии миллати тоҷикон гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, ба ғайр аз рубрикаҳои алоҳидае, ки дар сомонаи АМИТ «Ховар» мавҷуданд ва ҳамарӯза вобаста ба самт дар онҳо хабарҳои зиёде ҷойгир мешаванд, инчунин, воқеаҳои муҳимми Тоҷикистон, ки муаррифгари асосии симои кишваранд, дар шакли лоиҳаҳои махсус дар сомона ҷой дода шудаанд.

Унсури дигари имиҷсозӣ, ки дар барномаву намоишҳои Телевизиони «Тоҷикистон» низ ба роҳ монда шудааст ва дар сомонаи АМИТ «Ховар» ҳам ба он эътибори хосса зоҳир карда мешавад, мусоидат ба ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ аст. Дар бахши «Истиқлолияти Тоҷикистон ва Пешвои миллат» дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми ӯ дар пойдории сулҳу субот ва ободонии кишвар, андешаи «Шахсиятҳои саршиноси ҷаҳон дар бораи Эмомалӣ Раҳмон» [11] очерку мусоҳибаҳо дар бораи Пешвои миллат мавҷуданд, ки дар шинохти шахсияти Эмомалӣ Раҳмон чун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.

Сомонаи www.khovar.tj дар мавриди инъикоси масоили ҷаҳонӣ вобаста ба Тоҷикистон эҳтиёткорона муносибат намуда, кӯшиш мекунад, то дар муносибатҳои дипломатии давлатҳо халал ворид насозад. Ҳамзамон, тамоми иттилои нашршаванда бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, нигоҳдории нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, муаррифии симои мусбати кишвар таҳия мегарданд. Масалан, *дар робита ба фоҷиаи «Крокус Сити Холл»-и Москва, ки гунаҳкорони асосии он шаҳрвандони Тоҷикистон дониста шуда, симои онҳо чун террористон дар саҳифаи аввали воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ чанд моҳ қарор гирифт, аммо сомонаи* www.khovar.tj вобаста ба фоҷеаи номбурда танҳо 5 хабари расмӣ чоп намуд, ки ҳамагӣ изҳороти ҳамдардии роҳбарияти давлату ҳукумати Тоҷикистон ба роҳбарияти Ҳукумати Русия буда, амали ғайриинсонии террористони бемиллату бемазҳаб дар онҳо маҳкум гардидааст. Хабарҳо зери сарлавҳаи «Тоҷикистон терроризму ифротгароиро қотеона маҳкум менамояд» [25], «Дар Москва бар асари ҳамлаи террористӣ 60 нафар ҳалок ва зиёда аз 100 нафар захмӣ шуданд» [12], «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд» [13], «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия суҳбати телефонӣ анҷом доданд» [13], «Рустами Эмомалӣ ба Валентина Матвиенко ва Вячеслав Володин барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд» [10], «Роҳбарияти филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар Душанбе ба пояи лавҳаи хотира дар назди Сафорати Русия гул гузошт» [14] нашр гардидаанд.

Сомонаи АМИТ «Ховар» фоҷеаи ҳангомадорро бо чунин хулоса ҷамъбаст намудааст: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия суҳбати телефонӣ анҷом доданд. Ҷонибҳо, ҳамчунин, рағбати худро

ҷиҳати идомаи ҳамкории зич дар мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва зуҳуроти тундгароии динӣ, ки хатари ҷиддиро ба амният ба бор меоранд, тасдиқ намуданд». [13]

Дар мавриди воқеаҳои мусбати марбут ба Тоҷикистон бошад, сомонаи khovar.tj пайваста фаъол аст. Чунончи, аз ҷашни 815-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки дар қароргоҳи Юнеско баргузор гардид, пайваста маълумоти муфассал пешниҳод шудааст: «Дар қароргоҳи ЮНЕСКО 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таҷлил мегардад», «Намоиши ҷашнии Тоҷикистон дар қароргоҳи ЮНЕСКО ифтитоҳ гардид», «Ҷон шаву аз роҳи ҷон ҷонро шинос». Тоҷикистон 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро дар қароргоҳи ЮНЕСКО таҷлил менамояд», «Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва саҳми ӯ дар густариши фарҳанги ҷаҳон», «Сурудҳои мондагор». «Дар қароргоҳи ЮНЕСКО – шаҳри Париж барномаи фарҳангии ҳунармандони тоҷик доир шуд», «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст». «Тоҷикистон 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро дар қароргоҳи ЮНЕСКО таҷлил намуд», «Дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таҷлил гардид». [23] Ҳар кадом хабар пайгири самтҳои гуногуни баргузории ҷашнвора буда, аз муаррифии фарҳангу забони тоҷикон ба ҷаҳониён ва таваҷҷуҳи хориҷиён ба фарҳангу санъати тоҷик дарак медод.

АМИТ «Ховар» дар шабакаҳои иҷтимоии фейсбук, инстограм, ютуб, телеграм низ саҳифаҳои расмии худро дорад. Одатан, он чизе ки дар сомонаи иттилоотӣ нашр мегардад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ бознашр мешаванд. Аксарияти навору расмҳое, ки АМИТ «Ховар» дар сомонаи иҷтимоӣ ва саҳифаҳои расмии шабакаи иҷтимоӣ пешниҳод мекунад, бинандаи зиёд надоранд, зеро онҳо аз Сомонаи расмии Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон - http://www.prezident.tj/ гирифта мешаванд. Ин сомона оҷилан ҳам дар сомонаи худ ва ҳам дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ иттилои расмиро пахш мекунад. Аз ин сабаб, бинанда ва хонандаи зиёд дорад. Масалан, навори Маросими сарфарозгардонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофоти олии Ҷумҳурии Мардумии Чин - ордени «Дӯстӣ» дар саҳифаи инстограмии Хадамоти матбуотии Президенти Тоҷикистон - https://www.instagram.com/emomalirahmontjk/reels/ 27,2 ҳазор, дар саҳифаи фейсбукӣ 7 957, дар ютуб 272 маротиба тамошо гардидааст. Айнан ҳамин наворро дар саҳифаи ютуби АМИТ «Ховар» -https://www.youtube.com/@niatkhovar/videos ҳамагӣ 7 нафар тамошо кардаанд.

Сомонаи АМИТ «Ховар» дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии мардумии Чин ҳамон шабу рӯз иқтибосоти Си Ҷи Пинро дар мавзуъҳои сиёсӣ, идоракунӣ, роҳбарӣ дар шакли навор таҳия ва пешниҳод гардонидаст, ки тамошобини зиёд пайдо накард. Миқдори тамошобинон дар давоми 1 ҳафта аз 4 то 15 нафарро ташкил намуд.

Дар умум, фаъолияти АМИТ «Ховар» дар интернет хуб ба роҳ монда шуда, аммо бо сабаби такроран нашр намудани маводҳои Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аудитория ба онҳо камтар таваҷҷуҳ мекунад. Аз таҳлилу омӯзиши маводҳои интернетии АМИТ «Ховар» хулоса кардан мумкин аст, ки дар тарғиби сиёсати дохиливу берунии Тоҷикистон, мавқеъ ва нуфузи Президенти Тоҷикистон дар миёни роҳбарони сиёсии давлатҳои хориҷии дуру наздик талошҳои зиёд дорад. Бо вуҷуди он ки ин самт ба ташаккули имиҷи давлат бе таъсир наmemонад, аммо раванди имиҷсозии давлат тавассути ВАО нозукиҳои худро дорад.

Гурӯҳи расонаҳои мустақили Тоҷикистон –«Азия Плюс» («Asia-Plus») аз се ширкати мустақил – агентии иттилоотӣ, нашрия ва ширкати телевизиону радио иборат мебошад, ки зери як тамға фаъолият мекунанд. Агентии иттилоотии номбурда, аз соли 1995 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, аз соли 1996 фаъолиятро оғоз намуд. Дар ҳоли имрӯз аудиторияи сомонаи ин агентӣ дар дохил ва хориҷи кишвар зиёд мебошад. Маводҳои агентӣ бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия ва пешниҳод мегарданд.

Сомонаи https://www.asiaplustj.info аз 7 рубрикаи доимӣ: «Асосӣ», «Тоҷикистон» («Ҳокимият», «Сиёсат», «Иқтисод», «Амният», «Ҳаводис», «Қонун ва тартибот», «Ҷомеа»), «Осиёи Марказӣ», «Ҷаҳон», «Варзиш», «Ақида», «Лоиҳаҳои махсус» таркиб ёфтааст.

Маводҳои зери ҳар рубрика пайгири мавзуъҳои мушаххас буда, қариб ягон воқеаву рӯйдод аз назар дур намемонад. Аз сарфи маблағ барои сохтмони бинои нави Ҳукумат ва Парлумони Тоҷикистон [18] то дастгир шудани собиқ раиси ҲДТ Усмонзода [18] мадди назари кормандони «Азия Плюс» буда, ҳамзамон пайгири амалу воқеаҳои бавуқуъомада мебошанд. Масалан, вақте «Дар асоси қонуни нави танзими ҷашну маросим... дар Тоҷикистон пӯшидани сатру ҳиҷоб, «абая»-ҳои дарозу сиёҳ, ҷинсҳои дарида, либосҳои хеле кӯтоҳ ва нимурён манъ» [18] карда шуд, «Азия Плюс» кӯшиш кард, аз вакилони парлумон, ки ин қонунро баррасӣ кардаанд, шарҳи мафҳуми «либоси ба фарҳанги миллӣ мувофиқ»-ро дарёфт кунад. Натиҷаи ин кӯшишҳо зери сарлавҳаи «Сатру ҳиҷоб ва ҷинси даридаву либоси нимурён. Пӯшидани кадом либосҳо дар Тоҷикистон манъ шуд?» [18] нашр гардидааст. Аз ҷумла, дар он зикр шудааст: «Баъди талоши зиёд, Муҷибахон Ҷавҳарӣ, вакили парлумон дар суҳбат бо «Азия-Плюс» гуфт, зери мафҳуми «либоси бегона» дар баробари ҳиҷоб ва сатр, инчунин, «абаяҳо»-и дароз ва сиёҳ, ки аз кишварҳои арабӣ омадаанд, ҷинсҳои дарида ва либосҳои хеле кӯтоҳ ва нимурён дохил мешаванд, ки дар асоси қонуни нав пӯшидани онҳо манъ аст.

Ба ҷои сатру ҳиҷоб ӯ пешниҳод кард, ки занони тоҷик метавонанд, рӯймол бо услуби тоҷикӣ - аз паси сар ва пушти гӯш баста, занҳои калонсол рӯймолҳои рӯшани зебо, ки як тарафи рӯймолро ба паҳлуи дигар мегузоштанд, ба бар кунанд. Вакили парлумон гуфт, «ҳамаи ин чораҳо барои пешгирӣ кардани таъсири фарҳанги бегона равона шудаанд». [18].

Бояд қайд кунем, ки қабули қонуни мазкур, махсусан, манъи либоси бегона – сатру ҳиҷоб боиси нигаронии гурӯҳе аз шаҳрвандони дохилӣ ва берунӣ гардид. Баъзеҳо, онро нақзи ҳуқуқи инсон, маҳдудкунии озодӣ ва баъзеи дигар, махсусан, муллоҳои афғон ин амали Тоҷикистонро амали муқобили дин шарҳу тавзеҳ дода, ҳангоматарошӣ карданд, ки симои Тоҷикистони демократиро то ҳадде коста мегардонид, аммо маводи боло Тоҷикистонро чун кишвари муҳофизи арзишҳои фарҳангӣ ва дунявӣ муаррифӣ мекунад. Мутаассифона, баррасии ин гуна мавзуъҳо дар АМИТ «Ховар» умуман ба назар намерасанд. Масалан, вобаста ба қабули қонуни болозикр танҳо мақолаҳои тарғибгари либоси миллӣ нашр шудааст. Аз ҷумла, «Либоси миллӣ — ҷузъе аз фарҳанги тоҷикон. Дар рушди либоси миллӣ ва ба насли оянда мерос гузоштани он саҳми занон назаррас аст», «Тоҷикона мепӯшем!». Дар шаҳри Бӯстон оид ба тарғиби либоси миллӣ ҳамоиш доир гардид», «Гулҳои Ватан шукуфта дар рӯйи чакан. Дар Академияи идоракунии давлатӣ либоси миллиро тарғиб намуданд», «Ҳам адрасу ҳам чакан аз они ману туст. Либоси миллӣ як ҷузъи фарҳанг буда, ифодагари назокату малоҳат ва дунёи рангини бонувони тоҷик аст», «Беҳтарин тарғибгари либоси миллӣ-2024». «Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон даври ҷамъбастии озмун гузаронида шуд». [16]

Ин гуна тарғибот, яъне бо такрори пайваста дар зеҳни аудитория ҷой намудани ғоя усули куҳнашуда аст. Аудиторияи имрӯз ҳисси кунҷковиаш зиёд аст, ҳар гуна иттилоотро зуд қабул намекунад, балки шарҳу тавзеҳи иттилоотро талаб карда, ба саволҳои сершумор ҷавоб ёфтан мехоҳад. Бартарии «Азия Плюс» дар ҳамин аст, ки он кӯшиш мекунад ба саволҳои омма ба ҳар восита ҷавоб ёбаду талаботи аудиториашро қонеъ гардонад.

Ба ғайр аз рубрикаҳои асосии сомонаи «Азия Плюс» дар сатри дигар ба истилоҳи худи сомона «сюжетҳо» ҷойгиранд. Онҳо пайгири масоили асосии воқеаҳои марбут ба Тоҷикистон мебошанд, ки бо рубрикаҳои «Ҳамла ба «Крокус Сити Хол», «Афғонистон» ва «Тендеру ҷойҳои кори холӣ» номгузорӣ шудаанд. Рубрикаи аввал пайгири фоҷеаи «Крокус Сити Хол» ва пайомадҳои он буда, дар рубрикаи дуюм доир ба ҳамсоякишвари наздики мо пайваста маълумот дарҷ мегардад, ки шаҳрвандони моро бетафовут гузошта наметавонад. Дар баробари ин, шаҳрандони хориҷи кишвар низ мехоҳанд назари Тоҷикистонро нисбат ба ҳукумати нави Афғонистон донанд, аммо АМИТ «Ховар» дар бораи вазъи Афғонистон иттилоъ камтар интишор мекунад. «Азия Плюс» бошад, пайваста ба вазъи Афғонистон равшанӣ меандозад.

Ҳангоми зер кардани қисмати «Ҳамла ба «Крокус Сити Хол» расми валангори ин бино ва маълумоти мухтасар дар бораи фоҷеа пайдо мешавад. Дар он аз ҷумла, кушоду равшан гуфта шудааст: «Чаҳор шаҳрванди Тоҷикистон ҳамчун гумонбари бевоситаи ҳамла ва

чанд нафари дигар ҳамчун шарик ба ҳабси пешакӣ гирифта шудаанд. Баъди ҳамлаи террористӣ фишор болои муҳоҷирони тоҷик аз ҷониби мақомоти Русия ва бегонаситезӣ аз сӯйи афроди алоҳида бештар шуд. Ҷониби Тоҷикистон дар пайи фишорҳои ахир болои шаҳрвандонаш дар Русия чандин бор изҳори нигаронӣ кард ва ба сафири ин кишвар дар Тоҷикистон нотаи эътирозӣ супорид». [8]

Аз оғози ба вуқуъ омадани фоҷеа зери сарлавҳаи «Кистанд ва чӣ гуна боздошт шуданд? Чаҳор ҳамлагари теракт дар «Крокус Сити Холл»расман эълон шуданд» [9] маводи хулосавие нашр шуд, ки муҳтавои онро маълумот дар бораи гумонбарон, андешаи ҷомеаи шаҳрвандиву блогерон ва матлабҳои воситаҳои ахбори омма ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар охири мавод чунин омадааст:

«Террористон миллат надоранд».

Пас аз хабарҳои эҳтимолияти даст доштани шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳамлаи террористӣ дар бахши русии шабакаҳои иҷтимоӣ навиштаҳо ва шарҳҳо бо даъвати ихроҷи кулли тоҷикон аз Русия, пеш кардани онҳо аз кор ва худдорӣ аз сафар дар таксӣ бо ронандагони тоҷик оғоз ёфт.

Аммо баъдан шахсиятҳои маъруф ва блогерон ба худдорӣ даъват карданд ва ёдовар шуданд, ки терроризм миллат надорад.

Раисҷумҳури Русия яке аз аввалинҳо шуда дар паёми худ дар ин бора сухан гуфт:

«Террористҳо, қотилон, ноодамоне, ки наметавонанд миллат дошта бошанд, бо як сарнавишти ҳасаднопазир – интиқом ва ба фаромӯшӣ дучор мешаванд. Онҳо оянда надоранд», - гуфт ӯ.

Ҳамчунин дар суҳбати телефонӣ бо Владимир Путин Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст, ки «террористон на миллат доранду на ватан ва на эътиқод».

Баъдтар овозхон Тимати бо нашри видео аз тоҷикон ҳимоят карду даъват намуд, ки ба иғво набояд дода шуду ба низои миллию нажодӣ дар Русия замина гузошт.

«Тоҷикон гунаҳкор нестанд, ки ин нобакорон бар ивази 500 ҳазор рубл ба теракт даст заданд», - гуфт ӯ.

Дина Саева, блогер ва модел аз пайгиронаш даъват кард, ки муноқишаи қавмиро барнаангезанд.

«Дар ин амали хушунатомезе, ки ҳеҷ тавҷеҳе надорад, даҳҳо миллион нафар тоҷикон гунаҳкор нестанд», - изҳор дошт Дина Саева.

Дигар шахсиятҳои маъруф, таъсиргузор ва блогнависони тоҷик низ ҳамин гуна изҳоротро баён доштанд». [22]

Сипас, пайи ҳам аз раванди тафтишот, вазъи муҳоҷирони тоҷик дар Русия баъди фоҷеаи даҳшатбор, маҳкуми шиканҷаи гумонбарон аз ҷониби созмонҳои ҳуқуқшиносии байналмилалӣ, тамдиди муҳлати боздошт, вазъи наздикони пайвандони гумонбарон дар Тоҷикистон ва бозпурсии онҳо маводҳои зиёде нашр гардиданд. [24] Сомонаи «Азия Плюс» дар мавриди робитаҳои Тоҷикистону Русия ва мавқеи Тоҷикистон дар муносибат бо муҳоҷирон маводҳо чоп намуда, ба ин васила бетафовут набудани Тоҷикистонро нисбати муҳоҷиронаш нишон додааст: «Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон сафири Русия дар кишвар Сергей Григоревро даъват карда, дар робита ба банд мондани садҳо шаҳрвандони Тоҷикистон дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадии Русия, инчунин поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо нотаи эътирозӣ супорид. Дар ин бора Шоҳин Самадӣ, сухангӯи ВКХ-и Тоҷикистон ба «Азия Плюс» хабар дод. [19]

Нашри ин гуна маводҳо эътиқоду эҳтироми шаҳрвандонро нисбат ба мақомоти давлатии Тоҷикистон бештар намуда, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ чун муҳофизатгари муҳоҷирони худ муаррифӣ менамояд, аммо АМИТ «Ховар» дар пахши чунин хабарҳо бештар хомӯширо авлотар медонад.

«Азия Плюс» то ҳол (моҳи июни соли 2024) маводҳои гуногунро вобаста ба фоҷеаи даҳшатбор таҳия ва пахшу нашр менамояд. Санаи 3-июни соли 2024 зери сарлавҳаи «Гумонбари ҳамла ба «Крокус» гуфт, тавассути «Телеграм» «ба дом афтод». Чӣ бояд кард, то «тӯъма»-и мубаллиғони ифротӣ нашуд?» [21] нашр гардид, ки ҷомеаро ба муносибати эҳтиёткорона дар шабакаҳои иҷтимоӣ даъват мекард.

Пайгирӣ намудани мавзуъҳои рӯз ва нашри тафсилоти бештари воқеаву ҳодисаҳо дар формати гуногун боиси зиёд шудани аудиторияи сомонаи мазкур гардидааст ва аз рӯйи шумори корбарон дар Интернет-паҳнои TJ портали иттилотии asiaplustj.info пешсаф аст. [26]

Вобаста ба воқеаҳои фарҳангии Тоҷикистон бошад, «Азия Плюс» нисбатан камтар маводи чоп мекунад. Масалан, дар мавриди ҷашни Ҷалолиддини Балхӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО баръакси АМИТ «Ховар» умуман дар ин сомона маводе мавҷуд нест. Аммо ҳангоми ҷустуҷӯйи калидвожаи «ЮНЕСКО» дар ин сомона бо чунин хабарҳо вохӯрдан мумкин аст: «Тоҷикистон имсол 12 ёдгории таърихӣ-фарҳангиро ба феҳристи умумибашарии ЮНЕСКО пешниҳод мекунад», «Ҷашни Сада, ҳунари бофтани атласу адрас ва зарҳалкорӣ ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид», «Ёдгории Роҳҳои Абрешим ба Феҳристи ЮНЕСКО ворид гардид», «Чакани тоҷикӣ ба Рӯйхати мероси фарҳангии ЮНЕСКО ворид шуд», «Оши палави тоҷикӣ мероси умумибашарии ЮНЕСКО эътироф гардид», «Расму оинҳои Наврӯз дар феҳристи мероси фарҳангии ЮНЕСКО”[12]. Умуман, дар бораи эътирофи арзишҳои фарҳангии Тоҷикистон аз ҷониби ЮНЕСКО маълумот пешниҳод гардад ҳам, пайгири масъала мушоҳида намешавад.

Ширкати «Asia-Plus» падидаҳои соҳаи журналистика ва технологияи муосирро дар фаъолияти амалӣ хуб истифода мебарад. Аудиторияи худро ба тарзи муосир меҷӯяд, қариб дар тамоми сомонаҳои иҷтимоӣ аз қабили *Facebook, Instagram, Telegram, YouTube* саҳифаи худро дорад. [8] Бартарии фаъолияти интернетии ин агентӣ дар он аст, ки дар сомонаҳои иҷтимоӣ ҳам бо забони русӣ ва ҳам ба забони тоҷикӣ саҳифа дорад. Масалан, дар Телеграмм ҳам бо забони русӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ саҳифа кушодааст, ки ҳар кадом аудиторияи зиёд пайдо кардаанд.

Саҳифаи фейсбукии Азия Плюс- https://www.facebook.com/asiaplustj давоми 24 соат аҳолиро бо иттилои саривақтӣ дар мавзуъҳои гуногун таъмин намуда, дар форматҳои мухталиф мавод таҳия ва пешниҳод менамояд. Ҳамчунин, саҳифаи ютубии ин агентӣ - https://www.youtube.com/@asiaplustj/featured низ пайваста наворҳои ҷолибу диданӣ дар мавзуъҳои гуногун омода карда, ба ин васила аудиторияи худро дар ҳар ҳолат нигоҳ медорад. Махсусан, силсилабахшҳои «Турист выходного дня», «Душанбе Сити», «Пурсидед, ҷавоб медиҳем», «Як хабар» барномаи «Парвоз», назарпурсиҳо дар мавзуъҳои мубрами руз писанди аудитория омадаанд, ки дар муддати кӯтоҳ то 10-15 ҳазор бинанда пайдо мекунанд.

Дар ин миён рубрикаи «Душанбе Сити» дар муаррифии пойтахти кишвар шаҳри Душанбе саҳмгузор аст. Дар он аз таърихи ягон мавзеи пойтахт иттилоъ пешниҳод мегардад ё аз навгониҳои рӯз маълумот дода мешавад. Масалан, таърихи таъсиси чойхонаи «Роҳат», бинои Опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, аввалин автобусу тролейбус дар шаҳри Душанбе ва ғайра. Ин наворҳо аз 1 то 3 дақиқаро ташкил карда, махсус барои «насли интернетӣ» таҳия мегарданд. Умуман, «Азия Плюс» вобаста ба таърихи Душанбе, дирӯз ва имрӯзи он бетафовут нест.

Рубрикаи «Турист выходного дня» бошад, бинандаро бо инфрасохтори сайёҳии пойтахт дар ҳаҷми наворҳои то 3 дақиқаина хуб ошно мекунад, ки бинандаи зиёд дорад. Масалан, муаррифии бозори «Меҳргон» дар давоми 6 рӯз 2 200 маротиба тамошо гардидааст. «Як хабар», ки атрофи иттилои муҳимме бо тафсил нақл мекунад, бинандаи зиёд пайдо намудааст.

Аз таҳлилу омӯзиши сомонаи «Азия Плюс» ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии он чунин бардошт кардем, ки он барои нигоҳ доштани мавқеи худ дар фазои иттилоотӣ вазифаи асосӣ – расонидани иттилои саривақтиро хуб иҷро мекунад. Дар баробари ин дар пахши ахбори марбут ба Тоҷикистон эҳтиёткорона муносибат меномояд. Яке аз унсурҳои имиҷсозии давлати демократӣ фаъолияти озодонаи ВАО мебошад. Ҳар қадар воситаҳои ахбори оммаи кишвар мустақил бошанду касбиёна фаъолият намоянд, ҳамон қадар аудиторияи онҳо чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷи он зиёд мегардад. «Азия Плюс» чунин имкон дорад ва он ба сифати медихолдинг бренди худро пайдо карда, дар муаррифии кишвар саҳми назаррас ва муассир мегирад.

Имрӯз таваҷҷуҳи ҷомеа ба интернет чун сарчашмаи иттилооъ бештар гардидааст. Бо дарназардошти ин агар воистаҳои ахбори омма аз имконоти интернет васеъ истифода намуда, онро роҳи наздик шудан ба аудиторияи худ ҳисобанд, метавонанд робитаро бо аудитория мустаққам намоянду дар фазои иттилоотӣ устувору пойдор монанд. Дар натиҷа фазои иттилоотии Тоҷикистон бо ахбори худӣ таъмин гардида, ба вуруди иттилои муғризона талабот камтар мешавад.

Адабиёт:

1. Сафарзода М.А. Бозтоби симои Пешвои миллат дар барномаҳои телевизиони “Тоҷикистон” // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023 – №1/4 (116) – С. 29-32
2. Сафарзода М.А., Кӯчарова Н.А. Имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаҳои иттилоотии ИДМ // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023 - № 4/2 (64). – С. 442-448
3. Политическая имиджелогия / под. ред. А. А. Деркача, Е. Б. Перелыгиной и др. – М: АспектПресс, 2006
4. Баротов И. И. Повышение международного имиджа государство в условиях изменяющегося мира: а примере Республики Таджикистан: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / И. И. Баротов. – Д., 2020. – 162 с.
5. Медовкина Л. Ю. Роль СМИ в формирования имиджа государства // Журнал исторических, политических и международных исследований. – Донецк, 2015. – № 1(55). – С. 122.129.
6. Назаршоева С.Ф. Политика Республики Таджикистан по формированию международного имиджа страны и особенности его восприятия в России // Дневник Алтайской школы политических исследований. – 2017. – №33. – С.161.
7. Тюкаркина О. М. Роль национального брендинга в формировании внешнеполитического имиджа современной России // Власть. 2011. №12. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-natsionalnogo-brendinga-v-formirovanii-vneshnepoliticheskogo-imidzha-sovremennoy-rossii (дата обращения: 22.06.2024).
8. https://asiaplustj.info/tj/info/about (санаи мурочиат: 8.06.2024)
9. https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/security/20240325/ono-kistand-chaor-sozmondiandai-amlai-terrorist-dar-krokus-siti-holl-rasman-elon-shudand
10. https://khovar.tj/?s=%D0%(санаи мурочиат 27.06.2024)
11. https://khovar.tj/2020/09/isti-loliyati-to-ikiston-va-peshvoi-millat-muarrifii-bahshi-navi-amit-hovar-ba-iftihori-30-solagii-isti-loliyati-davlatii-um-urii-to-ikiston1/
12. https://khovar.tj/2024/03/dar-moskva-bar-asari-amlai-terrorist-60-nafar-alok-va-ziyoda-az-100-nafar-zahm-shudand/
13. https://khovar.tj/2024/03/prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-bo-prezidenti-federatsiyai-rusiya-su-bati-telefon-an-om-dodand/
14. https://khovar.tj/2024/03/ro-bariyati-filiali-donishgo-i-davlatii-moskva-dar-dushanbe-ba-poyai-lav-ai-hotira-dar-nazdi-saforati-rusiya-gul-guzosht/
15. https://khovar.tj/2024/05/majdoni-isti-lol-in-inshooti-mu-tasham-va-sajyo-ii-sha-ri-dushanbe-ast-ki-dili-sokinonu-me-mononi-pojtahtro-tashir-kardaast/ (11.06.2024)
16. https://khovar.tj/agent/
17. https://www.asiaplustj.info/tj/news/search
18. https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/laworder/20240626/satru-iob-va-insi-daridavu-libosi-nimuryon-pshidani-kadom-liboso-dar-toikiston-man-shud
19. https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/politics/20240429/nigaronii-idd-az-nazi-uu-va-ozodioi-toikon-toikiston-ba-safiri-rusiya-notai-etiroz-suporid
20. https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/politics/20240622/az-soibkor-va-noustuvor-dar-siyosat-to-vakilivu-bozdosht-usmonzoda-kist-va-charo-bozdosht-shud

21. Гумонбари ҳамла ба "Крокус" гуфт, тавассути "Телеграм" “ба дом афтод”. Чӣ бояд кард, то “тӯъма”-и мубаллиғони ифротӣ нашуд? | Хабарҳои Тоҷикистон ASIA-Plus (asiaplustj.info)
22. Кистанд ва чӣ гуна боздошт шуданд? Чаҳор ҳамлагари теракт дар «Крокус Сити Холл» расман эълон шуданд | Хабарҳои Тоҷикистон ASIA-Plus (asiaplustj.info)
23. Марко Поло - бренди Тоҷикистон / https://www.vkd.tj/index.php/tj/tojikiston/27319-marko-polo-brendi-to-ikiston Санаи мурочиат 24.06.2024
24. Сюжет "Ҳамла ба "Крокус Сити Ҳолл"" | Хабарҳои Тоҷикистон ASIA-Plus (asiaplustj.info)
25. Тоҷикистон терроризму ифротгароиро қотеона маҳкум менамояд https://khovar.tj/2024/03/to-ikiston-terrorizmu-ifrotgaroiro-oteona-ma-kum-menamoyad/ (25.06.2024)
26. Хабарҳои Тоҷикистон ASIA-Plus (asiaplustj.info)

НАҚШИ АГЕНТИҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР МУАРРИФИИ ТОҶИКИСТОН

Агентиҳои иттилоотӣ чун сарчашмаи асосӣ ва сареҳи иттилоот дар фазои иттилоотӣ нақши бориз доранд. Имрӯз дар баробари он ки агентиҳо воситаҳои ахбори оммаро бо иттилоъ таъмин мекунанд, худ низ тавассути сомонаҳои расмӣ пайваста бо аудитория дар иртибот мебошанд. Аз ин рӯ, дар як муддати кӯтоҳ тамоми кишварҳо ба таъмини босуръати интернет ва фаъолияти босамари журналистон дар ин самт кӯшишу талош мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ин зумра истисно нест, чун нақши интернет дар шаклдиҳии имиҷи Тоҷикистон баръало намудор мегардад. Ҳар қадар дар сарчашмаҳои интернетӣ дар бораи кишвар маълумот бештар бошад, ҳамон қадар имконоти муаррифӣ зиёдтар мешавад, зеро имрӯз интернет равзанаи асосӣ ба ҷаҳон буда, воситаи муҳимми имиҷсозии кишварҳо гардидааст.

Чун дар доираи як мақола имкон надорад, ки тамоми сомонаҳои иттилоотиро фаро гирем, аз ин рӯ барои нишон додани нақши интернет дар муаррифии Тоҷикистон ба сомонаҳои расмии ду агентии иттилоотии асосии кишвар – АМИТ «Ховар» (www.khovar.tj) ва «Азия-Плюс» https://www.asiaplustj.info рӯ овардем.

Калидвожаҳо: агентиҳои иттилоотӣ, АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс», имиҷ, муаррифӣ, Тоҷикистон, давлат, сомона, интернетӣ, сомонаи иҷтимоӣ.

РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ АГЕНТСТВ В ПРЕЗЕНТАЦИИ ТАДЖИКИСТАНА

Информационные агентства как основной источник и информации играют четкую роль в информационном пространстве. Сегодня агентства не только предоставляют СМИ информацию, но и находятся в постоянном контакте с аудиторией через официальные сайты. Поэтому в короткий срок все страны стараются обеспечить быстрый интернет и эффективную деятельность журналистов в этом направлении. Республика Таджикистан не является исключением, поскольку роль Интернета в формировании имиджа Таджикистана становится очевидной. Чем больше информации о стране доступно в Интернете, тем больше возможностей для презентации, ведь сегодня Интернет является главным окном в мир и стал важным инструментом имиджа страны.

Поскольку в рамках одной статьи невозможно охватить все информационные сайты, поэтому, чтобы показать роль Интернета в представлении Таджикистана, мы обратились к двух главных информационных агентств страны – АМИТ. «Ховар» (www.khovar.tj) и «Азия-Плюс» (https://www.asiaplustj.info).

Ключевые слова: информационные агентства, НИАТ «Ховар», «Азия-Плюс», имидж, презентация, Таджикистан, государство, сайт, интернет, социальный сети.

THE ROLE OF INFORMATION AGENCIES IN THE PRESENTATION OF TAJIKISTAN

News agencies as the main source of information play a clear role in the information space. Today, agencies not only provide information to the media, but are also in constant contact with the audience through official websites. Therefore, in a short time, all countries are trying to provide fast Internet and effective work of journalists in this direction. The Republic of Tajikistan is no exception, since the role of the Internet in shaping the image of Tajikistan is becoming obvious. The more information about the country is available on the Internet, the more opportunities for presentation, because today the Internet is the main window to the world and has become an important tool for the country's image. Since it is impossible to cover all the information sites within one article, therefore, in order to show the role of the Internet in the presentation of Tajikistan, we turned to the two main news agencies of the country - AMIT. "Khovar" (www.khovar.tj) and "Asia Plus" (https://www.asiaplustj.info).

Keywords: news agencies, NIAT "Khovar", "Asia Plus", image, presentation, Tajikistan, state, site, Internet, social networks.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Моҳира Амиралӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзадҳои илмҳои филология, докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. Суроға: : 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ 17, E-mail: anusha-16@mail.ru. Тел.: (+992) 93-862-94-65

Сведения об авторе: Сафарзода Мохира Амирали –Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, E-mail: anusha-16@mail.ru. Тел.: (+992) 93-862-94-65

Information about the author: Safarzoda Mokhira Amirali –Tajik National University, Candidate of Philology, doctoral student, Department of Television and Radio, Faculty of Journalism. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, E-mail: anusha-16@mail.ru Tel .: (+992) 93-862 -94-65

УДК:070.47
ББК:481.26
С- 33

ВИЗУАЛЬНЫЕ НАРРАТИВЫ: КАК ТЕЛЕВИДЕНИЕ ФОРМИРУЕТ ОБЩЕСТВЕННОЕ МНЕНИЕ

Сафарзода М.Н., доктор философии (PhD),
доктор по специальности журналистики, доцент
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Телевидение, как мощный инструмент массовой коммуникации, формирует общественное мнение через визуальные нарративы, которые достигают аудитории в мгновение ока. В словах известного исследователя медиа, Эрика Фромма: «Массовая культура не только отражает действительность, но и создает её». Этот феномен особенно ярко проявляется в новостных программах, где выбор материалов и их визуальная подача влияют на восприятие зрителя.

Визуальные нарративы на телевидении способны не только контекстуализировать информацию, но и изменять эмоциональное восприятие событий. Например, использование цветовой палитры, ракурсов и композиции может сделать одну и ту же новость крайне различной в восприятии зрителя. Динамичные кадры с яркими визуальными эффектами, могут неосознанно привести к усиливающему эффекту страха или тревоги, что в свою очередь формирует определенные общественные настроения.

Критическое восприятие визуальных медианарративов особенно важно в эпоху цифровых технологий, когда зритель не просто пассивно потребляет контент, а становится активным участником обсуждений. Социальные сети оголяют манипулятивные стратегии, побуждая аудиторию анализировать источники информации и указывать на несоответствия. В этом контексте телевидение должно не только информировать, но и развивать медиаграмотность у своих зрителей, помогая им распознавать визуальные уловки и манипуляции.

«Нарративы играют решающую роль в формировании общественного мнения в информационном поле СМИ. Нарратив — это история или основа, с помощью которой информация представляется, организуется и интерпретируется. Нарративы придают смысл, контекст и эмоциональный резонанс событиям, проблемам и персонажам, влияя на то, как люди воспринимают и понимают окружающий мир» [6, с. 47].

Как отмечает Мэрианн Фейрвуз, «визуальные символы имеют невероятную силу передавать эмоции и убеждения», что делает телевидение не просто информирующим, но и формирующим пространством убеждений. Это порождает опасность манипуляции общественным сознанием, когда акценты смещаются в пользу сенсационности, а не объективности.

Таким образом, визуальные нарративы на телевидении становятся не только отражением, но и активным участником в формировании общественного мнения. С учетом слов Бенжамена Барта: «Значение текста не исчерпывается его словесным содержанием», можно утверждать, что визуальные элементы играют ключевую роль в интерпретации и создании смыслов в рамках медийного дискурса.

Хотя технологии открыли новые возможности для рассказчиков, они также создали проблемы для традиционных СМИ. Рост онлайн-платформ и социальных сетей нарушил традиционные бизнес-модели газет и журналов, что привело к увольнениям и сокращению бюджета. Поскольку тираж печатной продукции снижается, средствам массовой информации приходится адаптироваться к цифровому ландшафту, находя новые способы взаимодействия с аудиторией и монетизации своего контента. [7, с. 1].

Таким образом, телевидение как средство формирования общественного мнения требует от своих создателей ответственности. Визуальные нарративы не должны служить лишь инструментом для приведения к сенсации, но и способствовать критическому осмыслению представленного контента. Создание более осознанного и ответственного медийного пространства является обязательным условием для конструктивного взаимодействия общества с визуальными нарративами.

В контексте развития современного информационного общества, значимость визуальных образов постоянно растет. Наблюдая динамику их влияния на общественное сознание, можно отметить использование визуальных образов не только в качестве декоративных элементов, но и как мощного инструмента для транслирования конкретного сообщения для большой аудитории. Визуальные образы являются важным средством воздействия на формирование общественного мнения. Благодаря графическому изображению идей и концепций, визуальные образы могут генерировать эмоциональную реакцию, а также формировать и управлять определенными общественными убеждениями. [5, с. 13].

«В контексте средств массовой информации нарративы служат мощным инструментом для подачи новостных сюжетов, построения политического дискурса и формирования общественного мнения. Журналисты и медийные организации делают выбор, какие события освещать, как их подавать и какие аспекты выделять» [4, с. 81].

Для достижения этой цели телевидению необходимо активно интегрировать элементы медиаграмотности в свои программы. Это может включать в себя обучающие сегменты, посвященные разоблачению манипуляций в визуальных нарративах, или приглашение экспертов для обсуждения ответственности СМИ. Например, программы, которые акцентируют внимание на том, как выбор определенных ракурсов или цветовых

решений влияет на восприятие зрителем информации, могут помочь развить критическое мышление у аудитории.

Более того, важно учитывать разнообразие зрительской аудитории, которая может иметь различные культурные и эмоциональные реакции на визуальные образы. Создатели контента должны стремиться к инклюзивности и учитывать, как они могут влиять на разные группы людей. Это требует глубокого понимания социокультурных контекстов и умения адаптировать визуальные нарративы таким образом, чтобы они не только информировали, но и вызывали понимание и эмпатию.

Ключевым аспектом остается и взаимодействие с цифровыми платформами. Телевидение должно быть готово к тому, чтобы воспринимать отзывы зрителей и признавать их вклад в формирование общественного мнения. Создание диалога между создателями контента и потребителями информации может стать основой для более ответственного подхода к визуальным нарративам и укрепить доверие к средствам массовой информации.

Для успешного внедрения медиаграмотности в телевидение необходимо разработать специализированные курсы и тренинги для создателей контента. Обучение должно охватывать не только технические аспекты создания программ, но и этические вопросы, связанные с манипуляциями и искажениями информации. Важной частью этого процесса является сотрудничество с образовательными учреждениями, что позволит создать единую платформу для обмена опытом и знаний между медиа и академической средой. [1, с. 57].

Также стоит рассмотреть возможность внедрения интерактивных форматов, которые помогут зрителям активно участвовать в обсуждении контента. Программы, предлагающие зрителям задавать вопросы и делиться мнениями через социальные сети, могут значительно повысить вовлеченность аудитории и сделать её частью производственного процесса. Это не только снимает барьеры между создателями и зрителями, но и улучшает качество контента, корректируя его в соответствии с интересами и ожиданиями общества.

Учитывая широкий диапазон использования визуальных образов в медиа, важно понимать, как они могут оказывать влияние на аудиторию. Их использование в СМИ является широким и разнообразным, а влияние на аудиторию и общество в целом есть значительным. Визуальные образы продолжают быть мощным инструментом визуальной коммуникации, который может влиять на множество аспектов общественной жизни.

Необходимо отметить, что визуальные образы, с одной стороны, могут быть использованы для продвижения социально важных идей, просвещения, укрепления культурного наследия, а с другой, для манипулирования сознанием людей, сеяния ненависти, разжигание конфликтов. [3, с. 154].

Таким образом, телевидение получает шанс не просто информировать, но и формировать более осознанное и критическое восприятие информации, что неизменно окажет влияние на демократические процессы и общественное доверие к СМИ.

Традиционное телевидение стало популярным в середине XX века и быстро зарекомендовало себя как основной источник информации. Как отмечает исследователь Джордж Стейнберг в своей книге «Влияние телевидения на общественное восприятие» «Телевидение стало не просто средством передачи новостей, но и культурным феноменом, формирующим общественное мнение и мировоззрение». [2, с. 86] Основные функции телевидения включали информирование, развлечение и образование, что сделало его важным элементом социальной структуры.

Важным аспектом внедрения медиаграмотности является активное участие журналистов и редакторов в процессе обучения. Они могут делиться своим опытом, рассказывая о реальных случаях манипуляций и о том, как их можно избежать. Это поможет не только повысить уровень профессионализма создателей контента, но и сформирует культуру ответственности за информацию, которой они делятся с аудиторией.

Кроме того, разработка курсов по медиаграмотности должна ориентироваться на различные форматы и жанры телевидения. Например, обучающие модули могут быть адаптированы для новостных программ, развлекательных шоу или документалистики, что

позволит учитывать специфику работы в каждом из этих направлений. Важно также интегрировать в обучение современные инструменты анализа данных, которые помогут создавать более точное и осмысленное содержание.

Не менее значимой является роль технологий в этом процессе. Использование виртуальной реальности и дополненной информации для демонстрации манипуляций с фактами может сильно повысить уровень восприятия информации. Интерактивные платформы и приложения позволят зрителям не просто воспринимать контент, но и участвовать в его создании, формируя более активное гражданское общество.

Для успешного функционирования телевизионной журналистики в условиях быстро меняющихся технологий, важным становится умение адаптироваться. Журналисты должны освоить навыки работы с новыми инструментами, такими как аналитика данных и алгоритмы, которые помогают в создании персонализированного контента. Это взаимодействие с аудиторией становится ключевым моментом, позволяя журналистам не только информировать, но и устанавливать более тесную связь со зрителями, что ведет к увеличению их лояльности. [8, с. 125]

Телевизионные программы часто используют визуальные метафоры и символы, чтобы усилить эмоциональное восприятие сюжетов. Например, изображения бедности или насилия могут вызывать сильные чувства сопереживания у зрителей, в то время как порой они искажают реальную картину происходящего. Как заявляет медиа-теоретик Умберто Эко: «Каждый знак должен восприниматься в контексте», что подчеркивает важность сочетания визуальных и вербальных элементов для формирования целостного восприятия.

Кроме того, роль телевидения как источника общественного мнения усиливается в эпоху цифровых технологий, когда социальные медиа играют значительную роль в распространении визуальных нарративов. Зрители активно делятся контентом, что порождает еще большую шизофрению восприятия информации. Существует риск, что негативные стереотипы и предвзятости будут усиливаться, создавая замкнутый круг, где визуальные нарративы производят информацию, а информация, в свою очередь, подтверждает уже существующие нарративы.

В итоге, телевидение не просто сообщает новости; оно формирует и переформатирует наше понимание мира. Необходимость критического осмысления визуальных нарративов становится особенно актуальной в условиях информационной перенасыщенности, поскольку правильная интерпретация изображений требует от зрителя активного участия и анализа.

Такое взаимодействие между зрителем и медиа-текстом подчеркивает важность медиа-грамотности в современном обществе. Зрители должны уметь различать манипуляции с фактами и эмоциональные уловки, применяемые создателями контента для привлечения внимания. Эмоции, вызванные визуальными метафорами, могут стать мощным инструментом для формирования общественного мнения, и это требует от аудитории осознанности и критического мышления.

С появлением цифровых платформ зрители получили возможность не только пассивно потреблять контент, но и активно его создавать. Это привело к тому, что каждый пользователь стал потенциальным медиатором, способным влиять на восприятие событий. Однако, такая открытость создает риски не только в виде дезинформации, но и в виде усиления предвзятостей, когда личные ощущения и мнения начинают формировать искаженные представления о мире.

Необходимо, чтобы образовательные инициативы в области медиа-грамотности стали частью общественного дискурса. Это позволит людям не просто реагировать на визуальные образы, но и глубже анализировать их содержание и контекст, в котором они представлены, что является ключом к толерантному и обоснованному восприятию окружающей действительности.

Важность медиа-грамотности становится особенно очевидной в условиях информационного перегруза и быстрого распространения контента. Люди сталкиваются с

множеством источников информации, которые зачастую конфликтуют друг с другом. Поэтому навык критического анализа информации становится необходимостью. Образовательные программы должны включать в себя элементы анализа, позволяющего зрителям осознавать, как построен контент, какие приемы используются для манипуляции мнением, и какие техники помогают сформировать объективное восприятие реальности.

Кроме того, развитие цифровых навыков поможет аудитории различать авторитетные источники и недостоверные. Умение идентифицировать факты, делать сравнительный анализ различных точек зрения и проверять информацию – это навыки, которые должны стать основой медиа-грамотного общества. Важно, чтобы люди понимали, что не вся информация подается с целью информирования, и критическое отношение к контенту способствует более глубокому осмыслению происходящего.

Таким образом, медиа-грамотность является неотъемлемой частью современного образования и требует активного обсуждения в обществе. Формирование навыков критического анализа и осознанного взаимодействия с медиа-контентом позволит построить более справедливое и информированное общество, где каждый будет способен контролировать свое восприятие реальности и активно участвовать в общественной жизни.

Для достижения эффективной медиа-грамотности необходимо внедрение специализированных курсов в учебные планы на всех уровнях образования, начиная с дошкольного и заканчивая высшим. Такие курсы должны охватывать не только теоретические аспекты критического мышления, но и практические задания, которые помогут учащимся разрабатывать свои аналитические навыки на примерах актуальных медиа-материалов. Проекты, которые требуют анализа новостей, рекламу или социальные медиа, могут значительно повысить уровень вовлеченности и осознания учащихся о механизмах воздействия контента.

Важной частью образования в области медиа-грамотности является и сотрудничество с профессиональными журналистами и экспертами. Гостевые лекции, мастер-классы и обсуждения с профессионалами помогут поднять уровень критического осмысления контента и показали бы, как важно отделять факты от мнений. Это также позволит формировать у учащихся уважение к качественной журналистике и понимание ее роли в демократии.

В конечном итоге, развивая медиа-грамотность, общество делает шаг к созданию более здоровой информационной экосистемы, где ценятся факты и объективность, и где каждый может стать активным участником и критическим оценщиком окружающего мира. Наличие сформированной аудитории, способной распознавать манипуляции в медиа, станет основой для развития осознанных граждан, готовых к конструктивному диалогу и сотрудничеству.

В дополнение к включению специализированных курсов в учебные планы, важно также создать дополнительные ресурсы и платформы для обсуждения медийных тем. Это могут быть клубы по интересам, онлайн-форумы или даже специальные мероприятия, где учащиеся смогут обмениваться мнениями и анализировать медийные тексты. Формирование сообщества людей, заинтересованных в медиа-грамотности, способствует углублению знаний и повышает уровень вовлечённости.

Не менее значимым является использование современных технологий в обучении. Интерактивные приложения, игры и симуляции могут сделать процесс освоения медиа-грамотности более увлекательным и доступным. Так, занятия могут включать задания по созданию собственных медиа-контентов, что поможет учащимся не только усвоить теоретические концепции, но и применить их на практике, развивая креативность и критическое мышление.

Также стоит отметить, что формирование медиа-грамотности должно быть непрерывным процессом. Это не только задача образовательных учреждений, но и ответственность самого общества. Вовлечение родителей, общественных организаций и медиа-профессионалов в этот процесс позволит создать единое понимание значимости

медиа-грамотности и её влияния на общество в целом. Системный подход к обучению и сотрудничеству будет способствовать формированию более информированного и активного гражданского общества.

Литература:

1. Бендер, Э. Журналистика и её роль в современном обществе. М.: Издательство «Пресс», 2020.

2. Джордж Стейнберг в своей книге «Влияние телевидения на общественное восприятие». 2011

3. Земцова Я.М. Визуальный образ в историческом контексте // Logos et Praxis, 2012. - №2.

4. Качанов Д. Г. Нарратив в мультимедийной журналистике: анализ российских и зарубежных медиапроектов //Вестник Московского университета. Серия 10. Журналистика. – 2020. – №. 1. – С. 79-101.

5. Назаров М. М. Визуальные образы в социальной и маркетинговой коммуникации. – М.: Либроком, – 2019. – 216 с.

6. Попова Т. И. Нарратив и повествование: соотношение понятий //Вестник Бурятского государственного университета. Язык. Литература. Культура. – 2019. – №. 2. – С. 46-50.

7. https://alltophoto.ru/ru/posts/the-art-of-photojournalism-exploring. Дата обращения 28.04., в 18:04

8. Сафарзода М.Н. За кулисами телеэфира: искусство и вызовы телевизионной журналистики и обзор особенностей сетевых передач. Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал). Серия гуманитарных и экономических наук. №1/1 (131) 2025. С. 123-128.

9. Цвик В.Л. Телевизионная журналистика: История, теория, практика: учебное пособие/ В.Л. Цвик.-М.: Аспект Пресс, 2004. – 382 с.

ВИЗУАЛЬНЫЕ НАРРАТИВЫ: КАК ТЕЛЕВИДЕНИЕ ФОРМИРУЕТ ОБЩЕСТВЕННОЕ МНЕНИЕ

Визуальные нарративы играют ключевую роль в формировании общественного мнения, особенно через такие массовые медиа, как телевидение. Телевидение, используя сочетание изображений, звука и повествования, создает мощные визуальные истории, которые влияют на восприятие событий и формируют общественные настроения.

В данной статье рассматриваются механизмы построения визуальных нарративов на телевидении, их влияние на аудиторию и способы манипуляции информацией для достижения определенных социальных и политических целей. Анализируются примеры телевизионных программ и новостных сюжетов, демонстрирующих, как визуальные образы и повествовательные техники способствуют формированию и изменению общественного мнения. Статья подчеркивает важность критического восприятия визуальной информации в современном информационном пространстве.

По мнению автора визуальные нарративы на телевидении способны не только контекстуализировать информацию, но и изменять эмоциональное восприятие событий. Например, использование цветовой палитры, ракурсов и композиции может сделать одну и ту же новость крайне различной в восприятии зрителя. Динамичные кадры с яркими визуальными эффектами, могут неосознанно привести к усиливающему эффекту страха или тревоги, что в свою очередь формирует определенные общественные настроения.

Ключевые слова: телевидения, цель, настроения, работа, звук, сюжет, информация, композиция, способ, зритель, роль, сочетания, мнения, эффект, общество, подход, обучения

НАРРАТИВҲОИ ВИЗУАЛӢ: ЧӢ ГУНА ТЕЛЕВИЗИОН АФКОРИ ҶАМЪИЯТИРО ТАШАККУЛ МЕДИҲАД

Ҳикояҳои визуалӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, махсусан тавассути васоити ахбори омма, ба монанди телевизион, нақши калидӣ доранд. Телевизион бо истифода аз маҷмӯи тасвирҳо, садо ва ҳикояҳо, ҳикояҳои пуркуввати визуалӣ эҷод мекунад, ки ба дарки рӯйдодҳо таъсир мерасонанд ва эҳсоси ҷомеаро ташаккул медиҳанд.

Дар ин мақола механизмҳои сохтани ҳикояҳои визуалӣ дар телевизион, таъсири онҳо ба аудитория ва роҳҳои истифодаи иттилоот барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ баррасӣ мешавад. Намунаҳои барномаҳо ва хабарҳои телевизионӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, нишон медиҳанд, ки чӣ гуна тасвирҳои визуалӣ ва усулҳои нақлӣ ба ташаккул ва тағйир додани афкори ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. Дар мақола аҳаммияти дарки интиқодии иттилооти визуалӣ дар фазои иттилоотии муосир таъкид шудааст.

Ба қавли муаллиф, ҳикояҳои визуалӣ дар телевизион қодиранд, ки на танҳо иттилоотро контекстӣ созанд, балки дарки эҳсосоти рӯйдодҳоро низ тағйир диҳанд. Масалан, истифодаи палитраи рангҳо, кунҷҳои тасвир ва композиция метавонад як хабарро дар дарки тамошобин хеле гуногун нишон диҳад. Аксҳои динамикӣ бо эффектҳои визуалии дурахшон метавонанд бидуни огоҳона ба афзоиши таъсири тарс ё изтироб оварда расонанд, ки дар навбати худ эҳсосоти муайяни ҷамъиятро ташкил медиҳанд.

Калидвожаҳо: телевизион, ҳадаф, кайфият, асар, садо, сюжет, маълумот, композитсия, усул, тамошобин, нақш, вобастагӣ, афкор, таъсир, ҷомеа, равиш, омӯзиш

VISUAL NARRATIVES: HOW TELEVISION SHAPES PUBLIC OPINION

Visual narratives play a key role in shaping public opinion, especially through mass media such as television. Television, using a combination of images, sound and storytelling, creates powerful visual stories that influence perceptions of events and shape public sentiment.

This article examines the mechanisms of constructing visual narratives on television, their influence on the audience, and the ways of manipulating information to achieve certain social and political goals. Examples of television programs and news stories are analyzed, demonstrating how visual images and narrative techniques contribute to the formation and change of public opinion. The article emphasizes the importance of critical perception of visual information in the modern information space.

According to the author, visual narratives on television are capable of not only contextualizing information, but also changing the emotional perception of events. For example, the use of color palette, angles and composition can make the same news extremely different in the viewer's perception. Dynamic shots with bright visual effects can unconsciously lead to an increasing effect of fear or anxiety, which in turn forms certain public sentiments.

Keywords: television, purpose, mood, work, sound, plot, information, composition, method, viewer, role, combinations, opinions, effect, society, approach, learning

Сведения об авторе: Сафарзода Манучехри Наджот, доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова - 16. Тел.: 918484405, E-mail. nadzhotzoda@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Манучеҳри Наҷот, доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси рӯзномангорӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров – 16. Тел.: 918484405, E-mail. nadzhotzoda@mail.ru

Information about the author: Safarzoda Manuchehri Nadzhot, Doctor of Philosophy (PhD), doctor in journalism, Associate Professor of the Department of Journalism of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street - 16. Tel.: 918484405, E-mail. nadzhotzoda@mail.ru

ТДУ: 81.2+81.3
ТКБ 80/81

РОҲҲОИ ИФОДАЁБИИ ИБОРАҲОИ ИСМӢ БО ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҷурақулов Б.Р., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Сайдалиева З.О., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Рушди ҳар як забон ҳамвора бо инкишофи пайвастаи илму техника ба низоми мунтазами ибора ва иборасозии он вобастагии қавӣ дошта, маҳз ба воситаи қолабҳои маъмулаш ва сермаҳсуливу каммаҳсулиаш нутқи ҳамарӯзаи пуррангу ҷозиб намуда, дар созмони ибораҳои нав ва омилҳои дигар таркиби худро ғанӣ мегардонад. Яке аз қисматҳои махсуси луғатшиносӣ ки ба хусусияту воридшавии калимаву ибораҳои нав ба таркиби луғавии забон сару кор дорад ибораҳои исмӣ мебошанд.

Рӯз аз рӯз омӯзиши забони англисӣ дар миёни забономӯзон на танҳо дар дохили кишвари азизи мо, балки берун аз он ҳам зиёда мегардад. Яке аз сабабҳои ин омил, албатта, васеъ паҳн гардидани забони мазкур дар кураи замин мебошад. Сабаби дигар он аст, ки яке аз талаботи аксари кордиҳандагон донистани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ ба шумор меравад, зеро он дар навбати аввал забони дар амалия муносибатҳои байналмилалӣ гардидааст.

Нахуст, мо ин ҷо зарур донистем ки аз мафҳуми истилоҳи ***«ибора»*** - ро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Истилоҳи номбурда дар забони англисӣ бо муодилҳои ***«word combination, phrase, collocation»*** ба чашм расида, ҳар яке дар матн бо маънии истилоҳии худ корбурд мегардад. Масалан, истилоҳи **«phrase»** дар фарҳанги англисии **«*Oxford American Dictionary*»** бо маънии *«a small groups words standing together as a conceptual unit, typically forming a compenent of a clause* –гурӯҳи хурди вожагоне, ки ҳамчун воҳиди мавҳум якҷоя омада, ба тарзи ба худ хос як ҷузъи ҷумларо созмон медиҳанд» омада, дар сохтани ибораҳои истилоҳии исмӣ ва навъҳои он хело фаъол аст.

Ифодаи ибораҳои исмӣ дар забонҳои гуногунсохтор яке аз унсурҳои муҳим дар таҳқиқоти луғавӣ ба шумор меравад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бо хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии алоҳида, чунин ибораҳоро ба шаклҳои мухталиф ифода мекунанд. Ибораҳои исмӣ бо исм **(Noun Phrase Constructions)** ҳамчун як унсури асосӣ дар сохтани ҷумлаҳо ва баён кардани маънӣ дар ҳар ду забон, метавонанд ба таври гуногун ба назар расанд. Дар забони тоҷикӣ, ибораҳои исмӣ бо исм бештар бо истифода аз пайвандҳои грамматикӣ ва анъанавӣ (монанди «дар», «бо», «аз», «барои» ва ғайра) ифода мешаванд. Масалан, «китоби илмӣ» ё «гулҳои зебо».

Масалан: **Китоби илмии ман. Гулҳои сурх дар боғ.**

Дар забони англисӣ, ибораҳои исмӣ бо исм бо истифода аз сохторҳои заминавӣ ва синтаксисӣ муайян ба (монанди «of», «with», «for», ва ғайра) ифода мешаванд. Ибораҳои исмӣ дар забони англисӣ метавонанд бештар синтетикӣ бошанд, ки дар он ду ё бештар аз калимаҳоро барои баён кардани маънӣ ба якдигар пайваст мекунанд.

Масалан: **My science book. Beautiful flowers in the garden.**

Тафовутҳои асосии байни ин ду забон, ки ба ибораҳои исмӣ бо исм иртибот доранд, асосан дар тартиби калимот ва шакли пайвандкунандаҳо мебошанд. Дар забони тоҷикӣ, тартиби калимот дар ибораҳои исмӣ дуруст ба дараҷаи боварибахш ва боэътимод анҷом дода мешавад. Дар забони англисӣ бошад, тартиби калимот бештар мустақим ва дақиқ аст, ки ба баён кардани маънӣ кумак мерасонад.

Ибораҳои исмӣ дар ҳарду забони омӯхташаванда аз рӯйи муносибати синтаксисӣ ва воситаҳои алоқа тасниф карда мешаванд. Калимаи асосӣ ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб

бошад, ибора ҳамон номро мегирад, аз ин рӯ ибораҳо ба хелҳои зерин тақсим мешаванд: ибораи исмӣ, ибораи сифатӣ, ибораи шуморавӣ, ибораи ҷонишинӣ, ибораи феълӣ ва ибораи зарфӣ.

Дар ҳар намуди ибора вобаста ба маънои лексикиву грамматикӣ ҷузъҳо аз тарзи ифодаи онҳо воситагии мухталиф доранд ва алоқа истифода ва муносибатҳои гуногуни хелҳои калони бахши «ибора» буда, дар он чунин ҷузъҳои ибора баён карда мешаванд: 1**)** воситаҳои алоқа; 2**)** бо кадом ҳиссаи «нутқ» ифода шудани ҷузъи тобеъ; 3**)** муносибатҳои грамматикии он.

Ибораҳои исмӣ мувофиқи алоқаи синтаксисии ҷузъҳояшон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: а**)** ибораҳои исмии изофӣ; б**)** ибораҳои исмии пешояндӣ; в) ибораҳои исмии пасояндӣ; г**)** ибораҳои исмии ҳамроҳӣ. **[10, с. 45 – 46]**

Ҳар кадом аз ин гурӯҳҳо мувофиқи ифодаи морфологӣ ҷузъи тобеъ ва муносибати ҷузъҳояшон боз ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) исм бо исм: дили модар-the heart of mother, дарахти зардолу-the apricot tree, гули бодом-the flower of almond,

2) исм бо сифат: духтари зебо- the beautiful girl, ҷавони нозук-the tender young, ҳавои хуш- the pleasant weather,

3) исм бо шумора: соли 1917-the 1917 year, рӯзи бистум-twenty days, роҳи сеюм-the third way,

4) исм бо ҷонишин: хонаи мо-our home, марҳамати шумо-you are wellcome, фармони ӯ-his order,

5) исм бо сифати феълӣ: сухани гуфтанӣ-the saying word, дили одаткарда-the habitual heart, китоби хонагӣ-the home book, кори кардагӣ-the done work ,

6) исм бо масдар: фурсати рафтан-the time going, ёрони рафта, ғайрати гап задан, ҷавонии гузашта-the passing younger. *For example: He is standing near a wall*- Вай дар наздикии девор истодааст **[2, с. 12 – 13].**

Дар забони англисӣ калимаи асосии ибораҳои исмӣ ба худи исм тааллуқ дорад. Тобеъшавии чунин ибораҳо метавонад детерминативҳо (муайянкунандаҳо), квалификаторҳо (нишондиҳандаи аломат), квантификаторҳо (нишондиҳандаи миқдор), ҳиссаҳои номии нутқ (nominal parts of speech), шаклҳои номии феъл (масдар, сифати феълӣ, герундий) ва ҳатто ҷумлаи пайрав бошанд. Масалан***:*** *these shops* (муайянкунанда+исм), *big hospital* (нишондиҳандаи аломат+исм), many *soldiers* (нишондиҳандаи миқдор+исм), *the roof of the house* (исм+исм), ten villages (шумора+исм), *the heart to fire* (дар ҷумлаи *We are ready to die, if you have the heart to fire on Russians)* (исм+масдар), *rising enthusiasm* (сифати феълӣ+исм), *tile workman who drove* (исм + ҷумлаи пайрав).

Чуноне ки аз мисолҳо дида мебароем, дар ибораҳои исмӣ калимаи асосӣ ва тобеият ҷойҳои худро доранд. Дар мисоли ***«these shops»*** калимаи асосӣ ҷои дуюм ва тобеият ҷойи якумро ишғол намудааст. Аз рӯйи мавқеи тобеъшавӣ нисбат ба калимаи асосӣ тобеиятро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1) тобеияти мусбӣ (яъне тобеият пеш аз калимаи асосӣ меистад): *long row; singing man;*

2) тобеияти мавқеи пеш (яъне тобеият пас аз калимаи асосӣ меояд): *officers standing there; the task to be done.*

Дар вазифаи тобеияти мавқеи пеш- муайянкунандаҳо, нишондиҳандаи аломат, нишондиҳандаи миқдор, омада метавонанд.

Тобеияти мусбӣ бошанд, одатан ба воситаи исмҳо, шаклҳои ғайритасрифии феъл ва ҷумлаҳои пайрав ифода меёбанд.

Дар байни ибораҳои исмӣ таркибҳои баёният ҷои махсусро ишғол мекунанд. Дар ин навъ ибораҳо алоқаи байни калимаи асосӣ ва тобеият хеле суст мебошад, онҳо қариб аст, ки дар алоқаи пайваст (на тобеъ) мебошанд, яъне тобеиятро ба калимаи асосӣ дар ҳолати аппозитивӣ (баёниятӣ) қарор медиҳанд. Мисол: Дар ибораи ***King A tired,*** сифати ***«King»*** мисли ***good*** дар ибораи ***a good king*** дар мавқеи пеш истодааст ва дар алоқаи мустаҳкамӣ

тобеъ мебошад. Вале дар ибораи ***«Alfred the king»*** ё ***«Alfred, the King of England»*** тобеият ***«the king»*** дар ҳолати баёнӣ истодааст ва бо калимаи асосии худ «***Alfred»*** муносибати андаке мустақилона ва суст зоҳир менамояд. Ин намуди муносибат аппозитивӣ (баёния) номида мешавад **[2, с. 89].**

Исм дар ибора ҳамчун меҳвар воқеъ шуда, ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқро тобеъ менамояд. Ҷузъҳои тобеъ ба исм бо бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд ва алоқаи ҳамроҳӣ вобаста мешаванд. Ибораҳои исмӣ муносибатҳои муайянкунандагӣ, ҳолӣ, пуркунандагӣ ва субъективиро мефаҳмонанд. Ибораҳои исмӣ аз ҷиҳати таркиби морфологии ҳиссаҳои худ гуногун мешаванд. ***For example: He is wearing a nice red shirt. (As noun/object)*** Вай куртаи сурхи хуб пӯшидааст. ***She brought a glass full of water. (As noun/object)*** Ӯ стакани пур аз обро оварад. ***The boy with brown hair is laughing. (As noun/subject)***- Писарбачаи, бо мӯи қаҳваранг хандида истодааст. ***A man on the roof was shouting.(As noun/object)***-Марди дар болои бом буда, фарёд зада истодааст **[4, с. 78].**

Ин қабил ибораҳо муносибати муайянкунандагиро бо тобишҳои гуногун ифода менамоянд.

Муносибати соҳибиро мефаҳмонанд: китоби муаллим-the teacher’s book, рӯзномаи Рустам-the Rustam’s daybook , пахтаи тоҷик-tajik cotton, олимони тоҷик-tajik scientists, замини деҳқон peasant ground;

Муносибати предметро бо ном нишон медиҳанд: дастаи Сӯзангарон, the group of Needl cases, бозори корд, the knife’s market, маҷаллаи «Тоҷикистони озод».

Муносибати касбу ҳунарро мефаҳмонанд: муаллими беҳтарини мактаб, Аҳмадҷони машкоб- Ahamdjon water carrier.

Нисбати ҷузъро ба кулл ифода мекунанд: панҷаҳои дастони ӯ-the fingers of his hand, пошнаи мӯзааш-, нуги шохе-the point of horn, зулфҳои Гуландом-the locks of Gulandom, *in dept (*дар қарздорӣ*), from head to foot* (аз сар то пояш). *Example: Mr. Macabre was always in dept.*Ҷаноби Мисабер ҳамавақт дар қарз буд. *She was dressed in furs from head to foot.* Вай аз сар то по либоси пашмин ба бар дошт [2, с. 54].

Муносибати шахсро ба ташкилот, вазифа ва машғулият ифода мекунанд: коркуни идораи давлатӣ-the worker of establishment, раиси Ҳизби Халқии Демократӣ, *at work* (дар ҷои кор), *to play the piano* (бо пианино бозӣ кардан)*: Example: Whenever I come, he is always at work*-Ҳар вақте ки ман наравам ӯ машғули кор аст. *She plays the piano very well* -Вай бо пионино хело хуб бозӣ мекунад.

Муносибати замониро ифода мекунанд: рӯзи ҷумъа-the Friday, шаби баҳор-the night of spring, нисфи шаб-the midnight, вақти хоб-the time of sleep, *at sunrise (*баромадани офтоб*), at sunset* (тулуи офтоб). *Example: We left the town at sunrise.* Дар баромадани офтоб мо шаҳрро тарк кардем. *We arrived at the village at sunset*-Мо дар тулуи офтоб ба қишлоқ омадем.

Муносибати маконро ифода мекунанд: сандалии меҳмонхона, лои кӯча, чорсӯи Ғиҷдувон, хонаи ҳамсоя, *by land (*бо хушки*), by air* (бо ҳаво), *by sea* (бо об), *on desk* (даруни киштӣ). *Example: I like trawelling by sea.* Ман ба воситаи дарё саёҳат карданро дӯст медорам. *We spent hours on desk.* Мо вақтамонро дар даруни кишти гузарондем. [1, с. 90]

Дар ибораҳои исмии изофӣ муносибати муайянкунандагӣ (атрибутивӣ) мушоҳида мешавад. Аммо бо ин муносибат роҳҳои зиёди маъноӣ омехта ифода шудаанд. Чунончӣ, дар ибораҳои исмии изофӣ бо исм тобишҳои зерини маъноӣ ба назар мерасад.

1) нисбат: соати тилло-the gold watch, сандуқи нуқрагин-the silver trunk;

2) объектӣ: қасди ҷон-attempt to life;

3) субъектӣ: хониши булбул-the singing of nightingale;

4) замон: борони баҳорон-the rain of spring, гармии тобистон-the hot of summer;

5) маконӣ: сафари Душанбе-travel to Dushanbe;

6) соҳибият: аспи Амон-the Amon’s horse, хонаи хола-the aunt’s house;

7) ҷузъу кул: барги дарахт-the leaf of tree , оби кӯл-the water of lake;

8) таъинот: хонаи истироҳат-the rest home, ҷойи баҳс-the discussing plase, пули таъмир-the repair money;

9) монандӣ: чашмони бодом, дили дарё;

10) сабабу натиҷа: асороти бехобӣ, пайи ҷароҳат, оқибати ҷанг;

11) маҳдудӣ: вазири молия;

12) сарчашма: равғани шамъ, шуои чароғ;

13) муносибат ё ки алоқаи дутарафа: созишномаи тарафҳо, шартномаи Тоҷикистон бо Амрико;

14) муносибат бо коллектив, муассиса, ташкилот: раиси ҷамоат, мудири ферма, раиси шаҳр;

15) муносибат ба ихтисос: муаллими забони аглисӣ,

16) аз чӣ сохта шудани предмет: куртаи атлас, деги мисин,

17) муносибати хешу табор: духтари Ҳотам, хоҳари Баҳодур,

18) мансубият: Содиқ Бобоқулов, Лайлии Хайрӣ,

19) ба чизе доро будан: табақи палав, косаи об, ҷоми май.

World peace (*- peace all over the world)* Сулҳ (-сулҳи дунявӣ) *Table lamp* (*a lamp for tables)*-Чароғи рӯимизӣ (-чароғе, ки дар рӯйи миз меистад)*; Sheep dog (= a dog which herds sheep)*-Саги чӯпонӣ (-саге, ки галаи гӯсфандонро нигоҳубин мекунад)*; Prairie dog (= a dog which in habits the prairie)*-Саги даштӣ (-саге, ки дар дашт одат кардааст) *Silver box (= a box made of silver)*-Қуттии нуқрагин (-қуттие, ки аз нуқра сохта шудааст)*; Field worker* (*= a worker works in the field)*-Деҳқон (-шахсе, ки дар саҳро кор мекунад)*; Night owl (= an owl which flies at night)*-Буми шабгард (буме, ки дар шаб мегардад)*; River sand* (*= sand from the river)*-Регдарё (реге, ки аз дарё гирифта шудааст)*; Soap salesman (-the salesman sells soap)*-Собун фурӯш (шахсе, ки собун мефурӯшад)*; School child (= the child goes to school)* -Мактаббача (кӯдаке, ки ба мактаб меравад)*; With his own hands he put flowers about his little house-boat and equipped the punt in which, after lunch, he proposed to take them on the river.* (Galsworthy)- Вай бо дастони худ гулҳоро дар назди хоначаи киштӣ гузошта, онҳоро оро дод ва баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ ба мақсад омад, ки онҳоро ба дарё партояд.*; After a few morning consultations, with the pleasant prospect of no surgery in the evening Andrew went on his round.* (Cronin) -Баъд аз чанд машваратҳои пагоҳирӯзие, ки бе ҷарроҳӣ гузашт, бегоҳӣ бо умедҳои зиёд Эндрю бо роҳи худ рафт [5, с. 98].

Хулоса ба мо маълум гардид, ки дар сохтани ибораҳои исмӣ нақши асосиро худи исм мебозад. Сухан асосан дар бораи масоили ибора, намудҳои он ва хусусиятҳои сохтори грамматикии он, дар қиёс ба ибораҳои ҳарду забон, яъне забони тоҷикӣ ва забони англисӣ, мақсади истифодаи ибораҳо, хелҳои онҳо аз ҷиҳати грамматикию услубӣ ва умуман сохт ва таркиби ибораҳо меравад.

Ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки ибораҳои исмӣ ва роҳҳои корбурди он дар грамматикаи ҳар ду забон хело ҳам фаррох ва доманадор буда дар сохтани ибораҳои нав ба нав нақши муҳимро мебозанд. Зеро ибораҳои исмӣ дар забон нақши умдаи худро доро буда, барои сохтани ибораҳои маъмул бо ҳамоҳангии дигар ҳиссаҳои номии нутқ пайвастагии зич дорад. Бояд зикр намуд, ки дар алоҳидагӣ омӯхтани маънои ибораҳои исмӣ; таҳқиқ кардани воситаҳои муайянкунандаи маънои онҳо; ба таври муфассал таъйин кардани мавқеи ибораҳо дар жанру услубҳои гуногуни ду забон; пурратар таҳқиқ кардани ҳодисаҳои ин ба ибора табдил додани дигар ҳиссаҳои нутқ ва муносибати онҳо; чукуртар омӯхтани вазифаҳои услубии ибораҳо ва монанди инҳо ҳоло ҳам мунтазири таҳқиқ қарор доранд. Ва инчунин ибораҳои исмӣ дар тамоми забонҳои дунё як нақши муборизеро ба худ хос аст. Аз ин рӯ, мо дар мақолаи илмии хеш оиди ибораҳои исмӣ ва навъҳои он дар ин ҷо ҷой додаем. Гуфтан ба маврид аст, ки ибора ки худ як қисми асосии синтаксисии грамматикаро ташкил медиҳад омӯхтани он аз манфиат холӣ нест.

Адабиёт:

1. Бархударов Л.С. Язык и перевод. – М.: Высшая школа,1975.–350 с.

2. Бархударов Л.С., Штейлинг Д.А. Грамматика английского языка. – М.: Русский язык, 1973. – 325 с.

3. Бархурдаров Л.С. Структура простого предложения современного английского языка. Москва. 1966.

4. В.В. Бурлакова. Словосочетание. – В кн.: Теоретическая грамматика современного английского языка. М., 1981, 101 с.

5. В.В. Виноградов «Вопросы языкознания» М. -1954.

6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1983, қ.1.- 353 с.

7. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ.-Сталинобод: Наш. дав. Тоҷ., 1956. - 231 с.

8. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ.-Сталинобод: Наш. дав. Тоҷ., 1958. - 238 с.

РОҲҲОИ ИФОДАЁБИИ ИБОРАҲОИ ИСМӢ БО ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ифодаи ибораҳои исмӣ бо исм дар забонҳои муқоисашаванда на танҳо ба сохти грамматикӣ, балки ба маънӣ ва хусусиятҳои забон низ таъсир мерасонанд. Мақсади ин таҳқиқ, баррасӣ ва муқоиса намудани роҳҳои ифодаёбии ибораҳои исмӣ бо исм дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Дар ҳарду забон, бинобар ихтилофоти грамматикӣ, сохти ибораҳои исмӣ бо исм ба таври гуногун ифода меёбад. (Масалан, дар забони тоҷикӣ, ки яке аз забонҳои синтетикӣ мебошад, истифодаи замонҳо ва васоили грамматикӣ барои сохтани ибораҳои исмӣ бо исм муҳим аст, дар ҳоле ки дар забони англисӣ, ки он забони аналитикӣ аст, шабоҳатҳои грамматикӣ бо истифода аз расмҳо ва ибораҳои васеъ бештар ба назар мерасанд). Аз ин рӯ, таҳқиқи роҳҳои ифодаёбии ибораҳои исмӣ бо исм забонҳои муқоисашаванда на танҳо барои беҳтар намудани он ки чӣ гуна ин ду забонҳои гуногун ҳамчун воситаҳои ифода амал мекунанд, балки барои таъмини фаҳмиши дуруст ва дақиқ дар омӯзиш ва истифодаи забон низ аҳаммияти калон доранд. Мавзуи мазкур барои омӯзиш ва муқоиса дар соҳаи грамматика ва таърифи забонҳои гуногун хеле муҳим ва муассир мебошад, ки дар оянда метавонад дар таҳияи методологияи таълим ва шиносоии беҳтарини рамзҳои забонҳои гуногун кумак намояд.

Калидвожаҳо: ибораҳои исмӣ бо исм, забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, синтаксис, тартиби калимот, пайвандкунандаҳо, грамматика, лексика, муносибатҳои забонҳои гуногун.

СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ ИМЕННЫХ ФРАЗ С ИМЕНЕМ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Выражение именных фраз с именем в сравниваемых языках влияет не только на грамматическую структуру, но и на значение и особенности языка. Целью данного исследования является анализ и сравнение способов выражения именных фраз с именем в таджикском и английском языках. В обоих языках, в силу грамматических различий, структура именных фраз с именем выражается по-разному. (Например, таджикский язык является синтетическим, и использование времён и грамматических средств для создания именных фраз с именем играет важную роль, в то время как в английском языке, который является аналитическим, грамматические сходства проявляются через формы и более обширные фразы). Поэтому исследование способов выражения именных фраз с именем в сравниваемых языках имеет важное значение не только для лучшего понимания того, как эти два разных языка функционируют как средства выражения, но и для обеспечения точного и правильного понимания в обучении и использовании языка. Этот вопрос имеет большое значение для изучения и сравнения в области грамматики и определения различных языков, что в будущем может помочь в разработке методологии обучения и лучшем понимании знаков различных языков.

Ключевые слова: именные фразы с именем, таджикский и английский языки, синтаксис, порядок слов, союзы, грамматика, лексика, отношения между различными языками.

WAYS OF EXPRESSING NOUN PHRASES WITH A NAME IN TAJIK AND ENGLISH

The expression of noun phrases with a name in the compared languages affects not only the grammatical structure but also the meaning and characteristics of the language. The aim of this research is to analyze and compare the ways of expressing noun phrases with a name in Tajik and English. In both languages, due to grammatical differences, the structure of noun phrases with a name is expressed differently. (For example, Tajik is a synthetic language, and the use of tenses and grammatical means to form noun phrases with a name plays an important role, while in English, which is an analytic language, grammatical similarities are expressed through forms and more extensive phrases). Therefore, the study of ways to express noun phrases with a name in the compared languages is significant not only for a better understanding of how these two different languages function as means of expression but also for ensuring accurate and correct comprehension in language learning and use. This issue is of great importance for the study and comparison of grammar and the identification of various languages, which in the future could help in the development of teaching methodology and a better understanding of the signs of different languages.

Key words: noun phrases with a name, Tajik and English languages, syntax, word order, conjunctions, grammar, lexis, relationships between different languages.

Маълумот дар бораи муаллифон: Ҷуракулов Бозорали Раҳмоналиевич - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи Назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. **Суроға:** 734003, ҶТ, ш.Душанбе, кч. И.Сомонӣ,хиёбони Рудакӣ 121. **Тел:** (992)**985479147**

Сайдалиева Зуҳро Обидовна – муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. **Тел**: (992) 987-51-94-97

Сведения об авторах: Джуракулов Бозорали Раҳмоналиевич – кандидат филологических наук, доцент кафедры теории перевода и стилистики Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. Адрес: 734003, РТ, г.Душанбе, ул. И.Сомони.проспескт Рудаки 121. Тел: (992)985479147

Сайдалиева Зухро Обидовна – старший преподаватель кафедры языкознания и сравнительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел: (992) 987-51-94-97

Information about the authors: Jurakulov Bozorali Rahmonalievich. – candidate of philological sciences, dosent of the chair of Theory of translation and stylistic of Tajik State Pedagogical University named after S.Aini. **Address:** 734003, RT, Dushanbe, st I.Somoni avenue Rudaki.-121.**Phone:** (992) **985479147**

Saidalieva Zukhro Obidovna – Senior Lecturer, department of linguistics and comparative typology, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street 16. Tel: (992) 987-51-94-97

ТДУ: 81/83 (2-тоҷ)
ТКБ: 8/81 (2-тоҷ)
А-51

НАҚШИ ВАО ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Алишери А., доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҷаҳони муосир дар марҳилаи ҷаҳонишавии шадид қарор дорад, ки дар он васоити ахбори омма (ВАО) нақши меҳварӣ ва роҳбурдиро дар ташаккул ва тағйири муносибатҳои байналмилалӣ бозӣ мекунанд. Дар асри иттилоот, ВАО на танҳо василаи интиқоли ахбор аст, балки абзори таъсиргузор ба сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷии кишварҳо, равандҳои геополитикӣ ва шаклгирии афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳадафи ин мақола таҳлили нақши ВАО дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, нишон додани василаҳои таъсиргузории онҳо ва баррасии чанд намунаи амалӣ аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад.

Мо нақши ВАО-ро дар ҳаёти сиёсии ҷаҳони муосир ҳарчи бештар мушоҳида менамоем он бисёрҷониба буда, ҷузъи ҷудонашаванда ва муҳимми иттилоотии мардум мебошанд. Фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар маҷмуъ ба ҳаёти иҷтимоӣ, хислати психологӣ ва ахлоқии ҳар як шаҳрванд таъсири бесобиқа дорад. Барои ҳар як иттилооти нав, ки тавассути расонаҳои хабарӣ ба аҳолӣ интиқол дода мешавад, як шакли махсуси «стереотип» мегардад, ки қарори қатъии танзими арзишҳоро дар бар мегирад. Махсусан, дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва тезутунд шудани муносибатҳои абарқудратҳо, ки таъсири бевоситаи онро давлатҳои хурду бузург эҳсос мекунанд, нақши расонаҳо ҳарчӣ бештару бештар мушоҳида карда мешавад.

Нақши ВАО дар сиёсати хориҷӣ дар асри XXI боз ҳам муҳимтар арзёбӣ мешавад. Ин ба афзоиши нақши технологияҳои иттилоотӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ алоқаманд аст. Зеро технологияҳои иттилоотӣ дараҷаи нави иртиботро байни давлатҳо ташаккул дода, инфрасохтори ҷаҳониро таъсис додаанд ва ба соҳаҳои гуногуни муносибати байнидавлатҳо ворид гардидаанд. Аз ин рӯ, кишварҳои абарқудрат аз ВАО дар амалигардонии сиёсати хориҷии худ ба таври густурда истифода мебаранд. Дар ин маврид Зинатуллоҳ Исмоилзода чунин андеша дорад: «Айни замон, қудрати васоити ахбори омма аз зӯри силоҳ низ болотар меистад. Аз ин хотир, имрӯз кишварҳои абарқудрат бо истифода аз васоити ахбори омма таъсири худро тақвият мебахшанд». [3, с. 12]

Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар бахшҳои гуногуни ҷомеа ва ташаккули ҳукумати электронӣ дар заминаи он аз муҳимтарин масъалаҳои замони муосир ба шумор меравад». [11]

Ногуфта намонад, ки муттаҳидшавии миллат дар чаҳорчӯби як давлати мутамарказ дар бисёр мавридҳо бо пайдоиши матбуот алоқамандӣ дорад, ки аудиторияи рӯзномаву маҷаллаҳои сиёсиро ба шакли нави ҷамъияти сотсиалистӣ табдил медиҳад. Аъзои ин гурӯҳ дар фазо ба монанди тиру камон аз ҳамдигар ҷудо шудаанд, вале аз нуқтаи назари истифодаи иттилоот онҳо ягонаанд.

Албатта, ВАО яке аз муҳимтарин ниҳодҳои ҷомеаи муосир буда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз қабили иқтисодӣ, сиёсӣ, тандурустӣ, ҷамъиятӣ, маориф, дин ва ғайра таъсир мерасонад. Мушкилот дар он аст, ки фарҳанги мардум дар шаклҳои гуногун ташаккул ёфта паҳн мешавад ва тавассути расонаҳо инъикос мешавад. Нақши онҳо дар ташаккул ва амалӣ гардондани дигаргунсозии шуури ҷамъиятӣ бемислу монанд аст.

Имкониятҳои васоити ахбору умум беназиранд. Саҳми онҳо дар худшиносиву ваҳдати миллӣ дар давоми соҳибистиқлолии Тоҷикистон боз ҳам муассиртар аст. Ин соҳаи

ҳаётан муҳим ҷузъи рӯзгори мардум аст. Он воқеиятро бо тарзҳои гуногун ифода мекунад, ба шунавандагон таъсир мерасонад. Ба ақидаи пажуҳишгар В.Г. Афанасев «Матбуот, радио ва телевизион – силоҳи муҳими таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон бо чизи дигар муқоиса кард». [1, с. 15]

Илова бар ин, тафсилот, шарҳу тавзеҳот ва муаррифии муҳимтарин падидаву рӯйдодҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон танҳо тавассути расонаҳо сурат мегирад. Ин шартҳо боз ҳам муҳимтар мешаванд, зеро воситаҳои ахбори омма дар фазои иттилоотӣ зарурати муносибатҳои байналмилалиро бовар мекунонанд. Ҳамин тавр, воситаҳои ахбори оммавӣ муҳимтарин ҷараёни дохилии сиёсӣ ва муносибатҳои байни давлатҳо гардиданд.

Ҷаҳонишавӣ бо худ таҳаввулоти техникӣ, иттилоотӣ ва сиёсиро ба миён овард, ки дар натиҷа ҳудудҳои миллии иттилоотӣ камранг гардиданд. ВАО дар ин раванд яке аз муҳаррикҳои асосии инқилоби иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Васоити ахбори электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои телевизионии байналмилалӣ (CNN, BBC, Russia Today, Al Jazeera) ба абзори таъсиррасон дар муносиботи сиёсӣ табдил ёфтаанд.

Дар замони муосир ВАО-и электронӣ вазифаи иттилоотии худро ба таври фармоишӣ иҷро карда истодааст. Дар натиҷа факт ва ҳодиса ба сабаби ифодаи ақидаи касе ва ё гурӯҳе табдил меёбад.

Ҷомеаи моро низ нафароне идора намуда истодаанд, ки тавонистанд ба радиову телевизион ва матбуоти хеш таваҷҷуҳи аудиторияро ҷалб созанд, мегӯяд муҳаққиқи соҳаи журналистика Иброҳим Усмонов «Ҳамаи зимомдорон дар тамоми ҷаҳон намегузоранд хабаре паҳн шавад, ки муҳтавояш ба фоидаашон набошад». [12, с. 7-70]

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ВАО аз нақши анъанавии «иттилоотрасон» гузашта, ба як субъекти фаъоли сиёсати байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Онҳо метавонанд:

- **Шакл диҳанд** ба афкори умумии ҷаҳонӣ;
- **Рафтори давлатҳоро таъсир диҳанд**, хусусан дар масъалаҳои низоъҳо ва муноқишаҳо;
- **Фишори таблиғотӣ ва идеологӣ** ворид кунанд ба кишварҳои рақиб;
- **Муҳити иттилоотиро таҳти назорат** гиранд.

Нақши расонаҳоро дар сиёсат яксон арзёбӣ кардан мумкин нест. ВАО як бунёди мураккаб ва гуногунҷанба буда, аз чанд қисм ва унсурҳои иттилоотӣ ба аҳолӣ аз рӯйдод ва падидаҳои мушаххаси кишвар ва ҷаҳон иборат аст. Муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи матбуот вазифаи онро ба тарзи зайл нишон додаанд:

- назорат ба рафти ҳодисаҳои ҷаҳонӣ ва паҳн кардани ахборот;
- интихоб, шарҳ ва пешниҳоди иттилоот;
- муаррифии ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ;
- паҳн кардани маданият.

Дар баробари ин вазифаҳо боз як вазифаро илова кардан лозим аст. Яъне, сиёсикунонии афкори ҷамъиятӣ ва ташкили маорифи сиёсии доираи васеи аҳолӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ.

Вобаста ба масъалааи терроризм кибертерроризм ва истифодаи технологияи иттилоотӣ олимони сиёсатшиноси тоҷик фикру андешаҳои худро ба таври мушаххас баён намуданд. Масалан, профессор Муҳаммад А.Н. кибертерроризмро амали ҷиноӣ хонда, қайд мекунад, ки «ташкилотҳои террористӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ аз воситаҳои техникӣ, ки озодона фурӯхта мешаванд ва ҳамчун объекти инфрасохтори иттилоотӣ истифода мешаванд, истифода мебаранд». [10, с. 58]

Дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ нақши воситаҳои ахбори омма хеле барҷаста аст. Ин масъала хеле муҳим аст, зеро дар айни замон, таснифоти вазифаҳои гуногуни воситаҳои ахбори омма вуҷуд дорад. Зарур аст, ки ин вазифаҳо ҳамчун омили муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ дар асоси барқароршавӣ ва дигаргунсозиҳои нави функсионалӣ баъди тағйир ёфтани тартиботи ҷаҳонӣ таҳлил карда шаванд. «Амнияти иттилоотӣ ҳолатест, ки дар он ҷомеа барои рушди озоди шахс, оила ва давлат шароит

фароҳам меорад. Ин шароит имкон медиҳад, ки воқеаҳои таърихӣ объективӣ арзёбӣ карда шаванд». [12]

Имрӯз системаи сиёсии ҷаҳонӣ хусусияти «ҷаҳони бисёрқутбӣ» ва ғайра пайдо кардааст, ки дар ин раванд масъалаи амниятӣ ба миён меояд. Муҳаққиқи журналистика, профессор М. Муқимов (Ҷовид Муқим) менависад, ки «омили асосии амнияти иттилоотӣ таъмини пахши иттилои воқеӣ ва беғараз барои аҳолӣ тавассути ВАО мебошад. Зеро норасоии иттилоъ метавонад боиси идоракунии тафаккури мардум гардад». [9, с. 35]

Инқилоби илмию техникӣ, ки дар ибтидои асри гузашта оғоз шуд, раванд ва сохтори истеҳсолот, мавқеи инсон дар он, тарзи ҳаётро комилан тағйир дода сабаби баланд шудани мавқеи иттилоот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт гардид. Бояд таъкид кард, ки дар шароити муосир навъҳои гуногуни ВАО низ имкониятҳои худро нишон доданд:

- ВАО-и онлайн (инчунин веб-медиа, интернет-медиа) як намуди захираҳо дар интернет мебошанд, ки вазифаи иттилоотиро иҷро мекунанд. Воситаҳои электронии ахбор ба мисли радио, телевизион ва сайтҳои интернетӣ маълумотеро паҳн мекунанд, ки ҳаёти ҷамъиятиро инъикос мекунанд, ки аз як коллективи рӯзноманигорон дар як давраи муайян ба вуҷуд омадаанд;

- ВАО – интернет, ки дар он интиқоли як маълумот дар шаклҳои гуногун (матн, овоз ва намоиш, график ва ғайра) сурат мегирад;

- воситаҳои ахбори омма, ки мазмуни он бо хусусият ва талаботи маводи матбуот, радио, телевизион ва нусхаи интернетӣ омехта шудааст.

-воситаҳои электронӣ - радио, телевизион ва сайтҳои интернетӣ. Хусусияти ин воситаҳо дар он аст, ки ахбор бо овоз ва сурат ифода карда шуда, нисбат ба матбуот бештар саривақтӣ мебошанд.

-нашрияҳои даврӣ - ин мафҳум пас аз пайдоиши интернет пайдо шуда, матбуот, радио ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Имрӯз, аз рӯи одат, интернетро метавон «қудрати панҷум» номид, зеро он ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ворид шуда, ба омили асосии дигаргунсозии башарият табдил ёфтааст [https://tg.wikipedia.org/wiki].

Дар адабиёти таҳқиқотӣ ҳанӯз ҳам ба сохтори иштирокчиёни ғайрианъанавии равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ шомил намудани ВАО ба созиш нарасидааст. Дар чаҳорчӯби пажуҳишҳои сиёсии байналмиллалӣ дар фаъолияти ВАО дар дастур ду тамоюли баҳсбарангез дар бораи ҷойгоҳи ВАО ва иқтидори нуфузи онҳо дар ҷаҳон мушоҳида мешавад: онҳоро метавон ба таври анъанавӣ «реалистӣ» ва «либералӣ» номид.

Самти дуюми муҳимми баҳс ин масъалаи таъсири эҳтимолии ВАО дар раванди таҳияи масъалаҳои сиёсати хориҷӣ мебошад. Аксар вақт, муҳаққиқони муносибатҳои байналмилалӣ ба таъсири ВАО дар сатҳи байналмилалӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир мекунанд. Дар баъзе асарҳо, баръакс, шубҳаҳо дар бораи нақши мустақили ВАО (Д. Хлейн, Н. Гинг, Л. Беннетт) рафъ шуда, нақши мустақили ВАО эътироф карда мешавад.

Воситаҳои ахбори омма дар замони муосир як воситаи тавонои ташаккул, паҳн кардан ва умуман рушди фарҳанги оммавӣ гардиданд. Инкишофи шуури чамъиятиро бе иштироки фаъолонаи воситаҳои ахбори оммавӣ тасаввур кардан мумкин нест. Муҳим он аст, ки дар шароити рушди демократии ҷомеа ва сатҳи камолоти ҷомеаи шаҳрвандӣ аз худ намудан ва таҳлили тамоми сохтори ахбори ҷаҳонӣ танҳо тавассути расонаҳо имконпазир гардид. Масъалаҳои гуногуни инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ нақш ва аҳаммияти воситаҳои ахбори оммавиро ҳаррӯза дучанд мегардонад. Гузашта аз ин, васоити ахбори омма ба яке аз василаҳои муҳимтарини татбиқи раванди сиёсӣ табдил ёфтааст. Воситаҳои ахбори омма, ки ба як ниҳоди муташаккили ҳаёти сиёсии ҷомеа табдил ёфтаанд, ба таври ошкоро ва оммавӣ тавассути технологияи махсус иттилооти гуногунро ба ҳама одамон мерасонанд. Хусусияти асосии воситаҳои ахбори омма махсусияти ҷомеавии онҳост. Яъне онҳо маҳдуд нестанд ва ба ҳама мардум хидмат мекунанд. [3, с. 350]

Воридшавии ВАО ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дигар аст. Воситаҳои ахбори омма, ки қисми муҳимми иртиботи оммавии ҷомеа мебошанд, нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсиро ба дӯш мегиранд, ки қисме аз онҳо вобаста ба миқдори ҳолатҳои муайяни иҷтимоию сиёсӣ

аҳаммияти махсуси иҷтимоӣ пайдо мекунанд. Инҳо метавонанд нақши ташкилкунанда, мутамарказ, муттаҳидкунанда, равшанкунандаи онҳо бошанд. Онҳо инчунин метавонанд нақши бетараф ва устувор бозанд. Фаъолияти воситаҳои ахбори омма ба ҳаёти ҷомеа ба таври умумӣ ворид шуда, хусусияти иҷтимоию равонӣ дошта, ба рафтори ахлоқии ҳар як узви ҷомеа таъсир мерасонад, зеро ҳар як иттилои нав тавассути шабакаҳои ахбори оммавӣ сурат мегирад.

Имрӯз, сифати технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи онҳо аз ҷониби дилхоҳ узви ҷомеа бештар баҳо дода мешавад, ки дар байни инҳо масъалаи робитаи ҷомеа бо ВАО, дараҷаи озодии ВАО аз ҷониби ҷомеа, ҳукумат ва давлат мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, аҳаммияти махсус дорад. Азбаски ВАО дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим доранд, байни ҳаёт ва фаъолияти репродуктивӣ (нишон додани табодули иттилоот тавассути радио, телевизион ва матбуот) ва истеҳсолӣ (эҷодӣ) робитаи мустақим мавҷуд аст, ки пас онҳо ҳамчун таҳиягарони сиёсӣ барои равандҳои ҷамъиятӣ масъуланд. Бинобар ин онҳо бояд пеш аз ҳама манфиати ҷамъият ва давлатро риоя кунанд.

Шароити муосир ва рушди технологияи муосир рушди матбуотро метезонад, таҳияи рамзу мафҳумҳои умумиро дар миқёси миллӣ ҷорӣ мекунад. Имрӯз ВАО ин равандро на танҳо такрор мекунад, балки ба сатҳи ҷаҳонӣ мерасонад. Дар ин масъалаи муҳим, бахусус агар дар назар дошта бошем, ки ВАО дар оянда ба рушду тақвияти тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат таъсир мерасонад, дар ин раванд таъсир ва ба низом даровардани иттилоот ҳамчун омили устувори муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ арзиши охирин нест.

Дар ҷаҳони муосир на танҳо давлатҳои миллӣ, балки як қатор муассисаҳои ғайридавлатӣ, масалан, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, динӣ, экологӣ, ташкилотҳои варзишӣ, ҷамъиятҳои интернетӣ ва ғайра нақши субъектҳои сиёсати байналмилалӣ мебозанд. Хар кадоми ин субъектҳо дар сиёсати байналхалқӣ ҷои худро ишғол карда, вазифаи худро иҷро мекунанд. Дар ин росто, бешубҳа, нақши созмондиҳандагони ҷараёни иттилоотро воситаҳои ахбори омма мебозанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки имкониятҳои додани ахбори даврагӣ, ба масофаҳои дуру дароз дар фазои ҷаҳон зуд интиқол дода шаванд. Дар чунин вазъият ВАО аксар вақт интиқолдиҳандаи иттилоот нестанд, балки ба созандаи он табдил меёбанд. Муҳаққиқони соҳаи журналистика Имомзода М.С. ва Саъдуллоев Ҷ.М. дар ин мавриd андешаҳои ҷолиб баён намудаанд: «Имрӯз иттилоот ба қувваи бузург мубаддал гашта, ба раванди воқеаҳои ҷаҳон таъсири ҳалкунанда дорад. Мо дар даврае қарор дорем, ки онро ҷомеа ва ё давраи иттилоотӣ ном мебаранд. Ин марҳалаи таърихи навтарини тамаддуни инсонӣ, ки дар ҳоли идома ёфтан аст, равобити босуръати аҳолии сайёраро таъмин намуда, ҷаҳони муосирро ба қавли Маршалл Маклюэн ба «деҳкадаи глобалӣ» табдил додааст. Ба ин хотир, омӯзиш ва дарки моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ барои донишҷӯён, магистрон, аспирантон, докторантон ва инчунин, доираи васеи хонандагон ниҳоят муҳимму мубрам мебошад». [5, с, 3]

ВАО-и муосир танҳо бо фазои маҳаллӣ ва миллии тамошобинон маҳдуд нест, он ҳамчун актёрҳои ҷаҳони муосир амал мекунд. CNN, BBC, Al-Jazeera, Russia Today, Euronews на танҳо василаи бонуфузи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аст, балки ба ҷаҳонбинии аҳолӣ, ба сиёсати миллӣ ва ҷаҳонӣ таъсири назаррас дорад. Дар айни замон, вазифаҳои воситаҳои ахбори омма ҳамчун субъекти сиёсати байналхалқӣ аз инҳо иборатанд:

- иттилоотонии дохилӣ ва берунии ҷомеа;

- эътимоднокии аҳолӣ дар ташаккули идеология, дар баъзе мавридҳо тағйир додани огоҳӣ ва тавсифи «душманон» аз ҷониби намояндагони давлатҳо ё қабилаҳои дигар, таъсири равонӣ ба шаҳрвандони дигар давлатҳо;

-ҷамъиятикунонӣ ва тарбияи аҳолӣ (ҷорӣ намудани намунаҳои рафтор, фарҳанги миллӣ, ташаккули шахсияти иҷтимоӣ, миллӣ ва синфӣ);

- нигоҳ доштан ва танзими муносибатҳои байни институтҳои ҳокимият ва ҷомеа (масалан, мувофиқи андешаи аҳолӣ муроҷиат кардан);

-назорати давлат, қарорҳо ва фаъолияти онҳо;

- сафарбар намудани аҳолӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ;

- пешгӯии фаъолияти сиёсии ҳукумат, масалан, ташаббусҳо ва ислоҳоти он.

Дар навбати худ мо метавонем се самти фаъолияти ВАО-ро дар сиёсати байналхалқӣ ҷудо кунем.

- пеш аз ҳама, воситаҳои ахбори омма ҳамчун воситаи ҳокимияти сиёсӣ бо кумаки он мафкураи давлатиро интишор намуда, арзишҳои фарҳангии он, намунаҳои рафтор, усулҳои муҳокима ва аломатгузории душманро инкишоф медиҳанд, ташаккули афкори ҷомеа дар бораи сиёсати хориҷии давлат ва ғайра таҳқиқоти пешакӣ дар бораи Ҷанги дуюми ҷаҳон аз ҷониби Г.Лассуэлл таҳлили назарияи коммуникатсияи сиёсӣ буд, ки баъд аз он аҳаммияти ВАО ҳамчун воситаи таъсири сиёсӣ афзуд.

Вобаста ба ин самтҳои зерини сиёсати иттилоотии давлатро қайд кардан мумкин аст:

-якум, а) саҳми иттилооти умумӣ; б) фаъолияти иттилоотӣ; в) амал баъди ҳолатҳои воқеӣ (муқобилияти институтҳои давлатӣ ба ҳодисаҳои мавҷуда);

— дуюм, вазифаи асосии ВАО ҳамчун институти иҷтимоӣ ифодаи нуқтаи назари оммаро нисбат ба қарорҳои сиёсӣ ва амалиёти асосии сиёсати берунӣ ифода мекунад.

Дар мавриди нақши сензураи ВАО, ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки он ду вазифаи асосиро иҷро карда, ҳангоми ҷорӣ намудани сензура дар паҳнкунии иттилоот аз ҷониби давлат ҳал мешавад.

Якум, хусусияти маҳдуд кардани иттилооти сиёсатмадоронро бо мақсадҳои манипулятсионӣ дорад. Масалан, ин метавонад инҳоро дар бар гирад: ҷорӣ намудани мамнуият ё маҳдудият дар инъикоси мавзуъҳое, ки зарари мақомот мебошанд: монополизатсияи фазои иттилоотӣ - пешниҳоди танҳо як нуқтаи назари давлатӣ, набудани гуногунандешии иттилоотӣ. Аз нуқтаи назари Э. Ноэл-Нейман ин вазъият «спирали сукут» номида мешавад ва ба тасаввуроти нопурраи шаҳрвандон, ки аз рӯи интихоб ва нуқтаи назари онҳо ташаккул ёфтаанд, мусоидат мекунад.

Дуюм, ба омилҳои мусбати муносибатҳои «қудрат – ВАО -ҷомеа»:

- ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ аз манфиатҳои шахсӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини ризоияти иҷтимоӣ ва пешгирии ба гурӯҳҳо тақсим шудани ҷамъият;

- пешгирии истифодаи воситаҳои ахбори омма ҳамчун воситаи идоракунии афкори ҷамъиятӣ;

- нигоҳ доштани суботи сиёсӣ, пешгирӣ кардани кирдорҳои иғвогарона ва рафтори беасос доштани характери эътироз ва ғайра дохил мешаванд.

Айни ҳол, иқрор шудан ғайриимкон аст, ки дар чаҳорчӯби пахши хабарҳо нишон додани далелҳои мухталиф бисёр мушкил буда, расонаҳои умда ба ин марҳала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намекунанд. Ҳодисаҳои сиёсӣ барои як вазифаи мушаххас интихоб карда мешаванд, масалан, барои иҷрои дархости сиёсии фаъолони пешрафтаи ҷаҳонӣ, паҳн кардани нуқтаи назари стандартии онҳо ва ғайра. Дар шароити муосир, агар фазои иттилоотӣ манзараро пур карда натавонист, холигии иттилоотӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар баробари ин на танҳо дар минтақаи ҷанг, балки дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ низ набардҳои шадид ба миён меоянд. Ҷангҳои иттилоотӣ ба яке аз вижагиҳои муносибатҳои муосири байналмилалӣ табдил ёфтаанд, «қудрати нарм», ки ғолибро дар низоъҳои асри XX1 муайян мекунад.

Дар шароити сиёсати имрӯзаи ҷаҳонӣ зарурат ва аҳаммияти истифодаи технологияҳои гуногун барои таъсир расонидан ба афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Муҳаққиқ Гулов С.Н. дар ин маврид чунин андеша дорад: «Имрӯзҳо дастрасӣ ба иттилоот тариқи технологияҳои нави иттилоотиву иртиботӣ як ҷузъи муҳимми рӯзгори мардум гардидааст, ки истифодаи интернет аз ҷумлаи онҳо мебошад. Тибқи омори расмӣ, беш аз нисфи сокинони мамлакатамон аз шабакаи интернет истифода мебаранд..... Иқрор бояд шуд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳолии ягон кишвар баробари мардуми мо имкониятҳои дастрасӣ ба интернетро надоранд. Рушди рӯзафзуни технологияи иттилоотиву иртиботӣ низ самараи сиёсати созандаи Эмомалӣ Раҳмон буда, дар ин самт иқдомҳои ҳукумати кишвар натиҷаи дилхоҳ овардаанд». [2, с. 116–123]

Муоширати маркетингии интегратсионӣ усулҳои мубодилаи иттилоот байни фаъолони сиёсӣ ва ҷомеаро дар бар мегирад, ки ба талабот ва манфиатҳои он аҳаммият медиҳанд. Дар ин ҷо нақши асосӣ ба фаъолони сиёсӣ ё сохторҳои ВАО тааллуқ дорад. Чунин усулҳои муошират барои аз байн бурдани рақибони сиёсӣ, ки аз онҳо ғояҳо, ҳадафҳо ва арзишҳои дигар пайравӣ мекунанд, истифода мешаванд.

Хусусиятҳои махсуси алоқаи таблиғотӣ, ҳамаҷониба паҳн кардани иттилооти сиёсӣ, рад кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва пешгирии иттилоот мебошад.

Дар айни замон, ҳузури воситаҳои ахбори омма дар сиёсати ҷаҳонӣ дар ҷомеаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоии он имкон медиҳад, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири васеъ расонад. Инчунин, бо истифода аз каналҳои ҳамоҳангсозии иттилоот, он ба раванди муҳокимаи мушкилоти ҷаҳонӣ таъсир мерасонад. Чунин таъсири мураккаб ба раванди қабули қарорҳо дар сатҳи ҷаҳонии сиёсӣ, албатта, метавонад таъсири назаррас дошта бошад. [3, с. 61-65]

Пайдоиши телевизион дар замони муосир на танҳо дар шакли интиқоли иттилоот, балки дар амалисозии фаъолияти сиёсӣ низ афзоиш ёфтааст.

Бархе аз пажуҳишгарон васоити ахбори оммаро шохаи «чорум»-и ҳокимият медонанд. Аммо, бар хилофи се намуди анъанавӣ, ВАО дорои хусусиятҳои махсуси худ мебошад. Муҳимтар аз ҳама, таъсири ВАО дар дохили як давлати демократӣ гуногун аст ва метавонад ба соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ таъсир расонад. Чунин таъсир на ҳама вақт созанда аст, инчунин ҳолатҳои таъсири манфии ВАО дар равандҳои байналмилалӣ ҷой доранд. Муҳаққиқ И. Иванов таъкид мекунад: «...мо шоҳиди ҷанги иттилоотии муосир ҳастем, ки харобиовар аст. Онҳо махсусан дар давраи бӯҳронҳо хатарноканд. Вақтҳои охир ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки иттилооти нопурра ё иғвоангези ВАО боиси қабули қарорҳои нодурусти ҳарбию сиёсӣ мегардад». [2]

Ҳамин тавр, дар аксари мавридҳо дар маводи идоракунии иттилоот таҳлили ҷиддӣ ва ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳо дида намешавад ва маълумоти мавҷуда бо хулосаҳои ниҳоии субъективӣ тасниф карда мешавад. Аз ин рӯ, таъсири он, пеш аз ҳама, бештар ба эҳсосот ва эҳсоси одамон таъсир мерасонад, на ба мантиқ ва ақл. Чунин таблиғ на танҳо нодаркор аст, балки дар шароити муосир метавонад хатарнок бошад. Дар дипломатияи оммавӣ мавқеи худро бо далелҳо баён кардан лозим аст

ВАО бартариҳои худро дар сиёсати берунӣ шарҳ дода, ба барпо намудани муносибатҳои боварибахш дар фазои ахборот мусоидат намуда, манфиатҳои худро баён мекунанд. Қувваи асосии воситаҳои ахбори оммавӣ дар ифшои воқеаҳои зарурии ҷамъиятию сиёсӣ дар таҳлилу танқиди раванди ҳодисаҳо гуногун аст. Аммо, дар баробари ин ҳадаф аз фаъолияти расонаҳо ба даст овардани имтиёзҳост. Воситаҳои ахбори омма, махсусан дар ҷустуҷӯи ҳиссиёт, на ҳамеша ба таъсири ҷамъият бо воситаҳои иғвогаронаи таблиғотӣ эътибор медиҳанд. Барои тасдиқи он, мо метавонем наворҳои бардурӯғи «лагерҳои марг дар Сербия», ки моҳи августи соли 1992 аз ҷониби ширкати телевизионии ITN дар Тернопил ба навор гирифта шуда буд, ба ёд орем. Дар навор дида мешавад, ки зиндониёни мусалмон бо симчӯбҳо баста шудаанд. Баъдан маълум шуд, ки рӯзноманигорон аз урдугоҳи муҳоҷирон аксҳои қалбакӣ кашидаанд ва симчӯбҳо танҳо деворҳои оддии байни мактабу роҳ буданд. Ин ҳуҷҷатҳо ва аксҳо сабаби кофӣ барои ишғоли мавқеи Иёлоти Муттаҳида алайҳи Сербистон дар ҷанги Босния буданд. [4, с. 243]

Тавре ки баъдтар таърих нишон медиҳад, барои рӯзноманигорон ва «кор»-и онҳо ҳатто чизе сарф кардан мумкин нест. Ин далелҳо дар ҷаласаи Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид метавонад дурӯғ будани истифодаи силоҳи кимиёвӣ аз ҷониби Ироқро исбот кунанд. Ин далели бардурӯғро Котиби давлатии ИМА Колин Пауэлл 5 феврали соли 2003 истифода кардааст. Маълум шуд, ки воситаҳои ахбори омма дар айни замон, на танҳо диққати аҳли ҷамъиятро ба воқеаҳои муҳим ҷалб мекунанд, балки баъзан воқеияти нав ба вуҷуд меоваранд, ки боиси проблемаҳои нав дар муносибатҳои байналхалқӣ мегардад.

Истифодаи воситаҳои ахбори омма барои татбиқи сиёсати хориҷӣ хеле маъмул ва самаранок аст.

Дар Тоҷикистон низ нақши ВАО дар муносибатҳои хориҷӣ тадриҷан боло меравад. Бо вуҷуди маҳдудиятҳои техникӣ ва иқтисодӣ, кишвар кӯшиш дорад, ки тавассути ВАО-и давлатӣ ва хусусӣ манфиатҳои миллиро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Сомонаҳои расмии давлатӣ, нашрияҳо ва телевизионҳо бояд бештар ба забонҳои хориҷӣ дастрас ва муосир гарданд.

ВАО дар замони ҷаҳонишавӣ на танҳо нақши иттилоотӣ, балки нақши сиёсӣ ва стратегӣ мебозанд. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, таҳкими иқтидори расонаӣ ва рушди саводи расонаии ҷомеа зарур аст, то дар муҳити ҷаҳонии рақобатпазир ва ҷанги иттилоотӣ мавқеи худро ҳифз намоянд.

Ҳамин тариқ, ВАО яке аз институтҳои асосии ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад, ки ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири назаррас доранд. Муошират оммавӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсат гардид. Яке аз шартҳои асосии эҷоди сиёсат таъмини иртибот байни роҳбарони гуногуни дар сари қудратбуда, байни давлат, шаҳрвандон ва унсурҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Афанасьев В. Г. Научно-техническая революция, управление, образование [Матн] / В. Г., Афанасьев // . -М., 1972. 231 с.
2. Гулов, С.Н. Пешвои миллат ва рушди радиову телевизион [Матн] / С. Гулов // Воситаҳои ахбори омма ва ташаккули давлатдории миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2021. – С. 116–123.
3. Зиннатулло, И. Ислоҳоти таҳсилоти журналистӣ. Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад // И. Зиннатулло – Душанбе, 2022 саҳ 12
4. Иванов, И. С. Выступление на Генеральной Ассамблее ОАНА. телевизион [Текст] / И. С., Иванов // - [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.rg.ru/oflcial/from min/mid/418.htm
5. Имомзода, М.С., Саъдуллоев Ҷ.М. Роҳнамои ҷомеаи иттилоотӣ. [Матн] / М. С. Имомзода., Ҷ.М. Саъдуллоев – Душанбе, 2001. – 80 с.
6. Кара-Мурза С. Экспорт революции: Саакашвили, Ющенко [Текст] / С. Кара-Мурза, С.Телегин, А. Александров, М. Мурашкин //. - М.: Алгоритм, 2005. - 243 с.
7. Лукиной, М.М. Интернет-СМИ. Теория и практика: Под редакцией [Текст] / М.М. Лукиной //- Санкт – Петербург, Аспект Пресс, 2010 г.-350 с
8. Махкамов А.Н. Нақши ВАО дар амнияти иттилоотии кишвар / А.Н., Махкамов // маҷаллаи “Сиёсат ва ҷомеа” . 2021.– № 5 (22)
9. Муқимов М. Ҷанги иттилоотии муосир ва таъмини амнияти иттилоотӣ // Журналистикаи байналхалқӣ –IX. Маҷмӯаи мақолаҳо. –Душанбе, 2017.
10. Муҳаммад А.Н. Киберприступление как явление кибертерроризма: сущностьи его современные особенности // Известия Института философии, политологии и права / А.Н., Муҳаммад //. Душанбе – 2017.-№ 3-1.-С.58.
11. Нуриддинов, Р.Ш. Информационная война как способ контроля за пространством в условиях глобализации: в свете послания Президента Таджикистана Э. Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Текст] / Р.Ш. Нуриддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. - 2015. - № 3/5(173). - С. 130-134.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. URL: http: // president.tj/ node/13739 (санаи истифодабарӣ: 12.06.2025.
13. Усмонов И. Журналистика. Қисми 4.// И. Усмонов. – Душанбе, 2011. саҳ 7-70

НАҚШИ ВАО ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи нақши васоити ахбори омма (ВАО) дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст. Муаллиф зарурати бознигарии мавқеи ВАО-ро ҳамчун унсури фаъоли таъсиргузор ба равандҳои сиёсӣ, дипломатӣ ва амнияти иттилоотӣ дар ҷаҳони муосир нишон медиҳад. Дар шароити тавсеаи технологияҳои иттилоотӣ ва табдил ёфтани ВАО ба абзори пуриқтидори ташаккули афкори ҷамъиятӣ, мавқеи он дар сиёсати ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар танзими равобити байнидавлатӣ, тавсеаи нуфузи геосиёсӣ ва амнияти иттилоотии кишварҳо, афзун мегардад.

Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва мисолҳои муосир нақши ВАО-и байналмилалиро (монанди CNN, BBC, RT, Al Jazeera) дар ташаккули тасвирҳои сиёсӣ ва таъсир ба равандҳои геополитикӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар натиҷа, хулоса карда мешавад, ки ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ба унсури муассири сиёсати байналмилалӣ табдил ёфта, метавонанд муносибатҳои байналмилалиро ҳам мусбат ва ҳам манфӣ шакл диҳанд.

Калидвожаҳо: васоити ахбори омма, муносибатҳои байналмилалӣ, ҷаҳонишавӣ, амнияти иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, сиёсати иттилоотӣ, таъсиргузорӣ, ВАО-и байналмилал.

РОЛЬ СМИ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Данная статья посвящена исследованию роли средств массовой информации (СМИ) в системе международных отношений в условиях глобализации. Автор подчеркивает необходимость переосмысления позиции СМИ как активного фактора, влияющего на политические процессы, дипломатию и информационную безопасность в современном мире. В условиях стремительного развития информационных технологий и превращения СМИ в мощный инструмент формирования общественного мнения их значение в мировой политике, в частности в регулировании межгосударственных отношений, расширении геополитического влияния и обеспечении информационной безопасности государств, значительно возрастает.

Автор с использованием методов сравнительного анализа и современных примеров рассматривает роль международных СМИ (таких как CNN, BBC, RT, Al Jazeera) в формировании политических образов и влиянии на геополитические процессы. В результате делается вывод о том, что СМИ в эпоху глобализации становятся важным инструментом международной политики и способны как позитивно, так и негативно влиять на международные отношения.

Ключевые слова: средства массовой информации, международные отношения, глобализация, информационная безопасность, информационные сети, информационная политика, влияние, международные СМИ.

THE ROLE OF MASS MEDIA IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

This article is dedicated to the study of the role of mass media in the system of international relations in the context of globalization. The author emphasizes the need to reassess the role of mass media as an active force influencing political processes, diplomacy, and information security in today’s world. With the rapid development of information technologies and the transformation of mass media into a powerful tool for shaping public opinion, their role in global politics—particularly in regulating intergovernmental relations, expanding geopolitical influence, and ensuring national information security—has significantly increased.

Using comparative analysis and contemporary examples, the author examines the role of international media outlets (such as CNN, BBC, RT, and Al Jazeera) in shaping political imagery and influencing geopolitical processes. The study concludes that in the era of globalization, mass

media has become an influential element of international politics, capable of shaping international relations in both positive and negative ways.

Keywords: mass media, international relations, globalization, information security, information networks, information policy, influence, international media.

Маълумот дар бораи муаллиф: Алишери Абдулмаҷид, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, мудири кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

Сведения об авторе: Алишер Абдулмаджид, доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, заведующий кафедрой журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

Information about the author: Alisher Abdulmajid, doctor of philosophy (PhD), doctor in journalism, head of the department of journalism at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Phone: +992 918-33–44-42. Email: alisher.abdulmajid@mail.ru

УДК 81'373.423
ББК 81.111.4
Д - 14

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ГЛАГОЛОВ МЫШЛЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Давлатзода Ф.Дж., к.ф.н.
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Поэтому на сегодняшний день лексическая семантика не может объединить в одной теории разные компоненты стоимости, поскольку в развитых теориях стоимости аспекта цели их изучения отличаются. Это лексическое значение является предметом изучения проблемы взаимоотношения между понятием и словом, т.е. его функция определена в концептуально-логическом аспекте (Аспекты семантических исследований, 1980; Языковые назначения, 1977). В системном подходе особое внимание уделено важности слова, в особенности в стилистике Г.В. Степанова, 1983; Ф. де Соссюра, 1977; Ш. Балли, 1961. Психолингвистическое направление рассматривает значимость в аспекте введения и организации речевой деятельности как «приносное значение» (Л.С. Выгодский, 1934). Функциональные номинативные подходы, согласно упражнениям Телия и Крюка, связывают слово, означающее «с обозначенными свойствами»; таким образом, включение отношений языка и мышления к проблеме значимости. Коммуникативно функциональные характеры описаны коммуникацией лексического значения со значимостью суждения. При этом все теории значимости в различной степени справляются с анализом создания [6, с. 85]. Будучи важным методом изучения семантического построения слова, они позволяют анализировать взаимосвязь между процессами суждения и словесным выражением языковых ценностей, особенно характерную для информативных подходов к данной проблеме [1, с. 96].

История появления метода конститутивного анализа исходит из других источников, особенно из работ американских этнолингвистов У. Гуденафа и Ф. Лонсбери. В этих работах анализ творения оценивается как метод описания определенных лексических единиц на разных языках. Другие работы по лексической семантике 30-х и 40-х годов – Л.Эльмслева, Э. Сапира, Р. Якобсона, были написаны на основе возможности распространения фонологического принципа из основных принципов фонологии Н.С. Трубецкого. Метод анализа создания с целью описания структуры лексического запаса языков широко распространён в США. В обзоре результатов работ американских ученых Дж. Кеттса, Дж.

Фодоры, У. Гуденэфи, Ф. Лонсбери, У. Вейнриха, Д. Болинджера и многих других в области анализа создания, В.А. Звягинцев подчёркивает важность следующих принципов:

а) описание семантики построения лексического состава естественных языков с помощью полного объёма элементарных семантических единиц или компонентов;

б) выражение указанных семантических компонентов как универсальных единиц, которые не зависят от конкретного языка;

в) трактовка семантики в качестве компонента системы концептов, входящей в информативную структуру исследования. Исследователь Н.С. Назарова (2012) отметила два наиболее характерных принципа: 1. Важность каждого слова состоит во многих минимальных семантических компонентах (особенно в работе В. Гудената). 2. Вся структура словарного запаса языка может быть основана на ограниченном и довольно небольшом количестве этих единиц (особенно в работе Л.Р. Зиндера) [7, с. 42].

Судя по мнению Г.Ф. Иванова, «такой набор семантических компонентов для всей структуры словаря никем не установлен, особенно как универсальные представления. В универсальной лингвистической модели эти элементы рассматриваются в однородной системе, и их анализ проводится до уровня действительно неразделимых единиц» [8, с. 24].

Первоначальный принцип был самым распространенным. Использование анализа творчества является достаточно эффективным способом исследования, которое послужило описанием различных словарно-семантических групп слов в языковой системе. Как было сказано выше, в основе использования анализа творчества лежат идеи организации структуры слова, включающие минимальные смысловые единицы (элементарное значение). Данные минимальные семантические единицы получают различные имена, такие как: семантические мультижители (в работах Жольковского), отличительные знаки (в работах И.В. Арнольда), семантические маркеры (в работах Кэттса, Фодора), количество плана содержания (в работах В.В. Иванова), семантические примитивы (в работах Вежбицкого), семантические знаки (в работах Уфимцевой, Gulygany, Shendels). Термин «сема», который был широко принят в российских (Г.Т. Мельников) и иностранных исследованиях (Nida, Leech), стал самым широко распространенным. В некоторых исследовательских работах «сему» рассматривают как единые предельные уровни разделения значений [19, с. 24], этот термин отображает общее понятие, объединяющее способность разделения и не разделяющее семантические компоненты. В своём исследовании мы вслед за авторитетными российскими лингвистами применили термин «сема» как «минимальную единицу смысла», и используем его относительно семантических компонентов, которые используются для определения семантического знака [9, с. 86].

Семантический знак рассматривают как определенную абстрактную единицу, которая выполнена в ценностных единицах (семантическое определение или категории) (И.А. Стернин), семантические компоненты (П.С. Кузнецов). Сема обозначена в оппозиционных словарях в группе предмета, в разделах по интегрированным и отличительным группам. Те же самые элементы могут быть объединены друг с другом. Отношение к мысли также является интегрированным. Структуру слова, означающего сему не как набор признаков, они также формулируют как заказанную кодировку. Одновременно некоторые авторы полагают, что они входят в отношения на уровне денотата (племянница – дочь брата или сестры) [20, с. 41-42], другие отмечают слово, означающее основание и представляющее иерархически организованную (заказанную) структуру [14, с. 55-56].

Для глаголов с особенностью интеллектуальной деятельности сема – «процесс мышления», как особый компонент психологии, обозначает периферию, определяющую интеллектуальную собственность и условия человека. Глагол «долго думать» выражает прямое значение размышления: – *Ман дуру дароз фикр намекардам – I can't think clearly*. По отношению к нему дополнительными выступают семы видового значения:

1) *дар фикри касе будан (думать о ком-то)* – to think of person*, ба фикр рафтан (погружаться в мысль)* – to begin to think*, ба фикр андохтан (заставлять думать)* – to set thinking [18, с. 705]*; мулоҳиза кардан, андешидан, ба фикр фурӯ рафтан (рассуждать) – to*

ponder [16, с. 623]*; ба фикру хаёл фурӯ рафтан (погружаться в мысль)* – to fall into thought ва ғайра (*там же*, с. 301).

2) *ният доштан (намереваться): to intend*, to be about [18, с. 541], *андеша кардан* – to reflect; to doubt (задумываться); ба андеша афтодан – to have mesgivings, ба фикр фурӯ рафтан (погружаться в мысль) – to fear, to reflect*, дар фикр мондан (быть в раздумьи) – to contemplate, дар фикр андохтан (заставлять думать) – to make think, дар фикр мондан – to put doubts into someones mind* [18, с. 52]*, тасмим гирифтан (принять решение) – to take decision* [18, с. 670]*, бовар кардан (доштан) (верить)– to believe, to trust* (там же, с. 141) *баҳо додан (оценивать) – to consider, to admit, ҳисоб кардан, шуморидан – to count.*

3) гумонбар шудан, гумон кардан: to suspect (считать виновным, *подозревать* (подозревать)*, баҳо додан (оценивать), ҳисоб кардан (считать), шуморидан (считать - to consider;*

4) хостан, ният (қасд) доштан: to intend иметь намерение (замышлять)*, маънӣ (маъно) доштан – to mean* (значение)*, далолат кардан (свидетельствовать) – (to serve as proof (evidence) of persuade), мавҷуд будан, вуҷуд доштан; будан (имеется, быть в наличии) – to be about;*

5) ғамхорӣ кардан, нигоҳубин кардан – to take care of (проявлять заботу, беспокоиться)*.*

Относительно классификации знаков лингвисты придерживаются разных мнений (О.С. Ахманова, 1969; И.В. Арнольд, Л.Г. Шеремет, 1985; Д.В. Аракин, 1989; Ю.Д. Апресян, 1974; Т.В. Булыгина, 1977; П.С. Кузнецов, 1961; Стернин, 1985). Для нашего исследования представляют интерес семантические знаки: 1) согласно их отличительной силе как части лексем (интегрированной и дифференциальной); 2) по отношению семантических знаков к идентификации (периферийное отношение); 3) по грамматическому значению семантических знаков (к этому разряду относятся категориальная сема, предметы или элементы объектов); 4) по свойствам определённого контента (к ним также можно отнести такие виды, как постоянство, вероятность / ассоциации, потенциальный и дополнительный). К ассоциативному или потенциальному видам заполнения сем нижних уровней относится отражение таких признаков, которые несущественны для общей идентификации обозначенного объекта в семантической структуре слова. Эти семы добавляют дифференциальные признаки основным семам, но они могут в зависимости от восприятия или суждения объекта быть обновлены и перемещены в центр деятельности.

Как лингвистическую категорию в соответствующее значение, прежде всего, можно включить лишь исконные, мотивированные в структурно-семантическом плане слова и фразы, которые по своим структурно-семантическим характеристикам являются производными образованиями, которые связаны с морфологической структурой и природой значимости других компонентов языковой системы [2, с. 66]. С целью ясности мотивации слов и фраз, для сохранения ассоциативного компонента и их повышения значимости: 1) оригинальная форма образования; 2) к существованию подобного образования, содержащего те же элементы и в тех же ценностях. Вследствие данных факторов их предчувствуют как мотивированные компоненты, содержащие ассоциативный элемент всего слова в значимости. Далее они продвигают образование вследствие действия продуктивных способов словообразования. Производный глагол может служить примером вышесказанного: *рамз кушодан, навиштаҳои рамзиро хондан* – decrypt, read cryptographic inscriptions (расшифровать). Способ формирования данного глагола очевиден; на языке, более простой по составу и структуре, связанное слово *бо рамз навиштан (писать кодом) – to code* и кодекс и также образованы с теми же элементами: *аз шир ҷудо кардан (бачаро) (досл.: отделить (ребёнка) от молока) – to wean a baby*; *ҷо ба ҷо кардан – to put in order* (чтобы разложиться) и фаҳмидан (понимать) – to grasp. Например: Ман фикр мекунам, ки ***бачаро аз шири модараш ҷудо кардан*** осон нест. – I *think* it's not easy *to wean a baby* in his mother (18, с. 784). Ӯ мақсади маро нафаҳмид. – He could not **grasp** my meaning [17, с. 370].

В языке существуют более простые связанные слова: *напардохтани андоз – tax-free* (не облагающийся налогом); *нигоҳубин кардан – look after* (заботиться), *озод кардан – free on* (к свободному) чтобы выпустить, также образованные с теми же элементами: *фикр кардан (думать) – to think, to reflec, to mediate; to think of; дар фикри касе будан (думать, заботиться о ком-то) – to think of person; ба фикр рафтан (погружаться в мысль) – to begin to think, to become pensive, to fall into thought; ба фикр андохтан (заставлять думать) – to set thinking* и др.

Ассоциативные знаки в первую очередь представляют интерес при раскрытии изучения семантического построения слова, ассоциативно-фигуративная форма глаголов, для который ценность взглядов – фигуративные, метафорические ценности, и на данном этапе ассоциативная сема важна из прохода глагола, чтобы организовать дифференциал – это метафорическая ценность: «сема *усиленно думать, решить что-нибудь трудное»* в глаголе «*майна об кардан – puzzle over* (ломать голову)» заметно актуализируется»: *шиканҷа додан – to rack* (пытать); *задан – to beat* (бить); *шикастан – to cudgel* (ломать) и майна *кор фармудан – to understand, to use one's brains* (мозговой спасатель):

Дар маърифатат чу нек ***фикре кардам****,*
Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд *(Хайём)*

(подстр.: Хотя я хорошо подумал о знании, стало известно, что ничего неизвестно).

В большинстве случаев в повседневной речи человек полагается на конкретные ценности словоформ, такие как: *ба фикрам, хаёл кардам, ки / гумон кардам, ки* (I think, 1 thought / I doubt so etc.) и др. В этом случае под семой можно понимать всё обслуживание словоформы, включая её лексическое значение.

У мыслительных лексических единиц сравниваемых языков наблюдается сложная внутренняя структура, в которой макрокомпоненты, как правило, назначены в качестве эмпирических или экзистенциональных «идеал денотат», рациональный или свидетельствующий (сигнификат, понятие, концептуальное содержание) и коннотативные компоненты [8, с. 29].

Эмпирический элемент – концептуальный результат также фигуративен – чувственные взгляды, отражая действительность в форме представлений и понятий. Рациональный элемент – результат абстрактного концептуального мышления; коннотативный элемент – результат логического делимого отражения реалии, которая соединяет чувственно-ситуативные взгляды [4, с. 11-20]. Обычно к коннотативной группе относится выразительный способ – фигуративный, эмоционально-оценочное, моральное и предполагаемое содержание [12, с. 18], некоторыми оттенками стилистических особенностей [3, с. 103-106].

У метода сопоставляющего анализа есть достоинства и недостатки. Одно из его главных преимуществ – выбор единиц языка, лежащих в основании их системной коммуникации. Основной недостаток указанного метода – субъективность в применении, рожденная в большой степени из других синхронных лингвистических методов. Все приведённые методы основываются на интуитивном отношении говорящего, а также на сведениях, полученных с их помощью [12, с. 48].

Учёные подчёркивают и упрощенную структуру значения. Так, А.А. Шахматов полагает, что «посредством комбинации фундаментальных идей возможно выразить всё, что говорит на любом естественном языке: Я, вы, что-то, кто-то, это, чтобы, хотеть, думать, говорит, воображает, быть частью, стать» [13, с. 44].

В.Н. Ярцева также замечает то, что, действительно, все упражнения, которые способствуют объяснению существенной стороны языка, проистекают только из составляющего анализа и не идут вне его пределов, которые не в состоянии построить удовлетворительную семантическую теорию [15, с. 52].

Плодотворность этого метода неоднократно подтверждается многочисленными конкретными исследованиями лексических слоев и грамматических категорий на многих

языках. Примером данного высказывания могут послужить научные работы Д.Н. Шмелева, В.Г. Гака, Ю.Д. Апресяна, Л.М. Васильева, Р.М. Гайсиной, Wallace Chafe и многих других.

Несмотря на то, что главный метод исследования – составляющий анализ стоимости, исследователи используют метод словарных определений, посредством которых получают последний начальный материал для того, чтобы провести исследования. Во всем этом метод не считается самым важным. Как отмечает Селиверстова, «формирование признаков семантики на основе существующих определений нельзя рассмотреть, как изменение систематизации уже полученных данных (часто неполное, и это иногда неправильно). Словарные определения могут использоваться в начальной стадии для дальнейших исследований и спецификации того, чтобы быть структурой лексических значений» [10, с. 262].

Следующий этап отмечается Л.С. Выгодским таким образом: «Как видим, своеобразие мышления ребенка заключается, по теории Пиаже, в том, что его ум ткет на двух станках, и что первый станок, который ткет в плоскости субъективности, желаний и капризов, является наиболее важным, так как он является делом самого ребенка. Если бы даже сами Пиаже и Клапаред не упоминали Фрейда и его принцип удовольствия, ни у кого не могло бы остаться сомнений в том, что перед нами чисто биологическая концепция, пытающаяся вывести своеобразие детского мышления из биологических особенностей его природы» [4, с. 58].

Таким образом, исследование глаголов мышления строится по определенным принципам и методам, представляющим разнообразие подходов в зависимости от позиции отдельных учёных.

Литература:

1. Азимова, М.Н. Сопоставительный анализ соматической лексики и фразеологии таджикского и английского языков [Текст]: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.20 / М.Н. Азимова – Душанбе, 1980. – 115 с.
2. Арбекова, Т.И. Лексикология английского языка [Текст] / Т.И. Арбекова. – М.: Высшая школа, 1977. – 240 с.
3. Арнольд, И.В., Банникова, И.А. Лингвистический и стилистический контекст [Текст] / И.В. Арнольд, И.А. Банникова. – М., 1972. 268 с.
4. Выготский Л.С. Мышление и речь [Текст] / Выгодский Л.С. – М.; Л.: Соцэкгиз, 1934. – 790 с.
5. Выгодский, Л.С. Мышление и речь [Текст] / Л.С. Выгодский. – М.-Л.: Соцэкгиз, 1934. – 790 с.
6. Зиндер, Л.Р. Условность. Виды мотивации и слова, их взаимодействие и роль лексико-семантических изменений [Текст] / Л.Р. Зиндер. – М., 1969. – 146 с.
7. Иванова, Г.Ф. К вопросу о семантической мотивации производных слов. Языковая практика и теория языка [Текст] / Г.Ф. Иванова. – М., 1974. –124 с.
8. Лайонз, Дж. Введение в теоретическую лингвистику [Текст] / Дж. Лайонз. – М.: Наука, 1977. – 507 с.
9. Меҳдизода, Хадича Нами. Структурно-семантический анализ глаголов в творчестве Надира Нодирпура: автореф ... канд. фил. наук:/ Хадича Нами Мехдизода. – Душанбе, 2016. -25 с.
10. **Селиверстова, О.Н.** Некоторые типы семантических гипотез и их вариация [Текст] / О.Н. Селиверстова // Гипотеза в современной лингвистике. – М., 1980. – С. 262-319.
11. Суперанская, А.В. Теоретические основы практической транскрипции [Текст] / А.В. Суперанская. – М.: Наука, 1978. – 283 с.
12. Шаҳобова, М.Б. Опыт сопоставительного исследования строя таджикского и английского языков [Текст] / М.Б. Шаҳобова. – Душанбе: Дониш, 1985. – 252 с.
13. Шахматов, А.А. Синтаксис русского языка [Текст] / А.А. Шахматов. – Л.: Учпедгиз, 1941. – 620 с.

14. Якобсон, Р.В. Шифтеры, глагольные категории и русский глагол [Текст] / Р.В. Якобсон // Принципы типологического анализа языков различного строя. – М.: Главная редакция восточной литературы, 1972. – 282 с.

15. Ярцева, В.Н. Контрастивная грамматика [Текст] / В.Н. Ярцева. – М.: Наука, 1981. – 112 с.

16. Абдусалом Мамадназаров, Фарҳанги англисӣ тоҷикӣ: - Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 1016 с.

17. Мамадназаров А.. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ [Матн] / Мамадназаров А. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 1079 с.

18. Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ [Матн] / Ҷамшедов П.Ҷ., Розӣ, Толиб. – Душанбе: Пайванд, 2008. – 978 с.

19. Nida, E.A. Exploring semantic structures [Text] / E.A. Nida. – München: Fink, 1975, p 209.

20. Price, H.H. Some consideration about belief [Text] / H.H. Price // Knowledge and belief. – Oxford**, 1968.** – P. **41-59.**

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ФЕЪЛҲОИ ТАФАККУР ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Зимни таҳқиқоти мақола мушаххас намудани асосҳои назариявии омӯзиши феълҳои тафаккурӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян мегардад. Феълҳои «тафаккури» маънои асосии шомили воқеиятеро муайян мекунад, ки шахс бо роҳи талошҳои зеҳнӣ ба ягон натиҷаи мушаххас ноил гашт ва ягон нақшаи таҳлил карданро мекашад.

Муаллиф зимни таҳқиқоти мақола оид ба таҳқиқи забоншиносии муқоисавӣ барои равшан намудани асосҳои назариявии феълҳои тафаккур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фикру мулоҳизаҳои илмии худро баён намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки ҷанбаи забон ин шаклҳои грамматикӣ ҳангоми ташаккули раванди тафаккур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Тағйири асосҳои назариявии омӯзиши феълҳои тафаккурӣ пешбинӣ мекунад, ки маъно бо паҳлуи морфологӣ марбут аст, гарчанд шаклҳои морфологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ комилан тобеанд. Онҳо тавассути лексика, маҷмуи мулоҳизаҳо, фикрҳо ва ақидаҳо амалӣ мешаванд. Дар чунин иттилоот шартҳои ба воситаи шаклҳои грамматикӣ интиқолдода хеле аҳаммиятноканд, чунки он бо функсияи услубии равандҳои тафаккур робита дорад. Паҳлуи иттилоотӣ барои интихоб, муқоиса имкони фароҳам меорад ва одитарин ҳолати истифодаи асосҳои назариявии омӯзиши феълҳои тафаккурии онҳоро аз лиҳози услубӣ фарқ мекунонад.

Калидвожаҳо: тафаккур, семантикаи лугавӣ, асосҳои назариявӣ, таҳлили муқоисавӣ, феълҳои тафаккур, метод ва сохтори маънои.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ГЛАГОЛОВ МЫШЛЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В процессе обучения отражаются теоретические основы изучения глаголов мысли в таджикском и английском языках. Глагол «думать» определяют основной смысл того, что человек интеллектуальными усилиями достиг определенного результата и планирует его проанализировать. Такие глаголы образуют небольшие смысловые группы.

Автор статьи также начал лингвистическое исследование данной темы, которая сейчас считается теоретической основой изучения мыслительных глаголов в таджикском и английском языках. В частности, автор указывает, что языковой аспект, данные грамматические формы при формировании мыслительного процесса в таджикском и английском языках, могут быть теоретической основой изучения глаголов мышления. Изменение теоретических основ изучения глаголов мысли предсказывает, что значение связано с морфологическим аспектом, хотя морфологические формы в таджикском и английском языках полностью подчинены. Они реализуются через словарный запас, совокупность соображений, мыслей и мнений. В такой информации очень важны условия,

передаваемые через грамматические формы, так как они связаны со стилистической функцией мыслительных процессов. Информационный аспект дает возможность выбора, сравнения и выделяет наиболее распространенный случай использования теоретических основ изучения мысленных глаголов со стилистической точки зрения.

Ключевые слова: мышления**,** лексическая семантика, теоретические основы**,** сопоставляющего анализа, глаголов мышления, метод и структуру значения

THEORETICAL BASIS FOR STUDYING THINKING VERBS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The theoretical basis for studying thought verbs in Tajik and English is reflected in the training process. These verbs "to think" define the main meaning of the fact that a person has achieved a certain result through intellectual efforts and plans to analyze it. Such verbs form small semantic groups.

The author of the article also began a linguistic study of this topic, which is now considered the theoretical basis for studying thinking verbs in Tajik and English. In particular, the author points out that the linguistic aspect, these grammatical forms in the formation of the thought process in Tajik and English, can be the theoretical basis for studying thinking verbs. The change in the theoretical foundations of studying verbs of thought predicts that the meaning is associated with the morphological aspect, although morphological forms in the Tajik and English languages are completely subordinate. They are realized through vocabulary, a set of considerations, thoughts and opinions. In such information, the conditions transmitted through grammatical forms are very important, since they are associated with the stylistic function of thought processes. The information aspect provides an opportunity for choice, comparison and highlights the most common case of using the theoretical foundations of studying mental verbs from a stylistic point of view.

Key words: thinking, lexical semantics, theoretical foundations, comparative analysis, verbs of thinking, method and structure of meaning.

Маълумот дар бораи муаллифон: Давлатозода Ф.Ҷ. – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, ҶТ, ш. Кулоб, к. С.Сафарова – 16, **Тел**: (992) 985891160, E-mail. Fayziddin-84@mail.ru

Сведения об авторе: Давлатзода Ф.Дж. – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** 735360, РТ, г. Куляб, ул. С.Сафарова 16. **Тел:** (992) 985891160, E-mail. fayziddin-84@mail.ru

Information about the author: Davlatzoda F.J. – candidate of science philology, senior teacher of the department of method teaching foreign languages in Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. **Address:** 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. **Phone:** (992) 985891160, E-mail. fayziddin-84@mail.ru

ТДУ: 37.0+81-1 (075)
О-47

ШАХСИЯТИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ДАР ШИНОХТИ ШОИРОНИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Одинаева Г.М., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Саидова П., омӯзгор
Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 7-и ш. Кӯлоб

Ҳар кишвару давлатро бо мутафаккирон ва донишмандони бузургаш мешиносанд. Вақте ки номи мутафаккирро ба забон меорем, ҳатман шаҳр, ноҳия ва мамлакате, ки ӯ зиндагӣ кардааст, пеши назар меояд. Кӯлоб низ ҳамин тавр аст, вақте ки Кӯлоб мегӯем, пеши назар бузургони он, аз ҷумла мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва шахсияти ин олими беназир пеши назар ҷилвагар мегардад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мутафаккир ва донишманди бузург буда, бо таълифоти худ мардумро ба илму дониш ва дурустиву ростӣ дар зиндагӣ ҳидоят менамояд. Ӯ хислатҳои волои инсонӣ аз қабили қаноатпешагӣ, таҳаммулпазирӣ, дурандеширо дар рӯзгор муқаддас дониста, кӯшиш менамояд, ки аз хислатҳои бад дур бошад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи чунин симоҳои намоён аст, ки шуҳрату нуфӯзи ӯ дар Тоҷикистону Покистон, Ҳиндустону Эрон, Афғонистону Ӯзбекистон ва мамлакатҳои араб маъруф аст. Ин аст, ки намунаи осори хаттӣ ва нашри ӯ дар китобхонаҳои Тоҷикистону Покистон, Ҳиндустону Эрон, Афғонистону Ӯзбекистон, Туркия, Англия, Фаронса, Хитой ва ғайра маҳфузанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ ҳангоми таҷлили 680-солагии ин донишманди бузург таъкид карда буданд, «Воқеан, шахсони бузурге чун ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ танҳо бо миллату маҳал ва мазҳаби алоҳидае маҳдуд набуданд. Бузургии онҳо аз ин доираҳо берун омада, баҳри хизмати аҳли башар вусъати ҷаҳонӣ пайдо мекунанд, ки нишонаи возеҳи он эътирофи эҳтироми миллату халқҳои гуногун аст» [10, с. 3].

Бо ифтихор гуфта метавонем, ки ворисони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ - мардуми шарафманди шаҳри Кӯлоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷашни 700-солагиро дар сатҳи баланд гузарониданд.

Васфи аҳвол ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар эҷоди шоиру нависандагон мақоми волое дорад. Масалан, шоирону нависандагони Кӯлоб низ аз мақому мартабаи ин алломаи бузург ёдовар шудаанд. Аз ҷумла, шоирон Сомеъ Одиназода, Муҳаммад Ғоиб, Хайрандеш, Лутфи Хомӯш, Сафар Амирхон, Ҳақназар Ғоиб ва дигарон бузургии ин мутафаккирро васф кардаанд. Ва дар ҳамин радиф устод Ҳақназар Ғоиб низ қарор дорад. Ҳ. Ғоиб беш аз ним аср аст, ки бо шеъри ноби худ ба мардуми тоҷик ғизои маънавӣ ва эҳсоси худогоҳиву хештаншиносӣ талқин мекунад. Доираи мавзуоти ашъори шоир ниҳоят васеъ аст. Ва дар маркази он масъалаи маънавиёт меистад. Ин ҷо ман диққати аҳли назарро ба як шеъри Ҳ. Ғоиб ҷалб менамоям, ки ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшида шудааст. Ҳ. Ғоиб дар шеъри «Ман ҳам самаре аз нафаси Шоҳи кабирам» муҳаббати беандозаи худро нисбат ба ӯ бо фасоҳату дилбастагии том ифода кардааст.

Эй дил, ки ба хилваткадаи худ Ҳамадонӣ,
Як заррачае пеши Амири Ҳамадонӣ.
Он заррачае, ки зи каримии раҳи Ҳақ,
Бошад ба замин нусхаи хуршеди ҷаҳонӣ.
Он нусха, ки аз файзи кабирии Амирам,
Дар сӯз бувад бо ҳама пайдову ниҳонӣ.
Он сӯз, ки бар хурд диҳад дасти бузургӣ,

Бар кӯчакиҳо ҳадя кунад шаъни калонӣ.
Он кӯчакие, ки ба ҳама ниманамоӣ,
Аксе диҳад аз мартабаи даври каёнӣ.
Он давр, ки дунёи бузургию шараф буд,
Буда ҳамаи насли Каён ҳамдами ҷонӣ.
Эй дил, ту маро низ чу ҳамдам бишиносӣ?
Чун гавҳарие дар ҳарами худ бишиносӣ?
Дар маъракае, ки ҳама аҳли назарастанд,
Оё паи хизмат ту маро боз бихонӣ?
Ман ҳам самаре аз нафаси Шоҳи Кабирам,
Як шоири саргаштаи дунёи маонӣ.
Бо табъи дигар зода шудам ҷои ниёгон,
Бинад зи ман оё ки Каён даври ҷавонӣ.
Эй дил, ки яке саҷдагари Шоҳи Кабирӣ,
Кошо, хабаре з-олами воло бирасонӣ
Эй халқи ҷаҳон! Ҳақназар абдӣ бипазируфт,
Он ҷо, ки шаҳӣ дошт Амири Ҳамадонӣ. [5, с. 3].

Яъне дар ин порча Ҳ. Ғоиб чунин ҷиҳати хоси Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: бузургию эътибор ва қудрату тавоноии ӯро баён кардааст

Ё ин ки дар шеъри «Ҳар Мир Сайид Алии Сонӣ намешавад», ки сафарҳои пай дар пай, муҳоҷироти солиёни зиёд, дурӣ аз Ватани азизаш, ҳиҷрони хешу пайвандони меҳрубонаш, ки қисмаш дар Эрону қисми дигараш дар хоки Хатлон мезистанд, бузургворро хело хаста карда буд, Муҳаммад Ғоиб чунин тасвир кардааст.

Гар роҳи хирад роҳи ҷаҳонгирӣ аст,
Беҳтар зи ҳама кори ҷаҳонмирӣ аст.
Якранг ба дидагони Шоҳи Ҳамадон,
Ирониву Хатлонию Кашмирӣ аст [2, с. 444].

Унсури дигари муҳим дар матбуот муассис мебошад. «Муассис ҳуқуқи мулкӣ ва роҳбарии нашрияҳои таъсисдодаи воситаи ахбори оммаро дорад». [27]. «Маърифати омӯзгор»-ро Вазорати маориф ва илми кишвар таъсис дода буд ва то ҳол муассиси он ба ҳисоб меравад. Н. Саидзода бо ифтихор изҳор доштааст: «Дар сохтори Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ шумораи аз ҳама бештари рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, маҷаллаҳои гуногун арзи вуҷуд доранд, илова ба ин, дар ҳамаи вилоятҳо ва қариб тамоми шаҳру ноҳияҳо рӯзномаҳои назди раёсату шуъбаҳои маориф амал мекунанд.» [24, с. 11]. Дар ҳақиқат, дар низоми соҳаи маориф ва илм на танҳо нашрияҳои зиёди марказии вазоратӣ, балки муассисавӣ, пажуҳишгоҳӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва синну солию мактабӣ фаъолият доранд. Ин аст, ки муҳаққиқони соҳаи рӯзноманигорӣ ҳангоми таҳқиқи соҳа масъалаи матбуоти маорифро

ҳамеша дар мадди назар доранд. [4, с. 63]. Бо вуҷуди ин, назария ва вазифаҳои асосии матбуоти соҳавӣ дар кишвари мо омӯхта нашудааст.

Унсури муҳимми дигар дар рӯзноманигорӣ шахсияти «журналист» (рӯзноманигор) аст, ки дар ҷомеа мавқеи баланд дорад. Зеро «журналист, пеш аз ҳама зиёӣ маҳсуб ёфта, намояндаи ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва касбӣ мебошад». [27]. Имрӯз вобаста ба соҳаи инъикос дар рӯзноманигории соҳаи маориф ихтисосҳои шореҳ, муқарриз, суҳбатнигор, ҳаҷвнавис, ташкилотчӣ ва барномасоз, корманди соҳаи интернет ба вуҷуд омадаанд. Бо вуҷуди ин, дар журналистикаи имрӯза «модели пешинаи матбуоти сотсиалистӣ билкулл аз байн нарафтааст» [27], унсурҳои беҳтарини матбуоти аввалини соҳаи маориф дар саҳифаҳои «Маърифати омӯзгор»-и давраи истиқлолият мушоҳида мешаванд.

Соли 2012 барои аҳли матбуоти тоҷик соли ҷашнҳои касбӣ буд. Матбуоти тоҷик садсола шуд, ҳамчунин 85-солагии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ва 80-солагии ҳафтаномаи «Омӯзгор» ҷашн гирифта шуд. Ба ифтихори ҷашнҳои мазкур китобу мақолаҳои зиёд ба табъ расиданд. Аз ҷумла таҳқиқоти М. Муродӣ, М. Рустамзода, Х. Андамов, Н. Нурализода бисёр саҳифаҳои номаълуми нашрияҳоро равшан карданд. Ба қавли муҳаққиқи соҳаи матбуот М. Рустамзода ҳарчанд нахустин намунаи матбуоти соҳаи маориф маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» (моҳи марти соли 1926) аст, оғози матбуоти соҳаи маорифро «Дониш-биниш» («Раҳбари дониш») донистан дуруст аст, ки моҳи августи соли 1927 дар Самарқанд нашр шуда, нашрияи расмии Вазорати маорифи Тоҷикистон буд. Хулосаи муаллиф чунин аст, ки «агар ягон вақт таърихи маорифи тоҷикро иншо кунанд, аввалин рӯзномаҳои тоҷикиро ҷузъи таърихи он бояд ҳисоб намуд». [19, с. 4] Ҳамин тавр, ба муносибати яксолагии ташкили Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон баҳори 1926 Вазорати маорифи кишвар нашрияи аввалинро бо номи «Дониш ва омӯзгор» дар шаҳри Душанбе ба чоп расонд, ки ба сабаби мушкилоти молӣ ва техникӣ ба зудӣ аз чоп бозмонд. Яъне, метавон гуфт, ташаббускор ва масъулони нашри қариб ҳамаи матбуоти аввалини ҷумҳурӣ коркунони маорифи тоҷик буданд. «Барои мо, омӯзгорону алоқамандони соҳаи маориф ва илм, боиси ифтихор аст, ки дар саргаҳи матбуоти тоҷик маҳз роҳбарони соҳаи мо қарор доштанд». [23, с. 6]. Баъди як сол – моҳи августи соли 1927 маҷаллаи дувуми Вазорати маорифи Тоҷикистон, дар шаҳри Самарқанд бо номи «Дониш-биниш» ба чоп расид, ки дар шиносномааш «маҷаллаи иҷтимоиву тарбиявӣ, фаннӣ ва адабӣ» навишта шуда буд. Яъне, иҷтимоӣ ва фаннию тарбиявӣ будани он таъкид гардидааст. Маҷаллаи мазкур, ки аз шумораи дувум номи «Раҳбари дониш»-ро гирифт, барҳақ шумораи аввалини «Маърифати омӯзгор»-и имрӯза маҳсуб меёбад. «Пайдоиши «Дониш-биниш» барои аҳли маданияти тоҷик ҳодисаи хурсандибахш буд». [26, с. 130]. Шумораи аввали он дар трести полиграфии Ӯзбекистон, чопхонаи «Овози тоҷик» ба теъдоди 1,5 ҳазор нусха чоп шуд. Аз шумораи дувум масъули чоп Собит Манофзода таъйин шуд. Дар шиносномаи «Дониш-биниш» омадааст, ки он «маҷмуаи илмӣ ва адабӣ аст, ки моҳе як бор нашр мешавад», ҳамчунин, дар эълони саҳифаи дигар педагогӣ будани он таъкид гардидааст: «Дониш-биниш»… маҷмуаи илмӣ ва педагогӣ мебошад» ва дар он «мақолаҳои илмӣ ва таълим-тарбиявӣ» ба табъ мерасад. Ин аст, ки аз 18 матлаби шумораи аввали маҷалла 11 ададаш ба таълиму тарбия, 3 адабӣ, 2 илмию сиёсӣ, 2 тиббӣ бахшида шудааст. «Дониш-биниш» бо мавзуъ ва мундариҷаи худ талаботи муаллимонро қонеъ карда тавонист, зеро дар он муаллимон ва зиёиён, хонандагони дигар мақолаҳои ба худ лозимаро пайдо карда тавонистанд». [26, с. 130]. Дар «Дебоча» нахуст аз мушкилоти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ сухан рафта, аз навқаламон даъват шудааст, ки дар таълифи хабару мақолаҳо ширкат варзанд. «Маҷмуаи «Дониш-биниш» … соҳибони қалам ва мунавварони тоҷикзабонро ба ёрии худ ҷеғ мезанад». [6, с. 2]. Пеш аз ҳама омӯзгорони тоҷик аз ин даъват истиқбол карданд ва аз ҳисоби онҳо сафи журналистони тоҷик афзуд, ба бисёр жанрҳои асосии рӯзноманигорӣ асос гузошта шуд. Шумораи дувум бо номи «Раҳбари дониш» дар шаҳри Тошканд бо мазмуну мундариҷа ва сифати беҳтар чоп гардид. «Собит Манофзода, дарвоқеъ, барои ороиши техникии маҷалла қувваи зиёде сарф карда, онро дар шакли хеле диққатҷалбкунанда ва бо номи дигар – «Раҳбари дониш» чоп кард». [26, с. 131]. Баъди шумораи дувум ҳарчанд маҷалла серсоҳа шуд – «илмӣ, фаннӣ, адабӣ, таълим ва

тарбиявӣ ва сиёсӣ», боз ҳам соҳаи маориф дар ҷойи аввал буд, масалан, аз 36 саҳифаи шумораи дуюми соли 1927 нисфи он – 17 саҳифа, ба соҳаи маориф бахшида шудааст. Ҳаҷми маҷалла калон, саҳифа зиёд ва ороиш хуб гашт. Матолиб аз рӯи мавзую мазмун мувофиқ ба талаботи журналистика ба тартиб дароварда шуд. Ҳар қисм бо номҳои «Қисми иҷтимоӣ», «Қисми адабӣ», «Қисми таълим ва тарбия», «Қисми фаннӣ», «Қисми танқидӣ», қисмҳои «Дунёи занон», «Тақдимоти адабӣ», «Таҳқиқоти адабӣ», «Алифбои нав» матолиби ба мавзуъ наздикро дар бар мегирифт. Аз ҷумла, дар «Қисми таълим ва тарбия»-и ҳар шумора аз ду то чор матлаб оид ба масъалаҳои соҳаи таълиму тарбия ҷой дода мешуданд. Рубрикаҳои «Адабиёт», «Тандурустӣ», «Ба мо менависанд», «Алоқа бо хонандагон», «Китобиёт», «Китобҳои тоҷикӣ», «Ихтор», «Эълон», «Хабарҳои фаннӣ», «Фан ва санъат» ва ғайра кушода шуданд, ки зери онҳо мақолаҳое чоп мешуданд, ки «барои муаллим дастури бевоситаи таълиму тарбия буданд». Бо мақсади алоқа бо хонандагон ду рубрика таъсис дода шуд. «Ба маълумоти онҳое, ки бо рубрикаи «Ба мо менависанд» шиносанд ва ин рубрикаи ошноро дар бисёр нашрияҳо мебинанд, мерасонем, ки эҷодкори нахустини он ҳайати таҳририяи «Раҳбари дониш» мебошад». [20, с. 7-8]. Дар он солҳои душвор «ҳамаи мактабҳо аз ҳисоби назорати маориф бепул як нусхагӣ аз ин маҷалла мегирифтанд». [26, с. 133]. Яке аз махсусиятҳои «Раҳбари дониш» ҷой додани аксҳои равшан ва зернавиштдошта ва шиорҳои мувофиқ дар дохили мақолаҳо мебошад. «Нашрия бо инъикоси масъалаи ташкили мактабҳои нав, усулҳои замонавии таълим, тартиби дарс, интишори адабиёти таълимӣ ва амсоли ин ба ташаккули муаллимони замони нав нақши муҳим бозид». [11, с. 67]. Ба андешаи мо, «Раҳбари дониш», ҳамчунин майдони таҷриба ва ташаккули гурӯҳи калони рӯзноманигорони тоҷик буд. Илова ба ин, забони «Раҳбари дониш» назар ба матбуоти дигар («Овози тоҷик», Самарқанд, соли 1924, «Бедории тоҷик», Душанбе, соли 1925) фаҳмо, содаву равон буд. Ҳақиқати мазкурро М. Шакурӣ низ тасдиқ кардааст: «Агар забони маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (Самарқанд, 1919-1921) бо рӯзномаи «Овози тоҷик», Самарқанд, аз соли 1924 ва ё «Бедории тоҷик», (Душанбе, аз 1925) муқоиса шавад, бештар аз ҳама ин чиз ба назар мерасад, ки дар забони ин ду рӯзнома унсурҳои гуфтугӯи авомона ва беқоидагӣ бо суръат афзоиш ёфта ва забон оҳиста-оҳиста аз форсии адабии ҳазорсола дур шудааст». [3, с. 198]. Аммо дар «Раҳбари дониш» чунин норасоиҳо мушоҳида нашуданд.

«Маърифати омӯзгор» чун дигар васоити ахбор борҳо ном дигар кардааст. Ба андешаи мо, номивазкуниҳои зиёди маҷалла талаби замон, сиёсат, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давр буд. Азбаски, нимаи дувуми солҳои 20-уми асри XX босаводгардонӣ, маърифат ва дониш дар ҷойи аввал меистод, номҳои «Дониш ва омӯзгор», «Дониш-биниш», «Раҳбари дониш», «Саводи дониш» ва ғайра интихоб шуда буданд. Вақте инқилоби сиёсӣ ғалаба кард, аввали солҳои сиюм вазифаи инқилоби маданӣ ба миён омад, аз ҳамон вақт номи нашрияҳо дигар шуд. «Як хусусияти умдаи матбуоти даврӣ, аз ҷумла нашрияҳои соҳавӣ он буда, ки онҳо дар ҷараёни инкишоф вобаста ба руҳияи ҷомеа ва ғояи иҷтимоии замон тағйири ном карда, мақсаду маром ва вазифаҳои худро ба сиёсати ҳукумату давлати вақт мувофиқ гардонидаанд. Ин усул дар шароити имрӯз низ ба назар мерасад». [13, с. 6]. Ба ин монанд «Раҳбари дониш» низ то моҳи июли 1932 бо чунин ном боқӣ монда, сипас, номаш тағйир ёфт. Аз моҳи ноябри соли 1930 дар як вақт маҷаллаи дигар бо хатти лотинӣ «Инқилоби маданӣ» чоп мешуд. Муддате ҳар ду маҷалла дар як идора ба нашр расида, муҳаррирон, кормандони эҷодиаш як буданд. Ниҳоят, аз моҳи августи соли 1932 нашри «Раҳбари дониш» боздошта, қисмати маориф ба «Инқилоби маданӣ» вогузор карда, барои қисмати адабиёт маҷаллаи махсуси «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (минбаъд «Садои Шарқ») таъсис дода шуд. Имрӯз тасмими мазкур дуруст ба назар мерасад, зеро ба талаботи замон мувофиқ буд. Баъд аз тағйири ном қисм ва рубрикаҳои собиқ «Қисми расмӣ», «Педагогика», «Тарбияи томактабӣ» ба рубрикаҳои асосӣ табдил ёфтанд. Дар оғоз сифати чоп хуб набуд, танҳо аз соли 1933 сифати чоп беҳтар, аксҳо равшан шуданд. Бо кадом сабабе соли 1936 теъдоди нашр хеле кам, то 1000 адад омада расид. Соли 1938 вобаста ба қарори ҳизб дар бораи тарҷеъ ба забони русӣ «Инқилоби маданӣ» номи «Револютсияи маданӣ»-ро гирифта, солҳои ҶБВ чопаш боздошта шуда, баъди ҷанг соли 1946 бо номи «Мактаби советӣ» аз нав

ба чоп шуруъ намуд. То даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳаррирони масъули маҷалла Ҳ. Неъматуллоев, М. Шукуров, Н. Маъсумӣ (муваққатӣ), Қ. Ҳакимзода, О. Бозоров ва дигарон буданд. Маҷалла аз шумораи аввали соли 1991 то соли 2006, 15 сол бо номи «Маърифат» нашр шуда, минбаъд номи «Маърифати омӯзгор»-ро гирифт. Дар даврaҳои гуногун М. Исматуллоев, М. Каримова, Қ. Маҳмудов, Б. Олимов, А. Абдувалиев, О. Бозоров, А. Афсаҳов, Ҳ. Қаҳҳоров, Л. Бузургзода, М. Шукуров, У. Тоиров ва Ҳ. Азиз, С. Набизода, Э. Сафарзода муҳаррирони маҷалла буданд. Ҳоло сармуҳаррири маҷалла Д. Қурбонова аст.

Муҳаққиқон қайд кардаанд, ки то солҳои охири даврони шуравӣ «Мактаби советӣ» нашрияи рӯимизии кулли омӯзгорон, донишмандону маърифатпарварони тоҷик буд. Теъдоди нашри он хеле афзуд, аксарияти оилаҳои тоҷик ба он обуна буданд, маводҳои онро соҳибони касбу кори гуногун хонда муҳокима мекарданд». [18, с. 4]. Дар соли охири бо номи «Мактаби советӣ» чоп шуданаш (с. 1990) теъдоди нашр ба зиёда аз 28 ҳазор адад расид. Шакли маҷалла хурд (70х1081/16), чун имрӯз аз 64 саҳифа иборат буд. Саҳифа ба ду сутун ҷудо карда шудааст.

«Мактаби советӣ» дар соли охири чопаш бо шиносномаи «маҷаллаи ҳармоҳаи илмию методӣ» чоп мешуд, соли 1991 баъди номи «Маърифат»-ро гирифтан «маҷаллаи ҳармоҳаи таълимию методӣ ва илмию оммавӣ» ном гирифт. Дар шумораи №1, с.1990 аз баргузории конфронси хонандагони маҷалла дар мактабҳои ноҳияи Колхозобод хабар дода, қайд шудааст, ки мухбирони маҷалла дар бисёр ноҳияҳо бо роҳбарони шуъбаҳои маориф ва мактабҳо суҳбат гузарониданд. Дар шумораи №11, с.1990 низ аз чунин конфронси хонандагон дар чанд ноҳияи вилояти Кӯлоб низ хабар дода мешавад. Ин аз он гувоҳ медиҳад, ки алоқа бо хонандагон наздик буд. Рубрикаҳои нав «Пункти консултатсионии «Мактаби советӣ», «Пешқадамони маорифи халқ», «Ба мо менависанд» (аз соли 1991 «Посухнома») ташкил шуданд. Дар бораи давраи мазкури таърихӣ мактабшинос ва журналист М. Лутфуллозода хотираҳояшро чунин ёдовар шудааст: «Банда дар маҷаллаи «Мактаби Советӣ» ҳамагӣ 9 моҳ кор кардам. Вале ҳамин муддат кофӣ буд, ки оид ба сирру асрори рӯзноманигорӣ, мақоланависӣ, таҳрир, саҳифабандӣ, саҳифахонӣ дониш ва таҷриба ҳосил намоям. Агар ба таври дигар бигӯем, маҷалла дасти навис-нависи маро рост кард, ки умре миннатдорам». [10, с. 31].

Аз шумораи №1, с.1991 маҷалла номи «Маърифат»-ро гирифт. Дар бораи сабаби номдигаркунӣ иттилоъ дода нашудааст. Ҷиҳати назаррас он аст, ки теъдоди нашр якбора афзуда, ба зиёда аз 20 ҳазор адад расидааст. Ягона фарқ дар ороиш ин аст, ки вобаста ба қонуни забон дар шумораҳои 1 ва 2 дар паси муқоваи охир ва аз шумораи 3 дар болои муқова номи маҷалла ба хатти ниёгон низ сабт шудааст. Аз ҷумлаи маводи нисбатан назаррас дар ин давра суҳбати нисбатан ошкор бо вазири вақти маориф И. Давлат мебошад. Дар он масъалаҳои иқтисоди бозорӣ, таъсири он ба вазъи омӯзгорон, барномаҳои таълимӣ ба миён гузошта шуда, вазир чунин иброз доштааст: «Дар саҳафоти маҷаллаи «Маърифат» мехостам пеш аз ҳама таълифотеро мутолиа кунам, ки новобаста аз мансабу мароми одамон кушодани нуқсонҳо мавҷуд дар кори таълиму тарбияро ҳадафи худ қарор додаанд, бидуни тарс, фошофош, рӯёрӯй аз ин гуна нобасомониҳо ҳарф мезананд». [2, с. 5]. Фарқияти дигари муҳтавои маҷалларо дар солҳои охири даврони шуравӣ ва оғози истиқлолияти кишвар аз он иборат донистан мумкин аст, ки масъалаҳои сиёсӣ, баҳсу мунозираҳои ҳизбию гурӯҳӣ тамоман инъикос нашудаанд.

Таърихи якасраи «Маърифати омӯзгор» сазовори омӯзиши журналистӣ, адабиётшиносӣ, таърих ва ҷомеашиносӣ мебошад. Ҳарчанд дар бораи таърих, мазмуну мундариҷа, сабку услуби он таҳқиқоти зиёд анҷом дода шудааст, ба қавли муҳаққиқ Б. Абдураҳимов ҷанбаҳои ҳанӯз таҳқиқнашудаи он зиёд аст, ки муҳимтаринаш инъикоси масъалаҳои соҳаи маориф бо усулҳои журналистикаи ҳозиразамон мебошад. [1, с. 43]. Истиқлолият барои омӯзиши таърихи матбуоти тоҷик шароити муҳим фароҳам оварда ва «дар ин самт пажуҳишҳои густардаву домандор сурат гирифтанд». [15 (а), с. 57]. Яке аз чунин асарҳо монографияи Н. Нурализода «Машъали маориф» мебошад, ки дар он таърихи

пайдоиш ва рушду такомули яке аз нашрияҳои соҳаи маориф – ҳафтаномаи «Омӯзгор» мавриди таҳқиқ қарор гирифта, баробари он оид ба сароғози маҷаллаи «Раҳбари дониш» низ маълумоти васеъ дода шудааст. [15 (а), с. 58]. Махсусан, ба муносибати 85 ва 90-солагии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ва 90-солагии ҳафтаномаи «Омӯзгор» дар саҳифаҳои нашрияҳои мазкур мақолаҳои зиёд ба табъ расиданд. Дар муқоваи шумораҳои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» соли 2017 рамзи 90-солагии маҷалла ҷой дода шуд. Дар саҳифаҳои матбуоти соҳавӣ ва нашрияҳои дигари ҷумҳуриявӣ мақолаҳои муҳаққиқони матбуоти соҳавӣ М. Муродӣ ва М. Рустамзода ба чоп расиданд, ки дар онҳо иттилооти зиёд оид ба маҷаллаи мазкур ба чашм мерасанд. Дар мақолаҳои «Роҳбалади матбуоти аҳли маориф» ва «Рӯзноманигорони муаллим»-и М. Рустамзода бори аввал таъкид гардидааст, ки маҳфилҳои рӯзноманигорӣ бо номи «Кружоки мухбирони коргару деҳқон», ки аз тарафи воситаҳои ахбори марказӣ таъсис мешуданд, дар мактабҳо тамаркуз доштанд. «Аксари нашрияҳои аввалини тоҷикиро роҳбарони соҳаи маориф ташкил карданд ва бештари кормандонаш ҳам аз ҳисоби кормандони маориф буд. Ин анъана минбаъд ҳам идома ёфт: бисёр солҳо нашрияҳои соҳаи маорифро вазири маориф, мудирони шуъбаи маориф, омӯзгорон роҳбарӣ мекарданд». [21, с. 8]. Дар ҳамин шумораи маҷалла тақризи М. Муродӣ ба китоби М.Рустамзода «Нахустматбуоти соҳаи маориф» низ ба табъ расидааст. Муҳаққиқ М. Муродӣ дастовардҳои асарро аз ҷумла аз ин иборат донистааст: «Муаллиф ба мавзуъ ва маводи таҳқиқии марбут ба он назари интиқодӣ дорад. Баъзан ба маводи пажуҳишӣ бо шубҳа менигарад, иштибоҳи муаллифонро ошкор ва шакли дурусти онро дар такя бо манбаъҳои аслӣ нишон медиҳад. Бо ин усул ӯ на танҳо панорамаи пайдоиши матбуоти даврии тоҷикро бозгӯ менамояд, балки лабораторияи эҷодӣ ва касбии нахустин маҷаллаи соҳаи маорифи кишварро ошкор намуда, бо зикри вижагиҳо сурату сирати онро ба хонанда намо медиҳад». [12, с. 11]. Мақолаи муҳимми дигар, ки ба ҳалли мавзуъҳои алоҳидаи мо кумак мерасонад, «Мазмуну мундариҷаи «Раҳбари дониш» дар солҳои бистум» аст. Дар он сабабҳои ташкили маҷалла чунин зикр ёфтааст: «Солҳои 1925-1926 Вазорати маорифи навтаъсиси Тоҷикистон баробари аввалин таҷриба дар кори босаводгардонӣ, ба роҳ мондани таълиму тарбия дар кори матбуот низ қадамҳои нахустин гузошт». [22, с. 3]. Сипас, дар бораи сохт, ороиш ва мазмуну мундариҷа, жанрҳои аввалини хабар, тақриз, рубрикаву гӯшаҳои махсус дар шумораҳои аввалин маълумот дода шудааст. Агар дар ду соли аввали ташкилшавӣ маҷалла бештар хусусияти маърифатӣ ва таълиму тарбиявӣ дошта бошад, минбаъд дар охири солҳои бистум ва аввали сиюм ин махсусиятро аз даст дода, ба маҷаллаи таълиму тарбия, сиёсӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ табдил ёфт. Ба андешаи мо, ин ҳолат ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давр, ба миён омадани талаботи нави сиёсию иҷтимоӣ вобастагии қавӣ дорад.

Яке аз сармуҳаррирони маҷалла У. Тоиров дар бораи алоқамандӣ ва фаъолияти хеш дар маҷалла чунин ёдовар шудааст: «Солҳои 2002-2006 аз сабаби нав шудани барномаҳои таълим барои омӯзгорон мушкилиҳои зиёде пеш омаданд. Барои осон кардани ин мушкилиҳо мо дар ҳар шумораи маҷалла зери рубрикаҳои «Порае аз китоби дарсӣ», «Ба ёрии муаллимони мактабҳои миёна», «Салом, компютер» мақолаҳои зиёд чоп кардем». [25, с. 57]. Ҳамчунин, дар ин давра бо дастгирии Вазорати маорифи кишвар маҷалла ба рӯйхати нашрияҳои аз тарафи ВАК-и Русия эътирофшаванда ворид карда шуд, ки ин кори унвончӯёни соҳаи педагогикаро осон кард. Аммо, чӣ тавре ки У. Тоиров қайд кардааст, имтиёзи мазкур баъди он ки номи маҷалла дигар шуд, аз байн рафт. Мавсуф, ҳамчунин аз таҷрибае нақл кардааст, ки қобили пайравӣ мебошад. Дар маҷалла он вақт маводи баҳсиро, ки хосатан дар мавриди ҳусну қубҳи китобҳои дарсӣ дастрас мешуданд, бе фош кардани номи муаллифи мақола ба муаллифи китоб нишон дода, ҷавоби ӯро ҳам гирифта, ҳар дуро якҷоя чоп мекарданд. Муаллифи дигар Х. Раҳим аз фаъолияти хеш дар маҷалла, дастоварду таҷрибаҳо ёдовар шуда, яке аз анъанаҳои некро дастгирии муаллифон донистааст. Муаллиф бо зикри он, ки «ҳар сол ба маҷалла беш аз 35 ҳазор кас обуна мешуд, қайд кардааст, ки вобаста ба ин, ба почтаи идора мақолаҳо хеле зиёд меомад. Ба муаллифон барои ҳавасмандӣ ҳаққи қалами хуб дода мешуд» [17, с. 11] ва умед кардааст, ки таҷрибаи мазкур минбаъд истифода хоҳад шуд.

Шумораи махсуси «Маърифати омӯзгор» ба муносибати ҷашни мазкур дар соли 2017 оид ба таърих ва муҳтавои имрӯзаи нашрия маълумоти кофӣ дода метавонад. «Агар таърихи пурифтихор ва роҳи тайнамудаи ин маҷалларо варақгардон намоем, маълум мегардад, ки ин маҷалла қофиласолори матбуоти соҳавии тоҷик буда, дар саҳифаҳои он таърихи пурифтихори маорифи Тоҷикистон сабт гардидааст». [18, с. 4]. Муҳаққиқи илми журналистикаи тоҷик М. Муродӣ дар таҳлилу арзёбии маҷаллаи соҳаи маориф «Раҳбари дониш» ва «Маърифати омӯзгор» саҳми намоён гузоштааст. Мавсуф дар мақолае оид ба ташаккули нақди адабӣ қайд кардааст, ки «дар шумораи аввали ин маҷалла дар матлабе бо номи «Китобҳои тоҷикӣ» таъкид шудааст, ки китобҳо хоҳ бадеӣ, хоҳ дарсӣ бояд пеш аз чоп тақриз шаванд. Дар поёни матлаб рӯйхати 35 номгӯй китобҳое, ки ба забони тоҷикӣ чоп шудаанд, барои тақриз кардан ба хонандагон – аҳли зиё пешниҳод шудааст». [15, с. 43]. Рубрикаи мазкур имрӯз ҳам ба шакли «Китобҳои нави дарсӣ» мавҷуд аст. Муаллиф собит кардааст, ки нақди тоҷик дар солҳои сиюми асри гузашта «аз ҳисоби ду сарчашма» – таҷрибаи аввалини тақризнависӣ дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ва усулҳои маъмули нақди адабии классикии рус рушд ёфтааст. Ҳамин тавр, «ин маҷаллаи дар матбуоти даврии солҳои 1920-1930 ягона минбаре будааст, ки дар саҳифаҳои худ ба таври нисбатан мунтазам тақризҳо чоп карда, ба ин васила дар ташаккули ин жанр саҳми назаррас гузоштааст». [15, с. 52].

Дар саҳифаҳои «Маърифати омӯзгор» дар солҳои охир на танҳо ба таърих, муҳтаво ва рушду нумуи нашрияи соҳаи маориф таваҷҷуҳ шудааст, балки дар мавриди масъалаҳои умумии журналистика, бори аввал дар бораи нозукиҳои рӯзноманигории соҳавӣ мақолаҳо ба табъ расиданд. Устоди ДМТ С. Гулзод қайд кардааст, ки баъди ташкили факултети журналистика то солҳои 2000-ум устоди ин фан намерасид. Ҳоло устодони касб зиёданд, ки мутахассисони ҷанбаҳои алоҳидаи соҳаи мазкурро омода месозанд. Баробари ин, дар назди устодон талаботи махсус меистад ва муаллиф 11-тои онро ёдовар шудааст. Аз ҷумла ба фикри ӯ «муаллими журналистика бояд мавқеи расмии давлатӣ ва андешаи миллӣ», «таҷрибаи фаъолияти амалӣ дар воситаҳои ахбори омма дошта бошад», «бо рӯзномаҳо ҳамкорӣ кунад», «аз набзи расонаҳои ватаниву хориҷӣ бохабар бошад», «шогирдонро дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намояд» ва ғайра. [5, с. 25]. Бешубҳа, мулоҳизаҳои мазкур барои тарбияи рӯзноманигорони ҷавон дар соҳаи маориф кумак расонида метавонад.

Бо назардошти он ки дар солҳои охир маҷалла дар самти алоқа бо хонандагон, гузаронидани назарпурсиҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад, гуфтан мумкин аст, ки шароит “тақозо менамояд, журналистика ба сотсиология бештар майл кунад. Яъне, ба таҳқиқи масъалаҳо ва баррасии онҳо муносибати сотсиологӣ дошта бошад”. [11, с.31-32]. Аз ин рӯ, гузаронидани назарпурсиҳо зарур буда, нақши матбуотро имрӯз “бе муносибати сотсиологӣ, яъне ба назар гирифтани афкори мардум, таъмини рангорангӣ дар иттиллоот тасаввур кардан душвор аст”. [11, с.47]. Бо ин мақсад нашрия аз рубрика, саҳифаҳои махсус ва назарсанҷиҳо истифода мебарад.

Мақолаи А. Ёрмуҳаммадов «Маориф дар саҳифаҳои нахустин нашрияҳои Осиёи Миёна» низ аз аҳаммияти умумӣ бархурдор мебошад. Дар он оид ба омил, замина ва пайдоиши касби рӯзноманигорӣ, рӯзномаи нахустин дар Осиёи Миёна «Туркестанские ведомости» (с.1870) маълумоти саҳеҳ дода шудааст. Боиси қайд аст, ки «инъикоси вазъияти маорифи халқ дар фаъолияти «Туркестанские ведомости» ҷои махсусро ишғол мекард». [7, с. 13]. Дар ҳақиқат, «Туркестанские ведомости» ва «Туркестанская туземная газета» бо органи расмии генерал-губернатор буданашон нигоҳ накарда, дар ташвиқу тарғиб ва инкишофи маорифи замонавӣ хизмати сазовори таърихӣ карданд. Бо гузашти солҳо қимати маводи ин нашрияҳо меафзояд». [7, с. 14]. Ҳамчунин, ба фикр мо, саҳми рӯзномаи мазкур дар пайдоиш ва шаклгирии рӯзноманигории замонавии халқҳои Осиёи Миёна калон аст.

Асари М. Муродӣ «Метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ» барои омӯзиши масъалаҳои журналистика, аз ҷумла маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ҳамчун идомабахши анъанаҳои рӯзноманигории тоҷик аз аҳаммияти калон бархурдор аст. Дар он оид ба

истилоҳҳои нави соҳаи журналистика чун метод, методология, дониш, маърифат, ғоя, фарзия, санҷиш, таҳлил, ҷамъбаст, индуксия, дедуксия, амсиласозӣ, дефинитсия, назария ва ғайра шарҳу эзоҳи дақиқ оварда шудааст. Аз ҷумла қайд шудааст, ки «ВАО барои аксари ихтисосҳои илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ объекти таҳқиқ шуда метавонад. Ин ба табиати мураккаб доштани ВАО ва имконоти аз равзанаи гуногун ба он муносибат намудан алоқаманд аст». [14, с. 34]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки омӯзиши маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» барои илмҳои гуногун маводи зарурӣ дода метавонад. Баробари ин, ба андешаи мо, дар ин маврид муносибатҳои таърихӣ, сотсиологӣ низ дар омӯзиши маҷаллаи мавриди назар нақши калон бозида метавонанд. Муаллиф дар асари мазкур аз ҷумлаи мушкилоти имрӯзаи матбуоти даврӣ инҳоро номбар кардааст: 1) монандии мазмуну мундариҷаи аксар нашрияҳо, ин ҳолат дар матбуоти соҳавии маориф бештар ба назар мерасад: 2) ғайрижурналистӣ будани бархе аз матолиб; 3) надоштани коршиносони доимӣ; 4) хусусияти музофотӣ, пойтахтӣ пайдо кардани баъзе нашрияҳо; 5) номувофиқатии матну аксҳои истифодашаванда. Ин ҳолатҳо дар «Маърифати омӯзгор» ҳам мушоҳида мешавад: баъзан шумораи бештари мақолахо аз пойтахт мебошанд, аз имкониятҳои интернет истифода намуда, аксҳоеро ба кор мегиранд, ки «на танҳо ба мундариҷаи мавод чандон часпон нестанд, балки ба ҳувияти миллии мо мувофиқ намеоянд». [11, с. 65]. 6) Ниҳоят, масъалаи забон ва услуби нашрияҳо мавзуи алоҳида буда метавонад.

Дар умум, гуфтан мумкин аст, ки муассиси маҷалла – Вазорати маориф ва илми кишвар ва роҳбарияти он аз фаъолияти нашрияҳои соҳавии худ, пеш аз ҳама ҳафтаномаи «Омӯзгор» ва маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» қонеъ буда, онҳоро дастгирӣ мекард ва мекунад. «Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ дар ҳалли ҳама гуна мушкилоти соҳа ва муваффақ шудан ба комёбиҳо нақши матбуоти соҳавиро эҳсос мекунад ва пайваста барои рушди он, аз ҷумла, барои таҳкими фаъолияти маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» – минбари баёни андешаҳои тоза ғамхориҳо зоҳир менамояд... «Маърифати омӯзгор» миёни нашрияҳои соҳа бо мавҷудияти хеш дар солҳои тулонӣ мақоми устодиро дорад». [23, с. 7].

Хулоса, омӯзиши дақиқи мавзуи маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ҳамчун қофиласолори анъанаҳои рӯзноманигории тоҷик имконият медиҳад, ки нақши маҷаллаи мазкур дар ташаккули журналистикаи тоҷик муайян карда шавад. Маълум мешавад, маҷалла ташаббускори пайдоиш ва ташаккули як қатор анъанаҳои касби журналистӣ буда, жанрҳои махсусеро ба монанди мусоҳиба, суҳбат, тақриз, гузориш ва ғайра бори аввал истифода бурдааст. Ҳамчунин, муҳим аз ҳама, омӯзиши фаъолият ва таърихи маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» барои илмҳои гуногун маводи зарурӣ дода метавонад. Таҳқиқ нишон дод, ки агар дар солҳои аввали ташкил маҷалла бештар хусусияти маърифатӣ ва таълиму тарбиявӣ дошта бошад, минбаъд дар охири солҳои бистум ва аввали сиюм ин вазифа каме тағйир ёфт. Сабаби ин мувофиқ гаштан ба ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ буд. Ҳамчунин, ин боис гардид, ки мавзую мундариҷа ва ҳатто унвону шакли маҷалла тағйир ёбад.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов, Б.А. Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX [Матн]: Авторефер. дисс.барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01. 10 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ / Б.А. Абдураҳимов.- Душанбе, 2025.-113 саҳ.

2. Абдусамад, А. Маориф ва иқтисоди бозор. Мусоҳибаи мо [Матн] /А.Абдусамад // Маърифат.-№1.-1991.- саҳ.2-5.

3. Бухороӣ, М.Ш. Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист (Вазъи забон аз назари Айнӣ [Матн] // Равшангари бузург. Душанбе: Адиб.- 2006, 340 саҳ. 186-339, с.198

4. Грабельников, А. Работа журналиста в газете [Текст] / А.А. Грабельников.- Москва.- МГУ.- 189 стр.

5. Гулзод, С. Муаллими журналистика: талаботи касбӣ ва маънавӣ (Мулоҳиза ва пешниҳод) [Матн] / С.Гулзод // Маърифати омӯзгор.-2023.-№3, саҳ.23-25.

6. Дебоча. Дониш-биниш.-Самарқанд. [Матн].- 1927, №1.- Бойгонии Китобхонаи миллии Тоҷикистон.

7. Ёрмуҳаммадов, А. Маориф дар саҳифаҳои нахустин нашрияҳои Осиёи Миёна [Матн] / А.Ёрмуҳаммадов // Маърифати омӯзгор.-2016.-№5, саҳ.12.-14.

8. Исмоилзода, З. Маърифатбахши кулли ҷомеа [Матн] / З.Исмоилзода // Маърифати омӯзгор.- 2017.- Нашри махсус.- саҳ.19-20.

9. Лазутина, Г. Основы творческой деятельности журналиста [Текст] / Г.Лазутина.- М., 2000. – 320 стр.

10. Лутфуллозода, М. Навад сол дар хизмати илму маориф [Матн] / М.Лутфуллозода // Маърифати омӯзгор.-2017.-Нашри махсус.- саҳ.30-31.

11. Муродов, М. Аз се шохаи як илм [Матн] / М. Муродов.- Душанбе: Истеъдод, 2014.-232 с.

12. Мурод̄, М. Сафҳаи мондагори матбуоти тоҷик [Матн] / М.Мурод̄ // Маърифати омӯзгор.-2017.-№3, саҳ.10.-11.

13. Мурод̄, М. «Маърифати омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳав̄ [Матн] / М.Мурод̄ // Маърифати омӯзгор.-2017.-№6-9.

14. Муродов, М. Метод ва методологияи таҳқиқи илм̄ [Матн] / М. Муродов.- Душанбе: Аржанг, 2019.- 160 с.

15. Мурод̄, М. “Раҳбари дониш” ва ташаккули нақди адаб̄ [Матн] / М.Мурод̄ // Маърифати омӯзгор.-2023.-№4, саҳ.43-53.

16. (а). Охунзода, Н. Пажуҳиши густарда доир ба матбуоти соҳав̄ [Матн] / Н.Охунзода // Маърифати омӯзгор.-2023.-№2, саҳ.57-59.

17. Прохоров, Е. Введение в теорию журналистики [Текст] / Е.Прохоров.- Москва, 1998.- 340 стр.

18. Раҳим, Х. Чӣ тавр корманди маҷалла гардидам? [Матн] / Х.Раҳим Раҳмон // Маърифати омӯзгор.-2016.-№3, саҳ.10-11.

19. Раҳмонзода, А. Омӯзгоронро «Маърифати омӯзгор» роҳбар аст [Матн] / А.Раҳмонзода // Маърифати омӯзгор.-2017.-Шумораи махсус.- саҳ.3-5.

20. Рустам, М. Нашрияҳои соҳаи маориф ва матбуоти тоҷик [Матн] / М.Рустам // Маърифати омӯзгор.-2012.-№2-3, саҳ.2-9.

21. Рустам, М. Роҳбалади матбуоти аҳли маориф [Матн] / М.Рустам // Маърифати омӯзгор.-2012.-№12, саҳ.3.-8.

22. Рустамзода, М. Рӯзноманигорони муаллим [Матн] / М. Рустамзода // Маърифати омӯзгор.-2017.-№3, саҳ.8-9.

23. Рустамзода, М. Мазмуну мундариҷаи “Раҳбари дониш” дар солҳои бистум [Матн] / М. Рустамзода // Маърифати омӯзгор.-2017.-№4, саҳ.3-8.

24. Саид, Н. Навад соли пуршараф. Сухани табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид бахшида ба 90-солагии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» [Матн] / Н.Саид // Маърифати омӯзгор.-2017.-Нашри махсус.- саҳ.6-7.

25. Саид, Н.С. Маориф ва матбуот тавъаманд. Сухани табрикии вазири маориф ва илми кишвар Саид Нуриддин Саид ба муносибати Рӯзи матбуот [Матн] // Маърифати омӯзгор.-2018.-№3, саҳ.10-11.

26. Тоиров, У. Сафҳае аз рӯзгори маҷалла. Мусоҳиба [Матн] / У.Тоиров // Маърифати омӯзгор.-2012.-№8, саҳ.56-59.

27. Усмонов, И., Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И.Усмонов, Д.Давронов.-Душанбе.- 2008.-280 саҳ.

28. Шишкин, Н.Э. **Введение в теорию журналистики / Главная страница сайта** dedovkgu.narod.ru ст. специальности «Журналистика», боргирӣ аз 03.02.2025.

МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР» – ҚОФИЛАСОЛОРИ АНЪАНАҲОИ РӮЗНОМАНИГОРИИ ТОҶИК

Ҳарчанд мавзуи таърихи пайдоиш ва ташаккули маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ба таври умумӣ зиёд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ташаккули он дар давраи Истиқлолияти давлатӣ омӯхта нашудааст. Давраи мазкур бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур мазмуну муҳтаво ва шаклу сохтори он дар муқоиса бо замони шуравӣ оварда шудааст.

Дар ҳақиқат, маҷаллаи «Маърифати омӯзгор», ки бо саъю кӯшиши маорифпарварони тоҷик дар нимаи дуюми солҳои 20-уми асри XX арзи вуҷуд карда буд, дар ташаккули рӯзноманигории тоҷик саҳми бузург гузоштааст. Ин маҷалла дар матбуоти даврии солҳои 1920-1930 ягона минбаре будааст, ки дар саҳифаҳои худ ба таври нисбатан мунтазам тақризҳо чоп карда, ба ин васила дар ташаккули ин жанр саҳми назаррас гузоштааст. Маҷаллаи мазкур, дар ҳақиқат, қофиласолори матбуоти соҳавии тоҷик буда, дар саҳифаҳои он таърихи пурифтихори маорифи Тоҷикистон сабт гардидааст.

Калидвожаҳо: журналистика, матбуоти соҳавӣ, иттиллооти махсусонида, маориф, журналист, маводи таҳлилӣ, мавзуъ, мақола, хабар, шарҳ, технология, робита бо хонанда.

ЖУРНАЛ «МАЪРИФАТИ ОМУЗГОР» — ОПЛОТ ТАДЖИКСКИХ ЖУРНАЛИСТСКИХ ТРАДИЦИЙ

Хотя тема истории возникновения и становления журнала «Маърифати омузгор» в целом широко обсуждалась, его становление в период государственной независимости не изучалось. Этот период отличается своими особенностями. Поэтому в данной статье представлены ее содержание, форма и структура в сравнении с советским периодом.

Действительно, журнал «Маърифати омузгор», возникший благодаря усилиям таджикских просветителей во второй половине 20-х годов XX века, внес большой вклад в становление таджикской журналистики. Этот журнал был единственным периодическим изданием 1920–1930-х годов, которое относительно регулярно публиковало на своих страницах рецензии, внеся тем самым значительный вклад в становление этого жанра. Этот журнал по праву является флагманом таджикской специализированной прессы, на его страницах зафиксирована славная история образования в Таджикистане.

Ключевые слова: журналистика, специализированная пресса, специализированная информация, образование, журналист, аналитические материалы, тема, статья, новость, комментарий, технологии, связи с читателями.

«MARIFATI OMUZGOR» JOURNAL - THE GUARANTOR OF THE TRADITIONS OF TAJIK JOURNALISM

Although the topic of the history of the emergence and development of the magazine «Marifati omuzgor» has been widely discussed in general, its development during the period of state independence has not been studied. This period has its own characteristics. Therefore, this article presents its content, form and structure in comparison with the Soviet period.

Indeed, the magazine «Marifati omuzgor», which arose thanks to the efforts of Tajik educators in the second half of the 20s of the twentieth century, made a great contribution to the development of Tajik journalism. This magazine was the only periodical of the 1920-1930s that published reviews on its pages relatively regularly, thereby making a significant contribution to the development of this genre. This magazine is rightfully the flagship of the Tajik specialized press; its pages record the glorious history of education in Tajikistan.

Key words: journalism, specialized press, specialized information, education, journalist, analytical materials, topic, article, news, commentary, technology, relations with readers.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоева Шабнам Раҷабалиевна, докторанти PhD-и курси якуми ихтисоси рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Телефон: 918560039

Сведения об авторе: Абдуллоева Шабнам Раджабалиевна, докторант PhD-и первого курса специальности журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Телефон: 918560039

Information about the author: Abdulloeva Shabnam Radzhabalievna, first-year PhD student in journalism at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Phone: 918560039

ТДУ:323.3+80(075.8)
В-19

ТЕРРОР ВА ТЕРРОРИЗМ - ХАТАР БА ПЕШРАВИИ ҶАВОНОН

Валиева Ф.Б., ассистент
Донишгоҳи давлатии Данғара

Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, инчунин, таҳдиди анҷоми кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо мебошад. Агар ба этимологияи вожаи терроризм назар афканем, дармеёбем, ки он аз калимаи фаронсавӣ гирифта шудааст ва маънои тоҷикии он ҳаросафканӣ, даҳшатафканӣ ва ваҳшатафканӣ мебошад. Аввалин корбурди «**Террор**» ва «**Терроризм**» ҳамчун истилоҳ дар замони муосир аз Инқилоби Кабири Фаронса сарчашма мегирад. Маврид ба зикр аст, ки ин истилоҳ дар оғоз бар хилофи мафҳуми имрӯзаи худ бори маънии мусбат доштааст.

Терроризм падидаи номтлуби замони муосир буда, ҷараёне гуфта мешавад, ки гурӯҳҳои ҳаросафкан бо истифода аз зӯровариву хушунат ё таҳдид ба ҳадафҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва ё идеологии худ расидан мехоҳанд. Мақсади ибтидоии терроризм, халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба таҳлука овардани аҳолӣ буда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатист. Мақсади ниҳоии чунин ҳаракатҳо бошад, маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳукуматӣ мебошад, ки ба манфиати онҳост ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва манзалати мақомоти давлатист. Ба ибораи дигар терроризм мактабест, ки асоси онро равиши таҳмили ақидаҳо ба дигарон фақат аз зӯроварӣ, террор, ҷанг, ваҳшат ошӯб, кушторҳои ҷамъӣ, шиканҷа, қатли ом ва амсоли инҳо ташкил медиҳад. Террорист метавонад фард, гурӯҳ ва ё давлат бошад. Ҳукуматҳоеро, ки бо ин равиш ҳокимияти худро пеш мебаранд **«тамомиятхоҳ»** меноманд. Имрӯз дар чандин кишварҳо бар асари дахолати доираҳои манфиатдори хориҷӣ манзилҳои зисти аҳолӣ, шаҳрҳо ва ёдгориҳои чандинҳазорсола сӯхтаву валангор шуда, ҳазорон нафар одамони бегуноҳ ва ҷавонон қурбон мешаванд.

Фаъолияти созмонҳои террористӣ ва дигар ифротгароён дар миқёси глобалӣ хислати фаромарзӣ гирифта, ҳудуди қариб ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро дар бар мегирад. Чи тавре, ки ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияи ифротгароӣ ва терроризм ҳамчун ҳодисаи сиёсӣ дар ду маврид ба миён меояд. Мавриди аввал вақте, ки дар ҷомеа адолат вуҷуд дорад ба қисми муайяни ҷомеа дар назди худ мақсад мегузоранд, ки бар зидди беадолатӣ мубориза баранд ва дар мавриди дуюм барои ҳокимият мубориза мебаранд. Дар айни ҳол, масъалаҳои муҳимме, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза башумор меравад, зеро зуҳуроти мазкур боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расондани зарари иҷтимоӣ ва динӣ, барангехтани низои миллӣ мебошад.

Имрӯзҳо миллионҳо одамон дар гӯшаҳои гуногуни дунё таҳдиди ҷангу даргириҳо рӯбарӯ шудаанд ва терроризму ифротгароӣ ҳамчун падидаҳои харобиовар боиси оқибатҳои

ногуворӣ сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гардиданд. Сабабҳои аслии мушкилоти зиёди ҷомеа ҷалби ҷавонон ба созмонҳои террористӣ, экстремистӣ, нашъамандӣ ва дигар ҳадафҳои ифротгароён шомил шудани ҷавонон мебошад. Тоталитаризм гунае аз режимҳои сиёсӣ мебошад, ки бо истифода аз қудрат ва бо асли эҷодӣ ваҳшат дар ҷомеа, дар ҳамаи корҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангию омӯзишӣ ба шакли инҳисорӣ дахолат мекунад.

Террорист- субъект, терроризм – сиёсат ва террор –воситаи ба амалбарории ин сиёсат аз ҷониби субъект аст. Аммо бо вуҷуди ин наметавон ҳадафу мақсад ва воситаеро, ки терроризм онро дар фаъолияти худ истифода мебарад, мутлақо аз террор ва даҳшатфиканӣ иборат донист. Зеро тамоми навъи амалиёти мусаллаҳона ва барқасдона хоҳу нохоҳ ҷониби муқобилро гирифтори тарс ва даҳшат месозад. Бинобар ин даҳшатафканӣ мақсади асосии терорризм набуда, ҳадафи муайян ва ё як навъ ниқоргирии фаъолияти онро ташкил медиҳад. Шояд «Ал-Қоида» бо ба амал баровардани ҳодисаи 11-уми сентябр касеро тарсонидан намехост. Зеро моҳияти тарсонидани касе ё чизеро аз раъяш гардонидан ва монеъ шуданро дорад. Аммо ин ҳодиса Амрикоро руҳшикаста нанамуд, баръакс, мубориза ва таъсиррасониашро бар муқобили терроризм тезонид ва шояд «Ал-Қоида» дар асоси ҳадафу бадастории манфиате ин амалро содир накарда буд, ки гӯё фаъолияти ӯ баёнгари пуштибонӣ аз ислом бошад. Чунки баъди ин ҳодиса давлатҳое, ки аксарияти аҳолии онҳоро мусулмонон ташкил менамуданд, бахусус давлатҳои мусулмонӣ гирифтори амалиёти харобиовари зиддитеррористӣ ва сиёсати геополитикии давлатҳои қудратманд, аз ҷумла ИМА гардида, ҳолати нооромии низоми сиёсии дохилидавлатиро соҳиб гардиданд. Пас хулосаи охирини ин амалиётро на тарсонидан, балки як навъ ниқоргирӣ метавон номид.

Бо дарназардошти падидаи хушунатбор ва таҳдидомез будани терроризм, ба осонӣ метавон гуфт, ки дар ҳар кадом аз давраҳои таърихӣ терроризм шакли хосе ба худ гирифтааст, ҳар чанд ҳар кадом аз он шаклҳо ҷойи баҳс, баррасӣ ва нақди худро доранд. Тақсимбандие, ки дар ин матлаб пешниҳод мешавад, нисбат ба тақсимбандиҳои дигар аз айният ва таърихияти бештаре бархурдор аст. Аз ин лиҳоз, метавон терроризмро ба равандҳои таърихии зерин тақсимбандӣ намуд: терроризми суннатӣ, терроризми модерн, терроризми пасомодерн, терроризми маҷозӣ (кибернетикӣ). Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас, хусусан ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳҳои ифротгаро мегардад. Дар чунин вазъият мо бояд масъулияти азими таърихӣ, рисолати шаҳрвандӣ ва осоиштагии ҷомеаи худро аз чунин пайомадҳои манфӣ ва таъсири қуввахои моҷароҷӯ эмин дорем.

Терроризмро вобаста ба фарогирӣ ба ду навъи умда тақсимбандӣ мекунанд: а)терроризми дохилидавлатӣ, ки фаъолияти гурӯҳҳои махсус ташкилшудаи террористӣ ва террористони алоҳида, ки амалҳои худро барои расидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ дар қаламрави як давлат ба амал мебароранд. б)терроризми байналмилалӣ – терроризме, ки амалҳои он дар ҳудуди бештар аз як давлат содир шудаанд, дар як давлат содир шуда, аммо тайёрӣ, ба нақшагирӣ, роҳбарӣ ё назорати онҳо асосан дар давлати дигар сурат гирифтаанд, дар як давлат содир шуда, вале бо иштироки гурӯҳи террористӣ ё ташкилоти террористӣ, ки фаъолияти ҷиноятиро дар ҳудуди на камтар аз як давлат амалӣ мегардонад, содир шудаанд, дар як давлат содир шуда, оқибатҳои ҷиддии онҳо дар давлати дигар ба вуқуъ омадаанд.

Дар миқёси сайёраи мо ҳаракатҳои террористӣ гуногун буда, шаклҳои гуногуни он вуҷуд дорад, аммо онҳоро унсурҳои умумии халалдор сохтани амнияти ҷомеа, ҳаросафканӣ, эҷоди тарсу ваҳшат ва фалаҷ сохтани пояҳои ҳокимияти давлатӣ дар як раддабандии умумӣ қарор медиҳад. Олимону муҳаққиқон навъҳои гуногуни терроризмро вобаста ба моҳият ва амалкардашон ба терроризми сиёсӣ, динӣ, экологӣ, фарҳангӣ, миллатгароӣ, ҷудоихоҳӣ, ҷиноӣ, биологӣ, иттилоотӣ ва ғайра ҷудо кардаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар замони муосир аз ҳама беш терроризми динӣ ҷаҳони муосирро ба мушкилот гирифтор намудааст. Ба ақидаи аксар сиёсатшиносон низ. Терроризм бештар дар дин, ки хусусияти ҷалбнамоӣ дорад ва пайравони худро ба тарс аз дӯзах ва умедвор кардан ба биҳишт даъват мекунад, реша давондааст. Дар бисёр маврид чунин ба назар мерасад, ки ифротгароён дар зери шиорҳои

динӣ баромад намуда, фармонҳои худро аҳкоми динӣ меноманд. Ин пеш аз ҳама ба хотири расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ равона шуда, бо сӯиистифода аз шуури динии мардум амалӣ мегардад, ки дар асл ҳеҷ рабте ба арзишҳои динӣ ва аҳкоми он надорад.

Ифротгароӣ дар тамоми дину оинҳо, аз қабили динҳои масеҳӣ, яҳудӣ, буддоӣ, ислом ва ғайра ба назар мерасад ва фаъолияти ифротгароёнаи гурӯҳҳои террористии динии гуногунро мо дар ҳама кишварҳои олам мушоҳида мекунем. Аммо дар замони муосир ифротгароии динӣ аз ҳама беш дар миёни пайравони дини ислом мушоҳида мешавад. Солҳои охир да миёни кишварҳои исломӣ гурӯҳҳои зиёди ифротии динӣ, ба монанди гурӯҳҳои ба ном Давлати исломӣ Толибон, Ал – қоида, Ҳизб-ут-таҳрир, Салафия, Ансор – ул – лоҳ, Аҳрор-уш-Шом, Ҳаракати исломии Узбекистон, ҲНИТ ва ғайра фаъолияти ифротгароёнаи худро ба роҳ монда аз номи дини ислом баромад намуда, мардумро ба самти ифроту ваҳшоният мекашонанд.

Дар айни ҳол, масъалаҳои муҳимме, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро зуҳуроти мазкур боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расондани зарари иҷтимоӣ ва динӣ, барангехтани низои миллӣ мебошад. Имрӯзҳо миллионҳо одамон дар гӯшаҳои гуногуни дунё ба таҳдиду ҷангу даргириҳо рӯ ба рӯ шудаанд ва терроризму ифротгароӣ ҳамчун падидаҳои харобиовар боиси оқибатҳои ногувори сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гардидааст.

Дар ҷомеа падидаву равандҳо ва ҷараёнҳои сершумор мавҷуданд. Зуҳури ҳар яки онҳо ҳатман фикру мулоҳиза, таҳлилу тавсиф ва назариёти гуноугунро ба бор меорад. Гарчанде баъзеи онҳо муддатҳои зиёд аст, ки дар илмҳои гуногун омӯхта мешаванд, аммо таҳлили ҳамаҷонибаро соҳиб нагаштаанд. Терроризм дар радифи он падидаҳоест, ки ҳанӯз саҳми ягонаро доро нест.

Терроризм аз забони лотинӣ (*terror – даҳшат, ҳарос*) гирифта шуда, ба маънои муосираш дар охирҳои асри XVIII ҳангоми Инқилоби Бузурги Фаронса истифода шудааст [3, с. 14]. Он як навъ сиёсат, идеология ё амали иборат аз таҳдид, фишороварӣ, зурӣ нисбати шахсони алоҳида, гурӯҳи одамон, ҷомеа, ҳокимият, институтҳои ҳокимият, давлат ва низоми идоракунии он буда, баҳри расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иделогӣ, геополитикӣ ва имкониятҳои гуногун тарҳрезӣ шудааст. Ҳоло зиёда аз 200 навъи маънидоднамоии терроризм мавҷуд аст, ки ҳеҷ як аз он умумӣ эътироф нашудааст. Дарки падида бошад, аз тавсифи мафҳумии он осон нест. Зеро бо вуҷуди характери бисёрсоҳа доштанаш, боз омили бавуҷудоӣ дар дохили як давлат ва мавқеъ гирифтан дар он, инчунин дар миқёси байналхалқӣ зуҳур карданаш як қатор мушкилиҳоро дар равшаннамоӣ ва дарки худ ба миён овардааст.

Терроризм яке аз шаклҳои манфуртарини экстремизми сиёсист. Мафҳуми экстремизм бошад, аз забони франсузӣ (*extremism*) ва аз лотинӣ (*extremus*) гирифта шуда, маънои канораро дорад [4, с. 553]. Экстремизм дар пояи пайравӣ ё эътиқод ба ҳиссиёт, амал, стратегия ё муносибат ба чизеву касе сар зада, ҳолату вазъияти махсуси зоҳиршавиро дорад. Амалиёти экстремистӣ аз доираи эътирофи умум дур буда, имконияти созиш, гуфтушунид ва ризоият бо субъектони он душвор ё имконнопазир аст. Фаъолияти экстремистӣ аслан тавассути таблиғоту ташвиқот (осоишта) ва тавассути ҷанг ё низои мусаллаҳона сурат мегирад. Терроризм як навъи мусаллаҳона ва муташаккилонаи экстремизми сиёсист.

Тарс дар бештари ҳолатҳо хоси нотавонон ё зердастон буда, истифодаи террор чун воситаи баамалбарории сиёсат, бештар аз ҷониби барандагони сиёсат(синфи ҳукмрон)аст. Террор дар нисбати халқ маҳз аз ҷониби онҳо сурат мегирад. Терроризм бошад, як навъ эътирозест алайҳи террор.

Террор ва терроризмро (ба он нигоҳ накарда, ки дар баъзе ҳолатҳо аломатҳои монандиеро ба худ мегиранд) метавон чунин шарҳ дод:

- террор ин таҳдид аз тарафи ҳокимият (ҳокимияти бо режими тоталитарии идоракунӣ асос ёфта) ё зулми қудратмандон нисбати нотавонон (беқудратон) аст;

- терроризм бошад, акси террор зӯроварии ҷониби нотавон нисбати ҷониби пуркувват мебошад. Бинобар ин, дар як мавриd ин ду падидаро метавон муқобили ҳам номид [9, с. 10].

Террорро беш аз ҳама дар навъи муносибатҳои зер, ки гузашта ва замони имрӯзаро дар бар мегиранд, метавон нишон дод:

-истилокориҳои шоҳон;

-ҳокимон (мансабдорон) ва субъектҳои дохилӣ (халқ);

Терроризм фаъолиятест, ки баҳри дигаргунсозии сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вайронсозии идеологияи давлатӣ, тағйирдиҳии идоракунии давлатӣ ва режими давлатӣ, вайронсозии ягонагии ҳудудӣ бо методҳои ҷиноӣ ва террор мебошад.

Якчанд шаклҳои терроризмро фарқ мекунанд, ки асоситарини онҳо навъҳои зер мебошанд [13, с. 50]:

✓ *Терроризми сиёсӣ* – ин навъи терроризм бо истифода аз таҳдид ҷомеаро ба ҳолати моҷарогароӣ оварда мерасонад, ки дар натиҷа ҷудоӣ ва бесарусомонӣ хоси он ҷомеа мегардад. Ба сифати субъекти терроризми сиёсӣ чун қоида ҳизбҳои сиёсии радикалӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи дохили ҳизб ё иттиҳодҳои ҷамъиятӣ, ташкилоти экстремистӣ баромад мекунанд.

✓ *Терроризми миллатгароӣ* – ин навъи терроризм бо таҳаммулнопазирии миллӣ асос ёфта, дар фаъолияти он маҳдудсозии фаъолияти намояндагони ин ё он халқ бо истифода аз террор асос ёфтааст. Терроризми миллатгароӣ бо сепаратизм алоқамандӣ дорад, ки он ҳамчунин баҳри иҷрои амалҳои дигар, тағйирот дар сохти давлати мавҷуда, вайронсозии ягонагии ҳудудӣ, ташкили давлати соҳибистиқлол анҷом дода мешавад. Ба мисоли чунин навъи терроризм Армияи ҷумҳуриявии Ирландия (Ирландияи шимолӣ), Ҳизби коргарии Курдистон (Туркия), Фронти озодихоҳи Квебака (Канада), Паланги озодихоҳи Тамил Илама (Шри-Ланка)-ро номбар намудан мумкин аст.

✓ *Терроризми динӣ* – он ба муқобили сиёсати глобалии давлатҳои абарқудрат, ки кулли давлатҳои ҷаҳонро дар як «хонаи бузург» муттаҳид кардан мехоҳанд, ки ин иқдом оқибат ба дини онҳо рахна ворид месозад равона гардидааст. Баъзе аз ин навъи ташкилот бахусус Ҳизболлоҳ, Ал-қоида мақсади бунёди хилофати мусулмониро доранд.

✓ *Терроризми ҷиноӣ* - он бо куштор, низоъ андохтан байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, таъсир расонидан ба фаъолияти намояндагони ҳокимият асос ёфтааст.

✓ *Терроризми технологӣ*, ки таҳдиди аз ҳама бештар дорад. Он бо истифода аз яроқи ядроӣ, кимиёвӣ, бактериологӣ ва воситаҳои радиоактивӣ, инчунин муҳосираи объектҳо, яроқҳо, маводҳои ядроӣ мақсадҳои хешро амалӣ мегардонад.

✓ *Терроризми кибернетикӣ* – он нисбати ҳамаи навъҳои терроризм таҳдиди бештар дорад. Асоси фаъолияти он роҳ ёфтан ба васоити ахбордиҳӣ, аз ҷумла Интернет ва пахш кардани маълумоти бардурӯғ, инчунин тағйир додани далелҳо мебошад. Ба монанди ин навъи фаъолияти террористӣ, террористон боз як методи дигареро пайдо кардаанд, ки ин ба оби мавриди истифодабарии умум қарордошта ҳамроҳ сохтани моддаҳои заҳролуд ба шумор меравад. Он хатари бештареро барои аҳолӣ эҷод менамояд.

Мақсадҳои терроризмро ба ду навъ ҷудо мекунанд:

- **Дохилӣ** – ба вуҷуд овардани бетартибиҳо дар минтақаҳои гуногуни як давлат, ҳизбҳоро ба ҳам ангехтан, паст намудани эътибори ҳокимият ва боварии мардум нисбат ба он;
- **Берунӣ** - суст намудани робитаҳои байналхалқӣ, байнидавлатӣ, ба вуҷуд овардани моҷароҳо байни минтақаҳо, фишор ба шаҳрвандони давлатҳои дигар [2, с. 76].

Фаъолияти созмонҳои террористӣ ва дигар ифротгароён дар миқёси глобалӣ хислати фаромарзӣ гирифта, ҳудуди қариб ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро дар бар мегиранд. Чи тавре, ки ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияи ифротгароӣ ва терроризм ҳамчун ҳодисаи сиёсӣ дар ду мавриd ба миён меояд. Мавриди аввал вақте, ки дар ҷомеа беадолатӣ вуҷуд дорад, қисми муайяни ҷомеа дар назди худ мақсад мегузоранд, ки бар зидди беадолатӣ мубориза баранд ва дар мавриди дуюм барои ҳокимият мубориза мебаранд.

Дар марҳилаи ҳозир душманони миллат нишон медиҳанд, ки ҳадафи онҳо ба ҷуз барангехтани ҳисси нобоварӣ нисбат ба давлату ҳукумат ва тафриқаандозӣ миёни афроди миллат нест, вагарна бо чи сабаб аз ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии Ватан канораҷӯйи мекунанду монанди аксари шаҳрвандони мамлакат дар рушди кишвари худ ширкат намеварзанд, меҳнат ва эҷод намекунанд дар паноҳи дигарон ҷой гирифта аз каноре айбҷӯиву харобакориро пеша кардаанд.

Имрӯзҳо терроризм аз ҷониби ҳар як сиёсатмадор ҳар навъ маънидод карда мешавад. Маҳз ҳамин омил боис мегардад, ки раванди баҳамоии давлатҳоро баҳри мубориза алайҳи терророризм мушкил созад. Бояд қайд кард ки терроризм ин реаксияи ҷомеа нисбати ин ё он ҳодисаи муайян аст [9, с. 51]. Аммо ба ин нигоҳ накарда давлатҳо низ дар ин амал ба сифати иштирокчии асосӣ ва ё кумакгари ташкилотҳои террористӣ зоҳир мешаванд. Департаменти давлатии ИМА якчанд давлатҳоро, аз ҷумла Ироқ, Эрон, Либия, Судон, Кореяи Шимолӣ дар даст доштан ба амалҳои террористӣ ва роҳ додани террористон дар ҳудуди кишвари худ айбдор сохтааст. ИМА бо ин роҳ муборизаи зиддитеррористии худро ҳамроҳ бо дигар давлатҳо асоснок менамояд.

Мубориза алайҳи терроризм дар навъҳои гуногун сурат мегирад. Давлатҳои ҷаҳон роҳҳои зиёди мубориза бо онро пеш мегиранд, то ҳар чӣ зудтар аз ин падидаи манфур наҷот ёбанд. Аввалин кӯшиши мубориза ба муқобили терроризмро Лигаи Миллатҳо соли 1937 дар асоси қабули Конвенсия «Оиди пешгирии терроризм ва муҷозот барои амалиёти террористӣ» ба миён оварда буд [11]. Соли 1985 бошад, АГСММ изолятсия «дар бораи терроризми байналхалқӣ» -ро ба тавсиб расонид.

Дар муборизаи зидди терроризм миёни мамлакатҳо ҳамоҳангӣ, фаҳмиши ягона ва иттиҳод вуҷуд надорад. Кам нестанд ҳодисаҳое, ки ягон давлат гурӯҳҳои ҷудоихоҳи дар дохили мамлакати худ амалкунандаро гурӯҳҳои террористӣ эълон мекунад ва ба рағми онҳо мубориза мебаранд, ҳамзамон дигар давлат мекӯшад онҳоро ба манфиати худ истифода барад.

Чунончи, Русия ҷудоихоҳони чеченро гурӯҳҳои террористӣ эълон дошт ва якчанд сол алайҳи онҳо муборизаҳои мусаллаҳона мебурд, ки ба идомаи муборизаи чеченҳо зидди Маскав Амрико манфиатдор буд.

Замоне, ки Русия ҷудоихоҳони чеченро террорист мешуморид, Амрико онҳоро муборизони роҳи озодии Ватан эътироф менамуд. Агар чеченҳо иқтидори пурзӯреро соҳибанд ва модоме, ки онҳо амалиёти террористиро содир мекунанд, он бе нишондод ва дастури Амрико буда наметавонист. Аммо чаро Амрико муборизаи халқи Фаластинро дастгирӣ намекунад, баръакс, муборизони Фаластинро террорист эълон медорад.

Хитой ҷудоихоҳони Синзянро гурӯҳҳои террористӣ эълон кард ва нисбати онҳо мавқеи қотеъонаро ишғол намудааст. Агар онҳо ягон вақт ба муборизаи зидди ҳокимияти марказӣ бархезанд, яқин Амрико онҳоро чун муборизони роҳи истиқлолу озодӣ дастгирӣ хоҳад кард, зеро заифшавии ҳукумати марказии Хитой ба доираи манфиатхои геополитикии Амрико дохил мешавад. Дастгирии ҷудоихоҳони кашмирӣ дар мубориза ба муқобили ҳукумати Деҳлӣ аз ҷониби Исломобод на ба хотири дастгирии гурӯҳҳои исломии Кашмир, балки ба хотири ҳадафҳои сиёсиву геополитикии худаш сурат мепазирад.

Бо рӯйдодҳои 11 сентябр вазъи сиёсии ҷаҳон ба куллӣ тағйир ёфт ва масъалаи мубориза бо терроризм дар сатҳи мукаммалтару ҳамаро фарогиранда ба вуҷуд омад. Мубориза алайҳи терроризм агарчӣ сард нест, вале ба «ҷанги сард», ки то соли 1991 идома дошт, шабоҳат дорад [1, с. 70].

Мутаассифона, гоҳо ҷараёни мубориза бо терроризм, ки солҳои охир сурат мегирад, ба назар чунин мерасад, ки он як навъ мубориза бар зидди ислом бошад. Аз равиши воқеаҳо дида мешавад, ки он як навъ мубориза алайҳи ислом, ҳаракатҳои исломӣ ва кишварҳои исломист. Дар зери шиори мубориза алайҳи терроризм мубориза алайҳи ислом нуҳуфта аст [10, с. 177].

Баъди амалиётҳои террористии сентябри соли 2001 дар Ғарб дар бораи терроризми исломӣ сухани зиёд мегӯянд, вале ислом ба монанди динҳои дигари ҷаҳонӣ нисбат ба

хушунату зӯроварӣ муносибати манфӣ дорад Ислом наметавонад сарчашмаи терроризм бошад. Кариб инсонеро дарёфт намудан ғайриимкон аст, ки пайрави ягон дин набошад. Ҳар як дин пайравони худро дорад. Бахусус динҳои ҷаҳонӣ: ислом, насрония ва буддоия, ки миллиардҳо пайравони худро пайдо кардаанд. Ба ислом нисбат додани терроризм ин маънои исломро дини бадӣ, пайравони онро пайрвони бадӣ хондан ва асосгузори онро чун асосгузори идеологияи террористӣ донистан ва баҳо додан аст. Ин таҳқири сахтест ба 1.5 млрд. пайравони ин дин.

Оё аз ҷониби Амрико ва давлатҳои Аврупо, ки бештари аҳолиашонро пайравони дини насронӣ ташкил медиҳанд исломро асоси терроризм донистан, байни ду дини ҷаҳонӣ ихтилофи бе ин ҳам ҷойдоштаро қувват бахшидан ва ба номи динҳои осмонӣ иснод овардан нест. Давлатҳои абарқудратро лозим аст, ки дар ҳукмбарорӣ ба иштибоҳу барқасдкорӣ роҳ надиҳанд, ки ин ба иззати нафси мусулмонони воқеӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Вақтҳои охир хитобаҳои «террористро миллату мазҳаб нест» бисёр садо медиҳанд, вале ин маънои онро надорад, ки террорист ҳамчун инсон ба ягон миллат тааллуқ надорад ва мазҳаберо пайравӣ намекунад. Террорист, гарчанде миллат дорад, аммо ба ягон миллат, ҳатто ба миллати худ раҳму шафқат надорад. Динеро эътироф мекунад, аммо аз боиси сатҳи пасти ҷаҳонбинии диниаш амалеро содир мекунад, ки хилофи дин аст. Агар инсон чунин хусусиятҳоро дорост, пас аз ҳар дуи ин унсурҳо ӯ ҷудост. Вақте шахсе амали бад содир мекунад, дигарон набояд, некиро маҳкум созанд, зеро ба ӯ ҳамин тарки некӣ боис гаштааст, ки бадӣ кардааст. Аз ин рӯ, дар бораи ислом низ набояд аз рӯи фаъолияту рафтори шахс ва ҷамъиятҳои алоҳида ҳукм кард, баръакс ислом меъёри баарзишоварандаи рафтору амали одамон аст. Ҳар шахсе аз ислом бохабар нест, аз кулли кирдорҳои хеш бехабар аст.

Вақте Афғонистонро қушунҳои Шуравӣ тасарруф намуданд, Амрико барои кумак ба муҷоҳидони афғон ягон воситаро дареғ надошт ва якчанд таълимгоҳҳоро барои иҷрои амалиёти махсус омода сохт, то онҳо бо қушунҳои Шуравӣ мубориза баранд. Имрӯз бошад, даспарвардаҳои мактаби ӯ «дарди сар»-и худи ӯ гардидаанд. Ҳамчунин, ба сари қудрат омадани «Толибон», ки аз сиёсат дараке надоштанд, туфайли Амрико сурат гирифта буд. Ба сари қудрат омадани гурӯҳи аз сиёсати замонавӣ ноогоҳ барои сиёҳ кардани ислом айни муддао буд. Амрико бо амалу рафторҳои худ ба душманони ислом баҳри таъкиди андешае баҳона дод, ки исломи сиёсатомехта барои ҷомеа «фоҷеа» аст.

Ҳоло давлатҳои аз ислом дар ҳаросбуда, бахусус ИМА, терроризмро баҳона карда, на танҳо таъсири бади маънавии худро ба олами ислом мерасонанд, балки онро бо теғу туфанг хароб месозанд. Аз ҳар як тири Амрико, ки ба хоки Афғонистон ва Ироқ мехӯрад, як «террорист» мерӯяд. Пас оё модари терроризм падари «демократияи зӯракӣ» Амрико нест?

Барои давлатҳои бар зидди терроризм муборизабаранда, ки ҳар соле чандин созишномаҳои зиддитеррористӣ таҳия месозанд ва бо чандин ташкилотҳои террористӣ мубориза мебаранд, аз як ҷиҳат кифояткунанда хоҳад буд, ба ҷойи қабули чандин конвенсияҳо як созишнома дар доираи як созмони байнидавлатӣ таҳия созанд ва на бар зидди чандин ташкилотҳои террористӣ, балки бар зидди як террорист мубориза баранд, ки он Амрикост.

Солҳои охир дар кишварҳои ИДМ амалҳои мушаххасе баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм сурат мегиранд. Ҳуҷҷатҳои сиёсиву ҳуқуқие қабул мегарданд, ки ба сифати санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ шинохта мешаванд. Ҳамкорӣ дар соҳаи низоми байни давлатҳои аъзои он вусъат меёбанд. Ҳатто маркази ягонаи муборизаи зидди терроризм ва экстремизм (соли 2000) таъсис дода шудааст, ки он дар асоси аҳдномаи байни кишварҳои ИДМ аз моҳи июни соли 1993 оиди муборизаи муштараки зидди терроризм фаъолият дорад.

Шурои сарони давлатҳои ИДМ барномаи мубориза бар зидди терроризм ва шаклҳои дигари зуҳури экстримизмро пазируфта буд. Роҳбарони кишварҳои ИДМ дар Ереван қарор доданд, ки неруҳои муштараки зудамалро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил намоянд. Ташкилоти Ҳамкории Шанхай (ШОС) бошад, Конвенсияи муборизаи зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизмро қабул намудааст [5, с. 44].

Дар замони муосир якчанд роҳҳои мубориза бо терроризм мавҷуданд: ҳуқуқӣ, зӯрӣ, дохилӣ ва берунӣ. Роҳҳои ҳуқуқии мубориза дар асоси нишондоди созишномаҳои байналхалқӣ сурат мегирад. Усули зӯрӣ, ки он ба азбайнбарии терроризм мусоидат намекунад, баръакс терроризмро ба вуҷуд меорад ва дар натиҷаи гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ чандин аҳолии осоишта низ зарар мебинад, ки ба ин, вазъият дар Афғонистон ва Ироқ мисол шуда метавонад. Мубориза бо терроризм дар сатҳи дохилидавлатӣ бо роҳи огоҳ кунонидани мардум ва пешгирӣ намудан ба амалиёти террористӣ сурат мегирад (гарчанде ИМА аз рафти тайёрии «Ал-Қоида» огоҳ буд, вале намедонист, ки зарба ба кучо ва кадом вақт зада мешавад) [9, с. 70].

Роҳи берунаи мубориза бо терроризм ба василаи қабули созишномаҳо ва ҳамкории давлатҳо сурат мегирад.

Зарбаҳои асосии терроризм асосан ба муқобили давлатҳои мусалмонӣ, Русия ва ИМА равона гардидааст, ки дар рӯйхати давлатҳои аз терроризм аз ҳама бештар зарардида ИМА дар ҷои аввал меистад, ки ин чунин ба назар мерасад, ки имрӯз гӯё байни давлатҳои мусалмонӣ, Русия ва ИМА як навъ ҷанг рафта истодааст, ки қушунҳои онҳоро даста ва ё ташкилотҳои террористӣ ташкил медиҳанд.

Давлатҳои ҷаҳон бо усулҳои гуногун муборизаи хешро бо терроризм амалӣ мегардонанд. Масалан дар Британияи Кабир махсус мақомоти зидди террористие мавҷуд аст, ки сардории онро генерал-майор-яке аз аъзоёни кумитаи разведка ва амният ба уҳда дорад. Он аз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин ҷониб фаъолият дошта, ба вазорати мудофиа тобеъ мебошад. Дастаи махсуси сарбозонро таълими муборизаи зидди террористӣ медиҳад [8, с. 156].

Дар ИМА, махсусан дар аэропортҳо низоми қатъии назорат ҷорӣ карда шудааст. Ҳар 10 дақиқа дар дохили ҳавопаймо ба мусофирон муроҷиат карда мешавад, ки баъди ба замин фуруд омадан дарҳол таксиро нишаста, аз истгоҳ дур шаванд [8, с. 156].

Низоми қатъии назорат дар Исроил баҳри пешгирии амалиёти террористӣ ҷорӣ гардидааст: дар ҳар як мағоза дастгоҳи махсуси муайянсозии яроқ дар бадани инсон (металлоискатель), насб карда шудааст, дар дохили автобусҳо баҳри бахатарии одамон посбон мавҷуд аст, дар ҳар як кӯчаву хиёбон камераҳои назоратӣ (махфӣ) шинонида шудаанд.

Масъулияти бештаре махсуси давлатҳое мебошад, ки объекти ядроиро дороянд. Зеро ҳолатҳое ба мушоҳида расидаанд, ки террористон кӯшиши бадастории онро (яроқи ядроиро) кардаанд. Чун ин яроқ ба дасти онҳо меафтад, хатари бузурге дар пешорӯи он давлат ва давлатҳои дигари ҷаҳон қарор мегирад.

Барои давлатҳои хурде, ки қудрат надоранд он роҳи муборизаи сермасраферо, ки давлатҳои абарқудрат пеш гирифтаанд, созмон диҳанд, ягона роҳи босамар, бедор намудани худшиносӣ, баланд бардоштани зиракӣ ва фарҳанги сиёсии аҳолии ҷомеа, таъмини ҳаёти хубу осоишта ба шумор меравад. Надоштани худшиносӣ, таъмини нокифояи зиндагӣ инсонро фирефтаи иҷрои амалҳои ношоиста мегардонад. Гурӯҳҳои гуногун ва давлатҳои алоҳида маҳз ҳамин нуқтаи заъфи инсонҳоро пайдо карда, онҳоро ба доми худ мекашанд.

Интихоби Афғонистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун нуқтаи марказии мубориза бо терроризм аз ҷониби ИМА тасодуфӣ набуд. Он аз ҳадафҳои пешбинишуда иборат аст. Маданияти нокифоя, иқтисодиёти рушднакарда ва сарватҳои фаровони он беш аз ҳама диққати иттиҳоди давлатҳои зиддитеррористиро ҷалб макард. Маҳз сатҳи нокифояи ташаккули маданияти мардуми афғон аст, ки дар тамошои телевизион наворҳоеро, ки амрикоиҳо аз раванди амалиёти ҷангии артиши худ нишон медиҳанд, (ки он аз куштори мардуми афғон иборат аст) ба онҳо чун қаҳрамон ё ҳомии ватан аз хатари душман баҳо медиҳанд.

Пай бурдан душвор нест ки терроризм дар замони муосир дастгоҳи асосии идоракунии глобалӣ гардидааст. Зеро тавассути ҷанг бадастории минтақае ва дар зери итоати худ нигоҳ доштани он барои давлатҳои абарқудрат ғайриимкон гардидааст. Чунки дар бурдани ҷангҳо дар замони имрӯза хоҳу нохоҳ давлатҳо аз яроқи ҳастаӣ истифода мекунанд.

Давлатҳо чун дар ҳолати ҳамбастагӣ қарор доранд, он ҷанг давлати дигареро бетараф гузошта наметавонад. Иштироки якчанд давлатҳо дар ҷанг ин даъвати ҷанги ҷаҳонии минбаъда аст. Истифодабарии яроқи ҳастаӣ дар ҷанг, ба ақидае худ аз худ мафҳуми ғолибиятро аз байн мебарад. Бинобар ин ба ақидаи якчанд муҳаққиқон ҷаҳон кайҳост, ки дар ҳоли ҷанг қарор дорад ва барандаи ин ҷанг терроризм мебошад. Соли 1947 Сталин эълон дошта буд, ки ҷанги минбаъда – ҷанг баҳри захираҳо хоҳад буд. Баъдан Черчил низ арз дошт, ки ҷанги ояндаро на давлатҳо, балки террористон мебаранд [3, с. 59]. Ҳолати ба вуҷудомадаи солҳои охир ба таври пурра воқеият пайдо намудани ин андешаро исбот намуд.

Амрико мехоҳад бо баҳонаи мубориза бо терроризм ва ҳимояи давлатҳои камиқтидор, бахусус давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки наметавонанд амнияти худро аз терроризм дар алоҳидагӣ таъмин созанд, назорати геополитикии хешро таъмин намояд, ки ин бар хилофи чашмдошт амнияти ин давлатҳоро халалдор месозад. Зеро, касе, ки эҳтиёҷоти дигаронро соҳибӣ дорад, худи ӯро низ дар ихтиёр дорад, вайро истисмор мекунад ва баъзан бар хилофи қонунҳои мавҷуда ӯро асорат низ мекунад [6, с. 73].

Қадамҳои устувор ва воқеӣ баҳри мубориза бо терроризм дар асоси пешгирии амалияи зер бояд сурат бигирад.

- ба роҳмонии мақсаду идеяе, ки на танҳо ба минталитет ва манфиатҳои як давлату миллат хос аст, балки он бояд манфиатҳои тамоми миллатҳои сайёраро таҷассум намояд;

-дар шуур ва ботини ҳар як шахс ҷой додан ва пазонидани андешаи ватандӯстӣ;

-пайдо ва асоснок намудани он давлатҳое, ки ба терроризм рабте доранд ва тавассути роҳҳои одилона гирифтани пеши роҳи онҳо дар ин кор. Ин аз он ҷиҳат аст, ки вақте ба даста ва ё ташкилоти террористӣ кумаки давлат намерасад, террористон ба роҳзани муқаррарӣ табдил меёбанд.

Ҳоло давлатҳои ҷаҳон дар роҳи мубориза бо терроризм қонуну санадҳои муштарак ва инфиродиро таҳия месозанд. Тоҷикистон низ аз доираи он мамлакатҳои гирифтори терроризм ва экстремизм, берун нест. Гурӯҳҳои тундраве, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд омада буданд, то имрӯз мавҷудияти худро аз даст надода, мавридҳои гуногунро истифода намуда, амалиёти худро ба вуҷуд меоранд, ки ба ин, воқеаҳои соли охир дар қисмати Шимолу Ҷануби мамлакат мисол шуда метавонанд.

Тоҷикистон ҳамчун қисми стратегияи муҳимми байналхалқӣ, ки «ҷанг бар зидди терроризм» ном гирифтааст аз институтҳо ва давлатҳои хориҷӣ кумаки пулӣ мегирад. ИМА, Бонки тараққиёти Осиё ва Аврупо, давлатҳои хориҷии алоҳида маблағгузориашонро бештар мекунанд. Дар соли 2002 онҳо дар муқоиса ба 51 млн. доллари амрикоӣ дар тамоми соли 2001 кумакшуда, дар ҳудуди 322 млн. доллар ба Тоҷикистон кумак ваъда карданд [12, с. 4].

Роҳбарияти Тоҷикистон дар асоси санадҳои дохиливу байналхалкӣ муборизаи худро бо терроризм ба роҳ мемонад. Асосҳои ҳуқуқии муборизаи зидди терроризм дар заминаи низоми ҳуқуқӣ – қонун «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» сурат мегирад. Дар қонун субъектҳои бевосита ва бавоситаи мубориза бар зидди терроризм дар Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Субъектҳои бевосита бар зидди терроризм муборизабаранда, аз ҷумла амнияти зиддитеррористии худро таъминкунанда дар доираи ваколатҳое, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Қонун, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, мақомоти зерин мебошанд:

Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [7].

Қонунҳои мубориза бар зидди терроризм таҳияшуда аз ҷониби давлатҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон хосияти шахшуда надошта, онҳо метавонанд, вобаста ба навъҳои зуҳури терроризм ва сатҳи таъсири он ба ҷомеа, тағйир ва такмил ёбанд.

Аксарияти кишварҳои олам аз ҷиҳати этникӣ гуногунчеҳраанд. Ҳокимияти давлатӣ новобаста аз сатҳи инкишофаш асосан дар ҳимояи манфиатҳои аксарияти миллӣ қарор дорад, ки ин манбаи эътироз ва муқовимати ақаллияти миллии дигар мегардад [5, с. 16].

Омӯзиши терроризм ва оқибатҳои он аҳаммияти барҷастаи илмию назариявӣ, маърифатӣ ва махсусан амалӣ дорад. Зеро дар олами муосир қариб кишваре ё минтақаеро дарёфт кардан ғайриимкон аст, ки аз амалҳои террористӣ ва оқибатҳои ҳузновари он дар канор монда бошад. Солҳои охир, махсусан даҳсолаи охири он терроризм чунон шакл гирифтааст, ки дар гӯшаву канорҳои гуногуни олам дар марказҳои бузурги тамаддуни муосир ва ҳатто дар ҳаёти одамони алоҳида изи онро дарёфт намудан кори муқаррарӣ гардидааст. Омилҳо ва заминаҳои рушди терроризм, навъҳо ва хусусиятҳои зуҳураш ҳам сифатан ва ҳам ҳаҷман бузург гаштаанд.

Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва пос доштани онҳо ин ҳам қарз, масъулият, шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати ҳар фарди бедордилӣ ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ аст. Дар акси ҳол надонистани сарнавишти таърихии миллати худ, фориғболию бехабарӣ ва носипосӣ нисбати мероси маънавӣ - фарҳангӣ ҳар шахсро бо ин кор ҳақиқат гузошта ба бегонапарастию қадр накардани қимати дастовардҳои истиқлолияти миллӣ оварда мерасонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нақши фарҳанг ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамин раванд дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ эҳтиром ба таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз низоъҳои иҷтимоӣ ниҳоят бузург аст. Беҳуда нест, ки қувваҳои манфиатҷӯй дар оғози амалҳои худ аввал арзишҳои фарҳангию маънавиро коҳиш дода фалаҷ месозанд, баъдан ҳисси нобоварӣ ва таҳдидро пурзӯр намуда, ба амалҳои зишт ва хавфноки худ дигаронро ҷалб мекунанд.

Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас, хусусан ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳҳои ифротгаро мегардад. Дар чунин вазъият мо бояд масъулияти азими таърихӣ, рисолати шаҳрвандӣ ва осоиштагии ҷомеаи худро аз чунин пайомадҳои манфӣ ва таъсири қувваҳои моҷароҷӯ эмин дорем.

Дар шароити ҷаҳонишавию душвор гардидани муносибатҳои байналмиллалӣ, сиёсию иқтисодӣ ба масъалаҳои ҳифзи симои миллию мазҳабӣ пос доштани арзишҳои маънавӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар, хусусан ҷавонон диққати махсус зоҳир намоем.

Бинобар ин мо шаҳрвандони кишвар, омӯзгорон, мураббиён ва дигар фаъолони ҷомеаро зарур аст, ки дар маҷрои ҷаҳонишавӣ бо дарки масъулияти баланди худшиносии миллӣ, истиқлолияти худро натанҳо бо шиору гуфтор ситоишу парастиш, балки бо меҳнати софдилона ва самимӣ дар ҳама соҳаҳо таҳким бахшем ва барои таълиму тарбияи наврасон ва ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ худогоҳиву худшиносӣ, инчунин ҷалби онҳо дар корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои миллӣ ва ваҳдатӣ миллӣ саҳмгузор бошем.

Ҳадаф аз интихоби ин мавзуъ чунон, ки дар боло зикр шуд, яке аз масъалаҳои доғи рӯз будани терроризм ва хавфи зиёд доштани он ба низоми дохилаи давлатҳо (таъсир доштани он ба ҳар як фард ва ҳаёти ӯ) ва дар қатори ин давлатҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки омилҳои пайдоиш, ташаккул, роҳҳои аз байн бурдани терроризм ва дигар паҳлуҳои он баррасӣ гарданд.

Адабиёт:

1. Батошова А.К. Политический терроризм: детерминация и формы проявления. – М., 2004. – 200с.
2. Бернгард А.С. Стратегия терроризма. – Варшава, 1978. – 180с.
3. Жаринов К.В. Терроризм и террористы. – М., Харвест, 1999. – 198с.
4. Зокиров Г Н. Донишномаи сиёсӣ. – Душанбе, 2007. – 580с.
5. Зокиров Г.Н. Терроризм. – Душанбе: Ҳумо, 2004. – 300с.
6. Қаззофӣ М. Китоби сабз. – Душанбе, 1992. – 200с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1999. – №11.
8. Королев А.А. Террор терроризм в психологическом и идеологическом измерении: история и современность. - М.,2003. – 250.
9. Лансов С.А. Террор и террористы. – М., 2004. – 230с.
10. Нурӣ А. Муҷаддиди аср. – Душанбе, 2007. – 189с.
11. Организационно - правовые вопросы борьбы с терроризмом. www. Google. ru.
12. Тоҷикистон – сирҳои марговар: Ҳукми қатл дар қонун ва зиндагӣ. – Лондон, 2002.
13. Хоффман Б. Н. Терроризм. Взгляд изнутри. – М., 2003. –198с.

ТЕРРОР ВА ТЕРРОРИЗМ - ХАТАР БА ПЕШРАВИИ ҶАВОНОН

Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, инчунин, таҳдиди анҷоми кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо мебошад. Агар ба этимологияи вожаи терроризм назар афканем, дармеёбем, ки он аз вожаи фаронсавӣ гирифта шудааст ва маънои тоҷикии он ҳаросафканӣ, даҳшатафканӣ ва ваҳшатафканӣ мебошад. Аввалин корбурди “Террор” ва “Терроризм” ҳамчун истилоҳ дар замони муосир аз Инқилоби Кабири Фаронса сарчашма мегирад. Маврид ба зикр аст, ки ин истилоҳ дар оғоз бар хилофи мафҳуми имрӯзаи худ бори маънии мусбат доштааст.

Терроризм падидаи номтлуби замони муосир буда, ҷараёне гуфта мешавад, ки гурӯҳҳои ҳаросафкан бо истифода аз зӯровариву хушунат ё таҳдид ба ҳадафҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва ё идеологии худ расидан мехоҳанд. Мақсади ибтидоии терроризм, халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба таҳлука овардани аҳолӣ буда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатист. Мақсади ниҳоии чунин ҳаракатҳо бошад, маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳукуматӣ мебошад, ки ба манфиати онҳост ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва манзалати мақомоти давлатист.

Калидвожаҳо: террорризм, ҷомеа, ҳадаф, мавзуъ, падида, давлат, пайдоиш, ҷамъият, мақомот, ҷанг, обрӯ.

ТЕРРОР И ТЕРРОРИЗМ – УГРОЗА ПРОГРЕССУ МОЛОДЕЖИ

Терроризм означает совершение взрывов, поджогов, нарушение общественной безопасности, а также угрозу совершения вышеуказанных деяний с этими же целями. Если мы рассмотрим этимологию слова «терроризм», то обнаружим, что оно произошло от французского слова и его таджикское значение — пугать, ужасать, терроризировать. Первое использование терминов «Террор» и «Терроризм» в наше время относится ко временам Французской революции. Стоит отметить, что изначально этот термин имел положительный оттенок, в отличие от его нынешнего значения.

Терроризм — современное явление, определяемое как процесс, в котором террористические группы используют насилие или угрозы для достижения своих политических, религиозных или идеологических целей. Основная цель терроризма — нарушить общественную безопасность, запугать людей и подвергнуть население опасности, тем самым оказывая давление на государственные органы. Конечной целью таких движений является принуждение государственных органов к принятию негосударственных решений,

которые отвечают их собственным интересам, или подрыв репутации и престижа государственных органов.

Ключевые слова: терроризм, общество, цель, субъект, явление, государство, источник, общество, власть, война, репутация.

TERROR AND TERRORISM – A THREAT TO THE PROGRESS OF YOUTH

Terrorism means committing explosions, arson, violating public safety, as well as threatening to commit the above-mentioned acts for the same purposes. If we look at the etymology of the word "terrorism", we will find that it comes from the French word and its Tajik meaning is to frighten, horrify, terrorize. The first use of the terms "Terror" and "Terrorism" in our time dates back to the French Revolution. It is worth noting that initially this term had a positive connotation, in contrast to its current meaning.

Terrorism is a modern phenomenon defined as a process in which terrorist groups use violence or threats to achieve their political, religious or ideological goals. The main goal of terrorism is to violate public safety, intimidate people and endanger the population, thereby putting pressure on government agencies. The ultimate goal of such movements is to force state bodies to make non-state decisions that serve their own interests, or to undermine the reputation and prestige of state bodies.

Keywords: terrorism, society, goal, subject, phenomenon, state, source, society, power, war, reputation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Валиева Фирӯза Баҳромовна ассистенти кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара, Тел.: +992-908-77-75-12

Сведения об авторе: Валиева Фируза Бахромовна, ассистент кафедры журналистики Дангаринского государственного университета. Тел.: +992-908-77-75-12

About the author: Valieva Firuza Bakhromovna, assistant of the Department of Journalism and Translation of Dangara State University, Тел.: +992-908-77-75-12

ТДУ: 071 (2-тоҷ)
Г-34

ХУСУСИЯТҲОИ ТАБЛИҒ ДАР ВАО

Гадоева Ф.М., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ВАО яке аз воситаҳои маъмултарини таблиғотӣ ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа маҳсуб меёбанд. Васоити гуногун на танҳо имкон медиҳанд, ки аудиторияи мақсаднок интихоб шавад, балки муайян месозанд, ки ба нақша гирифта шаванд, ки кай ва кӣ таблиғро бубинад. Истифодаи таблиғоти васоити ахбори омма ба таблиғкунанда имкониятҳои васеъ барои шунидан, дидан ё хондан фароҳам меорад. Вобаста ба вазифаҳое, ки таблиғкунанда гузоштааст, барои ноил шудан ба ҳадаф ҳам расонаҳои анъанавӣ ва ҳам ғайрианъанавӣ метавонанд истифода шаванд. Одат аст, ки ВАО-и анъанавӣ ҳамчун ҷузъҳои маъмултарини он - радио, телевизион, матбуот, таблиғоти беруна, нақлиёт истинод карда шавад, ки қариб ҳамеша истифода мешаванд. ВАО-и ғайрианъанавӣ, аз қабили Интернет, таблиғи дохилӣ ва таблиғоти электронии намоишӣ қариб ҳамаи воситаҳои ахбори оммаи навро дар бар мегирад.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки ҳамаи воситаҳои ахбори омма, бахусус баъзе рӯзномаҳо, телевизионҳо ва радиостансияҳо тамаркуз ва инъикоси минтақавӣ доранд: ба шумораи маҳдуди шунавандагон имкон медиҳанд, ки хабарҳои як минтақаи муайянро бубинанд ва бишнаванд, аксарашон тақрибан дар ҳамаҷо бинанда, шунаванда ё хонандаи худро пайдо мекунанд.

Аз ин рӯ, хусусиятҳои рекламаро дар ҳамаи намудҳои воситаҳои ахбори омма омӯхтан, инчунин донистан ва риоя намудани қонунҳои ҷойгиркунии реклама дар телевизион, радио ва матбуот хеле муҳим аст. Паҳн кардани таблиғ дар воситаҳои ахбори омма бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории давлат дар бораи реклама амалӣ карда мешавад.

Роҳҳои зиёде барои паҳн кардани таблиғ тавассути намудҳои гуногуни ВАО вуҷуд доранд. Аммо тавони интихоб кардани самаранокторин ва мувофиқи онҳо кофӣ набуда, донистан ва риояи қонуне, ки ин соҳаро танзим мекунад, хеле муҳим аст. [8, с. 86]

Дар робита бо моддаи 5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма”:Давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии воситаҳои ахбори оммаро таъмин менамояд. Дастгирии давлатии воситаҳои ахбори омма ба таври маблағгузории мақсаднок, кумаки молиявӣ ва дигар намудҳои дастгирии давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар ин росто, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” шарҳ медиҳад:

- реклама - иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъйин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд;

- фаъолияти рекламавӣ - маҷмуи амалҳои рекламадиҳандагон, истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони реклама барои ҷалби таваҷҷуҳи истеъмолкунандагони реклама ба объекти рекламашаванда. [3, с. 2]

- объекти рекламашаванда - мол, воситаҳои фардикунонии он, истеҳсолкунанда ё фурӯшандаи мол, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё чорабинӣ (аз ҷумла мусобиқаи варзишӣ, консерт, озмун), ки реклама барои ҷалби диққат ба онҳо равона шудааст.

- рекламаи номуносиб - рекламаи бевиҷдонона, нодуруст, беодобона, ошкоро бардурӯғ, пинҳонӣ ё дигар рекламае, ки дар он ба вайронкунии талабот нисбати мазмун, вақт, маҳал ва тарзи паҳнкунӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода шудааст;

- рекламаи мутақобил - рад кардани рекламаи номуносиб, ки бо мақсади барҳам додани оқибатҳои он паҳн карда мешавад.

- рекламадиҳанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо фармоиши он реклама таҳия ва паҳн карда мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” “эълону реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ интишор мешавад. Эълону реклама тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забонҳои дигар низ интишор карда мешаванд”. [6, с. 3]

Рушди муосири ҷомеа бо мавҷудияти системаи васеъамалкунандаи воситаҳои ахбори омма ва пайдоиши соҳаҳои нав тавсиф мешавад, ки яке аз онҳо реклама мебошад. Шаклҳои таблиғ гуногунанд: рекламаи визуалӣ (тасвир), сомеӣ, (аудиалӣ), тасвирӣ- сомеӣ (аудиовизуалӣ). Гурӯҳи якумро маъмултарин рекламаҳо - таблиғи чопӣ, маърифатӣ, бо дизайн ва аксбардорӣ ташкил дода, ба гурӯҳи дуюм рекламаи радио, хабарҳои шифоҳӣ ва ба гурӯҳи сеюм—рекламаи телевизионӣ, рекламаи кино, намоиши намунаҳои моделҳо ва ғайра, ки бо матн ва садову тасвир инъикос меёбанд, дохил мешаванд. [2, с. 44]

Ҳама усулҳои таблиғ дар ВАО ба таври худ хуб ва муассир мебошанд.

Рекламаи телевизионӣ навъи хеле маъмули таблиғот, махсусан дар байни ширкатҳои бузург аст, зеро он тасвир, инчунин садо ва рангро дар бар мегирад, бинобарин, он ба истеъмолкунанда дар ҳама сатҳҳои идрок таъсир мерасонад. Самаранокии таблиғе, ки дар телевизион ҷой дода мешавад, тарафҳои мусбат ва манфии худро низ дорад.

Масалан ба афзалиятҳои он: миқёс, визуализатсия, доираи васеи таваҷҷуҳ шомил мешаванд, аммо камбудиҳои чашмрас низ доранд: қимати баланд, банд будани шабакаҳои

телевизионӣ бо реклама, қобилияти гузаштан ба дигар каналҳо ҳангоми пахши блоки таблиғотӣ, тамоси кӯтоҳ ва нокифоя.

Самаранокии рекламаи радио дар он аст, ки истеъмолкунандагон метавонанд дар ҳамаҷо: дар хона, дар идора, дар мошин, дар ҳар мавзеи дастрасӣ радиоро гӯш кунанд. Инчунин, афзалияти рекламаи радио дар арзиши паст, хусусияти оммавӣ ва фазои фарогирии васеъ ба мушоҳида мерасад.

Дар баробари ин, аз сабаби диданашаванда будани рекламаи радио, ки ба воситаи тасвир шахс иттилооти бештар мегирад, дараҷаи пасти таваҷҷуҳи истеъмолкунандагон ва қобилияти иваз кардани шабакаҳо ҳангоми пахш камбудиҳои рекламаи радио мешаванд.

Рекламаи матбуот ҳамчун намуди маъмули таблиғот метавонад аз ҷойҳои камхарҷ дар рӯзномаҳои маҳаллӣ то ҷойгиркунии гаронарзиш дар маҷаллаҳои мӯд ва машҳур, ки фазои таблиғӣ дар муқоваи он ҳазорҳо доллар арзиш дорад, фарқ кунад. Он барои ҳар як нашр хусусиятҳои худро дорад, ки бояд ба назар гирифта шаванд. Ин намуди таблиғ бартариҳои худро дорад, аз қабили самаранокӣ, чандирӣ, имкони равиши мавзуӣ. Аммо камбудиҳо низ мавҷуданд: муддати кӯтоҳ, яъне ҳамагӣ 1 бароориш ва аудиторияи ками хонандагони «дуюм».

Ҳангоми ташкили нашри таблиғотӣ инчунин, бояд сегментатсияи бозори саноатиро ба назар гирифт, зеро он дар муносибати дуруст ба банақшагирии ҳаракатҳои таблиғотӣ аҳаммияти кам надорад. Масалан, меъёрҳои минтақавӣ ҳатман бояд хусусиятҳои минтақа, хусусиятҳои демографии шахсони тасмимгиранда, боварӣ ба бренд ва тарзи зиндагӣ ва афзалиятҳои истеъмолии ниҳоиро дарбар гиранд, зеро мувофиқи нақшаи пешбинишуда, интихоби таблиғи мақсаднок ва бозори мақсаднокро арзёбӣ кардан мумкин аст.

Рекламаи интернетӣ мувофиқи меъёрҳои зерин метавонад ба гурӯҳҳои истифодабарандагони мақсаднок равона карда шавад:

- аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ. Бо ҷойгир кардани таблиғ дар вебсайт ё шабакаи баннерӣ ва гузоштани фокус, масалан, агар барои шаҳри Кӯлоб таблиғ омода шуда бошад, таблиғкунанда бояд итминон дошта бошад, ки таблиғоти ӯро корбароне, ки аз шаҳри Кӯлоб ба интернет ворид шудаанд, мебинанд;

- аз рӯи вақт ва рӯзи ҳафта. Ҳангоми ҷойгир кардани васоити таблиғотӣ дар сайт ё «кушодани» тасвири баннерӣ дар шабакаҳо, истифодаи шиддатнокии якхелаи намоиши таблиғот на ҳамеша оқилона аст. Интернет имкон дорад, ки таблиғро, масалан, танҳо дар рӯзҳои корӣ аз соати 10 то 18 ё баръакс, танҳо дар рӯзҳои истироҳат ва шом ба намоиш гузорад.

- мувофиқи афзалиятҳои (манфиатҳои) истифодабарандагон. Одатан, таваҷҷуҳ ба манфиатҳои корбарон тавассути ҷойгир кардани таблиғот дар бахшҳое таъмин карда мешавад, ки аз ҷиҳати мавзуъ ба молу хидматҳои таблиғшуда шабоҳат доранд. Илова бар ин, таблиғро ба меҳмонони мушаххаси сайт равона кардан мумкин аст, ки сервер дар бораи манфиатҳои онҳо ҳангоми боздидҳои қаблии онҳо маълумот ҷамъоварӣ кардааст. Дар баъзе мавридҳо, намоиши таблиғоти муайян метавонад дар посух ба ворид кардани калимаҳои калидӣ ба системаи ҷустуҷӯии сайти муштарӣ намоён гардад.

-аз рӯи нишондодҳои индивидуалии техникӣ. Маълумоти мушаххас дар бораи провайдере, ки меҳмон истифода мебарад, нармафзоре, ки онҳо истифода мебаранд ва баъзе маълумот метавонад дигар ҷузъиёт дар баъзе мавридҳо барои тамаркуз ба таблиғ истифода шаванд, аммо тамаркуз ба ин хусусиятҳо аксар вақт истифода намешавад. Ба ғайр аз меъёрҳои зикршуда, барои тамаркуз дигарҳоро метавон истифода бурд: ҷинс, синну сол, сатҳи даромади истифодабарандагон ва ғайра, вале ҷамъоварии маълумоти дахлдор бо зарурати таҳқиқоти иловагӣ (масалан, пурсишҳои корбарон) алоқаманд аст. Баръакси тамаркуз ба меъёрҳои дар боло зикршуда, таблиғкунанда наметавонад ҳамеша ба дурустии маълумоти ҷамъовардаи платформаи таблиғотӣ итминон дошта бошад.

Реклама дар матбуоти даврӣ ҷойгир кардани матни таблиғ дар нашрияҳои даврӣ аст, ки ба паёмҳо ва маводи дорои хусусияти таблиғотӣ тахассус надоранд, бояд бо аломати «реклама» ё аломати «дар бораи ҳуқуқи реклама» замима карда шавад. Ҳаҷми таблиғ дар

чунин нашрияҳо набояд аз 40 фоизи ҳаҷми як шумораи матбуоти даврии чопӣ зиёд бошад. Талабот оид ба риояи ҳаҷми зикршуда ба нашрияҳои даврие, ки ҳамчун тахассуси хабарҳо ва маводи таблиғотӣ ба қайд гирифта шудаанд ва дар муқова ва чопи онҳо маълумот дар бораи чунин ихтисос мавҷуд аст, татбиқ намегардад. [7, с. 64]

Бояд гуфт, ки дар қонунгузорӣ оид ба реклама моддаи танзими ҷойгиркунии таблиғ такмилталаб мебошад, зеро таблиғ як соҳаи хеле муҳим барои тиҷорати электронӣ ва дар маҷмуъ барои тамоми Интернет аст. Имрӯз Интернет ба аудитория таъсири зиёд дорад ва ба таври дуруст даъвои ВАО-ро дорад. Аз ин рӯ, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ баҳри татбиқи абзорҳои маркетинги интернетӣ коркарди навро тақозо менамоянд.

Одатан таблиғ имкони таъсиррасонӣ ба истеъмолкунандаро дар муддати каму беш надорад. Ин ҳам ба вижагиҳои ҷойгиркунии таблиғ, қимати баланди вақт ва ё фазои таблиғот ва ҳам ба вижагиҳои дарки таблиғ аз ҷониби истеъмолкунанда, ки чун қоида, кӯшиш мекунад, ки аз таъсири таблиғот канорагирӣ кунад, вобаста аст. Аз ин лиҳоз, таблиғ ниёзи фаврӣ дорад, ки таъсири таблиғро дар шароити набудани вақт, ҷой, вақти кӯтоҳ барои дарки истеъмолкунандагон дар бораи реклама ва ғайра зиёд кунад. Барои ин таблиғ дар доираи як паём ва танҳо ба баъзе хусусиятҳои тасвир ва ё сифатҳо ва хусусиятҳои мол таҳия мешавад. Чунин хусусиятҳо метавонанд навъ ва намои маҳсулоте, ки руҳияи хубро ба вуҷуд меорад, ҷолибиятро афзун мекунад, саломатиро беҳтар мекунад, нишонаи мақоми баланди иҷтимоӣ мебошад, ба солимии оила алоқаманд аст, нархи паст дар муқоиса бо маҳсулоти шабеҳ, таъсири зиёд, эътибор ё эътимоднокии дарозтар ва ғайраро доро бошад. [8, с. 12]

Чунин усул ба он фарзия асос ёфтааст, ки агар дар баробари матни мушаххас далелҳои иловагии тасдиқи он низ пешниҳод карда шаванд, пас истеъмолкунанда аз ҷиҳати равонӣ ба ин реклама бештар бовар мекунад. Ингуна тасдиқ ё далели иловагӣ метавонад ҳам ғайришахсӣ бошад ва ҳам ба созмон ё гурӯҳе тааллуқ дошта бошад, ки салоҳияти муайян ва ё қобилияти доварӣ кардани мундариҷаи матни рекламародорад.

Оё таблиғ як шакли муошират оммавӣ аст? Албатта, ҳа, дар ин ҳолат таблиғ бояд аз ҳимояи конститутсионии озодии иттилоот бархурдор бошад. Ҳуқуқи озодона ҷустуҷӯ, гирифтан ва паҳн кардани иттилоот яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, он метавонад танҳо бо қонунгузорӣ ва танҳо ба андозае маҳдуд карда шавад, ки барои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон, таъмини мудофиа ва амнияти давлати мо зарур аст.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ҷиҳати танзими бозори истеъмолӣ ва савдои чакана, давлат бо дарназардошти махсусияти рушди таърихӣ ва анъанаҳо метавонад ва бояд таносуби тақозо ва арзаро дар бозори истеъмолӣ тавассути танзими нархҳо, сатҳи даромади шаҳрвандон, ҳаҷми воридоти молҳо, риояи рақобати озод, сифату бехатарии молҳо, фишангҳои андозӣ ва қарзӣ танзим намояд. [10, с. 76]

Усули хеле маъмули таблиғ усули «эҷоди таззод» мебошад. Мақсади асосии ин усул нишон додани маҳсулоти таблиғшуда ҳамчун чизи аз дигарон фарқкунанда, ба куллӣ беҳтар кардани вазъият, дорои хосиятҳои истисноӣ, самаранокӣ ва ғайра мебошад, ки дар он ба эҳсосот диққати асосӣ равона мегардад. Барои ин, маҷмуи васеи усулҳои сохтани силсилаи видеои сюжетҳои таблиғотӣ, суханронӣ ва шарҳҳо, эҷоди вазъиятҳои махсуси бозӣ ва сюжетӣ истифода мешавад. Масалан, сюжети яке аз роликҳои рекламаи шампуни зидди сафедшавии мӯй **Fructis** аз кадри сиёҳу сафед оғоз мешавад, ки дар он зан шармгинона аз куртаи мард бо чӯтка хасро дур мекунад, дар кадри дигар пас аз нишон додани шампуни таблиғшуда, тасвири ранга бо марди хандон ва зане ки ӯро мебӯсад, намоён мешавад.

Аммо баръакси усули «эҷоди таззод», ки дар он бартарии як маҳсулотн исбат ба дигараш асосан тавассути эҳсосот ба даст оварда мешавад, дар усули муқоиса диққати асосӣ ба намоиши оқилона ва визуалии афзалиятҳои ин ё он маҳсулоти шабеҳ нисбат ба дигараш дода мешавад.

Дар ин усули тавсифшудаи таблиғ, аёният ва одӣ будани муқоиса муҳим аст. Чун қоида, ҳамчун объекти муқоиса як аналоги муайяни ғайришахсӣ ва оддии маҳсулоти таблиғ шуда интихоб карда мешавад, ки як қатор бартариҳо дорад. Масалан, дар мавриди таблиғи

сақичи резинӣ он бо сақичҳои дигар, дар мавриди доруворӣ бо маҳсулоти дорувории шабеҳ муқоиса карда мешавад.

Ҳангоми дарки таблиғ аз ҷониби истеъмолкунанда пайвастани ин ё он маҳсулот бо аудиторияи мушаххаси истеъмолкунандагон хеле муҳим аст. Яке аз чунин роҳҳо нишон додани бартариятҳои фардии шахс ё гурӯҳи мушаххасе мебошад, ки дар таблиғ бо тамошобин ё шунавандаю хонанда иштирок мекунанд. Оддӣ карда гӯем, агар истеъмолкунандагони ин маҳсулот аз таблиғ ҳамчун «худии худ» қабул карда шаванд, аудиторияи истеъмолкунанда маҳсулоти таблиғшударо ҳамчун «ба онҳо алоқаманд» қабул мекунад.

Хусусияти дигари психологие, ки истифодаи усули «Мисли ҳама» бар он асос ёфтааст, бартараф кардани нобоварии табиии таблиғ аст. Дар сурате, ки дар таблиғ тасвирҳо, рафтор ва суханронии наздик ба аудиторияи истеъмолкунандагон истифода шаванд, истеъмолкунандагон майл доранд, ки ба ин таблиғ бештар бовар кунанд.

Яке аз усулҳои муваффақи таблиғ тарғиби имиҷи мусбати маҳсулот дар асоси маҳсулоти дигар мебошад. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки бренди аллакай таблиғшуда ва маъруф барои таблиғи маҳсулоти нав истифода шавад. Ин эътирофи маҳсулотро афзун мекунад, зеро ҳамчун «далели» сифат амал мекунад, инчунин дарки психологиро содда мекунад ва хусусиятҳои мусбати бренди аслиро ба маҳсулоти нав интиқол медиҳад. Ин ҳолат ҳеле мавзун ба назар мерасад, агар маҳсулоти нав маҳсулоти аслӣ ҳамчун ҷузъро дар бар гирад ва унсурҳояш дар истеҳсоли маҳсулоти нав истифода шаванд, дар ин сурат ҳарду маҳсулот бо таъйиноти якхела алоқаманд бошанд.

Масалан, мо бо чунин ҳолат дар таблиғи компютерҳои дорои протсессори Intel дучор мешавем. Нишон ва рамзи «Pentium inside», ки дар як вақт истифода мешавад, далели иловагии сифати баланди компютерҳо мебошад, зеро тамғаҳои молии Intel ва Pentium дорои сифатҳои мусбат ва эътирофшуда мебошанд. Истифодаи калимаҳои "Windows 95 compatible" ("Мувофиқ бо Windows 95") ҳамчун шиори иловагӣ ва ба осонӣ шинохташаванда амал мекунад ва тасвири «қаблии» -и «Windows 95» -ро ба маҳсулоти нав талаққӣ медиҳад.

Сарфи назар аз майдони фарох ва барзиёдии воситаҳои муосири таъсири таблиғотӣ, аксар вақт истеъмолкунандагон ба худ саволҳои «гуногун» медиҳанд, ки дар таблиғ шарҳ дода намешаванд, ҳарчанд барои фаҳмо шудани матн дар сюжети реклама ҳамчун чораи «пешгирикунанда» имкони ҷавоб додан ба ин саволхо пешакӣ пешбинӣ шудааст. Вокуниши равонӣ ба «ҷавобҳои эҳтимолӣ» муҳимтар аз он аст, вақте ки истеъмолкунанда дида аст, ки ин ё он саволи «душвор» дучор мешавад, то андозае бо манбаи ин савол ҳам монандии худро анҷом медиҳад, дар ин ҳолат «бартарӣ»-и зеҳнии худро ҳис мекунад ва аз таблиғ посух гирифта, худро «қаноатманд» ва «ором» меҳисобад. [8, с. 87]

Омили дуюми муҳим ва асосӣ барои ҳар як муштарӣ ва истеҳсолкунандаи таблиғот арзиши тамоми маъракаи таблиғотӣ мебошад. Чун қоида, агар муштарӣ мехоҳад маъракаи васеъ миқёси таблиғотиро гузаронад, пас ӯ ба маҳсулоти таблиғотӣ дар ҳама шабакаҳои асосии паҳнкунии таблиғот таъсир мерасонад. Ва аллакай вобаста ба маҳсулот ё хидмате, ки бояд таблиғ карда шавад, бояд роҳбарӣ, роҳи бартаридошта барои таблиғро интихоб кунад. Ҳамаи ин метавонад аз аудиторияи истеъмолкунанда, маҳсулот, хидмат ва ғайра вобаста бошад. Аксар вақт, агар фармоишгар бренди калон (тамғаи маъруф) бошад, пас телевизион ё радио ҳамчун мавзеи таблиғи аввалин интихоб мекунад, зеро айни замон телевизион аз ҷиҳати шумораи шунавандагон ва тамошобинон миёни дигар шаклҳои ВАО бартарӣ дорад.

Аз ин рӯ, таблиғ дар дигар соҳаҳо ҳамчун ёрирасон боқӣ монда, ба он диққати махсус дода намешавад. Ҳамин тариқ, таблиғ дар матбуот аксар вақт як воситаи «ёрирасон» мебошад, ки дар натиҷа барои он сарф кардани маблағ ва захираҳои зиёд фоидаовар нахоҳад буд ва ин омил ба эҳтимоли зиёд ба тамоми маъракаи таблиғотӣ таъсири назаррас намерасонад.

Самаранокии психологии реклама қобилияти эҷод кардани вижагиҳои маҳсулот барои истеъмолкунанда мебошад, ки инҳоянд: пурра, яъне аз рӯи хусусиятҳои асосии истеъмолӣ; тафриқашуда, яъне имкон медиҳад, ки он аз ҳамаи молҳои якхела фарқ карда

шавад; аз ҷиҳати завқу эҳсос ҷолиб, яъне бедор кардани эҳсосоти мусбӣ ва қодир ба қонеъ кардани баъзе ниёзҳои воқеии харидори эҳтимолӣ; ҳавасмандкунӣ, яъне ихтиёрдории шахс барои иҷрои амалҳои барои ба даст овардани мол зарур аст.

Тавре ки аллакай зикр гардид, самаранокии психологии таблиғ аз он иборат аст, ки он дар рафти маъракаи таблиғотӣ, дар бораи имиҷи маҳсулот чӣ гуна тасвир ба вуҷуд омадааст. Аммо тасвири хуб ва андешаи мардум то ҳол ба шумо кафолати фурӯши хуб намедиҳад. Аз ин рӯ, дуруст таҳлил ва пешгӯии самаранокии иқтисодӣ ва молиявии захираҳои гузошташуда танҳо зарур ва ҳаётан муҳим аст.

Дар зимн, самаранокии таблиғот ин натиҷаест, ки пас аз истифодаи як воситаи муайяни таблиғотӣ ё тамоми давраи таблиғ ба даст омадааст. Соддатарин ва маъмултарин тафсири онро метавон ҳамчун фарқияти байни даромади иловагии фурӯши маҳсулот дар натиҷаи таблиғ ва арзиши он муайян кард, илова бар ин, чунин фарқият бояд мусбат бошад. Аммо ин таърифи мукаммал нест. Усулҳои дигари мураккабтари муайян кардани самаранокии таблиғ вуҷуд доранд, ки онҳоро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият татбиқ кардан мумкин аст.

Б.Совински бошад, дар реклама қабулкунанда-истеъмолкунандаро ҷудо мекунад: «Модоме ки он (забон) ба мутахассисон (масалан, техникҳо, духтурон ва ғайра) мансуб аст, бо истифода аз луғати касбӣ, дар маҷаллаву нашрияҳои касбӣ истифода мешавад. Аммо бо афзоиши шумораи матнҳо, бо он забон, ки ба доираи васеътари аудитория муроҷиат мекунад, барои ҷалби таваҷҷуҳ дар объектҳои таблиғотӣ бояд аз забони дастраси ҳама истифода шавад». [9, с. 40]

Е.А. Костромина хусусиятҳои дискурси таблиғотиро таҳлил намуда, сохтори зарурӣ-ангезандаи паёми таблиғотиро баррасӣ мекунад. Ҳавасмандиҳои истеъмолӣ бо тамоюлҳои арзишҳои ҷомеа шарт андар таблиғ натанҳо ҳамчун категорияи психология, балки ҳамчун ҷузъи сохторӣ ва семантикии матни таблиғотӣ пайдо мешаванд. [1, с. 38]

Рекламаи муассир таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунад, шавқро бедор мекунад, истеъмолкунандаро ба зарурати харидани маҳсулот бовар мекунонад ва ба харидани он водор мекунад. Яъне ҷузъи равонии таблиғ ба шуур ва рафтори истеъмолкунанда таъсир мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, таъсири таблиғро метавон ба даст овард, агар он тавонад таваҷҷуҳи истеъмолкунандаи эҳтимолиро ба худ ҷалб кунад, эҳтиёҷотро зиёд кунад, таваҷҷуҳро бедор созад, симои мусоиди маҳсулотро эҷод кунад, эҳсосоти мусбӣ ба вуҷуд оварад, эътимодро ба вуҷуд оварад, далелҳо ба хотира ва таъсиси ассотсиатсияҳои устувор тиҷоратро ҷорӣ кунад.

Дар ин росто, донистани нархномаи таблиғ муҳим мебошад, зеро пеш аз ҳама, арзиши ҷойгиркунии маҳсулоти ниҳоии таблиғотӣ аз маъруфияти нашрияи чопӣ, ки шумо таблиғро дар он нашр карданиед, вобаста аст. Омили дуюме, ки ба нарх таъсир мерасонад, мавзеи ҷойгиршавии мушаххаси таблиғ дар матбуот ва шакли он хоҳад буд. Дар системаи ВАО якчанд **таснифоти нархгузорӣ** мавҷуд аст:

- Ҷойгиркунӣ дар тасмаҳо ё нашри чандкаратаи онҳо – саҳифаи чопи нашрия ба қисмҳо тақсим карда мешавад ва ҳаряки онҳо нархи худро мегирад.
- Рекламаи модулӣ - аз ҷониби рекламадиҳанда тақсим намудани тамоми майдони таблиғот ба модулҳои стандартӣ ва маҷмуи миқдори муайяни модулҳо.
- Ҷойгиркунӣ дар сантиметри мураббаъ;
- Ҷойгиркунии дар тамоми саҳифаҳои маҷаллаҳои ранга;
- таснифшуда.
- Барои таблиғи таъҷилӣ;
- барои мавқеъпазирӣ;
- барои ҷойгиркунӣ дар бахшҳои мавзуӣ;
- барои таблиғоти сиёсӣ;
- Барои таблиғҳои ғайристандартӣ;
- Барои ранг;
- Барои банд кардани ҷой;

- Махсус.

Инчунин, ба монанди дигар навъҳои савдо системаи **тахфиф** барои таблиғ вуҷуд дорад, ки таснифи онҳо чунин аст: - барои таблиғи оҷонсиҳо;

- вобаста ба ҳаҷм;
- баставӣ,
- реклама барои озмоиш (нахуст дар ин нашрия);
- саҳмиявӣ;
-барои таблиғи муттассил;
-барои рекламаи матнӣ;
- махсус барои гурӯҳҳои муайяни таблиғгарон;
- молиявӣ;
- мавсимӣ;
-инфиродӣ.

Бояд гуфт, дар самти таблиғи молу маҳсулот ва дастовардҳо, тамоми ВАО, радио ва телевизиони мустақил, инчунин рӯзномаҳои нисбатан арзон то андозае ҳавасманданд ва таблиғоти пулакӣ доранд.

Танзими ҳуқуқие, ки дар аксари давлатҳои ҷаҳон ташаккул ёфтааст, инчунин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таблиғ як шакли озодии баён эътироф шудааст. Аз ин рӯ, таблиғ бояд тамоми кафолатҳои асосии шаклҳои дигари он, аз қабили иттилоот ё фароғатро дошта бошад. Дар байни ин ҳуқуқҳо, ғайри қобили қабул будани сензура ва дахолати маъмурӣ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои асосӣ мебошад.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки тамоми раванди фаъолияти соҳаи таблиғ ва робита бо ҷомеаро, ки рукни муосир ва муҳимми ВАО маҳсуб меёбад, ниҳодҳои соҳавии давлатӣ ва ғайридавлатию ҷамъиятӣ бевосита назорат ва танзим намуда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» муносибатҳои соҳаи реклама (ба истиснои рекламаи сиёсӣ) аз рақобати бевиҷдонона ҳифз ва рекламаи номуносибе, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад ё ба саломатии онҳо, молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тарзи ҳаёт, шаъну шараф ё эътибори кории шахсони мазкур зарар расонад, инчунин ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид кунад, пешгирӣ ва манъ гардидааст. [5, с. 4]

Дар ҷараёни омӯзиши хусусиятҳои реклама метавон хулоса намуд, ки самаранокии коммуникативӣ дар марҳилаи таҳияи таблиғ, пеш аз татбиқи васеи он арзёбӣ карда шаванд: инҳо санҷишҳои ассотсиативӣ, санҷишҳои визуалӣ, саволномаҳо ва ғайра мебошанд, муҳимтар аз ҳама он аст, ки таблиғ ба истеъмолкунандаи мақсаднок мерасад ва дар зеҳни ӯ ҷойгир мешавад.

Адабиёт:

1. Костромина Е.А. Структурно-семантические особенности рекламных текстов (на примере материалов Нижегородской прессы):- Нижний Новгород, 2001.

2. Кохтев Н.Н. Реклама: Искусство слова. - М., 1997, 212 стр.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365;

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №8, мод.457; с.2007, №6, мод.432; с.2008, №10, мод.824; с.2011, №12,

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №8, мод.457; с.2007, №6, мод.432; с.2008, №10, мод.824; с.2011, №12,

7. Мудров А.Н. “Основы рекламы”. Лит. Рес: 2012, 135 стр.
8. Огилви Дэвид “О рекламе” Лит. Рес:10 февраля 2012, 420 стр. **ISBN:** 9785001009825
9. Мудров А.Н. “Основы рекламы”. Лит. Рес: 2012, 135 стр.
10. Совински Б. Основы психосемантики. - М., 1997, 340 стр.
11. Толибов Қ.Қ. Омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди савдои чакана таъсир мерасонанд // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. - № (30). – С. 239-245.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАБЛИҒ ДАР ВАО

Дар мақолаи мазкур оид ба хусусиятҳои таблиғ (реклама) ҳамчун самти муҳимми ВАО таҳқиқот анҷом дода шудааст.

Муаллифи мақола бо истифода аз маводи таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ дар самти пажуҳиши реклама, ба он назар аст, ки хусусиятҳои рекламаро дар хамаи намудхои воситаҳои ахбори омма омӯзиш намудан, инчунин донистан ва риоя намудани қонунҳои ҷойгиркунии реклама дар телевизион, радио ва матбуот хеле муҳим аст.

Паҳн кардани таблиғ дар воситаҳои ахбори омма бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории давлат дар бораи реклама амалӣ карда мешавад.

Ба андешаи муаллиф, одатан таблиғ имкони таъсиррасонӣ ба истеъмолкунандаро дар муддати каму беш надорад. Ин ҳам ба вижагиҳои ҷойгиркунии таблиғ, қимати баланди вақт ва ё фазои таблиғот ва ҳам ба вижагиҳои дарки таблиғ аз ҷониби истеъмолкунанда, ки чун қоида, кӯшиш мекунад, ки аз таъсири таблиғот канорагирӣ кунад, вобаста аст. Аз ин лиҳоз, таблиғ ниёзи фаврӣ дорад, ки таъсири таблиғро дар шароити набудани вақт, ҷой, вақти кӯтоҳ барои дарки истеъмолкунандагон дар бораи реклама ва ғайра зиёд кунад.

Вобаста ба танзиму назорат дар соҳаи реклама, - қайд менамояд муҳаққиқ-танзими ҳуқуқие, ки дар аксари давлатҳои ҷаҳон ташаккул ёфтааст, инчунин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таблиғ як шакли озодии баён эътироф шудааст. Аз ин рӯ, он бояд тамоми кафолатҳои асосии шаклҳои дигари он, аз қабили иттилоот ё фароғатро дошта бошад.

Калидвожаҳо: реклама, ВАО, сохтори реклама, қонунгузорӣ, радио, телевизион, матбуот, тарғиби молу маҳсулот, таъсиррасонӣ, истеъмолкунанда

ОСОБЕННОСТИ РЕКЛАМЫ В СМИ

В данной статье проведена исследование особенностей рекламы как важного направления СМИ.

Автор статьи, используя материалы исследований отечественных и зарубежных ученых в области исследований рекламы, считает, что, следовательно, необходимо изучать особенности рекламы во всех видах средств массовой информации, а также знать и соблюдать законы о размещении рекламы на телевидении, радио и в печати. Это очень важно. Размещение рекламы в средствах массовой информации осуществляется в порядке, установленном законодательством государства о рекламе.

По мнению автора, у рекламы обычно нет возможности воздействовать на потребителя за короткий промежуток времени. Это зависит как от особенностей размещения рекламы, дороговизны рекламного времени или места, так и от особенностей восприятия рекламы потребителем, который, как правило, старается избегать воздействия рекламы. В связи с этим в рекламе возникает острая необходимость повышения рекламного эффекта в условиях отсутствия времени, места, короткого времени на восприятие рекламы потребителем и т. д.

Что касается регулирования и контроля в сфере рекламы, - отмечает исследователь, - то правовое регулирование, сформировавшееся в большинстве стран мира, также свидетельствует о том, что реклама признается формой свободы слова. Следовательно, она должна иметь все основные гарантии других своих форм, таких как информационная или развлекательная.

Ключевые слова: реклама, средства массовой информации, структура рекламы, законодательство, радио, телевидение, пресса, продвижение товара, влияние, потребитель.

FEATURES OF ADVERTISING IN THE MEDIA

This article explores the features of advertising as an important area of the media.

The author of the article, using research materials of domestic and foreign scientists in the field of advertising research, believes that, therefore, it is necessary to study the features of advertising in all types of media, as well as to know and comply with the laws on advertising on television, radio and in print. It is very important. Placement of advertisements in the media is carried out in accordance with the procedure established by the legislation of the state on advertising.

According to the author, advertising usually does not have the ability to influence the consumer in a short period of time. It depends both on the characteristics of advertising placement, the high cost of advertising time or place, and on the characteristics of the perception of advertising by the consumer, who, as a rule, tries to avoid exposure to advertising. In this regard, in advertising there is an urgent need to increase the advertising effect in the absence of time, place, short time for the perception of advertising by the consumer, etc.

As for the regulation and control in the field of advertising, the researcher notes, the legal regulation that has been formed in most countries of the world also indicates that advertising is recognized as a form of freedom of speech. Therefore, it must have all the basic guarantees of its other forms, such as information or entertainment.

Key words: advertising, mass media, advertising structure, legislation, radio, television, press, product promotion, influence, consumer.

Маълумот дар бораи муаллиф: Гадоева Фируза Муродалиевна - ассистенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров – 16. телефон 918282321.

Сведения об авторе: Гадоева Фируза Муродалиевна – ассистент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова – 16. Телефон: 918282321.

Information about the author: Gadoeva Firuza Murodalievna – assistant of the journalism department of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street – 16. Phone: 918282321.

ТДУ 81'373.422
ТКБ 4 И 8.11.11.
И - 71

ЗАМИНҲОИ НАЗАРИЯВӢ ОИД БА ИСТИФОДАБАРИИ АРТИКЛҲОИ ИСМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Исломова С.И., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар забоншиносии муосир ба таври муқоиса, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани маводҳои забонҳо ба ҳукми анъана даромадааст, ки барои муайян намудан самтҳои дигари забон дар асоси пойдорӣ ва робитаҳои қавӣ бо ҳамдигар сахт алоқаманд мебошанд, дар забонҳои гуногунсохтор аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин замина, маводи забонҳои гуногун, аз қабили забонҳои русӣ, тоҷикӣ, англисӣ ва олмонӣ дар мавқеи луғавию грамматикӣ мавриди муқоиса қарор додан, ин фарогир намудани ҷиҳатҳои сохторию-маъноӣ

дар забоншиносии муқоисавии муосир мебошад. Яке аз мавзуъҳои баҳсталаби грамматикӣ ин ифода намудани ҳолатҳои муайянии артиклҳо бо истифода аз хусусиятҳои онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мебошад, ки ҳадафи асоси ин мақола низ сарчашмаҳое, ки дар бораи артиклҳо истифода шудаанд, барои баррасӣ ва таҳқиқот пешниҳод гардидаанд.

Дар ин мақолаи таҳқиқот муҳаққиқ дар пеши худ мақсад гузошт, ки дар баробари пажуҳиши илмии артиклҳо ва мушаххас намудани ҳолати муайянӣ ва номуайянии онҳо бо истифода аз исмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегиранд, ба пажуҳиш фарогир намуд. Ҳолати муайянӣ ва номуайянии артиклҳо ба исмҳо мансуб буда, чун категорияи грамматикии исм бо артикл ифода мегарданд. Категорияи муайянӣ ва номуайянии артиклҳо дар забоншиносии муқоисавӣ ва дар ин мақола дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, доир ба онҳо як қатор асару мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки овардани номгӯйи онҳоро ба маврид мешуморем. Дар забоншиносии тоҷик олимон Бозидов Н., Додихудоев Р.Х., Б. Камолиддинов, Х.Р. Куҷов, Мамадасламов М.С., Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Мухторова С.Я., Каримов Ҳ. ва дигарон дар асару мақолаҳояшон доир ба хусусиятҳои хоси категорияи муайянӣ ва номуайянии артиклҳо ақидаву андешаҳои илмии баҳснок баён намуданд.

Забоншиноси тоҷик Ш. Рустамов категорияи грамматикиро чунин таъриф намудаанд: «Мафҳумҳои умумие, ки якчанд маънои грамматикии ҳамнисбатро муттаҳид месозанду бо шаклҳои грамматикӣ ифода меёбанд, категорияи грамматикӣ номида мешаванд» [14, с. 78].

Аз ақидаи олим маълум мешавад, ки шарти категория будани ҳодисаи забони ҳамнисбат бо воситаҳои артиклҳо ифода шудан аст. Бо чунин хусусият ҳодисаҳои забони гуногун дар *исмҳо, сифатҳо ва феълҳо* бештар ба назар мерасанд.

Мухторова С.Я. қайд менамояд, ки «Истифодаи артикл бо исм дар бисёр забонҳо дорои категорияи муайянӣ ва номуайянӣ аст. Ин категория шакли морфологии худро дорад. Дар баъзе забонҳо ин ҳолат бо ёрии артикли *(забони англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ*) ва бо ёрии *аффиксҳо полсуффиксҳо, морфемаҳо*, ки дар охири калима меоянд, сохта мешаванд» [11, с. 114-115].

Аз ҷиҳати маъно категорияи муайянӣ ва номуайянии артиклҳо нишон медиҳад, ки исми мазкур аз гурӯҳи предметҳои муайянӣ шинохта шуда ё ҳамчун предмети маълум аз анбӯҳи ҳамҷинсонаш ҷудо мешавад. (*артикли муайянӣ*) ва ин предмет на ба қадри пурра, балки нисф ё як қисмаш ба назар дошта мешавад.

Масъалаи артикл ва муайян кардани моҳияти грамматикии он яке аз ҳама ба он вобаста аст, ки артикл байни калима ва морфема меистад. Масалан, дар забони олмонӣ артикл аз рӯи *шахсу шумора, падежу ҷинсияти грамматикӣ* тасриф меёбад ва ин маъно чун калимаи мустақил баромад мекунад, ҳол он ки артикли забони олмонӣ бештар ба морфемаҳои типологӣ шабоҳат дорад, чун аломати махсуси исм баромад мекунад ва мустақилияти калимагӣ дорад.

Хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти артиклҳои забони олмонӣ ва суффиксҳои номуайянии забони олмонӣ, вазифаҳои асосии ҳар кадоми онҳо ба таври муқоисаи типологӣ омӯхта мешаванд.

Чи тавре, ки дар сарчашма ва адабиёти илмӣ зикр шудааст, исм дорои категорияи махсуси грамматикӣ мебошад. Категорияи муайянӣ ва номуайянӣ хоси исм буда, воситаи махсуси ифодаи худро дорад. Артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ маънои басо васеъ дошта, бо усул ва роҳҳои гуногун ифода мешавад. Ашёе, ки ба ҳамсуҳбатон маълум аст, муайян ва ё ашёе ки танҳо нест номуайян мебошад. Артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бо роҳҳои гуногун ифода мешаванд, ки маъмултарини онҳо роҳҳои морфологӣ, синтаксисӣ ва луғавию-грамматикӣ мебошанд. Исм дорои категорияи морфологии номуайянӣ ва муайянӣ мебошад, ки воситаи асосии он дар забони тоҷикӣ бо ифодаи артикли «е» мебошад. Дар забони тоҷикӣ артикли «е»-ро аз ҳиссаҳои нутқ танҳо исм қабул мекунад. Бинобар ин артикли «е» аломати грамматикии ном ба шумор меравад. Артикли «е» хусусияти зиёди грамматикӣ дорад, ки онҳо дар матн барҷаста зоҳир мегарданд.

Таҳлили назариявӣ, амалӣ ва вижагиҳои истифодабарии артиклҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ яке аз мавзуъҳои муҳим ва камтаҳқиқшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мебошад, ки имрӯз барои таҳқиқоти илмӣ намудан дар самти илми забоншиносии муқоисавӣ хеле муфид аст. Бояд қайд кард, ки ҷанбаи назариявии мақола дар асоси маводи фаровони адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо асоснок гардида, дар навбати аввал ба муҳаққиқ имконият падид омад, ки масъалаҳои дар пеш гузошташударо амиқ ва ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, онҳоро дар сатҳи лозимаи илмӣ ҳал намояд. Мақолаи илмӣ тибқи тартиб ва системаи дақиқи илмӣ ва ягонагии сохторӣ ва маъноии артиклҳо дар забонҳои гуногунсохтор ба таври назариявӣ ва амалӣ таҳқиқ ёфта, як замина барои таҳкими омӯзиши артиклҳо аз рӯи сохторӣ ва маъноӣ дар таҳқиқоти минбаъд дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Масъалаҳои сохти тартиби артиклҳо дар нигориши тоҷикӣ ва олмонӣ бо умумиятҳо ва тафовутҳои онҳо ба таври назариявӣ таҳлил гардидани хусусиятҳои мустаҳкамкунии базаи илмии ин мақоларо ташкил медиҳанд. Олимони забоншиносони рус Павлов В.М., Орлова О.П., Шавел Е.Е., бар он ақидаанд, ки «Мафҳуми сохти назария ин падидаи заминаи мусоид дар рушди такягоҳии таҳқиқоти минбаъда дар забонҳои муқоисавӣ мебошад. Сохти истифодабарии артиклҳои забонҳои олмонӣ ва англисӣ ҳамчун унсури мушаххас гардонидани исмҳои аёнӣ ва ё ноаёнӣ бо пиринсипҳои маъноии онҳо бо сохти тарҷумашавандаи онҳо дар забонҳои дигар мебошад» [13, с. 23].

Аз рӯйи ақидаи назариявии профессорон Степанова М.Д. ва И.И. Чернишева бармеояд, ки артиклҳои забонҳои олмонӣ ва англисӣ ҳамчун унсури сохторӣ дар забоншиносии бостон як буда, бо мурури тағйирёбии оилаи забонҳо сохти артиклҳо бо маъноҳояшон низ иваз гардидаанд. Исботи сохтори ақидаи олимон Степанова М.Д. ва И.И. Чернишева дар ин ҷумла исботи худро ёфтаанд. Масалан; ***Ich habe*** *ein* ***buch, I have*** **a** ***book*** ҳангоми тарҷума намудан дар забоншиносии тоҷик артикл бо бандаки изофӣ «е» ё «ро» ба вуҷуд меояд, ки тарҷумаи он ҳамчун «*Ман як китоб**е** дорам*» истифода мешавад. Истифодаи артиклҳо дар сохти ҷумласозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили маъноӣ ҳамчунин хусусиятҳои хоси худро доранд, ки бо маводи фаровони сарчашмаҳо бо сохти назариявӣ мафҳуми артиклҳо асоснок карда мешаванд.

Таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии системаҳои гуногунии забонӣ дар марҳалаи ҳозираи инкишоф ва барои муқоисавии артиклҳо торафт оммавӣ шуда, доираи ҳалли инъикоси проблемаҳо ва ҷиҳатҳои актуалӣ будани артиклҳо дар сохтори ҷумласозӣ ба таври васеъ ва амиқтар таҳлил мегарданд. Вобаста ба ин нукоти назариявӣ ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши масъалаҳои хусусияти истифодабарии артиклҳо аз ҷониби олимони забоншиносони барҷаста хусусан Искоз А., Ленкова А., Р.Ю. Мугу, U. Ammon, E.U. GroBe, E.B. Розен, К.Г. Крушелнитская, Н.Л. Константинова ва дигарон аҳаммияти илмӣ дар забоншиносии муқоисавии имрӯза касб кардааст.

Дар доираи таҳқиқи артиклҳои исмсозӣ вобаста ба сохти системаи морфологии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар ин мақола мансуб дониста шуда, яке аз масъалаҳои муҳим ва судманд будани онҳо дар забоншиносии тоҷик ва олмонӣ дар муқоиса бо дигар забоншиносон камтар таҳқиқот шудааст. Аз ин рӯ, назарияи олимони соҳаи забоншиносии ватанию хориҷӣ ба таҳлили мафҳуми артикл ҳамчун воҳидҳои морфологӣ ва синтаксисии забон мавриди пажуҳиши илмӣ дар забоншиносии муқоисашаванда қарор гирифтааст.

Дар забони олмонӣ бошад, артикл ҳамчун як қисми махсуси фаъолияти нутқро ташкил дода, ки бо истифода ва хусусиятҳои маъноии худ бо исм ҳамроҳ шуда, ҷанбаи фаъолияти нутқро муайян мекунад. Дар баробари ин метавон онро категорияи муайян ва ё номуайянӣ низ номид, ки амалу ҳолатро инъикос намуда, ҷинс, шумора ва ҳолати исмро дар забонҳои муқоисавӣ нишон медиҳад. Дар забони олмонӣ ***артикли муайянӣ (der bestimmte Artikel) ва артикли номуайянӣ (der unbestimmte Artikel)*** мавҷуд ҳастанд.

Дар баробари мавҷудияти ин ду намуди артиклҳо, ***артикли муайянӣ (der bestimmte Artikel)*** ва ***артикли номуайянӣ (der unbestimmte Artikel)*** дар забони олмонӣ боз ***артикли сифрӣ (der Nullartikel)*** низ ҳаст, ки он хусусияти сохторӣ ва маъноии худро дорад. Дар баробари таҳлили сохторӣ ва маъноии ***артиклии сифр (der Nullartikel)*** дар ашёҳое, ки дар

шакли ҷамъи номуайянӣ меоянд, хеле васеъ истифода мешавад. масалан; дар номи ***касбҳо-Berufbezeichnungen, давлатҳо ва шаҳрҳо-Länder-Städtenamen, номи одамон-Eigennamen von Personen***

Тасрифи истифодабарии артикли муайянӣ дар забони олмонӣ пеш аз исм ба вуҷуд омада, мафҳуми муайяниро ифода менамояд. Мисли: ***Der Vater ist schon gekommen- Падар аллакай омадааст*** (тарҷумаи муҳаққиқ);

Хусусияти сохти ҷумласозӣ ба воситаи артикл ҳамчун объект инъикос гардида ва чунин сохти истифодабарии артикл низ муайян аст. Масалан: ***Und die Sonne scheint-Ва офитоб медурахшад*** (тарҷумаи муҳаққиқ);

Дар баробари таъсиргузории артикл ба воситаи исм онро метавон дар сохти ***сифат-Superlative ё шумораи тартибӣ –Ordinalzahl*** истифода намуд. ***Der beste Schüler unserer Klasse; Heute ist der zweite Oktober- Беҳтарин донишҷӯи синфи мо; Имрӯз дуюми октябр аст)***;

Хусусияти истифодабарии артикл вобаста ба сохти ***сифат-Superlative ва ё шумораи тартибӣ –Ordinalzahl*** он дар рӯзи ҳафта, моҳ ва мавсимҳо ҳам истифода мешавад. масалан; ***Der Mittwoch-Чоршанбе, der März-март, der Frühling-баҳор).***

Тасрифи артиклҳои муайянӣ аз рӯи сохти падежҳо дар забони олмонӣ:

Падеж	**Ҷинси мардона**	**Ҷинси занона**	**Ҷинси миёна**	**<u>шумораи</u> ҷамъ**
<u>Nominativ</u>	der	die	das	die
<u>Genitiv</u>	des	der	des	der
<u>Dativ</u>	dem	der	dem	den
<u>Akkusativ</u>	den	die	das	die

Шакли истифодабарии артикли номуайянӣ дар забоншиносии муқоисавӣ;

Дар ҳолати мавҷуд набудани номи объект ва ҳолати номуайянии ашё артикли номуайянӣ барои истифода муайян нашудааст. ***Da kommt ein Weib- Зане меояд***; ***Die Tanne ist ein Nadelbaum-Арча сузанбарг аст;***

Тасрифи ҷадвали артикли номуайянӣ дар забони олмонӣ;

Ҷинс	**Ҷинси мардона**	**Ҷинси занона**	**Ҷинси миёна**
<u>Nominativ</u>	ein	eine	ein
<u>Genitiv</u>	eines	einer	eines
<u>Dativ</u>	einem	einer	einem
<u>Akkusativ</u>	einen	eine	ein

Вобаста ба сохти истифодабарии артиклҳои ба мисли забони тоҷикӣ дар баъзе мавридҳо истифода нагардида, дар ҷойи артиклҳо дигар қисмҳои нутқи забон хизмат мекунанд. Масалан дар сохти ин ҷумласозӣ маълум мегардад, ки дар забонҳои гуногунсохтор мавқеи артиклҳо аз рӯи сохт ва маъноӣ таъсиргузории худро аз даст додааст. ***Meine Mutter kocht so gut- Модарам хеле хуб мепазад***;

Ҳолати истифодабарии артиклҳо дар номҳои хос ё номи касб низ хеле васеъ истифода мегардад. Масалан; ***Das ist Karl, er ist Arzt- Ин Карл аст, вай духтур аст***, ***Das ist Ottos Auto- Ин мошини Отто аст***;

Вақте ки исмҳо бидуни таъриф ва тавзеҳот истифода мешаванд, артикл хориҷ карда шуда, аммо мавҷуд будани онҳо зарур аст. Мисол; ***Ich brauche Geld- Ман ба пул ниёз дорам; Ich habe Angst- ман метарсам; Ich brauche das Geld nicht- Ман ба пул ниёз надорам; Das ist die größte Angst meines Lebens- Ин бузургтарин тарси ҳаёти ман аст***; ***Ich trinke Tee mit Zucker aber ohne Milch- Ман чойро бо шакар, вале бе шир менӯшам; Ich möchte den kalten Tee mit dem braunen Zucker- Ман чойи хунукро бо қанди қаҳваранг мехоҳам***;

Дар ҳолати бо пешванд омадани исмҳо артиклҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ кор фармуда намешаванд. Масалан; ***in erster Linie-пеш аз ҳама; mit Sicherheit-бо итминон; von***

Beruf-аз рӯи касб; aus Versehen-тасодуфан; mit Rat und Tat-бо маслиҳат ва амал; ohne-бе (ohne Absicht-нохост; ohne Sonne- беофтоб; ohne Zweifel-бешубҳа.

Вобаста ба сарчашмаҳои таҳқиқоти илмӣ артиклҳо муайян намудани объект ё предмети (алоҳида) воқеияти экстралингвистиро дар забонҳои муқоисашаванда муайян мекунанд. Чунин тарзи муайянкунӣ дар забонҳои гуногунсохтор имконпазир мегардад, ки объектҳои воқеият тавассути индивидуализатсияи контекст бо сохти вижагиҳои забонӣ барои ташаккул додани падежҳо дар сохторӣ ва маъноӣ баррасӣ менамояд. ё ба воситаи умумисозӣ якранг мешаванд.

I. ***Артикли муайянкунанда дар ҳолатҳои зерин низ истифода мешавад:***

1) Агар чизе ба шахс ва ё ба гӯянда маълум бошад, масалан: ***Das Auto hat eine Panne. Der Vater repariert das Auto und fährt mit der Mutter zu dem Supermarkt. Dort machen Sie Einkäufe und fahren zurück-Мошин вайрон шудааст. Падар мошинро таъмир мекунад ва бо модараш ба супермаркет меравад. Дар он ҷо онҳо харид мекунанд ва бармегарданд.***

2) Ҳолатҳои истифодабарии артиклҳо вобаста ба сохти маъноӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ; ***An der Ecke wächst ein Der Baum ist groß-Дар гӯшае дарахт мерӯяд. Дарахт калон аст.Ich habe eine Wohnung-Ман як квартира дорам. Die Wohnung ist gemütlich und hell- Квартира бароҳат ва равшан аст. Wir lesen ein Buch-Мо китоб мехонем. Das Buch ist interessant- Китоб ҷолиб аст*** [16, с. 48-49].

3) Аз рӯи сохторӣ-семантикии артиклҳои забони олмонӣ бармеояд, ки ҷанбаи истифодабарии онҳо дар номгузории исмҳои беҷон низ хеле васеъ истифода мешаванд. Ба мисли ***номҳои театрҳо, ширкатҳо, кишварҳо, ки бо артиклҳо истифода мешаванд, бо номи тамошобоб, номи дарёҳо, кӯлҳо, кӯҳҳо, киностудияҳо, донишгоҳҳо, сайёраҳо, осорхонаҳо, брендҳои машҳур ва г.. масалан: die Alpen, der Inn, die Donau, die Zugspitze, der Matterhorn, der Louvre, der Rhein, die Ostsee, die Müritz, der Bodensee, die Adidas AG, die Sony Corporation, das Teatro alla Scala (die Scala), die Erde, die Sonne, die Venus ва ғайра*** [15, с. 82].

4) Агар пеш аз исм сифатҳои олӣ бошад, масалан:

а**)** ***Martin Spitzer ist der schnellste Schwimmer Österreichs-Мартин Спитсери тезтарин шиновар дар Австрия аст;***

b) Der Großglockner ist der höchste Berg Österreichs- Гроссглокнер баландтарин кӯҳ дар Австрия аст [17, с. 52].

5) Ҳолати истифодабарии артикли муайян пеш аз сана ва шумораи тартиби омада бошад, масалан:

a) ***Heute ist der dreißigste Juli-Имрӯз сиюми июл аст.;***

b) ***Harald war das erste Kind in der Familie-Ҳаралд фарзанди аввалини оила буд*** [18, с. 41].

6) Сохти истифодабарии артикли муайянӣ дар номи кӯчаҳо, биноҳо, иншоотҳо ва киштиҳо масалан; ***die Ringstraße, die Frankenbergergasse, der Stephansdom, der Kölner Dom, die Burg Hochosterwitz, das Schloss Neuschwanstein, das (Hotel) „Ritz", die „Titanic"*** [19, с. 22-25].

7) Таҳқиқи лингвистии артиклҳои муайянӣ дар номҳои ашрофзодагон хеле муҳиммият дошта, дар сохти муайян намудани мазмуни ҳусни баён аз рӯйи сохтори грамматикӣ ва типологӣ дар забони олмонӣ истифода мешавад, масалан; нақшҳои номбаршудаи актёрҳо дар кино ё театр, инчунин истеҳсолоти санъат:

a) Sie spielt die Desdemona am besten-Вай беҳтарин нақшбозӣ дар Дездемона кард;

b) Wir haben die Sixtinische Madonna im Museum gesehen –Мо Сикстинскую Мадоннаро дар осорхона дидем [7, с. 14].

8) Артикли муайянӣ вобаста ба номи рӯзномаҳо, китобҳо ва нашрияҳо низ истифода мешавад, масалан:

a) ***Mein Vater liest den „Spiegel" während des Frühstücks-Падарам ҳангоми наҳорӣ "Шпигел" мехонад.***

b) ***Ich lese den „Faust" immer gern-Ман ҳамеша хондани Фаустро дӯст медорам.***

c) ***Die Frankfurter Allgemeine Zeitung (kurz F.A.Z. oder FAZ) ist eine deutsche überregionale Abonnement-Tageszeitung-рӯзномаи Франкфурт Zeitung (ихтисоршуда F.A.Z. ё FAZ) як рӯзномаи фарогири минтақавии Олмон аст*** [16, с. 72].

9) Баъзан артикли муайянкунанда бо номи одамон истифода мешавад, масалан: ***Grüßen Sie den Klaus von mir-Саломи маро ба Клаус расонед. Dem Walter gab Martin den Schlüssel Валтер калиҳоро ба Мартин дод.***

Ҳалати истифодабарии артикли номуайянӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Вобаста ба мавҷудияти артикли номуайянӣ дар забонҳои муқоисашаванда маълум мегардад, ки он аз шумораи қадимаи як гирифта шуда, аз ин рӯ, як шакл дорад. Дар забоншиносии забони олмонӣ таҳлил ва сохтори маъноии артикли номуайянӣ дар ҳолате истифода мешавад, ки бори нахуст исм зикр ёфта ва қаблан истифода нашудааст. Агар исм такроран зикр шавад, он гоҳ артикли муайянкунанда истифода мегардад, масалан:

a) Es lebte ein König. Der König hatte eine Tochter. Die Tochter war jung und schön. Sie hat sich in einen Jungen verliebt-Як замоне подшоҳе буд. Подшоҳ духтаре дошт. Духтар ҷавон ва зебо буд. Вай ба ҷавоне ошиқ шуд;

b) Salzburg ist eine schöne Stadt. In der Stadt gibt es viele Museen, schöne Häuser, eine Burg und einen Dom.-Залсбург шаҳри зебост. Шаҳр бисёр осорхонаҳо, биноҳои зебо, як қалъа ва ҷойи маҷлиси мансабдорон дорад [16, с. 23-25].

2) Тасрифи артикли номуайян дар ҳолате истифода мешавад, ки агар ашё он воқеиятҳоро дар атрофи мо муайян кардааст, истифодаи онҳо дар забони олмонӣ хеле серистеъмоланд, масалан;

a) Ich habe eine neue Wohnung-Ман хонаи нав дорам;

b) Walter schenkt mir zum Geburtstag einen Ball –Валтер дар зодрӯзам ба ман туб медиҳад;

c) Der Teilnehmer/in gibt keine Antwort auf meine Frage-Иштирокчӣ ба саволи ман ҷавоб намедиҳад;

d) Die Eltern suchen lange nach einem Grund für ihr Verhalten-Падару модар сабаби ин рафтори ӯро кайҳо меҷустанд.

3) Хусусияти истифодабарии артикли номуайянӣ вобаста ба категорияи исм дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, масалан;

a) Der Mönch führt ein frommes Leben-Роҳиб зиндагии парҳезкорӣ мебарад;

b) Österreicher haben eine sehr einsatzfreudige Regierung-Австрия ҳукумати хеле фаъол дорад;

c) Sie trägt eine große Verantwortung-Вай масъулияти калон дорад [14, с. 78].

4) Артикли номуайянӣ пеш аз исмҳое, ки мушаххас намудани ашёро ифода мекунад, ба вуҷуд меояд, масалан:

a)Der Computer ist eine programmgesteuerte, elektronische Rechenanlage Компютер як дастгоҳи электронии барномарезишаванда мебошад;

b) Der Ahorn ist ein Laubbaum-дарахти клён себарга аст.

5) Дар баробари истифодаи артиклҳо вобаста ба сохти маънои грамматикии ҷумласозӣ низ истифода мешавад, масалан: пеш аз исмҳо дар ҳолати ҷумлаҳои монандӣ ***Nominativ + haben + Akkusativ:***

a) Helga hat eine Tochter- Ҳелга як духтар дорад;

b) Wir haben ein Haus-Мо як хона дорем.

6) Ҳамин тариқ артиклҳои номуайянӣ вобаста ба исмсозӣ пас аз феълҳое, ки ҳолати муайянсозии ҷумларо бо артикл ифода менамояд истифода мешавад, масалан: ***es gibt-мавҷуд будан, дастрас будан, bekommen- гирифтан, sich wünschen- орзу кардан, suchen – ҷустуҷӯ:***

a) Er bekam eine gute Ausbildung-Вай як маълумоти хуб гирифт;

b) Er sucht eine Wohnung- Ӯ дар ҷустуҷӯи як манзил аст;

c) Es gibt einen Tisch, eine Kommode, ein Sofa, ein Bett im Zimmer- Дар ҳуҷра як миз, як сандуқ, як диван ва як кат мавҷуд аст [12, с. 112].

7) Вобаста ба мавҷудияти истифодабарии артикли номуайянӣ пеш аз исмҳое, ки воҳидҳои ченакро дар феълсозии ҷумлаҳо муайян мекунанд, низ васеъ истифода мешавад. *Nominativ + haben + Akkusativ ва Nominativ + sein + Adjektiv*, **масалан:**

a) Österreich hat eine Gesamtfläche von 83.879 Quadratkilometern-Масоҳати умумии Австрия 83,879 километри мураббаъ аст;

b) Großglockner hat eine Höhe von 3798 m- Баландии Гросглокнер 3798 метр мебошад.

c) Das ist ein wichtiges Thema-Ин як мавзуи муҳим аст.

8) Шарҳи мухтасар дар хусуси як ҳолати мавҷудияти ду намуди артиклҳо дар забони олмонӣ; Агар ченаки андоза бо рақамҳо тасриф нашуда бошад ва ба воситаи аломат нишон дода шуда бошад, он гоҳ артикли муайянкунанда истифода мешавад, Масалан:

a)Das Kreuzfahrtschiff hat die Größe eines mehrstöckigen Hauses- Киштии сайёҳӣ ба андозаи як бинои бисёрошёна аст;

b)Klaus erreicht die Größe seines Vaters- Қади баландии Клаус ба падараш мерасад.

Хуллас, вобаста ба сохти истифодабарии артиклҳо ба мисли сохтори грамматикии илмҳои дигар дар илми забоншиносӣ рушд менамоянд ва дар онҳо шохаю ҷараёнҳо ва самтҳои нав пайдо мешаванд. Тағйироте, ки дар сохтори грамматикӣ вобаста ба артиклҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар ин мақола баррасӣ шудаанд, бевосита нақши худро ба забонҳои муқоисашаванда мегузоранд.

Зикр намудан ҷоиз аст, ки зимни таҳлили заминаҳои назариявӣ, амалӣ, сохторӣ ва маъноии артиклҳо аз рӯйи тасриф ва хусусиятҳои падидаи истифодабарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мушаххас гардиданд. Ҳар як сохтори маъноии артиклҳо ин худ уқёнуси бузургест, ки онро бояд таҳқиқ намуд. Натиҷагирӣ намудан дар таҳлили сохторӣ ва баррасӣ намудани маънои артиклҳо дар грамматика ин аён намудани хусусиятҳои онҳо дар забонҳои гуногунсохтор мебошад, ки он худ мавзуи баҳсталаб аст. Артиклҳо мисли дигар гурӯҳи калимаҳо маъно ва вазифаи муайяни худро доранд ва алоҳида таҳқиқ кардану таҳлил намудани хусусиятҳои онҳо чӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чӣ дар забони олмонӣ аҳаммияти бузурги назариявӣ, илмӣ ва амалӣ доранд.

Адабиёт:

1. Абрамов, Б.А. Теоретическая грамматика немецкого языка/ Б.А. Абрамов// Сопоставительная типология немецкого и русского языков – М.: Владос, 2001. -286 с.
2. Бозидов Н. Пуркунандаи бавосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик/ Н. Бозидов. – Душанбе, 2000. -178 с
3. Брандес М.П. Стилистика немецкого языка / М.П. Брандес. М., 1983. -271 с.
4. Гладкая С.Ю. Прагматический потенциал побудительных высказываний в современном немецком языке / С.Ю. Гладкая // Грамматические единицы в акте коммуникации (на материале современного немецкого и английского языка). М,, 1986. - С. 17-27
5. Додихудоев Р.Х., Герценберг Л.Г. Таърихи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи тоҷик/ Р.Х. Додихудоев, Л.Г. Герценберг. -Душанбе: Маориф, 1987. -200 с.
6. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ: китоби дарсӣ барои факултетҳои журналистика, филология ва забонҳои хориҷии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Б. Камолиддинов. -Душанбе: Собириён, 2010. -280 с.
7. Крущельницкая, К.Г. Очерки по сопоставительной грамматике немецкого и русского языков/ К.Г. Крущельницкая. –М.: Литер. на иностр. языках, 1961. -265 с.
8. Куджов, Х.Р. Функционально-семантический анализ наречий в таджикском и немецком языках: дис. канд. филол. наук/ Х.Р. Куджов. –Душанбе, 2015. -153 с. 166
9. Мамадасламов М.С. Выражение пространственно-временных отношений в системе предлогов и послелогов в разносистемных языках (на базе шугнанского, немецкого и таджикского языков: автореф. дис. … д-ра филол. наук/ М.С. Мамадасламов. –Душанбе, 2019. -47с.

10. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик/ Н. Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашрдавточик, 1959. -295 с.

11. Мухторова С.Я. Артикл “е” в современном таджикском литературном языке и его английские эквиваленты: Душанбе, Дониш-1980.- 344с

12. Розен Е.В. Немецкая лексика: история и современность / Е.В. Розен. М., 1991.- 150с.

13. Павлов, В.М., Орлова, О.П., Шавель, Е.Е. Учебник немецкого языка/ В.М.Павлов, и др.-Л.: Просвещение, 1980. -424 с.

14. Рустамов, Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм/ Ш. Рустамов. –Душанбе: Ирфон, 1972. -162 с

15. Степанова М.Д., И.И. Чернышева.Лексикология современного немецкого языка / М.Д. Степанова, М., 1972. - 152 с.

16. Искоз, А., Ленкова А. Лексикология немецкого языка / А. Искоз, Ленинград, 1960. – 269 с.

17. Мугу, Р. Ю. Полисемантизм соматической лексики на материале русского и немецкого языков. / Р. Ю. Мугу – Майкоп, 2003. – 166 с.

18. Ammon U. Deutsch im Internet hat Zukunft / U. Ammon // Kultur-Report. -Bonn, 2000,-№ 22.-S. 8

19. GroBe E.U. Text und Kommunikation. Eine linguistische Einfiihrung in die Funktionen der Texte / E.U. GroBe. Stuttgart, Berlin, Koln, Mainz, 1976. -164S.

ЗАМИНҲОИ НАЗАРИЯВӢ ОИД БА ИСТИФОДАБАРИИ АРТИКЛҲОИ ИСМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақола оид ба истифода намудани артиклҳо аз рӯи сохторӣ ва маъноӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ сухан ба миён меравад. Чи хеле ки муаллифи мақола қайд менамояд, артиклҳо мисли дигар гурӯҳи калимаҳо маънои васеъ дошта ва ҳар кадоме аз онҳо вазифаҳои муайянӣ худро дошта, дар алоҳидагӣ таҳқиқу таҳлил намудан дар забонҳои гуногунсохтор аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд. Ин хусусиятҳо дар қиёс бо дигар аъзои пайрави ҷумла бештар ба назар расида, таваҷҷуҳи ҳар муҳаққиқи забоншиноси муқоисавиро ба худ ҷалб намудааст.

Дар ин мақола, муаллиф таҳқиқоти илмии худро дар хусуси тарзи истифода намудани артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ аён намуда, хусусияти истифодабарии онҳоро вобаста ба самти вазифаҳояшон дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муайян намудааст.

Калидвожаҳо: артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ, забоншиносии муосир, таҳлил, баррасӣ, маъноӣ, сохторӣ, грамматикӣ, муқоиса, дар забонҳои гуногунсохтор, истифодабарӣ, хусусиятҳо, ҳадаф, сарчашмаҳо, пажуҳиши илмӣ, исм, категория, ашё, масалан.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПОТРЕБЛЕНИЯ ИМЕННЫХ АРТИКЛЕЙ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается структурное и семантическое употребление артиклей в таджикском и немецком языках. Как отмечает автор статьи, артикли, как и любая другая группа слов, имеют широкое значение, и каждая из них имеет свои определенные задачи, и их изучение и анализ в отдельности на различных языках имеет большое научное и практическое значение. Эти особенности более заметны по сравнению с другими членами следующего предложения и привлекли внимание каждого исследователя сравнительного языкознания.

В данной статье автор раскрыл свои научные исследования о способах употребления определенного и неопределенного артиклей и определил характер их употребления в зависимости от направленности их задач в таджикском и немецком языках.

Ключевые слова: определенные и неопределенные артикли, современная лингвистика, анализ, обзор, семантический, структурный, грамматический, сравнение, в языках с разной структурой, употребление, особенности, цель, источники, научное исследование, существительное, категория, вещь, например.

THEORETICAL BASIS ABOUT USING OF THE NOUN IN ARTICLES IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

The article using the structural and semantic about articles in Tajik and German languages. As the author notes of the articles one of the groups words which have got their own meaning and perform specific functions, and separately studying and analyzing their characteristics in languages with different structures, also importance the role of definite and indefinite articles in great scientific and practical. These features are more noticeable in comparison with other parts of speech and have attracted the attention of every comparative linguistic researcher.

In this article, the author presents his scientific research to use the definite and indefinite articles and identifies the features of their use depending on their functional orientation in Tajik and German languages.

Keywords: definite and indefinite articles, modern linguistics, analysis, consideration**,** semantic, structural, grammatical, comparison, languages with different structures, using, characteristics, purpose, sources, scientific research, noun, category, object, for example.

Маълумот дар бораи муаллиф: Исломава Ситора Илҳомовна - докторанти (Phd)-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Телефон: (+992) 981-07-09-19. E-mail: islomovasitora@8gmail.ru

Сведения об авторе: Исломова Ситора Илхомовна - докторант (Phd) кафедры сравнительного языкознания и типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Телефон: (+992) 981-07-09-19. E-mail: islomovasitora@8gmail.ru

Information about the author: Islomova Sitora Ilhomovna - PhD student of the department of comparative linguistics and typology of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Phone: (+992) 981-07-09-19. E-mail: islomovasitora@8gmail.ru

ТДУ: 81.21.001
К - 29

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ ФИТОНИМҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Каримова Д.Ш., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ономастика ё номшиносӣ аз қабили илми нисбатан ҷавон буда, дар солҳои 50-уми садаи XX арзи ҳастӣ кардааст ва то имрӯз дар рушду нумуъ қарор дораад. Муодили тоҷикии ин бахши забоншиносӣ номшиносӣ буда, ҳоло дар забоншиносии тоҷик доир ба ин илм ва шохаҳои он корҳои зиёди илмӣ анҷом дода шудааст. Дар байни илмҳои мавҷуда ономастика бо таърих, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ, генеология, геалдика, матншиносӣ, адабиётшиносӣ, ҷуғрофия, нуҷум дар иртиботи қавӣ қарор дошта, солҳои охир ҳамчунин бо геология, геоморфология, мелиоратсия, демография ва кишваршиносӣ робитаҳои худро инкишоф дода истодааст. Дар таҳқиқоти ономастикӣ аз бисёр методҳои забоншиносӣ, аз ҷумла муқоисавӣ-таърихӣ, сохторӣ (формантӣ ва таҳлили асосҳо), генетикӣ (таъйини қаробати исмҳои хос), ҳудудӣ (таъйини ҳудудҳои мувофиқи унсурҳои исмҳои хос), нақшагирӣ (картографӣ), типологӣ, чиннигорӣ, муқоисавӣ (муқоисаи исмҳои хоси забонҳо гуногун), этимологӣ, оморӣ ва ғ. истифода карда мешавад. Бисёре аз муҳаққиқон, сайёҳон ва ҷуғрофидонҳои асримиёнагии Машриқзамин низ оид ба пайдоиш ва вижагиҳои номҳои алоҳида ва ба хусус номвожаҳои ҷуғрофӣ мулоҳизаҳои ҷолиб доранд. Ҳарчанд ин мулоҳизаҳо ба мо имкон намедиҳанд, ки аз онҳо ҳамчун номшиносон ёдовар шавем, вале дар ҳар сурат Ёқути Ҳамавӣ, Ибни Ҳавқал, Ал-Яъқубӣ, Ибни Надим, Ибни Фақеҳ, Ибни Хурдодбеҳ, Ал-Истахрӣ, Ал-Балозурӣ, Абурайҳони Берунӣ, ибни Баттута, Хой Чао, Сюан

Теанг ва чанде дигарон дар асарҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва сафарномаю солномаҳояшон қайдҳои ҷолибе оид ба номҳои нуқоти маскунӣ ва дарёҳо ҷой додаанд.

Ономастика аз чандин шохаҳо иборат буда, муҳимтаринаш антропонимия, топонимия, ойконимия, этнонимия, фитонимия ва амсоли инҳо ба шумор мераванд ва ҳар яке аз ин бахшҳо мабҳас ё объекти таҳқиқи худро доро буда, то имрӯз доир ба ин шохаҳо корҳои зиёди илмӣ анҷом дода шуда, ҳатто чандин фарҳанги соҳавӣ мураттаб гардидаанд, Фитоним, тавре гуфтем, яке аз бахшҳои ин соҳа буда, мо тасмим гирифтаем доир ба ин бахши номшиносӣ ва вижагиҳои луғавии он дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ, гӯйишӣ ва асари «Гиёҳномаи Абумансури Муваффақ», ки бо унвони «Ҳақоиқ-ул-адвия»-и Абумансури Ҳиравӣ низ маълум аст, маълумоте чанд бидиҳем ва ҷойгоҳи ин истилоҳи илмиро дар қатори дигар илмҳо нишон диҳем.

Тавре зикраш рафт, фитоним яке аз шохаҳои номшиносӣ ё ономастика буда, номи рустаниҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва вожаи мазкур аз ҷузъҳои fitos – рустанӣ ва onim – номи забони юнонӣ шакл гирифта, маъноияш илм дар бораи номи рустаниҳо, гулу гиёҳҳо маҳсуб меёбад. Дар топонимия як қатор номи ҷойномҳоеро, ки бо номи рустаниҳо ёд мешавад, фитотопонимия мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки бо фитоним марбут аст ***(деҳаи Зардолубоғ, Дараи Бедҳо, Даҳбед, Чорсада, Гулбоғ***...) ва ғайра.

Таҳқиқу омӯзиши вожаҳои ифодагари рустаниҳо ё фитонимҳои таркиби луғавии забонҳои гуногун ва инчунин асарҳои алоҳидаи таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, тиббӣ ва монанди инҳо басо фоидаовар буда, манзалату манзараи мавқеи ин вожагон ва тобишу ҷилоҳои маънии онҳоро дар таркиби луғавии забони алоҳида, ба хусус забони форсии тоҷикӣ, муайян намудан мумкин аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки фитонимҳо ба радаи вожагони муҳимми таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ қарор дошта, ба гурӯҳи вожаҳои фаъоли таркиби луғавии забонамон шомиланд. Таҳқиқ нишон дод, ки фитонимҳо дар ташаккули фонд ё хазинаи асосии луғавӣ ва дар ин замина таркиби луғавии забони адабии ҳар як забон нақши муҳим доранд. Ба ҳайати рустаниҳо тамоми анвои дарахтон, гулу буттаҳо, гиёҳҳо дохиланд. Халқ рустаниҳоро аз рӯйи аломату хусусият, монандию манфиатрасонӣ дар қолабҳои гуногуни калимасозии забон сохта, онҳоро барои масоили гуногуни рӯзгорашон: хӯрок, сохтмон, табобат, киштукор, сохтани асбобҳои рӯзгор, олоти меҳнат, ифодаи соҳаи тиб, дорусозӣ ва дар номгузориҳои деҳаю гузарҳо, чарогоҳу маконҳои хурди истироҳатӣ ва ғайра истифода мебаранд.

Бояд гуфт, ки дар забоншиносӣ оид ба фитонимҳо адабиёту таҳқиқоти илмӣ кам нестанд. Забоншиносон оид ба вижагиҳои луғавию дастурии (грамматикии) ин гурӯҳи вожаҳо дар забонҳои гуногун осори мухталиф офаридаанд. Ба қавли забоншинос Т. Шокирзода «вале ҳанӯз бисёр паҳлуҳои он мунтазири баррасист. Аз ҷумла, ҳанӯз на дар забоншиносии ҷаҳонӣ ва на дар забоншиносии тоҷик мақоми лингвистии исму номи рустаниҳо муайяну муқаррар карда нашудааст. Гурӯҳе онҳоро истилоҳ меноманд, баъзеҳо номи муқаррарии чизҳо, сеюмӣ баробари ифодагари номи ашё ҳисобидан, як қатор вижагиҳои фитонимӣ [гиёҳномавӣ]-и онҳоро ба мисли ифодагари номи махсусу алоҳида ва ягона будан, вижагии калимасозӣ доштан, дорои маъно, сифат ва вижагии соҳавӣ будан ва амсоли инҳоро номбар менамоянд [14, с. 13].

Бояд гуфт, ки фитоним истилоҳи байналмилалӣ [1, с. 126] буда, ин донишманд дар таълифоти худ онро дар шакли *гиёҳвожа ё гиёҳвожаҳо* номбар кардааст, ки баргардони таҳтуллафзӣ буда, аз ҷузъҳои гиёҳ [fito] ва вожа [onuma] таркиб ёфтааст. Дар забоншиносии тоҷик оид ба гиёҳвожаҳо таҳқиқоти алоҳида ва фарогир ба табъ нарасидааст, вале ишораву омӯзишҳои иҷмолӣ мавҷуданд, ки бархе аз вижагиҳои онҳоро дар забони тоҷикӣ, дар маҳаллу асари алоҳида баррасӣ кардаанд.

Қобили қайд ва боиси хушнудист, ки ниёгони мо таърихи қадимаи хатро соҳиб буда, ба туфайли он тавонистаанд, аз замонҳои қадим то имрӯз номи бисёр набототу гиёҳҳо ва рустаниро ба мо расонанд. Масъалаи тасвиру сабти набототу гиёҳҳо дар тамаддуни халқи тоҷик таърихи қадима дорад. Ҳанӯз дар асари муқаддаси ориёиён «Авесто» бино бар таъкиди профессорон И.С. Брагинский ва Ю. Нуралиев зиёда аз сад намуди рустаниҳои доруворӣ ба мисли коҳу, ҳума [бандак], сипанд, зира, сир, кунҷит, пиёз, сабзӣ, турб ва ғайраҳо номбар

шудааст [2, 9; 9, 5; 4, 7; 5]. Минбаъд ҳам олимону табибон ва набототшиносони гуногундавраи мо ба масъалаи нишон додани вижагиҳои давоию наботии рустанию гиёҳои кишвар ва берун аз он диққати зиёд дода, дар асарҳояшон бисёр нуктаҳои муфидро таъкид намуда, дар рушди гиёҳшиносӣ саҳми бузурге гузоштаанд. Дар асарҳои Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, олимону адибони баъдина ҳангоми зикри рустаниҳои гуногуни шифобахш дар Хуросону Мовароуннаҳр бо вожаҳои маҳаллии мухталиф зикр гардидани онҳо ё бо номҳои тоҷикӣ, арабӣ ва маҳаллӣ истифода шуданашон ёдовар шудааст. Ҳарчанд ки дар таърихи гиёҳшиносии тоҷик асарҳои алоҳидае ба мисли «Гиёҳномаи Абӯмансури Муваффақ» [3] ва дар замони муосир ба забонҳои тоҷикию русӣ оид ба гиёҳҳои табобатии Тоҷикистон асарҳои ҷудогона ба табъ расидаанд [5], аммо тафсири номи рустанию гиёҳҳо хеле камтар сурат гирифтааст. Аз ин ҷост, ки таркиби луғавии фитонимҳо ё гиёҳвожаҳоро дар робита ба мазмуну мундариҷа ва муҳтавояшон ба чандин зергурӯҳ дастабандӣ кардан мумкин аст: а) навъҳои дарахтони мевадиҳанда, б) навъҳои дарахтони бемева, в) номи алафу гиёҳ ва амсоли инҳо,

а) Истилоҳот ё вожагони умумии марбут ба навъҳои дарахтони мевадиҳанда дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавқеи муҳим доранд. Вожагони ин гурӯҳ аз калимаҳои умумихалқӣ ва адабӣ-китобӣ маншаъ гирифта, онҳо на танҳо номи рустаниҳои мевадиҳанда, балки номи масоили гуногуни ба онҳо вобастаро низ ифода мекунанд. Ба унвони мисол калимаҳои зеринро овардан мумкин аст, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ корбурд доранд: ***зардолу, олу, себ ва навъҳои он, нок, шафтолу, чормағз, биҳӣ, ношпотӣ, анор, тут, шоҳтут, тути балхӣ, тути хасак, тути сиёҳ, токи ангур, олуча, гелос, бодом, писта, анҷир, хуч, дӯлона, ананас, хурмо, мандарин, санҷид, киви, банан, чормағзи заминӣ, мурӯд, хубонӣ, себбиҳӣ ва ғ.***

Дар забони тоҷикӣ рустаниҳои ифодагари меваҷот боз дар навбати худ ба навъу хелҳо ҷудо мешаванд. Барои мисол мо рустании мевадиҳандаи себро агар таҳлил карданӣ шавем, дар ҳудуди Осиёи Миёна чанд навъи меваҷоти марбути себ аст, ки чанде аз онҳоро ин ҷо чун мисол меоварем: ***латасеб, мулойимсеб, ордаксеб, хубонӣ, кулчасеб, чойниксеб, шоҳисеб, севбиҳӣ, ҷугорисеб, қосимсаркорӣ, кадусеб, зағорасеб, камолисеб, ҳавлосеб, ҷангалӣ, зардсев, сафедсев, турушак, талхаксев, ҷавпазак, сурхсеб, себча, пахтасеб, шакарсеб, себи сурх, себи тиллоӣ*** ва м. инҳо. Дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ доир ба навъи себ чунин вожагонро дучор мешавем: **қопасев**, **хубонӯ//хувони** дар лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ; **гърсев** ва **кълчасев** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб; **чойниксев** // **чойнъксев**, **боғълмасев** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ; **шойисев** // **шоҳисев, ҷавпазак** дар гӯйиши ғарбии Кӯлоб ва **севбийӯ** // **севбиҳӯ** барои аксарияти гӯйиши ҷанубӣ ва ҷанубь - шарқӣ маъмул мебошанд.

Ё доир ба нок ва навъҳои он чунин мисолҳоро овардан мумкин аст: **нашпотӯ** // **нашпутӯ** // **нашпоту, ношпутӯ, мурут** // **мъруд** // **мърут** // **амрут ва ғ.** Вожаи нок дар лаҳҷаи Бухоро дар шакли **ношпӯтӣ** [5, с. 168], дар лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Китоб ба сурати **«нокмурӯд»** [5, с. 184] истифода мешавад. Дар форсии миёна амрут шакли "**анбаруд**" доштааст [7, с. 98]. Ғайр аз ин, анвои нок бо номҳои **анҷирак** «ноки хурди сурхчатоби анҷирмонанд» дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ; **кайвон//кайвун**, **каҳин**, **севнок** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб вомехӯранд. Калимаи **шъкинг** (навъи нок) аз рӯйи шарҳи Н. Гадоев ба лаҳҷаи Тагнов мансуб аст [Гадоев 2012, 83], ки мо ба ин мувофиқем. Калимаи **севнок** дар минтақаи Лахш ба маънои «навъи алаф» низ истифода мешавад. Навъҳои **мурут** // **мъруд** // **мъру** нисбатан зиёдтаранд. Номгузории ин навъи мева мутобиқи рангҳо (зард, сафед, сиёҳ), монандиашон бо ашёи атроф (кулух, кулча, анҷир), намуди зоҳирии худи онҳо ва ғайра вобаста аст. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ: **зардакмърут, търъшмърут**, **кълухмърут;** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб: **кълчамурут, шаҳингмърут**, **анҷирмурут**; дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ: **хирсакмърут//хърсакмърут, қоқмъруд** маъмул аст. Калимаҳои **съфедмъруд** // **съфедмърут** ва **сийамъруд** // **сийаҳмуруд** барои шеваи ҷанубӣ ва ҷанубь - шарқӣ муштарак мебошанд. Вожаи **тарак** танҳо дар деҳаи Ғеш (гурӯҳи шимолии Кӯлоб) чун навъи амрӯд роиҷ аст. **Қоқмъруд** ва **хирсакмърут//хърсакмърут** ҳарчанд бо пайванд кардан ба навъи хуб табдил ёфта бошанд ҳам, номи қаблиашон иваз нашудааст. Барои ифодаи анвои ин гурӯҳ (муруди ёбоӣ) дар шакли ибораҳо истилоҳоти **мърути ҷангалӣ** ва **мърути хърсак** низ

мавҷуд аст. Навъҳои **анҷирмурут** ва **шаҳингмърут бо** ибора-истилоҳ дар шакли **мърути анҷирак**, **мърути шоҳӣ** истифода мешаванд.

Бояд зикр кард, ки дар ҳамин шакл, **номи анвои зардолу:** қандак, рухак, хурмоӣ, сафедак, сафара, ширинduна ва ғ.; **номи анвои олу**: олу//оли, олича, гелос, олуболу//олболу, қаролу, зардолича, ғандолу//ғандолӣ, қаҳролу//қаролу, сияҳгелос, навгелос, зардгелос ва ғ.; **номи анвои шафтолу**: шафтолӣ, пашмак, лашмак, анҷиршафтолу, кулчашафтолу, сурхшафтолу, сафедшафтолу ва ғ.; **номи анвои ангур**: кишмиш, чиликӣ, таговӣ, бахтийорӣ, ҳусайнӣ, говангур, лалӣ, лаълангур, сияҳангур, сафедангур, ҷавз, ҷавпазак, сурхаи сиёҳ, кишмиши сиёҳ, гурдаи гов ва ғ.; **номи анвои тут**: гултут, шаҳтут, хастут, нартут, сафедтут; сияҳтут; бурпуштак, рахштут, сурхтут, калатут, тутмайиз, тути сиёҳ, тути духтарчин, тути лаълӣ, тути балхӣ, тути музаффарӣ, тути бедона, тути рованӣ, тути овғуч, тути шайхӣ ва ғ.; **номи анвои чормағз: кӯрак, қоғотӣ, говкалла; номи анвои дӯлона, санҷид, анор, анҷир** мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Вожаҳои ифодагари рустаниҳои мевадиҳанда дар забонии тоҷикӣ аз нигоҳи сохт низ гуногун буда, онҳоро метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: *сода (**олу, себ, нок, анор, тут, ток, ангур, гелос, бодом, писта, анҷир, хуч, ананас, хурмо, мандарин, санҷид, киви, банан, мурӯд ва г.**), сохта (**дехқонӣ, косибӣ, шофёрӣ, инженерӣ, савдогарӣ, коргарӣ, кирмакпарварӣ,чорводорӣ, шоирӣ, олимӣ, биҳӣ, ношпотӣ, балхӣ, хасак, олуча, себча,** мураккаб (***макаҷаҳварӣ,*** ҷуворимакка; **анҷиршафтолу (**навъи шафтолуи анҷирмонанд), **севнок (**навъи нок), **севбиҳӣ (**як навъи биҳӣ), ***кулчасеб*** (навъи себ), ***хастут (***тути ёбоӣ), **анҷирмурут** (навъи мурут), **олуболу** (як навъи олу), **ғурукрез** (меваи хоми ба офати табиӣ гирифторшуда), **сафедшафтолу** (навъи шафтолу), **сиёҳгелос (**гелоси сиёҳтоб), **сиёҳмуруд (**мурӯди сиёҳчатоб), **зардолу (**олуи зард), **зардгелос** (гелоси зард), **сурхтут** (тути сурх), шоҳтут, **савзинагул (**навъи ангури пӯстнафиси ниҳоят ширин), **кабутсев** (себи кабудчатоби туршмаза), **сиёҳолу** (олуи сиёҳ, қаролу), **чормағз** (номи мева), *ибора – истилоҳот (***ангур (***ангури бедуна // ангӯри бедуна, ангури зулфи, ангури лал, ангури ҳусайнӣ, ангури мундон, ангури мили гов* ва ғ.), **тут** *(тути сафед, тути сиёҳ // сийяҳ, тути сурх, тути бур, тути лухӣ, тути рахшак, тути хасакӣ, тути музафарӣ, тути балхӣ* ва ғ.), **себ//сев** *(севи хубонӣ//хувонӣ, севи боғӣ, севи талхмаза, севи пуштагӣ, севи ҷинҷила, севи пешпазак, севи авҷалилӣ; себи биҳӣ// биҳӣ; севи чарсак ва г.),* **зардолу//зардолӣ** *(зардолийи бодумак, зардолийи къръмхурда, зардолийи пешпазак, зардолийи пучак, зардолийи сърхак, зардолийи съфедак* ва ғ.), **чормағз** *(чормағзи курак, чормағзи лула, чормағзи қоғотӣ, чомоқи қоғоти́, чомоғи пучак ва г.)*

Ҳамин тариқ, аз рӯйи ин мисолҳои оварда ва таҳлили луғавии онҳо вожаҳои ифодакунандаи рустаниҳои мевадиҳанда дар забони тоҷикӣ ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки ин вожагон чун ифодакунандаи номи рустаниҳои мевадиҳанда дар забони тоҷикӣ таърихи қадима дошта, дар шаклгирии онҳо дар забони тоҷикӣ нақш доранд. Ин мафҳуми ифодагари номи рустаниҳои мевадиҳанда дар ҳаёти рӯзмарраи мардум барои ифодаи номи меваҷот ва фаровонии зиндагӣ нақш доштааст.

б) Таҳқиқу омӯзиши вожаҳои ифодагари рустаниҳои бемева дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле муфидовар буда, манзалату шаҳомат ва мавқеи ин вожагон ва тобишу ҷилоҳои маънии онҳоро дар таркиби луғавии забонамон муайян намудан мумкин аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки вожаҳои ифодагари рустаниҳои бемева ба қатори вожагони муҳимми таркиби луғавии забони тоҷикӣ қарор дошта, ба гурӯҳи вожаҳои фаъоли таркиби луғавии забони тоҷикӣ мансубанд. Таҳқиқ нишон дод, ки истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои рустаниҳои бемева дар ташаккули хазинаи асосии луғавӣ ва дар ин замина таркиби луғавии забони адабии ҳар як забон нақши муҳим доранд. Таҳти мафҳуми рустаниҳо ҳамаи навъҳои дарахтон, гулу буттаҳо, гиёҳҳо фаҳмида шуда, соҳибзабон онҳоро аз рӯйи аломату вижагиҳояшон, монандию манфиатрасонӣ дар қолабҳои гуногуни калимасозии забон созмон дода, онҳоро барои масоили гуногуни рӯзгорашон: хӯрок, сохтмон, табобат, киштукор, сохтани асбобҳои рӯзгор, олоти меҳнат ва дар номгузориҳои деҳаю гузарҳо, чарогоҳу маконҳои хурди истироҳатӣ ва ғайра истифода мебаранд.

Истилоҳот ё вожагони умумии марбути навъҳои рустаниҳои бемева дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мақоми муайянро соҳиб буда, шаклгирии ин вожагон ба калимаҳои умумихалқӣ ва адабӣ-китобӣ сахт вобастагӣ доранд. Дар ғаноманд гардидани таркиби луғавии ин ё он забон нақши муассир дошта, на танҳо номи рустаниҳои бемеваро, балки

номи мавзеъҳову маконҳои зисти одамон ва ба зиндагии онҳо вобастаро низ ифода мекунанд. Ба унвони мисол фитонимҳои зеринро овардан мумкин аст, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ корбурд доранд: *сафедор, бед, чанор, тирак, сарв, арча, сада, туғ, буғма, маҳмил // маҳмел, чаҳир, тарбит, анис, ҳирғай, оқчайир, баҳтир, наргис, хайрӣ, бунафша, ғармаш, испанд, садбарг, лола, тюлпан, бурс, карағоч, шибит, райҳон, пудина, арпаподиён, хор, ғуш (навъи дарахти кӯҳӣ), ғумай (навъи гиёҳ), ғевч (навъи дарахт), фарк (заранг), рем // рим (навъи дарахти бесамар), сира (рустании хордори худрӯй), собока (навъи растанӣ), сурай (навъи бутта), пуш (навъи бутта), сус (ширинбӯя)* ва даҳҳо калимаи дигар мавҷуданд, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар забони тоҷикӣ рустаниҳои бемева боз дар навбати худ ба навъу хелҳо ҷудо мешаванд. Барои мисол мо рустании бемеваи **сафедорро** агар таҳлил карданӣ шавем, дар ҳудуди Осиёи Миёна чанд навъи рустании бемеваи марбути сафедор мавҷуд аст, ки чанде аз онҳоро ин ҷо чун мисол меоварем: **ар-ар//ɛар-ɛар//hар-hар, тирак, терак, девдор, съфедтерак, састирак, мирзотерак** ва ғ. Инчунин барои вожагони **бед** ҳамчун ифодакунандаи навъи рустании бемева чунин навъҳои ин вожагон мавриди корбурд қарор доранд: *кундабед, катбед, хинбед, сийабед // сийаҳбед, сурхбед, калбед, зарбед, маҷнунбед* ва ғ. Масъалаи таъмини васоили зиндагӣ тавассути чӯб сабаб шудааст, ки мардум таркиби луғаташонро бо вожаҳои марбут ба дарахтони бемева такмил диҳанд. Ин аст, ки аз қадим ба дарахт ва чӯб аҳаммияти махсус дода мешавад. Дар ин бобат муҳаққиқон дар нигоштаҳои худ чунин ибрози андеша кардаанд. Аз ҷумла, забоншинос Д. Саймиддинов роҷеъ ба дараҷаи корбурди таърихии вожагони ин соҳа чунин нигоштааст: «Дар форсии миёна мафҳуми дарахт бо се вожа «draxt», «dār», «van» баён мешуданд…. Dār, ав. dāru, ф.н. dār; имлои дигари паҳлавии он dāru, п.м. d'lwgwzrg «дарахти бузург». Аз таърихи корбурди вожаи мазкур ва маънои дувуми он – «чӯб» метавон ба ин натиҷа расид, ки dār «дор» аслан дар мавриди дарахтони бесамар ва барои чӯб истифодашаванда ба кор мерафтааст» [7, с. 96-97]. Истилоҳи барои ҳамаи тоҷикон маъмули «долу дарахт» низ барои ифодаи номи умумии дарахтон истифода мешавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки бо номи рустаниҳои бемева дар ҳудуди Осиёи Марказӣ чандин ҷойномҳо (топонимҳо) шакл гирифтаанд: *Арчазор, Арчадор, Арҷинак, Таги Арча, Бедзор, Бедиҳо, Бедчашма, Бедак, Таги Маҷнунбед, Бурс, Ванвани Боло, Ванвани поён, Ванқалъа, Вардуч, Виткон (Бедзор), Бедобод, Бедистон, Яккабед, Дубед, Тагибед, Себед, Даҳбед, Сада, Садазор, Чанор, Яккачинор, Ҳазорчинор, Қӯшчинор, Тагичанор, Чинор- зор,Чинорак,Чаноро, Хорвара, Хорзор, Хордара, Пудина, Арарак, Тиракзор, Девдор, Сафеддорон, Сафедорак, Сафедтерак, Испандзор, Карағоч, Камолакдара, Қамишзор ва ғ.* Ин ҷойномҳо дар қолаби истилоҳсозии забони тоҷикӣ сурат гирифта, ба таркиби луғавии забонҳои дигари минтақа низ дар ҳамин шакл гузаштаанд ва доираи корбурди васеъ доранд.

Бо номи рустанӣ ва гиёҳ созмон ёфтани ҷойномҳоро дар топонимия **фитотопонимия** меноманд. **Фитотопоним** аз луғати юнонии **fitās** – рустанӣ, гиёҳ ва **tāpās –** маҳал, ҷой, мавзеъ таркиб ёфта, маънои бо номи рустанӣ, гиёҳҳо созмон ёфтани ҷойномҳоро дорад. **Фитотопонимия** маҷмуи чунин номҳо буда, бо номи гиёҳу рустанӣ алоқаманд аст. Ҳоло чанде аз ин ҷойномҳоро мавриди таҳлили забони қарор медиҳем: **Арчазор,** номи деҳи кӯҳӣ, ки далолат ба макони зиёд будани арча мекунад: арча+зор; **Арчадор,** номи деҳаи кӯҳӣ, ки далолат ба мавҷуд будани арча мекунад: арча+дор; **Арҷинак,** номи деҳаест, ки ба макони зиёд будани буттазор далолат мекунад. Дар забони порсии бостон ин вожагон дар шакли **arjinak** истифода шуда, маънои макони сербутта, буттазорро ифода мекард [8, с. 20]; **Бурс,** номи деҳа дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, маънои макони арчазорро дорад; **Бедзор,** номи деҳа буда, макони зиёд будани бедро ифода мекунад; **Бедчашма,** номи деҳа ва ба маънои чашмаи назди бедро дорад; **Бедак,** номи деҳа ва ба маънои мавҷуд будани беди хурд дар ин ҳудуд далолат мекунад; **Таги Маҷнунбед,** номи деҳаест, ки дар асоси мавҷуд будани дарахти маҷнунбед дар ин макон шакл гирифтааст.

в) Вожаҳои ифодагари мафҳуми гулу гиёҳ дар таркиби луғавии забонамон мақоми муайянро касб намуда, аз қабили вожаҳои фаъол ва оммафаҳм маҳсуб ёфта, дар калимасозӣ нақши муассир доранд ва тавассути ғазалиёти шоирон забони адабии тоҷикӣ пурғановат ва таъсирбахш

мегардад. Дар таркиби дуғавии забон вожаҳои ифодагари гулу гиёҳ низ ҷойгоҳи махсусро доро буда, тавассути онҳо, ба хусус бо калимаи худи гул чандин калимаву таркиб, зарбулмасалу мақол ва ибораҳои фразеологӣ созмон ёфтаанд: *гули бехор; гули намози шом; гул кардан, аз гул фуромадан (баромадан), аз сад гулаш як гулаш нашукуфтан; гули сари сабад; гул андохтан; гул баровардан, гули коғазин бӯй надиҳад; одам аз гул нозуку аз санг сахт; ҳар гулеро як бӯе; гули чашм; гула, гулакдӯзӣ, гулангубин, гуландом, гулафшон, гул кардан, гулафшонӣ кардан, гулбадан, гулбанд, гулбарг, гули хандон, гулбасар, гулбахмалпӯш, гулбез, гулбоғ, гулбоғи ошиқон, гулбоз, гулбонг, гулбонги булбул, гулбор, гулборон, гулборон кардан, гулбофт, гулбун, гулбуни гулшани назокат, гули ноз, гули даҳбунон; гули фирӯза, гулбур, гулбурӣ, гулбутта, гулбӯ(й), гули атрӣ, гулгардонӣ, гулгаҷ, гулгаҷӣ, гулгашт, гулгирак, гулгузорӣ, гул-гул шукуфтан, гулгун, гулгуна, гулгунӣ, гулгункафан, шаҳидони гулгункафан, гулгунқабо, гулгунрух, гулгунрухсор, гулғунча, гулдаст, гулдаста, гулдом, гулдон, гулдор, гулдур-гулдур, гулдуррос, гулдурросӣ, гулдӯз, гулдӯзӣ, гулдӯзӣ кардан, гулдӯст, гулзор, гулистон, гулистони ирам, гулӣ, гулкарам, гулкор, гулкорӣ, гулқанд, гулмахмал//гулбахмал, гулмахмалпӯш// гулбахмалпӯш, гулмех, гулмехбанд кардан, гулмижа, гулмоҳӣ, гулнақш, гулнам кардан, гулнасаб, гулнисор, гулпош, гулнор, гулоб, гулобдон, гулобиранг шудан, гулобитоб, гулобӣ, гуловез, гулон, гулоҷ, гулпараст, гулпарвар, гулпарварӣ, гулпартоӣ, гулпероҳан, гулпечак, гулпош, гулпошӣ, гулпӯш, гулранг, гулрез кардан, гулрух, гулрухсор, гулрӯ, гулсанги булӯри кӯҳӣ, гулсангшиносӣ, гулситон, гулистон; гулсифат, гулфишон, гулафшон, гулфишонӣ, гулафшонӣ, гулфом, гулфурӯш, гулфурӯшӣ, гулхан, гулханафрӯз, гулханда, гулхонӣ, гулхантоб, гулхонӣ, гулхат, гулхез, гулхона, гулхӯрак, гулчанбар, гулчеҳр(а), гулчин кардан, гулчинӣ, гулчой, гулҷом, гулҷӯш, оразигулшакар, гулқанд, гулшан, гули аҳбоб; гули даҳр (рӯзгор), гулшансаро, гулшаҳд, гулъизор//гулъузор...* ва амсоли инҳо.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи ин мисолҳои оварда ва таҳлили қиёсии вожагони ифодакунандаи фитонимҳо, ки иборат аз рустаниҳои мевадор, бемева ва номи гиёҳу алаф мебошад, дар забони тоҷикӣ ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки ин вожагон чун ифодакунандаи номи рустаниҳои мевадор, бемева ва номи рустаниву гиёҳу алаф дар забони тоҷикӣ таърихи қадима дошта, дар шаклгирии онҳо дар забони мазкур нақш доранд. Ин мафҳуми ифодагари номи рустаниҳои мевадор, бемева ва номи гиёҳу рустанӣ дар ҳаёти рӯзмарраи мардум барои ифодаи ҷойномӣ ва тарзи зиндагиву маишати сокинони онҳо нақши муҳим доштааст.

Адабиёт:

1. Берёзин, Ф.М., Головин Б.Н. Общее языкознание. – М.: ВШ, 1979.-215с.
2. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литературы.-М.: Наука, 1972.-672с.
3. Гиёҳномаи Абумансури Муваффақ (Таҳияи матн, пешгуфтор, мулҳақот, луғот, тавзеҳот ва феҳрасти номҳо аз Ю. Нуралиев ва Ҷ. Додалишоев).-Душанбе: Ирфон, 1980.-192с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1.-Душанбе: Ирфон, 1985.- 320 с.
5. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ/М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев.-Душанбе: Дониш, 2012.-946с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ//Ҳ.Маҷидов.–Душанбе, 2007. – 320 с.
7. Саймиддинов Д. Вожасозии забони форсии миёна/Д. Саймиддинов.–Душанбе: Пайванд, 2001.–310 с.
8. Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ.-Душанбе, 2019.- 278 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1.-М.: СЭ, 1969.-952с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2.-М.: СЭ, 1969.-952с.
11. Хоркашев, С.Р. Калимасозии исм бо пасвандҳо/С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010.-143 с.
12. Ҳомидов Д. Шевашиносӣ//Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2016. – 260 с.

13. Шанский, М.Н. Лексикология современного русского языка.–М.: Просвещения, 2006.-234 с.

14. Шокиров, Т.С. Гиёҳвожаҳои забони тоҷикӣ ва вежагиҳои луғавию сохтории онҳо//Т.С. Шокиров//Забон-рукни тоат, № 11, 2018.-С. 13-24.

15. Юсупова, С. Нақши калимаҳои сода дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба наботот/С. Юсупова//Паёми ДМТ № 4/5.-2017.-135-141.

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ ФИТОНИМҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур доир ба вижагиҳои луғавии фитонимҳои забони тоҷикӣ маълумот дода шуда, аз ҷумла зикр мегардад, ки фитоним яке аз бахшҳои ономастика буда, номи рустаниҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва вожаи мазкур аз ҷузъҳои fitos – рустанӣ ва onim – номи забони юнонӣ шакл гирифта, маънояш илм дар бораи номи рустаниҳо, гулу гиёҳҳо мебошад.

Дар топонимия як қатор номи ҷойномҳоеро, ки бо номи рустаниҳо ёд мешавад, фитотопонимия мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки бо фитоним марбут аст ***(деҳаи Зардолубоғ, Дараи Бедҳо, Даҳбед, Чорсада, Гулбоғ***...) ва ғ. Таркиби луғавии фитонимҳоро дар робита ба мазмуну мундариҷа ва муҳтавояшон ба чандин зергурӯҳ дастабандӣ кардан мумкин аст: а) навъҳои дарахтони мевадиҳанда; б) навъҳои дарахтони бемева; в) номи алафу гиёҳ ва амсоли инҳо. Ҳамчунин зикр мегардад, ки дар навбати худ рустаниҳои ифодагари меваҷот, бемева ва алафу гиёҳи забони тоҷикиро боз ба навъу хелҳо ҷудо кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: вожа, гиёҳ, фитоним, рустаниҳои бемева, мевадор, алаф, гиёҳ, калимасозӣ, сохт, мураккаб, таркиб, забон, қолиб, пешванд, осор, табобат, сарвати забон, дору, доруворӣ, миҷоз, тар, хушк, рутубат ва ғ.

СЛОВАРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ФИТОНИМОВ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье дана информация о лексических особенностях фитонимов в таджикском языке, в том числе о том, что фитонимы — это раздел ономастики, изучающий названия растений, и что это слово образовано от греческих слов fitos — растение и onim — имя, означающих науку о названиях растений, цветов и трав.

В топонимике ряд топонимов, названных по названиям растений, изучает фитотонимия, которая связана с фитонимами (село Зардолубог, Дараи Бедхо, Дахбед, Чорсада, Гулбог...) и т. д. Лексический состав фитонимов по содержанию можно разделить на несколько подгрупп: а) виды плодоносящих деревьев; б) виды бесплодных деревьев; в) названия злаков и трав и т. п. Отмечено также, что в свою очередь растения, обозначающие плоды, бесплодные деревья, злаки и травы в таджикском языке можно разделить на виды и разновидности.

Ключевые слова: слово, трава, фитоним, бесплодные растения, плодоносящие растения, трава, травка, словообразование, структура, сложность, состав, язык, шаблон, префикс, артефакт, лечение, богатство языка, лекарство, медикамент, клиент, влажный, сухой, влажность и т. д.

VOCABULARY FEATURES OF PHYTONYMS OF THE TAJIK LANGUAGE

The article provides information on the lexical features of phytonyms in the Tajik language, including the fact that phytonyms are a section of onomastics that studies the names of plants, and that this word is derived from the Greek words fitos - plant and onim - name, meaning the science of the names of plants, flowers and herbs.

In toponymy, a number of toponyms named after plants are studied by phytotonymy, which is associated with phytonyms (the village of Zardolubog, Darai Bedkho, Dakhbed, Chorsada, Gulbog...), etc. The lexical composition of phytonyms can be divided into several subgroups according to their content: a) types of fruit-bearing trees; b) types of fruitless trees; c) names of cereals and herbs, etc. It is also noted that, in turn, plants denoting fruits, fruitless trees, cereals and herbs in the Tajik language can be divided into types and varieties.

Key words: word, grass, phytonym, sterile plants, fruit-bearing plants, grass, herb, word formation, structure, complexity, composition, language, template, prefix, artifact, treatment, richness of language, medicine, drug, client, wet, dry, humidity, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримова Дилноза Шоназаровна - докторанти (PhD) кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: (992) 906-66-28-02

Сведения об авторе: **Каримова Дилноза Шоназаровна** – докторант (PhD) кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел.: (992) 906-66-28-02

Information about the author: Karimova Dilnoza Shonazarovna – PhD student of the Department of Linguistics and History of Language of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street 16. Tel.: (992) 906-66-28-02

ТДУ:81+81′26 (075.8)
ТКБ:81 (2-тоҷ)
Қ-93

ТАХАЛЛУС, ЛАҚАБ ВА НОМҲОИ ИФТИХОРИИ КИТОБИ «УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ»-И ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Қурбонзода З.А., унвончӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Олимони тоҷик аз охирҳои солҳои 70-уми асри XX ба таҳлилу таҳқиқи номҳои ифтихорӣ ва ё тахаллусу лақаб оғоз намуда, то ба ҳол идома дорад ва оид ба ин мавзуъ китобу мақолаҳои фаровоне рӯйи чоп омадаанд.

Дар ин маврид олими тоҷик О. Ғафуровро метавон мисол оварда. Мавсуф дар осораш «Имя и история» [1987], «Шарҳи исму лақабҳо» [1981], «Лев и Кипарис» [1971], «Рассказы об именах» [1968] паҳлуҳои гуногуни бахши номҳои ифтихорию лақабгузориро дар асрҳои миёна ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар бораи таърихи лақабгузорӣ муҳаққиқ К.Э. Босворт дар китобаш «Лақабгузории салотини Ғазнавӣ» [1971] дар бораи таърихи лақабгузории даврони Ғазнавиён таҳқиқе ба анҷом расонидааст.

Ҳарчанд, як зумра олимону муҳаққиқон мавзуи лақабгузориро ба риштаи таҳқиқ кашида бошанд ҳам, то ҳанӯз он ба мачрои муайян дароварда нашудааст. Ба таври дигар гӯем, то кунун лақабҳои қаҳрамон (персонаж)-ҳои аксар китоби таърихӣ ва адабию бадеӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Инро ба назар гирифта, таҳқиқоти хешро оид ба яке аз китобҳоии таърихӣ мубрам ва саривақтӣ мешуморем.

Дар асар корбасти лақабҳо (тахаллус ва ё номҳои ифтихорӣ) чун дигар қабатҳои луғавӣ мавқеи хосро ишғол менамоянд. Таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши лақабҳо монанди дигар исмҳои хос кори саҳл набуда, таърихи ниҳоят куҳан доранд.

Аз эҳтимол дур нест, ки таҳлил ва баррасии ин қабати омонимҳо андешаи хонандаро бобати омӯзиши номҳои ифтихорӣ (тахаллус, лақаб) дар асар, махсусан унвон гузоштан ба он вожаи «Лақаб» парешон намояд, зеро дар айни замон, вожаи лақаб дар андешаи мардум ҳамчун мафҳуми манфӣ дарҷ ёфтааст. Ба андешаи забоншинос Э. Давлатов, «Бештари мардум лақабро танҳо мафҳуме медонанд, ки барои симои нозеб, хислати нохуб ва рафтору кирдори бад доштани инсон ба он нисбат дода ва ба ин васила онро мавриди мазоқу тамасхур қарор медиҳанд, аммо дар асл ин тавр нест» [2, с. 34]. Лақаб ҳамчун номи иловагӣ дар баробари мавҷуд будани хислатҳои манфӣ, инчунин, бояд ба хислат, рафтор, ҳунар,

куният ва монанди инҳо барин афъоли ҳамида ба кас гузошта шавад ва онро ҳеҷ гоҳ набояд воситаи тамасхуру мазоқи инсон баҳо бидиҳем. «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи лақабро «…Номи иловагие, ки ба кас аз рӯйи сифати нек ё бад, ё аз рӯйи ягон кораш дода мешавад. …» маънидод менамояд, ки ин гуфтаҳои болоро возеҳ месозад [9, с. 125].

«Луғатномаи Деҳхудо» вожаи лақабро «номе, ки далолат бар мадҳ ё зам кунад», маънидод карда, мегӯяд: «Он ном, ки пеш аз номи нахустин касеро диҳанд, ки ҳовии мадҳӣ ё заммӣ бошад» [1, с. 354].

Забоншиносони тоҷик оид ба вожаи «лақаб» андешаҳои зайл доранд: Лақаб (ар. Лақабун)–номи дуюме, ки ба тариқи ифтихор, мадҳ ё ҳаҷву мазаммат ба номи аслии касе илова карда мешавад ё ҷойи аслии ӯро мегирад. Лақабро ба одам мегузоранд. Дар лақабгузорӣ, одатан, хусусиятҳои ботинӣ ва зоҳирии инсон ба ҳисоб гирифта мешавад: «Ва номи он подшоҳ Қароҷурин–турк буд ва онро аз ҷиҳати бузургӣ ба Ёву лақаб карда буданд» [Таърихи Наршахӣ]. Ё ин ки: Аҳмади Дониш–Аҳмади Калла; Темур–Темури ланг ва ғ. Адибони тоҷик низ аз лақаб васеъ истифода кардаанд. Чунончи: Қорӣ Шикамба, Аҳмади девбанд, Ҳамдам-Фӯрма ва ғ [6, с. 23].

Дар асар лақабҳо ба қабати исмҳои хос шомил гардида, аслан, ба фонди вожаҳои маъмулии забон мутааллиқ мебошанд. Олим ва муҳаққиқи тоҷик Р. Шоев дар таҳқиқоташ лақабҳоро аз нигоҳи истеъмол ва бароиш ба ду қисмати асосӣ тасниф намудааст: а) лақабҳое, ки аз байни халқ мебароянд; б) лақабҳои ифтихорӣ, ки аз тарафи зимомдорон тақдим карда мешуданд» [11, с. 46]. Инчунин, муаллиф дар бобати пайдоиш ва зуҳури суннати лақабгузории гурӯҳи дуюм ишора карда мегӯяд, ки «Лақабҳои гурӯҳи дуюм дар забони тоҷикӣ ҳанӯз аз асрҳои IX маъмуланд ва идомаи он хеле тулонист» [6, с. 46]. Пас аз гуфтаҳои эшон хулоса намудан мумкин аст, ки гурӯҳи аввали лақабҳо таърихи тулонитаре доштааст, зеро маълум аст, ки пайдо шудани санъати лақабгузории ифтихорӣ, ки ҳамчун расм ва анъанаҳои давлатӣ дар замони салтанати аморати Бухоро бесабаб нест. Албатта, он дар заминаи суннати аввали лақабгузорӣ пайдо гардидааст, зеро маълум аст, ки ягон сохт, ҷараён ва омилеро бе заминаи муайян дар ҳавои хушку холӣ созмон додан ғайриимкон аст. Дар асар лақабҳои зерин ба қайд гирифта шудааст, ки Амин [Amin] ба Ҷабраил ва Муҳаммад, Калимуллоҳ [Kalimullāh] ба Мусо, Шайтон [Šaiton] ба Иблис, Масеҳ [Maseh] ва Руҳуллоҳ [Ruhullāh] ба Исо, Набӣ ба Яъқуб ва Муҳаммад мутааллиқанд, ки шумораашон ба 18 адад мерасад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо бобати ба лақабҳо соҳиб гардидани қаҳрамонҳо (персонажҳо)-и асар далелҳои ҷолибу саҳеҳро пайдо намудем ва лозим донистем, ки чанде аз онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор бидиҳем.

Амин [Amin] мансуби забони арабӣ буда, ба маънои «эътимод» ва «муътамад» меояд. Амин лақаби паёмбари Ислом пеш аз биъсат, лақаби Ҷабраил ва лақаби Абуабдуллоҳ Муҳаммади Шамсин халифаи Аббосӣ, ки бародараш Маъмун ба таҳрики ирониён бар ӯ бо ҷанг бархоста, ӯро ба қатл расонид. Ин лақаб мувофиқи нақли ривоятҳои Қуръон ба Ҷабраил ва Муҳаммад мутааллиқ мебошад. Амин вожаи арабӣ буда, маънои «вакил», «боэътимод», «муътамад», «дурустқавл», «бовафо», «амонатнигоҳдоранда» ва «амонатдор»-ро ифода мекунад [2, с. 62].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» барои вожаи Амин [Amin] маъниҳои зайл меоранд: «вакил», «боэътимод», «муътамад» «дурустқавл», «бовафо», «амонат нигоҳдоранда», «амонатдор», «амини дафтарнигор», «муншӣ», «муҳосиби амин»; «котиби боэътимод», «амини девон», «девонбегӣ» «маъмури амволу ашёи дарбор», «амонатнигоҳдори муътамади дарбор», «амини лашкар», «хазиначии лашкар», «мутасаддии таъминоти лашкар», «амин доштан», «вакил кардан», «бовар кардан», «эътимод кардан» ва ғ. [9, с. 63].

Дар мавриди Амин [Amin] лақаб гирифтани Ҷабраилу Муҳаммад [Muhammad] дигар баҳс наемонад, зеро Ҷабраил мувофиқи ахбори ҳаводиси сарчашмаҳо нахустин амонатдори Худованд пеш аз паёмбарон ба ҳисоб меравад. «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» дар мавриди Амин [Amin] менависад: «эътимоднок», «одами росткор», «ростқавл», «муътамад»,

«амин будан», «бовар доштан», «мутмаин будан», «сардори ноҳия ва ё қишлоқ дар хонигарии Бухоро» ва «маъмури андозгири бозор» [9, с. 59].

Амин дар қолаби вожасозии арабӣ аз рӯйи вазни «фаъил» сохта шуда, решаи вожа «амн», ки дар вазни «фаъл» омада, маънои «амонӣ», «тинҷӣ», «бехатарӣ» ва «осоиштагӣ»-ро ифода мекунад [5, с. 62]. «Халифа Маъмун ӯро ба ифшо накардани роз савганд дод ва таъкид намуд, ки дар акси ҳол ҷазои қатл мегирад ва сабаби гиряашро чунин изҳор намуд: «Ҳамин ки чашми ман ба Тоҳир меафтад, аҳволи бародарам– Муҳаммад Амин ва кушта шудани ӯ бад-он зуллу ҳавон ба хотирам мерасад, худро нигоҳ натвонам дошт» [12, с. 619]

Хулоса, дар боби мазкур то андозае нишон додем, ки лақабҳо чӣ тавр пайдо мешаванд ва чаро миёни мардум устуворанд, зеро таҳлил дар заминаи аққалӣ сарчашмаҳои илмӣ–таҳқиқотӣ ва фарҳангу луғатҳои тафсирӣ анҷом дода шудаанд. Ин таълифотро ҳадди ниҳоӣ низ намеҳисобем ва кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки минбаъд дар заминаи дигар маъхазҳои илмӣ онро такмил бидиҳем.

Адабиёт:

1. Алиакбар, Деҳхудо. Луғатнома/Д. Алиакбар. Ҷ. 1–Теҳрон, 1377–527 с.
2. Давлатов, Э. А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас–ул–анбиё». /Э. А. Давлатов–Душанбе: Адабиёт, 2017–156 с.
3. Исмоил, А. Тафсири Ибни Касир/ А. Исмоил.–Пешовар:Мактабаи Форуқия, (бе зикри санаи чоп) –1276 с.
4. Маҳмуд, Ҳ. Тафсири Кобулӣ ҳамроҳ бо «Фа-воиди муваззеҳу-л-фурқон» (тарҷима аз урду ба дарӣ таҳти назари ҳайате аз уламои Афғонистон).Ҳ. Маҳмуд–Теҳрон:Нашри Эҳсон, 1378 ш. –2965 с.
5. Нуров, А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ/А. Нуров–Душанбе: Маориф, 1990–368 с.
6. Ономастикаи “Қуръон” (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он).-Душанбе, “Матбаа” 2022.- 240. С
7. Самарқандӣ, Я. Ш. Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ/Ш. Я. Самарқандӣ–Душанбе: Эр-Граф, 2010–392 с.
8. Саъдуллоев, У. Қ. Вожаҳои муарраби тоҷикӣ дар Қуръони маҷид/Қ. У. Саъдуллоев–Душанбе: «Эр-Граф», 2011–56 с
9. Саидов М.Б. Сохтори морфологӣ ва қабатҳои забонии антропонимияи «Қуръон» (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он)\М.Б.Саидов.-Душанбе, “Матбаа” 2020.- 112. с.
10. Саидов М.Б.Топонимияи «Қуръон» (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он) \М.Б.Саидов.-Душанбе, “Матбаа” 2021.- 122. с.
11. Саидов М.Б. “Ономастикаи “Қуръон” (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он) \М.Б.Саидов.-Душанбе, “Матбаа” 2022.- 240. С,
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ [иборат аз ду ҷилд]–М.: СЭ, 1969–952 с.
13. Шамсиддин, Қ. Тафсири Қуръони маҷид/ Қ.Шамсиддин–Теҳрон, 1993–1324 с.
14. Шоев, Р. Ономастикаи «Самаки айёр». Монография/Р. Шоев–Душанбе: Ирфон, 2013–192 с
15. Эмомалӣ раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. (нашри дувум). – Душанбе: «Ирфон», 2020, 704 саҳ.
16. Bartholome, C. Altiranisches wörterbuch/C. Bartholome. Strasburg, 1904. 638

ТАХАЛЛУС, ЛАҚАБ ВА НОМҲОИ ИФТИХОРИИ КИТОБИ «УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ»-И ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Мақола дарбаргирандаи мавзуи тахаллус, лақаб ва номҳои ифтихории «Уфуқҳои истиқлол»-и Эмомалӣ Раҳмон буда, як бахши илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар мақола таҳлилу баррасии тахаллус, лақаб ва номҳои ифтихории асарро мавриди баррасӣ қарор дода, густариши ин бахши илми ономастикаро аз ибтидои омӯзиш то шароити кунунӣ шарҳ дода, онро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс

намудаааст. Инчунин, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондааст.

Ба андешаи муаллиф «Ҳарчанд, як зумра олимону муҳаққиқон мавзуи лақабгузориро ба риштаи таҳқиқ кашида бошанд ҳам, то ҳанӯз он ба мачрои муайян дароварда нашудааст. Ба таври дигар гӯем, то кунун лақабҳои қаҳрамон (персонаж)-ҳои аксар китоби таърихӣ ва адабию бадеӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Инро ба назар гирифта, таҳқиқоти хешро оид ба яке аз китобҳои таърихӣ мубрам ва саривақтӣ мешуморем».

Дар асар корбасти лақабҳо (тахаллус ва ё номҳои ифтихорӣ) чун дигар қабатҳои луғавӣ мавқеи хосро ишғол менамоянд. Таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши лақабҳо монанди дигар исмҳои хос кори саҳл набуда, таърихи ниҳоят куҳан доранд.

Муаллиф зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки тахаллус, лақаб ва номҳои ифтихории асарро дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ ва луғату қомусҳои муътамад таҳлил ва маънидод намояд. Инчунин, муаллиф ба ҳар қабати таснифнамудааш дар асоси ахбори сарчашмаҳои солим ва арқоми саҳеҳи таърихӣ маълумоти алоҳидаи комил додааст.

Калидвожаҳо: санъати номгузорӣ, таърихи тавлид, таҳлилу баррасӣ, вожа, омӯзиш, таҳқиқ, номҳои одамон, тахаллус, лақаб ва номҳои ифтихорӣ, маводи антропонимӣ, этимология, ва ғ.

ПСЕВДОНИМЫ, ПРОЗВИЩЕ И ПОЧЕТНЫЕ ИМЕНА КНИГИ «ГОРИЗОНТЫ НЕЗАВИСИМОСТИ» ЭМОМАЛИ РАХМОНА

Статья посвящена теме псевдонимы, прозвище и почетные имена книги «Горизонты независимости» Эмомали Рахмона.

В статье автор рассматривает анализ и обзор псевдонимов, прозвищ и почетных названий произведений, объясняет развитие этого раздела ономастики от начала изучения до современных условий, сравнивает его в разные периоды языкового развития. Также он рассказал об истории их создания, структуре и значении на основе достоверных научных источников.

По мнению автора, «Хотя тема прозвищ изучалась рядом ученых и исследователей, она еще не получила определенного направления. Иными словами, до сих пор не исследованы прозвища героев (персонажей) большинства исторических, литературных и художественных книг. Принимая это во внимание, автор считает свое исследование по одной из исторических книг важным и своевременным».

В работе употребление прозвищ (псевдонимов или почетных имен), как и других пластов лексики, занимает особое место. Анализировать, исследовать и изучить прозвища, как и другие имена собственные, задача непростая, и они имеют очень давнюю историю.

В ходе написания статьи автор постарался проанализировать и интерпретировать псевдонимы, прозвища и почетные названия произведения на основе источников научных данных и достоверных словарей. Также каждому классифицированному слою автором дана полная отдельная информация на основе информации достоверных источников и точных исторических цифр.

Ключевые слова: искусство нейминга, история создания, анализ и обзор, лексика, изучение, исследование, имена людей, прозвища, и почетные имена, антропонимический материал, этимология и др.

PSEUDONYMS, NICKNAMES AND HONORABLE NAMES OF THE BOOK «UFUQHOI ISTIKLOL» BY EMOMALI RAHMON

The article contains the topic of pseudonyms, nicknames and honorary names of Emomali Rahmon «Horizons of Independence» and is considered a branch of linguistic science.

In the article, the author considers the analysis and review of pseudonyms, nicknames and honorary titles of works, explains the development of this section of onomastics from the beginning of the study to modern conditions, compares it in different periods of language development. He

also spoke about the history of their creation, structure and meaning based on reliable scientific sources.

According to the author, «Although the topic of nicknames has been studied by a number of scientists and researchers, it has not yet received a certain direction. In other words, the nicknames of the heroes (characters) of most historical, literary and artistic books have not yet been studied. Taking this into account, we consider our study on one of the historical books important and timely». In the work, the use of nicknames (pseudonyms or honorary names), as well as other layers of vocabulary, occupies a special place. Analyzing, researching and studying nicknames, as well as other proper names, is not an easy task, and they have a very long history.

In the course of writing the article, the author tried to analyze and interpret pseudonyms, nicknames and honorary titles of the work based on sources of scientific data and reliable dictionaries. Also, the author gave each classified layer complete separate information based on information from reliable sources and accurate historical figures.

Key words: art of naming, history of creation, analysis and review, vocabulary, study, research, names of people, nicknames, nicknames and honorary names, anthroponymic material, etymology, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф. Қурбонзода Зикамо Абдуғаффор, унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. тел: (+992) 988600071

Сведения об авторе: Курбонзода Зикамо Абдугаффор, соискатель общеуниверситетской кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел: (+992) 988600071

Information about the author: Kurbonzoda Zikamo Abdugaffor, applicant of the general university department of the Tajik language of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street 16. Tel: (+992) 988600071

ТДУ:80/81 (2-тоҷ)
Қ-38

МАВҚЕИ ИСТИФОДАИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ-БАДЕӢ ДАР АШЪОРИ ЗАРИФ ИБОД

Қурбонов А.А., докторант (PhD)
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Публитсистика яке аз намудҳои фаъолияти эҷодӣ буда, дар маърифати ҳодисаву равандҳо ва рушди ҷаҳонбинии омма нақши хосса дорад. Яъне, публитсистика усули инъикоси воқеият мебошад. Ба воқеият пайванд додани усули бадеӣ як ҷузъи шинохти қаҳрамони марказии матлаб мебошад. Вобаста ба ҷаҳонбинии муаллиф, дар маводи эҷодӣ чандин ақидаҳои образнок, воқеияти ҳодисот ва дигар масоил баррасӣ мешавад. Маҳз ҳамин аст, ки дар очеркҳои эҷоднамудаи публитсистон хусусияти характерноки қаҳрамон, мувофиқ будани масъалаҳои мубраму саривақтӣ, шавқу ҳаваси эҷодӣ ва кушоду равшан расонидани фикр ба аудитория баён мегардад.

Дар осори эҷодии Зариф Ибод очерку лавҳа ва қиссаҳои ҳуҷҷатӣ нақши муассир дорад. Адиб ва публитсисти мазкур аз солҳои 60-уми асри гузашта ба фаъолияти эҷодӣ машғул гардида, нигоштаҳояш дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп меомаданд, ки ин аз маҳорати баландаш дарак медиҳад. Очеркҳои З. Ибод дар нашрияҳои сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр мерасиданд. Қаҳрамонҳои интихобнамудаи публитсист намояндагони касбу кори

гуногун, аз ҷумла иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, кормандони соҳаи маориф, ҳифзи ҳуқуқ, кишоварзӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ буданд. То имрӯз адиб дар матбуоти даврӣ, нигоштаҳои зиёди публитсистӣ ба нашр расонидааст. Лавҳаву очерк ва қиссаҳои ҳуҷҷатии адиб зери унвони “Орзу дорам осмон доим соф бошад” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 2010, 28 апрел), “Вохӯрӣ” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1986, 21 май), “Ҷома ба андозаи қомат хуш аст” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1980, 5 август), “Устоди пахта” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1980, 3 апрел), “Тақдири ҷанговар” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1985, 4 апрел), “Тақдири ҷанговар” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1985, 5 апрел), “Тақдири ҷанговар” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1985, 6 апрел), “Ҳиссае аз қиссаи ҷанговар” (“Набзи Қӯрғонтеппа” 2010, 8 май), “Сафҳаи таърих” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1985, 24 апрел), “ Дилбохтаи касб” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1979, 11 январ), “Дарсе дар бораи Ленин” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1979, 11 январ) , “Раисбобо” (“Комсомоли Тоҷикистон” 1979, 12 август), “Ошиқи ватан ва халқ” (“Вахш” 1967, 13 декабр), “Дар ҳалқаи токпарварон” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1986, 6 май), “Муаллими синфи таҷрибавӣ” (“Маориф ва маданият” 1971, 6 апрел), “Достони Водии тиллоӣ” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1980, 20 август), “Азоби виҷдон” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1982, 29 май), “Қадри нон” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1981, 12 август), “Гурез Ойматов нақл мекунад” (“Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 1980, 21 июн) ва амсоли ин дар матбуоти даврӣ чоп шудаанд, ки масоили гуногуни иҷтимоиро инъикос мекунад. Бояд иброз дошт, ки З. Ибод дар ин давра асарҳои зиёде низ таълиф намудааст, ки аксари онҳо дар заминаи воқеият ба вуҷуд омада, мутолиаи амиқи онҳо моро бо ҳодисаву воқеаҳои гуногуни замон ва фаъолияти босамари намояндагони касбу кори гуногун шинос менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки лавҳаю очерк жанри публитсистика буда, ба эҷодкор имконоти зиёдеро фароҳам меоварад, ки нуқтаи назари субъективии худро нисбати падида ё ҳодисоти рӯзмарра баён кунад. Дар очерк ҳодисаву падида ва симои инсонҳои меҳнатдӯсту фидокор таҷассум меёбанд. Ба таъбири муҳаққиқ Б. Қутбиддин “дар очерк сарфи назар аз ҳама қиёсҳо қаҳрамон аслан симои мусбат дорад” [2, с. 3]. Имрӯз ин жанр дар матбуоти даврӣ, бахусус нашрияҳои маҳаллӣ хеле кам ба чоп мерасад, ки ин сабабу омилҳои худро дорад. З. Ибод низ дар эҷоди очерк собиқаи зиёди эҷодӣ ва маҳорати баланди касбӣ дорад. Ӯ бештар дар очеркҳояш бадеиятро истифода намуда, воқеиятро бо тарзу услуби хосси хеш мунъакис намудааст. Дар ҳақиқат дар баъзе маврид истифодаи каломи бадеъро дар жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ баръало мушоҳида менамоем. “Орзу дорам осмон доим соф бошад”, зери ин унвон дар рӯзномаи “Набзи Қӯрғонтеппа”, аз 28-уми апрели соли 2010 матлаби З. Ибод ба нашр расидааст. Мавод ба очерки портретӣ монандӣ дорад. Дар очерк публитсист барои кушодани паҳлуҳои фаъолияту зиндагии қаҳрамони марказии худ бо раиси Шурои собиқадорони ҷангу меҳнати минтақаи Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа) Раҳмат Розиқов низ суҳбат намуда, бо кору фаъолият, замони хидмати аскарии вай шинос мешавад.

Р. Розиқов моҳи августи соли 1942 ба сафи артиши Иттиҳоди Шуравӣ даъват мешаваду хизмати ҳарбиро дар замони ҷанг мегузаронад. Ӯ барои хизмати софдилонаю заҳматҳои бемислаш соҳиби даҳҳо медалу ифтихорномаҳои ИҶШС гардида, дар ҳифзи марзу буми Ватан хизматҳои мондагору тарбиявӣ намудааст. Ин лаҳзаҳоро З. Ибод дар очерк чунин тасвир мекунад: “Вақте ки ҷанг сар мешавад, Раҳмат акнун ҳабдаҳро пур карда будааст. Моҳи августи соли 1942 ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват мекунанд. Машқҳои ҷангиро дар полки 368, ки дар шаҳри Самарқанд ташкил шуда буд, мегирад” [8]. Маълум аст, ки каҳрамони ин очерк дар озод кардани шаҳри Сталинград низ иштирок кардааст. Вай дар чанд амалиёти ҷангӣ ҳамроҳи ҳамсафонаш ба муқобили душман ҷангида, ғалабаву музаффарият ба даст овардаанд. Ин лаҳзаро муаллиф чунин ба қалам медиҳад: “... Ӯро ба фронти амалкунандаи шаҳри Камишино-Балашови назди Сталинград” [8], -фиристоданд ва дар озод намудани шаҳри мазкур иштирок намуда, аз худ қаҳрамонии зиёд нишон медиҳад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки қаҳрамони очерк дар ҷанг бо расидани тир дар баданаш ҷароҳати вазнин бардошта, ӯро ба ақибгоҳ мефиристанд. Ақидаҳои ватандӯстонаву музаффарият дар замони ҷанг хеле муассир буда, дар руҳияи тарбияи ватандӯстии ҷавонону

наврасони насли имрӯза нақши муассир дорад. Дар ҳақиқат майдони ҷанг ҷойи нанг асту аз ҳар як ҷавонмард далериву шуҷоатмандӣ ва ватандӯстиву хештаншиносиро тақозо мекунад. Дар очерк бо чунин лаҳзаҳои далерии қаҳрамон зиёд вохӯрдан мумкин аст: “... Мо бечунучаро ғалаба мекунем. Ҳар қадоматон падару модар, хоҳару бародар, хешу табор доред. Онҳо ин ғалабаро интизор, ҳам Ватан интизор ғалабаро бар душман. Бинобар ин тарсу ҳаросро ба дил роҳ надиҳед” [8].

“Орзу дорам осмон доим соф бошад” унвон гирифтани очерки мазкур бесабаб нест. Гуфтан ба маврид аст, ки дар ин очерк публитсист аз далелҳо ба маврид истифода намудааст, ки ба муассириву ҷазоббии каломаш мусоидат намудаанд. Яъне бештари далелҳои овардашуда ҳодисоту воқеоти замони ҷангро фарогир аст.

Очеркро дар асоси омӯзишу мушоҳида ва саволу ҷавобҳои мақсаднок эҷод кардан мумкин аст. Очерк хоссатан ба масоили ҳодисоти мубрами ҷамъиятӣ, инъикосу баррасии кору пайкори қаҳрамонони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бештар сару кор мегирад. Ба ақидаи З. Исмоилзода очерк “жанрест, ки ба офариниши симо бо ҳадафу нияти мусбату накӯ сару кор мегирад” [3, с. 65].

Зариф Ибод дар раванди кору фаъолияти рӯзномангорӣ ба эҷоду навиштани очерку лавҳа таваҷҷуҳ намудааст. Дар очеркҳои публитсист симои қаҳрамонон бо воситаи воқеияту бадеият инъикосу баррасӣ мешаванд. Масалан, очерку лавҳаҳое, ки дар матуботи даврони Шуравӣ рӯи чоп омадаанд, бозгӯи он аст, ки публитсист ҳаёту зиндагии қаҳрамонони матлабҳояшро ба таври амиқ омӯхта, баъдан ба нашр расонидааст. “Тақдири ҷанговар”, ки дар се шумораи рӯзномаи “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” дар санаҳои 04.04.1985 [4], 05.04.1985 [5] ва 06.04.1985 [6] аз замон, қаҳрамон ва ҳодисаҳое қисса мекунад, ки баръало даврони нобасомониҳои ҶБВ баррасӣ мешавад. Ин очерк дар се шумораи рӯзномаи “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” ба нашр расидааст. Очерки адиб аз саргузашту роҳи пурталотуми тайнамудаи Зайниддинов Кучар, яке аз иштирокчиёни ҶБВ, ки номаш дар тахтасанги ёдгорӣ дар деҳаи Андреевкаи ноҳияи Александровкаи вилояти Кировгради РСС Украина дар байни 220 нафар шаҳидшудагони роҳи Ватан қайд шудааст, қисса мекунад. Дар ҳақиқат Зариф Ибод ба фидоиёни роҳи Ватану миллат арҷгузориҳо карда, ҳаёту фаъолият ва саргузашти онҳоро пайгирӣ намуда, аз рафти корҳои таҳқиқотиаш бо очерку лавҳа мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Қиссаи ҳуҷҷатии “Тақдири ҷанговар” чунин оғоз мешавад: “Ҷустуҷӯи пайшиносони сурхи мактаби деҳаи Андреевкаи ноҳияи Александровкаи вилояти Кировгради РСС Украина барабас нарафт. Яке аз озодкунандагони деҳаи худро зинда ёфтанд. Ба қарибӣ. Баъди чандин соли ҷанг магар ӯ зинда набуд? Зинда буд. Вале дар деҳаи Андреевка вайро шаҳид меҳисобиданд. Охир, дар тахтасанги ёдгорие, ки дар рӯи мақбараи бародарӣ гузошта шудааст, байни 220 ном рақами 24 “Зайниддинов” сабт ёфтааст. Ҷанги шадид буд ҷанги гузашта. Дар озод кардани як деҳаи хурд 220 нафар ҷон бохтаанд” [4].

Дар ҳақиқат ҷанги шадид буд, таърихи инсоният ин ҷангро ёд надошт. Ҳар касе дар ҷанг иштирок кардаву зинда монд, қаҳрамон аст. Ҳар касе, ки дар роҳи ҳифзи марзу буми зодгоҳ ва волидону оила ҷон бохт, дар дилу хотироти имрӯзу оянда ҳамчун таърих боқӣ мемонад. Ҳамин буд, ки мардуми Иттиҳоди Шуравӣ “Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад” -ро шиори хеш қарор доданд. Дарвоқеъ, тасвири саргузашти иштирокчии ҷанг, таҳлилу баррасии ин мавзуъ ва омода намудани очерку лавҳа барои ҳар як публитсист дар даврони Шуравӣ мушкил буд. Аз ин шаҳр ба он шаҳр ҷустуҷӯи қаҳрамон, чоп кардани матн дар копютер ва камбуди техникаи нақлиётӣ журналистонро дилшикаста накарда онҳо ба фаъолияти минбаъдаи хеш идома медоданд. Зариф Ибод аз ин истисно нест. Очерки мазкур барои дар руҳияи ватандӯстиву меҳанпарварӣ тарбия намудани насли наврасу ҷавони кишвар бисёр мувофиқ аст.

Бояд гуфт, ки дар очерк аз лаҳзаи ба хизмати аскарӣ ё худ ба фронт рафтани Зайниддинов Кучар, ки зодаи ноҳияи Коммунистии вилояти Қӯрғонтеппа (ҳозира Хатлон) сухан меравад. Ин очерк бо лаҳзаҳои таърихиву далелҳои воқеӣ хеле муассиру таъсирбахш мебошад. Чунки Зайниддиновро дар Украина ҳамчун шаҳид номашро зикр карда буданд, пас аз солҳои дароз ба зикри муаллиф яке аз бошандагони ҳамон деҳаи Украина, мухбири

телевизиони тоҷик В. Золотов дар яке аз суҳбатҳои сарироҳӣ бо Зайниддинов вохӯрд. Вақто ки Золотов дар бораи деҳаи худ сухан мекард, Зайниддинов худро шинос карда, аз лаҳзаҳои ҷанг ва озод кардани деҳаи Андреевкаи ноҳияи Александровкаи вилояти Кировгради РСС Украина каме маълумот дод. Публитсист ин лаҳзаро аз нутқи Зайниддинов чунин иброз медорад: «... Тасодуфе кори пайшиносонро осон кард. Боре дар суҳбате, ки онҷо Зайниддинов иштирок дошт, собиқ мухбири телевезиони тоҷик дар вилояти Қӯрғонтеппа В. Золотов аз деҳаи Андреевкаи Украина будани худро мегӯяд. Баробари шунидани номи деҳа Зайниддинов ба ҳаяҷон меояд, рӯзҳои ҷангро ба хотир меорад ва ба Золотов мегӯяд: «Дар озод кардани деҳаи ту аз дасти немисҳо ман иштирок кардаам. Қатраҳои хуни дили ман ба хоки ҳамон ҷо оғӯшта шудааст... » Ҳарду оғӯш кушода аз нав вохӯрдӣ мекунанд» [4]. Хабари марги Кӯчар ва дар рӯйхати шаҳидони роҳи Ватан сабт шудани номи ӯ дар санги ёдгории дехаи Андреевка асрори хоси худро дорад, ки тасвири қаҳрамон дар ин матлаб аз дигар қиссаву очеркҳо куллан фарқ мекунад. Воқеан, ин воқеа баъди озод кардани деҳа ва ярадор шудани Кӯчар будааст, ки ба хонадонаш хатти сиёҳ меояд, ки матни онро публитсист З. Ибод чунин меорад: «Сержанти гвардия Кӯчар Зайниддинов барои Ватани Советӣ қаҳрамонона ҳалок шуд» [5]. Баъд аз ин дар майдони чанг Кӯчар ярадор мешавад ва дар ин лаҳза Лисиков ном сарбози Армияи Советӣ ӯро аз хатти оташфишони душман ба ҷои бехавф мебарад. Муаллифи очерк дар бораи он ки тири душман ба бадани Кӯчар чӣ тавр бархӯрд, бо ҳаяҷон нақл мекунад, ки хеле муассир мебошад: "–Вақте деҳаи Андреевкаро бо қурбонии зиёд озод карда, душманро пеш мекардем, сахт ярадор шудам. Аз роҳ рафтан мондам" [5].

Гуфтан ба маврид аст, ки дар очерки мазкур публитсист фактҳои воқеӣ, образҳои бадеӣ ва таассуроту андешаҳои хешро баръало истифода намудааст, ки ба руҳияи хонанда таъсири гуногун мебахшад. Натанҳо ҳодисаро тасвир ва мухтасар баён мекунад, балки ба воқеаи овардашуда баҳои худро мушаххас медиҳад. Дарвоқеъ, агар журналистика ба хабару рӯйдоди имрӯза сару кор дошта бошад, маҳз публитсистика ин маъниҳоро ба ҷомеа дар давраҳои гуногун бо истифодаи делелҳои боэътимод мерасонад. Ба қавли муҳаққиқон Қутбиддинов А. ва Раҳмонова Ҷ.: "Агар аз журналистика маънии рӯз берун ояд, пас публитсистика ишора ба ҷомеа дорад" [1, с. 8].

Дар очерки мазкур қаҳрамонии К. Зайниддинов бо асноди воқеӣ ва тасвири лаҳзаҳои муассиру таъсирбахш ифода ёфтааст. Публитсист қаҳрамони марказии очерки худро шахси таҳаммулпазир, ватандӯсту хештаншинос ва хирадманд ба қалам додааст. Ӯ ба мушкилоти зиндагӣ тобовар аст, ки ин ҳолат дар замири хонандагон меҳру садоқатро мепарварад. Баъди аз хизмати ҳарбӣ баргаштан, Кӯчар бародарашро аз даст додаву хоҳараш дар дуриҳо ба шавҳар баромада ва модари азизаш, фикри онҳоро карда хеле ғамгин аст. Дарвоқеъ, очерки "Тақдири ҷанговар" фарогири лаҳзаҳои зиёди қаҳрамони марказии он - Кӯчар Зайниддинов мебошад. Публитсист бо санъати эҷоди насри реалистӣ тавонистааст, ки дар як нуктаи кутоҳ ҳаёту зиндагии як қаҳрамони ҷангро ба риштаи қалам диҳад.

Инсони арсаи меҳнат ва қаҳрамонони соҳаҳои гуногун, бахусус деҳқонону кишоварзон яке аз мавзуъҳои меҳварии эҷодиёти З. Ибод мебошад. Дар очерки "Дар ҳалқаи токпарварон", ки 6-уми майи соли 1971 дар рӯзномаи "Ҳақиқати Қӯрғонтеппа" ба нашр расидааст, дар бораи бурду бохти корҳои баанҷомрасонидаи Совхози боғу токпарварии "Октябр"-и ноҳияи Вахш сухан меравад: "Коргарони совхози боғу токпарварии "Октябр"-и райони Вахш баҳори нозанинро бо руҳи болидаю дили кушод пешвоз гирифтанд. Токпарварон хурсандӣ мекарданд, ки боз айёми баҳор асту саршавии кору бори деҳқонӣ" [7] оғоз гардидааст. Публитсист кӯшиш намудааст, ки дар раванди эҷод ба масоили мухталиф ва кормандони ин корхона ба таври мухтасар барои хонандаи фаъоли рӯзнома маълумот пешниҳод кунад. Агар дар маводи эҷодияш ба бадеият роҳ додааст, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф баҳри хонданбоб шудани очерк ва нишон додани чеҳраи ҳақиқӣ ва маҳсули меҳнати софдилонаи коргарон мебошад: "Намаки меҳнати дасти онҳоро мардуми кишварҳои дурдаст чашид" [7].

З. Ибод, ки ҳамеша дар боби мавзуоти мухталифи ҷомеа очерку мақолаҳо нашр менамояд, дар асарҳояш бештар ба инсони арсаи меҳнат ва бунёдкору созанда диққат

додааст. Бояд қайд кард, ки ин очерк воқеӣ аст, зеро дар он далелҳои боэътимоди ҳуҷҷатӣ истифода шудааст. Асоси ҳама асарҳои публитсистӣ далел аст. Факт воқеаеро меҳисобем, ки ба қайд гирифта шудааст ва ё дар оянда қайди онҳо низ муҳим аст. Далелҳо боис мегардад, ки асоснок будани маълумотро муайян созем. Масалан дар ин ҷо, мо мебинем, ки котиби ташкилоти партиявии совхоз Кайтон Сафаров зимни суҳбат бо журналист чунин иброз мекунад: “Имсол, - гуфт Зиёдалӣ, - понздаҳ гектар токзори техникиро вайрон карда, қаламчаҳои токи ангури мавиз мешудагӣ шинонидем. Бинобар ин плани ангурсупории моро аз 6391 тоннаи порсола ба 5944 тонна фуровардand. Вале мо аҳд кардаем, ки 6176 тонна ангур гирем” [7]. Воқеан публитсист дар баррасиву инъикоси мавзуи матраҳшуда мавқеи хосса дорад. Чунки на ҳама очерку лавҳаҳо дорои факту рақаманд. Яъне бо ин васила метавон очеркро бо истифода аз маълумоти дақиқ асоснок кунем.

Таҳлилу баррасии соҳаҳои хоҷагии халқ, фаъолияти инсонҳои наҷибу шоиста, меҳнатдӯсту хирадманд ва ташаббускор мебошанд. Овардани факту далелҳои мавҷуда дар матлаб нишона аз омӯзиши амиқи мавзуъ ва меҳнати суботкоронаи қаҳрамонҳои арсаи меҳнат мебошад. Зариф Ибод ба публитсистика, хусусан жанрҳои эҷодии он дар инъикосу баррасии мавзуъҳои мубрам ва ҳаёту зиндагии омма сару кор гирифта, бадеиятро дар баробари истифодаи фактҳои воқеӣ истифода намуда, ба очерку лавҳа ва нигоштаҳояш обу ранги тоза мебахшад. Ба ҳамин хотир, истифода намудани методу усулҳои бадеӣ ҷузъиёти асосии шинос намудани қаҳрамон ба ҷомеа мебошад.

Баъд аз омӯзишу таҳқиқи мавзуи мазкур мо ба чанд хулоса омадем:

1. З. Ибод дар интихоби жанрҳои публитсистика, бахусус лавҳаву очерк ва мақолаҳои публитсистӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, тавассути ин жанрҳо масоили гуногуни иҷтимоиро мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор додааст;

2. Дар интихоби мавзуъ ва қаҳрамонҳои матлабҳои худ дурандеш буда, кӯшиш намудааст, ки моҳияти масъалаҳоро баррасӣ намояд;

3. Омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар нигоштаҳои З. Ибод дар заминаи воқеӣ ба вуҷуд омада, аз унсурҳои бадеӣ танҳо барои ҷолибиву муассирӣ истифода гардидааст.

Адабиёт:

1. А. Қутбиддинов ва дигарон. Хосияти публитсистика / Қутбиддинов А., Раҳмонова Ҷ. – Душанбе, 2018. – 161 с.
2. Б. Қутбиддин Воқеияти тасвир / Қ. Бахтиёр. – Душанбе, 2014. – 124 с.
3. З. Исмоилзода Жанрҳо ва баъзе қолабҳои нав дар журналистика (Тавсифномаи мухтасар) / Исмоилзода З. – Хуҷанд, 2022. –154 с.
4. З. Ибод Тақдири ҷанговар / И. Зариф. // “Ҳақиқати Кӯрғонтеппа”. – 1985, 4 апрел.
5. З. Ибод Тақдири ҷанговар / И. Зариф. // “Ҳақиқати Кӯрғонтеппа”. – 1985, 5 апрел.
6. З. Ибод Тақдири ҷанговар / И. Зариф. // “Ҳақиқати Кӯрғонтеппа”. – 1985, 6 апрел.
7. З. Ибод Дар ҳалқаи токпарварон / И. Зариф. // “Ҳақиқати Кӯрғонтеппа”. – 1986, 6 май.
8. З. Ибод Орзу дорам осмон доим соф бошад / И. Зариф. // “Ҳақиқати Кӯрғонтеппа”. – 2010, 28 апрел.
9. З. Ибод Ҳиссае аз қиссаи ҷанговар / И. Зариф. // “Набзи Кӯрғонтеппа”. – 2010, 8 май.

МАВҚЕИ ИСТИФОДАИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ-БАДЕӢ ДАР АШЪОРИ ЗАРИФ ИБОД

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми публиститика аз ҷумла мавқеи истифодаи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ дар ашъори Зариф Ибод бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷойгоҳи истифодаи жанрҳои публитсистиро дар эҷодиёти адиб мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор диҳад.

З. Ибод воқеан дар эҷоду навиштани очерку лавҳа ва махсусан жанрҳои публитсистиву бадеӣ нақши калон дорад. Гуфтан ба маврид аст, ки инъикоси қаҳрамонҳои арсаи меҳнату ҷанг, мушкилоти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, кормандони касбу кори мухталифи кишвар, бахусус вилояти Хатлон яке аз мавзуъҳои меҳварии эҷодиёти З. Ибод мебошад.

Калидвожа: публитсист, рӯзноманигорӣ, Зариф Ибод, таълифот, адиб, асар, очерк, лавҳа

ПОЗИЦИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКО - ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ЖАНРОВ В ТВОРЧЕСТВЕ ЗАРИФА ИБОДА

Статья посвящена одному из важных вопросов журналистики, в том числе использованию публицистико-художественных жанров в поэмах Зарифа Ибода. Автор предпринял попытку проанализировать и изучить место использования публицистических жанров в творчестве писателя.

З. Ибод на самом деле играет важную роль в создании и написании эссе и колонок, особенно в журналистских и художественных жанрах. Следует отметить, что изображение героев труда и войны, проблем различных отраслей народного хозяйства, рабочих различных профессий страны, особенно Хатлонской области, является одной из центральных тем творчества З. Ибода.

Ключевые слова: публицист, журналистика, Зариф Ибод, сочинения, писатель, работа, эссе, панель.

POSITION OF THE USE OF PUBLICISTIC AND ARTISTIC GENRES IN THE WORK OF ZARIF IBODA

The article is devoted to one of the important issues of journalism, including the use of journalistic and artistic genres in the poems of Zarif Ibod. The author attempted to analyze and study the place of using journalistic genres in the writer's work.

Z. Ibod actually plays an important role in the creation and writing of essays and columns, especially in journalistic and artistic genres. It should be noted that the image of the heroes of labor and war, the problems of various sectors of the national economy, workers of various professions of the country, especially in the Khatlon region, is one of the central themes of Z. Ibod.

Keywords: publicist, journalism, Zarif Ibod, essays, writer, work, essay, panel.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Акмал Акрамович**,** докторант PhD–и кафедраи рӯзноманигории МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”. **Суроға:** Тоҷикистон,735140, ш. Бохтар, кӯч. 1-май, хонаи 16. Тел: (+992) 985-84-38-92 электронная почта: akmal_199902@mail.ru

Сведения об авторе: Курбонов Акмал Акрамович, докторант PhD кафедры журналистики факультета таджикской филологии Бахтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: Таджикистан, 735140, ш. Бохтар, ул. 1 мая, кв. 16. Тел: (+992) 985-84-38-92 e-mail. akmal_199902@mail.ru

Information about the author: Kurbonov Akmal Akramovich, doctoral student of the department of journalism, faculty of tajik philology, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Address: Tajikistan, 735140, Bokhtar Highway, 1 May St., office 16. Tel: (+992) 985-84-38-92 e-mail. akmal_199902@mail.ru

ТДУ: 8/81 (2-тоҷ)
ТКБ: 81/83 (2-тоҷ
Т-32

ИСТИҚЛОЛИ ЭНЕРГЕТИКӢ ВА ТАҲЛИЛИ ДУРНАМОИ ОН ДАР БАРНОМАҲОИ ИҚТИСОДИИ «ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН»

Тоҷов А.Э., унвонҷӯ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон дурнамои соҳаи энергетикаро ба таври мушаххас муайян намуда, дар ин замина, бунёди силсиланеругоҳҳои барқи обии хурду бузург, аз ҷумла НБО «Сангтуда-1», НБО «Сангтуда-2», НБО «Роғун», НБО-и «Тоҷикистон» дар ВМКБ (Мурғоб), НБО-и «Себзор», НБО-и «Марзич» ва даҳҳо неругоҳу дигар хатҳои баландшиддати барқиву зеристгоҳҳоро ба нақша гирифт, ки то имрӯз қариб ҳамаи онҳо мавриди истифода қарор дода шуда, ба низоми ягонаи энергетикии мамлакат пайваст мебошанду ба ҳар хонадон нуру рӯшноӣ бахшида, таҳкимбахши иқтисодиёти миллӣ гардидаанд. «Таъмини Истиқлоли энергетикӣ» дар яке аз Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз ҳадафҳои стратегӣ эълон гардид, ки худ далели бебаҳси таваҷҷуҳи Ҳукумат ба соҳаи энергетика мебошад.

Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ буда, ҳаҷми умумии захираҳои он 527 млрд. кВт соатро ташкил медиҳад. Аз рӯйи ҳаҷми умумии захираҳои гидроэнергетикӣ, Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол мекунад. Дар шароити имрӯза энергетикаи кишвар аз неругоҳҳои барқи обӣ бо иқтидори 4,4 миллион киловатт, 60 ҳазор километр хати барқ, садҳо зеристгоҳи (подстансия) баркӣ ва нуқтаҳои трансформаторӣ мебошад. Аз ин миқдор танҳо 6 фоизи захираҳо истифода бурда мешаванд [9]. Боқимонда захираҳои бебаҳои табиати Тоҷикистон Ҳукуматро водор кардааст, ки барои гирифтани манфиат аз онҳо ва бо ин васила беҳбуд бахшидан ба рӯзгори мардум стратегия ва барномаҳои мукаммали давлатиро қабул намуда, амалишавии онҳоро пайгирона назорат менамояд.

Ба ин дастовардҳои навтарини соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ имконияти бештар фароҳам овардааст, то ки рӯйдодҳои соҳаи энергетика ба тафсил аз ҷойи воқеа манзури бинанда гардонида шаванд. Муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев бо ишора ба қавӣ будани неруи ин дастгоҳи муқтадир чунин менигорад: «Мавҷудияти асбобҳои басо дақиқи овозию тасвирӣ имконеро фароҳам меорад, ки рухдод дар лаҳзаи ба вуқуъ пайвастанаш на танҳо ба таври табиӣ манзур гардад, балки мувофиқи завқ аз паҳлуҳои дигари дилхоҳ тавзеҳ низ дода шавад» [1, с. 4].

Далели ин гуфтаҳо пахши мустақим аз маҳалли сохтмон аснои ба кор оғоз намудани НБО-и «Сангтуда-1» дар соли 2009 буд, ки бо иштироки Сарони давлатҳои Тоҷикистону Россия Эмомалӣ Раҳмон ва Дмитрий Медведов ҷараён гирифт. Шореҳони телевизион Комил Холов ва Насиба Гулямова ин рӯйдодро шарҳу тавзеҳ дода, оид ба моҳият ва аҳаммияти иншооти зикршуда маълумот доданд. Ҳамчунин, журналисти русзабони бахши русии «Ахбор»-и «Телевизиони Тоҷикистон» Карим Ҳайдар ба ҳайати эҷодӣ ҳамроҳ шуда, тавассути стэнд-ап тантана ва хушҳолию сурури мардуми ҷамъомадаро ба мардум расонид.

Ин тавонмандӣ дар миёни ВАО ба телевизион хос аст, ки ҳамзамон аз ҷойи рӯйдод метавонад бинандаро бо ҷараёни иҷрои ин ё он кор ошно созад ва ҷиҳати ба даст овардани маълумот ва ғанӣ гардонидани маънавиёти ҷомеа кумак мерасонад. Ин ҳам тавассути технологияҳои муосири соҳа амалӣ мегардад. Пахши мустақим аз ҷараёни ба истифода додани НБО-и «Сангтуда-1» тавассути ПТС (студияи сайёри телевизионӣ) дар формати DV CAM сабт гардида, манзури бинандагон гардонида шуд. Он солҳо телевизион дар марҳилаи нави рушди худ қарор дошт ва дар ин замина навтарин техникаву таҷҳизот ба соҳа ворид

гардиданд, ки кори мутахассисонро ба маротиб осон мекард. Аксари чунин таҷҳизот аввалин бор дар минтақа ба Тоҷикистон оварда шуданд. Ин имконият медод, ки масъулону дастандаркорони соҳа соатҳои оригиналӣ ва вақти пахши барномаҳоро низ дар қиёс ба солҳои гузашта зиёд намоянд. Масалан, ин ҳолат дар адабиёти илмии соҳавӣ чунин шарҳ дода мешавад: «26-уми июни соли 2006 дар таърихи Тоҷикистон чун рӯзи азнавсозии воситаҳои техникии телевизион ва пахши барномаҳои он сабт хоҳад шуд. Месазад, гуфт, ки Тоҷикистон яке аз аввалинҳо дар минтақа ба пахши барномаҳои рақамӣ оғоз кард. Ва ҳаҷми пахши барномаҳо аз 9 соат то ба 18 соат (аз 6-00 то 24-00) расид ва телевизион ба низоми моҳвора пайваст» [7, с. 27].

НБО-И «РОҒУН» – АСОСИ ТАЪМИНИ ИСТИҚЛОЛИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН

Чунин пахши мустақимро аз ҷараёни бастани маҷрои дарёи Вахш барои бунёди сарбанди НБО-и «Роғун» дар пахши мустақим, ки санаи 30-юми ноябри соли 2016 пахш гардид, бинанда тавонист дар дилхоҳ шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тамошо намояд.

Аз соли 2008 то соли 2016 дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ, махсусан дар низоми техникии телевизион таҳаввулоту дигаргуниҳои зиёд ба амал омад. Барномаҳо дигар дар формати DV CAM дар лента сабт намегардиданд. Ин имкониятро формати дақиқияташ баланди HD барои бинанда фароҳам овард. Дар пахши мустақим аз маҳалли сохтмон намоиш дода шуд, ки чӣ гуна Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон сари чанбари техникаи пуриқтидори булдозер нишаста, муддати тулонӣ, дақиқаш 1 соату 30 дақиқа маҷрои дарёи Вахшро барои бунёди сарбанди бештар аз 300 метраи НБО-и «Роғун» баландтарин сади гилию сангӣ дар ҷаҳон мебандад. Дар онҷо дар баробари ПТС (студияи сайёри телевизионӣ), камераҳои тамғаҳои DV CAM-170-190, NX-100, NX DCAM-5, Dron ва Osmo истифода гардида, ин рӯйдоди муҳимми таърихиро дар формати HD сабт намуда, тавассути моҳвора ба бинандагон пешниҳод намуданд.

Муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов менависад: «Бояд қайд намуд, ки дар шароити кунунии пешрафти технологияи муосир телевизиону радио ин шабакаҳо пахши барномаҳоро бо усулҳои муосир ба роҳ мондаанд» [3, с. 22]. Яъне ин гувоҳи он аст, ки бо пайдоиши техникаву технологияи навин услуби барномасозӣ ва пахши маводи бо сареҳияти хоса аз ҷойи воқеа тақозои замон гардид. Ва ин корро кормандони техникии телевизионҳои давлатӣ бо истифода аз дастгоҳҳои муосир анҷом медиҳанд. Ба рушду нумуи телевизион ва истифодаи васеи технология дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ Истиқлоли давлатӣ заминаи созгор фароҳам овард. Аз як ҷониб сифати навор баланд гардид, аз ҷониби дигар шумораи шабакаҳои телевизионӣ афзуд. Дар резаахбори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 омадааст: «Айни ҳол дар мамлакат 101 шабакаи давлативу хусусии телевизиону радио ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, аз ҷумла 15 телевизиону 10 радиои давлатӣ, 18 телевизиони хусусӣ, 16 телевизиони ноқилӣ, 4 телевизиони IP, 24 радиои хусусӣ ва 14 студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият доранд.

Шералӣ Мӯсо дар китоби худ «Телевизион ва радиои Тоҷикистон дар масири таърих» шумораи телевизион ва радиоҳоро дар замони Истиқлол ва даврони шуравӣ муқоиса карда навиштааст: «Иттиҳоди абарқудрати Шуравӣ дар давоми ҳафтод соли салтанати худ, тавонист танҳо як шабакаи телевизион ва радиоиро ташкил ва таъмин намояд. Ва аксари барномаҳо бо забонҳои дигар пахш мешуданд ва ҷобаҷогузории барномаҳо тавре тарҳрезӣ шуда буд, ки бояд ҳатман барномаҳои иттилоотии шабакаҳои дигар кишварҳо пахш мегардид» [8, с. 12].

То солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ як телевизион фаъолият мекард ва он ҳам ба таври маҳдуд дар ҳаҷми 8 - 10 соат барнома пахш менамуд, ки ин барои ҷумҳурии тозаистиқлоли мо хеле кам мебошад. Бо шарофати Истиқлол дар кишвар аз соли 2005 инҷониб ТВ «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» бо хизматҳои раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асадулло Раҳмон (солҳои 2005-2015) таъсис дода шуданд. Дар солҳои баъдӣ дар идомаи раванди таҳаввулоти

босуръати илму техника ва технологияи муосир дигар телевизионҳо аз ҷумла, «Синамо», «Варзиш», «Футбол», «Илм ва табиат» ва «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ташкил гардиданд, ки бо қадри имкон тавонистанд дар инъикоси стратегияву барномаҳои мукаммали давлатӣ, ки ҳадафи онҳо рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат буд, саҳми арзишманд гузоштанд. Карим Мусо бо мушоҳидаи комили раванди рушди соҳа ҷое менависад: «Марҳилаи дигаре, ки соҳаи радио ва телевизиони тоҷик рушду нумуъ кард, солҳои 2000 то 2010 –ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон телевизиони «Сафина», телевизиони кӯдакону наврасон – «Баҳористон» ва шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо» ба фаъолият оғоз карданд. Ин ҳама имконият дод, ки зиёда аз 500 нафар аз рӯи ихтисосҳои журналист, коргардон, наворбардору муҳандис ва дигар тахассусҳои соҳаи мазкур соҳиби ҷойи кор гаштанд» [8, с. 32].

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминагузори рушди бемайлону бесобиқаи соҳа гардид. Ин аст, ки имрӯз ҳадафҳои бузурги созанда дар самти расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва татбиқи дурнамо дар ин самт дар телевизиони Тоҷикистон барномаҳои зиёде омода ва пахш мешаванд. Аз ҷумла, филмҳои мустанаду барномаҳои калонҳаҷми телевизионии «Ба сӯйи нур» (муаллиф Далери Иброҳим), «Самараи истиқлол» (муаллиф Раҳматулло Пиров), «Роҳи рушд» (муаллиф Мансур Усмонов), «Нурофарон» (муаллиф Амрохон Тоҷов), «Воқеият» (муаллиф Зоиршо Тағоймуродзода), «Иқтисоди сабз» (муаллиф Дилшод Ҳакимов), «Замин сайёраи ҳаёт» (муаллиф Муҳаммади Файзимад), «Амал» (муаллиф Фирдавс Холов), «Истиқлол ва энергетика» (муаллиф Саидаҳмади Амин), «Дурнамо ва татбиқ» (муаллиф Умед Мирализода) аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Истиқлол барои ҳар як миллат бузургтарин неъмат маҳсуб меёбад. Зеро он фароҳамсозандаи озодиву ободӣ ва таҳкимбахшандаи роҳи рушду тараққиёт аст. Миллати тоҷик дар таърихи 9 сентябри соли 1991 ба Истиқлоли давлатӣ мушарраф гардид. Давоми зиёда аз се даҳсолаи солҳои Истиқлоли давлатӣ ҷиҳати расидан ба Истиқлоли эненгетикӣ ва таъмини аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо барқи доимӣ талошҳои зиёд ба харҷ дода шуд. Бахусус дурнамои мушаххаси бунёди низоми нави системаи энергетикӣ тарҳрезӣ гардида, барои истифодаи оқилонаи иқтидорҳои соҳа, беҳтар намудани инфрасохтор, таъмини доимӣ ва бемамониати неруи барқ ба аҳолӣ ва корхонаю ташкилот, инчунин сохта ба истифода додани неругоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ, таҷдиди зеристгоҳҳо ва дигар самтҳои мавриди таваҷҷуҳ тадбирҳои муҳимму саривақтӣ амалӣ карда шуданд. Ин ҳама дастовардҳои бемисли замони Истиқлол дар соҳаи энергетика чунончи дар боло ишора рафт дар барномаи иқтисодӣ – таҳлилии «Ба сӯйи нур»-и Далери Иброҳим мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, муаллиф бо нишон додани графика тамоми корҳои иҷрошуданиашро дар ин самт ва заҳмату талош, инчунин корномаҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар замони нави эҳёи Тоҷикистон (1991-2016) манзури бинанда мегардонад. Муаллиф таъкид месозад, ки ин пешрафтҳои соҳаи энергетикаи Тоҷикистон натиҷаи заҳмату талошҳои созандаву бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои муайян шуда ва дурнамои мушаххасгардида мебошад. Агар сардори давлат аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо зиракию ҳушёрӣ ва қобилияту дарку фаҳми авзои минтақа низоми энергетикиро бо тадбирандешиҳои худ таҳким намебахшиданд, аҳолии Тоҷикистон аснои аз байн рафтани системаи низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ бо душвориҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешуд. Вале ояндангарӣ ва дурнамои мушаххаси муайян намудани Сарвари давлат дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ имкон дод, ки хавфҳои зиёд бартараф гарданд ва Тоҷикистон соҳиби низоми ягонаи энергетикии худ гардад. Ҳамаи ин раванд тавассути барномаҳои иттилоотию иқтисодии «Телевизиони Тоҷикистон» пайваста бо нишон додани наворҳои воқеӣ, ки Ҳукумати мамлакат бо ҷалиби шарикони рушд ва сармоягузории давлатию хориҷӣ анҷом додааст, нишон дода мешавад.

ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ ДАР ТАТБИҚИ ТАРҲҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Аз ҷумла, дар ин давра Ҳукумат дар баробари сохтмони дигар иншооти гидроэнергетикӣ пеши худ мақсад гузошт, ки барои таъмини хонаҳои истиқоматӣ дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе бо оби гарм Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе 2»-ро бунёд намояд.

Дар аснои суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ба истифода додани навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2» иброз доштанд, ки дар замони муосир рушди муътадили ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт дар навбати аввал аз истифодаи сарватҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои гидроэнергетикӣ вобастагии бевосита дорад. Бунёди навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2»-ро метавон лоиҳаи комплексӣ ё маҷмааи истеҳсолӣ арзёбӣ намуд, чунки дар доираи он дар баробари насби лӯлаҳои гармигузар ба масофаи зиёда аз 20 километр ва бунгоҳи гармитақсимкунӣ, ҳамчунин сохтмони зеристгоҳи барқии 220/110 киловолтаи «Шаҳринав», «Хонакоҳ», хатти интиқоли барқи 110 – киловолта байни зеристгоҳҳои мазкур, сохтмони 17 километр роҳи мошингард, сохтмони чор мактаб барои 6240 нафар хонанда ва як пули мошингард дар болои дарёи Душанбе амалӣ гардид, ки ин аз мақсаднок амалӣ шудани дурнамои мушаххасу мукаммали сиёсати соҳаи энергетика дар кишвар дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, айни замон иқтидори Маркази барқу гармидиҳӣ бо ба инобати навбати аввал ба 400 мегаватт, яъне то 9,6 миллион киловатт-соат неруи барқ ва 235 гигакалория гармӣ дар як шабонарӯз расонида шуд. Аҳолии шаҳри Душанбе дар муқоиса ба солҳои гузаштаи даврони шуравӣ дар даврони Истиқлол ба маротиб зиёд шудааст. Аз ин хотир, талабот ба хизматрасониҳо низ бештар мегардад. Қонеъ намудани ниёзи шаҳрвандони пойтахт бо гармӣ яке аз ин гуна хизматрасониҳо мебошад. Гармие, ки ҳоло истеҳсол мегардад, барои гарм кардани манзили сокинони шаҳри Душанбе, муассисаҳои иҷтимоиву таълимӣ ва дигар иншооти пойтахт равона мегардад.

Дар иртибот ба аҳаммияту афзалият ва бартариятҳои гармидиҳӣ дар муқоиса ба истифодаи неруи барқ барномаи «Воқеият» аз ҷониби муҳаррир Мансур Усмонов таҳия гардида, манзури бинандагон карда шуд. Дар барнома сокини шаҳри Душанбе Илҳом Абдуҷабборов аз пайваст шудани маҳаллаашон бо хати шабакаҳои гармидиҳӣ хушнудӣ карда, таъкид менамояд, ки дар солҳои охир ин як иқдоми ниҳоят зарур барои истиқоматкунандагони пойтахт шуд.

Муаллиф бо мисол овардани хонаи як нафар сокин ҷараёни пайвастсозии босуръати қубурҳои гармидиҳиро дар дигар маҳаллаҳои шаҳри Душанбе нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки ташкили кори худи шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Душанбе дар таъмини манзили истиқоматии шаҳрвандон бо гармӣ хеле саҳми калон доранд. Солҳои пеш гармидиҳӣ дар давраи зимистон яке аз мушкилоти асосӣ буд. Аз ин рӯ, кӯшиш мекардад, ки ин масъала ҳал карда шавад. Чунки аҳолӣ барои гарм кардани манзилҳои истиқоматӣ аз барқ истифода мекарданд ва ин ба садамаҳо дар зеристгоҳҳои баркӣ оварда мерасонд. Ҳамчунин, масрафи барқ аз оби гарм дида хароҷоти зиёдтарро талаб мекунад.

Ҳоло қисми муайяни сокинон бо гармӣ таъмин мебошанд, ки ин ҳолат истифодаи баркро нисбатан камтар кардааст. Агар дар фасли тобистон дар пойтахт дар як шабонарӯз тақрибан то панҷ, панҷуним миллион киловат соат неруи барқ истифода шавад, дар фасли зимистон ин нишондиҳанда то ба 14-15 миллион киловат соат мерасад. Муқоисаи оморҳо, суҳбат бо мутахассисон, махсусан мусоҳиба бо одамони одӣ гувоҳ аз фаъол будани журналист дар ин барнома аст. Аслан барномаҳои иқтисодӣ доираи бинандаи сершумор надоранд, чунки на ҳар кас қобилияти дарку фаҳми мавзуъҳои иқтисодиро дорад, вале бо дизайни хос ва графикаҳо садо додани оморҳо тавонистааст, ки барномаро ҷолибтар намояд ва доираи бинандагони телевизионро низ нисбатан бештар гардонад.

Журналист дар барнома тавонистааст, ки мавзуъро аз паҳлуҳои гуногун бо овардани мисолҳои мушаххас ва масъалагузорӣ баррасӣ намояд. Бартарият ва афзалиятҳои бо оби гарм таъмин кардани хонаҳои истиқоматӣ ва фарқияти хароҷоти он аз неруи барқ бо мисолҳо

нишон дода шудааст. Ин нишонаи таҳлили дурнамои Истиқлоли энергетикӣ дар барномаҳои иқтисодии «Телевизиони Тоҷикистон» мебошад.

ИСТИҚЛОЛ ВА ОҒОЗИ ЛОИҲАИ БУНЁДИ ХАТТИ ИНТИҚОЛИ БАРҚИ CASA-1000

Иқдоми бузурги дигаре, ки дар давраи Истиқлоли давлатӣ дар идомаи татбиқи дурнамои расидан ба Истиқлоли энергетикӣ анҷом дода шуд, роҳандозии лоиҳаи минтақавии CASA-1000 арзёбӣ мегардад. Татбиқи ин тарҳи минтақавӣ 12 майи соли 2016 расман оғоз гардида, дар маросими шуруи татбиқи лоиҳа он ҳайати меҳмонон ва сарони давлатҳо, аз ҷумла Эмомалӣ Раҳмон, меҳмонон Навоз Шариф, Абдулло Абдулло ва Сооронбой Жээнбеков иштирок намуданд, ки худ аз муҳиммияти лоиҳаи мазкур шаҳодат медиҳад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои суханронии худ дар расми ифтитоҳи оғози татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқ CASA-1000 иброз доштанд: «Лоиҳаи бунёди хатти интиқоли барқи CASA-1000 барои ҳамаи мо ҳамчун рамзи шуруи ҳамкориҳои воқеӣ байни кишварҳои минтақаи фарроҳи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ лаҳзаи хотирмону дорои аҳаммияти таърихӣ мебошад» [11].

Воқеан, тарҳи мазкур барои кишварҳои минтақа муҳим мебошад. Ин буд, ки ҳамоҳангиҳои зарурии муштарак аз рӯйи лоиҳаи CASA-1000 аз соли 2006 оғоз гардида, аз сатҳи назария то тарҳи мукаммал расонида шуд. Вобаста ба ин тарҳи минтақавӣ, ки дар доираи ҳадафи муҳимми Ҳукумати мамлакат Истиқлоли энергетикӣ амалӣ гардид, муҳаррири Идораи барномаҳои иқтисодии «Телевизиони Тоҷикистон» Зоиршо Раҳмонқулов дар барномаи «Воқеият» онро ҳамаҷониба пайгирӣ намуда, оид ба як қатор таҳқиқоти техникӣ, иқтисодӣ ва экологии ҷавобгӯй ба талаботи байналмилалӣ дар ин давра ба анҷом расонидашуда бо иқтисодшиносон ва мутахассисони соҳаи энергетика, аз ҷумла Лоиқ Қассобов (омӯзгори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ-коршинос), Вайсиддин Тиллоев (корманди масъули Вазорати энергетика ва захираҳои об), Зубайдулло Давлатов (корманди масъули Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), Абдуалим Самизода (муҳандиси «Барқи тоҷик»), Гулваҳҳоб Шарифов (коршиноси соҳаи энергетика) ва дигарон мусоҳиба анҷом додааст. Тавре дар барнома олимону коршиносони соҳа иброз доштанд, дар ояндаи наздик тавассути CASA-1000 солона то 5 миллиард киловатт-соат неруи барқи аз назари экологӣ тоза аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистону Покистон интиқол меёбад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки силсилаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ дар ин чор кишвар роҳи ҳали худро пайдо намояд.

Бо тамошои чунин барнома, ки дар он дар баробари шарҳу таҳлили муҳаррир коршиносону олимони соҳаи энергетика иштирок доранд, албатта бинанда маълумоти сершумор ба даст меорад. Яъне журналист тавонистааст, ки бо истифода аз назари донишмандон андешаҳои худро вобаста ба рӯйдоди баамаломада - ифтитоҳи оғози татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқ CASA-1000 тақвият бахшад. Тавре дар нашри дуюми воситаи ёрирасони таълимӣ барои донишҷӯёни факултаи журналистикаи ДМТ бо номи «Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо» нигошта шудааст: «Вақте шахсеро дар экран бевосита мебинед, симои ӯ, тарзи талаффузи ӯ, нигоҳ, ҳаракати шахс ба тамошобин дигар хел таъсир мерасонад. Ба қавле дар шахс «механизми психологӣ» ба кор медарояд ва дараҷаи боварӣ ё худ нобоварӣ нисбати нақли ӯ ба миён меояд» [5, с. 10].

НБО-и «РОҒУН», «САНГТУДА -1» ВА «САНГТУДА-2» – САРЧАШМАИ ТАВЛИДИ БАРҚ

Ба таъкиди коршиносон, дар ин давра дар Тоҷикистон махсусан дар минтақаи Осиёи Маркази ду неругоҳи барқи обии иқтидорашон калон «Сангтуда-1» ва «Сангтуда-2» бо ҷалби сармояи хориҷӣ сохта шуд. НБО-и «Сангтуда-1» дар маҷрои дарёи Вахш сохта шуд. 31-уми июли соли 2009 маросими ба истифодаи пурраи саноатӣ супоридани ин неругоҳ доир шуд, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи

Россия Дмитрий Медведев иштирок карданд. Ин рӯйдоди муҳимми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар сархати расонаҳои хабарии ҷаҳон қарор гирифт. Дар аснои суханронии худ сарони ду давлат дар назди анбуҳи зиёди бинокорони неругоҳ ва намояндагони сершумор аз қишрҳои гуногуни ҷомеа, пурра ба кор шуруъ кардани ин иншоотро таҳкимбахшандаи дӯстию рафоқат ва пайванди ногусастании халқҳои Тоҷикистону Россия арзёбӣ намуданд [12].

Дар радифи дигар барномаҳои хабарӣ, барномаи «Истиқлол ва энергетика» тариқи «Телевизиони Тоҷикистон» пахш карда шуд, ки дар он вобаста ба марҳилаҳои гуногуни сохтмони НБО-и «Сангтуда-1», ҷараёни бунёди он, бастани маҷрои дарё, ташрифҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҳалли сохтмон ва шиносоӣ бо вазъи корҳои сохтмонӣ, ташкили барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва консертӣ барои руҳбаландсозии сохтмончиён маълумот медод.

Муаллифи барнома Хуҷаназари Аминиён дар бораи ҳаёти сохтмончиён ва омори рӯзмарраи корҳои сохтмонӣ бо истифода аз навору мусоҳибаҳо раванди корҳои сохтмониро шарҳу тафсир кардааст. Фазои корӣ дар корзори неругоҳ ва чеҳраҳои олуда бо чангу хоки сохтмончиён, аммо нигоҳҳои гарму ботабассуми онҳо дар барномаи телевизионӣ бозгӯи он аст, ки халқи тоҷик воқеан ҳам сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакатро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд ва омодаанд, ки барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ бо гузоштани хиште болои хишт саҳмгузорӣ намоянд. Нишон додани меҳнати софдилонаи сохтмончиён бо тарзи таъсирбахш аз маҳорати наворбардору журналист ва коргардон вобастагӣ дорад, ки чунин наворҳоро дар барнома ҷой додаву бо ин роҳ ба бинанда умед ба фардои дурахшони ватанро савқ мебахшанд.

Муҳаққиқ Бахтиёри Қутбиддин дар мақолаи худ «Нақши ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ҷавонони эҷодкор дар фазои иттилоотӣ» менависад: «Журналист қатъи назар аз фаъолият дар ҳамагуна расона шахсиятест, ки бояд барои ҷомеа сухани созанда гӯяд. Махсусан дар шароити имрӯзаи мураккаби ҷаҳонишавӣ, ки ҷомеа ба чунин сухан бештар ниёз дорад» [7, с. 44].

Сохтмони НБО-и «Сангтуда-2», ки дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон сохта шуд, аз иншооти дигаре мебошад, ки мактаби бунёди неругоҳҳоро дар Тоҷикистон барои муҳандисону сохтмончиён ба вуҷуд овард. Зеро пас аз «Сангтуда-1» ин дуюмин неругоҳ буд, ки дар он бисёре аз сохтмончиёни тоҷик барои амалишавии ин тарҳ неруи зеҳнии худро равона карданд. Барои бунёди ин неругоҳ низ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ва солҳо ба маҳалли сохтмон омада, бо сохтмончиёну муҳандисон суҳбатҳо кардаанд. Ҳар як вохӯрии Роҳбари давлат мутахассисонро барои идомаи корҳои сохтмонӣ неру мебахшад.

Иншооти дигаре, ки дар доираи дурнамои Истиқлоли энергетикӣ сохтмони он дубора эҳё гардид, НБО-и «Роғун» буд. Сохтмони ин иншоот тавассути барномаҳои гуногуни «Нурофарон», «Корзори нангу номус», «Ҷабҳаи созандагӣ», «Нур аз қалби кӯҳҳои осмонбӯс» ва «Набзи Роғун», инчунин гузоришҳои таҳлилӣ дар барномаҳои иттилоотии ахбор пайваста ба бинандагон манзур гардонида мешавад. Аз ҷумла, барномаи «Набзи Роғун» яке аз барномаҳое мебошад, ки фазои НБО-и «Роғун»-ро инъикос мекунад. Дар яке аз нашрҳои ин барнома, ки моҳи августи соли 2023 таҳия гардидааст, муаллиф менигорад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи энергетика таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин самт тадбирҳои муҳимро амалӣ намуд.

Яке аз қадамҳои устувор дар ин самт эълони ҳадафи стратегии расидан ба Истиқлоли энергетикӣ буд, ки ин бахши ҳаётан муҳимми иқтисодиёти мамлакатро ба марҳилаи нави рушди худ ворид намуд. Дар ин замина истифодаи васеи захираҳои бои гидроэнергетикӣ ба роҳ монда шуда, неругоҳҳои хурду бузурги истеҳсолӣ ва хатҳои баландшиддати барқию зеристгоҳҳои замонавӣ бунёд гардиданд, ки иқтидори истеҳсолии Тоҷикистонро дар самти тавлиди барқ таҳким мебахшиданд.

Дар идомаи силсилаи тадбирҳои муҳимми Ҳукумати мамлакат дар соҳаи энергетика корҳои барқарорсозӣ ва сохтмону васлгарии неругоҳи барқи обии «Роғун» оғоз шуда, бо

неруи созанда ва бунёдкоронаи мардуми шарифи Тоҷикистон ва талошҳои муассири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон неругоҳи «Роғун» сохтмони аср эълон гардид.

Дар ҳақиқат, корҳои барқарорсозӣ ва сохтмону васлгарӣ дар ин иншооти азим бо ҷӯшу хурӯш идома дошта, аз оғоз то имрӯз бо заҳмати содиқонаи бунёдгарони иншооти муҳимми аср ду агрегати он ба истифода дода шуда, дар аксари қитъаҳои сохтмон корҳои боқимонда хеле пеш рафтаанд. Муаллиф бо истифода аз нутқи суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои мулоқот бо бунёдгарони НБО-и «Роғун», ки 10.08.2023 баргузор гардид, тавассути дизайни хос графикаи компютерӣ омода кардааст. «Аз оғози фаъолияти ду агрегати аввалини неругоҳ, ки бо фишори пасти обанбори тозабунёд кор мекунанд, то ҳол, аллакай, зиёда аз 6,4 миллиард киловатт – соат неруи барқ ба маблағи беш аз 1,5 миллиард сомонӣ истеҳсол ва ба низоми ягонаи энергетикии мамлакат интиқол дода шудааст» [14].

Ин натиҷаи заҳмати шабонарӯзии сохтмончиён мебошад, ки дар ин иншооти азим, ба хотири пешрафти имрӯзу фардои Тоҷикистон ва расидан ба истиқлоли энергетикӣ фаъолият доранд.

Журналист факту рақамҳоро дар барномаи мазкур моҳирона истифода кардааст. «Дар бунёди сарбанд, ки яке аз иншооти муҳимми неругоҳ мебошад, то имрӯз аз 80 миллион метри мукааби пешбинишуда дар қисматҳои болову поёни сарбанди асосӣ 19 миллион метри мукааб сангу шағал ё 24 фоиз рехта ва шибба карда шудааст. Тибқи лоиҳа танҳо дар минтақаи ядрои сарбанд корҳои тоза намудан ва мустаҳкамсозиву бехатаргардонии соҳилҳои чапу рости паҳлуи кӯҳҳо иҷро гардида, корҳои заминӣ дар ҳаҷми беш аз 2,7 миллион метри мукааб ба анҷом расонида шудаанд. Ҳамчунин ҳоло ба таҳкурсии ядрои сарбанд аз 268 ҳазор метри мукааби пешбинишуда 240 ҳазор метри мукааб бетони пуркунанда ва шиббашаванда ё 90 фоиз рехта шудааст. Дар таҳкурсии ядрои сарбанд барои корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда аз 3014 чоҳи пешбинишуда 2615 чоҳ ё 87 фоиз пармакорӣ ва сементатсия гардидааст» [14].

Ҳангоми тамошои барнома аён мегардад, ки муаллиф мушоҳидаҳояшро низ чун манбаъ истифода кардааст ва назару андешаи худро ба бинанда пешниҳод мекунад. Коргарону муҳандисон ва ширкатҳои сохтмонӣ ҷиҳати таъмини намудани бехатарии иншоот бо истифода аз обу ҳавои мусоид корҳои бетони шиббашаванда ва сементатсияи мустаҳкамкунандаи таҳкурсии ядрои сарбандро марҳила ба марҳила анҷом дода, кӯшиш карда истодаанд, ки то сатҳи 1110 метр баланд бардоштани сарбанд дар муҳлати муайянгардида муваффақ шаванд. Аз ин рӯ, корро бо руҳияи баланди ватандӯстӣ ва азму иродаи қавӣ пеш мебаранд. Роҳбари давлат, ки бунёдгузори НБО-и «Роғун» дар давраи Истиқлол мебошанд, дар барномаи мазкур атрофи заҳматҳояшон низ сухан меравад.

Зикр карда мешавад, ки дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кор бо реҷаи шабонарӯзӣ ташкил гардида, шумораи мошину механизмҳои истифодашаванда бамаротиб зиёд мегардад, то ки нақшаҳои муайяншуда бо сифати баланд ва дар муҳлатҳои муқарраргардида иҷро карда шаванд. Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо қувваи корӣ ва техникаву механизмҳои зарурӣ пурра таъмин аст. Ҳоло дар иншооти неругоҳ 14 ҳазору 164 нафар коргарон ва кормандони муҳандисиву техникӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 ҳазору 600 нафар зиёд мебошад. Шумораи мошину механизмҳое, ки дар сохтмон истифода мешаванд, ҳар сол аз ҳисоби хариди мошину механизмҳои пуриқтидори муосир зиёд гардида, ҳоло ба 3443 адад расонида шудааст [14].

Техникаву механизмҳои гуногуни борбардору боркаши навтарин имкон медиҳанд, ки корҳои барқарорсозӣ, сохтмону васлгарӣ ва шиббакунӣ дар ин иншооти азим ягон лаҳза қатъ нагашта, бо суръат пеш равад. Яке аз навигариҳое, ки дар барномаи «Набзи Роғун» мушоҳида мегардад, ин тавассути стэнд-ап пешниҳоди маълумот ба бинанда аст. Яъне аз ин имконият журналист хуб истифода кардааст ва дар ҳар гӯшаву канори Роғун бо бинанда дар тамос мешавад ва аз ҷойи воқеа иттилоъ медиҳад, ки дар нақбҳои иншооти мазкур чӣ мегузарад ва бо кадом заҳматҳо сохтмончиён корро пеш мебаранд. Ба чеҳраи журналист

нигоҳ карда бинанда худро дар ҷойи воқеа эҳсос мекунад. Дар ин маврид Рафоат Абдусаломова менависад, ки «Бинандагони арҷманд шояд борҳо эҳсос кардаанд, ки баробари ба экрани телевизион назар намудан аввал симоро мебинанд, баъд ба кӣ будану чӣ гуфтани ӯ диққат медиҳанд, яъне садои гӯянда, садои мусиқӣ ба гӯш мерасад ва ё нақшҳои офаридаи ҳунарпешагони дар ин ё он филму намоишҳо аксёфта, ки бо овози муассиру баланд иҷро кардаанд, таваҷҷуҳи онҳоро сӯяш мекашанд» [6, с. 22].

Муаллиф таъкид мекунад, ки сифати корҳои сохтмонӣ аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар НБО-и «Роғун», ки аз маҷмааи иншооти зеризаминӣ ва баландтарин сарбанди гидротехникии дунё ба ҳисоб меравад, ба корҳои назоратӣ ва санҷиши масолеҳи сохтмонӣ диққати зарурӣ дода мешавад. Бо дарназардошти ин ҳоло дар 51 қитъаи сохтмон 3365 асбоби санҷишу ченкунӣ васлу насб карда шудааст. Далели ин гуфтаҳо истифодаи масолеҳи аълосифат ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ ва таҷҳизоти муосир дар иншоот аст [14].

Бо назардошти мушоҳидаҳояш журналист менигорад, ки муҳандисону коргарон дар ҳама қитъаҳои сохтмонӣ аз имконияту таҷҳизот ва асбобҳои нодири Озмоишгоҳи марказии сохтмон самаранок истифода мебаранд. Боду ҳавои мусоид имкон додааст, ки дар ҳамаи қитъаҳои бунёди иншооти тақдирсоз корҳо суръати бештар мегиранд. Пешбурди кор бо сатҳу сифати баланд ва дар руҳияи созандагиву бунёдкорӣ идома ёфтани корҳои сохтмонӣ бе маблағгузорӣ ғайри имкон аст. Аз рӯ, бодарназардошти аҳаммияти стратегӣ доштани НБО-и «Роғун» Ҳукумати мамлакат барои идомаи сохтмони иншоот тадбирҳои зарурӣ андешида, афзоиши маблағгузориро ҷиҳати суръат бахшидани корҳо таъмин намуда истодааст. Дар графикаи дигар чунин маълумотро журналист пешниҳод менамояд: Барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмону васлгарии неругоҳи барқи обии «Роғун» дар зарфи солҳои 2008 – 2022, яъне аз оғози корҳои барқарорсозиву сохтмон аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 35 миллиард сомонӣ маблағ равона карда шудааст [14]. Маблағгузории саривақтӣ ва муҳайё намудани шароити корӣ барои коргарону мутахассисон имкон додааст, ки ҳар як нафар бо ифтихори баланди ватандорӣ ва ҳисси баланди шаҳрвандӣ дар ин иншооти муҳимми аср саҳми худро гузошта истодаанд. Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ғамхорӣ халқи захматписанду шарафманди тоҷик мебошанд. Ин нуқта дар бунёди азимтарин иншооти соҳаи энергетикаи Тоҷикистон – НБО-и «Роғун», ки дар шароити ниҳоят мураккаби ҷуғрофӣ бунёд мегардад, комилан эҳсос мешавад. Ин ҳолатро нафаре дида метавонад, ки ба заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сохтмончиён бо чашми бино ва қалби бедор нигарад. Пешбурди корҳои сохтмонӣ, ки ба хотири истеҳсоли неруи барқ дар ин иншооти муҳимми аср анҷом дода мешавад, содаву осон нест. Коргарон дар ин қитъаи сохтмонӣ дар шароити ниҳоят мураккаб синаи кӯҳҳоро шикофта, роҳи минбаъдаи маҷрои обро, ки агрегатҳои ин кохи нурро ба гардиш медароранд, бо дасту дили гарм ва руҳияи созанда ҳамвор месозанд, менависад журналист ва бо нишон додани наворҳо аз ҷойҳои хатарзо, ки сохтмончиён кор мекунанд, андешаи худро асоснок менамояд. Ин ягона барнома нест, ки вобаста ба ин иншооти муҳим таҳия гардидааст, то имрӯз дар ин самт барномаҳои зиёд мавзуи мазкурро пайгирӣ кардаанд ва телевизион ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд дошт ва дорад. Мардум тавассути телевизион аз ҷараёни сохтмони неругоҳи мазкур огоҳ мешаванд. Тавре муҳаққиқон мегӯянд, «Радио ва телевизион воситаҳои муқтадири таъсиррасон ба афкори ҷомеа мебошанд. Сифати барномаву намоишҳо то ҷое ба руҳияи ходимони ин даргоҳ марбут аст [4, с. 26]. Ин масъалагузорӣ тариқи расонаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ интишор гардида буд, ки дар ин хусус муҳаққиқон И. Ҳамидиён ва М. Тӯхтаева ишора кардаанд [14]

Новобаста ба вазъи буҳронии имрӯзаи ҷаҳон ва таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёт Ҳукумати мамлакат кӯшиш менамояд, ки кор дар НБО-и «Роғун» ягон лаҳза қатъ нагардад. Аз ин рӯ, тамоми имкониятро барои бунёди он истифода мебаранд. Ояндаи босуботи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон ба фаъолияти НБО-и «Роғун» сахт марбут аст. Дар ин қисмати барнома муаллиф боз ба омор рӯ меорад ва таъкид кардан мехоҳад, ки

новобаста аз вазъи сангини ҷаҳони имрӯза ва вазъи пешгӯинашаванда давлату Ҳукумат барои сохтмону таҷдиди НБО-и «Роғун» аз маблағҳои буҷетӣ равона месозад. «Танҳо соли 2022 барои идомаи сохтмони неругоҳ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ 2,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида буд, вале Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, бо ин мақсад, дар маҷмуъ, 4 миллиард сомонӣ равона намуд. Аз оғози соли ҷорӣ (с.2023) барои пардохти корҳои сохтмону васлгарӣ дар иншоот, корҳои лоиҳакашиву таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯй, хариди таҷҳизот, молу масолеҳи сохтмон ва хизматрасониҳо аз ҳисоби буҷет 2,6 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши барқи истеҳсолкардаи неругоҳи «Роғун» 427 миллион сомонӣ, дар маҷмуъ, зиёда аз 3 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Яъне нақшаи солона 2,5 миллиард сомонӣ буд, вале то даҳаи якуми моҳи августи соли ҷорӣ беш аз 3 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ гардид [14].

Аз нигоҳи муаллиф, барои бунёди НБО-и «Роғун», ки хеле бузургу боҳашамат мебошад, таҷҳизоту технология ва лавозимоте истифода мегардад, ки кас бо дидани онҳо дар ҳайрат мемонад. Аз ҷумла, ин оҳанфулузоти доирашакл (тавассути стэнд-ап нишон дода мешаванд) барои қубурҳои обпартои трубинаҳои агрегатҳо пешбинишуда, ки бо ҳаҷми хеле калон сохта шудаанд, кас бо дидани онҳо ба қавле ангушти ҳайрат мегазад, ки инҳоро чӣ гуна ва бо кадом роҳу васила ба ин тангнои синаи кӯҳ ворид кардаанд? Дар ҳақиқат инсон ба чӣ корҳое қодир аст, - мегӯяд журналист. Онҳоро фарзандони содиқу вафодори ватан, сохтмончиён, коргарони одӣ ва муҳандисону мутахассисон ба инҷо овардаанд, (наворҳо аз синаи кӯҳ нишон дода мешаванд) то ки дар ин нақбҳои дар қалби кӯҳҳо бо заҳмату меҳнати зиёди сохтмончиён сурохшуда, гузоранду қисмате аз кори ин неругоҳи азимро ба анҷом расонанд.

Тарзи навишт, садо ва пешниҳоди факту рақамҳо ба бинанда ба маҳорату малакаи журналист вобаста аст. Мушоҳидаҳояшро рӯйи варақ оварда бо наворҳои зебо зиннат додани барнома ҳам ба малакаи касбии муҳаррирон вобастагӣ дорад. «Ҳар корманд бо завқу салика ва донишу ҷаҳонбинии ба худ хос барнома таҳия менамояд. Аз ҷониби дигар, ҳаводорони барномаҳо савияи мафкураи муҳаррирон ва хабарнигоронро аз рӯйи натиҷаи фаъолияти онҳо муайян карда метавонанд» [4, с. 26].

Барои харидорӣ ва ё сохтани чунин оҳанфулузот маблағҳои зиёд зарур аст, - мегӯяд журналист. Аммо давлату Ҳукумати Тоҷикистон ояндаи дурахшони мамлакатро ба назар гирифта, маблағгузориро идома дода, кореро карда истодааст, ки таърихи Тоҷикистон ёд надорад. Аҳолӣ сол то сол зиёд гардида, иқтисодиёти миллӣ дар ҳоли рушд қарор дорад. «Барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ, қонеъ гардонидани талаботи рӯз ба рӯз афзояндаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва аҳолии кишвар ба неруи барқ афзоиш додани истеҳсоли неруи барқ аз ҷумлаи заруратҳои аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ ба ҳисоб меравад», - иброз доштанд аснои суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо бунёдгарони НБО-и «Роғун» 10-уми августи соли 2023 [14].

Иқтисоди миллӣ ҳар сол дар сатҳи на кам аз 7 фоиз рушд ёфта, талаботи солона ба неруи барқ дар ҳаҷми ду - дуюним фоиз зиёд мегардад, ки масъалаи истифодаи самаранок ва ҳарчи бештари захираҳои энергетикии кишварро тақозо менамояд. Бо бунёди НБО-и «Роғун» на танҳо мушкилоти нарасидани барқ ҳаллу фасл мегардад, балки соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти мунтазами корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ рушд карда, ҷойҳои нави корӣ муҳайё мегардаду шароити соҳаҳои иҷтимоӣ, хусусан, маорифу тандурустӣ ба маротиб беҳтар хоҳад шуд. Аз ин рӯ, суръат бахшидан ба ҷараёни корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун», дар муҳлатҳои муқарраргардида ва бо риояи стандартҳои байналмилалӣ ба анҷом расонидани марҳалаҳои баланд бардоштани сатҳи сарбанд ва ба истифода додани агрегатҳои навбатӣ муҳим ва зарур арзёбӣ мегардад. Журналист ёдовар мешавад, ки сохтмону таҷдиди «Роғун» як тарафи масъала мебошад. Ҷанбаи дигари он кӯчонидани аҳолӣ аз маҳали сохтмон аст. Аз ин рӯ, дар баробари пешбурди корҳои сохтмонӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» тадбирҳои муҳим амалӣ менамояд.

Дар ин ҷо графикае нишон дода мешавад, ки оморҳои зеринро дар пардаи телевизион ба бинанда мерасонад: Дар давоми ёздаҳ соли охир бо мақсади кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаи зериобшавандаи неругоҳи барқи обии «Роғун» 3211 оила бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин гардида, қариб 15 000 нафар одамон кӯчонида шуданд ва ҳоло дар манзилҳои нави доимӣ истиқомат доранд. Танҳо давоми солҳои 2011-2022 ва шаш моҳи соли 2023 дар маҳаллаҳои нави зисти бунёдгардида 119 иншооти инфрасохторӣ – 9 мактаб бо зиёда аз 7000 ҷойи нишаст, 8 бунгоҳи тиббӣ бо 200 кат, 45 километр хатти оби нӯшокӣ, 103 километр хатти интиқоли барқ, 124 километр роҳу роҳрав, боғи фарҳангу фароғат, варзишгоҳ бо 5000 ҷойи нишаст ва иншооти дигар ба маблағи умумии 450 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст [14].

Ягона камбудие, ки дар барномаи «Набзи Роғун» ба мушоҳида мерасад, ин аст, ки вобаста ба рафти корҳои сохтмонӣ ҳузури мутахассисони масъули соҳа ба мушоҳида нарасиданд, яъне журналист танҳо ба андешаи сохтмончиён такя кардааст, ҳол он ки метавонист дар бораи рафти иҷирои корҳо бо масъулони Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар бахшҳо суҳбат ороста, масъаларо амиқтар равшанӣ меандохт.

Муаллиф барномаро бо чунин сатрҳо ба анҷом мерасонад: давоми солҳое, ки кор дар НБО-и «Роғун» идома дорад, заҳмату талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бе натиҷа намонд. Ҳоло ду агрегати НБО-и «Роғун» пурсамар фаъолият доранд. Ва барқи тавлидшуда ба системаи энергетикии мамлакат ворид мегардад. Воқеан бунёди НБО-и «Роғун» расидан ба истиқлоли комили энергетикии мамлакатро боз ҳам наздиктар месозад. Бо бунёди ин иншооти азими энергетикӣ, ки имконоту иқтидори бузурги истеҳсоли неруи баркро дорад, дар ояндаи наздик кишвари мо метавонад ба давлати ободу пешрафта табдил гардад ва номи неку заҳмати ватандӯстонаи ҳар як бунёдгузори он дар китоби таърихи давлатдории навини Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин навишта шавад.

Дар ин робита, «Телевизиони Тоҷикистон» татбиқи ҳадафмандонаи дурнамои сиёсати давлат дар соҳаи энергетикаро ҳамаҷониба пайгирӣ намуда, тамоми самтҳои бахши соҳаро дар барномаҳои иттилоотӣ, сиёсию иқтисодӣ ва тафреҳӣ таҳлилу инъикос намудааст ва то имрӯз ин раванд идома меёбад.

Адабиёт:

1. А. Саъдуллоев, М. Шоев. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши аввал. – Душанбе:, 2005. 76 саҳ.)
2. А. Саъдуллоев, М. Шоев. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши дуввум. – Душанбе: , 2008. 75 саҳ.
3. Аъзамҷон Азимов Публитсистика ва воқеият. – Душанбе: «Шарқи озод», 2018. - 112 саҳ.
4. Абдуллобек Г, Бекзод Х. Чеҳнаҳои Садов а Симо/ Душанбе: Шуҷойиён,2010.-244 с.
5. Д. Давронов. Ҷ. Раҳмонова. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо. — Душанбе: 2012. -210 саҳ.
6. Рафоат Абдусалом. Наттоқ чеҳраи телевизион-Душанбе: «Деваштич», 2008.-226 с.
7. Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – 312 с.
8. Шералӣ Мӯсо.Телевизион ва радиои Тоҷикистон дар масири таърих./Душанбе: «ЭР-граф», 2011.-196с.
9. https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%AD%D0%BD%D0%B5%D1%80%D0%B3%D0%B5%D1%82%D0%B8%D0%BA%D0%B0%D0%B8_%D0%A2%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD
10. http://president.tj/node/13640
11. http://president.tj/node/11697
12. http://president.tj/node/458

13. http://president.tj/node/31229
14. Ҳамидиён, И. И. Муҳтавои расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии фейсбук [Матн] / И. И. Ҳамидиён, М. М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. - №7. – С. 330-336.

ИСТИҚЛОЛИ ЭНЕРГЕТИКӢ ВА ТАҲЛИЛИ ДУРНАМОИ ОН ДАР БАРНОМАҲОИ ИҚТИСОДИИ «ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН»

Рушди соҳаи гидроэнергетика имкон медиҳад, ки талаботи аҳолӣ ба қувваи барқ қонеъ гардонида шуда, пешрафти иқтисодиёт аз ҳисоби қувваи барқи нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ безарар таъмин карда шавад. Дар шароити минтақаи мо, ки ба он торафт бештар гарм шудани иқлим, хушк шудани баҳри Арал ва оқибатҳои фоҷиабори он, инчунин нарасидани об зарари калон мерасонанд, сохтмони неругоҳҳои барқӣ роҳи оқилона ва самарабахши истифодаи захираҳои обу энергетика мебошад.

Фалокатҳои табиии солҳои охир ва хусусан зимистонҳои қаҳратун зарурати андешидани тадбирҳои муштаракро барои ҳалли проблемаҳои энергетикӣ нишон медиҳанд, ки минтақаи Осиёи Марказӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мегардад. Маҳз сохтмони неругоҳҳои нави барқӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо камбуди қувваи барқ бартараф карда шавад, балки ҳамаи давлатҳои минтақа дар мавриди хушксолӣ бо об таъмин гарданд.

Ин тавонмандӣ дар миёни ВАО ба телевизион хос аст, ки ҳамзамон аз ҷойи рӯйдод метавонад бинандаро бо ҷараёни иҷрои ин ё он кор ошно созад ва ҷиҳати ба даст овардани маълумот ва ғанӣ гардонидани маънавиёти ҷомеа кумак мерасонад. Ин ҳам тавассути технологияҳои муосири соҳа амалӣ мегардад. Пахши мустақим аз ҷараёни ба истифода додани НБО «Сангтуда-1», НБО «Сангтуда-2», НБО «Роғун», НБО «Тоҷикистон» дар Мурғоб, НБО «Себзор», НБО-и «Марзич» тавассути ПТС (студияи сайёри телевизионӣ) дар формати DV CAM сабт гардида, манзури бинандагон гардонида шуд. Он солҳо телевизион дар марҳилаи нави рушди худ қарор дошт ва дар ин замина навтарин техникаву таҷҳизот ба соҳа ворид гардиданд, ки кори мутахассисонро ба маротиб осон мекард.

Дар ин мақола вижагиҳои дурнамои истиқлоли энергетикӣ ва таҳлили онҳо дар барномаҳои иқтисодии «Телевизиони Тоҷикистон» баррасӣ гардидаанд.

Калидвожа: НБО «Сангтуда-1», НБО «Сангтуда-2», НБО «Роғун», НБО «Тоҷикистон» НБО «Себзор», НБО «Марзич», «Телевизиони Тоҷикистон», барқ, истиқлоли энергетикӣ

ЭНЕРГЕТИЧЕСКАЯ НЕЗАВИСИМОСТЬ И АНАЛИЗ ЕЕ ПЕРСПЕКТИВ В ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРОГРАММАХ ТВ «ТАДЖИКИСТАН»

Развитие гидроэнергетики позволяет удовлетворять потребности населения в электроэнергии, обеспечивать развитие экономики за счет более дешевой и экологически чистой электроэнергии. В условиях нашего региона, которому все больше наносят ущерб потепление климата, высыхание Аральского моря и его трагические последствия, а также нехватка воды, строительство электростанций является рациональным и эффективным способом использования водно-энергетических ресурсов.

Стихийные бедствия последних лет и особенно суровые зимы свидетельствуют о необходимости совместных мер по решению энергетических проблем, с которыми сталкивается Центрально-Азиатский регион. Именно строительство новых электростанций позволит не только устранить нехватку электроэнергии, но и обеспечить водой все государства региона в случае засухи.

Эта способность присуща телевидению как средству массовой информации, которое одновременно со сцены события может ознакомить зрителя с процессом выполнения того или иного действия и помочь получить информацию и обогатить духовность общества. Это происходит благодаря современным технологиям. Прямая трансляция процесса ввода в эксплуатацию ГЭС «Сангтуда-1», ГЭС «Сангтуда-2», ГЭС «Рогун», ГЭС «Таджикистан» в Мургабе, ГЭС «Себзор», ГЭС «Марзич» была записана и представлена зрителям через ПТС

(мобильную телестудию) в формате DV CAM. В те годы телевидение находилось на новом этапе своего развития, и на этой основе в отрасль вошли новейшие технологии и оборудование, что значительно облегчило работу специалистов.

В данной статье обсуждаются особенности перспектив энергетической независимости и их анализ в экономических программах ТВ «Таджикистан».

Ключевые слова: ГЭС «Сангтуда-1», ГЭС «Сангтуда-2», ГЭС «Рогун», ГЭС «Таджикистан» в Мургабе, ГЭС «Себзор», ГЭС «Марзич», таджикское телевидение, электроэнергия, энергетическая независимость.

ENERGY INDEPENDENCE AND THE ANALYSIS OF IT`S PROSPECTS IN THE ECONOMIC PROGRAMS OF TV TAJIKISTAN

The development of hydropower makes it possible to meet the needs of the population in electricity, to ensure the development of the economy through cheaper and more environmentally friendly electricity. In our region, which is increasingly being harmed by climate warming, the drying up of the Aral Sea and its tragic consequences, as well as water shortages, the construction of power plants is a rational and efficient way to use water and energy resources.

Natural disasters in recent years and especially severe winters indicate the need for joint measures to address the energy problems faced by the Central Asian region. It is the construction of new power plants that will not only eliminate the shortage of electricity, but also provide water to all states in the region in case of drought.

This ability is inherent in television as a media medium that can simultaneously acquaint the viewer with the process of performing an action from the scene of an event and help to obtain information and enrich the spirituality of society. This is due to modern technology. The live broadcast of the commissioning of the «Sangtuda-1» HPP, «Sangtuda-2» HPP, «Rogun» HPP, «Tajikistan» HPP in Murghab, «Sebzor» HPP, «Marzich» HPP was recorded and presented to the audience via a DV CAM format via a PTS (mobile TV studio). In those years, television was at a new stage of its development, and on this basis, the latest technologies and equipment entered the industry, which greatly facilitated the work of specialists.

This article discusses the specifics of the prospects for energy independence and their analysis in the economic programs of TV Tajikistan.

Keywords: Sangtuda-1 HPP, Sangtuda-2 HPP, Rogun HPP, Tajikistan HPP in Murghab, Sebzor HPP, Marzich HPP, Tajik television, electricity, energy independence.

Маълумот дар бораи муаллиф: Тоҷов Амрохон Эмомалиевич, унвонҷӯйи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тамос: 985849006, 100301331. E-mail: khabarnigor2010@mail.ru

Сведения об авторе: Тоджов Амрохон Эмомалиевич, соискатель кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: 985849006, 100301331. E-mail: khabarnigor2010@mail.ru

Information about the author: Tojov Amrokhon Emomalievich, applicant of the Department of Television and Broadcasting Faculty of Journalism Tajik National University. Phone: 985849006, 100301331. E-mail: khabarnigor2010@mail.ru

ТДУ:81'373.72 (075.8)
С - 68

УСУЛИ ТАҲҚИҚИ ТАРҶУМАИ МАТНҲОИ БАДЕӢ АЗ НИГОҲИ САБКШИНОСӢ

Ши Сяоюй, докторанти PhD
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матлубаи Мирзоюнус дар китоби худ «Сабкшиносии насри муосир» чунин тавсифи услубро пешниҳод намудааст: «…услуби адабӣ – маҷмуи аносир ва воҳидҳои устувори каломи бадеӣ мебошад, ки дар робитаи диалектикӣ бо якдигар пайванд доранд ва вобаста ба равиши хоси идрок дар ҳалли вазоифи ғоявию бадеӣ ба кор мераванд» [10, с. 145]. Ин ҷо «равиши хоси идрок» ба маънои ҷаҳонбинӣ ва завқи зебоишиносӣ истифода бурда шудааст.

Адабиётшинос инчунин қайд кардааст, ки услуби касеро шинохтан – ҷаҳони маънавии ӯро дарк кардан аст. Зеро интихоби калимаву ибораҳо, тарзи танзими мавод ва ғайра маҳз аз андеша, ҷаҳонбинӣ ва завқи зебоишиносии адиб дарак медиҳанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳқиқи услуби адиб жарфнои тафаккури нависанда равшантар зоҳир мешавад.

Таҳлили услубӣ тақозо мекунад, ки ба воситаҳои назаррас ва барҷастаи аъзову воҳидҳои асар аҳамияти хосса дода, вазифаи услубии онҳоро муайян кунем. Ба назари Матлубаи Мирзоюнус, забон, устухонбандӣ ва силсилаи ҷузъиёти бадеӣ – воҳидҳои асосии услуб ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, забони асари бадеӣ аз муҳимтарин нишондиҳандҳои услуб мебошад. Ба гуфтаи К. Федин, «Асоси услуб ва ҷони онро забон ташкил менамояд. Забон шоҳи тахтаи шоҳмоти услуб мебошад. Шоҳ набошад, ҳеҷ гуна бозӣ нест» [12, с. 166].

М. Мирзоюнус дар таҳқиқу пажуҳиши забони нависанда вазифаи адабиётшиносро аз вазифаи забоншинос фарқ кунонда, аз ҷумла мегӯяд: «Вазифаи адабиётшинос – мавқеи воҳидҳои забонӣ: овоз, калимаву ибораву ҷумла, санъатҳои бадеӣ, зарбу оҳангро бо ғояву ҳадафи нависанда, бо рӯҳи асосии асарҳои ӯ, завқу меъёри ҷаҳонбинии ӯ рӯ ба рӯ гузоштану санҷидан аст» [10, с. 153]. Мо ҳам ба ҳамин ақида мувофиқем, барои ҳамин зарур нест, ки ҳамаи хусусиятҳои луғавӣ, синтаксисӣ ва дигар ҷанбаҳои забони асарро ҷудогона ва ба таври муфассал баррасӣ намоем. Муҳим он аст, ки воҳидҳои калидии забониро берун кашида, нақши онҳоро дар возеҳ намудни ҳадафи нависанда пайдо кунем.

Мирзоюнус М. пеши худ мақсад гузоштааст, ки як низоми муайянро дар таҳлили услуби осори бадеӣ муайян кунад, аз ҷумла, ба роҳ мондани роҳу усули таҳқиқи забониро аз нигоҳи адабиётшинос.

Аз рӯйи натиҷаи тадқиқоти адабиётшинос маълум мешавад, ки такрори овозҳо дар матн яке аз хусусятҳои услубии осори бадеӣ ба шумор рафта, барои таъмини хушоҳангии калом, афзудани ҳусни баён ва ифодаи моҳиронаи ғояву андешаи адиб хизмат мекунад. Боз як вижагии чашмраси забони насри муосир дар истифодаи калимаҳои гуфтугӯйии халқӣ, шевагӣ ва таърихиву кӯҳнашуда (архаизмҳо) ба назар мерасад. Истеъмоли бамавриду эҷодкоронаи онҳо зери қалами адиб, ба монанди омезиши услуби шевагии маҳаллӣ бо классикии адабӣ, ба матн таровати хоссае бахшида, онро рангину муассир мекунад. Унсурҳои лексикии забони зинда, чун ифодаву ибораҳои халқӣ, мақолу масал ва ибораҳои рехта, низ дар эҷодиёти нависанда ба сифати як ҷиҳати намоёнгари услуб мавқеи калон дошта, ба навиштаҳо тобиши тозае мебахшанд, «…онро гӯё ҳамин ҳоло аз забони зиндаи гуфтугӯйии халқ баргирифта ва бетағйир ба матни осори бадеъ ворид карда бошанд» [10, с. 167].

Унсурҳои грамматикӣ ба шинохти услуби нависандагон низ гоҳе нақши муҳим мебозанд. Масалан, баъзан дида мешавад, ки истифодаи калимаву иборае аз рӯйи меъёри забони адабӣ на он қадар дуруст ба чашм мехӯрад, лекин ҳамон нодурустӣ метавонад таваҷҷуҳи моро ба худ кашида, ҳадафи воқеии адибро инъикос кунад. Яъне, маҳз аз паси пардаи номувофиқ ғояи адиб шинохта мешавад. Услуби адибон аз лиҳози тарзи ҷумлабандиашон низ баъзан фарқ мекунад. Чунончи Лу Син моҳирона аз ҷумлаҳои кӯтоҳу

бурро истифода мебарад, ки мисли шамшери тез ба қалби хонанда зарба мезананд ва таъсири танқидию ҳаҷвомези осорашро ба таври муассир тақвият мебахшанд. Таҳлили воситаҳои тасвири бадеӣ, ба монанди ташбеҳу тавсиф, ташхису тазод, иғроқу ғулув, низ яке аз паҳлуҳои муҳими тадқиқи услуб мебошад. Мирзоюнус М. ҳадафи чунин таҳлилро муайян карда, мегӯяд: «…сабаби фаровону банудрат ба кор рафтани воситаҳои тасвири бадеиро вобаста ба вазифаҳои услубии он дар матнҳои мушаххас шарҳ додан аст» [10, с. 170].

Истифодаи номи персонажҳо ва унвони маҳалҳо, ки ягон табиат, хислат ва одати симои персонажҳоро ифода мекунанд ё ин ки фазои хоси замону макони тасвиршавандаро ташкил медиҳанд, низ мавриди таҳлили услубӣ қарор мегирад. Чунин номҳо дар осори баъзе адибон батакрор ба кор рафта, миёни ҳамдигар бо як пули мантиқӣ алоқа барқарор мекунанд.

Чунонки аз мушоҳидаҳо ба назар мерасад, услубшиносӣ ва тарҷумаи бадеӣ дар алоқамандӣ ба ҳамдигар хеле банудрат мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, гарчанде ки интихоби калимаю ҷумлаҳо ва ғайра аз ҷониби тарҷумони бадеӣ ба масъалаҳои услубӣ вобаста аст.

Таҳқиқоти умумии тарҷума, ки дар заминаи пешрафтҳои охири забоншиносӣ ва баъзе фаннҳои марбута рушд ёфтаанд, ҳангоми коркарди матнҳои бадеӣ нокифоя ба назар мерасанд. Тавре ки Анри Лефевр зикр кардааст: «Дар таҳқиқоти анъанавии тарҷума, ки ба забоншиносӣ такя доранд, одатан чанд гапи пуч ба тарҷумаи бадеӣ бахшида мешаванд, аммо ин бештар ҳамчун баҳона барои пешгирӣ аз мушкилоти марбут ба ин навъи махсуси тарҷума ва ҳалли масъалаҳое, ки “воқеан муҳим” ҳисобида мешаванд, хизмат мекунад» [14, с. 52]. Таҳқиқоти тарҷума, ки танҳо ба ҷанбаҳои забоншиносӣ таваҷҷӯҳ доранд, наметавонад ба ҳалли мушкилоти хоси тарҷумаи бадеӣ кӯмак расонад. Ба гуфтаи Шэн Дан, «Роҳи ҳалли ин масъала метавонад дар услуби бадеӣ пайдо карда шавад, зеро он на танҳо аз забоншиносии муосир бархурдор аст, балки қобилият ё ҳассосияти бадеиро ҳамчун шарти зарурӣ мешиносад ва метавонад тасаввуроти ҷолибе оид ба вазифаҳои зебоишиносии интихоби суханҳо, махсусан интихоби услуби нозук ё риторикии муаллиф ва тарҷумон пешниҳод намояд» [15, с. 7].

Таҳлили услуби осори бадеӣ барои тарҷумаи матнҳои бадеӣ як дидгоҳи тоза ва амиқро фароҳам меоваранд. Таҳлили услубӣ имкон медиҳад, ки сабаби интихоб ва истифодаи вожаҳою сохторҳои синтаксисӣ дар матни аслӣ ва вазифаи услубии онҳо дар ифодаи фикру андеша дуруст муайян карда шаванд, инчунин тафовутҳои муҳимми байни матнҳои аслӣ ва тарҷумашуда ба забонҳои гуногун пайдо гардида, билохира, раванд ва натиҷаи тарҷумаи бадеӣ роҳнамоӣ ва арзёбӣ карда шаванд. Чунин таҳлил низ ба тарҷумон фурсат фароҳам меоварад, ки нозукӣ ва вазифаи зебоишиносии асарро беҳтар эҳсос намуда, барои тарҷумаи худ шаклҳои мувофиқу таъсирбахшро интихоб намояд.

Шэн Дан яке аз мушкилоти муҳими тарҷумаи насрро бо истилоҳи «баробарии фиребанда» (deceptive equivalence) тавсиф мекунад. Яъне матни аслӣ ва тарҷума ба назари аввал баробар ва ҳамсанг менамоянд, аммо дар асл байни онҳо фарқи ҷиддӣ дар сатҳи вазифаи зебоишиносӣ ё арзиши адабӣ вуҷуд дорад.

Лич ва Шорт дар китоби худ «Услуб дар наср» модели зеринро барои тавсифи робитаи байни мазмун ва шакл пешниҳод намудаанд: «Маъно (муҳтаво, воқеият) + арзиши услубӣ (шакли ифода) = мазмуни умумӣ» [13, с. 20]. Аз нигоҳи услубшиносон, як маъно метавонад бо шаклҳои гуногун ифода ёбад. Дар ин ҷо маъно ҳамчун ҷузъи устувор ва шакл ҳамчун унсури тағйирёбанда дониста мешавад. Маҳз шаклҳо, ки дорои арзишҳои гуногуни услубианд, объекти асосии омӯзиши услубшиносӣ ба ҳисоб мераванд.

Аммо ҳангоми тарҷума маъно низ ба унсуре табдил меёбад, ки метавонад зери таъсири тарҷумон тағйир ёбад. Аз ин рӯ, «баробарии фиребанда» дар сатҳи мазмун низ метавонад ба вуҷуд ояд. Хусусан, вақте ки мазмуни матни аслӣ барои тарҷумон ғайримаъмул, ношинос ё мухолифи донишу ҷаҳонбинии ӯ менамояд, ӯ метавонад онро ба таври дигар, мувофиқи тасаввуроти шахсии худ таъбир кунад. Бо ин роҳ тарҷумон гумон мекунад, ки матни тарҷумааш ба матни аслӣ наздиктар мегардад, аммо дар асл маънои аслӣ

ва арзиши эстетикии онро аз даст медиҳад. Порчаеро тариқи мисол аз ҳикояи Лу Син меорем:

孔乙己显出极高兴的样子，将两个指头的长指甲敲着柜台，点头说，(матни асли Лу Син) [2, с. 295]

Кун И-цзи очень обрадовался. Он поднял два пальца, постучал ими по прилавку и одобрительно кивнул головой: (тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [7, с. 68]

Хун И-цзи хеле хурсанд шуд. Ӯ бо нохунҳои ду ангушти дарозаш ба рӯи тахтаи пешдӯкон зада, бо ифодаи таҳсин сар ҷунбонд: (тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [5, с. 40]

Нохунҳои дароз дар даврaҳои гузашта нишонаи мақоми болоӣ ба ҳисоб мерафтанд. Зеро коргарон ва камбағалон бо дастон меҳнат мекарданд ва бо нохунҳои дароз кор кардан барои онҳо тамоман душвор буд. Нохунҳои дарози Хун Йичӣ нишон медиҳанд, ки ӯ меҳнати сахти ҷисмонӣ намекард. Бо ин нохунҳо ӯ саъю кӯшиш менамуд, ки худро аз одамони одӣ фарқ кунонад. Ин ба сохтани шахсияти Хун Йичӣ мусоидат мекунад: худро волотар мешуморид ва намехост бо одамони фақиру камбағал ҳамроҳ бошад.

Аз тарҷумаҳои дар боло зикргардида дида мешавад, ки дар матни соли 1945 тарҷумони рус Н. Федоренко ба маънои фарҳангии «нохунҳои дароз» сарфаҳм нарафта, нақши онро дар ташаккули шахсият нодида гирифт ва бо такя ба фаҳмиши шахсии худ ба ҷойи «нохунҳои дароз» «ангуштони дароз»-ро гузоштааст, ки ин тағйирот маъно ва мазмуни умумии матни аслиро таҳриф кардааст. Ҳ. Аҳрорӣ ҳангоми тарҷума ба гунаи соли 1945 такя карда, ин хаторо боз такрор намудааст.

Дар сатҳи шакли забонӣ «баробарии фиребанда» чунин тавсиф ёфтааст: тарҷума ва матни аслӣ ба як маъно ишора мекунанд, аммо аз ҷиҳати арзиши бадеӣ ва таъсири услубӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Намунаи чунин мисолҳо дар поён меорем:

老屋离我愈远了；故乡的山水也都渐渐远离了我，但我却并不感到怎样的留恋。(матни асли Лу Син). [2, с. 349]

Всё дальше и дальше отплывал я от своего старого дома, вдаль уходили от меня родные места, но я не жалел, что расстаюсь с ними. (тарҷумаи Л. Позднеева). [7, с. 93]

Ман аз кулбаи деринаи худ торафт дуртар ва дуртар шино карда мерафтам, ҷойҳои қадрдон аз ман дур мемонданд, аммо ман афсӯс намехӯрдам, ки аз онҳо ҷудо мешавам. (тарҷумаи П. Толис). [3, с. 56]

Ҷумлаи «хонаи дерина аз ман дуртар мешавад» аз матни аслӣ зери қалами тарҷумонон ба шакли «ман аз хонаи дерина дуртар мешавам» табдил ёфтааст. Гарчанде ки ин ду ҷумла ба назар ба ҳам наздик намоянд ҳам, дар воқеъ, аз лиҳози нуқтаи назари тасвир ва тобишҳои эҳсосӣ тафовутҳои нозук, вале муҳим доранд.

Ҷумлаи «хонаи дерина аз ман дуртар мешавад» маънои онро дорад, ки хонаи дерина худ аз «Ман» – қаҳрамони ҳикоя фосила мегирад, дар ҳоле ки «Ман» дар мавқеи собит қарор дорад ва равандро ба таври ғайрифаъол мушоҳида ва эҳсос менамояд — одам ба дур шудани хонаи дерина менигарад, то он тадриҷан аз назараш нопадид гардад. Ин тасвир дорои эҳсоси мулоими андӯҳ ва нотавонӣ аст.

Баръакс, ҷумлаи «ман аз хонаи дерина дуртар мешавам» нуқтаи назари фаъол ва шахсиро дар бар мегирад: дар ин ҷо «Ман» шахси амалкунанда аст, ки бо ирода ва қадами худ аз хонае, ки дар он ба дунё омадааст, дур мешавад. Таъкид ба амал ва тасмими «Ман» равона шудааст, ки бештар ҳисси оромӣ ва қатъиятро ифода мекунад. Вале дур шудани хонаи дерина ва ватан аз «Ман» эҳсоси нотавонӣ, дуршавии ногузир ва андӯҳи пинҳонро ба вуҷуд меорад. Одам гӯё ба сӯйи номаълум кашонда мешавад ва зодгоҳ тадриҷан ба як хотираи дур табдил меёбад.

Бояд қайд кард, ки барои хонандаи матни аслӣ, ҳатто агар ӯ ба таъсири услуби муаллиф таваҷҷуҳи кофӣ надиҳад ҳам, ҳангоми бардоштани маъно аз забон, эҳтимол дорад ба таври ноогоҳона зери таъсири услуб ё василаҳои бадеии он қарор гирад. Бо вуҷуди ин, агар тарҷумон ин василаҳоро ба таври огоҳона таҳлил накунад, ӯ наметавонад таъсири онҳоро дар матни худ бозсозӣ намояд. Аз ин рӯ, дар тарҷумаи осори бадеӣ навъҳои гуногуни

баробарии фиребанда ба вуҷуд меоянд: ҳарчанд маънои шабеҳ интиқол дода шаванд ҳам, аммо арзиши зебоишиносӣ аз байн меравад.

Дар тарҷумаи анъанавии осори насрӣ таваҷҷуҳ на танҳо ба интиқоли мазмун, балки ба нигоҳ доштани таъсири эстетикии матни аслӣ низ дода мешавад. Бо вуҷуди ин, чунин таваҷҷуҳ аксаран танҳо ба равонӣ ва таровати забони тарҷума фиристонда мешавад. Вале муҳокимаи амиқтаре, ки робитаи байни шакли забонӣ ва маънои мавзуъро дар бар гирад, то андозае аз мадди назар дур мемонад. Ҳангоми тарҷумаи осори манзум, агар тарҷумон танҳо маъниро интиқол дода, таъсири зебоишиносиро сарфи назар кунад, чунин тарҷума наметавонад ба асл баробар гардад ва комил низ шумурда намешавад. Дар мавриди тарҷумаи наср, бахусус асари реалистӣ, аксаран ба маънии адабии шакли забон таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намешавад ва меъёри арзёбии тарҷума танҳо бар асоси интиқоли маъно сурат мегирад, ки метавонад боиси «баробарии фиребанда» гардад.

Бо мақсади пешгирӣ аз чунин номувофиқӣ, зарур аст, ки таҳлили амиқу муфассали услуби матни аслӣ анҷом дода шавад, то робитаи байни унсурҳои забонӣ ва мазмуни умумӣ ба таври шоиста дарк ва бозсозӣ гардад. Метавон гуфт, ки ин назария на танҳо воситаи муассири арзёбии сифати тарҷума мебошад, балки ҳамчун қоидаи роҳнамо барои амалияи тарҷума низ хидмат хоҳад кард.

Ба назари Шэн Дан, истифодаи унсурҳои услубшиносӣ дар тарҷумаи матни бадеӣ асосан дар се сатҳ зоҳир мешавад: луғавӣ, наҳвӣ (синтаксисӣ) ва ифодаи нутқ ва андеша. Тарҷумон метавонад аз таҳлили омилҳои забонӣ оғоз намояд, ки дар омӯзиши услубӣ нақши калидӣ доранд ва онҳоро ҳамчун маҳаки муқоисаи матни аслӣ ва тарҷума истифода барад. Ин раванд барои муайян кардани падидаи ба истилоҳ «баробарии фиребанда» мусоидат мекунад. Муҳим аст муайян гардад, ки кадом унсурҳои услубии матни аслӣ дар ҷараёни тарҷума ё нигоҳ дошта нашудаанд ва ё қасдан дигаргун карда шудаанд. Ин гуна тағйирот бояд аз нигоҳи арзиши услубӣ ва таъсири тарзи баён таҳлил ва арзёбӣ шаванд, то фаҳмидани сатҳи садоқати тарҷума ба матни манбаъ имконпазир гардад.

Дар сатҳи луғавӣ яке аз мушкилоти асосӣ он аст, ки тарҷумон метавонад калимаҳоеро, ки дорои арзиши эстетикӣ ё мазмуни мавзуъ мебошанд, вале ношинос ва ғайримаъмуланд, нодида гирад. Ин боиси коҳиш ёфтани рангу таровати хоси услубии асари аслӣ мегардад. Калимаҳои ғайримаъмул дар матни бадеӣ на танҳо вазифаи маъноӣ доранд, балки ҳамчун воситаи услубӣ амал мекунанд. Онҳо метавонанд вижагиҳои забонии муаллиф, хислати қаҳрамонҳо ва ҳатто муносибати муаллифро ба образҳои тасвиршуда инъикос намоянд. Масалан, истифодаи калимаҳои лаҳҷавӣ, вожаҳои кӯҳнашуда, наввожаҳо ё вожаҳои мусбат бо мақсади ифодаи маънои манфӣ барои расонидани ҳазл, муболиға ё дигар усулҳои бадеӣ хизмат мекунад ва ба афзудани таъсирнокии матн мусоидат менамояд. Агар тарҷумон вазифаи услубии чунин калимаҳоро дарк накарда, танҳо ба равонии забон диққат диҳад, дар натиҷа, онҳо ба ифодаҳои оддӣ табдил меёбанд ва хусусияти услубии худро аз даст медиҳанд.

Масалан:

然而我又不知道那名角是谁，**就去**问挤**小在我的左**边**的一位胖**绅**士。他很看不起似的斜瞥了我一眼**，说道，“**龚云甫！**” (матни асли Лу Син). [2, с. 388]

Не зная, что за знаменитость исполняет эту роль, я обратился с вопросом к толстяку, прижатому ко мне слева.

— Гун Юнь-фу! — буркнул тот, бросив на меня презрительный взгляд. (тарҷумаи В. Рогов, соли 1971). [9, с. 159]

Я не знал фамилии актера и спросил напиравшего на меня слева благообразного толстяка. Тот бросил на меня косой, полный презрения взгляд и процедил: «Гун Юнь-фу». (тарҷумаи В. Рогов, соли 1952). [8, с. 115]

Номи артистро намедонистам, аз як марди фарбеҳи хушсуроби нуронӣ, ки аз тарафи чап ба ман фишор меовард, кӣ будани ин артистро пурсидам. Ӯ ба рӯям як назари каҷи беэътиноёнае андохта дар зери лаб гуфт: «Гун Юнь-фу». (тарҷумаи Р. Ҳошим). [4, с. 72]

«Ҷентлмен» тибқи мафҳуми умумӣ бояд дорои ахлоқи нек, одоби баланд ва тарбияи шоиста бошад. Аммо қаҳрамоне, ки дар ҳикояи Лу Син чунин унвон гирифтааст, баръакс, бо худписандӣ, беадабӣ ва рафтори таҳқиромез зуҳур мекунад. Ӯ ба саволи «Ман» бо таҳқир ва худписандӣ муносибат мекунад ва ҳангоми сухан гуфтан ба рӯяш бо кунҷи чашм ва нигоҳи назарногир менигарад. Аз ҳамин рафтору шеваи гуфтор маълум мешавад, ки ин марди фарбеҳ аслан сазовори унвони «ҷентлмен» нест. Таъкиди зоҳирии «фарбеҳ» низ беҳуда нест — он хислатҳои танбалӣ, худписандии қаҳрамонро боз ҳам ошкор мекунад. Лу Син қасдан ин каси дорои камбудиҳои равшани ахлоқиро «ҷентлмени фарбеҳ» меномад, то байни маънии мусбати ин калима ва симои манфии қаҳрамон як тазоди равшан ба вуҷуд орад. Ин тазод хислати танқидии ҳикояро пурзӯр месозад ва чеҳраи баъзе шахсони ҷомеаро фош мекунад, ки танҳо зоҳиран соҳиби фарҳанг ва ахлоқ менамоянд, вале дар асл одамони бетафовут ва беодобанд. Ин гуна тасвир на танҳо нафрати «Ман»-ро нисбат ба муносибатҳои хунук ва бемеҳри инсонӣ ифода мекунад, балки барои муқоиса бо дӯстии самимии кӯдакона бо рафиқони деҳотӣ замина мегузорад.

Агар ин образ – «ҷентлмени фарбеҳ» танҳо ба шакли «марди фарбеҳ (толстяк)» тарҷума шавад, таъсири танзомези забонӣ ва шиддати интиқодӣ заифтар мегардад. Дар тарҷумаи русии соли 1952 ин образ ба «ҷентлмени хушсуроб (благообразный толстяк)» ва дар матни тоҷикӣ ба «марди фарбеҳи хушсуроби нуронӣ» табдил ёфтааст. Гарчанде чунин тасвир то андозае бо рафтори таҳқиромези қаҳрамон мухолифат дорад, аммо таъсири танзомези он ҳаргиз ба дараҷаи иронии «ҷентлмен» намерасад.

Дар сатҳи синтаксисӣ чунин бепарвоӣ боз ҳам бештар ба назар мерасад. Бисёре аз тарҷумонҳо танҳо ба муҳтавои ҷумла таваҷҷуҳ намуда, нақши услубии сохтори синтаксисиро сарфи назар мекунанд. Дар ҳоле ки таркиби синтаксисӣ на танҳо ба шеваи интиқоли мазмун, балки ба суръати тасвир ва шиддатнокии эҳсосот таъсир мегузорад. Масалан, истифодаи ҷумлаҳои параллелӣ тавассути такрори сохтор ва ритм эҳсосотро пурзӯр мекунад ва ба матн оҳанги хос мебахшад. Агар чунин сохторҳо дар тарҷума нодида гирифта шаванд ё ба шакли содатар табдил ёбанд, бозсозии услуби аслӣ душвор мегардад ва таъсирнокии матн ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Масалан:

然而我又不愿意他们因为要一气，都如我的辛苦展转而生活，也不愿意他们都如闰土的辛苦麻木而生活，也不愿意如别人的辛苦恣睢而生活。(матни асли Лу Син) [2, с. 349]

Только мне не хотелось, чтобы ради этого они бесприютно мыкались — как я, или отупели от горя — как Жунь-ту, или ожесточились — как другие. (тарҷумаи В. Сухоруков) [9, с. 98]

… им не придётся жить ни в таких мучительных скитаниях, как живу я, ни в таком тяжёлом отупении, как живёт Жуньту; и не будет у них такой горькой злобы в душе, как у других. (тарҷумаи Л. Позднеева) [7, с. 93]

… ба онҳо на бо чунин ҳаёти пур аз саргардониҳои пуразобе, ки ман дорам, на бо чунин ҳаёти маҳдудонае, ки Жунту дорад, зиндагӣ кардан лозим намеояд ва дар дили онҳо чунин адовати талху тунде, ки мардуми имрӯза доранд, ҷой нахоҳад дошт. (тарҷумаи П. Толис) [3, с. 57]

Метавон мушоҳида кард, ки дар матни асл се ҷумлаи параллелӣ истифода шудаанд, ки ба забон оҳанги махсус ва нерӯи эҳсосӣ мебахшанд. Ҷумлаи аввал чунин аст: «Ман» намехоҳад, ки онҳо мисли худаш барои дарёфти пешрафтаи ҷомеа сарсону саргардон шуда, муборизаи руҳиро аз сар гузаронанд; дуввум, «Ман» намехоҳад, ки онҳо мисли «Жунту» барои зинда мондан зери фишори шадид қарор гиранд, то ҷойе ки ҳатто дардро эҳсос карда натавонанд; саввум, «Ман» намехоҳад, ки онҳо мисли дигарон худхоҳу бераҳм бошанд. «Ман» орзу дорад, ки насли оянда аз ранҷу азобҳое, ки насли «Ман» аз сар гузаронидааст, эмин монад — на сарсон гардад, на бепарво, на золим, балки соҳиби зиндагии наву боумед бошад.

Ин шакли баён, яъне истифодаи ҷумлаҳои параллелӣ, танҳо дар тарҷумаи В. Сухоруков равшану возеҳ ба назар мерасад. Дар он «Ман» тавассути ҳамин сохтори

параллелӣ ҳолатҳои гуногуни зиндагиро зина ба зина интиқод мекунад, ки ин ба тасвири пурмуҳтаво ва оҳангдори матн мусоидат менамояд. Аммо дар тарҷумаи Л. Позднеева ва ҳамчунин дар тарҷумаи тоҷикӣ чунин эҳсоси оҳанг ва тақвияти фикру андеша ба таври бояду шояд ифода наёфтааст.

Дар сатҳи ифодаи нутқ ва андеша аз сабаби фарқиятҳо дар забонҳо ва анъанаҳои ифодаи адабӣ тарҷумонҳо ҳангоми интиқоли андешаҳо ё суханони қаҳрамонҳо ба забони дигар метавонанд ба душвориҳо рӯ ба рӯ шаванд ва на ҳамеша усули муносибу дақиқи ифодаи онҳоро пайдо мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо истифодаи усулҳои номувофиқ метавонад боиси аз байн рафтани маънии амиқу адабии матни аслӣ гардад. Дар асарҳои анъанавии реалистӣ нақлкунанда одатан дорои маълумоти ҳамаҷониба буда, ҳамчун шахси бетараф ва боэътимод ба назар мерасад. Баръакс, гуфтори қаҳрамонҳо ҳамчун ифодаи субъективии тафаккури шахсӣ дониста мешавад ва ҳамеша боэътимод нест. Бо вуҷуди ин, дар раванди тарҷума эҳтимол дорад, ки тарҷумон хоҳу нохоҳ андешаҳои дохилии қаҳрамонро ба шакли нақли объективӣ бозгӯ кунад, ки ин боиси «воқеӣ» намудор шудани онҳо мегардад. Дар натиҷа, хонандаи матни тарҷумашуда метавонад чунин ифодаҳоро воқеияти объективӣ пиндорад ва ҳамин тавр, хусусияти хоси асари аслӣ аз байн меравад. Илова бар ин, эҳтимол дорад, ки тарҷумон монологи дохилии қаҳрамонро ба шакли нутқи мустақим тарҷума намояд. Ин гуна тағйирот эҳсосотеро, ки бояд фурӯхурда ва ниҳон бошанд, ба таври рӯйирост ва ошкоро ифода мекунанд, ки дар навбати худ таъсирнокӣ ва услуби аслии асарро кам мекунад.

Масалан:

于是我自己解释说：故乡本也如此，——

虽然没有进步，也未必有如我所感的悲凉，这只是我自己心情的改变罢了，因为我这次回乡，本没有什么好心绪。(Матни аслӣ) [2, с. 344]

И я подумал: село, конечно, осталось, каким было — не изменилось к лучшему, но и не такое уж оно унылое, как кажется, все дело в том, что настроение у меня другое: домой я возвращался с тяжёлым сердцем. (Тарҷумаи В. Сухоруков) [9, с. 91]

Здесь ничто не изменилось. Родные места всё те же, и не так уж они печальны, как мне показалось. Изменилось только моё настроение, — эта поездка домой не сулила мне ничего приятного. (Тарҷумаи Л. Позднеева) [7, с. 83]

Дар ин ҷо ҳеҷ чизе тағйир наёфта буд. Ҷойҳои қадрдони ман мисли пештараашон монда буданд. Ман онҳоро хеле ҳуснангез тасаввур мекардам, аммо онҳо он қадар ҳам ҳузнангез набуданд. Танҳо кайфияти ман бад шуда буд, зеро аз ин сафарам ман ҳеҷ чизи табъи диле умедвор набудам. (Тарҷумаи П. Толис) [3, с. 50]

Каҳрамон ба худаш мефаҳмонд ва кӯшиш мекард то худро тасаллӣ диҳад, ки гӯё зодгоҳаш дигар нашудааст, тағйир наёфтааст; нохушиҳои эҳсоскардаашро ба эҳсосоти шахсии хеш нисбат медод, то андаке аз сангинии дарунӣ халос ёбад. Аммо тасвирҳои минбаъда нишон медиҳанд, ки чунин кӯшиш танҳо худфиребие буд: хароб шудани зодгоҳ ва бегона гардидани одамон воқеиятҳои инкорнопазиранд. Лу Син дар оғоз як навъ тасаллии зоҳиран оқилонаро пешниҳод мекунад, аммо дар ҷараёни ҳикоя тадриҷан пучу беасос будани чунин шарҳро фош месозад. Дар натиҷа, сахтии воқеият боз ҳам рӯшантар ва дардноктар эҳсос мегардад. Ғайр аз ин, кӯшиши «Ман» барои фурӯ нишондани андӯҳи худ тавассути хаёлот нотавонӣ ва худфиребии ӯро ҳамчун як зиёии он давра низ намоён месозад – дар муқобили таҳаввулоти иҷтимоиву фарҳангӣ роҳи муассири рӯ ба рӯ шуданро пайдо накарда, ба як ҷаҳони хаёлӣ ва мантиқии худ паноҳ мебурданд.

Ин гуна тасвири печидаи равонӣ дар тарҷумаи аввали русӣ нигоҳ дошта шудааст, вале дар тарҷумаи дуюми русӣ ва ҳамчунин дар тарҷумаи тоҷикӣ як унсури калидии он — ифодаи «Ва ман ба худам мефаҳмондам, ки» — ҳазф шудааст. Бо ҳазфи ин порча тобиши муассирии ҷумла дигар ҳамчун изҳори шахсӣ дарк намешавад, балки ба як изҳороти объективӣ табдил меёбад, ки бо воқеаҳои минбаъда дар матн ба тазод дучор мешавад. Ифодаи «Ва ман ба худам мефаҳмондам, ки» нишон медиҳад, ки андешаи баёншуда аз дохили шахсияти қаҳрамон бармеояд ва метавонад дур аз воқеият бошад. Ҳузури ин ифода хонандаро водор месозад, ки ба дурустии андеша бо шубҳа нигоҳ кунад, зеро он ба таври равшан аз як ҳолати равонии

муваққатӣ ва худтасаллидиҳӣ сарчашма мегирад. Аммо дар сурати ҳазфи ин нишонаи субъективӣ хатари он пайдо мешавад, ки хонанда ин андешаро ҳамчун хулосаи объективии муаллиф қабул кунад, на ҳамчун ифодаи ҳолати равонии қаҳрамон. Дар натиҷа, чунин таҳриф метавонад ба нофаҳмии маънии аслии матн оварда расонад. Ҳамин тавр, эҳсоси фишори дохилӣ, ки яке аз ҷанбаҳои муҳими сабки равонӣ ва иҷтимоии Лу Син мебошад, дар тарҷума коҳиш меёбад ё комилан гум мешавад.

Хулоса, тарҷумаи бадеӣ аз дидгоҳи услубшиносӣ такягоҳи мустаҳками назариявӣ барои тарҷумон муҳайё месозад. Таҳлили услубшиносӣ, ки ба омӯзиши интихоби лексикӣ, сохтори синтаксисӣ ва тарзи ифодаи андешаву нутқ такя мекунад, ба дарки амиқтар ва дақиқтари руҳи услубии матни аслӣ мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки тафовутҳо ва камбудиҳои эҳтимолии ифодаи услубӣ дар тарҷума муайян гарданд. Стратегияи тарҷума, ки сабкро ҳамчун меҳвари асосии таҳлил қарор медиҳад, арзиши эстетикӣ ва сатҳи садоқат ба матни аслиро боло мебарад. Падидаи ба истилоҳ «баробарии фиребанда», ки дар мақола мавриди таҳлил қарор гирифт, боз ҳам зарурати ҳассосият ва дарки амиқи хусусиятҳои услубии асарро барои тарҷумон равшан месозад. Тарҷумон бояд қобилияти ташхиси нозукиҳои сабкӣ ва фарқияти услубиро дошта бошад, то ки ин фарқиятҳо зери ниқоби мувофиқати маъно пинҳон намонанд. Ин на танҳо эҳтиром ба асари аслӣ аст, балки масъулияти ахлоқии тарҷумон дар назди хонандаи тарҷумашуда низ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар амалияи тарҷумаи бадеӣ истифодаи равиши услубшиносӣ бояд мавқеи муҳим пайдо кунад ва ҳамчун заминаи арзёбӣ ва таҳияи стратегияҳои тарҷума ба кор бурда шавад. Фақат дар он ҳолат, ки дидгоҳи назариявӣ бо таҷрибаи амалӣ ҳамоҳанг карда шавад, тарҷумон метавонад руҳи воқеии матни аслӣ ва арзишҳои услубиро ба таври пурмаъно байни забонҳо интиқол диҳад.

Адабиёт:

1. Лу Син. Куллиёт. 18 Ҷ. – Пекин: Нашриёти адабиёти мардуми Чин, 2005, Ҷ. 1. – 468 с.
2. Лу Син. Куллиёт. 20 Ҷ. – Пекин: Нашриёти адабиёти мардуми Чин, 1973, Ҷ. 1. – 436 с.
3. Лу Син. Қишлоқи қадрдон // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1951. № 7. С. 50-57.
4. Лу Син. Хотираҳои айёми ҷавонӣ // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1956. № 9. С. 70-80.
5. Лу Син. Хун Йичӣ // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1950. № 6. С. 38-42.
6. Лу Син. Ҳикояҳо. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1952. – 102 с.
7. Лу Синь. Избранное: перевод с китайского. Под редакцией Вл. Рогова. – Москва: Художественная литература, 1945. – 214 с.
8. Лу Синь. Избранное: перевод с китайского. Под редакцией Вл. Рогова. – Москва: Художественная литература, 1952. – 203 с.
9. Лу Синь. Повести и рассказы. – Москва: Художественная литература, 1971. – 494 с.
10. Мирзоюнус М. Сабкшиносии насри муосир. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 420 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Мураттибон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с; Ҷ. 2. – 945 с.
12. Федин К. Писатель, искусство, время. – Москва: Советский писатель, 1968. – 222 с.
13. Geoffrey Leech, Mick Short. Style in fiction. – Harlow, UK: Pearson Longman, 2007. – pp. 404.
14. Lefevere Andre. Beyond the process: literary translation in literature and literary theory // Translation spectrum: Essays in theory and practice. – New York, 1981. pp. 52-59.
15. Shen Dan. Literary stylistics and fictional translation. – Beijing: Peking University Press, 2017. – pp. 282.

УСУЛИ ТАҲҚИҚИ ТАРҶУМАИ МАТНҲОИ БАДЕӢ АЗ НИГОҲИ САБКШИНОСӢ

Ин мақола ба истифодаи назарияи сабкшиносӣ дар таҳқиқи тарҷумаи матнҳои адабии бадеӣ, хусусан ба усули таҳлили тарҷумаи бадеӣ аз дидгоҳи сабкшиносӣ, бахшида шудааст. Таҳқиқоти анъанавии тарҷума асосан бар пояи назарияи забоншиносӣ бунёд

ёфтаанд. Аммо сабкшиносӣ ҳамчун калиди печидатарин муаммоҳои адабиёт барои таҳқиқ ва арзёбии тарҷумаи матнҳои бадеӣ як дидгоҳи наву судмандро пешниҳод мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо матни аслӣ ва тарҷума ба назари аввал пурра мувофиқ менамоянд, аммо дар асл байни онҳо дар сатҳи вазифаи зебоишиносӣ ё арзиши адабӣ фарқи ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки онро ба истилоҳ «баробарии фиребанда» меноманд. Роҳи ҳалли ин масъала дар доираи сабкшиносӣ пайдо кардан мумкин аст. Бо роҳандозии назарияи сабкшиносӣ метавон ба дарки амиқтари таъсири услубии матни аслӣ ноил гашт ва робитаи байни истифодаи ғайриодии воситаҳои ифода ва мақсаду андешаи муаллифро равшантар намуд. Метавон таҳлили тарҷумаро тавассути омилҳои забоние оғоз намуд, ки дар омӯзиши сабкшиносӣ мавқеи асосӣ доранд ва дар сатҳҳои луғавӣ, наҳвӣ (синтаксисӣ) ва ифодаи нутқу андеша падидаи «баробарии фиребанда»-ро баррасӣ кард. Барои возеҳ кардани ин усули таҳқиқ муаллиф аз асарҳои маъруфи нависандаи машҳури Чин Лу Син порчаҳоро ҳамчун намуна интихоб намуда, тарҷумаҳои онро ба забони русӣ ва забони тоҷикӣ бо ҳамдигар муқоиса кардааст.

Калидвожаҳо: сабкшиносӣ, улуб, тарҷумаи бадеӣ, наср, баробарии фиребанда, Лу Син

МЕТОД ИССЛЕДОВАНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПЕРЕВОДА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СТИЛИСТИКИ

Данная статья посвящена использованию теории стилистики в исследовании перевода художественных литературных текстов, в частности, методике анализа художественного перевода с точки зрения стилистики. Традиционные исследования перевода в целом основаны на лингвистических теориях. Однако стилистика, как ключ к пониманию самых сложных явлений литературы, предлагает новый и полезный подход к анализу и оценке художественного перевода. В ряде случаев оригинальный текст и его перевод на первый взгляд могут показаться полностью эквивалентными, однако на уровне эстетической функции или литературной ценности между ними может существовать существенное различие, которое в стилистике получило название «обманчивого равенства». Решение данной проблемы возможно в рамках стилистического анализа. Применение теории стилистики позволяет глубже понять стилистическое воздействие оригинального текста и выявить связь между необычными выразительными средствами и авторским замыслом. Анализ перевода может начинаться с изучения языковых факторов, играющих ключевую роль в формировании стилистики, как на лексическом и синтаксическом уровнях, так и в средствах выражения речи и мыслей. Особое внимание при этом следует уделить феномену «обманчивого равенства». В качестве иллюстрации данного метода автором выбраны фрагменты из произведений известного китайского писателя Лу Синя, переведённые на русский и таджикский языки, которые сопоставляются между собой.

Ключевые слова: стилистика, стиль, художественный перевод, проза, обманчивое равенство, Лу Синь

A METHOD FOR ANALYZING LITERARY TRANSLATION FROM A STYLISTIC PERSPECTIVE

This article is devoted to the application of stylistic theory in the study of literary translation, particularly to the method of analyzing literary texts from a stylistic point of view. Traditional translation research has generally been based on linguistic theories. However, stylistics, as a key to understand the most complex phenomena of literature, offers a new and valuable approach to the analysis and evaluation of literary translation. In some cases, the original text and its translation may appear entirely equivalent at first glance, yet in reality, there may be significant differences in terms of aesthetic function or literary value — a phenomenon known as “deceptive equivalence.” The solution to this issue can be found within the framework of stylistic analysis. Employing stylistic theory makes it possible to gain a deeper understanding of the stylistic impact of the original text and to elucidate the connection between the author’s intention and the use of

unconventional expressive means. The analysis of translation may begin with the study of linguistic factors that play a key role in shaping stylistics — at the lexical and syntactic levels, as well as in the means of expressing speech and thought. Particular attention should be paid to the phenomenon of “deceptive equivalence. To clarify this method of analysis, the author selects excerpts from works by the famous Chinese writer Lu Xun and compares their translations into Russian and Tajik.

Keywords: stylistics, style, literary translation, prose, deceptive equivalence, Lu Xun

Маълумот дар бораи муаллиф: Ши Сяоюй – Докторанти PhD-и кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **xiaoyu.shi@mail.ru.** Тел.: **(+992)117-70-89-77**

Сведения об авторе: Ши Сяоюй – Докторанти PhD кафедры современной таджикско-персидской теории и литературы Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **xiaoyu.shi@mail.ru.** Тел.: **(+992)117-70-89-77**

Information about the author: Shi Xiaoyu – PhD student of the department of modern persian-tajik theory and literature of the Tajik National University. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Email: **xiaoyu.shi@mail.ru.** Phone: **(+992)117-70-89-77**

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

1. **БобоевХ., Сулаймони А.** Аз таърихи омӯзиши ҷирмҳои хурди системаи офтобӣ (астероидҳо) дар расадхонаҳои астрономии Тоҷикистон.....5
2. Абдурашитов Ф.М. Подготовка кадров для аграрного сектора Таджикистана в 60-80-е годы XX в.....11
3. **Абдуллоев Н.С., Аслиямои Р.** Масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....16
4. **Пирназарова П.А.** Ҳамкории нависандагон ва синамогарони тоҷику рус дар солҳои истиқлолият.....19
5. **Комилзода Н.И.** Ташаккули дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба дар шароити тағйирёбии муносибатҳои муосири байналхалқии минтақа ва ҷаҳон.....28
6. **Худобердиев Р.Б.** Проблемаҳои соҳаи маориф дар солҳои аввали Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ, солҳои 1991-1996).....35
7. **Маҳмадсаиди М.С.** Усулҳои асосии ташаккули дипломатияи иқтисодӣ: мафҳум ва моҳият.....41

ПЕДАГОГИКА

1. **Бозоров Х.** Мавқеи фанҳои таълимӣ дар рушди зеҳнӣ ва нутқии талабагон.....50
2. **Иброҳимов Г.И., Абдулмаҷидзода М.А.** Таҳлили арзишии масъалаи инсон ва инсонгароӣ дар осори Ҷалолиддини Балхӣ.....56
3. **Холиқов А.Ю., Сафарзода М.В.** Инновационные методы в преподавании информатики в вузах: от теории к практике информатизации.....64
4. **Шарифхоҷаев М., Давлатов М.А.** Андешаҳо перомуни баъзе шароитҳои таълимии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон.....74
5. **Қудратзода А.М., Ансоров Н.Н., Шингисбаев Б.М., Худойназаров Х.Ҳ.** Алоқаи байнифанни ҳамчун шарти баланд бардоштани сифати раванди таълим.....79
6. **Баротова Г.Ю.** Этапы формирования профессионально-педагогической культуры у будущих педагогических кадров.....87
7. **Азимова М.Х.** Особенности повышения коммуникативной толерантности у студентов.....93
8. **Обидова М.И., Бобиева С.К.** Тавсияҳои методӣ оид ба рушди тасаввуроти оддитарини математикии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти маърифатӣ-донистагирӣ.....100
9. **Давлатмуродзода М.Д., Бобозода Б.Ҷ., Холназаров С.** Муносибати босалоҳият ва имконияти методҳои таълим ва тарбия дар ҷараёни таълими фанни химия.....107
10. **Шарипов Б.Ф.** Нақши босалоҳиятии омӯзгорон дар мутобиқшавии кӯдакони имкониятташон маҳдуд.....113
11. **Ҳасанов Ф.З.** Истифодаи методи таълими бозӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ.....121
12. **Шоҳсанами Р.** Ҷаҳонбинии илмӣ ҳамчун ташаккули қобилияти фикрронӣ дар раванди омӯзиши математика бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ.....127
13. **Бобозода Б.С.** Хусусиятҳои ташаккул ва рушди салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни хориҷизабон дар таълими лингвофарҳангӣ.....134
14. **Зайдулоев С.С.** Равиши салоҳиятнокӣ ва равиши касбӣ-фаъолиятӣ дар ташаккули омӯзгорони оянда.....141
15. **Зардова Ш.С.** Мақоми омилҳои ирсият, муҳит ва тарбия дар тараққиёт ва ташаккулёбии шахсият.....147
16. **Наботов Л.Н.** Лоиҳакашии педагогии омодасозии мутахассисон бо тафаккури таҳлилӣ-иқтисодӣ ва худтатбиқнамоӣ дар раванди рақамикунонии таҳсилот.....151
17. **Назарова М.Р.** Инкишоф ва ислоҳи нутқи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ.....158

18. **Ҷиёнзода З.** Масъалаи таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ.....165
19. **Ҳалимова Ф.А.** Шароит ва воситаҳои тарбияи масъулиятнокии касбии омӯзгорони оянда.....170
20. **Шарифиён М.Х.** Фаъолгардонии равандҳои маърифатии хонандагони хурдсол тавассути усулҳои педагогии инноватсионӣ.....176

ФИЛОЛОГИЯ

1. **Муллоев Ш.Б., Зайнулин Р.Ш.** Традиции и инновации наружной рекламы в г. Бишкек (на материале фокус-групповых исследований, анкетирования респондентов, экспертных интервью).....185
2. **Каримзода Ш.Б., Усмонов М.М.** Таҳлили луғавӣ-маъноии бархе аз вожагони мансуби чорвои шохдори калон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....193
3. **Гулов С.Н., Хушдил Р.** Меъёрҳои этикиву ҳуқуқии журналистика дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ.....198
4. **Кучарова Н.А.** Фидоии обу хоки ватан (тақриз ба китоби Ш. Мӯсо. Ҷонам фидои Роғун. – Душанбе, 2023. – 112с.).....204
5. **Муллоев Ш.Б., Панков В.В., Балашова И.Г.** Интерпретация архетипических образов в современной масс-медиа культуре как один из факторов социальных девиаций.....210
6. **Тухтаева М.М., Ҳамидиён И.И.** Вижагиҳои SMM дар журналистика ва нақши он дар ҷалби аудитория.....217
7. **Усмонова Н.К.** Ҷойи таҳлил дар публитсистика.....229
8. **Маъмурзода Н.М., Мусозода А.Б.** Мавқеи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ дар нашрияҳои даврии маҳаллӣ (таҳлили очеркҳои нашрияҳои «Дӯстлик» ва «Овози Самарқанд»).....241
9. **Сафарзода Э.** Махсусиятҳои сохторӣ ва жанрии публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар асари бадеӣ.....248
10. **Муллоев Ш.Б., Панков В.В., Ли Ю.В.** Процесс глобализации культуры, языковой и культурный империализм.....256
11. **Сафарзода М.А.** Нақши агентиҳои иттилоотӣ дар муаррифии Тоҷикистон.....265
12. **Сафарзода М.Н.** Визуальные нарративы: как телевидение формирует общественное мнение.....274
13. **Ҷӯрақулов Б.Р., Сайдалиева З.О.** Роҳҳои ифодаёбии ибораҳои исмӣ бо исм дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....281
14. **Алишери А.** Нақши ВАО дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.....287
15. **Давлатзода Ф.Дж.** Теоретические основы исследования глаголов мышления в таджикском и английском языках.....295
16. **Одинаева Г.М., Саидова П.** Шахсияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шинохти шоирони минтақаи Кӯлоб.....302
17. **Якубова М.М.** Особенности формата лонгрида (на примере социальных сетей instagram сайт «Вечёрка»).....306
18. **Абдуллоева Ш.Р.** Маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» – қофиласолори анъанаҳои рӯзноманигории тоҷик.....315
19. **Валиева Ф.Б.** Террор ва терроризм - хатар ба пешравии ҷавонон.....325
20. **Гадоева Ф.М.** Хусусиятҳои таблиғ дар ВАО.....335
21. **Исломова С.И.** Заминҳои назариявӣ оид ба истифодабарии артиклҳои исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ.....343
22. **Каримова Д.Ш.** Вижагиҳои луғавии фитонимҳои забони тоҷикӣ.....351
23. **Қурбонзода З.А.** Тахаллус, лақаб ва номҳои ифтихории китоби «Уфуқҳои истиқлол»-и Эмомалӣ Раҳмон.....358

24. **Қурбонов А.А.** Мавқеи истифодаи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ дар ашъори Зариф Ибод.....362
25. **Тоҷов А.Э.** Истиқлоли энергетикӣ ва таҳлили дурнамои он дар барномаҳои иқтисодии «Телевизиони Тоҷикистон».....354
26. **Ши Сяоюй.** Усули таҳқиқи тарҷумаи матнҳои бадеӣ аз нигоҳи сабкшиносӣ.....380

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «**Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** мақолаҳои илмие, ки натиҷаи таҳқиқоти соҳаи **илмҳои таъриху бостоншиносӣ, педагогӣ ва филологиро** фаро мегиранд, нашр карда мешаванд.

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ:

1. Таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои ҳамаи забонҳо (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), ҳаҷми ҳарфҳо 12, ҳошияҳо 2 см, фосилаи байни сатрҳо 1,0 см ва формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 5 саҳифа ва на беш аз 14 саҳифа;
2. Индекси ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
3. Номи мақола бо ҳарфҳои калон;
4. Насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Сатторзода М.Ш.);
5. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он)-и мақола кору фаъолият менамоя (н) д;
6. Матни асосии мақола на камтар аз 5 саҳифа (схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
7. Рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
8. Рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 10 номгӯи адабиёти илмӣ. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад.
9. Намунаи таҳияи адабиёт: нишон додани манбаи иқтибос дар матн ба таври зер: [3, с. 24], [3, с. 24; 7, с. 53], ки ин ҷо рақами аввал манбаи истифодашуда ва рақами дувум саҳифаро нишон медиҳад;
10. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба забони аслии китобӣ;
11. Тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 10 ва на бештар аз 20 сатр, калидвожаҳо аз 10 то 15 номгӯй;
12. Маълумот дар бораи муаллиф (он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Маълумот дар барои муаллиф ба тартиби зайл оварда мешавад: насаб, ном, номи падар, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошад), вазифа ва ҷои кор, телефон ва почтаи элекронӣ;
13. Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
14. Мақолаи аспирант, докторанти PhD, унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ мушовири илмӣ ва ё мудири кафедра қабул карда мешавад;
15. Мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад ва доктори илм қабул карда мешавад;
16. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 10 рӯз баррасӣ мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд такризи мусбии мутахассиси соҳаи дахлдорро дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақоларо таҳрир ва кӯтоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририя барои нашр тавсия намегарданд.

Нишонӣ барои дастрасии маълумоти иловагӣ:

Маълумоти иловагӣ: www.vestnik.kgu.tj, **тел**: 918-48-44-05.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Научный журнал «Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки» основан в 2009 г. Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан 5.05.2025 г., №412/МЧ-97. Журнал принимает научные статьи по трем направлениям: исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м.
(перерегистрирован от 6.09.2024 № 299/м)

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде методанных.
Полная текстовая версия журнала доступна на сайте издания
(vestnik.kgu.tj).

ВЕСТНИК
Кулябского государственного университета имени
Абуабдуллох Рудаки
Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки
3-1 (40) 2025

Над номером работали:
Главный редактор: Сафарзода М.В.
Заместитель главного редактора: Камолзода Ш.В.
Ответственный секретарь: Сафарзода М.Н.

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16
Сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj
Тел.: 8(3322) 2-41-06

Ба матбаа 03.09.2025 супорида шуд.
Ба чопаш 06.09.2025 имзо шуд. Қоғази офсет.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопи 24, 56. 393 саҳифа
Супориши №102. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи ҶДММ «Моҳи Мунир»